# МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

2022. №1

# МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ

**ТАДЖИКСКИЙ**
**НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

2022.№1

# YOUNG RESEARCHER

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

2022. No1

***МАРКАЗИ ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА***
***ДУШАНБЕ – 2022***

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2019 таъсис дода шудааст.

***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон* |

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмаҳмад** | *Доктори илмҳои техникӣ, профессор* |
| **Солиҳов Давлат Қуватович** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Сатторов Абдуманон** | *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия* |
| **Валиев Шариф Файзуллоевич** | *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор, декани факултети геологии ДМТ* |
| **Расулиён Қаҳҳор** | *Доктори илмҳои таърих, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |
| **Муродов Мурод** | *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор* |
| **Одинаев Фурқат Фарҳодович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сафарализода Хучамурод Қуддус** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Раҷабов Имомиддин Ширинович** | *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна** | *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Устоев Мирзо Бобоҷонович** | *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ* |


Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2022©

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло Бадридинович** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Шерматов Нурмахмад** | *Доктор технических наук, профессор* |
| **Солихов Давлат Кувватович** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Сатторов Абдуманнон** | *Доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Валиев Шариф Нарзуллоевич** | *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора* |
| **Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич** | *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ* |
| **Расулиён Ќаххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кучаров Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Дустов Хамрохон** | *Кандидат филологических наук, доцент* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Абдусатторов Абдушукур** | *Доктор филологических наук, профессор* |
| **Одинаев Фуркат Фарходович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сафарзода Бахтовар Амирали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Раджабов Имомиддин Ширинович** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Сафарализода Хучамурод Куддус** | *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии* |
| **Нуриддин Парвин Раймалихон** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Устоев Мирзо Бободжонович** | *Доктор биологических наук, профессор* |

**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
E-mail: molodoy.issledovatel@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2022

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SCIENTIFIC JOURNAL “YOUNG RESEARCHER”**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economics, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo Badridinovich** | *Candidate of philological sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

***EDITORIAL BOARD:***

| | |
|---|---|
| **Shermatov Nurmahmad** | *Doctor of technical sciences,* Professor |
| **Solihov Davlat Quvatovich** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Sattorov Abdumannon** | *Doctor of physical and mathematical sciences* |
| **Fayzulloev Erkin Fathulloevich** | *Candidate of chemical sciences, dean of the chemical faculty* |
| **Valiev Sharif Fayzulloevich** | *Doctor of geological and mineralogical sciences, Professor* |
| **Rasuliyon Qahhor** | *Doctor of historical Sciences, Professor* |
| **Kucharov Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Dustov Hamrokhon Dzhumaevich** | *Candidate of philological sciences,* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economics, Professor* |
| **Odinaev Furqar Farhodovich** | *Candidate of Economics, assistant professor* |
| **Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of law, Professor* |
| **Safarzoda Bakhtovar Amirali** | *Doctor of law, Professor* |
| **Rajabov Imomiddin Shirinovich** | *Candidate of Politics, assistant professor of the department of the political science* |
| **Nuriddin Parvin Raymalikhon** | *Candidate of Politics, assistant professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of pedagogical sciences, Professor* |
| **Ustoev Mirzo Bobojonovich** | *Doctor of Biological sciences, Professor* |

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
**E-mail:** **molodoy.issledovatel@mail.ru**
**Phone:** (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2022

# ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

## МОҶАРОИ ҚАРАБОҒ

***Турсунов Т.Х., Қодиров Ш. К.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Миёни ҳама низоъҳои Қафқоз, низои Қарабоғ аҳамияти бештари стратегӣ ва минтақавӣ дорад. Ин низоъ дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ягона ихтилофе буд, ки дар он ду давлати мустақил бевосита ширкат доштанд. Гузашта аз ин, дар охири солҳои 1990 низоъи Қарабоғи Кӯҳӣ ба ташаккули гурӯҳҳои мухолифи давлатҳо дар Қафқоз ва атрофи он мусоидат кард [11]. Мунокиша дар геополитикаи нави АвруОсиё нақши марказӣ дорад ва манбаи таҳдиди афзоянда ба амнияти минтақавии Қафқоз ва тамоми Ховари Миёна мебошад. Номи ин минтақаи хурд, ки то ба наздикӣ берун аз Закавказияи Шуравӣ мисли имрӯз кам маълум буд, ҳоло дар худ баҳсҳои шадиди этносиёсиро ҷамъ овардааст, ки дар баробари дигар сабабҳо боиси парокандашавии Иттиҳоди Шуравӣ гардид ва баъдан пас аз пошхӯрии он шиддат гирифт. Ҷанг барои Қарабоғи Кӯҳӣ тулонитарин ва яке аз хунинтарин низоъҳо дар кишварҳои вориси Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Тибқи ҳисобҳои охир, шумораи кушташудагон дар он ба 15 000 нафар расида, шумораи умумии паноҳҷӯёне, ки аз хонаҳояшон ихроҷ шудаанд, аз як миллион нафар гузаштааст.

Мунокишаи байни ҷамоаҳо, ки решаҳои таърихию фарҳангии тулонӣ дорад, дар солҳои бозсозӣ (1987-1988), дар пасманзари афзоиши якбораи ҳаракатҳои миллӣ дар Арманистон ва Озарбойҷон, шиддати тоза пайдо кард. То моҳҳои ноябр - декабри соли 1988, чунон ки А.Н.Ямсков қайд кард, аксари сокинони ҳарду ҷумҳурӣ дар ин мунокиша ширкат доштанд ва он дар асл аз мушкилоти маҳаллии Қарабоғи Кӯҳӣ берун шуда, ба «муҳорибаи кушоди байнимиллӣ» мубаддал гардид, ки бар асари заминларзаи Спитак муваққатан ба таъхир афтод [13]. Омода набудани роҳбарияти Шуравӣ ба фаъолияти адективии сиёсӣ дар шароити тезутунд шудани низои байни халқҳо, номувофиқ будани чораҳои андешидашуда, эъломияи мақомоти марказии дараҷаи баробари гунаҳгории Арманистон ва Озарбойҷон дар эҷоди вазъи буҳронӣ, боиси пайдо шудан ва пурзӯр шудани мухолифати радикалии зиддикоммунистӣ дар ҳарду ҷумҳурӣ гардид [8, с. 190-212]. Дар Қарабоғи Кӯҳӣ таърихан қабилаҳое зиндагӣ мекарданд, ки миллатҳои ғайриҳиндуаврупоӣ буданд. Дар давраи қадими классикӣ минтақа ба Арманистони Кабир ҳамроҳ карда шуд ва вилояти 10-уми он - Артсах гардид. Дар охири асри IV то милод ҳангоми тақсим шудани Арманистон Арсах ба Форс гузашт ва ба давлати тобеи он [6] - Албанияи Кавказ [5, с. 135] ҳамроҳ шуд. Аз миёнаҳои асри 7 то охири асри IX ин ноҳия таҳти ҳукмронии арабҳо буд, дар асрҳои IX-XVI ба ҳайати князии феодалии Хачени арман дохил буд.

Аз ибтидои асри XVII то миёнаҳои асри XVIII Қарабоғи Кӯҳӣ дар ҳайати иттиҳоди маликҳои армании хамсаҳо таҳти ҳукмронии Сафавиён ва Афшориён дар ҳайати беглербекизми Қарабоғ буд. Дар нимаи дуюми асри XVIII дар Қарабоғи Кӯҳӣ, ки аксаран арманиҳо зиндагӣ мекарданд, ба хонии Қарабоғ ва соли 1813 ба ҳайси хонии Қарабоғ тибқи шартномаи сулҳи Гулистон ба империяи Русия дохил шуд [7]. Дар ибтидои асри XX Қарабоғи Кӯҳӣ бо аҳолии умдатан арманиҳо ду маротиба (солҳои 1905-1907 ва 1918-1920) ба саҳнаи задухӯрдҳои хунини Арманистону Озарбойҷон табдил ёфт. Баъди пошхӯрии империяи Россия ва баъд Ҷумҳурии Демократии Федеративии Закавказия, Ҷумҳурии Демократии Озарбойҷон қаламрави Қарабоғи Кӯҳиро як қисми давлати навтаъсис эълон кард. Анҷумани арманиёни Қарабоғ аз эътирофи қудрати охирин худдорӣ кард. Солҳои 1918-1920 Ҷумҳурии Арманистон ва Ҷумҳурии Демократии Озарбойҷон даъвои назорат ба Қарабоғи Кӯҳиро карданд. Баъди Шуравикунии Озарбойҷон ва Арманистон масъалаи мақоми Қарабоғи Кӯҳӣ барои ҳаллу фасли Бюрои Қафқозии КМ Ҳизби коммунистонии Россия (б) гузошта шуд. Дар натиҷаи якчанд маҷлисҳои Бюрои Кавказии КМ Ҳизби коммунистонии Россия (б) вилояти асосан арманиҳо дар ҳайати РСС Озарбойҷон гузошта шуд. Якчанд сол макоми вилоят ниҳоят муайян карда нашуд. То соли 1923 аз қисми

арманинишини Қарабоғи Кӯҳӣ дар ҳайати РСС Озарбойҷон Вилояти Мухтори Кӯҳистони Қарабоғ ташкил карда шуд. Сарзамини Арманистон ва Вилояти Мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ аз июли соли 1923 то таъсиси вилояти Курдистон дар соли 1924 дар як нуқта робита доштанд [1, с. 5]. Баъдтар, бо роҳи як қатор дигаргунсозиҳои ҳудудӣ бо ташкил намудани коридори Лачин дидаю дониста аз РСС Арманистон ҷудо карда шуд. Дар соли 1937 Вилояти Мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Қарабоғ табдил дода шуд. Анҷумани якуми арманиёни Қарабоғ, ки 22 июли соли 1918 дар Шуш даъват шуда буд, Қарабоғи Кӯҳистонро воҳиди мустақили маъмуриву сиёсӣ эълон карда, ҳукумати халқии худро (аз сентябри соли 1918 - Шурои миллии Арманистони Қарабоғ) интихоб кард. Муборизаи қушунҳои Ҷумҳурии Демократии Озарбойҷон ва гурӯҳҳои мусаллаҳи арман дар ин минтақа то дар Озарбойҷон барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ давом кард. Қисмҳои армияи 11 - уми Армияи Сурх, ки дар охири моҳи апрели соли 1920 ба хоки Озарбойҷон дохил шуда буданд, бо ҳамкории қушунҳои Озарбойҷон ҳудудҳои Қарабоғ, Зангезур ва Нахичевонро ишғол карданд. То нимаи моҳи июни соли 1920 муқовимати отрядҳои мусаллаҳи арман дар Қарабоғ бо ёрии кушунҳои шуравӣ пахш карда шуд. Дар соли 1921 Бюрои Кавказии ҳизби коммунистии Россия (б) дар бораи статуси Қарабоғи Кӯҳистон қарор қабул кард: «Дар асоси зарурати сулҳи миллии байни мусулмонон ва арманиҳо ва робитаҳои иқтисодии Қарабоғи Боло ва Поён, пайвастагии доимии он бо Озарбойҷон, Қарабоғи Кӯҳиро дар ҳайати ҶШС Озарбойҷон гузошта, ба он мухторияти васеи минтақавӣ бо маркази маъмурии Шушро дод, ки бахше аз вилояти мухтор аст» [4, с. 33(95)]. Моҳи июли соли 1923 вилоятҳои ҶШС Озарбойҷон, ки асосан арманиҳо зиндагӣ мекарданд (Шуш, Ҷабраил ва қисмате аз ноҳияҳои Ҷавонширу Зангезур) ба мухторияти вилояти мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ ва аз соли 1937 - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Қарабоғ муттаҳид карда шуд. Масъалаи ба Арманистон додани Қарабоғи Кӯҳӣ аз ҷониби роҳбарияти Арманистон гоҳ-гоҳ ба миён гузошта мешуд, вале дар марказ дастгирӣ намеёфт. Дар солҳои 60-уми асри гузашта шиддати иҷтимоию иқтисодӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Қарабоғ борҳо ба бетартибиҳо табдил ёфт.

Солҳои 1987 — ибтидои соли 1988 норозигии аҳолии Арманистон аз вазъи иҷтимоию иқтисодии онҳо дар ин минтақа зиёд шуд. Раҳбарияти Озарбойҷон дар нигоҳ доштани ақибмонии иқтисодии минтақа, безътиноӣ ба рушди ҳуқуқ, фарҳанг ва ҳувияти ақаллияти армани Озарбойҷон, эҷоди монеаҳои сунъӣ дар робитаҳои фарҳангии Қарабоғи Кӯҳӣ ва Арманистон айбдор карда шуд. Аввали моҳи октябри соли 1987 дар намоишҳои оммавии Ереван бахшида ба масъалаҳои экологӣ талабҳои ба РСС Арманистон додани Қарабоғи Кӯҳӣ ба миён гузошта шуда буданд, ки дар мурoҷиатномаҳои сершумори ба роҳбарияти Шуравӣ фиристодашуда такрор шуда буданд. Соли 1987 норозигии мардуми армани вилоят аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии Озарбойҷон бошиддат афзуд. Тадбирҳои роҳбарияти РСС Озарбойҷон ба вазъият таъсир нарасонданд. Корпартоии оммавии донишҷӯён сар шуд ва дар шаҳри Степанакерт ҳазорҳо намоишҳои миллатчиён барпо гардиданд [9]. Аксари озарбойҷониҳо бо арзёбии вазъ тасмим гирифтанд, ки минтақаро тарк кунанд. Ҳамзамон, дар Озарбойҷон саркӯбии арманҳо оғоз ёфт, ки дар натиҷа шумораи зиёди гурезаҳо пайдо шуданд. Марҳилаи муосири мушкили Қарабоғи Кӯҳӣ аз соли 1988 дар посух ба талаби мардуми Қарабоғ дар бораи худмуайянкунӣ, чораҳои мақомоти Озарбойҷон алайҳи арманиҳо дар саросари Озарбойҷон, бахусус дар Сумгаит, Боку ва Кировобод оғоз шуд. Соли 1988 мардуми армани ин вилоятҳо ба хиёбонҳо баромада, талаб карданд, ки онро ба ихтиёри Арманистон супоранд. Намоишчиёнро Шурои депутатҳои халқ дастгирӣ карда, ба роҳбарони ИҶШС, Озарбойҷон ва Арманистон дар бораи ҳамроҳ шудан ба ҷумҳурии ҳамсоя талабнома фиристод. Шурои вилоятии Қарабоғи Кӯҳӣ тасмим гирифт, ки аз Озарбойҷон ҷудо шавад. Соли 1988 дар байни арманиҳо ва озарбойҷониҳо задухӯрди мусаллаҳона ба амал омад. Ҳудуд аз назорати Озарбойҷон баромад, аммо тасмим дар бораи мақоми он ба муддати номуайян ба таъхир афтод. Дар солҳои 1991-1994 ин бархӯрд боиси амалиёти густурдаи низомӣ барои назорат бар Қарабоғи Кӯҳӣ ва бархе аз қаламрави ҳамшафат шуд. Аз нигоҳи сатҳи муқовимати ҳарбӣ аз он танҳо муноқишаи Чеченистон пеш гузашт. 5 майи соли 1994 Протоколи Бишкек дар бораи созиш ва оташбас байни Арманистон ва ҷумҳурии ба расмият шинохтанашудаи Қарабоғи Кӯҳӣ аз як тараф ва Озарбойҷон аз тарафи дигар ба имзо расид. Дар давраи аз 9 май то 11 майи соли 1994

созишномаи оташбас аз 12 майи соли 1994 ба имзо расид. Ҳар ду тараф аз анборҳои Армияи Шуравӣ аз яроқи тирандоз сар карда, то танкҳо, вертолётҳо, самолётҳои реактивӣ ва системаҳои сершумори ракетиро истифода бурданд. Пас аз пошхӯрии СССР, Арманистон ва Озарбойҷон арсеналҳои худро на танҳо бо аслиҳаи мусодирашуда ва дуздидаи Артиши Шуравӣ, балки расман ба ҳарду кишвар интиқолёфта пурра карданд. Аз замони сар задани амалиёти ҷангӣ, ҳарду ҷониб якдигарро ба истифодаи зархаридон айбдор карданд, ки аксар вақт тасдиқ мешуд. Аз тарафи Озарбойҷон муҷоҳидини афғон, артиши Русия ва зархаридони чечен, аз ҷумла фармондеҳони саҳроии маъруф Шамил Басаев, Хаттоб ва Салмон Радуев меҷангиданд. Полковники озарбойҷонӣ Азер Рустамов, ки дар Қарабоғ меҷангид, гуфта буд: “Дар ин набардҳо ҳудуди сад нафар ихтиёриёни чечен бо сарварии Шамил Басаев ва Салмон Радуев ба мо кӯмаки бебаҳо расонданд. Аммо аз сабаби талафоти зиёд онҳо маҷбур шуданд, ки майдони ҷангро тарк кунанд» [3]. Ба гуфтаи собиқ раиси ситоди Иттиҳоди ихтиёриёни армании Еркрап, муовини вазири ҳолатҳои изтирории Арманистон, генерал-майор Астватсатур Петросян, тобистони соли 1992 ҳудуди 400 ҷангҷӯёни чечен дар канори озарбойҷонҳо таҳти раҳбарии Басаев меҷангиданд. Ҳангоми озод кардани деҳаи Кармравон 120 нафар ҷанговарони чечен асир шуданд. Бисёриҳо мурданд. Пас аз он Шамил Басаев дигар ба Қарабоғ барнагашт». Дар Озарбойҷон низ роҳбаладони турк, рус, эронӣ ва эҳтимолан амрикоӣ фаъолият мекарданд [2].

10 декабри соли 1991 аҳолии Қарабоғи Кӯҳӣ дар раъйпурсӣ эълони Ҷумҳурии мустақили Қарабоғи Кӯҳиро тасдиқ кард, ки он ҳам ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳам ба мазмуну рӯҳи қонунҳои амалкунандаи собиқ ИҶШС комилан мувофиқ буд. Ҳамин тавр, дар территорияи собиқ РСС Озарбойҷон ду ташкилоти баробарҳуқуқи давлатӣ — Ҷумҳурии Кӯҳистони Қарабоғ ва Ҷумҳурии Озарбойҷон ташкил ёфт [10]. Тозакунии қавмӣ аз ҷониби мақомоти Озарбойҷон дар қаламрави Қарабоғи Кӯҳӣ ва манотиқи аҳолинишини арманиҳо дар наздикии он ба таҷовузи ошкоро ва ҷанги густарда аз ҷониби Озарбойҷон оварда расонд, ки боиси даҳҳо ҳазор қурбонӣ ва талафоти ҷиддии моддӣ гардид. Озарбойҷон ҳеҷ гоҳ ба даъватҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус ба даъватҳое, ки дар қатъномаҳои Шурои Амнияти СММ оид ба Қарабоғи Кӯҳӣ (амалиёти ҷангиро бас карда, ба музокироти сулҳ бираванд) зикр шудаанд, гӯш надодааст. Дар натиҷаи ҷанг Озарбойҷон ноҳияи Шоумяни Қарабоғи Кӯҳӣ ва қисмҳои шарқии ноҳияҳои Мартунӣ ва Мартакертро пурра ишғол кард. Минтақаҳои ҳамсоя таҳти назорати неруҳои худмуҳофизатии Қарабоғи Кӯҳӣ қарор гирифтанд, ки дар масъалаи таъмини амният нақши буферӣ бозида аз имкони бомбаборони минбаъдаи шаҳракҳои Қарабоғи Кӯҳӣ аз ҷониби Озарбойҷон ҷилавгирӣ карданд. Мунокиша боиси тағйироти ҷиддии этникӣ дар минтақа гардид. Ҳама озарбойҷониҳо ва курдҳои Қарабоғ, ки дар ин ҷо зиндагӣ мекарданд, минтақаи зери амалиёти ҷангӣ ва тақрибан ҳамаи арманиҳо Озарбойҷонро тарк карданд. Дар натиҷаи талафоти азим дар майдони ҷанг ва ба вуқуъ пайвастани гурезаҳо дар Ҷумҳурии Озарбойҷон, ки аз нафт бой аст, як силсила тағйироти сиёсӣ ба вуқуъ пайваст. Раҳбарони собиқ сарнагун шуданд ва хатари халалдор шудани иҷрои тарҳҳои муҳимми энергии минтақа ба миён омад. Илова бар ин, амалҳои ҳукумат ба муқобили шаҳрвандони худ буданд. Артиши Озарбойҷон ба хотири нигоҳ доштани шеваи назорати мутлақи вазъ дар кишвар дар масирҳое, ки аз ҷабҳаи ҷанубӣ мерафтанд, маҷрои гурезаҳои озарбойҷонӣ, ки ба самти Бокуи серодам ҳаракат мекарданд, маҷбур кард, ки ба минтақаи ҷанг баргарданд ва ё дар Эрон паноҳ ҷӯянд. Гуруснагӣ ва камғизоӣ дар миёни гурезагон ба як сатҳе расид ва танҳо дахолати нерӯҳои хориҷӣ, бахусус Эрон, аз талафоти бештари инсонӣ ҷилавгирӣ кард.

Дар Арманистон низ оқибатҳои низоъ ҳамин гуна вазнин буданд. Баҳои кумак ба арманиҳои Қарабоғ ин комилан қатъ кардани интиқоли барқ ва дигар молҳои ҳаётан муҳиме буд, ки тавассути роҳи оҳан аз Озарбойҷон ва Туркия ба Арманистон меомаданд. Ба шарофати комёбиҳои ҳарбӣ ва мусодираи минбаъдаи захираҳои энергетикии Озарбойҷон, вазъият дар пойтахти Қарабоғ Степанакерт чанд муддат сабук шуд, дар ҳоле ки вазъ дар Арманистон бадтар мешуд. Дар Ереван ба далели муҳосираи Туркия ва Озарбойҷон хатари гуруснагӣ ва сардӣ вуҷуд дошт, ба хонаҳо дар як шабонарӯз ҳамагӣ ду соат неруи барқ дода мешуд. Хусусан гурезаҳо ва қурбониёни заминларзаи харобиовари соли 1988 осеб диданд. Дар пайи талошҳои байналмилалӣ, умдатан аз Амрико, ба

Арманистон ба миқдори ками нафти барои гармидиҳӣ ва дигар кӯмакҳои башардӯстона ворид шудан гирифтанд. Аммо иртиботи ҳавоии Арманистон бо ҷаҳони беруна мутаваққиф шуд ва интиқоли кӯмакҳо тавассути баҳр ва роҳи оҳан тавассути Гурҷистони ҷангзада, ки диверсантҳои озарбойҷонӣ борҳо лӯлаҳои муҳимми газеро, ки Арманистонро таъмин мекарданд, бомбаборон мекарданд, мушкил ва хатарнок буд. Пас аз анҷоми ҷанги Қарабоғ мунокиша ба марҳилаи яхбаста ворид шуд, музокирот бо миёнаравии гурӯҳи Минскии САҲА сурат гирифт. Бо вуҷуди ин, дар хати тамоси Қарабоғи Кӯҳӣ давра ба давра шиддати микёси гуногун ба амал омад. Моҳи апрели соли 2016 бузургтарин задухӯрди мусаллаҳона миёни нерӯҳои Арманистону Озарбойҷон рух дод, ки дар матбуот ҷанги чаҳоррӯза унвон шуд. Дар натиҷа ба фоидаи Озарбойҷон тағйироти хурди ҳудудӣ ба амал омад. Моҳи сентябри соли 2020 низоъ дубора ба марҳилаи ҷанг ворид шуд, ки дар натиҷа, тибқи эъломияи оташбас аз 9-10 ноябри соли 2020, Озарбойҷон аксари қаламрави қаблан аз даст додашударо, ки то соли 2020 таҳти назорати Ҷумҳурии Кӯҳистонии Қарабоғ буданд, таҳти назорат гирифт. Г.В.Старовойтова навишта буд, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналхалқӣ ин моҷаро мисоли зиддиятҳои байни ду принсипи асосӣ мебошад: аз як тараф, ҳуқуқи халқ ба худмуайянкунӣ ва аз тарафи дигар, принсипи тамомияти арзӣ, ки мувофиқи он танҳо бо роҳи осоишта, тариқи созишнома иваз кардани сарҳад имконпазир аст [12]. Қарабоғи Кӯҳӣ воқеан аз Озарбойҷон то ба як давлати мустақил ва узви Созмони Милал табдил ёфтани Озарбойҷон ҷудо шуда буд. Дар масъалаи Қарабоғи Кӯҳӣ ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ, бояд аз принсипи бутунии ҳудудии давлат афзалтар бошад. Бо вуҷуди ин, имкони ба ҳам наздик кардани ин ду принсип вуҷуд дорад. Ин метавонад дар сурате рӯй диҳад, ки ҳам Қарабоғи Кӯҳӣ ва ҳам Озарбойҷон ихтиёран дар бораи додани мухторияти ҳамаҷонибаи ҳудудии Қарабоғи Кӯҳӣ дар ҳайати Озарбойҷон қарор қабул кунанд. Эълони худмуайянкунии Қарабоғи Кӯҳиро бо истифода аз далелҳои зерин асоснок кардан мумкин аст:

- Қарабоғи Кӯҳӣ чун вилояти худмухтор муддати тулонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи Озарбойҷон ва собиқ СССР буд.
- Тобеияти Қарабоғ ба Озарбойҷон худсарона буд ва имрӯз боқимондаи низоми мустамликавии империяи Шуравӣ мебошад.
- Ҳукмронии Озарбойҷон дар Қарабоғи Кӯҳӣ боиси нақзи оммавии ҳуқуқи инсон ва ақаллиятҳои миллӣ гардид. Ҳоло, пас аз чанд соли низоъҳои хунин, муқаррар кардани статуси кво ҳатто амнияти ҷисмониро кафолат намедиҳад, чи расад ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии арманҳои Қарабоғи Куҳӣ.

Чунин ҳалли масъала ба гузашт кардан ва созиш кардан тайёр будани ҳар ду тарафи дар ҷанҷол иштирокдоштаро талаб мекунад. То кунун муҳимтарин пешниҳоди озариҳо ин ба арманҳои Қарабоғи Кӯҳӣ додани “мухторияти фарҳангӣ” буд. Идеяе, ки барои аҳолии ҷумҳурии худхонда чандон маъно надорад. Аз ин ҳам муҳимтар, ин рад кардани талабҳои давлатдории Қарабоғи Кӯҳӣ мебуд, вале чунин тағйироти мавқеи он танҳо дар сурате ба амал омада метавонист, ки ба ин ҳудудҳои худмухтор, ки мавзӯи гуфтушунид аст, кафолати қатъии байналмилалӣ дода шавад.

Ҷанги соли 2020 таносуби қудратҳоро ба нафъи Озарбойҷон тағйир дод. Он ҳоло бо гирифтани тамоми Қарабоғи Кӯҳӣ қатъ шуд, аммо ин маънои онро надорад, ки он дигаргарбора сар намезанад. Мақоми Қарабоғи Кӯҳӣ то ҳол ноором боқӣ мемонад ва ин маънои онро дорад, ки мунокиша танҳо ба таъхир гузошта шудааст, на ҳаллу фасл.

**АДАБИЁТ**


1. Tim Potier. Conflict in Nagorno-Karabakh, Abkhazia and South Ossetia: A Legal Appraisal. — Kluwer Law International, 2001.\
2. Азербайджан [электронный ресурс]. URL: http://www.igpi.ru/monitoring/1047645476/jan1994/Azerbayjan0194.htm (дата обращения: 4.01.2022).
3. Азербайджанский ветеран карабахской войны: Басаев и Радуев оказали нам неоценимую помощь: Нагорный Карабах за неделю [электронный ресурс]. URL: https://regnum.ru/news/society/393591.html (дата обращения: 2.01.2022).
4. Академия Наук Армянской ССР. “Нагорный Карабах”. Историческая справка. Изд-во АН Армянской ССР.
5. Армянская советская энциклопедия, том 6, Ереван, 1980.
6. Всемирная история. Энциклопедия. Глава VIII. 2. - М., 1957. - Т. 3.

7. Гюлистанский мирный договор 1813 [электронный ресурс]. URL: // http://bse.sci-lib.com/article017860.html (дата обращения: 23.12.2021).
8. Дашдамиров А. Карабахский конфликт в контексте перестройки / А.Дашдамиров // Вестник аналитики, № 3 (21), 2005.
9. Конфликт в Нагорном Карабахе: история и причины [электронный ресурс]. URL: https://www.ntv.ru/cards/44/ (дата обращения: 24.12.2021).
10. Нагорно-Карабахская проблема [электронный ресурс]. URL: https://www.mfa.am/ru/nagorno-karabakh-issue (дата обращения: 4.01.2022).
11. Сванте Корнелл Конфликт в Нагорном Карабахе: динамика и перспективы решения [электронный ресурс]. URL: http://old.sakharov-center.ru/publications/azrus/az_015.htm (дата обращения: 11.08.2021).
12. Старовойтова Г. Национальное самоопределение: подходы и изучение случаев // https://www.gumer.info/bibliotek_Buks/History/Starovoit/_04.php
13. Ямсков А. Н. Нагорный Карабах: Анализ причин и путей решения межнационального конфликта /А.Н. Ямсков // Национальные процессы в СССР. М.: «Наука», 1991.

## МОҶАРОИ ҚАРАБОҒ

Дар мақола масъалаи моҷарои солҳои 80-ум дар Қарабоғи Кӯҳӣ миёни Озарбойҷон ва Арманистон таҳлил шудааст. Таърихан Қарабоғи Кӯҳи замини Арманистон аст ва сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳи он мебошанд. Пас аз тағйироти солҳои 20-ум ва як қатор дигаргуниҳои ҳудудӣ бо ташкил намудани коридори Лачин дидаю дониста Қарабоғи Кӯҳӣ аз Арманистон ҷудо карда мешавад. Соли 1937 Вилояти Мухтори Қарабоғи Кӯҳӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Қарабоғ табдил дода мешавад. Масоҳати Қарабоғи Кӯҳӣ 4400 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ин ҳудуд аксарият арманиҳои маҳаллӣ зиндагӣ мекунанд, вале як қисми Озарбойҷонро ташкил медиҳанд. Соли 1987 арманҳои Қарабоғи Кӯҳӣ намоишҳои эътирозии ҷудо шудан аз Озарбойҷон ва муттаҳид шудан бо Арманистонро оғоз карданд. Баҳс то замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ (дар соли 1991) ҳалли худро наёфта буд. Ҷанги дусола дар аввали солҳои 1990 бо пирӯзии қотеъонаи низомиёни Арманистон анҷом ёфт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Қарабоғи Кӯҳӣ, Арманистон, Озарбойҷон, муноқиша, ҳудуд, задухӯрд, баҳс, созишнома.

## НАГОРНО-КАРАБАХСКИЙ КОНФЛИКТ

В статье анализируется нагорно-карабахский конфликт между Азербайджаном и Арменией в 1980-е годы. Исторически Нагорный Карабах - это земля Армении, о чем свидетельствуют исторические источники. После изменений 1920-х годов и ряда территориальных изменений создание Лачинского коридора сознательно отделит Нагорный Карабах от Армении. В 1937 году Нагорно-Карабахская автономная область была преобразована в Нагорно-Карабахскую автономную область. Площадь Нагорного Карабаха составляет 4400 квадратных километров. Большинство армян проживает в этом районе, но они являются частью Азербайджана. В 1987 году армяне Нагорного Карабаха начали протесты против отделения от Азербайджана и воссоединения с Арменией. Спор оставался неразрешенным до распада Советского Союза (1991 г.). Двухлетняя война закончилась в начале 1990-х годов решающей победой армянских военных.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Нагорный Карабах, Армения, Азербайджан, конфликт, территория, столкновение, спор, соглашение.

## NAGORNO-KARABAKH CONFLICT

The article analyzes the Nagorno-Karabakh conflict between Azerbaijan and Armenia in the 1980s. Historically, Nagorno-Karabakh is the land of Armenia. After a number of territorial changes of the 1920s and, the creation of the Lachin corridor will deliberately separate Nagorno-Karabakh from Armenia. In 1937, the Nagorno-Karabakh Autonomous Region was transformed into the Nagorno-Karabakh Autonomous Region. The area of Nagorno-Karabakh is 4400 square kilometers. Most Armenians live in this area, but they are part of Azerbaijan. In 1987, the Armenians of Nagorno-Karabakh began protests against secession from Azerbaijan and reunification with Armenia. The dispute remained unresolved until the collapse of the Soviet Union (1991). The two-year war ended in the early 1990s with a decisive victory for the Armenian military.

**KEYWORDS:** Nagorno-Karabakh, Armenia, Azerbaijan, conflict, territory, clash, dispute, agreement.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Турсунов Турсунмурод Худоимуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 100 40 40 00**. E-mail**: tursunov-murod@mail.ru**
***Кадиров Шуҳратҷон Комилҷонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 911 018393**

**Сведение об авторах:** ***Турсунов Турсунмурод Худоимуродович*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 100 40 40 00**. E-mail**: tursunov-murod@mail.ru**
***Кадиров Шухратджон Комилджонович*** - магистр 2 курса факультета истории **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 911 018393**

**Information about the authors:** ***Tursunov Tursunmurod Khudoimurodovich*** - Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of New and Modern History of Foreign Countries. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 100 40 40 00**. E-mail: tursunov-murod@mail.ru
***Kadirov Shukhratjon Komilzhonovich*** – 2 nd year master`s student of the Faculty of History **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 911 018393.**

# СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҲИНДУСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ ДУҚУТБИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИР

***Шукурзода Б. Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳиндустон - яке аз қадимтарин кишварҳои дунё ба шумор рафта, тақрибан дар тули 200 сол дар тобеъияти мустамликадорони Англия буд. Халқи ҳинд барои ба даст овардани озодиву истиқлолияти худ муборизаҳои тулонӣ бурдаанд. Мутеънашавии шаҳрвандон дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон хислати умумиро касб намуд. Муборизаи озодихоҳона аз ҷониби Маҳамта Ганди ва Ҷавоҳирлал Неҳру роҳбарӣ мегардид ва он шакли муборизаи ғайризуровариро бар зидди мустамликадорон гирифт. Асоси муборизаҳоро митингҳо, намоишҳои эътирозӣ ва эътироз бар зидди интихоботи намояндагони мақомотҳои қудратӣ, сар кашидан аз хизмат дар артиш ва дигар чораҳои ғайризуроваронаро ташкил менамуд.

Такони ҷиддӣ барои бaромадҳои зидди Британӣ - ба суд кашидани афсарони артиши миллии Ҳиндустон гардида, он дар минтақаи Бирма ташкил гардида буд, ки дар ин давра аз ҷониби қушунҳои Ҷопон ишғол гардида буд. Роҳбарии муборизаи миллии халқи Банғолро - Субхас Чандра Бос ба уҳда дошт. Субхас Чандра Бос чунин мешуморид, ки мустақилияти Ҳиндустонро танҳо бо кӯмаки Ҷопон ба даст овардан имконпазир мегардад. Халқи ҳинд - артиши миллии Ҳиндустонро ҳамчун қуввае, ки барои озодии меҳани худ аз мустамликадорон мубориза мебарад, қабул менамуданд. Ҳамаи ҷараёнҳои судии аскарони артиши миллӣ дар Калкута тавассути намоишҳои эътирозӣ аз ҷониби аҳолии осоишта бар зидди мустамликадорон ҷараён дошт. Яке аз чунин намоишҳо дар моҳи ноябри соли 1945 тавассути қувва пахш карда шуд. Дар ҷараёни ин бетартибиҳо одамони зиёде ҳалок ва қисми бештари дигар маҷруҳ гардиданд.

Дар моҳи феврали соли 1946 бархурди нави аҳолии шаҳрвандӣ бо мақомотҳои расмӣ оғоз гардид, ки боз садҳо нафар ҳалок ва беш аз 2000 нафари дигар маҷруҳ гардиданд. Инак, дар ниҳоят, орзуи чандинасраи халқи ҳинд эълони истиқлолияти Ҳиндустон амалӣ гардид. Дар натиҷаи фишори намоишҳои халқӣ, ҳокимияти Британия бо қувваҳои миллӣ - озодихоҳонаи Ҳиндустон ба музокира пардохт. Дар натиҷаи музокирот созишнома оид ба истиқлолияти Ҳиндустон қабул гардид, ки баъдан аз ҷониби парлумони Британия ратификатсия (тасвиб) гардида, аз 15 августа соли 1947 ба ҳукми қонунӣ даромад. Дар асоси созишномаи мазкур бунёди ду давлат Покистон ва Иттиҳоди Ҳиндустон эълон гардид.

26 январи соли 1950 конститутсияи кишвар қабул гардида, давлатро «Ҷумҳурии соҳибихтиёру демократӣ» эълон намуд. Дар асоси кониститутсия - Ҳиндустон давлати унитарӣ бо ҷузъиётҳои федералӣ эълон гардидааст. Дар қонуни асосӣ ҳокимияти давлатӣ ба се шохаи асоси тақсим шудааст: қонунбарор, иҷроия ва судӣ. Дар тули истиқлолият бо роҳбарии ҳизби Конгресси миллии Ҳиндустон (КМҲ), ки соли 1947 ба сари ҳокимият омада буд, дар Ҳиндустон як қатор дигаргуниҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба вуҷуд омаданд: Кам намудани заминдорони бахши хусусӣ ва инкишофи бахшҳои давлатӣ дар иқтисод, бунёди пойгоҳ барои рушди соҳаҳои саноати вазнин, рушди хоҷагии қишлоқ, мустаҳкам намудани мустақилияти сиёсии давлат ва ғайраҳо.

Баъди давраи кӯтоҳе (1977 - 1979), ки дар сари ҳокимият блоки хизбҳои мухолиф қарор доштанд, дар моҳи январи соли 1980 ҳизби КМҲ дубора дар интихоботи парлумонии Ҷумҳурии Ҳиндустон ва дар бештари мақомотҳои қонунии штатҳо (дар моҳи майи соли 1980) ғолибиятро ба даст овард. Баъди интихобот ҳам ҳизби КМҲ дар ҳаёти сиёсии

Ҳиндустон мавқеи хеле мустаҳкамро ишғол менамояд. Дар ҳаёти дохилии кишвар вазъи шадиди сиёсӣ ва иҷтимоӣ давом менамуд: сатҳи бекорӣ ва ҷинояткорӣ меафзуд, вазъи моддии миллионҳо камбизоатон дар сатҳи хеле паст қарор дошт.

Ҳокимияти КМҲ ҳамаи чораҳоро барои ҳалли ин ва дигар мушкилиҳо ба харҷ дода, таваҷҷуҳи асосиро ба беҳтар намудаи вазъи иқтисодии кишвар, инкишофи имконоти саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ, муътадил намудни нархи маҳсулотҳои ниёзи аввалиндараҷа зоҳир менамуд. Дар моҳи январи соли 1982 барномаи давлатие, ки аз 20 банд иборат буда, эълон карда шуд, ки он аз талошҳои роҳбарияти давлат барои иҷрои ислоҳоти аграрӣ, кам намудани нобаробарии иҷтимоӣ, беҳтар намудани вазъи табақаҳои нисбатан фақири ҷомеаи Ҳиндустон, шаҳодат медиҳад.

Дар самти сиёсати хориҷии Ҳиндустон одатан самти ҳамроҳнашавӣ ва мавҷудияту ҳамкориҳои сулҳомезро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон пайгири менамояд. «Сиёсати ҳамроҳнашавӣ - ин истиқлолияти миллӣ ва озодӣ аст. Ҳаракати мо барои дастгирии сулҳ баромад менамояд. Ҳадафи асосии ин сиёсат аз он иборат аст, ки аз иттиҳодҳои ҳарбӣ худро дар канор нигоҳ дорем. Он баробарии кишварҳо ва демократикунонии муносибатҳои байналхалқии чи иқтисодӣ ва чи сиёсиро дар назар дорад».

Дар натиҷа, ҳукумати аввалини Ҳиндустон бо сардории Неру принсипи консепсияи навро - бетарафии мусбиро коркард намуд, ки асоси онро пайваст нагардидани Ҳиндустон ба ду блоки ҷаҳонӣ бо якдигар рақобаткунанда бо сардории Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА ташкил медод. Ҳиндустон ҳамроҳнашавиро ба сифати элементи калидии сиёсати хориҷии худ эълон намуд. Ин маънои онро дорад, ки кишвар ба блокҳои ҳарбӣ ҳамроҳ намешавад ва бо ин ё он блок дар натиҷаи оғоз гардидани «ҷанги сард» ҳамкориҳои нисбатан наздикро ба роҳ намемонад. Аммо ҳамрохнашавии Ҳиндустон маънои онро надорад, ки он аз корҳои байналхалқӣ дар канор мемонад, балки зарурати иштироки фаъолонаи онро дар сиёсати ҷаҳонӣ тақозо менамояд. Дар ин солҳо Ҳиндустон худро ҳамчун мубориз зидди мустамликадорӣ ва империализм нишон дода, ба тарафдории сулҳ, муътадилӣ ва тағйиротҳои сулҳона баромад менамуд.

Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҳиндустон иштироки фаъолонаро дар муносибатҳои байналхалқӣ оғоз намуд. Нақши махсусро дар ин соҳаи сиёсати хориҷии Ҳиндустон - Ҷавоҳирлар Неру бозидааст, ки ҳануз ба сифати Сарвазир ва вазири корҳои хориҷӣ дар ҳокимияти муваққатӣ буданаш, қадамҳои аввалинро барои барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо як қатор давлатҳои пешрафта ба нақша гирифта буд. Дар соли 1946 чунин муносибатҳо бо Чин, Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА ва дар соли 1948 бо - Фаронса, Белгия, Шветсия ва дигар кишварҳо барқарор гардиданд. Ҳиндустон зуд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун иштирокчии бузурги он дохил шуд ва давра ба давра нуфузи байналхалқии худро инкишоф дод. Баъди ду асри дар зери мустамлика будани давлат - зарурати нишон донани худ ба сифати давлати мустақиле, ки метавонад ба муносибатҳои байналхалқӣ таъсири назаррас дошта бошад, пайдо гардид.

Ҳадаф ва принсипҳои сиёсати хориҷии Ҳиндустон аз ҷониби Конгресси миллии Ҳиндустон ҳануз дар замени муборизаҳо барои истиқлолият коркард шуда буданд. Ба гурӯҳи аввали ҳадафҳои сиёсати хориҷии Ҳиндустон ба даст овардани мустақилияти пурраи иқтисодӣ, инкишофи муътадили бардавоми иқтисодӣ, талаботи имконпазир барои ба даст овардани технологияи муосир ва ба бозорҳои хориҷӣ, таҳаввул ва зарурати дохил намудани Ҳиндустон ба иқтисоди глобалии ҷаҳон, дохил мешаванд.

Талоши ҳукумати Ҳиндустон барои муътадил намудани муносибатҳо бо Чин натиҷаи дилхоҳ надоданд. Зидиятҳо дар масъалаи сарҳадӣ байни ду кишвар, ки ҳалли онҳоро Ҳиндустон шарти зарурии муътадилии муносибатҳои Ҳинду Чин меҳисобад, ҳоло ҳам ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Дар моҳи апрели соли 1954 Созишномаи ҳинду - чинӣ оид ба Тибет имзо гардид, ки бори аввал панҷ принсипӣ мавҷудияти сулҳомез (эҳтироми ягонагии ҳудудӣ ва соҳибихтиёрӣ, ҳуҷумнакунӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарӣ) ба инобат гирифта шуд.

Иттиҳоди Шуравӣ дар назари Ҳиндустон бартарияти бештарро соҳиб буд, зеро ки он ба мероси мустамликавӣ ва империалиста алоқаманд набуд. СССР ҳамчун хатар ба назар гирифта намешуд ва беш аз ин метавонист ҳамчун тавозуни қувва бо Ғарб ва дертар бо Чин

баромад намояд. Дар оғози солҳои 1960 ҷанги сард ба давраи фаъоли худ расид. Тасодуфӣ нест, ки дар сессияи 14 Ассамблеяи Генералии СММ (соли 1960) Неру, Нкрума (Гана), Носир (Миср), Сукарно (Индонезия) ва Тито (Югославия) изҳороти якҷояро пешниҳод намуданд, ки кишварҳои ИМА ва СССР-ро ба «дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои ҳалногардида» даъват намуданд. Баъдан, дар СММ Декларатсия оид ба эътирофи истиқлолияти кишварҳо ва халқҳои мустамликавиро қабул намуд. Ин оғози пайдо гардидани қувваи нав - Ҳаракати ҳамроҳнашавӣ аввал дар СММ ва баъдан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Дипломатияи Ҳиндустон - васеъ гардидани алоқаҳои байналхалқиро яке аз шартҳои асосии мустаҳкам гардидани таъсир ва нуфузи Ҳиндустон ба ҳисоб мегирад. То эълон гардидани Ҷумҳурии Ҳиндустон (1950) ба 39 давлат муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монда буд ва дар соли 1964 теъдоди онҳо бо - 88 давлат расид. Бо бештари онҳо (85) Ҳиндустон табодули намояндагиҳоро дар сатҳи сафоирон ба анҷом расонида буд, ки ин аз талоши баробар ҳуқуқ ҳисобидани ҳамаи кишварҳои иштироккунандаи муносибатҳои байналхалқӣ шаҳодат медиҳад. Дар нисбати кишварҳои мустамликадор — Ҳукумати Ҳиндустон алоқаҳои дипломатии худро дар асоси принсипи ҳамзистии осоишта ва ҳамдилӣ бо кишварҳои Африқо - Осиёӣ ба роҳ мемонд. Ҳанӯз дар соли 1946 то эълони истиқлолият, ҳукумати муваққатии Ҳиндустон барои барқарор гардидани муносибатҳо бо Иттиҳоди Шуравӣ тамоми кушишҳоро ба харҷ дод. Дар соли 1949 пеш аз ҳамаи кишварҳои ғарб, Ҳиндустон аввалин кишвари ғайри сотсиалистие буд, ки Ҷумҳурии Мардумии Чинро эътироф намуд ва бо Ҷумҳурии Мардумии Монголия муносибатҳояшро барқарор намуд. Новобаста аз фишори Олмони ғарбӣ ҳукумати Ҳиндустон бо Ҷумҳурии Демократии Олмон алоқаҳои тиҷоратиро ба роҳ монда буд. Эътироф намудани давлатҳо ва ҳукуматҳои нави ташкил гардидаи Осиё ва Африко дар як қатор ҳолатҳо ба талоши мустамликадорон барои маҳдудкунии муносибатҳои дипломатии кишварҳои навташкилшуда монеагӣ эҷод менамуд.

Ҳиндустон тавозуни қувва, иқпидор ва талоши кишварҳои сотсиалистиро барои сулҳ ба назар гирифта, талоши кишварҳои Ғарбро барои пайвастан ба блоки ҳарбии онҳо дар «ҷанги сард» мукобили ИҶШС (СССР) дастгири нанамуд. Пайвастан ба яке аз блокҳо аз нигоҳи дипломатони Ҳиндустон, на танҳо амнияти кишварро таъмин намекард, балки Ҳиндустонро вобастаи кишварҳои абарқудрат менамуд ва хатари ҷангро бештар менамуд, ки метавонад ба инсоният харобиҳои зиёдеро ба бор оварад ва боиси ба таъхир гузоштани барномаи рушди кишвар мегардад. Дар моҳи майи соли 1953 котиби давлатии ИМА - Даллес шахсан ба Деҳлӣ ташриф овард, то он ки роҳбарияти Ҳиндстонро барои муттаҳид шудан ба ИМА дар мубориза зидди «хатари коммунизм» розӣ кунонад. Ба фиристодаи Амрико маълум намуданд, ки Ҳиндустон сиёсати иғвоангезонаи ИМА-ро маҳкум менамояд ва барои дастгирии он кушиш намекунад. Баъди ин ҳукумати ИМА музокиротро бо Покистон оид ба кӯмаки ҳарбӣ оғоз намуданд. Ҳукуматдорони Амрико чунин мешумориданд, ки ҳукумати Ҳиндустон аз мусаллаҳшавии ҳамсояи худ, ки муносибатҳои байни ҳамдигарии онҳо шадид буд, хавф бурда, худро ба оғӯши ИМА мепартояд. Дар моҳи феврали соли 1954 президент Эйзенхауэр ба Неру мактуби шахсӣ фиристод, ки дар он оид бо баррасии дархости Ҳиндустон дар масъалаи кӯмаки харбӣ омода буданро иброз намуда буд. Дар ҳоле, ки чунин пешниҳод аз ҷониби Ҳиндустон дархост нашуда буд ва ҳукумати Ҳиндустон расмаи эълон намуд, ки «ба ягон давлат намегузорад, вобаста ба кадом ҳадафе, ки набошад дар болои вай ҳоким бошад». Дар давоми чанд соли минбаъда ИМА бо дастгирии кишварҳои дигари империалистӣ кушиш менамуданд, ки бо усули фишори шадид Ҳиндустонро маҷбуран ба блоки ҳарбии худ дохил намояд: кам намудани кӯмакҳои иқтисодии кишвар; муҳосира намудан бо сиситемаи монеаҳои ҳарбӣ ва ҳатто Даллес шахсан 9 июни соли 1956 қайд намуда буд, ки сиёсати бетарафӣ «монеагари дурбинӣ ва консепсияи ноустувор» мебошад. Ба ин фишорҳои «аз мавқеи қувва» дипломатияи Ҳиндустон бо ҳамдилии кишварҳои Осиё ва наздикшавӣ бо кишварҳои сотсиалистӣ, аз он ҷумла бо ИҶШС ҷавоб дод. Шаҳодати он сафари Неру ба Москва дар соли 1955 ва инчунин имзои як қатор созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ мебошад. Ноком гардидани чунин усули муносибат - империалистонро маҷбур намуд, ки усули сиёсати худро дар муносибат бо Ҳиндустон тағйир диҳанд. «Усули нав»-е ки онҳо дар охирҳои солҳо 50-ум

истифода намуданд, чунин хислатро касб намуда буд: аввал аз талаби тағир додани сиёсати бетарафӣ дар асоси барқарор гардидани ҳамкориҳои тарафайн даст кашиданд ва дуюм пешниҳод гардидани кӯмакҳои молиявӣ дар асоси шароитҳои беҳтар. Ҳадафи асосии «усулҳои нав» мисли пештара маҷбур намудани Ҳиндустон барои даст кашидан аз сиёсати бетарафӣ иборат буд, ки шаҳодати возеҳи он, дар найранги Англия ва ИМА дар алоқамандӣ бо низоъи мусалладона дар сарҳади ҳинду - чинӣ дар соли 1962 мебошад. Аз он хотире, ки «усули нав» беҳтар рӯйпуш шудааст ва бо пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок алоқдманд буд, он нисбатан ба буржуазияи Ҳиндустон қобили қабул буда, вале он нисбати усули фишор - хатари бештар дошт. Ин хатар солҳои охир бо мустаҳкам гардидани қувваҳои иртаҷоӣ дар Ҳиндустон боз ҳам шадид гардид, ки ба муқобили сиёсати бетарафӣ баромад менамоянд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Ҳиндустон сиёсати ҳамроҳнашавии муваффақро давом дода, дар ин асос Ҷ. Неру 2 сентябри соли 1963 қайд карда буд, ки «гузаронидани сиёсати дигар барои Ҳиндустон фалокатовар мебуд».

Ҳиндустон аз иттиҳоди ҳарбӣ - сиёсии абарқудратони Ғарб даст кашида, талоши онҳоро барои ҳал намудани баҳсҳои яктарафаи байналхалқӣ «аз мавқеи қувва» рад намуд. Дипломатияи Ҳиндустон усули «рафтори ғайридушманона»-ро ба муқобили усули тезутунд намудани муносибатҳои байналхалқӣ кишварҳои империалистӣ ҷори намуда, онро воситаи муҳимми беҳтар намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ меҳисобиданд. Ба ин мақсад, чи хеле ки дипломатони ҳиндӣ қайд менамоянд, Ҳиндустон барои «нигоҳ доштани эҳсосот», «ҳарф задан бо забони фасеҳ» талош менамояд. Ҳукумати Ҳиндустон ҳамчунин фишорҳои кишварҳои ғарбро нисбати Иттидоҳи Шуравӣ ва дигар кишварҳои сотсиалистӣ тасдиқ ва дастгирӣ наменамояд.

Нақши Ҳиндустон барои дастгирии комёбиҳо ва иҷрои уҳдадориҳои умумиэътирофшуда, ҳамчун кишвари қобилиятнок эътирофи умумиро ба даст овард. Ҷалби Ҳиндустон барои иштирок дар мақомотҳои назорати барои иҷрои уҳдадориҳои байналхалқӣ ба ҳукми анъана даромад. Намояндаҳои он камиссияҳои бетарафиро барои баргардонидани асирони ҷангҳои Корея ба уҳда доштанд. Дар тули 10 сол Ҳиндустон роҳбарии комиссияи бетарафиро оиди бастани сулҳ дар Лаос, Камбоҷа ва Ветнам иҷро менамуд. Ҳиндустон ба тарафдории ҳалли мушкилиҳои байналхалқӣ бо роҳҳои музокирот, гузаштҳо ва миёнаравӣ баромад намуда, дипломатияи Ҳиндустон истифодаи ин усулҳоро дар ҳалли баҳсҳо бо худи Ҳиндустон низ дар назар дорад. Бо ташаббуси он дар асоси музокираҳои дипломатӣ низоъ бо Фаронса оид ба масъалаҳои мустамликаҳои он дар ҳудуди Ҳиндустон роҳи ҳалли худро ёфтанд. Барои коркарди самти сиёсати хориҷии Ҳиндустонро зарур буд, ки мунсибатҳоро бо собиқ метрополия - Англия ва рақобат байни ИМА ва ИҶШС-ро ба назар гирад, ки дар солҳои аввали истиқлолият хеле душвор буд.

Муносибатҳои дипломатии Ҳиндустон ва ИҶШС ҳануз пеш аз истиқлолияти Ҳиндустон барқарор гардида буданд. Музокироти ниҳоии Ҳиндустон ва ИҶШС оид ба барқарор гардидани муносибатҳои дипломатии дар Чин доир гардид. Дар натиҷа, 13 апрели соли 1947 Ҳукумати муваққатии Ҳиндустон «Хоҳиши барқарор намудан ва инкишофи муносибатҳои **Ҳин**дустонаро байни Ҳиндустон ва ИҶШС»-ро эълон намуда, ҳукумати кишварҳо қарор доданд, ки миссияҳои дипломатии худро дар сатҳи сафирон дар кишварҳои якдигар ташкил намоянд. Сафири аввалини Ҳиндустон дар ИҶШС Виҷай Лакшми Пандит таъйин гардид, ки 5 августи соли 1947 ба Москва ташриф овард. Сафири аввалини ИҶШС дар Ҳиндустон - Новиков К.В. ба фаъолияти худ моҳи октябри соли 1947 оғоз намуд.

Дар соли 1948 Неру ИМА ва Британияро бовар кунонид, ки дар ҳеҷ як сурат ба блоки Иттиҳоди Шуравӣ чӣ дар вазъияти ҷангӣ ва чӣ дар вазъияти осоишта дохил намешавад, ки боиси сард гардидани муносибатҳои Шуравӣ ва Ҳиндустон гардид. Дар натиҷа нуфузи Ҳиндустон дар назари ИМА бештар гардид, ки сабаби ташрифи Неру ба ИМА гардид. Дар мохи октябри соли 1949 Неру ба Амрико ташриф оварда бо президента он - Трумен ва дигар фаъолони давлатӣ суҳбат намуда, нофаҳмиҳо байни Ҳиндустон ва ИМА дар масъалаҳои калиди мисли мавқеи Кашмир ва муносибат бо Чин мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Баъди сафари Неру ба Амрико муносибатҳои ду кишвар беҳтар нагардиданд, балки мавқеи Амрико дар масъалаи Кашмир вазъиятро бештар шадид гардонид.

Баъди вафоти Сталин 5 марти соли 1953 беҳтар гардидани муносибатҳои Ҳиндустон

ва ИҶШС ба назар мерасад. Дар натиҷа, барои васеъ гардидани муносибатҳои ҳинду - шуравӣ қадамҳои устувор гузошта шуд. Дар моҳи декабри соли 1953 байни кишварҳои созишномаи тиҷоратӣ имзо гардид. Қадами бузург барои рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳинду - шуравӣ сафари Неру ба Иттиҳоди Шуравӣ 7 - 2 4 июни соли 1955 гардид, ки дар ҷараёни он Неру бо ҳайати роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ вохӯрӣ намуд. Моҳи ноябри соли 1955 сафари ҷавобии Хрушев ба Ҳиндустон доир гардид. Ба имкониятҳои иқтисодии кишвар Ғарб нигоҳ накарда, ИҶШС тавонист ба инкишофи соҳаҳои асосии саноатии Ҳиндустон таъсири назаррас расонад, ки вобастагии кишварро аз кишварҳои Ғарбӣ кам намуд. Мақсад сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ дар муносибат бо Ҳиндустон ва дигар кишварҳои пешрафта (махсусан, кишварҳои бетараф) дар соли 1956 кор карда шуда буд. Сухан дар бораи ҳамзистии осоишта, дустӣ ва ҳамкории кишварҳои сохти гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта, меравад. Таърихи муносибатҳои ҳинду - амриокӣ пеш аз дохилшавии ИМА ба ҷанги дуюми ҷаҳон оғоз гардида буд. ИМА наметавонист дар ҳалли мушкилиҳои Ҳиндустон чораҳои заруриро татбиқ намояд, зеро аз бад гардидани муносибатҳо бо иттифоқчии худ - Англия хавф мебурд. Аз ин рӯ, дар «Инқилоби августӣ» - и соли 1942 Амрико ҳиндуҳоро дастгирӣ накард.

Аввалин сафири Ҳиндустон дар ИМА дар охири соли 1946 - Асаф Алӣ таъйин гардид. Дар моҳи октябри соли 1949 Неру бо даъвати Трумен ба ИМА сафар намуд. Дар сафари се ҳафтаинаи худ бо ҳайати мансабдорон ва фаъолони давлатӣ мулоқот намуда, дар бисёр чорабиниҳо баромад намуд. Аммо, дар музокира бо роҳбарияти ИМА оид ба масъалаи Кашмир тарафҳо ба мувофиқа нарасиданд. Ин мушкилӣ боиси нофаҳмии Ҳиндустон ва ИМА гардид. Дар моҳи январи соли 1948 Шурои амнияти СММ бо ташаббуси ИМА ва Британия изҳоротро дар бораи ташкили Комиссия СММ вобаста ба масъалаи Ҳиндустону Покистон қабул намуд. Комиссия кушиш менамуд, ки ризоияти ҳарду кишварро дар бораи гузаронидани пурсиш дар Кашмир ба даст оварад. Мушкилии асосӣ дар он буд, ки ҳангоми гузаронидани пурсиш ки Кашмирро идора менамояд. Дар ин ҳол, дар ҳудуди Кашмир амалиёти ҳарбӣ оғоз гардид. 1 январи соли 1949 бо роҳбарии СММ дар Кашмир хати ғайри ҳарбӣ муқаррар гардид, аммо созишнома оид ба гузаронидани пурсиш ба мувофиқа нарасид. Ба ин роҳ, Кашмир ба ду қисм - ҳиндуӣ (аз панҷ се ҳисса 3/5) ва покистонӣ (аз панҷ ду ҳисса 2/5) тақсим гардид. Дар моҳи апрели соли 1951 дар Ню - Деҳлӣ байни Ҳиндустон ва ИМА музокирот доир гардид, ки дар он Неру иштирок намуд. Дар ин музокира низ вобаста ба масъалаҳои асосӣ чун ҷанг дар Корея, муносибат бо Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ва инчунин масъалаи Кашмир тарафҳо ба мувофиқа нарасиданд.

Дар сафари навбатии худ ба Ҳиндустон соли 1956 — Даллес ҳукумати ҳиндро бовар кунонид, ки кӯмаки ҳарбии ИМА ба Покистон бар зидди Ҳиндустон равона нашудааст. Дар моҳи декабри соли 1956 Неру дуюмин бор ба ИМА ташриф овард. Мулоқоти вай бо Эйзенхауэр нисбатан самаранок буд (14 соат). Мушкилии Ҳиндустон дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ Неруро маҷбур намуд, ки боз аз Амрико кӯмак пурсад. Соли 1960 Эйзенхауэр ва Вазири хоҷагии қишлоқи Ҳиндустон С.К. Патил созишнома оид ба таъмини Ҳиндустон бо 12 млн тон гандум дар давоми 4 сол дар ҳаҷми умумии 1276 млн долларро ба имзо расониданд ва дар назар гирифта буд, ки фуруши маҳсулот тавассути рупияи ҳиндӣ сурат мегирад. Аз соли 1957 сар карда, Амрико минтақаи Осиёи Ҷанубро ҳамчун фронти муҳимми ҷанги сард ба назар гирифт. Рақобати байни Ҳиндустон ва Чинро ба инобат гирифта, ИМА ба хулосае омад, ки мубориза ду модели инкишоф - демократӣ ва тоталитариро дар минтақа ривоҷ диҳад. 1 майи соли 1960 ҳавопаймоии ҷосусии Амрико - У2 бо сарнишинаш Гари Паверс дар ҳудуди Иттиҳоди Шуравӣ зада шуд, ки дар арсаи байналхалқӣ ҳангомаеро ба вуҷуд овард. Дар ин ҳангом ИМА хоҳони ташкили пойгоҳи ҳавоӣ дар ҳудуди Покистон буд. Бо назардошти ин ва расонидани кӯмакҳои ҳарбӣ ба Покистон, Ҳиндустон ба Иттиҳоди Шуравӣ бо дархости кӯмаки ҳарбӣ муроҷиат намуд. ИМА ба ҳар роҳу восита мехост пеши роҳи онро гирад, вале Амрико худ намехост ба Ҳиндустон яроқҳои замонавӣ фурӯшад, зеро ки иттифоқчии худ - Покистонро дар ҳолати душвор мегузошт.

Дар давраи низои мусаллаҳонаи ҳинду - чин дар соли 1962 ИМА дархости Ҳиндустонро оид ба кӯмаки ҳарбӣ пазируфт. Дар навбати худ Москва, ки дар буҳрони Куба саргарм буд, ба Ню - Деҳли тавсеа дод, ки пешниҳоди Чинро вобаста ба музокирот оид ба

мушкилоти сарҳадӣ қабул намояд.

Дар миёнаи солҳои 1960-ум дар Ҳиндустон вазъияти фақулода оид ба таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ рух дод ва сабаби асосии он хушксолии бардавом гардид, ки як катор минтақаҳои Ҳиндустон ба гуруснагии шадид рӯ ба рӯ гардида, беқурбшавӣ ва коҳиши босуръати захираҳои молиявӣ ба назар мерасид. Дар ин ҳол, моҳи июли соли 1965 Президенти ИМА Линдон Донсон фармон дод, ки содироти кӯмаки озукаворӣ ба самти Ҳиндустон манъ карда шавад ва бо ин роҳ мехост ба Ҳиндустон фишори сиёсӣ расонад. Чунин амал ба муносибатҳои ҳинду - амрикоӣ зарари беандоза расонид. Дар солҳои минбаъда дар муносибатҳои ҳинду — амрикоӣ ягон пешравии назаррас дида намешавад. Муносибатҳои Ҳиндустон ва ИМА дар соли 1967 дар вакти ҷанги Осиёи Наздик боз ҳам тезу тунд гардиданд, зеро ки Ҳиндустон ба тарафдории арабҳо баромада (на ба тарафдории Исроил), мавқеи Иттиҳоди Шуравиро дар ин масъала датгирӣ менамуд.

Дар соли 1970 ИМА тақрибан Чинро ба сифати абарқудрати ҷаҳони дар баробари ИҶШС эътироф намуданд, аммо муносибати амрикоиҳо ба Ҳиндустон мисли пештара боқӣ монд - ҳамчун кишваре, ки дар сиёсати ҷаҳони нақши калонро бозӣ намекунад. Дар қатори вазъиятҳои низоомез байни ИМА ва Ҳиндустон мавқеи махсусро ҷанги байни Ҳиндустон ва Покистон дар соли 1971 ишғол менамояд, ки дар натаҷаи он давлатии мустақили Бангладеш таъсис ёфт.

Сатҳи пасти муносибатҳо байни Ҳиндустон ва ИМА дар давоми даҳсолаҳо ба он вобаста буд, ки Амрико - Ҳиндустонро на ҳамчун давлати бузург ва бонуфуз, балки ҳамчун кишваре, ки дар «сафи дуюм»-и кишварҳои ҷаҳон қарор гирифта, ба назар мегирифт.

Хулоса, Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз кишвархое мебошад, ки дар тули таърих дар зери тасарруфи кишварҳои абарқудрати дунё, аз ҷумла Британияи Кабир қарор дошт. Дар тули 200 соли дар ҳайати ин кишвар қарор доштанаш бешубҳа монеаҳои зиёде буданд, ки ба раванди рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи ин мамлакат таъсири манфӣ расонидааст. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (15 августи соли 1947) ва дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шуданаш, ҳамчун давлатӣ мустақил ин кишвар дар муҳлати хеле кутоҳ тавонист, ки ба таври мустақил муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи худро бо мамлакатҳои дунё дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба роҳ монад.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми касби истиқлолияти ин кишвар вазъият дар дунё хеле муташанниҷ гардида буд, ки ин ҳам рақобати шадиди абарқудратони дунё, Иттиҳоди Шуравӣ ва ИМА, ки дар таърих бо номи низоми дуқутба ёд мешавад, ба ҳисоб мерафт. Вале Ҷумҳурии Ҳиндустон тавонист, ки дар чунин шароити мураккаб сиёсати хориҷии худро дуруст ба роҳ монда, бетарафии худро дар ин шароит нигоҳ дорад, ки ин осон набуд.

Имрӯз Ҳиндустон ҳамчун як давлатӣ соҳибтамаддун ва таърихи тулонидошта, бо дарназардошти имконоташ муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи худро бо кишварҳои абарқудрати дунё ба монанди ИМА, Россия, Чин ва дигар кишварҳои мутараққии ҷаҳон дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ба роҳ монда истодааст. Коршиносон ба он назаранд, ки ин кишвар дарояндаи наздик метавонад ба як кишвари бузурги дунё табдил ёбад ва аз рӯи нишондодҳои иқтисоди аз давлатҳо абарқудрати дунё ба мисли ИМА, Чин ва Россия мегузарад (Мувофиқи назари Созмони умумиҷаҳонии меҳнат, то соли 2020 шаҳрвандони қобили меҳнат дар Ҳиндустон ба 116 млн. ва дар Чин бошад шаҳрвандони қобили меҳнат ба- 94 млн. баробар мегарданд).

**АДАБИЁТ**

1. Юрлов Ф.Н., Юрлова Е.С. История Индии XX век. / Ф.Н.Юрлов М. Институт востоковедения РАН, 2010, 920 с;
2. Ҳамрохон Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон -дирӯз ва имрӯз Ҷ1 / З.Ҳамрохон, Душанбе, «Ирфон», 2009, 296 с;
3. Маҳмудов М., Сотиволдиев Р. Ташабусси қонунгузори Президенти ҶТ ва аҳмията он дар рушди Давлати соҳибистиқлол / М.Маҳмудов. - Душанбе, «Эр-граф» 2002.
4. Мирзоев Н., Шарипов А. "Асосхои дипломатия". Китоби дарсӣ / Н.Мирзоев. - Душанбе, 2012.
5. Japayalan, N. (2008) Economic History of India / N. Japayalan, Delhi: Atlantic publishers and Dist.
6. Joshi, V, & Little. (1994) India, Macro Economics and Political Economy, 1964-1991. World Bank, Washington D.C.
7. Kohli, A. (2006). Politics of economic growth in India, 1980-2005: Part II: The 1990s and beyond. *Economic and Political Weekly*, 1361-1370.

8. Krieger, Joel. (2013) The Oxford Companion to Comparative Politics. Oxford.

## СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ҲИНДУСТОН ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ ДУҚУТБИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ МУОСИР

Касби истиқлолият дар назди роҳбарияти Ҳиндустон ҳалли як қатор ҳадафҳои мушкилро пеш овард, ки маҳви қашшоқӣ ва бесаводӣ дар навбати аввал меистод. Ҳокимият бо сардории Ҷ. Неру роҳи инкишофи демократиро интихоб намуд. Барои рушди давлат чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Яке аз натиҷаҳои муҳимми рушди Ҳиндустон – таҳкими он ҳамчун давлати ягонаи демократӣ мебошад. Конститутсия ва тамоми механизми идорӣ аз сатҳи боло то сатҳи поёнӣ барои ҳимояи ягонагии давлат роҳ надоданд. Ба ҳар ҳол, дар ин давра ҳукумати Ҳиндустон ба мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки ин боиси сар задании низоъ ва зидиятҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ гардид. Вале давлат тавонист, ки онҳоро бо роҳи сулҳҷӯёна ҳал намояд, аз ҷумла бо роҳи тағйир додани конститутсия. Дар охири асри XX Ҳиндустон комёбиҳои бузургро дар соҳаҳои муосири теханлогияи олӣ ба даст оварда, дар бисёр соҳаҳои калидии илм, техника ва иқтисод кашфиётҳои назаррасро пайдо намуд. Аллбатта, ҳамаи ин дар натиҷаи меҳнати чандинсолаи аҳолӣ ва талоши дарёфти мавқеи мусоид дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба даст омадааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Ҳиндустон, аҳолӣ, комёбиҳои бузург, технологияи олӣ, муосир, конститутсия, чандинсола, сулҳҷӯёна, кашфиётҳои назаррас, мавқеъи мусоид, иҷтимоию сиёсӣ.

## НЕЗАВИСИМОСТЬ ИНДИИ И ЕЕ РОЛЬ В ДВУПОЛЯРНОЙСИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

После приобретения независимости под руководством Индии привело к решению ряда сложных задач, одной из которых было искоренение нищеты и неграмотности. Правительство под руководством Дж. Неру выбрал путь демократического развития. Для развития страны были приняты необходимые меры. Один из основных результатов развития Индии было его укрепление в качестве единого демократического государства. Конституция и весь механизм управления от высшего до низшего уровня были необходимы для защиты единства государства. Однако в этот период правительство Индии столкнулось с серьезными трудностями, что привело к возникновению конфликтов и противостояний между различными общественно-политическими группами. Однако правительству удалось решить их мирным путем, в том числе путем внесения поправок в конституцию. К концу XX века Индия добилась больших успехов в современных высоких технологиях и сделала значительные открытия во многих ключевых областях науки, техники и экономики. Безусловно, все это результат многолетнего упорного труда населения и усилий по поиску благоприятного положения в мировом сообществе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: Индия, населения, великие достижения, высокие технологии, современньи, консултоция, многолетнее, мирное, значательные открытия, выгодное, положения, социальное, политическое.

## INDIA'S INDEPENDENCE AND ITS ROLE IN THE BIPOLAR SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS

Since independence under the leadership of India has led to the solution of a number of difficult tasks, the eradication of poverty and illiteracy has been a priority. The government led by J. Nehru chose the path of democratic development. Necessary measures were taken for the development of the country. One of the main results of India's development was its strengthening as a unified democratic state. The constitution and the entire mechanism of government from the highest to the lowest level were necessary to protect the unity of the state. However, during this period, the government of India faced serious difficulties, which led to conflicts and confrontations between various socio-political groups. However, the government managed to resolve them peacefully, including by amending the constitution. By the end of the 20th century, India had made great strides in modern high technology and made significant discoveries in many key areas of science, technology and economics. Of course, all this is the result of many years of hard work of the population and efforts to find a favorable position in the world community.

**KEYWORDS:** India, population, great achievement, high technology, modern, consultation, perennial peocefull, Noticeaple discovery, Fortunate position, Social, political.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шукурзода Бахриддин Файзалӣ*** – магистри курсаи дуюми кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ. Телефон: **+992-93-146-55-06.**

**Сведение об авторе:** ***Шукурзода Бахриддин Файзали*** - магистр второго курса кафедры Зарубежнего Регионоведения факультета Международных Отношений ТНУ. Телефон:**+992-93-146-55-06.**

**Information about the author:** ***Shukurzoda Bahriddin Faizali*** – second – year master`s student of Faculty of International Relations TNU. Phone: **+992-93-146-55-06.**

## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ

# МОҲИЯТИ АХЛОҚӢ-ГУМАНИСТИИ КОРИ ИҶТИМОӢ

***Муллобоева Д. А., Тошов А. Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат амалӣ намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қишри осебпазири ҷомеа ва умуман аҳолӣ, пешгирӣ намудани ноадолатии иҷтимоии ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Арастуи бузург қайд намудааст, ки «сохтори беҳтарини давлатӣ ҳамоне эътироф карда мешавад, ки сохтори он барои ҳар як инсон шароити хуби зиндагии ҳаррӯза ва саодатмандонаро имкон медиҳад» [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ мебошад, дорои сиёсати иҷтимоии ба худ хос мебошад, ки он пеш аз ҳама ба беҳтар кардани некӯаҳволии мардум ва таъмини шароити арзандаи зисту зиндагонии шаҳрвандон равона гаридидааст. Дар давлатҳои иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ барои ноил шудан ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон равона гардида, ин амал ба зиммаи ниҳодҳо ё субъектҳои иҷтимоии он вогузор гардидааст. Беҳбудӣ ва беҳдошти зиндагии мардум, некӯаҳволии иҷтимоии шахс ва рушди ӯ ҳамчун мақсади асосии давлат дар соҳаи иҷтимоӣ муайян карда шудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки нишондодҳои рушди инсон аз 3 самти асосӣ - дастрасӣ ба таҳсилот, тандурустӣ ва дарозумриву некӯаҳволии зиндагӣ иборат мебошад [7. 135]. Ҳамчунин, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таъминоти иҷтимоӣ дарҷ гардидаанд. Тибқи Конститутсия ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад (моддаи 35).

Ҳифзи иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар ҳама давраҳои таърихӣ яке аз ҷойи муҳим ва муайянро ишғол мекунанд, чунки инсон дар раванди иҷтимоишавии худ пайваста дар муносибат аст. Муносибатҳои иҷтимоӣ инсонро дар давоми ҳаёташ ҳамроҳӣ мекунанд ва мавқеи ӯро дар ҷомеа муқаррар менамоянд. Робитаҳои гуногун байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо, миллатҳо, ки дар рафти ҳаёт ва фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии онҳо ба миён меоянд. Муносибатҳои иҷтимоӣ дар робитаи мутақобили диалектикӣ бо муносибатҳои шахсии одамон вуҷуд доранд. Таъсири мутақобили муносибатҳои иҷтимоӣ ҷиҳатҳои муҳимми муносибатҳои шахсиро муайян менамояд. Одамон баробари истеҳсоли неъматҳои моддӣ муносибатҳои иҷтимоии худро низ ташаккул медиҳанд. Дар чунин протсесс шаклҳои муносибати иҷтимоӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд.

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, муносибатҳои иҷтимоӣ ин муносибатҳои гуногуни иҷтимоие мебошанд, ки дар ҳамкории иҷтимоӣ бо мавқеи одамон ва вазифаҳое, ки онҳо дар ҷомеа иҷро мекунанд, алоқаманданд. Муносибатҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ дар низомҳои гуногуни ҷамъиятӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Хусусияти онҳо маҳз аз мавҷудияти чунин муносибатҳои бунёдӣ, ибтидоӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, ки ба фазои зисти онҳо, воситаҳои такрористеҳсолкунӣ ва бо беҳбудии зиндагӣ алоқамандӣ доранд. Дар ин замина, тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аз сиёсӣ то иҷтимоӣ - маишӣ ва аз саноату иқтисод то бадеӣ - эстетикӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ сохта мешаванд. Дар ин муносибатҳо ҳам вобастагии ибтидоии онҳо, муносибатҳои заминавии азхудкунӣ, истифодабарӣ, ихтиёрдорӣ ва тақсимот, тасарруф, истеъмол таҷдид мешаванд, ки дар раванди ҳамбастагии қувваҳои ҳаёти инсон ва воситаҳои зиндагии ӯ пайдо мешаванд. Мафҳуми муносибатҳои иҷтимоӣ таърифҳои гуногун дорад, масалан:

• Муносибатҳои ҷамъиятӣ маҷмуи робитаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ байни аъзоёни ҷомеа мебошанд.

• Муносибатҳои иҷтимоӣ - муносибатҳои одамон ба якдигар мебошанд ва аз шаклҳои таърихан муайяншудаи иҷтимоӣ, дар шароити мушаххаси ҷой ва замон иборатанд.

• Муносибатҳои иҷтимоӣ - муносибатҳои байни субъектҳои иҷтимоӣ дар бораи баробарҳуқуқии онҳо ва адолати иҷтимоӣ ҳангоми тақсимоти неъматҳои ҳаёт, шароити ташаккули шахсият, қонеъ кардани ниёзҳои моддӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд.

• Муносибатҳои иҷтимоӣ он муносибатҳое мебошанд, ки дар байни гурӯҳҳои калони одамон барқарор карда мешаванд. Барои аёнияти муносибатҳои ҷамъиятиро ба иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ҷудо кардан мумкин аст. Муносибатҳои иҷтимоӣ танҳо дар намудҳои мутақобилаи байни одамон, яъне муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар раванди он ин одамон мақом ва нақшҳои иҷтимоии худро дар ҳаёт таҷассум мекунанд, зоҳир мешаванд ва худи мақомҳо ва нақшҳо марзҳои хеле возеҳ ва қоидаҳои хеле сахт доранд. Муносибатҳои иҷтимоӣ ба мавқеъҳо ва мақомҳои иҷтимоӣ иртиботи муайян медиҳанд. Масалан, муносибати савдо байни омилҳои асосӣ, ин додугирифти фурӯшанда ва харидор дар ҷараёни муомила (хариду фурӯш) мебошад.

Ҳамин тариқ, муносибатҳои иҷтимоӣ бо ҳамкории иҷтимоӣ алоқамандии зич доранд, гарчанде ки онҳо мафҳумҳои шабеҳе нестанд, ки маънои як чизро дошта бошанд. Аз як тараф, муносибатҳои иҷтимоӣ дар амалияҳои (мутақобилаи) иҷтимоии одамон амалӣ мешаванд; аз тарафи дигар, муносибатҳои иҷтимоӣ шарти ҳатмии амалияҳои иҷтимоӣ мебошанд - шакли устувори муқарраріи собитшудаи иҷтимоӣ, ки тавассути он татбиқи ҳамкориҳои иҷтимоӣ имконпазир мегардад. Муносибатҳои иҷтимоӣ системаи вобастагиҳои гуногуни устувори байниҳамдигарӣ мебошанд, ки дар байни шахсони алоҳида, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ва ҷомеаҳои онҳо, инчунин дар доираи охирин дар раванди фаъолияти иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра ва татбиқи мақомҳои иҷтимоӣ ва нақшҳои иҷтимоии онҳо ба вуҷуд меоянд. Маълум аст, ки ҳеҷ инсон наметавонад зиндагии хешро бидуни ин паддидаҳо ба роҳ монад ва бинобар ҳамин ҳам ӯ барои таъмини ниёзу талаботи хеш вориди муносибат бо афроду гуруҳҳои иҷтимоӣ, муассисаҳою ташкилотҳои мухталиф мешаванд. Инсонро таъмини манфиатҳояш водор месозад, ки ӯ вориди муносибатҳои иҷтимоӣ шавад. Муносибату алоқаҳои индивид бо объектҳои қайдгардида метавонад бевосита, фаъол ва ғайрифаъол сурат гирад.

Бешубҳа, ҷомеа ва давлат ба барқарор намудани муносибат байни гурӯҳҳо ва қишрҳои иҷтимоӣ манфиатдоранд, ки ин ҷустуҷӯ ва истифодаи механизмҳои гуногуни танзим ва назорати муносибатҳои иҷтимоиро ба миён меорад, ки дар робита ба ин самти иҷтимоии фаъолияти давлат аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Муносибатҳои иҷтимоӣ ба таври анъанавӣ объекти идоракунии давлатӣ, танзим ва назорат мебошанд, ки дар санадҳои асосии қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд. Сиёсати иҷтимоӣ яке аз механизмҳои муассири танзим ва назорати муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Ҳадафи сиёсати иҷтимоӣ танзими муносибатҳои байни ҷомеа ва субъектҳои инфиродии иҷтимоӣ: ҷамоатҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, шахсони алоҳида мебошад. Вазифаи муҳимтарини сиёсати иҷтимоии давлат таъмин намудани такрористеҳсолкунии захираҳои иҷтимоӣ мебошад, ки бутунӣ, динамизм, устувории низоми иҷтимоӣ, ба даст овардани сатҳи муайяни тавозуни иҷтимоӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро муайян мекунад. Сиёсати иҷтимоӣ барои мусоидат ба пурратар қонеъ гардонидани талаботи ҳаётӣ ва иҷтимоии инсон таҳия шудааст. Дар ин асос муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин такрористеҳсолкунии иҷтимоӣ ва рушди гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва робитаҳои байни онҳо ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, сиёсати иҷтимоии давлат бояд ба фароҳам овардани шароите равона карда шавад, ки зиндагии шоиста ва рушди озоди инсонро таъмин кунанд [2]. Дар заминаи тағйиротҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва технологӣ сиёсати иҷтимоӣ дар мундариҷаи худ бояд ба ҳифзи иҷтимоӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва амнияти иҷтимоии табақаҳои ниёзманд ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебдидаи аҳолӣ ва дар натиҷаи он ба афзоиши ҳифзи иҷтимоии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ равона карда шавад. Аз ин рӯ, системаи кори иҷтимоӣ дар айни замон ба яке аз механизмҳои муҳимтарини татбиқи сиёсати иҷтимоӣ табдил меёбад.

Кори иҷтимоӣ дар муносибатҳои диалектикӣ бо сиёсати иҷтимоии давлат қарор дорад. Ин аз равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавии ҷомеа вобаста аст, ки асоси кори иҷтимоиро ташкил медиҳанд ва мазмуни ҳам сиёсати иҷтимоӣ ва ҳам кори иҷтимоиро муайян мекунанд. Ҳамзамон, тавре ки коршиносон қайд мекунанд, кори иҷтимоӣ нисбат ба сиёсати иҷтимоӣ, ки мундариҷаи асосӣ, шаклҳо, усулҳо, самтҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳо ва параметрҳои дигарро муайян мекунад, бештар динамикӣ, мобилӣ, бойтар аст. Аммо

сиёсати иҷтимоӣ, инчунин таъсири мутақобиларо дар кори иҷтимоӣ аз сар мегузаронад, ки нақши бозгашти иттилоотиро мебозад ва барои тасҳеҳи самтҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ маълумот медиҳад [6.саҳ 34].

Кори иҷтимоӣ ба таъмини зиндагии шоиста, фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои рушди озодонаи шахс, дастгирии оила, таъмини шароити зиндагии кофӣ барои интихоби озоди фаъолият, мусоидат ба худидоракунӣ равона шудааст. Дар ниҳояти кор, системаи кори иҷтимоӣ муҳимтарин вазифаи давлат ва ҷомеаро оид ба субот ва ҳифзи ҷомеа, нигоҳдорӣ, инсонгароӣ ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо иҷро мекунад. Дар воқеъ, ин яке аз омилҳои муҳимми таъмини субот ва амнияти давлат ва ҷомеа, иштирок дар ташаккули шароити рушди онҳо мебошад.

Кори иҷтимоӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ мақоми хосса дорад. Он механизмҳои иҷтимоӣ ва равандҳои ҳамкории иҷтимоиро бо мақсади ҳалли мушкилоти муштариён, ки аз таъсири омилҳои гуногуни биологӣ ва иҷтимоӣ ба миён меоянд, ҳамчун объекти худ қарор медиҳад.

Кори иҷтимоӣ барои тадриҷан баланд бардоштани некӯаҳволии одамон, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун василаи пайвасткунанда хизмат мекунад. Вазифаи асосии кори иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти ҷамъиятӣ беҳтар намудани ҳолати инсон, хубтар гардонидани шароитҳои ҳаётии ӯ, таъмин намудани фаъолияти самаранок ва амали иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар оила, коллектив ва умуман ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Хулоса, байни муносибатҳои иҷтимоӣ ва кори иҷтимоӣ муносибати диалектикӣ вуҷуд дорад. Муносибатҳои иҷтимоӣ, мундариҷа ва шаклҳои кори касбии иҷтимоии ҷомеаро муайян мекунанд ва дар навбати худ, кори иҷтимоӣ ба сохтор, мундариҷа ва ҳолати муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа таъсир мерасонад.

### АДАБИЁТ


1. Аристотель. Сочинения: в 4 томах. Т.4, стр.460 -462, 591.
2. Кори иҷтимоӣ: Фарҳанги мухтасари энсиклопедияи тоҷикӣ-русӣ–Душанбе 2010.
3. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Адиб – 2012.
4. Маҳмадуллозода Н. Р. Ҳуқуқи таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ/ Н. Р Маҳмадуллозода. - Душанбе. С. 2020
5. Мирзоев З. Асосҳои фалсафаи марксистӣ-ленинӣ / З.Мирзоев. - Душанбе, 1976.
6. Медведева Г. П. Философия социальной работы /Г. П. Медведева - «КноРус», 2018. – 57 с.
7. Муллобоева Д.А. //Перспективы развития социальной работы как професии в Таджикистане//.Вестник ТНУ. 2020 №1. стр135.
8. Основы социальной работы. Учебник./отв. ред, П.Д. Павленск, -М., 2006.стр. 6
9. Григорьев С.И. Социальная работа: шведский вариант в первом приближении / С.И. Григорьев Барнаул, 1991.
10. Концепция государственной социальной службы помощи населению: Семье и личности / Под ред. Л.С. Ржанициной. М., 1992.
11. Социальная сфера: преобразование условий труда и быта. М., 1988.


### МОҲИЯТИ АХЛОҚӢ-ГУМАНИСТИИ КОРИ ИҶТИМОӢ


Дар мақолаи мазкур мақоми кори иҷтимоӣ дар сохтори муносибатҳои иҷтимоӣ равшан карда шудааст. Ҷиҳатҳои диалектикии робитаи мутақобилаи муносибатҳои иҷтимоӣ бо муносибатҳои шахсии одамон, давлат, синфҳо, гуруҳҳо ошкор гардидааст. Аз назари илмӣ таърифҳои гуногуни мафҳуми муносибатҳои иҷтимоӣ дода шуда, таҳлилу баррасӣ ёфтааст. Ҳадафи асосии муаллиф муайян кардани нақш, мақом, аҳамият ва хусусиятҳои асосии муносибатҳои иҷтимоӣ дар фаъолияти касбии мутахассиси кори иҷтимоӣ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** кори иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, корманди иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ.


### МОРАЛЬНО-ГУМАНИСТИЧЕСКИЙ ХАРАКТЕР СОЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ


В данной статье автором рассматривается статус социальной работы в структуре общественных отношений. Раскрываются диалектические аспекты взаимодействия общественных отношений с личностными отношениями людей, государства, классов, групп. С научной точки зрения даны и проанализированы различные определения понятия социальных отношений. Основная цель автора - определить роль, статус, значение и основные особенности социальных отношений в профессиональной деятельности специалиста по социальной работе.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** социальная работа, социальные отношения, социальный работник, социальная политика

**MORAL AND HUMANISTIC CHARACTER OF SOCIAL WORK**

In this article, the author examines the status of social work in the structure of social relations. The dialectical aspects of the interaction of social relations with the personal relations of people, states, classes, groups are revealed. From a scientific point of view, various definitions of the concept of social relations are given and analyzed. The main goal of the author is to determine the role, status, significance and main features of social relations in the professional activity of a specialist in social work.

**KEYWORDS:** social work, social relations, social worker, social policy

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муллобоева Дилфуза Абдусамадовна* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи кори иҷтимоӣ. Телефон: **928489498.**
***Тошов Абдулрашид Ҳомидович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси кори иҷтимоӣ.

**Сведение об авторах:** ***Муллобоева Дилфуза Абдусамадовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры социальной работы. Телефон: **928489498.**
***Тошов Абдулрашид Хомидович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности социальной работы.

**Information about the authors:** ***Mulloboeva Dilfuza Abdusamadovna*** – Tajik National University, candidate of Philosophy sciences, Associate professor of the Department of Social work. Phone: **928489498.**
***Toshov Abdulrashid*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty of social work.

# ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

## ПУБЛИТСИСТИКА ДАР ПАЖӮҲИШҲОИ ИЛМИИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК

*Юсуфов И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Публитсистика ҳамчун соҳаи эҷод таърихи тулонӣ дошта, ҳанӯз қабл аз пайдоиши матбуоти даврӣ дар шаклҳои гуногун рушду нумӯ кардаву шакл гирифтааст. Омӯзишҳо ва натиҷаи таҳқиқотҳои илмии публитсистика аз он дарак медиҳанд, ки ду шакли баёни публитсистӣ: шифоҳиву хаттӣ маъмул будааст. Намунаҳои шакли шифоҳиро воизиву суханварӣ ва хаттиро таърихнигориву сафарноманависӣ ташкил медодааст. Ҳатто баъзе рубоиву дубайтӣ ва ё порчаҳои назмиву насрии халқӣ новобаста ба арзиши баланди маънавиву эҷодӣ доштан, авзои замони муайянро нишон медиҳанд. Пас маълум мешавад, ки публитсистика замоне ба вуҷуд омадааст, ки ҳанӯз хат пайдо нашуда буд. Муҳаққиқони тоҷик ба омӯзиши публитсистика солҳои 80-уми асри XX дар такя ба корҳои таҳқиқии муҳаққиқони Шуравӣ аз ҷумла Учёнова В. Г, Прохоров Е. П, Демидчик ва дигарон рӯ овварданд. Баҳси ин масъала аз пажӯҳишҳои М. Шукуров, С. Табаров, Р. Мусулмониён, И. Усмонов, А. Саъдуллоев шурӯъ гардида, баъдтар дар таҳқиқҳои М. Муродӣ, Н. Солеҳов, М. Абдуллозода ва дигарон идома ёфтааст. Омӯзиши публитсистика аз тарафи муҳаққиқони тоҷик аслан аз ду дидгоҳ сурат гирифтааст:

1) Аз нигоҳи адабиётшиносон;
2) Бо диди публитсистикашиносӣ.

Омӯзиши публитсистика аз тарафи адабиётшиносон бо тақозои замон сурат гирифта, унсурҳои он дар контексти накди адабӣ ва ё тадқиқи бадеӣ баррасӣ шудааст. Аз ҷумла, Муҳаммадҷон Шукуров ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта баҳси байни публитсистика ва адабиётро ба миён гузошт. Ба андешаи ӯ чун публитсистика ба арсаи эҷод омад, адабиёт аз беху реша дигар шуду мазмуни он тамоман тағйир ёфт. Аз ин рӯ, мавсуф бар он назар аст, ки «публитсистика адабиёт аст, вале адабиёт публитсистика нест» [11, с.122]. Дар нигоштаҳои ин адабиётшинос ба вижагиҳои афкори адабӣ бештар таваҷҷуҳ шавад ҳам, чунин афкор бидуни рӯҳи публитсистӣ буда наметавонад.

Мунаққид Соҳиб Табаров публитсистика ва ё рӯҳи публитсистиро дар бофтори накди адабӣ ба баррасӣ кашидааст. Ба назари ӯ ҳар гуна асар ифодакунандаи рухи замон аст, нависанда ва ҳамчунин мунаққид фарзанди ин ё он замон мебошанд. Мунаққид ва ё публитсист «ҳамчун одами зиндаи ҳар як макону замон, давраи мушаххаси таърихиву адабӣ наметавонад дар тарафи ин ва ё он синф, табақаву гурӯҳи иҷтимоӣ, фирқаву ҳизб, созмону иттифоқ, иттиҳодияву ташкилот, дину кешу мазҳаб ва монанди инҳо набошад ва фикру ақида, мафкураву ҷаҳонбинии яке аз онҳоро ифода ва дастгирӣ накунад, аз комёбиҳои тарафдорони худ хурсанд нашавад, аз ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухолифони идеологии хеш ба ғазаб наояд…» [12, с.34-35].

С. Табаров бештар бо рӯҳияи замон сару кор гирифтааст, яъне фарзанди як замон, хусусан публитсист ба ҷамъияту давлату миллати худ чӣ гуна хидмат мекунад: «Беғалат фаҳмидану фаҳмондан, дарк намудану донистан, бо бурҳону далел ва маводу ҳуҷҷат тасдиқу исбот кардану кунонидан, ақидаву фикри росту дуруст ва ҳақиқиро гуфтан, мақсаду мароми худро боварибахшона ба шахсони дигар пешбарӣ карда тавонистан ва амсоли онҳо вазифаи ҳар як шахс, аз ҷумла вазифаи мунаққиди мунаққиди адабӣ ҳисоб меёбад» [12, с.19].

Вазифаи публитсист, ки чӣ баҳодиҳӣ, чӣ таҳқиқу таҳлили асари нависанда аст, беғалат ва холисона ба хонанда расондан мебошад. Ғаразнок кор кардани публитсист хиёнате беш нест. «…ӯ (мунаққид И.Ю) дар ҳеҷ ҳолат ҳақ надорад, ки дар хусуси касе ва чизе, аз ҷумла дар бораи нависанда, ё асари бадеӣ ва ҷараёни адабиёти муосир фикру андешаи рӯякӣ ва сарсарӣ баён кунад, хукми беасос, бе ҳуҷҷату бе далел ва хушку холӣ барорад, чунки он гуна

ҳукм ва фикру андеша ба зарари адабиёти бадеӣ, халқу миллат ва ҷамъияту инсоният хидмат менамояд» [12, с.20].

Як хусусияти публитсистика мисли танқиди адабӣ баҳодиҳӣ аст, он (чун нақди адабӣ) на фақат хидмати идеологӣ, балки хизмати ҷамъиятӣ мекунад. Ин ҷанбаҳо дар асарҳои С. Табаров бештар хосияти баҳодиҳиву идеологӣ доранд, аммо манфиати ҷамъиятиву муаррифии асари таҳқиқшуда камтар ба назар мерасад. Омӯзиши публитсистика аз тарафи муҳаққиқони соҳа дар ду шакл сурат гирифтааст: дар қолаби воситаи таълимӣ ва дар шакли рисолаву монографияҳои илмӣ. Оид ба чигунагии публитсистика профессор И. Усмонов дар воситаи таълимии «Назарияи публитсистика» маълумоти фаровонеро ироа намудааст. Ӯ бештар мафҳуми публитсистика, замон ва сиёсат, унсурҳои хоси публитсистика, публитсист, журналист ва вазифаву ҳуқуқҳои онҳоро маънидод намудааст. Чизи муҳим он аст, ки муҳаққиқ бештар ба таърихияти публитсистика назар афканда, публитсисту журналистро бо диди замон баҳо медиҳад. «Журналист хабар мерасонад ва публитсист таҳлил мекунад. Чи ҷойи шубҳа, ки ин ду сифат дар симои як кас таборуз кунад» [13, с.10]. Ҳамин муаллиф аз аввалин муҳаққиқоне мебошад, ки шинохти назарии жанрҳои публитсистикаро низ таҳқиқ кардааст. Ӯ жанрҳои публитсистикаро аз диди замон таҳлилу арзёбӣ намудааст. Чунончи муҳаққиқ М.Муродӣ навиштааст: «И. К. Усмонов дар шинохти жанрҳои публитсистика ва анвои он ба анъанаи мавҷуда такя намояд ҳам, дар нисбати ҷойгузинии жанрҳо ба гурӯҳҳо ва шинохти баъзе жанрҳо назари навро талқин мекунад. Дар таснифоти ӯ жанрҳо ба се гурӯҳ: хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ ҷудо шуда, мухбирнома ба гурӯҳи жанрҳои ахборӣ кӯчида, табсира ҳамчун жанри таҳлилӣ арзёбӣ мегардад» [6, с.104].

Муҳаққиқи дигар, ки ба шинохти жанрҳои публитсистика таваҷҷуҳ намудааст, М.Муродов аст. Муносибати ин муҳаққиқ низ эҷодкорона аст. Ӯ дар баробари ба се гурӯҳ тасниф шудани жанрҳои публитсистикаро ҷонибдорӣ намудан, жанрҳои гурӯҳи сеюмро боз ба ду зергурӯҳ: публитсистию бадеӣ – лавҳа ва очерк ва жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ: фелетон, памфлет, луқма, пародия, эпиграмма, шарж ё ҳазли рафиқона ҷудо мекунад. Ҳамчунин, мухбирномаро ҳамчун жанри таҳлилӣ арзёбӣ намуда, суҳбатро чун жанри таҳлилӣ ба ин гурӯҳ ворид намудааст.

Ҳанӯз дар миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX муҳаққиқон Саъдуллоев ва Гулмуродзода дар воситаи таълимии «Ҳамосаи инсони кор» вижагиҳои жанри очеркро тариқи таҳлили намунаҳо нишон додаанд. Аз он ҷумла, муаллифон ба пайдоиши очерк, ҳадафи ин жанр, ҳақиқат ва бадеият дар очерк, қаҳрамони очерк, анвои очерк, лабораторияи очеркнависӣ, чеҳраофаринӣ дар очерк ва амсоли ин таваҷҷуҳ намуда, дар такя ба маводи матбуоти замони Шуравӣ фикри худро асоснок ва дар баъзе маврид проблемагузорӣ ва раҳнамоиҳо низ кардаанд. Масалан, дар мавриди ҷамъоварии маводи очерк муҳаққиқон чунин назарияро пешниҳод кардаанд: «Бад-ин тартиб ҷамъоварии факти очерк се марҳаларо тай мекунад:

1) Шинохти умумии қаҳрамон, ки дар ин замина огоҳӣ аз кору шуғли берун аз пеша, муҳити қаҳрамон ва хислати вижаи вай лозим аст;
2) Шинохти қаҳрамон аз тариқи суҳбати озод ва иртибот додани баъзе вақоеъ бо зиндагии вай;
3) Ҷамъоварии назари атрофиёни қаҳрамон дар бораи ӯ, назари идора ва ё созмоне, ки дар он кор мекунад, назари идораҳои давлатӣ дар бораи вай ва амсоли он» [7, с.58].

Ин муҳаққиқон очеркро аз ду дидгоҳ баррасӣ кардаанд, ки бидуни шубҳа раванди очеркнависиро фаро мегирад:

1) Мавқифи инсон дар инкишоф, ташкилу мазмуни кор.
2) Мавқифи кор дар ташкилу ҳамоҳангсозии ҷомеа [7, с.29].

Дар дастури таълимии С. Табаров оиди нақди адабӣ ҳам, жанрҳои нақди адабӣ гурӯҳбандӣ шуда, мунаққид тақриз, мақола, хулоса, муколама, руқъа, эссе, нақиза ва ғайраҳоро жанрҳои танқиди адабӣ номидааст [12, с.34]. Вижагиҳои баррасии ин муаллиф он аст, ки ӯ ҳангоми шарҳу маънидоди аносири ин ё он жанр ба табиати соҳа ва талаботи он низ эътибор медиҳад. Масалан, мунаққид, адабиётшинос ва публитсист метавонанд тақриз нависанд. Жанр як аст, аммо мақсад гуногун. Мунаққид ба асар баҳои идеологӣ медиҳад, ки ин асар то кадом андоза ба сиёсати замон наздик аст ва онро баён кардааст.

Адабиётшинос бошад баҳои адабиву эҷодӣ медиҳад, яъне аз маҳорати эҷодкории нависанда то муҳиммияти асар дар адабиёт. Аммо публитсист ғайр аз он ки рӯҳияи замонро дар асар ҷустуҷӯ кунад, нафъи онро ба ҷомеа низ аз мадди назар дур намекунад.

Н. Солеҳов ва А. Саъдуллоев дар маводи дарсии «Муаммои назарияи публитсистика» ба ин соҳа бештар аз нигоҳи фалсафӣ нигариста, методҳои индуктивӣ, маърифат, усулҳои исбот, коммуникатсия, инсон ва коммуникатсияи оммавӣ ва ғайраҳоро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Эшон танҳо дар баъзе маврид ба чигунагии публитсистика ишора намудаанд. Барои ҳамин ҳам, муаммои назарияи фалсафӣ – коммуникативии публитсистика баён шуда, муаммои худи назарияи публитсистика чандон равшан нашудааст. Масалан, дар чанд маврид оиди публитсистика фикри худро баён кардаанд, аммо норавшанӣ ба хубӣ аён гардида, ақидаҳо каме шарҳу тавзеҳ мехоҳанд: «публитсистика қувваи бузурги фаъолияти ҷамъиятӣ- сиёсӣ мебошад» [11, с.12].

«Муаммои назарияи публитсистика» бештар хусусияти муқаддимаи назариявӣ дорад.

Аз солҳои 90-ми асри XX ҳамчун объекти таҳқиқи илмӣ мавриди омӯзиш қарор додани публитсистика шурӯъ гардид. Яке аз аввалин пажӯҳишгарон дар ин самт А. Саъдуллоев маҳсуб меёбад. Мавсуф муҳаққиқи соҳибмактаб буда, оиди публитсистика пажӯҳишҳои зиёде анҷом додааст.

«Хосияти адабиёт»-и ӯ яке аз аввалин таҳқиқотҳои монографӣ оиди публитсистика буда, баҳси чигунагии насри мустанад ва навъҳои жанрии он, хусусан очерку публитсистикаи бадеӣ ва амсоли инро фаро мегирад. Дар ин таҳқиқот муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки сарҳади публисистика ва адабиётро нишон диҳад: «…рукни асосии насри мустанад оҳанги публитсистӣ доштани он будааст, ки чун воситаи офариниши асари мустанад хидмат менамояд. Ҷиҳати назаррасии оҳанги публитсистӣ дар болоравии ташвиқу тарғиби масъалаи мавриди муҳокима зоҳир мегардад» [8, с.4].

Ба ин манзур, муҳаққиқ заминаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии адиб бо замон, фаъолмандии иҷтимоии нависанда, образи публитсистӣ, такомули насри мустанади муосири тоҷик, ташаккули жанрҳо дар солҳои гуногун, таносуби воқеият ва бадеият дар осори мансурро ба таҳқиқ кашидааст. Ӯ оиди тавасути таҳқиқу воқеияти публитсистикаро дар осори адибон нишон додааст: «… публитсистика чун сухани нишонрасу бамаврид сол ба сол мағз андар мағзи ҳаёти халқро ба таҳқиқ гирифта, «ҷойҳои тунуку дастнораси ҳаёт» - ро муҷассам гардонда, гоҳо дар жанрҳои хурду сюжетҳои адабӣ (очерку фелетон) ва гоҳо дар жанрҳои берун аз фабула (мақолаҳои проблемавӣ, мусоҳибаю репортажҳо) муаммоҳои хеле ва хеле актуалиро ба муҳокима мегирад» [8, с.130].

Муҳаққиқи дигар, ки доир ба публитсистикаи замони муосир тадқиқотҳо анҷом додааст, Мурод Муродӣ мебошад. Ӯ бахусус дар кори таҳқиқиаш «Публитсистикаи ҳаҷвӣ» ба масъалаҳои омилҳои пайдоиши ҳаҷви публитсистӣ, тасвири воқеиёти ҳаётӣ дар эҷодиёти даҳонакии халқ, унсурҳои воқеагароёна дар ҳаҷви адабиёти классик, таъсири матбуоти рус ва дигар халқҳои Шуравӣ дар инкишофи ҳаҷви матбуотии тоҷик таваҷҷуҳ намуда, ташаккули ҳаҷви публитсистии тоҷикро дар иртибот ба сарчашмаҳои фолклору адабиёт ва матбуот баррасӣ кардааст.

Муҳаққиқ раванди ташаккул ва инкишофи публитсистика ва ҳаҷви публитсистиро давра ба давра тахқиқ намуда, вижагиҳои ҳар як давраро нишон додааст. Масалан, «Як муваффақияти публитсистика ва бурди ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти солҳои 1960-1980-ум дар он аст, ки дар ин давра дахолати адибон ба масъалаҳои иҷтимоии рӯҳияи публитсистӣ дошта зиёдтар мешавад, ки он баъдтар ба мактаби бузург мубаддал мегардад» [3, с.198]. Ин муҳаққиқ дар асари дигараш «Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ» низ баъзе масъалаҳои публитсистикаи замони истиқлолро ба баррасӣ кашидааст. Аз ҷумла, доир ба публитсист, консепсияи публитсистика, публитсистика ва рӯҳияи замон, таҳқиқи публитсистӣ дар замони истиқлол ибрози назар намудааст. Ба назари ӯ «Имрӯз таҳқиқи публитсистикаро метавон дар се ҷанба ба шакл даровард:

Якум, публитсистика ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ;

Дуюм, публитсистика ҳамчун фаъолияти маърифатноки инсон (эҷодкор);

Сеюм, публитсистика ҳамчун навъи мустақили фаъолияти эҷодӣ» [4, с.117].

Ҳамчунин, муҳаққиқ осори публитсистии Шералӣ Мӯсо, Бахтиёри Муртазо, Раҷабалӣ Аҳмад, Давлати Сафар ва дигаронро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба ин тариқа

ҷанбаҳои умумӣ ва хоссаи публитсистикаи дирӯзу имрӯзро нишон додааст: «агар дар публитсистикаи замони Шуравӣ тавсифи меҳнати бунёдкоронаи табақаи заҳматкаш, коргару деҳқон, чорводору зироаткор, подабону чупон, умуман онҳое, ки аслан ба меҳнати ҷисмонӣ сару кор доштанд, бартарӣ дошт, дар публитсистикаи имрӯз нишон додани чеҳраҳои сарвару роҳбар ва эҷодкор нисбатан афзалият пайдо кардааст. Гумон мекунам ин амри табиӣ ва тақозои замон буда, ҷойи баҳсро надорад. Аммо омӯзиши фаъолияти чунин инсонҳо дарки равонӣ ва касбиро мехоҳад, ки он басо мураккабу печдарпеч аст» [4, с.130].

Ҳамин тариқ, омӯзиши публитсистика на танҳо ҷанбаҳои назарии онро вусъат бахшидааст, балки барои инкишофи он мусоидат низ намудааст. Шинохти публитсистика аз диди адабиётшиносон ба сифати жанри адабӣ шурӯъ гардида, тавассути пажӯҳиши публитсистикашиносон ба ҳайси як соҳаи мустақили эҷод шинохта шудааст.

### АДАБИЁТ


1. Қутбиддинов, А.Ҳ. Хосияти публитсистика / А.Ҳ. Қутбиддинов, Ҷ.М. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
2. Муродов, М.Б. Асосҳои эҷоди журналистӣ (Китоби дарсӣ) / М.Б. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
3. Муродов, М.Б. Публитсистикаи ҳаҷвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) / М.Б. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с.
4. Муродов, М.Б. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ – Душанбе: Аржанг, 2017. – 224 с.
5. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии шинохти публитсистикаи муосир / М. Муродов. Саҳ. 217 - 287 // Осор / – Душанбе: Аржанг, 2019. – Ҷ. 6. – 480 с.
6. Муродов, М. Б. Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ / М. Б. Муродов.– Душанбе: Аржанг, 2019. – 160 с.
7. Саъдуллоев, А. Хамосаи инсони кор / А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода. – Душанбе, 1995. – 64 с.
8. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) / А. Саъдуллоев.– Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Саъдуллоев, А. Рангҳои зиндагӣ. Маҷмӯаи мақолот ва эссеҳо / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2007. – 344 с.
10. Садуллоев, А. Горизонты публицистики (сборник статей) / А. Садуллоев. – Душанбе, 2009. – 306 с.
11. Солеҳов, Н. Муаммои назарияи публитсистика / (Маводи дарсӣ) Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. Душанбе: Дақиқӣ, 2015. – 184 с.
12. Табаров, С. Асосҳои назариявии накди адабӣ (қ.3. дастури таълимӣ доир ба назарияи накди адабӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филология) / С. Табаров. – Душанбе, 1999. – 243 с.
13. Усмонов, И. Назарияи публитсистика (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисоси журналистика) / И. Усмонов.– Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 99 с.
14. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
15. Шукуров, М. Тадқиқи бадеӣ ва ҷанбаи публитсистӣ / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1976. - №1. – с. 111-122.


### ПУБЛИТСИСТИКА ДАР ПАЖӮҲИШҲОИ ИЛМИИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК


Публитсистика ҳамчун илм дар охирҳои асри XVIII ва аввалҳои XIX рушд карда бошад ҳам, доир ба он андешаҳо то ҳол гуногунанд. Публитсистика ҳамқадами замон буда, авзои вақти муайянро бозгӯ мекунад ва бевосита ё бавосита ба афкори омма таъсир мерасонад. Мавзӯи баҳси публитсистикаро наметавон пешакӣ муайян кард, чунки публитсистика дар бораи имрӯз мегӯяд. Агар публитсист оиди гузашта андешаронӣ кунад пас ин баҳодиҳӣ аст, ки публитсистикаи имрӯза онро ба худ касб кардааст. Адабиётшиносон онро ҳамчун жанри адабиёт муаррифӣ кардаанд. Чунки сараввал публитсистика дар қолаби таҷрибаи илми адабиётшиносӣ шакл гирифта, пасон ҳамчун ҷанбаи касбӣ рушд кардааст. Публитсистика аслан байни адабиёту журналистика меистад, аммо на адабиёт ва на журналистика дар алоҳидагӣ вазифаи публитсистикаро иҷро карда наметавонанд. Омӯзиши ҷанбаҳои назарии публитсистика аз тарафи муҳаққиқони тоҷик, дар замони Шуравӣ оғоз гардида, пас аз он идома ёфтааст. Бо мурури замон олимону муҳаққиқон ба воситаи пажӯҳишҳои илмӣ дар шакли мақолот ва китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ ҷиҳатҳои назариву амалии публитсистикаро дар такя ба далелҳои илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, асоси илмӣ доштани онро муайян ва соҳаи мустақили эҷод буданашро исбот кардаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, боз ҳам байни публитсистону адабиётшиносон андешаҳо мухталифанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** илм, публитсистика, жанр, журналистика, адабиёт, назарӣ, ҷанба, рӯҳия, муҳаққиқон, пажӯҳиш, касбӣ, публитсист, Шуравӣ, мавзӯъ, таълимӣ, амалӣ, далел, соҳаи эҷод, мустақил.


### ПУБЛИЦИСТИКА В НАУЧНОМ ИССЛЕДОВАНИИ ТАДЖИКСКИХ УЧЕНЫХ


Публицистика как наука развивалась в конце XVIII начале XIX веков, но мнения о ней все еще неоднозначны. Публицистика двигается вместо со временем, отражает текущую ситуацию и прямо или косвенно влияет на общественное мнение. Предмет публицистического исследования не может быть определен заранее, поскольку публицистика сегодня говорит сама за себя. Если публицист думает о прошлом, значит, он оценивает односторонне, и сегодняшняя публицистика его усвоила. Литературные критики охарактеризовали его как жанр литературы. Это связано с тем, что публицистика сначала формировалась в форме литературной критики, а затем развивалась как профессиональный аспект. Публицистика в основном находится между литературой и публицистикой, но ни

литература, ни журналистика не могут функционировать, как изолирует публицистика. Изучение теоретических аспектов публицистики таджикскими исследователями началось еще в советское время и продолжается с тех пор. Со временем ученые и исследователи с помощью научных исследований в форме статей, учебников и руководств проанализировали теоретические и практические аспекты публицистики на основе научных данных, определили ее научную основу и определили независимую область творчества. Несмотря на все это, среди публицистов и литературоведов по-прежнему существуют разногласия.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** наука, публицистика, жанр, журналистика, литература, теория, свойство, психика, исследователи, исследование, профессиональный, публицист, советский, предмет, образовательный, практический, факт, творческая сфера, независимый.

**PUBLICISM IN SCIENTIFIC RESEARCH OF TAJIK SCIENTISTS**

Publicism as a science developed in the late XVIII and early XIX centuries, but opinions about it are still ambiguous. Publicism moves instead over time, reflects the current situation and directly or indirectly influences public opinion. The subject of publicistic research cannot be determined in advance, since publicism today speaks for itself. If a publicist thinks about the past, it means that he evaluates one-sidedly and today's journalism has assimilated it. Literary critics have described it as a genre of literature. This is due to the fact that publicism was first formed in the form of literary criticism, and then developed as a professional aspect. Publicism is mainly between literature and journalism, but neither literature nor journalism can function, as publicism isolates. The study of theoretical aspects of publicism by Tajik researchers began in Soviet times and has continued since then. Over time, scientists and researchers, through scientific research in the form of articles, textbooks and manuals, analyzed the theoretical and practical aspects of publicism based on scientific evidence, determined its scientific basis and identified an independent field of creativity. Despite all this, there are still disagreements among publicists and literary critics.
**KEYWORDS:** science, publicism, genre, journalism, literature, theory, property, psyche, researchers, research, professional, publicist, Soviet, subject, educational, practical, fact, creative sphere, independent.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсуфов Ифтихор Абубакирович*** – магистри курси дуюми факултети журналистикаи ДМТ. Телефон: **(+992) 937-84-22-24**, E-mail: **iftikhor1998@mail.ru.**

**Сведение об авторе:** ***Юсуфов Ифтихор Абубакирович*** **-** магистр второго курса факультета журналистики ТНУ. Телефон: **(+992) 937-84-22-24**, E-mail: **iftikhor1998@mail.ru.**

**Information about the author:** ***Yusufov Iftikhor Abubakirovich*** – second-year master`s student of Faculty of journalism TNU. Phone number: **(+992) 937-84-22-24,** E-mail: **iftikhor1998@mail.ru.**

# ГЛАГОЛ КАК ЧАСТЬ РЕЧИ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

***Гулова Ш.Б.***

**Таджикский национальный университет**

Глагол - часть речи, обозначающая процессуальный признак – действие (писать, ходить, деть) или состояние (спать, ждать) - и выражающая это значение в грамматических категориях вида, залога, времени, числа, лица, наклонения и рода.

Будучи наиболее сложным по составу форм классом слов, глагол противопоставлен в системе частей речи именам как класс слов, обладающий формами спряжения и являющийся базой синтаксической категории предикативности.

Глаголы различаются по видам. К совершенному виду относятся глаголы, обозначающие ограниченное пределом целостное действие: сделать, написать, запеть, простоять. К несовершенному виду относятся глаголы со значением «неограниченное пределом нецелостное действие»: делать, писать, петь, стоять; пределом действия является завершение всего действия (Я прочитал книгу) или его части, в т. ч. начальной (Он запел). Значение целостности действия – это значение, представляющее доведённое до предела действие как единый акт, не членимый на фазы (начальную, конечную и т.п., ср. начал, продолжал, кончил петь, но не начал, продолжал, кончил спеть).

Залог глагола связан с выражением значений «совершить действие» (актив, действительный залог) и «испытывать воздействие» (пассив, страдательный залог). К действительному залогу относятся глаголы, значение которых не указывает направленности действия на предмет (или лицо), выраженный формой именительного падежа (Рабочие строят

дом; Ученики решают задачу). К страдательному залогу относятся глаголы с постфиксом-ся, имеющие значение действия, направленного на тот предмет (или лицо), который выражен формой именительного падежа (Дом строится рабочими; Задача решается учениками). Значение страдательного залога выражается также формами страдательных причастий (любим, любимый; читан, читанный; построен, построенный).

Все глаголы обладают грамматическим значением залога, но противопоставление по залогу образуют только переходные глаголы. Переходные глаголы сочетаются с именем, стоящим в винительном или (реже) родительном падеже без предлога и обозначающим объект действия: Ученики решают задачу; Сотрудники пишут отчёт; Мы ждём поезда.

Некоторые непереходные глаголы действительного залога имеют постфикс -ся. Такие глаголы называются возвратными глаголами: мыться (Он моется под душем), учиться, обниматься и др.

Формы глагола делятся на спрягаемые и неспрягаемые. Спрягаемыми формами являются формы времени, числа, лица, рода и наклонения. Изменение глагола по временам, числам, лицам, родам и наклонениям называется спряжением. Каждый глагол относится или к 1-му, или ко 2-му спряжению. Исключение составляют глаголы, называемые разноспрягаемыми, а также глаголы - дать, создать, есть, надоесть .

К 1-му спряжению относятся глаголы, имеющие следующие окончания в формах настоящего и будущего времени (в орфографической записи): -у, -ю (несу, бросаю), -ёшь, -ешь (несёшь, бросаешь), -ёт, -ет (несёт, бросает), -ем, -ем (несём, бросаем), -ёте, -ете (несёте, бросаете), -ут, -ют (несут, бросают). Ко 2-му спряжению относятся глаголы, имеющие в тех же формах следующие окончания: -у, -ю (кричу, хвалю ), -ишь (кричишь, хвалишь), -ит (кричит, хвалит,) -им (кричим, хвалим), -ите (кричите, хвалите), -ат, -ят (кричат, хвалят).

Категория времени глагола показывает отношение действия к одному из трёх реальных временных планов - настоящему, прошлому или будущему. Действие, отнесённое в план прошлого, выражается формами прошедшего времени (писал, сказал, убежал), в план настоящего – формами настоящего времени (пишу , говорю, бегу), в план будущего – формами будущего времени (буду писать, напишу; буду говорить, скажу; буду убегать, убегу). Глаголы несовершенного вида имеют все три формы времени (писал, пишу, буду писать), глаголы совершенного вида – лишь формы прошедшего и будущего времени (написал, напишу).

Категория наклонения глагола выражает отношение действия к действительности. Реальное действие, осуществляющееся в настоящем, прошедшем или будущем времени, выражается формами изъявительного наклонения: Он играет, играл, будет играть; сыграл, сыграет. Действие, к которому побуждают кого-либо, выражается формами повелительного наклонения: иди, беги, приготовь, приготовьте, идём, идёмте. Возможное, желаемое или предполагаемое действие выражается формами сослагательного наклонения (читал бы, приготовил бы).

Неспрягаемые глагольные формы – это инфинитив, причастие и деепричастие. Инфинитив, или неопределённая форма, называет действие, но не показывает его отнесенности к лицу, времени, действительности (его реальности или нереальности): писать, сыграть, везти, беречь, идти. Причастие и деепричастие, называемые также атрибутивными формами глагола, обладают, наряду с глагольными признаками, признаками прилагательного (причастие) и наречия (деепричастие). При этом причастие обозначает действие как атрибутивный признак предмета (читающий, ждавший, рассматриваемый, построенный), а деепричастие – как признак, характеризующий другое действие (читая, давая, прочитав, отдав, надувшись, замёрзши, возвратись, зайдя).

Формы глагола образуются от двух основ: основы прошедшего времени (чаще всего совпадающей с основой инфинитива) и основы настоящего времени. Основа прошедшего времени выделяется посредством отсечения суффикса -л- и родового окончания -а в форме прошедшего времени женского рода: писа-ла, вез-ла, греб-ла, ме-ла, тёр-ла, победи-ла. Основа настоящего времени выделяется посредством отсечения окончания в формах 3-го лица мн. ч. настоящего или простого будущего времени: пиш-ут, иг ра [ j - у ] m , вез-ут, греб-ут, тр-ут, побед-ят. Основа настоящего времени оканчивается всегда на согласный, основа прошедшего

времени – обычно на гласный, за исключением немногих глаголов, где она совпадает с основой прошедшего времени, а также глаголов непродуктивных групп.

От основы прошедшего времени образуются спрягаемые формы прошедшего времени (чита-л, вари-л, от- мы-л), действительные причастия прошедшего времени (чита-вший, вари-вший), страдательные причастия прошедшего времени на -анный и -тый (прочитанный, отмы-тый), деепричастия на -в(ши) (прочита-в, свари-вши). От основы настоящего времени образуются спрягаемые формы настоящего и простого будущего времени (чита [ j - у ] , свар-ю, отмо [ j - у ] т), повелительного наклонения (читай, свар-и), причастия настоящего времени (чита [ j - у ] щий, чита [ j ] емый), страдательные причастия прошедшего времени на -ен ный (свар-енный) и деепричастия на -а (-я) (чита[ j -а] ).

В зависимости от принадлежности глагола к 1-му или 2-му спряжению, а также по характеру соотношения основ прошедшего и настоящего времени и образования формы инфинитива выделяются 5 продуктивных классов глаголов и ряд непродуктивных групп. Продуктивность пяти классов определяется тем, что они регулярно пополняются за счёт новых основ: все новые глаголы, образуемые с помощью продуктивных словообразовательных суффиксов и заимствуемые из других языков, относятся только к этим пяти классам. В то же время непродуктивные группы могут пополняться лишь за счёт чисто приставочных и постфиксальных образований.

Особняком стоят изолированные глаголы, не входящие ни в один из классов и ни в одну из групп. К ним относятся: разноспрягаемые глаголы бежать, хотеть и чтить; глаголы дать, есть, создать, надоесть, имеющие особые, отличные от обоих спряжений, окончания; глагол идти, основы которого супплетивны (шла - идут); глаголы быть (с полным набором форм будущего времени – будут и т. п. при наличии лишь остаточных форм настоящего времени есть и суть), забыть, ехать, реветь.

Производные глаголы принадлежат к различным способам словообразования. Суффиксальные глаголы: с суффиксами -и(ть), -ова(ть) (-ирова(ть), -изи-рова(ть), -изава(ть)), -нича(ть), -ствова(ть), -а(ть), мотивированные существительными и прилагательными, имеют значения: «совершать действие, свойственное лицу или животному» – батра чить, плутовать, попугайничать, учительствовать; «действовать с помощью предмета» – багрить, циклевать; «наделять свойством» –су шить, активизировать, ровнять; «проявлять свойство» –хитрить, лютовать, важничать, свирепствовать, хромать и др. Глаголы с суффиксами -е(ть) и -ну(ть), мотивированные прилагательными, имеют значение «приобретать свойство»: бе леть, слепнуть. Суффикс -ива(ть) / -ва(ть) / -а(ть) служит для образования глаголов несовершенного вида от глаголов совершнннного вида: переписать - переписывать, уз нать - узнавать, победить - побеждать, а также глаголов со значением многократности (хаживать, певать); суффиксы -ну(ть) и -ану(ть) – для образования глаголов совершенного вида со значением однократного действия: толкнуть, рубануть.

Префиксальные глаголы означают направление действия в пространстве (войти, выйти, подойти, прийти, уйти, отойти, дойти, сойти, обойти, перейти, пройти, зайти ), совершение действия во времени (запеть, взволноваться; пойти; постоять, просидеть, переждать, досидеть, отвоевать и др.), степень интенсивности действия (отгладить, начистить, иззябнуть, перепугать, продумать, раскормить; перегреть; подстать, подбодрить, приглушить; недовыполнить), множественность объектов действия (издырявить, обегать, облетать; пересмотреть все фильмы, повывести др.), результативность действия (вскипятить, воспрепятствовать, вылечить, заминировать, измерить, оштрафовать, обменять, отремонтировать, постирать, подмести, пристыдить, продемонстрировать, разбудить, сделать). Кроме того, глаголам свойственны следующие способы словообразования: префиксально-суффиксальный (влажный - увлажнить, болеть - побаливать, дремать - вздремнуть), постфиксальный (умыть - умыться), суффиксально-постфиксальный (скупой - скупиться), префиксально-постфиксальный (бегать - забегаться), префиксально-суффиксально-постфиксальный (шутить - перешучиваться, смелый - осмелиться), сложение (полузакрыть, самовоспламениться), сложение в сочетании с префиксацией (оплодотворить), сложение в сочетании с префиксацией и суффиксацией – (размокропогодить), сращение (злоумышлять),

сращение в сочетании с суффиксацией (христарадничать), сращение в сочетании с постфиксацией (заблагорассудится).

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка: Т. 1 – 4. – М.: Русский язык, 1978.
2. Ожегов С.И. Словарь русского языка/ Под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Русский язык, 1989.
3. Русский язык. Энциклопедия/ Гл. ред. Ю.Н. Караулов. – М.: Большая Российская энциклопедия, Дрофа. 1997

**ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ НУТҚ ДАР ЗАБОНҲОИ ҲОЗИРАИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ**

Дар мақола як қатор масъалаҳои назариявии семантика ва мувофиқати феълҳои русӣ ва тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, ки омӯзиши феъл дар илми забоншиносии муосир яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад. Сарфи назар аз қолабҳои умумӣ ва татбиқи сухан дар нутқ, феълҳои русӣ ва тоҷикӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки дар доираи онҳо феъл хусусиятҳои забонии миллии худро нигоҳ медоранд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: феъл, семантика, мутобиқат, грамматика, забони русӣ, забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, қолибҳо.

**ГЛАГОЛ КАК ЧАСТЬ РЕЧИ В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ**

В статье рассматривается ряд теоретических вопросов семантики и сочетаемости русского и таджикского глагола. Отмечается, что исследование глагольного слова занимает одно из центральных мест в современной лингвистической науке. Несмотря на общие закономерности и реализации в речи русскому и таджикскому глаголу специфичны свои особенности, в рамках которых глагольные слова сохраняют свои национальные языковые признаки.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** глагол, семантика, сочетаемость, грамматика, русский язык, таджикский язык, лингвистика, закономерности.

**THE VERB AS A PART OF SPEECH IN MODERN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES**

The article examines a number of theoretical issues of semantics and compatibility of the Russian and Tajik verbs. It is noted that the study of the verb word occupies one of the central places in modern linguistic science. Despite the general patterns and implementation in speech, the Russian and Tajik verb have their own specific features, within which the verb words retain their national linguistic characteristics.

**KEYWORDS:** verb, semantics, compatibility, grammar, Russian, Tajik, linguistics, regularities.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Гулова Шукриябону Баҳромовна*** – магистри курси дуюми факултети филологияи руси ДМТ. Телефон**: 908087464**, email: **bonu@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Гулова Шукриябону Бахромовна*** - магистр второго курса факультета русской филологии ТНУ. Телефон**: 908087464**, email: **bonu@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gulova Shukriyabonu Bahromovna*** – second-year master`s student of Faculty of Russian Philology, TNU. Phone: **908087464**, Email**: bonu@mail.ru**

# ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

## НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАШАККУЛЁБИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

*Гулов Ш.М., Мирзоев А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нақши андоз дар сиёсати иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ назаррас буда, аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон дарк намудани моҳияти он, мақсаду ҳадафҳои андоз ва андозбандӣ хеле муҳим мебошад.

Андозҳо дар марҳилаи аввали рушди ҷомеаи инсонӣ, яъне хеле пеш аз пайдоиши давлат ба вуҷуд омадаанд. Дар ибтидо, онҳо дар шаклҳои гуногун ба монанди хайрияҳо вуҷуд доштанд. Дар натиҷаи рушди муносибатҳои молӣ-пулӣ қисми даромади буҷа аллакай аз ҳисоби моликияти дар ихтиёри давлат қарордошта ташаккул меёфт, ки ба онҳо асосан замин, ҷангал, боҷҳо ва андозҳои воридотию содиротӣ дохил мешуданд. Ташаккули хазинаи давлат ҳам дар шакли маҷбурӣ ва ҳам дар асоси хайрияҳои ихтиёрӣ сурат мегирифт. Бо баланд гардидани нақши давлат дар иқтисодиёт, низоми андоз низ рушд ва такмил меёбад. Ташаккул ва рушди андозҳо бо пайдоиши низоми давлатдорӣ, ки вазифаи он ҳимояи манфиатҳои ҷомеа мебошад, вобастагӣ дорад. Назарияи андоз нақши давлатро дар иқтисодиёт ба таври дақиқ инъикос менамояд. Давлат аз рӯи рисолати худ ҳимояи манфиатҳои тамоми аҳолиро таъмин намуда, кафолати фаъолияти осоиштаи онҳоро ба вуҷуд меорад. Дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна, вақте ки тамоми соҳаҳои ҳаёт ҳамчун як воҳиди алоҳида вуҷуд доштанд, вазифаҳои давлат асосан барои ҳимояи манфиатҳои ҳамаи аъзоёни ҷомеа равона карда мешуданд. Дар давраи капитализми ибтидоӣ вазифаҳои давлат нисбатан коҳиш ёфта ва дар шароити муосир онҳо боз ҳам васеъ гаштанд.

Андозҳо сарчашмаи асосии ташаккулёбии буҷети давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Буҷети давлатӣ фонди асосии маблаҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пули мақомоти давлатии ҷумҳуриявӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва фондҳои мақсадноки буҷети Ҷумҳурии Тоҷкистон мебошад. Дар шароити муносибатҳои моливу пулӣ ва фаъолият намудани давлат ҳамчун сохтори ягонаи идоракунии ҷамъият зарурати буҷети давлатӣ бо зарурати иҷрои вазифаҳои дар назди давлат истода вобаста мебошад. Дар амал зарурати буҷети ягонаи давлатӣ барои таъмини вазифаҳои зерини давлатӣ вобаста аст:

1. Барои таъмини рушди муътадили ҳамаи соҳаҳои истеҳсолӣ;
2. Дар баробари соҳаҳои истеҳсолӣ, ки дар онҷо даромади миллӣ ба вуҷуд меояд, нигаҳдории соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, ҳамчун қисми зарурии такрористеҳсолкунии васеъ;
3. Ҳамчун шарти зарурии таъмини тараққиёти ҳаматарафа ва муътадили ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ.

Агар асоси низоми молияи давлатро молияи сохторҳои хоҷагидорӣ, яъне корхонаҳову ташкилотҳо ва хонавода ташкил намояд, дар ин низом нақши пешбарандаро буҷети давлатӣ иҷро менамояд.

Қисми асосии молияи давлатиро буҷети давлатӣ ташкил медиҳад. Буҷети давлатӣ захираи асосии маблағҳои пулӣ мебошад, ки дар шакли нақшаи молиявии давлат оид ба ҷамъоварӣ, аз нав тақсим кардан ва истифодаи маблағҳои пулӣ барпо гардида, дар шакли қонун қабул ва амалӣ карда мешавад ва аз ин ҳисоби мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардидаро иҷро менамоянд. Фонди маблағҳои буҷетӣ фонди маблағи марказонидаи давлат буда, барои молиякунонии хароҷотҳои зарурии ҷамъиятӣ (соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат, зарурати ҷамъиятӣ, идораи давлатӣ, соҳаҳои қудратии мамлакат, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра) истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, буҷет - ин низоми муносибатҳои пули марказонидашуда буда, дар ҷараёни он фонди пулӣ ташаккул ва истифода мешавад. Буҷети давлатӣ барои ҳар як мамлакат зарур мебошад ва барои қонеъгардонии талаботи онҳо бо фонди маблагҳо, барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва амалисозии

сиёсати пешгирифтаи давлат ва ғайра истифода мебаранд. Тағйир додани нақши воқеии давлат дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеа эҷоди асосҳои гуногуни назариявӣ ва консептуалии давлатро тақозо менамуд, ки он дар асосноккунии назариявӣ ва амалияи андозбандӣ инъикос меёбад. Дар ибтидо андозҳо муваққатӣ буданд. Оҳиста-оҳиста андозҳо манбаи асосӣ ва доимии даромади давлат гардиданд, ки дар натиҷаи он назарияҳои гуногуни андоз ба вуҷуд омаданд. Дар марҳилаҳои аввали рушди давлатдорӣ вазифаи давлат иборат аз он буд, ки шаҳрвандони худро аз ҳамлаҳои беруна ва ҷангҳо муҳофизат кунад. Таҳлили воридоти маблағҳо ба буҷет нишон медиҳад, ки сиёсати андоз дар шароити имрӯза дуруст ба роҳ монда шудааст. Мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2021 дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, ҷиҳати таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» ва супоришҳое, ки аз маҷлиси ҷамъбасти солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ намуданд. Дар нуҳ моҳи соли 2021 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 100,7% таъмин гардида, ба ҷойи 9 млрд 990,7 млн сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 10 млрд 55,7 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 65,0 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта воридшуда 2 млрд 556,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар ин давра дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 112,0%, вилояти Хатлон 105,2%, вилояти Суғд 105,2%, шаҳри Душанбе 103,5%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 105,4% ва Раёсати андози андозсупорандагони калон, ки воридоти маблағҳо аз ҳисоби корхонаҳои дар қайди ин раёсатбуда ба буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудааст, 73,0% таъмин карда шуд. Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 октябри соли 2021, дар маҷмӯъ, 763,7 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба 1 январи соли 2021 ба андозаи 120,3 млн сомонӣ кам гардидааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2021 аз тарафи мақомоти андоз нисбати зиёда аз 7700 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 885,4 млн сомонӣ қарорҳо қабул карда шудаанд. Дар ин давра, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2020 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2021 идома дошт, дар маҷмӯъ, ба буҷет 835,4 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки ба 94,3 фоизи қарорҳои қабулгардида баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 105,5 млн сомонӣ зиёд мебошад. Қобили қайд аст, ки дар натиҷаи чораҳои дар ин давра андешидашуда шумораи умумии андозсупорандагони қарздор 6,1 ҳазор адад кам карда шуда, ба санаи 1 октябри соли 2021 ба 29,9 ҳазор адад баробар гардид.

## АДАБИЁТ


1) Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ / Ш.М. Гулов. - Душанбе 2021.
2) Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., “Идораи молияи давлатӣ”/ И.Р.Иброҳимов. - Душанбе 2013.
3) Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / Душанбе 2020.
4) Ф. Шомуродов, “Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”/ Ф.Шомуродов. - Душанбе “Эр-граф” 2009.
5) Фазлиддин Шомуродов Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Шомуродов. - Душанбе 2015.


## НАҚШИ АНДОЗҲО ДАР ТАШАККУЛЁБИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ


Дар мақола оиди пайдоиш, аҳамият ва нақши андоз дар даромади буҷети давлат маълумот дода шудааст. Хусусиятҳо ва сарчашмаҳои андоз таҳлил гардида, нақши онҳо дар ташаккулёбии даромад асоснок карда шудааст. Моҳият ва аҳамияти буҷаи давлат дар иқтисодиёт асоснок карда шуда, вазифаҳои он дар шароити муосир дарҷ гардидааст. Инчунин, дар мақола воридоти маблағҳо дар соли 2021 таҳлил гардида, мушкилот ва камбудиҳои он пешниҳод гардидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Сиёсати андоз; андозҳо; буҷаи давлатӣ; пардохтҳои трансфертӣ; сиёсати монетарӣ; касри буҷа, хароҷоти буҷети давлатӣ, даромади буҷети давлатӣ.

**РОЛЬ НАЛОГОВ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА**

В статье представлена информация о происхождении, значении и роли налогов в доходах государственного бюджета. Проанализированы особенности и источники налогов и обоснована их роль в формировании доходов. Обоснована сущность и значение государственного бюджета в экономике, а его задачи отражены в современных условиях. В статье также анализируется доход бюджета в 2021 году, представлены его проблемы и недостатки.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налоговоя политика; налог; бюджет государства; переводные платежи; денежно-кредитная политика; дефицит бюджета, расходы государственного бюджета, доходы государственного бюджета.

**THE ROLE OF TAXES IN FORMATION OF THE STATE BUDGET**

The article provides information on the origin, importance and role of taxes in state budget revenues. Features and sources of taxes are analyzed and their role in revenue generation is substantiated. The essence and importance of the state budget in the economy is substantiated and its tasks are reflected in modern conditions. The article also analyzes the inflow of funds in 2021 and presents its problems and shortcomings.

**KEYWORDS:** tax policy; tax; the state budget; transfer payments; money-credit policy; budget deficit, state budget expenditures, state budget revenues.

**Маълумот дар бораи муаллифон: Гулов Шерали Махмадсаидович –** н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **902426655.**
**Мирзоев Анушервон –** магистри курси дуюми кафедраи андоз ыва андозбандии ҶТ. Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **000064552**

**Сведение об авторах:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** - к.э.н. доцент кафедры налога и налогообложения ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **902426655**
***Мирзоев Анушервон*** – магистр 2-го курса кафедры налога и налогообложения ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **000064552**

**Information about the authors:** ***Gulov Sherali Makhmadsaidovich*** - Ph.D. Associate Professor of the Department of Tax and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **902426655**
***Mirzoev Anushervon*** **-** 2nd year master`s student of the Department of Taxes and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **000064552**

# ТАҲАВВУЛОТИ АНДОЗ ВА ТАЪСИРИ СИЁСАТИ АНДОЗӢ БА ИҚТИСОДИЁТ

***Назарова Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таърихи пайдоиши мафҳуми андозҳо бо пайдоиши давлат вобаста буда, он барои иҷрои вазифаҳои давлат шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Андоз чун мафҳуми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҷмӯи муносибатҳои тақсим ва бозтақсимкунии даромади дар ҷомеа ба вуҷудовардашударо инъикос мекунад. Аз ин лиҳоз, он ҳамчун муҳимтарин олоти идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Зеро расидан ба сатҳи баланди рушд, дар ниҳояти кор, дар нишондиҳандаҳои рушди низоми иҷтимоӣ, ки яке аз онҳо сатҳи сифати зисти шаҳрвандон аст, таҷассум меёбад. Такмили доимии низоми андоз, ки ҳамакнун дар кишвар ҷараён дорад, ба таъмини афзоиши самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва адолати иҷтимоӣ дар андозбандӣ равона карда шудааст.

Аз ҳама бештар назарияи умумии андозбандӣ ҳамчун назарияи манфиатовар, мубодила ё назарияи атеистӣ дар охири асри XVII ва давоми асри XVIII дар асарҳои файласуфон ва иқтисоддонҳои намоён Ҷ. Локк, Т. Гоббс, Д. Юсти, Ф. Кенэ, И. Зоненфелёс, А. Тюрго, О. Мирабо, С.Д. Вобанва бисёр олимони дигар, ки ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ диққати зиёд медоданд, ифода ёфта буд. Онҳо андозро ҳамчун пардохт ба давлат барои хизматрасонӣ дар асоси шартнома аз тарафи ҳар як шаҳрванд, пардохт барои ҳимояи давлат, ҳимояи моликияти аъзоёни ҷамъият, ҳимояи шаҳрвандон ва ғайра маънидод мекарданд. Дар баъзе мавридҳо байни андозҳо ва хизматрасонии давлатӣ алоқамандӣ кам ба назар мерасид, зеро андозҳо ба таври маҷбурӣ рӯёнда шуда, андозсупорандагон аз давлат ёрии иҷтимоӣ намегирифтанд. Минбаъд, намояндагони мактаби физиократҳо - иқтисоддонҳои фаронсавӣ Ф. Кенэ (1694-1774с.), А. Тюрго (1727-1781с.), Дюпон де Немур ва намояндагони дигаре, ки ақидаи андозбандии самарабахшро

пешниҳод намуданд, шӯҳрати баланд пайдо намуд. Онҳо исбот намуданд, ки замин ягона манбаи боигарӣ мебошад. Таъинот дар бораи "маҳсулоти соф" ё маҳсулоти изофа, яъне зиёд будани даромад нисбати хароҷотро кор карда баромаданд ва сохтори сармояро ошкор намуданд.

Назарияи мактаби физиократҳо, андози ягонаро дар шакли андози заминдар мадди аввал монда, аз ҷиҳати назариявӣ андозҳои ғайримустақимро аз ҳаргуна асосмандӣ маҳрум кард. О.Мирабо, инқилобчии машхури Фаронса, ба бекор намудани кулли андозҳои ғайримустақим баромад намуда, танҳо андози ягонаи заминро, ки он яке аз андозҳои мустақими ягона ба ҳисоб мерафт, тарафдорӣ менамуд. Ба ақидаи Ф. Кенэ (1694-1774) бошад, андозҳои ғайримустақим танҳо дар давлатҳое ҷорӣ намудан лозим буд, ки дар он ҷо хоҷагии қишлоқ ҳеҷ нақшеро намебозад. Дар назарияи андозбандии классикони иқтисоди сиёсӣ, нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи якуми асри XIX, ки намояндагони онҳо У. Петти (1623-1987), А. Смит (1723-1790), Д. Рикардо (1772- 1823), Ж.Б. Сэй (1762-1832) ва дигарон буданд, масъалаи андозбандӣ мақоми махсусро ишғол мекард. У. Петти дар асари худ бо номи "Рисола оид ба андозу пардохтҳо" на аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ, балки моҳияти ҷараёни иқтисод таваҷҷуҳ зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки "табиати ниҳоии" андозҳо ва оқибатҳои онҳо, рентаи пулӣ, рентаи замин, пул, манбаи боигариро равшан созад. Хизмати бузурги мактаби классикӣ бо сарварии А.Смит, Д. Рикардо ва намояндагони онҳо дар он зоҳир меёбанд, ки онҳо табиати иқтисодии андозро таҳқиқ намуданд ва нуқтаи назари худро дар ин соҳа кушода доданд. А. Смит ақида дошт, ки хароҷотҳои давлат сифати ғайриистеҳсолӣ доранд, аммо андоз баҳои ҳаққонӣ нисбати хизматрасонии давлат мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки аксари олимон андоз ва давлатро ба ҳам пайваст намуда, ҳисоб мекарданд, ки маҳз барои пӯшонидани хароҷотҳои давлат андоз ситонида мешавад. К. Маркс андозро чунин шарҳ додаст: "Дар андозҳо мавҷудияти иқтисодии давлат таҷассум ёфтаанд". Ҳамин тариқ, андозҳо якҷоя ҳамроҳи давлат ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтанд. Дигаргунии шакли сохтори давлат, инчунин ба дигаргуншавии низоми андозӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир низ андоз олоти асосии танзими иқтисодиёт ба шумор меравад, ки давлат бо истифода аз он сиёсати иқтисодиро амалӣ менамояд. Вобаста ба вазъи иқтисодӣ сиёсати андозӣ бояд роҳандозӣ гардида, имкониятҳои рушди иқтисодӣ таъмин гардад. Таъмини манфиатҳои миллии Тоҷикистон на танҳо дар асоси рушди устувори иқтисодиёт, балки дар баробарии он, тавассути дар амал татбиқ намудани механизми сиёсати ҳадафманди андоз ва таъмини фаъолияти самараноки низоми андоз имконпазир мебошад. Дар «Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамӯҳлат» масъалаи паст намудани гаронии андоз мавқеи ҳалкунандаро ишғол мекунад. Дар соли 2020, тибқи гузориши Бонки Ҷаҳонӣ, Тоҷикистон ҳамчунон дар қатори кишварҳои дорои бори гаронии андоз қарор дорад. Меъёри гаронии андоз аз фоидаи тиҷоратӣ дар ҷумҳурӣ 65,2% -ро ташкил медиҳад. Меъёри гаронии андоз ҳаҷми андозҳо ки ширкат бояд дар соли дуюми фаъолият пардохт кунад, нишон медиҳад ва ҳамчун ҳиссаи фоидаи тиҷоратии он ифода карда мешавад. Барои муқоиса, меъёри гаронии андоз дар Қирғизистон 29,2%, Қазоқистон - 29,2%, Афғонистон - 36,3%, Узбакистон - 41,1% ва дар Русия - 47% -ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1.**

**Гаронии андоз нисбат ба соҳаҳо дар солҳои 2013-2018**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи андоз вобаста ба ММД | 14,3 | 15,6 | 16,4 | 15,6 | 15,7 | 15,3 |
| саноат | 22,5 | 22,3 | 28,8 | 17,4 | 17,4 | 21,0 |
| энергетика | 20,4 | 22,1 | 18,6 | 18,0 | 17,4 | 17,5 |
| кишоварзӣ | 8,5 | 10,2 | 9,1 | 8,6 | 7,9 | 5,4 |
| сохтмон | 11,8 | 12,9 | 12,5 | 13,6 | 11,8 | 10,2 |
| нақлиёт | 12,8 | 14,3 | 12,2 | 17,3 | 10,8 | 9,9 |
| алоқа | 32,5 | 49,5 | 44,5 | 42,6 | 38,0 | 34,6 |

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки гаронии андоз вобаста ба соҳаҳо гуногун мебошад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бори камтарини андоз дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар соли 2013 8,5% буд, пас ба коҳиш оғоз кард ва дар соли 2018 то 5,4% -ро ташкил дод, яъне 37% коҳиш ёфт. Сабаби асосии кам будани гаронии андоз бо зиёновар будани корхонаҳои кишоварзӣ вобаста аст, ки шумораи онҳо коҳиш ёфтааст. Дар ташкилотҳои сохтмонӣ дар соли 2013 гаронии андоз 11,8% ва дар соли 2018 - 10,2% -ро ташкил дод. Бори баландтарини андозбандӣ ба зиммаи ташкилотҳои телекоммуникатсионӣ афтодааст, ки онҳо дар соли 2013-ум 32,5% -ро ташкил доданд ва ҳар сол афзоиш ба назар мерасад, аз ин рӯ дар соли 2014 - 49,5% ва дар соли 2015 аллакай 44,5%, дар соли 2016 - 42,6% ва соли 2018 каме то 34,6% коҳиш ёфт.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омада метавонем, ки андоз воситаи асосии танзими иқтисодиёт ба шумор рафта, сиёсати андозӣ тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки гаронии андоз боиси паст шудани рушди иқтисодӣ нагардад.


**АДАБИЁТ**

1. Комилов А.Қ., Гулов Ш.М., Назарияи иқтисодӣ \ А.Қ. Комилов. - Душанбе 2016 с.
2. Кодекси андозӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бо назардошти тағйиру иловаҳо. 01.01.2020., Душанбе «Шарқи озод». 2020 с.
3. Ф. Шомуродов. Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ \ Ф. Шомуродов. - Душанбе «ЭР-граф» 2009 с.
4. Х.Р. Улуғхоҷаева. Андоз ва андозбандӣ \ Х.Р. Улуғхоҷаева Душанбе, Ирфон.2004 с.
5. Налоги и налогообложение: Учебное пособие для вузов / И Г. Русакова, В.А. Кашин и др.: под ред. И.Г. Русаковой, В.А. Кошина. -М.: Финансы, ЮИИТН, 1998 г.
6. Налоги. Учебное пособие // под Редакции Д. Г. Черников, - 4-е издательство, перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика. 2000 г.
7. www.andoz.tj.
8. www.stat.tj.


**ТАҲАВВУЛОТИ АНДОЗ ВА ТАЪСИРИ СИЁСАТИ АНДОЗ БА ИҚТИСОДИЁТ**


Дар мақолаи мазкур хусусият ва аҳамияти андоз дар низоми иқтисодӣ ва фаъолияти иқтисодии давлат оварда шудааст. Назарияи андоз ва андозбандӣ аз нигоҳи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, зинаҳои ташаккулёбии андозбандӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин, дар мақола хусусиятҳои андозбандӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои гуногуни дунё тартиб ва усулҳои нави андозбандӣ, гаронии андоз ва таъсири он ба иқтисодиёт таҳлил гардидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** андоз, сиёсати андоз, андозситонӣ, гаронии андоз, сиёсати фискалӣ, имтиёзҳои андоз, буҷаи давлатӣ.


**ЭВОЛЮЦИЯ НАЛОГОВ И ВЛИЯНИЕ НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ НА ЭКОНОМИКУ**


В статье описывается сущность и значение налогов в экономической системе и хозяйственной деятельности государства. Теория налогообложения и налогообложения анализируется с точки зрения различных экономических школ, поясняются этапы формирования налогообложения. В статье также анализируются особенности налогообложения с учетом опыта разных стран мира, новых процедур и методов налогообложения, налоговой нагрузки и ее влияния на экономику.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налог, налоговая политика, налогообложение, налоговая нагрузка, фискальная политика, налоговые льготы, государственный бюджет.


**TAX EVOLUTION AND THE IMPACT OF TAX POLICY ON THE ECONOMY**


This article describes the nature and importance of taxes in the economic system and economic activity of the state. The theory of taxation and taxation is analyzed from the point of view of different economic schools and the stages of taxation formation are explained. The article also analyzes the features of taxation based on the experience of different countries of the world, new procedures and methods of taxation, the tax burden and its impact on the economy.



**KEYWORDS:** tax, tax policy, taxation, tax burden, fiscal policy, tax benefits, state budget.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Назарова Шаҳноза*** – магистри курси дуюми кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ.: **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **915564466**

**Сведение об авторе:** ***Назарова Шахноза*** - магистр второго курса кафедры налога и налогообложения Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **915564466**

**Information about the author:** ***Nazarova Shahnoza*** – second-year master`s student of the Department of Tax and Taxation of the Tajik National University. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki avenue 17. Phone: **915564466.**

# ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ФИСКАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Гулов Ш.М., Икромов Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати фискалӣ сиёсатест, ки истифодаи имкониятҳои давлатро дар самти ҷамъоварии андозҳо ва харҷи маблағҳои буҷети давлатӣ барои танзими сатҳи иқтисодиёт дар шароити фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ дар бар мегирад. Ин сиёсати давлатӣ дар самти хароҷот ва андозҳои давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузор амалӣ карда мешавад, ки онҳо андоз ва буҷети давлатиро назорат мекунанд. Сиёсати фискалӣ низоми танзимеро ифода менамояд, ки бо хароҷотҳои давлатию андозҳо алоқаманд мебошад. Дар зери мафҳуми хароҷоти давлатӣ хароҷотҳо барои нигоҳдории давлат ва хариди давлатии молу хизматҳо фаҳмида мешавад. Ин харидҳо метавонанд ҳар гуна бошанд: аз сохтмони роҳҳо, мактаб, беморхонаҳо то хариди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва техникаи ҳарбӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва ғайра. Ақидаҳои олимон вобаста ба зарурати дахолати давлат ба иқтисодиёт гуногун мебошад. Як гурӯҳи олимон бар он ақидаанд, ки иқтисоди бозори бе дахолати давлат тавассути фишангу механизмҳои бозор худро ба танзим медарорад. Гурӯҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки иқтисодиёти бозорӣ дар алоҳидагӣ, бе дахолати давлат ба таври пурра худтанзимшаванда буда наметавонад. Маҳз бо ҳамин хотир, зарурати танзими давлатии иқтисодиёт бо роҳҳо ва усулҳои гуногун ба миён меояд. Яке аз роҳҳои муҳимми танзими давлатии иқтисоди бозорӣ, сиёсати монетарӣ ва сиёсати андозӣ - буҷетии давлат (фискалӣ) ба ҳисоб меравад. Агар мо ақидаҳои олимони мактаби классикиро дида бароем, аён мегардад ки онҳо ақидаҳои гуногунро оиди дахолати давлат ба иқтисодиёт пешниҳод кардаанд. Намояндагони мактаби классикӣ бо сарварии Адам Смит дар чунин ақида буданд, ки сиёсати молиявӣ ҳамчун усули дахолат ба иқтисодиёт набояд аз ҷониби давлат амалӣ карда шавад. Мувофиқи консепсияи Кейнсгароён, ки баъдтар пайдо шуд, баръакс, номукамалии механизмҳои бозор дахолати давлатро ба иқтисодиёт ба миён меорад. Дар натиҷа, усули кейнсионии сиёсати молиявӣ бо таъсири бошууронаи давлат тавсиф карда мешавад. Даромад ва хароҷоти буҷаи давлатӣ, бо мақсади танзими иқтисодиёт, мувозинати маҷмуи тақозо ва арза нигоҳ дошта мешавад. Аз ин бар меояд, ки ақидаҳои олимон оиди дахолати давлат ба иқтисодиёт бо роҳу усулҳои ба мақад мувофиқ самаранокӣ ва рушди иқтисоди бозориро таъмин мекунад. Бо ин мақсад моро зарур аст аз доираи мавзуи интихобнамудаи худ берун нарафта дар доираи сиёсати фискалӣ маълумот диҳем. Ба ақидаи мо танзими андозӣ буҷети тарзе ба роҳ монда шавад, ки дар баробари ғанӣ гардонидани буҷаи давлат аз ҳисоби андозҳо рушди иқтисодиёт низ таъмин карда шавад.

Сиёсати фискалии давлат ин истифодабарии имкониятҳо оид ба ситонидани андозҳо ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ буда барои танзими сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои воқеии иҷтимоии нигаронида шудаанд.

Дар адабиётҳо ду намуди сиёсати фискалиро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд**:**

1. Сиёсати дискрессионӣ, ки ба дахолати мустақими давлат ба иқтисодиёт асос ёфтааст;
2. Сиёсати ғайридискрессионӣ (автоматӣ), ки ба муътадилкунонии автоматӣ асос ёфтааст.

Сиёсати дискрессиониро - сиёсати фаъоли фискалӣ низ меноманд, ки вай ба сифати тағйироти қонунӣ (расмӣ)-и андозаи хариди давлатӣ, андозҳо ва трансфертҳоро бо мақсади муътадилгардонии иқтисодиёт аз тарафи давлат ба роҳ мемонад. Ин намуди сиёсати фискалӣ метавонад бо ёрии воситаҳоои мустақим ва ғайримустақим ба амал баровардa шавад [2 саҳ-50]. Ба воситаҳои мустақим тағйир додани хариди давлатии мол ва хизматрасонӣ, трансфертҳо тааллуқ доранд. Воситаҳои ғайримустақим тағйир додани андозбандиро (меъёри андоз, имтиёзи андозӣ, манбаи андоз) дар худ мегирад.

Дар навбати худ, боз ду намуди сиёсати дискрессиониро аз ҳамдигар ҷудо мекунанд (вобаста ба марҳилаи даври иқтисодиёт), ки инҳоянд:

– сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ;
– сиёсати фискалии боздоранда.

1. Сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ дар давраи пастравии иқтисодиёти миллӣ истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он кам кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Воситаҳои асосии баамалбарории сиёсати фискалиро инҳо дар бар мегиранд:

- ✓ Зиёд кардани хариди давлатӣ;
- ✓ Пастравии меъёри андозҳо;
- ✓ Зиёд кардани трансфертҳо.

Истифодаи ин намуди сиёсати фискалӣ дар охир ба касрии буҷет оварда мерасонад.

2. Сиёсати фискалии боздоранда дар марҳилаи болоравии иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он паст кардани афзоиши таваррум, кам кардани хароҷоти давлатӣ ва баланд бардоштани андоз ба шумор меравад.

Воситаҳои асосии сиёсати фискалии боздоранда инҳо ба ҳисоб мераванд:

- ✓ Кам кардани хариди давлатӣ;
- ✓ Баланд бардоштани меъёри андоз
- ✓ Кам кардани пардохтҳои трансфертӣ.

Ин намуди сиёсати фискалӣ бо зиёдшавии буҷети давлатӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки мақсади асосии сиёсати дискрессионӣ - ин таъсиррасонӣ ба тағйирёбии даври иқтисодӣ, ба воситаҳои ҳавасмандкунӣ ё маҳдуднамоии маҷмӯи талабот мебошад. Аз ин рӯ, ин сиёсатро сиёсати зиддидавравӣ (муътадилнокӣ) меноманд. Сиёсати фискалии ғайридискрессионӣ (автоматӣ) бо амаликунии муътадилкунандагони ҷорикардашуда алоқаманд аст.

Муътадилкунандагони ҷорикардашуда - ин воситаҳое мебошанд, ки андозаи онҳо тағйир намеёбад, лекин будани онҳо ба таври автоматӣ иқтисодиётро устувор мегардонад ва бо усули ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи пастравӣ ва дар марҳилаи болоравӣ иқтисодиётро боз медорад[2].

Ба муътадилкунандагони автоматӣ инҳо дохил мешаванд:

а) андоз аз даромад;
б) андозҳои ғайримустақим;
в) кӯмак барои бекорон;
г) кӯмак барои оилаҳои камбизоат.

Андоз аз даромад бо чунин тарз ба роҳ монда мешавад: ҳангоми пастравии иқтисодиёт сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ **(У)** кам карда мешавад, ки дар ин ҷо функсияи андозӣ намуди зеринро мегирад [2 саҳ-54]:

$$\mathbf{T = t \times Y}$$

Дар ин ҷо: T - андозаи даромадҳои андозӣ; t - меъёри андоз; Y - андозаи маҷмӯи даромадҳо.

Бартарии асосии сиёсати фискалии ғайридискрессионӣ дар он аст, ки муътадилкунандагони ҷорикардашуда дар ҳолати тағйирёбии иқтисодиёт фавран ба ҳаракат дароварда мешаванд.

Камбудии ин раванд дар он ифода меёбад, ки вай танҳо ҷунбиши давравиро ба нуқтаи мувозинат оварда мерасонад, гарчанде онро ба пуррагӣ таъмин карда натавонад.

Арзёбии саамаранокии сиёсати андози буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дар асоси нишондиҳандаҳои муайяне амалӣ карда шавад, ки баҳо додани натиҷаҳои татбиқи сиёсати буҷетӣ, пеш аз ҳама барои аҳолии Ҷумҳурӣ имконият бидиҳад. Дар ҷараёни таҳлил ва таҳқиқ пеш аз ҳама бо мақсади арзёбии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои муайян кардани робитаи байни даромадҳо ва андозҳо гузаронида мешавад. Тавре, ки ба мо маълум аст қисми зиёди даромади буҷети мамлакати моро андозҳо ташкил, медиҳанд ба ҳамин хотир таҳлили буҷет яке аз қисмҳои мавзуи интихобнамудаи мо маҳсуб мешавад. Ҳиссаи воридоти андозҳо дар ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ дар моҳҳои январ-августи соли 2020-ум 67,4 фоизро ташкил дод [1].

Низоми буҷетӣ зернизоми молиявии дилхоҳ давлат ба ҳисоб рафта, маҷмӯи муносибатҳоеро таҷассум мекунад, ки бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар натиҷаи ташкил ва иҷрои буҷети давлатӣ ва буҷетҳои гуногуни ғайридавлатии ҳудудӣ (мунисипалитет) танзим карда мешавад. Дар низоми буҷетӣ, инчунин фондҳои воситаҳои молиявие, ки бо талаботи меъёрҳои ҳуқуқии кишвари мушаххас, ки бо буҷет дохил намешаванд, аммо таҳти идораи давлат аз ҳисоби воситаҳое, ки вазифаҳои давлатиро амалӣ менамоянд қарор доранд, қабул карда шудааст. Ба ин гурӯҳ фондҳои ғайрибуҷетии таъиноти иҷтимоӣ низ дохил карда мешаванд.

Дар нуҳ моҳи соли 2021 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 100,7% таъмин гардида, ба ҷойи 9 млрд 990,7 млн сомонӣ, ба буҷети давлатӣ 10 млрд 55,7 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 65,0 млн сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта воридшуда 2 млрд 556,2 млн сомонӣ зиёд мебошад[1].

Тайи даҳсолаи охир дар аксарияти давлатҳои фавқулинкишофёфтаи бозорӣ ба таври васеъ усули ба воситаи буҷа батартибдарории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ; харида гирифтани корхонаҳои ба касодӣ дучоргардида ё худ ба онҳо дасти ёрӣ дароз кардан ва аз ҳолати бӯҳронӣ баровардан, васеъ кардани андоза ва ҳаҷми фонди иҷтимоӣ, зиёд кардани нафақа, ёрдампулиҳо, имтиёз ба соҳибкорону корчаллонони хурд, ҳифзи муҳити зист, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ғайра вусъат меёбад. Ин тадбирҳо дар амалияи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба назар мерасанд. Зеро Ҷумҳурии мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як кишвари рӯ ба инкишоф шинохта шудааст.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Гулов Ш.М., Сайдуллоев М. Самаранокии сиёсати фискалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмии “Муҳаққиқи ҷавон”. Душанбе 2021.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2013” ш. Душанбе 19 ноябри соли 2012, №904.
4. Фазлиддин Шомуродов, “Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” \ Ф.Шомуродов. - Душанбе-2015.
5. Ф.Шомуродов, “Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” \ Ф.Шомуродов. - Душанбе “Эр-граф” 2009.
6. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., “Идораи молияи давлатӣ” \ И.Р.Иброҳимов. - Душанбе 2013.
7. Исайнов Ҳ.Р, “ Иқтисоди миллӣ” \ Ҳ.Р. Исайнов. - , ш. Душанбе 2018.
8. Ҷурабоев Ғ. “Макроиқтисод” \ Ғ.Ҷурабоев. - Душанбе 2010.


## ХУСУСИЯТҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ФИСКАЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола оиди хусусиятҳо ва самаранокии сиёсати фискалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо оварда шудааст. Дар бораи муаммоҳо ва самтҳои муҳимми сиёсати буҷетию андоз ақидаҳои назариявӣ оварда шудааст. Оиди масъалаҳои мубрам дар соҳаи андозу буҷет ақидаҳои олимони мактабҳои Классикӣ ва мактаби Кейнсионӣ назарияҳо оварда шудааст. Дар мақолаи мазкур таъриф, ҳадафҳо ва намудҳои асосии сиёсати буҷетӣ муҳокима карда мешавад. Он, инчунин самаранокии сиёсати буҷетиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаҳои сатҳи андозӣ ва чандирии системаи андоз таҳлил менамояд. Вобаста ба намудҳои сиёсати фискалӣ аз нигоҳи мактабҳои мухталифи иқтисодӣ назарияҳо оварда шуда, вобаста ба истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо оварда шудааст. Сиёсати фискалӣ воситаи асосии танзими иқтисодиёт, дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба ҳисоб меравад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Сиёсати фискалӣ; андоз; буҷаи давлатӣ; пардохтҳои трансфертӣ; сиёсати монетарӣ; касри буҷа, хароҷоти буҷети давлатӣ, даромади буҷети давлатӣ.


## ОСОБЕННОСТИ РЕАЛИЗАЦИИ ФИНАНСОВОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье анализируются особенности и эффективность фискальной политики в Республике Таджикистан. Теоретические взгляды на проблемы и важные направления фискальной политики. Ученые классической и кейнсианской школ высказали свое мнение по актуальным вопросам в области налогообложения и бюджета. В статье рассматриваются определение, цели и основные виды бюджетной политики. Также анализируется эффективность налогово-бюджетной политики в Республике Таджикистан на основе расчета налоговых ставок и гибкости налоговой системы. В зависимости от типа фискальной политики с точки зрения различных экономических школ представлены теории и предложения по ее применению в контексте Республики Таджикистан. Фискальная политика - главный инструмент экономического регулирования в рыночной экономике.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** фискальная политика; налог; бюджет государства; переводные платежи; денежно-кредитная политика; дефицит бюджета, расходы государственного бюджета, доходы государственного бюджета.

**FEATURES OF FISCAL POLICY IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article analyzes the features and effectiveness of fiscal policy in the Republic of Tajikistan. Theoretical views are presented on the problems and important areas of fiscal policy. Scholars of the Classical and Keynesian schools have expressed their views on topical issues in the field of taxation and budget. This article discusses the definition, objectives and main types of budget policy. It also analyzes the effectiveness of fiscal policy in the Republic of Tajikistan based on the calculation of tax rates and the flexibility of the tax system. Depending on the type of fiscal policy from the point of view of different economic schools, theories are presented and suggestions are made regarding its application in the context of the Republic of Tajikistan. Fiscal policy is the main instrument of economic regulation in a market economy.

**KEYWORDS:** fiscal policy; tax; the state budget; transfer payments; money-credit policy; budget deficit, state budget expenditures, state budget revenues.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** **–** н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **902426655.**
***Икромов Некрух*** **–** магистри курси дуюми кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **000064552**

**Сведение об авторах*: Гулов Шерали Махмадсаидович*** - к.э.н. доцент кафедры налога и налогообложение ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. **Телефон**: 902426655
***Икромов Некрух*** – магистр 2-го курса кафедры налога и налогообложение ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **000064552**

**Information about the authors:** ***Gulov Sherali Makhmadsaidovich*** - Ph.D. Associate Professor of the Department of Tax and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **902426655**
***Ikromov Nekrukh*** **–** second-year mater`s student of the Department of Taxes and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17**.** Phone**: 000064552**

# ХУСУСИЯТҲО ВА ТАРТИБИ АНДОЗ АЗ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ ВАТАНӢ

***Гулов Ш.М., Воҳидов Ф.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ мақсади асосии фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкили корхонаҳои хусусӣ ба даст овардани фоида мебошад. Фоида яке аз масъалаҳои мураккаб ва баҳсталаби илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Оиди сарчашмаҳо ва аҳамияти фоида дар иқтисодиёт мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ақидаҳои гуногун доранд. Меркантилистон ақида бар он доштанд, ки фоида дар натиҷаи хариду фурӯши мол ба вуҷуд омада, сарчашмаи он тиҷорати берунӣ мебошад. А.Смит ва Д.Рикардо фоидаро ҳамчун фарқи арзиши маҳсулот аз нархи қувваи корӣ баҳогузорӣ намудаанд. К.Маркс фоидаро ҳамчун арзиши изофа, ки танҳо коргари кироя дар раванди истеҳсолот ба вуҷуд меорад, шарҳ додааст.

Барои муайян намудани фоида иқтисодчиёни муосири Ғарб муттаҳидшавии якчанд нишондиҳандаро вобаста медонанд, ки асоситаринашон инҳо мебошанд:

1. Фоида – ин даромад аз тамоми омилҳои истеҳсолот, аз ҷумла фоизи қарз, рента ва музди кор мебошад.
2. Фоида – ин мукофот барои фаъолияти соҳибкорӣ ва мукаммалгардонии техникӣ аст.
3. Фоида – ин мукофоти таваккалкорӣ аст.

Фаҳмиши муосири фоида аз ҷониби се равия: кейнсионӣ, институтсионалӣ - сотсиологӣ ва неоклассикӣ пешниҳод карда шудааст. Мактаби кейнсионӣ маҷмӯи даромадро дар сатҳи макроиқтисод ҳамчун як қисми даромади миллӣ шарҳ додаанд. Дар назарияи институтсионалӣ - сотсиологӣ фоида аз нуқтаи назарияи иҷтимоӣ ва омилҳои берунииқтисодӣ, яъне ғамхорӣ оиди беҳдошти шароити зисти аҳолӣ шарҳ дода шудааст. Назарияи неоклассикӣ фоидаро бештар дар сатҳи фирмаи алоҳида, ки дар шароити рақобати мукаммал ва номукаммал бо мақсади ба ҳадди максималӣ расонидани фоидаи худ

амал мекунад, шарҳ додааст. Аз нуктаи назари миқдорӣ фоида ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ аз фурӯши мол ва хароҷотҳои истеҳсолӣ шарҳ дода мешавад. Вобаста ба он, ки ба таркиби хароҷотҳо чӣ дохил мешавад, иқтисоддонҳо фоидаи муҳосибӣ ва фоидаи иқтисодиро аз ҳамдигар ҷудо менамоянд.

Фоидаи муҳосибӣ – ин фарқи байни даромади умумӣ аз хароҷотҳои истеҳсолии берунӣ мебошад.

Фоидаи иқтисодӣ – ин фарқи байни даромади умумӣ аз тамоми хароҷотҳо мебошад. Маҳз ҳамин предмети тадқиқоти назарияи иқтисодӣ ҳисобида мешавад.

Агар даромади умумии фирма бо хароҷотҳои он баробар бошад, пас фоидаи иқтисодӣ «сифрӣ» ё ин ки «муътадил» ҳисобида мешавад. Ёдовар мешавем, ки неоклассикон ба хароҷотҳо фоидаро низ ҳамроҳ намудаанд.

Фоидаи муътадил – ин мафҳуми асосии фоида дар тамсилаи (модел) неоклассикии «рақобати мукаммал» мебошад [1].

Мавриди эътибор гирифтан зарур аст, ки фоидаи мӯътадил (миёна) - ин даромад ба ҳамон андозаест, ки фирмаро «дар фаъолият» нигоҳ дошта метавонад.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба фоидаи субъектҳои хоҷагидорӣ таъсир расонида, сабаби ҳавасмандгардии онҳо мегардад, андозбанӣ аз фоидаи бадастовардашуда мебошад.

Мувофиқи Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз фоида ба тартиби зайл муқаррар ва ситонида мешавад.

Супорандагони андоз аз фоида шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноии шахсоне, ки ҷавобгӯи шартҳои низомҳои махсуси андозбандӣ мебошанд) ба ҳисоб меравaнд. Объекти андозбандии андоз аз фоида барои резидент даромади умумӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз кам карда мешавад. Бо дарназардошти талаботи моддаи 124 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз фоида бояд аз рӯи меъёрҳои зерин андозбандӣ карда мешавад:

1) Барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо:
- аз 1-уми январи соли 2013 - 15 фоиз;
- аз 1-уми январи соли 2015 – 14 фоиз;
- аз 1-уми январи соли 2017 - 13 фоиз.

2) Барои дигар намудҳои фаъолият:
– аз 1-уми январи соли 2013 - 25 фоиз;
- аз 1-уми январи соли 2015 – 24 фоиз;
- аз 1-уми январи соли 2017 - 23 фоиз.

Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андози фоида инҳо озод мебошанд:

1) Муассисаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, эҳсонкорӣ, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии (байналмилалии) ғайритиҷоратӣ, ба истисноии фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд. Ҳамзамон, чунин муассисаҳо ва ташкилотҳо бояд баҳисобгирии ҷудогонаи фаъолияти асосӣ (фаъолияте, ки аз андоз аз фоида озод аст) ва фаъолияти соҳибкориро пеш баранд.

2) Маблағгузорониҳои ройгон, молу мулки ройгон ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мегиранд ва барои фаъолияти ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд, инчунин аъзоҳаққиҳо ва хайрияи ба онҳо дастрасшуда.

3) Корхонаҳо, ба истисноии корхонаҳое, ки ба фаъолияти савдо, миёнаравӣ, таъминотӣ – фурӯш ва захиракунӣ машғуланд, ки дар онҳо дар як вақт дар соли ҳисоботии андоз:

а) на камтар аз 50 фоизи шумораи кормандонро маъюбон ташкил медиҳанд;

б) на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва дигар таъминоти моддӣ, аз ҷумла натуралӣ, барои эҳтиёҷоти маъюбон сарф карда шудааст.

4) Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.

5) Суди саҳмияҳое (дивидендҳое), ки корхонаҳои резидентӣ аз корхонаҳои резидентӣ мегиранд.

6) Корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии

давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба мӯҳлати:

а) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд;

б) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошанд;

в) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд;

г) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

7) Даромадҳо аз фаъолияти сайёҳӣ ба мухлати 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ [3].

8) Даромад аз азнавбаҳодиҳии асъор ва металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон.

Озодкунӣ аз андоз аз фоида (таътили андоз) дар ҳолати аз нав ба қайд гирифтани корхона ё азнавташкилдиҳии он, тағйирот дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва дигар чунин тағйирот татбиқ карда намешаванд. Имтиёзи мазкур нисбат ба шахсоне, ки низомҳои имтиёзноки андозбандиро истифода мебаранд (ё қаблан истифода мебурданд), татбиқ намегардад.

Хусусиятҳои андозбандии андоз аз фоида дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба он равона гардидааст, ки ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ нисбатан меъёри пасти андоз муайян гардиааст. Инчунин, барои фаъолияти субъектҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ низ имтиёзҳои муайян пешбинӣ гардидаанд. Барои таъсири вазни қиёсии фоида нисбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, воридоти маблағҳоро аз ҳисоби андоз аз фоида дида мебароем.

Вазъи қиёсии андоз аз фоида нисбати нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар соли 2019 -2020

Ҷадвали 1.1.

| | 2019 | | | 2020 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | Иҷроиш | % | Нақша | Иҷроиш | % |
| Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 23295,7 | 23 216,1 | 99,7 | 24 304,7 | 24 325,1 | 100,1 |
| Воридоти андозҳо | 16118,8 | 15 772,5 | 97,9 | 15 527,9 | 15 356,7 | 98,9 |
| Андози даромад ва андоз аз фоида | 3848,9 | 3 814,9 | 99,1 | 3 917,1 | 3 577,4 | 91,3 |
| Андоз аз даромад | 2 010,4 | 1 914,4 | 95,2 | 1 978,8 | 1 874,4 | 94,7 |
| Андоз аз фоида | 1 838,5 | 1 900,5 | 103,4 | 1 938,3 | 1 702,9 | 87,9 |

Дар соли 2019 аз рӯи нақша вазни қиёсии андоз аз фоида нисбати ҳачми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ 7,9% (1838,5:23295,7) ва нисбати воридотҳои андозӣ 11,4% (1838,5:16118,8) - ро ташкил дода буд. Аз рӯи иҷроиш бошад, ин нишондиҳандаҳо мутаносибан ба 8,2% нисбати ҳачми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ ва 12% нисбати ҳаҷми воридотҳои андозиро ташкил додааст. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2020 мутаносибан 8% (1938,3:24304,7) - и ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ ва 12,5% - ро нисбати ҳаҷми воридотҳои андозӣ ташкил додааст. Аз рӯи иҷроиш бошад ин нишондиҳандаҳо чунинанд: 7% нисбати ҳачми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ ва 11,1% нисбати ҳаҷми воридотҳои андозиро дар бар мегирад.

Чи тавре, ки аз таҳлилҳо бармеояд нақшаи ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ дар соли 2019 иҷро нагардида бошад ҳам (99,7%), вале воридоти андоз аз фоида ба 103, 4 % иҷро гардидааст, ки нисбати нақша 3,4 % зиёд мебошад.

**АДАБИЁТ**
1. Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ / Ш.М. Гулов. - Душанбе 2021.
2. Иброҳимов И.Р., Мирбобоев Р.М., Мирзоева Е.Ш., "Идораи молияи давлатӣ" \ И.Р.Иброҳимов. - Душанбе 2013.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / Душанбе 2020.
4. Ф. Шомуродов, "Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" \ Ф.Шомуродов. - Душанбе "Эр-граф" 2009.
5. Фазлиддин Шомуродов Низомҳои андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.Шомуродов. - Душанбе 2015.

**ХУСУСИЯТҲО ВА ТАРТИБИ АНДОЗ АЗ ФОИДАИ КОРХОНАҲОИ ВАТАНӢ**

Дар мақола назарияи фоида, намудҳои фоида ва ақидаҳои мактабҳои мухталифи иқтисодӣ оид ба сарчашмаҳои фоида оварда шудааст. Тартиб ва меъёри андоз аз фоидаи корхонаҳои ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, имтиёзҳо ва бартарии онҳо дар шароити муосир пешниҳод гардидааст. Хусусиятҳои андозбандии андоз аз фоидаи корхонаҳи истеҳсолӣ ва бартарии онҳо низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** даромад, фоида, харочот, истеҳсолот, низоми андоз, андоз, андозбандӣ, имтиёзҳои андоз, манбаи андоз, субъекти андоз, иқтисоди бозорӣ.

**ХАРАКТЕРИСТИКА И ПОРЯДОК НАЛОГА НА ПРИБЫЛЬ ДЛЯ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ**

В статье представлены теория прибыли, виды прибыли и взгляды различных экономических школ на источники прибыли. Проанализированы порядок и ставки корпоративного подоходного налога, представлены их преимущества и недостатки в современных условиях. Также проанализированы особенности налогообложения корпоративного подоходного налога и их преимущества.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** доход, прибыль, расходы, производство, налоговая система, налог, налогообложение, налоговые льготы, источник налога, субъект налога, рыночная экономика.

**CHARACTERISTICS AND PROCEDURES OF INCOME TAX FOR DOMESTIC ENTERPRISES**

The article presents the theory of profit, types of profit and views of different economic schools on the sources of profit. The procedure and rates of corporate profit tax are analyzed, and their benefits and advantages in modern conditions are presented. Features of corporate income tax, taxation and their advantages are also analyzed.

**KEYWORDS:** income, profit, expenses, production, tax system, tax, taxation, tax benefits, tax source, tax subject, market economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** – н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **902426655.**
***Воҳидов Фарҳод Раҳмонович*** – магистри курси дуюми кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **902120100.**

**Сведение об авторах:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** - Таджикский национальный университет, к.э.н. доцент кафедры налога и налогообложения. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон**: 902426655**
***Вохидов Фарход Рахмонович*** - магистр второго курса кафедры налога и налогообложения ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г.Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **902120100.**

**Information about authors:** ***Gulov Sherali Makhmadsaidovich*** - Tajik National University, c.e.s. associate professor of Department of tax and taxation. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe Rudaki avenue 17. **Phone:** 902426655.
***Vohidov Farhod Rahmonovich*** – second-year master's student of Department of tax and taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **902120100.**

# МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ОЯНДАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

***Одиназода Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Иттиҳоди Аврупо (ИА) як шарикии беназирест, ки дар он кишварҳои узв соҳибихтиёрӣ дар якчанд самтҳои сиёсат ва қонунҳои мувофиқашуда оид ба доираи васеи масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ муттаҳид шудаанд. ИА марҳилаи охирини раванди ҳамгироии аврупоӣ аст, ки пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, ки ибтидо аз ҷониби шаш кишвари Аврупои Ғарбӣ бо мақсади мусоидат ба сулҳ, амният ва рушди иқтисодӣ оғоз шудааст. Имрӯз Иттиҳоди Аврупо аз 28 кишвари узв, аз ҷумла аксари кишварҳои коммунистии собиқи Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ иборат аст. [4]

Аъзои ИА дар иттиҳоди гумрукӣ иштирок мекунанд, ки дар он бозори ягона (дар он молҳо, одамон ва сармоя озодона ҳаракат мекунанд), сиёсати ягонаи савдо, сиёсати ягонаи кишоварзӣ ва пули ягона (евро) мавҷуд аст, ки 19 кишвари узв истифода мебаранд (дар маҷмӯъ ҳамчун "минтақаи евро" номида мешавад). Бисту ду узви Иттиҳодияи Аврупо дар Минтақаи ҳаракати озоди Шенген ширкат мекунанд, ки дар он одамон метавонанд бидуни назорати шиноснома сафар кунанд. Илова бар ин, Иттиҳоди Аврупо барои таъсиси сиёсати умумии хориҷӣ ва амният чораҳо андешид, кӯшиш кард, ки чораҳои умумии амнияти дохилиро эҷод кунад ва ба васеъшавӣ, махсусан барои Балканҳои Ғарбӣ содиқ мемонад. ИА асосан ҳамчун таърихи муваффақият ва санги асосии субот ва шукуфоии Аврупо баррасӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, ИА дар айни замон бо як қатор омилҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла рушди суст ва сатҳи баланди бекорӣ дар бисёре аз кишварҳои ИА, инчунин афзоиши ҳизбҳои сиёсии популистӣ, ки ҳадди аққал як қисми онҳо зидди Иттиҳоди Аврупо ё "эҳсосоти Евроскептикӣ мебошанд," рӯбарӯ аст. [1]

Яккатор омилҳо қобилияти Иттиҳоди Аврупоро дар мубориза бо мушкилоти зиёди дохилӣ ва берунӣ душвор мегардонанд. Дар байни муҳимтаринҳо инҳоянд:

• бухрони қарзи Юнон;
• муҳоҷират ва бухрони гурезаҳо;
• раъйпурсии Британияи Кабир оид ба узвият дар ИА (23 июни 2016);
• эҳёи Русия;
• тезу тунд шудани хавфи терроризм.

Дар ҳоле ки чанде аз таҳлилгарон дар бораи парокандашавии комили Иттиҳодияи Аврупо фикр мекунанд, эҳтимол дорад, ки шакл ва хислати ояндаи Иттиҳод ҳарчӣ бештар мавриди шубҳа қарор мегирад. Ҷонибдорони ин тарҳи аврупоӣ аз он нигаронанд, ки барои нахустин бор дар таърихи 60-солаи он метавонад бархе аз ҷанбаҳои ҳамгироии Иттиҳодияи Аврупоро мутавaққиф кунанд ё баргардонанд. Дигарон мегӯянд, ки эҳтимолияти бухронҳои сершуморе, ки ҳоло ИА рӯ ба рӯ мешаванд, метавонанд баъзе ислоҳоти муфиди Иттиҳоди Аврупоро ба вуҷуд оранд, ба ҳамгироии минбаъдаи сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат кунанд ва дар ниҳоят блокро ба як созмони муассиртар ва муттаҳид табдил диҳанд. Маъмуриятҳои пай дар пайи ШМА, инчунин бисёр аъзоёни конгресс, кайҳо боз лоиҳаи ҳамгироии Аврупоро дастгирӣ карда, онро ҳамчун мустаҳкам намудани иттифоқчиёни демократӣ ва шариконни пурзури тиҷоратӣ дар Европа мешуморанд. Иёлоти Муттаҳида ва Иттиҳоди Аврупо дар доираи васеи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ шарикии динамикии сиёсӣ доранд ва муносибатҳои тиҷоратӣ ва сармоягузории ИМА ва Иттиҳоди Аврупо наздик, васеъ ва барои ҳар ду ҷониб судманд мебошанд. Чӣ гуна Иттиҳоди Аврупо дар солҳои оянда инкишоф меёбад, метавонад барои Иёлоти Муттаҳида оқибатҳои муҳимми стратегӣ ва иқтисодӣ дошта бошад. Иттиҳоди Аврупо (ИА) шарикии сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шакли беназири ҳамкории 28 давлати соҳибихтиёр мебошад. Ин марҳалаи охирини ҷараёни ҳамгироии Арупо баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон, дар аввал шаш мамлакати Европаи Ғарбӣ бо мақсади мусоидат ба сулҳу осоиш ва тараққиёти иқтисодиёт сар шуд. Муассисони он умедворанд, ки бо муттаҳид кардани соҳибихтиёрӣ дар бахшҳои муайян (пеш аз ҳама, хусусияти иқтисодӣ) интегратсия вобастагии байниҳамдигарро таҳрик медиҳад ва ҷанги дигарро дар Аврупо ғайри қобили тасаввур мегардонад. Иттиҳоди Аврупо тавассути як қатор шартномаҳои ҳатмӣ сохта шудааст ва дорои хусусияти як субъекти боломиллӣ мебошад (дар баъзе соҳаҳо соҳибихтиёрӣ тақсим карда мешавад ва ниҳодҳои ИА ҳокимияти иҷроияро дар даст доранд), инчунин як созмони байниҳукуматӣ дар дигар соҳаҳо ҳамкориҳо аз ҷониби давлатҳо пурзӯр карда шуданд. Дар тӯли солҳо, давлатҳои узв кӯшиш мекарданд, ки қонунҳоро ҳамоҳанг созанд ва аз рӯи шумораи афзояндаи масъалаҳо сиёсати умумӣ қабул кунанд. Аъзои ИА иттиҳоди гумрукӣ, бозори ягонаро (дар он молҳо, одамон ва сармоя озодона ҳаракат мекунанд), сиёсати ягонаи савдо, сиёсати ягонаи кишоварзӣ ва пули ягона (евро), ки аз ҷониби 19 кишвари узв истифода мешаванд (ба таври дастаҷамъӣ номида мешавад) муштараканд. Бисту ду узви Иттиҳоди Аврупо (ва чаҳор кишвари ғайри Иттиҳоди Аврупо) дар Минтақаи ҳаракати озоди Шенген иштирок мекунанд, ки ба одамон имкон медиҳад бидуни назорати шиноснома сафар кунанд. Илова бар ин, ИА барои таъсиси сиёсати ягонаи хориҷӣ ва амният чораҳо андешид, саъй кард, ки

чораҳои умумии амнияти дохилиро эҷод кунад ва ба васеъшавӣ, бахусус Балканҳои Ғарбӣ содиқ мемонад.

Сиёсатмадорон ва таҳлилгарони мухталифи аврупоӣ лоиҳаи ҳамгироии аврупоиро ба дучорхае муқоиса мекунанд, ки барои пешгирӣ аз афтидан бояд пеш ҳаракат кунад. Аммо дар айни замон Иттиҳодияи Аврупо дар пасманзари вазъи душвори сиёсӣ ва иқтисодӣ бо як қатор мушкилоти муҳимми дохилӣ ва хориҷӣ рӯбарӯ аст. Ба зудӣ, Британияи Кабир (Бритониё) 23 июни соли 2016 оид ба мондан дар ИА ҳамапурсии умумихалқӣ баргузор намуд. Агар овоздиҳандагони бритониёӣ тарафдори хуруҷи Бритониё аз Иттиҳодияи Аврупо (бо номи "Brexit") бошанд, ин иқдом дар таърихи Иттиҳодияи Аврупо бесобиқа хоҳад буд ва ҳам барои Бритониё ва ҳам барои ИА таъсири ҷиддӣ хоҳад дошт. Масъалаҳои дигари калидии Иттиҳодияи Аврупо аз нигарониҳои доимӣ дар бораи Юнон ва суботи минтақаи евро, идоракунии фишорҳои кунунии муҳоҷират ҳангоми бархӯрд бо Русияи эҳёшуда ва мубориза бо таҳдиди афзояндаи терроризм иборатанд. Ҳарчанд чанде аз таҳлилгарон масъалаи пурра пароканда шудани Иттиҳодияи Аврупоро баррасӣ мекунанд, эҳтимол дорад, ки шакл ва хусусияти ояндаи ин иттиҳодия зери суол бурда шавад. Маъмуриятхои пай дар пайи ШМА, инчунин бисьёр аъзоёни конгресс лоихаи интегратсияи Европаро ҳамчун унсури муҳимми муносибатҳои трансатлантикӣ қатъиян дастгирӣ мекунанд. Дар давраи пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, Иёлоти Муттаҳида ҳамгироии аврупоиро як роҳи мустаҳкам кардани системаҳои демократӣ ва бозорҳои озод арзёбӣ кард, дар ҳоле ки таъсиси НАТО барои таъмини дифоъ ва амнияти дастаҷамъӣ пешбинӣ шуда буд. Бо вуҷуди баъзе ихтилофҳо, Иёлоти Муттаҳида ва ИА шарикии динамикии сиёсӣ ва муносибатҳои бузурги тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ доранд. Эҳтимол меравад, ки Иттиҳоди Аврупо дар солҳои оянда чӣ гуна рушд мекунад, барои Иёлоти Муттаҳида таъсири стратегӣ ва иқтисодӣ дорад. Дар конгресси 114-ум чанд гуша ҷанбаҳои мухталифи мушкилоти Иттиҳодияи Аврупо, аз ҷумла бухрони қарзи Юнон, низоъ дар Украина, сиёсати Иттиҳодияи Аврупо нисбати Русия, бухрони паноҳандагон ва таҳдидҳои эҳтимолии ҷангҷӯёни аврупоӣ дар Сурия ва Ироқро баррасӣ карданд. Муҳокимаҳо инчунин ба ояндаи васеътари ИА ва оқибатҳои эҳтимолии он барои Иёлоти Муттаҳида нигаронида шудаанд. [6].

Дар давраи баъди ҷанги дуюми ҷаҳон роҳбарони Европаи Ғарбӣ кушиш мекарданд, ки имконияти сулҳу осоиши дарозмуддати Европаро таъмин намуда, барои тараққиёт ва барқароршавии иқтисодиёт шароити мусоид ба вуҷуд оваранд. Дар соли 1951 шаш мамлакат — Белгия, Республикаи Федеративии Германия, Франсия, Италия, Люксембург ва Нидерландия — қарор доданд, ки Иттиҳоди аврупоии ангишт ва пулод (КССС)-ро ташкил кунанд, ки он қадами аввалини лоиҳаи интегратсионии Европа мебошад. ECSC ҳамчун як бозори ягона тарҳрезӣ шуда буд, ки дар он соҳибихтиёрӣ бар ангишт ва истихроҷ ба ҷамъшавӣ оғоз хоҳад кард ва таҳти назорати як мақоми мустақили боломиллӣ. Ба ин нақша шуруъ намуда, шаш муассис умед доштанд, ки бо роҳи ба ҳам пайвастани иқтисодиёти худ, таҳти назорати ашёи хоми ҷанг ва мусоидат намудан ба мусолиҳаи сиёсӣ (хусусан, дар байни Франсия ва Германия) имконияти ба амал омадани низои дигари фалокатоварро дар Европа хеле кам кунанд. ECSC фаъолияташро соли 1952 оғоз кард; дар панҷсолаи ҷорӣ обороти ангишт ва пулод дар байни шаш мамлакат 129 фоиз афзуд. [8]. Дар партави муваффақияти ЕКҲШ дар соли 1957 шаш кишвари ИДМ дар Рим ду шартномаи нав имзо карданд: як шартнома бо мақсади таҳияи сиёсати ягонаи иқтисодӣ ва муттаҳид намудани бозорҳои алоҳидаи миллӣ дар бозори ягона Иттиҳодияи иқтисодии Аврупоро таъсис дод. Ин ду шартнома, ки маъмулан "Шартномаҳои Румӣ" номида мешаванд, соли 1958 эътибор пайдо карданд. Дар соли 1967 ECSC, EEC ва Euratom ба таври дастаҷамъӣ ҳамчун Иттиҳоди Аврупо (ИА) маъруф шуданд. Иттиҳодияи Аврупо бори аввал аъзои навро дар соли 1973 бо ворид шудани Британияи Кабир, Ирландия ва Дания илова намуд. Юнон дар соли 1981 ва баъдан Испания ва Португалия дар соли 1986 ҳамроҳ шуданд. Санади ягонаи аврупоӣ ба шартномаҳои Иттиҳоди Аврупо дар соли 1987 ислоҳот ворид кард, то ба ташкили бозори ягона мусоидат кунад. Дар ибтидои соли 1993, дар наздикии ба итмом расидани бозори ягона боиси ҳаракати озоди молҳо, одамон, сармоя ва хизматрасониҳо дар дохили ИА гардид.

1 ноябри соли 1993 Шартнома дар бораи Иттиҳоди Аврупо (бо номи Шартномаи Маастрихт низ маъруф аст) эътибор пайдо кард, ки Иттиҳоди Аврупоро фаро мегирад ва санаи таъсиси Иттиҳоди Аврупои муосир мебошад. Иттиҳодияи Аврупо ҳамчун як қадами муҳим дар роҳи на танҳо ҳамгироии бештари иқтисодӣ, балки ҳамкории зичтари сиёсӣ пешбинӣ шудааст. Шартномаи Маастрихт муқарраротеро дар бар мегирад, ки боиси таъсиси минтақаи евро гардид, ки дар он аъзоён як пули ягона, як бонки марказии ягона (Бонки марказии аврупоӣ ё ECB) ва сиёсати ягонаи пулию қарзиро тақсим мекунанд (бо вуҷуди ин, сиёсати ягонаи фискалӣ вуҷуд надорад ва давлатҳои аъзо назорати хароҷоти миллӣ ва андозбандиро бо риояи шартҳои муайяне, ки барои нигоҳ доштани интизоми молиявӣ пешбинӣ шудаанд, нигоҳ медоранд).

Шартномаи Маастрихт, инчунин нақшаи таҳкими ҳамоҳангсозиро дар масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва амнияти дохилиро муайян кардааст. Аз миёнаҳои солҳои 1990-ум кишварҳои узви Иттиҳодияи Аврупо барои таҳияи сиёсати ягонаи хориҷӣ ва амният (CFSP), аз ҷумла сиёсати ягонаи амният ва мудофиа (CSDP) кор карданд ва кушиш карданд, ки сиёсати ягонаи адолат ва дохилӣ (JIA) таҳия кунанд. Дар охири солҳои 1990, Созишномаи Шенген дар соли 1985, ки чаҳорчубаи аз байн бурдани назорати сарҳадӣ байни кишварҳои узвро муқаррар кард, қонуни ИА шуд.

Аз замони анҷоми ҷанги сард, Иттиҳодияи Аврупо тавсеаи минбаъдаро пайгирӣ кард. Австрия, Финландия ва Шветсия соли 1995 ҳамроҳ шуданд. Тавсеаи Иттиҳоди Аврупо дар Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ яке аз авлавиятҳои муҳимтарин буд, ки ҳамчун иҷрои ваъдаи таърихии ҳамгироии минбаъдаи қитъа тавассути воситаҳои осоишта ва саҳмгузорӣ ба субот ва шукуфоӣ дар тамоми Аврупо баррасӣ мешавад. Соли 2004 ҳашт кишвари собиқ коммунистӣ (Чехия, Эстония, Маҷористон, Латвия, Литва, Полша, Словакия ва Словения) ҳамроҳ бо Кипр ва Малта ба Иттиҳодияи Аврупо шомил шуданд. Булғористон ва Руминия дар соли 2007 ҳамроҳ шуданд. Хорватия 1 июли соли 2013 узви нави ИА шуд.

### АДАБИЁТ


1. Гришин И. Швеция после Шведской модели. Мировая экономика и международные отношения, 2014, № 6, сс. 53-64. [Grishin I. Shvetsiya posle Shvedskoi modeli [Sweden after the Swedish Model]. Mirovaya ekonomika i mezhdunarodnye otnosheniya, 2014, no. 6, pp. 53-64.]
2. Воронов К. Страны Северной Европы: сближение геополитических линий. Мировая экономика и международные отношения, 2010, № 5, сс. 62-71. [Voronov K. Strany Severnoi Evropy: sblizhenie geopoliticheskikh linii [Nordic Countries: Rapprochement of Geopolitical Lines]. Mirovaya ekonomika i mezhdunarodnye otnosheniya, 2010, no. 5, pp. 62-71.]
3. Haugevik K., Sverdrup U. Til EUs" Adecco-liga?" Dagens Næringsliv, Oslo, 04.11.2013.
4. Politisk plattform for en regjering utgått av Høyre og Fremskrittspartiet. Available at: www.regjeringen.no/pages/38500565/plattform.pdf. ss. 75 (accessed 31.01.2014).
5. Leino P., Salminen J. Beyond the Euro Crisis. European Constitutional Dilemmas and Treaty Amendments. Helsinki, FIIA, Briefi ng Paper 154, May 2014, p. 9.
6. Воронов К. Выборы в Европарламент – кризис доверия между элитой и избирателями углубляется. [Voronov K. Vybory v Evroparlament – krizis doveriya mezhdu elitoi i izbiratelyami uglublyaetsya [Elections in EuroParliament – the Credibility Gap between Elite and Voters Goes Deep into]]. Available at: http://www.regnum. ru/news/analitics
7. See House Foreign Affairs Committee, Subcommittee on Europe, Eurasia, and Emerging Threats, "The European Union's Future," 114th Congress, 1st Session, July 14, 2015; and Senate Foreign Relations Committee, "Strains on the European Union: Implications for American Foreign Policy," 114th Congress, 2nd Session, February 3, 2016.
8. Delegation of the European Union to the United States, The European Union: A Guide for Americans, 2015.
9. The European Union: Current Challenges and Future Prospects Kristin Archick. Specialist in European Affairs. June 21, 2016


### МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ ОЯНДАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО

Мамлакатҳои Шимол муносибати эҳтиёткорона ва мунтазир буда, диққати худро ба анҷом додани интихоби модели ояндаи инкишофи лоиҳаи интегратсия, ки де-факто Берлин ва ё Лондон пешниҳод кардаанд, равона мекунанд. Аз афти кор, ба онҳо на аз пошхурӣ ва на аз системаи динамикии тараққиёти ИА — ба федерализм гузаштани он манфиат намебинад. Онҳо, инчунин аз амиқтар шудани интегратсияи аврупоӣ дар формати «Европаи суръатҳои гуногун» метарсанд. Баромад аз рукуди лоиҳаи аврупоӣ, бо эҳтимолияти баланд, дар зерминтақа, бешубҳа, бо роҳи анъанавии пурзур намудани нақш ва аҳамияти давлатҳои соҳибихтиёри узв вобаста аст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** кишварҳои шимолӣ, Аврупои Шимолӣ, зерминтақа, ҳамгироии аврупоӣ, Иттиҳоди Аврупо, "ҳамкории шимолӣ"

**ВЫЗОВЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ БУДУЩЕГО ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА**

Страны Севера занимают осторожные, выжидательные позиции, ориентируясь на завершение выбора будущей модели развития интеграционного проекта, предложенного де-факто Берлином или Лондоном. Им не выгоден, судя по всему, ни распад, ни более динамичная система развития ЕС – переход его к федерализму. Опасаются они также углубления евроинтеграции в формате "Европа разных скоростей". Выход из стагнации европейского проекта с высокой степенью вероятности в субрегионе связывают, очевидно, с традиционным путем укрепления роли и значения суверенных государств-членов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** северные страны, Северная Европа, субрегион, европейская интеграция, Европейский союз, "северное сотрудничество"

**CHALLENGES AND PROSPECTS FOR THE FUTURE OF THE EUROPEAN UNION**

The countries of the North are taking a cautious, wait-and-see attitude, focusing on completing the choice of a future model for the development of the integration project proposed de facto by Berlin or London. Apparently, they do not benefit from either the disintegration or the more dynamic system of the EU's development - its transition to federalism. They are also afraid of deepening European integration in the "Europe of different speeds" format. The exit from the stagnation of the European project is, with a high degree of probability, associated in the subregion, obviously, with the traditional way of strengthening the role and importance of sovereign member states.

**KEYWORDS:** Nordic countries, Northern Europe, sub-region, European integration, European Union, "northern cooperation"

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Одиназода Шамил*** – магистри курси дуюми ихтисоси иқтисоди ҷаҳонии ДМТ. E-mail: **odinazoda@mail.ru**. Телефон: **902100042**

**Сведение об авторе:** ***Одиназода Шамил*** - магистр 2 курса по специальности мировой экономики ТНУ. Электронная почта: **odinazoda@mail.ru.** Телефон: **902100042**

**Information about the author**: ***Odinazoda Shamil*** - 2nd year master's student majoring in world economics at the TNU. E-mail: **odinazoda@mail.ru**. Phone: **902100042**

# МЕХАНИЗМИ ИДОРАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИДМ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН

***Муродова О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикситон**

Ҳамгироии иқтисодии байналхалқӣ - ин якҷояшавии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоии мамлакатҳо мебошад, ки ҳар як аъзои ин ё он гурӯҳи ҳамгироӣ масъалаҳои стратегии худро дорад.

Чуноне ки аз таҳлилҳо бармеояд рушди ҷараёни ҳамгироӣ хусусияти асоситарини инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ мебошад. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ дар нимаи дуюми асри XX тамоюли инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз тамоюлҳои асосии байналмилалишавии глобалии хоҷагии ҷаҳонӣ, ҳамчун оқибати инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат ва ҳамкории байналхалқии истеҳсолӣ, дар ташкилёбии минтақаҳое, ки зери таъсири ин ё он мамлакатҳои абарқудрат, ё ин ки гурӯҳи мамлакатҳои тараққикарда қарор доранд, ба ҳисоб меравconfigured. Ин мамлакатҳо ва гурӯҳи давлатҳо дар оянда ба марказҳои ҳамгироӣ табдил ёфта, дар атрофи онҳо мамоликҳо ҷамъ омада, дар уқёнуси робитаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ, материкро ташкил медиҳанд. Мақсадҳои ҷараёни ҳамгироиро дида баромада қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳар яке аз иштирокчиёни ҷараёни ҳамгироӣ мақсадҳои худро доранд ва ҳаракат мекунанд проблемаҳои худро бартараф кунанд. Чунин проблемаҳо бисёр мебошанд, ба монанди роҳ ёфтан ба бозори хориҷа, роҳ ёфтан ба захираҳои арзони истеҳсолӣ, беҳтар намудани шароити тиҷоратӣ, ноил шудан ба рушди мустаҳками иқтисодӣ, ҷалби сармоягузориҳои (инвеститсияҳои) мустақими хориҷӣ ва ғайра. Мақсадҳои ғайрииқтисодӣ низ муҳим мебошанд, аз қабили ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстона миёни мамлакатҳои ҳамсоя, мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар соҳаи маданият, илм, сиёсат ва зиёд намудани таъсири худ дар арсаи сиёсат ва иқтисодиёти

ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, бисёри аз мамалакатҳои рӯ ба инкишоф дар ҳамгироӣ усули баробар шудан ба инкишофи иқтисодию технологии мамалакатҳои тараққикардаи ҳамсоя дарк мекунанд ва инчунин гарави мустаҳкамии иқтисодию сиёсиро дар ҷараёни ислоҳоти бозорӣ мебинанд. Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти як қатор ташкилотҳои байналхалқӣ ва гурӯҳҳои ҳамгироӣ, ҳамчун аъзои баробарҳуқуқ ширкат меварзад.

Бо мақсади ҳарчӣ бештар ва самаранокии доираи фаъолияти гурӯҳҳо ҳамгироӣ, зарур аст, ки масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва таҷдиди сохторӣ дар сохторҳои гуногуни хоҷагии кишвар тезонида шуда, барои сармоягузорони хориҷӣ иқлими мусоиди иқтисодӣ муҳайё карда шавад. Таҷрибаи давлатҳои мухталиф нишон медиҳад, ки барои фаъолияти самарабахши ҳамкориҳои давлатӣ ва ба муносибатҳои бозорӣ мутобиқ намудан, таҷдиди сохтории соҳаҳои гуногуни муҳимми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ бо роҳи аз ҳам ҷудо намудани корхонаҳои истеҳсолкунанда, интиқолкунанда ва фурӯшанда, асосан соҳаи нерӯи барқ ба мақсад мувофиқ аст. Татбиқи барномаҳои ҳамкориҳои ҳамгироӣ, мақсадҳову самтҳои афзалиятнок, консепсияҳои рушд ва стратегияи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат барои пешрафти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат намуда, барои ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ эътироф гардидани ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ заминаи боэътимод фароҳам хоҳад овард. Ҷараёни ҳамгироӣ асосан аз тиҷорати озоди байниҳамдигарӣ, бартараф кардани монеаҳо дар роҳи ҳаракати молҳо, баъдтар дар хизматрасониҳо, ҳаракати сармоя ва ғайра, ки ба ҳамҷояшавии тарафҳо дар сатҳи минтақа оварда мерасонад ва дар хоҷагии ҷаҳонӣ сифати нави муносибатҳои иқтисодиро ба миён меорад. Дар шароити равандҳои глобализатсионӣ ҳамкории минтақавӣ ва дохили минтақавӣ аҳамияти хеле муҳимро дорост, махсусан барои Тоҷикистон. Ҳамкории минтақавӣ ва ҳамкорӣ ба давлатҳои дохили як минтақа барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иқтисодиёти харобгаштаи он таъсири калон мерасонад.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – яке аз иттиҳодияи интегратсионии бузург нисбати масоҳати ишғолнамуда ва шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Иттиҳод моҳи декабри соли 1991 таъсис дода шудааст, ки ҳоло дар ҳайати он давлатҳои зерин: Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Русия, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон муттаҳид шуда, аз рӯи принсипҳои эҳтироми мустақилият ва баробарии том бо ҳам ҳамкории иқтисодиву тиҷоратиро идома дода истодаанд. Ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз рӯи нишондодҳои тараққиёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар як сатҳ қарор доштанд. Дар баробари ин, ҳалли яктарафаи масъалаи миллӣ зиддиятҳои зиёдро дар муносибати байни миллату халқиятҳо ба вуҷуд оварда буд. Дар шароити бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ин зиддиятҳо ба низоъҳои шадид табдил ёфтанд. Дар Озарбойҷон, Арманистон, Гурҷистон, Тоҷикистон вазъият номӯътадил гардида, задухӯрдҳо ба амал омаданд. Бӯҳрони иқтисодӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро дар бар гирифта, шиддати низоъҳои байни миллатҳоро вусъат мебахшид. Ба вуҷуд омадани норозигӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бештар натиҷаи зоҳир накардани таваҷҷӯҳи марказ ба талаботи онҳо, фишори марказ дар ҳалли масъалаҳои моҳияти маҳаллӣ дошта буд.

Моҳи декабри соли 1991 дар минтақаи Беловежская Пуша (Белорусия) маҷлиси машваратии сардорони давлатии се ҷумҳурӣ–Россия (Б.Н.Елсин), Украина (Л.М Кравчук) ва Белорусия (С.С. Шушкевич) баргузор гардид. 8-уми декабр онҳо дар бораи қатъ гардидани амали Шартнома дар бораи ташкил ёфтани ИҶШС аз соли 1922 ва дар бораи хотима ёфтани фаъолияти сохторҳои давлатии собиқ ИҶШС қарор қабул намуданд. Дар ҳамин маҷлис Созишнома дар бораи ташкил додани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ба имзо расид.

Аз рӯи баҳои экспертҳои байналмилиалӣ иқтидори истеҳсолии давлатҳои аъзои Иттиҳод дорои иқтидори калони иқтисодӣ ва табиӣ мебошанд, ки барои онҳои бартарияти рақобатиро пешниҳод намуда, имконият медиҳад, ки дар ТБМ мавқеи намоёнро ишғол намоянд. Дар ин давлатҳо 16,3%-и территорияи ҷаҳонӣ, 5-%-и аҳолӣ, 25%-и захираҳои табиӣ, 10%-и истеҳсолоти саноатӣ, 12 %-и иқтидори илмию техникӣ ва 10 %-и молҳои захиравӣ ҷойгир мебошанд. Масоҳати умумии ИДМ аз ду як ҳиссаи материки Осиё ва Аврупоро ишғол менамояд. Давлатҳои иттиҳод дорои ҳама намуди манбаҳои табиӣ

мебошанд, ки аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ин манбаҳоро доро мебошад. Ин марҳила низ марҳилаи фаъол гардидани сиёсати ду ва бисёрҷониба дар соҳаи иқтисоди хориҷии кишвар буд. Воситаи асосии ба амал баровардани мақсадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи ДМТ муносибатҳои дутарафа мебошанд, ки танзими рушди ҳамкориҳои дутарафаро таъмин менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар нақшаи наздикшавӣ, тараққиёти раванди ҳамгироии қувваҳои марказшитоб аз марказгурез боло меистад. Ҳолатҳо ва омилҳои иқтисоди ва сиёсие мавҷуданд, ки боиси халалдоршавии амалиётҳо мегарданд. Омили асосии монеъагароии роҳи ҳамгироӣ омили сиёсӣ аст. Амбитсияҳои сиёсӣ ва миллӣ, манфиатҳои субъективии доираҳои ҳукмрон имконият намедиҳанд, ки шароитҳои мусоиди иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ахборотӣ ва ғайра ба вуҷуд оварда шаванд.

Яке аз унсурҳои асосии ҳамгироӣ тадриҷан барҳам додани монеаҳои гумрукӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, шароит барои озодона ҳаракат кардани молу хизмат ва омилҳои истеҳсолот мебошад. Вале ҳатто дар қаламрави ИДМ ҳолати баръакс мушоҳида карда мешавад, литсензиякунонии савдои тарафайн ҷой дорад. Чунин вазъиятро низ чун сабабҳои иқтисодӣ мисли ҳаракатҳои гуногунсуръат ба бозор, тафовут дар симои гузаронидани ислоҳотҳои иқтисодӣ, гуногун таъмин будан бо ашёи хом ва бо кормандони ихтисосманд ба миён овардаанд.

Дар баробари инкишоф додани робитаҳои дуҷониба кишварҳои пасошӯравӣ бо мақсади ривоҷу равнақи ҳамкориҳо, ҳамчунин ҷиҳати коҳиш додани мушкилоте, ки дар баробари соҳибистиқлол шудан ба миён омаданд, чанд иттиҳодияи байнидавлатӣ таъсис доданд, ки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Тоҷикистон ба ин созмонҳо шомил буда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои оинномавии онҳо фаъолона талош меварзад. Умумиятҳои зиёд ва боарзише, ки аз қабл боқӣ мондаанд, дар ҳошияи ИДМ ҳам имкон доданд, ки муносибату ҳамкориҳо идомаву таҳким ёбанд ва натиҷаҳои назаррас ҳам дошта бошанд.

Сарони давлатҳои Иттиҳод сентябри соли 1993 қарордодро дар бораи таъсис додани Иттифоқи иқтисодӣ ба мақсади ташаккул додани фазои умумии иқтисодӣ, ҳаракати озодонаи мол, хадамот, қувваҳои корӣ ва сармоя, якҷоя кор карда баромадани сиёсати пуливу қарзӣ, андозбандӣ, нарх ва нархгузорӣ, фаъолияти гумрук, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ба ҳам наздик намудани усулҳои танзими фаъолияти хоҷагӣ, бунёд ва роҳҳои самарабахши робитаҳои мустақими истеҳсолӣ ва ғайра ба тасвиб расониданд.

Пеш аз дида баромадани муносибатҳои берунитиҷоратии ҶТ бо мамлакатҳои ИДМ, бояд таркиби ҷуғрофии содиротӣ ва воридотии мамлакатҳоро аз назар гузаронем. Таркиби ҷуғрофии содирот дар бархе аз мамлакатҳои ИДМ ба тағйиротҳои куллӣ дучор гардидааст. Масалан, Қазоқистон содироташ бо Русия зиёд, вале бо Озарбойҷону Украина кам шудааст; Украина содироташ бо Русия зиёд, аммо бо Белорусия ва Молдова кам аст; Қирғизистон содироташ бо Қазоқистону Украина то андозае коста шуда бошад ҳам, вале бо Русияву Ӯзбекистон хеле беҳтар гардидааст; Озарбойҷон бошад, ҳарчи бештар ба Гурҷистон ва камтар ба Русияву Украина мол таҳвил дода истодааст. Дар айни ҳол таркиби молии амалиётҳои содиротӣ дар дохили Иттиҳод он қадар ҳам ба тағйиротҳои куллӣ рӯ ба рӯ нагардидаст. Асосан он аз нуриҳои маъданӣ, маҳсулоти фулузоти сиёҳ ва ранга, саноати кимиё ва нафт, маҳсулоти мошинсозӣ ва молҳои истеъмолӣ иборат аст. Русия дар ҳаҷми зиёд нафт, газ, ва маҳсулоти коркарди онҳоро содир мекунад. Белорусия бошад, автомобилҳои боркашонӣ, тракторҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, нахи кимиё; Қазоқистон – ангишт, нафт, фулузоти сиёҳ ва ғалла; Қирғизистон – спирти ғизоӣ, тамоку; Молдова – ҷуворимакка, тамоку, шароб; Тоҷикистон – маҳсулоти алюминий, нахи пахта, тамоку, гилем; Туркманистон – гази табиӣ; Ӯзбекистон – нахи пахта, гази табиӣ; Украина – бештар фулузоти сиёҳ, қубурҳои пулодӣ, ғалла, шакар, равғани офтобпарастро содир мекунад. Нисбатан, ҳиссаи зиёди содироти маҳсулоти мошинсозӣ ба души Белорусия, Қирғизистон, Молдова, Русия ва Украина рост меояд. Дертар, дар миёни мамлакатҳои аъзо ҳамагӣ се давлат - Русия, Белорусия ва Қазоқистон созишномаи Иттиҳоди гумрукиро ба имзо расониданд.

Аз рӯи нуктаи назари геосиёсӣ ИДМ дар тӯли фаъолияти чандинсолаи худ на он қадар мавқеи иқтисодии мамлакатҳои аъзоро бо ҳам муттаҳид ё баланд бардоштааст. Ин аст, ки бисёре аз мамлакатҳои аъзо ҳатто масъалаҳо ва муаммоҳои дохилию берунаи худро бо мамлакатҳои аъзои Иттиҳод бартараф карда наметавонанд. Мисоли ин далелҳо муносибатҳои сарди Русия байни Гурҷистон, Украина ва Молдава шуда метавонад. Аз ин рӯ, соли 2005 президента Русия В.В.Путин дар яке аз баромадҳои худ қайд намуданд: «ИДМ ба як муколама ва гуфтушунидҳои ғайрисамаранок мубаддал гардидааст. Бисёре аз санаду меъёрҳои ҳуқуқии қабулгардида дар доираи ин Иттиҳод байни мамлакатҳои аъзо танҳо дар рӯи қоғаз мемонанду амалӣ намегарданд». Инчунин, дар баромадашон қайд намуданд, ки мамлакатҳои аъзои хоҳиши ҳамкоридошта бояд таваҷҷуҳи зиёди худро ба самти ҳамкориҳои иқтисодии Авруосиё ва фазои ягонаи иқтисодӣ равона намоянд. ИДМ ҳамчун як ҷамъомади умумии иқтисодии баёнфикр гардидааст.

Дар ин асос, бо сабаби ҷараёнҳои мавҷуд набудаи сиёсати ягона дар доираи ИДМ масъалаҳои аз нав аъзошавии мамлакатҳо мубоҳиса мешуд. Дар баробари мавҷуд набудани ақидаи ягонаи самти асосии тараққиёти мамлакатҳои аъзо соли 2006 дар ҷаласаи ғайрирасмии сарони давлатҳо, президенти Қазоқистон Н.Назарбоев пешниҳоди худро доир ба рушди муносибатҳои байни мамлакатҳои аъзо пешниҳод намуд, ки чунинанд: сиёсати муҳоҷирати мувофиқакардашуда; рушди ягонаи нақлиёти коммуникатсионӣ; ҳамкориҳо дар соҳаи илмӣ-таълимӣ ва фарҳангӣ- гуманитарӣ; ҳамкориҳои мубориза бар зидди қонунвайронкуниҳои трансмиллӣ.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки мамлакатҳои аъзои ИДМ дар умум, соли 2017 минтақаи иҷтимоии ғайрисамаранокро доро мебошанд. Аз ҳама сатҳи пасти дараҷаи тараққиёти иҷтимоиёт дар мамлакатҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон ба назар мерасад, ки аз 35% то 50%-и аҳолӣ даромади пасти ҳадди ақаллро соҳибанд, инчунин аз 1/4 ҳиссаи аҳолии мамлакатҳои Молдова, Арманистон ва Украина дар ин ҳолатанд.

Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияти худ чун Роҳбари давлат ҷонибдор ва ташаббускори тавсеаи равобити дерин бо кишварҳои Шӯравии собиқ буд. Бинобар ин, бо ибтикороти дурнигаронаи ӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаи аввали таъсисёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, узви комилҳуқуқи он буда, усул ва санадҳои появии онро эътироф менамояд ва мушорики фаъоли равандҳои ҳамгирой мебошад.

Аз ин ҷост, ки дар сиёсати хориҷии Пешвои миллат ба рушди устувори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои узви ИДМ аҳамияти вижа дода мешавад. Аз замони таъсиси Иттиҳод, давлатҳои узв пояи устувори ҳуқуқӣ ташкил додаанд, ки имкони дар фосилаи кӯтоҳ аз бӯҳрони системавӣ баромадан ва рушди иқтисод ва тавсеаи савдои мутақобиларо фароҳам намуд. Дар доираи ИДМ Тоҷикистон зиёда аз 2 ҳазор санади қабулшударо ба имзо расонидааст. Ҳамкориҳои иқтисодӣ дар қаламрави ИДМ бисёрдараҷа буда, дар худ аломатҳои аввалини муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва ҳам ҳамгироии иқтисодиро таҷассум кардаанд.

Ҳамин тариқ, дар давраи муосири инкишофи робитаҳои хоҷагидори дар байни мамлакатҳои аъзои ИДМ сухан дар хусуси на худи ҳамгирой, аниқтараш реинтегратсияи хоҷагиҳои миллии фасодшуда, балки дар хусуси таъсиси фазои ягонаи иқтисодӣ, хоҷагӣ-ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, бо ибораи дигар сухан дар бораи майдони якхелаи фаъолияти хоҷагии корхонаҳои дар қаламрави ИДМ ҷойгирбуда меравад. Аз давраи ба даст омадани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 шартнома ва созишномаҳои дутарафаи байнидавлатӣ ва байниҳукуматиро ба имзо расонид, аз он ҷумла, зиёда аз нисфи онҳо – бо давлатҳои ИДМ мебошад. Бо мақсади густариши ҳамкориҳои байниминтақавӣ байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои кишварҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муттақобилаи муштарак ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар самтҳои афзалиятноки зерин сурат мегиранд:

- татбиқи лоиҳаҳое, ки таҷҳизонидани техникии хоҷагии қишлоқи вилоят равона шудаанд, азнавсозии парки мошину тракторҳо, тавассути ворид намудани техникаҳо барои соҳаи кишоварзӣ аз минтақаҳои кишварҳои иштирокчии ИДМ;
- иштироки муштарак дар азхудкунии заминҳои нав барои рушди боғдорӣ, бунёди истгоҳҳои обкашии ҷадид ва обёрии майдонҳои нав;

- ҳамкорӣ дар соҳаи тухмпарварӣ, истифодаи нуриҳои минералии муосир;
- ташкил намудани ширкатҳои лизингӣ ва машваратӣ дар самти дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо;
- омодасозии кадрҳо дар макотиби олии минтақаҳои кишварҳои иштирокчии ИДМ;
- ташкил ва азнавсозии корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсолоти коркард;
- пешбурди равобит дар соҳаҳои варзиш ва сайёҳӣ;
- азхудкунии муштараки конҳои газу нафт;
- ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи саломатии ҷомеа ва ворид намудани технологияҳои муосири тиббӣ;
- баргузории чорабиниҳои муштарак дар самти ҳифзи муҳити зист ва огоҳонидани мардум аз натиҷаҳои манфии тағйирёбии иқлим;
- ҳамкорӣ байни ташкилотҳои ҷавонон, баргузории форумҳои муштарак ва истироҳати тобистона барои кудакони давлатҳои аъзои ИДМ;
- коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва бунёди корхонаҳо оид ба коркарди партовҳо дар Минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
- рушди инфрасохтори роҳи оҳан дар Минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

## АДАБИЁТ


1. Густов В.А., Манько В.Х. Россия – СНГ: сотрудничество во имя развития и прогресса /В.А.Густов. - СПб.; М.: АВОК Северо-Запад, 2007.
2. Лавров С.В. Евразийский интеграционный проект: устремленность в будущее / Евразийская интеграция в XXI веке / Ред. группа: А.А. Климов, В.Н. Лексин, А.Н. Швецов. М.: ЛЕНАНД, 2012. – 29с.
3. Либман А.М. Модели экономической интеграции: мировой и постсоветский опыт // MPRA: Research Papers in Economics.2013
4. .Лузгина А.Н. Единое экономическое пространство Беларуси, России, Казахстана и Үкраины – выгоды и потери / А.Н.Лузгина. - Мн.: Логвинов, 2005. – 96 с.
5. Мамбеталиев Н.Т. Налоги в Таможенном союзе и Едином экономическом пространстве: Үчеб.-практич. Пособие / Н.Т.Мамбеталиев. – М.: Налоговый вестник, 2012. – 388с.
6. Платонова И.Н., Ливенцев Н.Н., Костюнина Г.М., Буглай В.Б.Международные экономические отношения в эпоху глобализации / И.Н. Платонова, Н.Н. Ливенцев, Г.М. Костюнина, В.Б. Буглай. - М.: Проспект, 2012. – 344 с.
7. Омирбаев С.М. Государственный бюджет: учебник / С.М.Омирбаев. – Алматы: ТОО РПИК,2011. – 632с.
8. Смитиенко Б.М. Интеграционные процессы в странах СНГ: тенденции, проблемы и перспективы: монография / под ред. Б.М. Смитиенко. М.; Минск; Донецк; Самарканд: Финакадемия, 2008.
9. Ушкалова Д.И. Формирование Таможенного союза и единого экономического пространства России, Белоруссии и Казахстана: проблемы и предварительные итоги. М.: Институт экономики РАН. 2012. – 48с.
10. Шерматов Б. Глобализация мирового хозяйства; проблемы интеграция Таджикистана в мировую экономическую систему//. Экономика Таджикистана. Стратегия развития - 2001 - №2. - с.103-108.
11. Секретариат Интегратционного Комитета Евроазийского экономического совета.// ЕврАзЭС сегодня - Москва 2011 с
12. Шумскый Н. Экономическая интеграция государств Содружества: Возможности и перспективы.// Вопросы экономики. - 2003. -№6 - с.122-134
13. С. Глазьев . Переход к инновационной экономики – условие будущего развития России \\ Инновации № 3 -4 – 2000.
14. Б.Г. Владимров. Структурные изменения экономики в государствах – участниках СНГ Москва, 2007.
15. «25 лет СНГ» Дар зери таҳрири котиби аввали ИДМ. Москва 2016с


## МЕХАНИЗМИ ИДОРАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ИДМ ВА САМТҲОИ ТАКМИЛИ ОН


Дар мақолаи мазкур таҳлили ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – яке аз иттиҳодияи интегратсионии бузург пешниҳод гардидааст. Муаллиф бо истифода аз сарчашма ва рақамҳои оморӣ таърихи ташкил ва рушди ИДМ-ро ба таври фарох тасвир намудааст. Аз замони таъсиси Иттиҳод, давлатҳои аъзо пояи устувори ҳуқуқӣ ташкил додаанд, ки имкони дар фосилаи кутоҳ аз бӯҳрони системавӣ баромадан ва рушди иқтисод ва тавсеаи савдои мутақобиларо фароҳам намуд. Дар доираи ИДМ Тоҷикистон зиёда аз 2 ҳазор санади қабулшударо ба имзо расонидааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳамгироии иқтисодӣ, давлатҳои аъзо, пояи устувори ҳуқуқӣ, бӯҳрони системавӣ, рушди иқтисод, савдои мутақобила, мавқеи Тоҷикистон дар ИДМ.


## МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИЕЙ В РАМКАХ СНГ И НАПРАВЛЕНИЯ ЕГО УЛУЧШЕНИЯ

В данной статье представлен анализ экономической интеграции в рамках Содружества Независимых Государств - одного из крупнейших интеграционных объединений. Используя статистические источники и цифры, автор подробно описывает историю становления и развития СНГ. С момента основания Содружества государства-члены создали правовую базу, которая позволит им в короткие сроки выйти из системного кризиса и развивать свою экономику и торговлю. В рамках СНГ Таджикистан подписал более 2 тысяч принятых документов.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экономическая интеграция, государства-члены, стабильная правовая база, системный кризис, экономическое развитие, взаимная торговля, положение Таджикистана в СНГ.

**MECHANISM FOR MANAGING ECONOMIC INTEGRATION WITHIN THE CIS AND DIRECTIONS FOR ITS IMPROVEMENT**

This article presents an analysis of economic integration within the Commonwealth of Independent States - one of the largest integration associations. Using statistical sources and figures, the author describes in detail the history of the formation and development of the CIS. Since the founding of the Commonwealth, the member states have created a legal framework that will allow them to quickly get out of the systemic crisis and develop their economies and trade. Within the framework of the CIS, Tajikistan has signed more than 2 thousand adopted documents.
**KEYWORDS:** economic integration, member states, stable legal framework, systemic crisis, economic development, mutual trade, Tajikistan's position in the CIS.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муродова Озода*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

**Сведение об авторе**: ***Муродова Озода*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики.

**Information about the author**: ***Murodova Ozoda*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty World Economy.

# НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИВАЗКУНАНДАИ ВОРИДОТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Умаров А. Ш***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воридивазкунӣ ифодакунандаи маҷмуи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ дар низоми такрористеҳсоли миллӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозии он дар дурнамои наздик бояд барои бунёди шароитҳои бозсозиҳои сохторӣ, таъсиси шароитҳои мусбати иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи технологии саноат ва баромадан ба сатҳи нави тараққиёти байналмилали арзёби мегардад. Мафҳуми воридивазкунӣ мисли дигар категорияҳои иқтисодӣ ҷанбаи миқдории арзёбии самаранокӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Мафҳуми мазкур тавассути ду усул метавонад, баҳогузорӣ карда шавад: усули мустақими баҳодиҳии самаранокии иқтисодӣ ва усули таҳлили коэфитсентӣ. Ҳар яке аз ин усулҳоро ба таври муфассал дида мебароем. Усули мустақими баҳодиҳии иқтисодии нишондиҳандаҳо дар сатҳи корхонаҳои ба воридивазкунӣ махсус (даромади софи дисконткунонда, ҳалли мушкилоти институтсионалии рушди содирот, муҳлати худхаридии лоиҳа, нормаи дохилии даромаднокӣ ва ғ.). Моҳияти усули мазкур дар ҳисоби нишондиҳандаҳои умумиқабулгардидаи самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо дарназардошти ҳама гуна тасҳеҳи интиқоли маблағҳо, ки ба туфайли характери воридивазкунии маҳсулоти истеҳсолгардида ба вуҷуд оварда шудааст. Дар заминаи баҳодиҳии самаранокии иқтисодии лоиҳаҳои воридивазкунии корхонаҳои саноатӣ, муаяйнкунии воқеии манфиатҳои иқтисодӣ (селаҳои пулӣ) аз татбиқи лоиҳа ва талафоти минбаъдае (селаҳои пулие), ки бо амалисозии лоиҳаи воридивазкунӣ вобаста аст. Аз ҷониби мо чунин номгӯи воридшавӣ ва хориҷшавии селаҳои пулӣ оварда нишон дода мешавад.

**Таҳлили коэффитсентӣ.** Моҳияти усули мазкур аз баҳодиҳии нишондиҳандаҳои нисбӣ, ки тавсифдиҳандаи сатҳ ва тағйирёбии динамикаи вобастагиро аз воридот ба корхонаҳо, ки татбиқкунандаи лоиҳаҳо дар бахши воридивазкунӣ ба ҳисоб мераванд, иборат аст. Воридивазкунӣ ҳамчун ҷараён, ба таври мустақим бо бартарафкунии аз воридот вобастагии ногувори иқтисодиёт, бояд ба таври сохтори инъикоскунандаи роҳи баромадан ба аз ҳолати

статикӣ ва ба ин васила нуқтаи асосии бозсозиҳои сохторӣ, соҳавӣ, такрористеҳсолӣ, институтсионалӣ, ва муносибатҳои равобити зичи берунмарзӣ табдил ёбад. Аммо, аксарияти иқтисодчиён воридивазкуниро дар фосилаи начандон дарозмуддат ҳамчун имконияти «пуррагардонии» корхонаҳои фаъолияткунанда, пеш аз ҳама бо такя ба сиёсати протексионизми давлатӣ, писанд медонанд [1, с.52-64]

Дар доираи сиёсати дохиливу берунии иқтисодиёт, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коҳиш додани таъсири омилҳои манфии беруна, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таъмини рушди самарабахши иқтисодиёт аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ, таъсиси коргоҳ ва корхонаҳои нави саноатӣ, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда ва дар ин замина афзоиш додани истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардид.

Тоҷикистон дорои иқтисодиёти кушода буда, дар он воридоти молу хизматрасониҳо аз содироти онҳо бештар аст. Озодкунии савдои хориҷӣ дар нимаи солҳои 90-уми асри гузашта сурат гирифт. Бинобар маҳдуд будани номгӯи молҳои содиротӣ, ки дар он алюминийи аввалия ва нахи пахта бартарият доштанд, дар давраи мушоҳидашаванда бо ифодаи арзиш тағйироти ҷиддӣ мушоҳида карда намешавад. Коҳиш ё афзоиши содирот бештар бо тағйирёбии нархи ҷаҳонии молҳо дар шакли ашёи хоми аз Тоҷикистон содиротшаванда вобаста мебошад. Ба таври устувор бақияи манфии балансй савдо афзуда, аз воридот вобастагии давлат шиддат гирифта истодааст. Аз ин хотир, мусоидат ба рушди воридивазкунандаи истеҳсолӣ, мумкин аст танҳо дар асоси истифодаи фишангҳои беруниқтисодӣ, сиёсати фаъоли пулию қарзӣ, асъориву қурбӣ ва сиёсати саноатӣ имконпазир аст. Бо сабаби маҳдудияти ҳудуди ҷуғрофии маҳсулотҳои содиротӣ, ки дар он алюминиии аввалия ва нахи пахта бартарӣ дорад, тағийротҳои назаррасро дар сатҳи иқтисоди миллӣ интизор шудан ғайриимконпазир аст. Коҳишёбӣ ва афзоишёбии содирот пеш аз ҳама бо калобишҳои нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулотҳои аз берун воридшаванда ба қаламрави ҷумҳурӣ вобаста аст. Афзоиши ҳиссаи маҳсулоти воридшаванда дар бозорҳои дохилӣ аз натиҷаи марҳала ба марҳала паст намудани тарифҳои воридотӣ вобаста аст. Ба таври сунъӣ нархҳои пастнамуда ба маҳсулотҳои воридшаванда, ба коҳишёбии нархҳои дохилӣ ва аз байн рафтани истеҳсолоти ватанӣ гардида, ба ин маънӣ вобастаги бозори миллӣ аз маҳсулоти арзони субсидияшуда зиёдтар мегардад. Чунин кишварҳои тараққикарда ба монанди Фаронса, Полша, Ирландия мавқеъи протекисонистиро дар соҳаи дастгирии хоҷагии қишлоқ ишғол мекунанд. Мувофиқи талаботи қоидаҳои Созмони умумиҷаҳонии Савдо марҳила ба марҳила коҳиш ёфтани субсидиякунонии содиротӣ ва манъи пурраи он дар соли 2013 пешбинӣ шуда буд. Паст намудани маҳдудиятҳои тарофавӣ ба истифодаи интенсивии аз ҷониби кишварҳо усулҳои ғайритарофавиро ҷиҳати ҳимояи бозорҳои дохилӣ истифода баранд. Тоҷикистон ба таври зарурӣ чунин усулҳои ғайритарофавиро, ки аз ҷониби СУТ пешбарӣ гардидааст (монеаҳои санитарӣ, фитосанитарӣ, чораҳои техникӣ) истифода намебарад. Ин чорабиниҳо бояд ҳам характери доимӣ ва ҳам фавқулодавӣ дошта, ба ҳимояи одамон ва таъмини бехатарии озуқаворин онҳо равона карда шаванд. Бояд қайд намуд, ки муқобилияти рақобатпазирии воридот дар бозорҳои дохилӣ ба истифодаи чорабиниҳои антидемпингӣ нисбат ба истеҳсолкунандагони хориҷӣ халал мерасонад. Чуноне ки маълум аст, истифодаи чорабиниҳои антидемпенгӣ ва дигар чорабиниҳои маҳудудкунӣ ба низоми талаботҳои СУТ мухолифат намекунад. Истифодаи онҳо нисбати воридот дар Тоҷикистон бо як қатор маҳдудиятҳо мушкилотдор ба ҳисоб меравад, зеро ки аксарияти маҳсулотҳои воридшаванда ба номгӯи махсулоти демпенгӣ дохил намешавад. Дар ин ҳолат истеҳсолкунанда на аз ҳисоби омили нархӣ, балки аз ҳисоби омили рақобатпазирӣ бурд ба даст меоварад. Иштироки Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат истифодаи воситаҳои сиёсат гузории тиҷоратӣ ва қобилияти ҳимояи бозори дохилиро маҳдуд мекунад. Истифодаи усулҳои танзимии ғайри тиҷоратӣ (сертификатсия, стандартизатсия, қоидаҳои техникӣ), ки аз тарафи Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат иҷозат дода шудааст, ҳанӯз барномаҳои кофӣ надоранд. Системаи давлатии саноатӣ ба таври кофӣ самарабахш нест, чуноне ки далели сохтори таназзули истеҳсолот ва монеаҳои сохторӣ дар ҷараёнҳои савдои беруна ба мушоҳида мерасанд. Номушаххасии самтҳои сиёсати саноатӣ ва набудани

лоиҳаҳои воридотӣ барои иқтисодиёт ва механизмҳои татбиқи онҳо боиси ихтилофот дар истеҳсолоти саноатӣ мегардад. Дар ҷараёни дохилшавии Тоҷикистон ба низоми муосири робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ муҳиммияти принсипиалиро коркарди равишҳои нав доир ба дастгирии давлатии фаъолияти беруниқтисодӣ, ки дар доираи бартариятҳои гузоштшудаи Барномаи Стратегияи милли Рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 гузошта шудаанд, ишғол мекунанд. Ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон диверсификатсияи иқтисодиёт ва тақвиятбахшии иқтидори содиротии кишвар, инчунин воридивазкуниро талаб мекунад, зеро ки истеҳсоли маҳсулотҳои бо ҳам монанди воридшаванда имконият медиҳад, ки на танҳо ҳаҷми маҳсулоти воридотӣ кам карда шавад, балки нархи ин намуди маҳсулотҳо дар дохили кишвар, ки аз ҷониби истеҳсолкунандагон истеҳсол карда мешаванд, бо нархҳои дастрас ба бозори дохилӣ дастрас гарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили сиёсати давлатии беруниқтисодӣ ва савдои берунӣ дар нимаи солҳои 2015 Комиссияи Ҳукуматӣ оид ба воридивазкунӣ таъсис дода шуда буд, ки фаъолияти он барои коҳиш додани вобастагии савдои берунӣ аз воридот, дастгирии системавӣ ва нақшавии дастгирии содирот ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, ки ба талаботҳои СУТ мувофиқ аст, ташкил гардида буд. Самти стратегии сиёсати мазкур ин аз бозорҳои дохилӣ берун кардани молҳои истеҳсоли хориҷӣ набуда, балки ба истеҳсоли маҳсулотҳои рақобтапазири ватанӣ, ки дар бозорҳои дохили ҷумҳуриявӣ ва берун аз он эҳтиёҷот доранд, дар назар аст. Ҷиҳати амалисозии босамари сиёсати воридивазкунӣ ва бо ин васила мусоидаткунӣ ба содирот Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул гардид [2, с.1-68]. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии сиёсати давлатии иқтисодии хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гашта, ба афзун гардонидани ҳаҷми содирот, коҳиш додани ҳиссаи молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми умумии воридот равона гардидааст. Барои ноил гардидан ба он дар доираи Барнома иҷрои вазифаҳои стратегии зерин, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 муайян гардидаанд, оғоз карда мешавад:

- ба таври назаррас кам кардани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотии асосии ниёзи мардум;
- таъмини болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо дар самтҳои пешниҳоди механизми самараноки дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молҳои ватанӣ ва гузаронидани ислоҳоти зарурӣ дар бахшҳои воқеӣ;
- таъсис додани марказҳои муосири логистикӣ ва васеъ кардани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;
- ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани хизматрасонии хатсайрҳои роҳи оҳан, автомобилӣ, ҳавоӣ ва намудҳои дигари нақлиёт;
- дараҷаи пасти ҷалби бахши хусусӣ, пешгӯии аз ҳад некбинонаи умедворӣ аз сармоягузорони хориҷӣ;
- таъмин намудани болоравии истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда тавассути андешидани тадбирҳо ҷиҳати мусоидат ба содиркунандагону сармоягузорони эҳтимолӣ, инкишофи ҳамкорӣ, занҷирҳои арзиши иловашуда ва гурӯҳбандӣ.

Бояд қайд намуд, ки либерилизатсияи минбаъдаи савдои берунаи Тоҷикистон рақобтро аз ҷониби молҳои баромади беруна боз ҳам шадидтар мегардонад. Ҳамин тариқ, истеҳсоли маҳсулоти рақобтапазири ватанӣ имконият медиҳад, ки молҳои воридотии монандро бо молҳои истеҳсолии дохилӣ иваз намуда, ба ин васила ҷараёнҳои воридотивазкунӣ фаъол гардад. Дар ҷараёни фаъолгардонии воридотивазкунӣ набояд нисбати ҳолати таъминоти қарзии бахши аграриро фаромуш кард. Муносибатҳои қарзӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт бо сабабҳои мавсими будани истеҳсолот, яъне дур шудани фосилаи вақти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, байни маблағи гузоштшуда ва баргаштани он низ аз аҳамият холӣ нест. Талаботи истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба қарзҳои захиравӣ дар сатҳи зарурӣ қаноатманд намегарданд. Сабаби асосии вуҷуд надоштан дар истеҳсолкунандагони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ гарави арзишнок ва

инчунин пардохти баланд барои қарзҳои захиравӣ асоснок мегардад. Тибқи иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба қарзҳои дарозмуддат зиёда аз 64% корхонаҳои хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ба қарзҳои миёнамуҳлат-16% ва кӯтоҳмуддат ҳамагӣ 10% эҳтиёҷ доранд [3]. Инак, дар асоси маълумотҳои дар боло овардашуда метавон қайд намуд, ки механизми пулию қарзӣ барои ҳавасмандкунии воридотивазкунӣ босамар таъсир мерасонад. Тараққиёти воридотивазкунӣ ба беҳсозии сохтори қарзии бонкӣ низ ба таври мусбат таъсир мерасонад. Зери мафҳуми стратегияи воридотивазкунӣ ин «баҳисобгирии дар давраи дарозмӯҳлат маҷмуаи чорабиниҳо, ки таъмини мақсадҳо нисбат ба ҳаҷм ва сохтори истеҳсолоти ватании маҳсулот дар ҳолати коҳиш ёфтани истеъмоли маҳсулотҳои воридотӣ» фаҳмида мешавад. Интихоби дилхоҳ стратегияи воридотивазкунӣ аз имкониятҳои мавҷуда ва вазъи иқтисодӣ вобаста аст. Тағйирёбии вазъи ҷуғрофию иқтисодӣ ва ҷуғрофию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир нақши омили иқтисодии хориҷиро дар рушди кишвар ба таври назаррас боло бурд. Вобастагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бозорҳои беруна хеле меафзояд. Тоҷикистони муосир дорои иқтисоди хурди кушода буда, дар ҳиссаи воридоти молу хизматрасонӣ нисбат ба содироти онҳо зиёдтар мебошад. Ҷумҳурӣ дар бозорҳои ҷаҳонии молу сармоя ҳиссаи начандон зиёд дошта, иқтисодиёти он таҳти таъсири омилҳои асъорӣ, молиявӣ ва нархии беруна қарор дорад. Ҳаҷми арзишии содироти ҷумҳурӣ вобаста ба тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ ба маҳсулоти асосии содиротӣ тағйир ёфта, меъёри фоизии дохилӣ, ки нисбат ба меъёри ҷаҳонӣ баландтар аст, ба ҳаракати байналмилалии сармоя вобастагӣ надорад. Барои иқтисодиёти хурди кушод шартҳои тиҷорати хориҷӣ ҳамчун нишондиҳандаҳои зарурӣ барои таҳия ва амалисозии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ва қисми таркибии он сиёсати савдои хориҷӣ аҳамияти муҳим дорад. Бинобар ин, бахши иқтисодии хориҷӣ бояд ба низоми иқтисодии тағйирёбанда, ки қобилияти ба тағйироти ҷаҳонӣ мутобиқ шуданро дорад, табдил ёбад [4, с. 1-58].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки вазифаи минбаъда дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии мамлакат «...васеъ намудани саҳми КАС дар таъмини мавҷудият ва кофӣ будани маводи озуқаворӣ, сифат ва бехатарии онҳо дар асоси гузариш ба сатҳи баланди саноатикунонӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ дар асоси татбиқ намудани технологияҳои бехатари инноватсионӣ ва экологӣ» иборат мебошад. Ҳалли ин мушкилотро тақвият додани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ, бо дарназардошти истифодаи самарабахши рушди нерӯи иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, сармоягузориҳо мебошад. Сармоягузорӣ, ҳамчун шарти асосии таъмини рушди иқтисодӣ, таҳаввулоти умумии корхонаҳои кишоварзӣ ва параметрҳои асосии раванди таҷдиди такрористеҳсолро муайян месозад. Аз ин рӯ, дар шароитҳое, ки омилҳои муҳити беруна ва хавфу хатарҳо дар як сатҳи муайян ба фаъолияти корхонаҳо таъсир мерасонанд, ба вуҷуд овардани парадигмаи нави фаъолияти иқтисодӣ зарур буда, хавфу хатарро ҳамчун захира, ки ҳамаи хусусиятҳоро, махсусан омилҳои истеҳсолиро (соҳибмулк, арзиш (нарх), маҳдудияти шумораҳо, натиҷаҳои ниҳоии истеҳол) дорад, мувофиқи мақсад мебошад. Инчунин, консепсияи бунёдии идоракунии хавфу хатарҳои корхонаҳои истеҳсолӣ бояд бо даранзардошти чунин унсурҳо таҳия карда шаванд: идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ, ки раванди доимӣ буда, тамоми раванди такрористеҳсоли корхонаҳои кишоварзиро ҳамчун низом (сохторҳои он, фаъолияти касбӣ) дар бар мегирад; барои муайян намудани рӯйдодҳое, ки метавонанд ба ташкил ва идоракунии корхонаҳо ва хавфи сармоягузорӣ, ки ба таъмини муваффақияти ҳадафҳои корхонаҳо мусоидат мекунанд, равона карда шавад.

Самти дигари ба ҷараёни воридотивазкунанда таъсирбахшро дар такмили сиёсати андоз барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионии соҳибкорони хусусӣ дидан мумкин аст. Аксари субъектҳои бахши соҳибкорӣ мекӯшанд, ки аз ҳама гуна имконияти қонунии кам кардани уҳдадориҳои андозии худ истифода баранд. Аз соли 2013 шурӯъ карда, Кодекси нави андоз ба қонунгузории андоз дар соҳаи соҳибкории хурд тағйироти гуногун (беш аз 240 имтиёзу сабукиҳо)-ро ворид намуд, ки ба фаъолияти онҳо таъсири мусбат расониданд. Афзоиши назарраси корхонаҳои хурд дар соли 2014 - 584 адад бештар аз соли 2013 - исботи ин гуфтаҳост. Аммо имтиёзоти пешбинишуда самараи кутоҳмуддат

доданд. Пас аз соли 2014 теъдоди корхонаҳои хурд майл ба коҳишёбӣ кард: соли 2016 нисбат ба соли 2014 шумораи онҳо ба 475 адад кам шуда, мутаносибан, нишондиҳандаҳои иқтисодии дигар низ коҳиш ёфтанд. Ин асосан бо поёнравии сатҳи муҳити сармоягузорӣ ва таъсири номусоиди низоми андоз ба иқтисоди корхонаҳои хурд рабт дорад. Ин нишондиҳандаҳо аз мавҷудияти гаронии андоз гувоҳӣ медиҳанд. Бинобар ин, омили ҳавасмандкунии рушди соҳибкории хурд чунин сиёсати давлатии андозбандиест, ки моҳияташ аз муайяннамоии меъёрҳои ҳудудии одилона иборат бошад. Ташкили идораи самараноки андозҳо, пеш аз ҳама гаронии андоз, на танҳо ба пойдорӣ, балки ба рушди иқтисоди соҳибкории хурд дар шароити номуайянии муҳити беруна ва хатароти баланди фаъолияти хоҷагидорӣ мусоидат мекунад. Коҳишдиҳии андозҳо ё камкунии андоз чун раванди идорӣ амалиёти мақсадноки корхонаҳои хурдро ҳамчун андозсупорандагоне дар назар дорад, ки то дараҷаи муайян ба коҳишёбии пардохтҳои ҳатмии он ба буҷет ё муносибгардонии андозҳо тавассути амалҳои қонунии андозсупорон бо истифода аз усулҳои иҷозатдодаи қонун мусоидат мекунанд.

Ба андешаи мо, дар низоми андоз ислоҳот гузарондан зарур аст, махсусан барои аз ҷиҳати инвеститсионӣ ва инноватсионӣ рушд кардани иқтисод, аз ҷумла дар соҳаҳои бизнеси хурди саноатӣ ва Комплекси аграрию саноатӣ. Ҳоло дар ҷумҳурӣ дар соҳаи истеҳсолӣ гаронии баланди андоз вуҷуд дошта, он ба рушди соҳаҳои коркард монеа эҷод менамояд. Аз ин мебарояд, ки коҳишдиҳии гаронии андоз дар соҳаҳои афзалиятноки истеҳсолот воситаи муҳимми ҳавасмандкунии иқтисодӣ ва мусоидат пеш аз ҳама ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ба ин васила татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ баромад хоҳад кард.

### АДАБИЁТ


1. Выжитович А.М., Ершов П.А. Импортозамещение: актуальные механизмы и инструменты // Нац. интересы: приоритеты и безопасность. - 2015. - N38. - С.52-64;
2. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "26" ноябри соли 2016, № 503.
3. Министерство сельского хозяйства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www. moa.tj/rus/
4. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз”28” декабри соли 2016, №678 тасдиқ шудааст.
5. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Ҷумҳурият”
6. Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://investcom.tj
8. Сомонаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар” https://khovar.tj
9. Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон_mmk.tj
10. Сомонаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон https://medt.tj
11. Сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.stat.tj


### НАҚШИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИВАЗКУНАНДАИ ВОРИДОТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши истеҳсолоти ивазкунандаи воридотро дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Чуноне ки Кадочников П.А воридотивазкуниро бо афзоиши истеҳсол ва истеъмолоти дохилии маҳсулоти ватанӣ, ки дар натиҷа воридоти маҳсулот аз байн бардошта мешавад, шарҳ медиҳад. Ин ҷараён метавонад тавассути ду қувва ба амал бароварда шавад баландбардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар натиҷаи омилҳои «маркетингӣ-бозорӣ» (арзоншавӣ, боло рафтани сифати маҳсулот, тағийр ёфтани талаботҳои истеъмолӣ ва даромадҳо) ва «сармоягузорӣ» (сохтмони корхонаҳои нав, модернизатсияи истеҳсолот). Бо дарназардошти ин, тибқи ақидаи Зайтсева Д.Н., ҷараёни воридотивазкунанда метавонад, на танҳо тариқи ҳавасмандгардонии иқтисодии истеҳсолоти дохилӣ, тариқи сармоягузориҳои мустақим ва ё бо роҳи фароҳам овардани шароитҳои муосид барои истеҳсолкунандагони дохилӣ (масалан, девалватсияи асъори миллӣ), балки ҳамчунин тавассути чораандешии ғайрибозории давлатӣ – яъне, қатъ гардидани воридоти намудҳои алоҳидаи маҳсулот, ҷорӣ намудани боҷҳои манъкунанда ва ғ. маънидод мекунад. Е.Лукянчук тафсири нисбатан возеҳро оид ба мафҳуми воридотивазкунанда медиҳад «…ҳамчун ҷараёни марҳила ба марҳила ивазнамудани маҳсулотҳои воридшаванда бо маҳсулоти ватанӣ, ки дорои хусусиятҳои нисбатан баланди истеъмолотӣ ва бо нархҳои паст».



**КАЛИДВОЖАҲО:** истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, иқтисодиёт, воридот, истеҳсолот, саноат.


### РОЛЬ ИМПОРТЗАМЕЩЕННОЙ ПРОДУКЦИИ В ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье автор рассматривает роль импортозамещающего производства в экономике Республики Таджикистан. Как Кадочников П.А. объясняет импортозамещение увеличением производства и внутреннего

потребления отечественной продукции, что, в свою очередь, исключает импорт. Этот процесс может быть достигнут за счет двух сил: повышения конкурентоспособности отечественной продукции за счет «маркетингово-рыночных» факторов (снижение, улучшение качества продукции, изменение потребительского спроса и доходов) и «инвестиций» (строительство новых предприятий, модернизация производства). С учетом этого, по мнению Зайцевой Д.Н., процесс импортозамещения может быть достигнут не только за счет экономического стимулирования внутреннего производства, прямых инвестиций или создания благоприятных условий для отечественных производителей (например, девальвации национальной валюты), но и также через меры негосударственного рынка - то есть прекращение импорта определенных товаров, введение запретительных пошлин и т. д. объясняет. Э. Лукьянчук дает более четкую трактовку концепции импортозамещения «… как поэтапного процесса постепенного замещения импортной продукции отечественной продукцией, обладающей относительно высокими потребительскими характеристиками и невысокой ценой».

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** импортозамещающее производство, экономика, импорт, производство, промышленность.

**ROLE OF IMPORT OF SUBSTITUTED PRODUCTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In this article, the author examines the role of import-substituting production in the economy of the Republic of Tajikistan. How Kadochnikov P.A. explains import substitution by an increase in production and domestic consumption of domestic products, which, in turn, excludes imports. This process can be achieved due to two forces: increasing the competitiveness of domestic products due to "marketing and market" factors (decrease, improvement in product quality, changes in consumer demand and income) and "investment" (construction of new enterprises, modernization of production). Taking this into account, according to Zaitseva D.N., the process of import substitution can be achieved not only through economic stimulation of domestic production, direct investment or creation of favorable conditions for domestic producers (for example, devaluation of the national currency), but also through measures of the non-state market - that is, the termination of the import of certain goods, the introduction of prohibitive duties, etc. explains. E. Lukyanchuk gives a clearer interpretation of the concept of import substitution "... as a step-by-step process of gradual replacement of imported products with domestic products with relatively high consumer characteristics and low prices."

**KEYWORDS:** import-substituting production, economics, import, production, industry.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умаров Атобой Шерафганович*** **– м**агистри курси дуюми факултети молиявию иқтисодии ДМТ. Телефон: **906 77 23 52.**

**Сведение об авторе:** ***Умаров Атобой Шерафганович*** – магистр второго курса финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **906 77 23 52.**

**Information about the author:** ***Umarov Atoboy Sheraganovich*** – second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics, Tajik National University. Phone: **906 77 23 52.**

## МУШКИЛОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҷураева М.Н., Сафаров Ш.Ҷ.,***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Андоз аз фоида андози мустақим буда, супорандагони андоз аз фоида шахсони ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд. Объекти андозбандии андоз аз фоида барои резидент даромади умумӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз кам карда мешавад. Даромади умумӣ аз даромадҳо, подошпулиҳо ва манфиатҳои андозсупоранда дар шакли пулӣ ва моддӣ, аз ҷумла тамоми воридоте, ки боиси афзоиши дороиҳои софи андозсупоранда мегардад, ба истисноӣ воридоте, ки аз андоз аз фоида озод аст, иборат мебошад. Объекти андозбандии ғайрирезиденте, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ амалӣ менамояд, даромади умумии он аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муассисаи доимӣ мебошад, ки ба маблағи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз нисбат ба чунин даромад кам карда шудааст.

Фоида - нишондиҳандаи муҳимми ифодакунандаи натиҷаи фаъолияти молиявии корхона мебошад. Мақсади ниҳонии фаъолияти сохтори тиҷоратии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозор, ба даст даровардани фоида буда, он барои инкишоф ва аз ҷиҳати иқтисодию молиявӣ мустаҳкамшавии корхона ҳамчун асос хизмат мекунад. Фоиданокии корхона дар асоси баландбардоштани самаранокии истеҳсолот ва бомуваффақият иҷро намудани вазифаи худ, амалӣ мегардад. Дар солҳои охир ҳарчанд

иҷрои сифатноки нақша беҳтар шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз доир ба маъмурикунонии андозҳои алоҳида, аз ҷумла андоз аз фоида, ки андози ташаккулдиҳандаи буҷет мебошанд, проблемаҳои ҳалталаб зиёд ба назар мерасанд. Яке аз мушкилиҳои асосӣ, ки боиси кам ҳисоб ва пардохт гардидани андоз аз фоида мегардад, ин роҳ додан ба хатогӣ ҳангоми қабули эъломияҳои ин намуди андоз ба ҳисоб меравад. Зеро, мақомоти ҳудудии андоз ҳангоми гузаронидани корҳои таҳлиливу назоратӣ нисбат ба эъломияи андоз аз фоида ба нишондодҳои асосии фаъолияти андозсупорандагон аҳамияти зарурӣ намедиҳанд, ки дар натиҷа шумораи зиёди андозсупорандагон маблағҳои тарҳшавандаи худро аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд нишон дода, фаъолияти худро бо зарар, ё ин ки бо гирифтани фоидаи ночиз ҷамъбаст кардаанд ва аксари андозсупорандагони эъломияи андоз аз фоидаро тариқи сифрӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд. Дар соли 2020 бо назардошти вазъияти баамаломада интизоми андозсупории андозсупорандагон паст гардида, дар ин давра ҳолатҳои аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз нисбат ба солҳои қаблӣ зиёд гардид, ки ин омил низ боиси коҳиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ шуда истодааст. Тибқи махзани маълумотҳои Кумитаи андоз аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ (41,2 ҳазор адад) дар соли 2020 ҳамагӣ 26,1 ҳазор субъект эъломияҳои андозиро ба мақомоти андоз пешниҳод намуданд, ки 63,3 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад. Шумораи нисбатан пасти пешниҳоди эъломияҳои андозӣ аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод – 40,7%, Мастчоҳ – 64,4%, Истаравшан – 60,6%, Кулоб – 55,5%, Данғара – 46,6%, Хуросон – 26,2%, Сарбанд – 55,4%, Хоруғ – 38,9%, Рушон – 35,4%, Шуғнон – 29,0% ва дигар шаҳру ноҳияҳо ҷой дорад. Инчунин, ба ҳолати 1 январи соли 2021 аз шумораи 13,4 ҳазор адад шахсони ҳуқуқии дар низоми содакардашуда фаъолиятдошта, дар ин давра (бе назардошти субъектҳои бефаъолият) 2634 адад ё худ 29,2 фоизи онҳо эъломияҳои андозии худро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд.

Яке аз сабабҳои зиёд гардидани пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ ва ё сари вақт пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз дар соли 2020 агар аз як тараф ба вазъияти баамаломада вобаста ба паҳншавии беморим сироятии COVID-19 ва пурра фаъолият накардани субъектҳои хоҷагидор вобаста бошад, сабабҳои дигари он ба бемасъулиятӣ ва ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз ба шумор меравад, ки андозсупорандагон аз он истифода намуда, эъломияҳои худро мунтазам ба таври сифрӣ пешниҳод намуда истодаанд. Новобаста аз таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андоз, сафарбар намудани гурӯҳҳои корӣ, таҳти назорати доимӣ қарор додан ва пайваста дар ҷаласаҳои корӣ мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ, мутаассифона ҳоло ҳам фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар самти таъмини пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Бо назардошти ҳолатҳои қайдгардида ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта, ба сарраёсатҳо, раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз таъкид карда шуд, ки ҷиҳати таъмини пешниҳоди эъломияҳои андозӣ ва кам намудани шумораи пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ, бо субъектҳои мазкур корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида, чораҳои иловагӣ андешанд. Бинобар муҳим будани масъалаи назорати иҷрои уҳдадориҳои андозсупорандагон, пешгирии ҳолатҳои ба миён омадани изофапулӣ ва бақияи қарзи андозҳои беасос, ислоҳи камбудиҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон ҷойдошта, тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз” (аз 2 январи соли 2020, №1676) ба моддаҳои 18 ва 19 Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуда, уҳдадории андозсупорандагон оиди бо мақомоти андоз дар мӯҳлати муқарраргардида тартиб додани санади муқоисавӣ мушаххас муайян карда шуд. Вале, новобаста аз ин, таҳлил ва омӯзиши ҳисоботҳо оид ба рафти тартиб додани санадҳои муқоисавӣ бо андозсупорандагон аз он шаҳодат медиҳанд, ки то ҳол муқаррароти қонунгузорӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба таври дахлдор риоя карда намешавад. Бояд қайд намуд, ки дар соли 2020 дар маҷмуъ бо 86,5 фоизи шахсони ҳуқуқӣ, 85,3 фоизи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта, 85,5 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бо 84,6 фоизи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст.

Мутаассифона, ҳиссаи санадҳои муқоисавии дар ин давра бо андозсупорандагон тартибдодашуда, нокифоя буда, сифати санадҳои муқоисавии тартибдодашуда низ, ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Таҳлили маълумотҳо нишон дод, ки дар соли 2020 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 87,7%, Панҷакент 86,4%, А. Ҷомӣ 80,3%, Панҷ 79,8%, Ёвон 75,0%, Ховалинг 80,2%, Норак 72,6%, Фирдавсӣ 80,6%, Рӯдакӣ 78,0%, Ваҳдат 78,8% ва Лахш 78,2% шахсони ҳуқуқӣ санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст, ки ин ғайриқаноатбахш мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси андози ҶТ. Душанбе– 2012 сол. (бо тағйиру иловаҳои ворид намуда дар соли 2019 – шакли электронӣ – andoz.tj)
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи тартиби тақсим ва истифодаи фоидаи корхонаҳои давлатӣ" аз 10 июли соли 1996. №262.
3. Улугходжаева Х. Р. Налоги и налогообложение РТ. Учебник \ Х.Р. Улугходжаева. - Душанбе. 2009 г
4. Х.Р. Улуғхоҷаева. Андоз ва андозбандии ҶТ. Китоби дарсӣ \ Х.Р. Улуғхоҷаева. - Душанбе, Ирфон.2004 с.
5. Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иҷроиши Буҷети давлатӣ дар соли 2018, 2019, 2020 (minfin.tj).
6. Д. Гулмирзоев. Андоз ва андозбандӣ \ Д. Гулмирзоев. - Душанбе, Сурушан 2000
7. И. Ю. Зобова. Налоги и налогообложение в странах с исламской экономикой \ И.Ю. Зобова. - Казань 2012
8. Г.В.Совицская. Анализ хозяйственной деятелности предприятия \ Г.В. Совицская. - Москва, ИНФРА 2007
9. З.И.Крилова, В.М.Власовой. Управление финансовым состоянием организации (предприятия) \ З.И. Крилова. - М:"ЭСКИМО" 2007.
10. Маводҳои омории ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2017-2019 (stat.tj)


## МУШКИЛОТИ АНДОЗ АЗ ФОИДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар солҳои охир ҳарчанд иҷрои сифатноки нақша беҳтар шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз доир ба маъмурикунонии андозҳои алоҳида, аз ҷумла андоз аз фоида, ки андози ташаккулдиҳандаи буҷет мебошад, проблемаҳои ҳалталаб зиёд ба назар мерасанд. Яке аз мушкилиҳои асосӣ, ки боиси кам ҳисоб ва пардохт гардидани андоз аз фоида мегардад, ин роҳ додан ба хатогӣ ҳангоми қабули эъломияҳои ин намуди андоз ба ҳисоб меравад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: маъмурикунони андозҳо, андоз аз фоида, эъломияҳои андоз аз фоида.


## ПРОБЛЕМЫ НАЛОГА НА ПРИБЫЛЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Хотя качество плана улучшилось в последние годы, по-прежнему существует много проблем с администрированием некоторых налогов, включая налог на прибыль, который является налогом, формирующим бюджет. Одной из основных проблем является отсутствие бухгалтерского учета и платежей. Это ошибка при заполнении налоговой декларации данного типа.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налоговые администраторы, налог на прибыль, декларации по налогу на прибыль.


## INCOME TAX IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


Although the quality of the plan has improved in recent years, there are still many problems with the administration of some taxes, including income tax, which is a tax that forms the budget. One of the main problems is the lack of accounting and payments. This is an error when filling out this type of tax return.



**KEYWORDS:** tax administrators, income tax, income tax returns.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷураева Матлуба Намозовна*** **–** муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **(992) 919325152.**

***Сафаров Ш.Ҷ.*** **–** магистри курси якуми кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Суроға:** ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.

**Сведение об авторах**: ***Джураева Матлуба Намозовна*** - старший преподаватель кафедры налогов и налогообложения Таджикского национального университета. **Адрес:** г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(992) 919325152.**

***Сафаров Ш. Дж.*** **–** магистр первого курса кафедры налогов и налогообложения Таджикского национального университета**. Адрес**: г.Душанбе, проспект Рудаки 17.

**Information about the authors:** ***Juraeva Matluba Namozovna*** - senior teacher of the Department of Taxes and Taxation of the Tajik National University**. Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **919325152.**

***Safarov Sh. J.*** – second-year master`s student of the Department of Taxes and Taxation of the Tajik National University. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

# ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ СОДИРОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

***Хоҷаев Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пеш аз зикр намудани вазъият ва таъсири диверсификатсия дар содироти кишвар, мо бояд мафҳум ва моҳияти онро донем. Мафҳуми диверсификатсия аз калимаи лот. *Diversificatio* гирифта шуда маънояш - гуногунӣ ва тағйиротро ифода менамояд. Диверсификатсия ин истеҳсоли навъҳои гуногуни маҳсулот, ки дар навбати худ намуд, шакл, ҳаҷм, сифат ва бандубасти маҳсулоти истеҳсолшударо дар бар мегирад. Инчунин, ин ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулотҳои ҷадид, модернизатсияи коргоҳҳои истеҳсолӣ ва дарёфти бозорҳои фуруши нав дар минтақа ва ҷаҳон. Дар ҳама самтҳо мафҳуми диверсификатсияро мушоҳида намудан мумкин аст. Аз лиҳози иқтисодӣ ин ифодагари гуногунӣ дар истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ ва дар содирот ин ба тағйир додани ҳиссаи молҳо, омехтагӣ дар содирот, инҷониб ҷорӣ намудани маҳсулоти нав дар портфели содиротӣ ва ё ворид шудан ба бозорҳои нави ҷуғрофӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳарду намуд ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд ва шароити мусоид барои сармоягузории истеҳсолӣ фароҳам меоранд ва ноустувории кӯтоҳмуддати макроиқтисодиро коҳиш медиҳанд. Диверсификатсия ин стратегияи гузашти иқтисодиёт аз истифодаи як манбаи даромад ба сарчашмаҳои сершумори даромад, ки дар байни бахшҳои ибтидоӣ, дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа бо иштироки табақаҳои васеъи аҳолӣ тақсим карда мешавад.

Дар сатҳи миллӣ, диверсификатсияи иқтисодӣ тавассути коҳиш додани вобастагии аз ҳад зиёди кишвар аз заминаи танги иқтисодӣ сурат гирифта, дар кишварҳое, ки аз захираҳо вобастаанд, ин раванд ба дур намудани заминаи истеҳсолӣ аз бахши истихроҷ тавассути дастгирии истеҳсолот ва гузашт ба бахши истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардидааст. Ин равандро метавон ба таври васеъ ҳамчун саноатикунонӣ муайян намуд. Дар саноатикунонӣ ду мафҳуми асоси ҷой дорад: саноатикунонии маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва содиротӣ. Саноатикунонии содиротӣ бо роҳи кушодани бозорҳои дохилӣ барои рақобати хориҷӣ ва дастгирии бахшҳои содиротӣ ва саноатикунонии босуръат алоқаманд аст. Аз таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон бармеояд, ки саноатикунонии воридотивазкунанада сабаби асосии пешравии иқтисодиёти кишвар маҳсуб мегардад ва барои давлатҳои ру ба инкишоф омили асосии рушд аст. Ин сиёсатро дар бисёр давлатҳои Америкои Лотинӣ ва давлатҳои Малайзия ва Кореяи Ҷанубӣ ба роҳ монда, ба натиҷаҳои хуби иқтисодӣ ноил гардидаанд. Диверсификатсияи истеҳсолот ва содиротро тамоми ташкилотҳои байналмилалӣ ҷонибдорӣ намуда, ба кишварҳо тавсия медиҳанд. Давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки асоси содироти ин давлатҳоро маҳсулотҳои хом ва нимтайёр ташкил медиҳанд, дар тамоми ҷунбишҳои иқтисодӣ ба буҳрон гирифтор мегарданд. Зеро мавқеъи ин давлатҳо дар иқтисодиёти минтақа ва ҷаҳон устувор нест. Барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар Стратегияи милли рушд то давраи 2030 солро қабул намуд, ки аз чор ҳадафи муҳим иборат аст. Ҳадафҳои стратегӣ: ин баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ, расидан ба амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ ва ҳадафи нав саноатикунонии босуръати кишвар. Ҳадафҳои дар боло зикргардида омилҳои боҳамомехта ва асоси пешравии иқтисодиёти кишвар маҳсуб гардида, дар навбати худ диверсификатсияи содирот, омили асосии саноатикунонии босуръат мебошад.

Диверсификатсияи содироти кишвар тақозои тағйирот ва навоварӣ дар ҳама самтҳоро дар бар мегирад. Аз омода намудани кадрҳои баландихтисос то дастгирии фискали ва монетарӣ. Мушкилоти давлатҳои Осиё дар он аст, ки бисёри молҳои худро дар минтақаи худ ба фуруш мемонанд ва ба бозори давлатҳои тараққикарда дастрасии кам доранд. Масалан, дар ҷаҳон 12000 намуди маҳсулот истеҳсол карда мешавад, аммо дар кишвари мо фақат 450 намуди маҳсулот истеҳсол мешавад ва ин нишондиҳанда рӯ ба афзуни аст. Дар доираи давлатҳои минтақа индекси диверсификатсияи содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад ба мақсадҳои дар боло

зикргардида ноил гардад ва барои расидан ба мақсад тамоми воситаҳои монетари ва фискалиро истифода мебарад. Авҷи истеҳсолоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи шуравӣ баҳисоб мерафт. Намунаи маҳсулотҳои истеҳсолшуда дар соли 1991 ва муқоиса бо соли 2019:[1]

| № | Номгӯи маҳсулотҳо | Соли 1991 | Соли 2019 |
|---|---|---|---|
| 1 | Нафт (ҳаз. тонна) | 107,7 | 23,3 |
| 2 | Ангишт (ҳаз. тонна) | 313 | 2028 |
| 3 | Газ (ҳаз. $м^3$) | 92000 | 730 |
| 4 | Семент (млн. тонна) | 1,0 | 4,0 |
| 5 | Ғишт (млн. Дона) | 263 | 151,4 |
| 6 | Равғани растанӣ (ҳаз. тонна) | 76,1 | 26,1 |
| 7 | Консерваҳо (млн. қутти) | 284,3 | 27,1 |
| 8 | Меваи хушк (ҳаз. тонна) | 4,7 | 3,7 |
| 9 | Маҳсулотҳои қаннодӣ (ҳаз. тонна) | 48,8 | 15,3 |
| 10 | Маҳсулотҳои ордӣ (ҳаз. тонна) | 29,1 | 3,4 |
| 11 | Нушокиҳои минералӣ (ҳаз. декалитр) | 457,7 | 1664 |
| 12 | Нахи пахта (ҳаз. тонна) | 26 | 103 |
| 13 | Чикит (ҳаз. тонна) | 480 | 156 |
| 14 | Матоъ (млн. $м^2$) | 184 | 9,3 |
| 15 | Қолин ва маҳсулотҳои қолинбофи (млн. $м^2$) | 7,6 | 4,4 |
| 16 | Пояфзол (ҳаз. ҷуфт) | 8600 | 118 |

Дар ҷадвали дар боло зикргардида мушоҳида менамоем, ки кишвари мо дар истеҳсоли кадом намуди маҳсулотҳо бартариҳо ва дар истеҳсоли кадом намуди маҳсулотҳо костагӣ вуҷуд доранд. Тибқи стратегия миллӣ ин костагиҳо бартараф ва нишондиҳандаҳо боло бардошта хоҳанд шуд.

Чи тавре, ки Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо саноатчиёни ҷумҳурӣ, ки 14 октябри соли 2018 баргузор гардида буд, тамоми талафоти иқтисодии кишварро зикр намуданд. Дар соли 1991 дар корхонаҳои саноатӣ 215 ҳазор нафар кормандон ё 13% аҳолии дар иқтисодиёти кишвар машғул буда кору фаъолият доштанд, ки ҳиссаи саноат дар ММД (Маҷмӯи маҳсулотҳои дохилӣ)-и кишвар ба 25,4 % баробар буд. Нишондиҳандаҳои боло дар соли 2018 мутаносибан ба 85,6 ҳазор нафар ё 3,5 % аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда ва ҳиссаи соҳа дар ММД 17,3%-ро ташкил дод. Соли 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ нисбат ба соли 1991 тақрибан ба 70 фоиз поён рафт. Иқтидори корхонаҳои истеҳсоли нахи пахта 3 баробар, истеҳсоли пойафзол, шоҳиворӣ ва қолинҳо 30-40 баробар ва истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ 90 баробар коҳиш ёфт ва садҳо ҳазор нафар бекор монданд. [2]

Дар давраи нофаҳмиҳо бисёр корхонаҳои номдори кишвар фарсудаву қисман аз истеҳсолот боз монданд. Яке аз собиқ корхонаҳо ин корхонаи яхдонбарории "Помир", ки истеҳсолоти солона ба 176 ҳазор яхдонро дар бар мегирифт. Дигар корхонаи истеҳсолии машҳур ин корхонаи TALKO, ки дар солҳои то 1991 то 457 ҳазор тонна алюмин истеҳсол менамуд, вале дар соли 2020 истеҳсоли алюмин ба 84 ҳазор тонна баробар гардид. Чунин мисолҳо биёранд, вале Ҷумҳурии Тоҷикистон тавониста истодааст, ки иқтисодиёти худро мустаҳкам ва мунтазам рушд намояд. Ҳукумати кишвар саъю талоши худро барои рушди диверсификатсияи содирот равона карда истодааст. Дар ҳама соҳаҳои муҳимми кишвар лоиҳаҳои калон ва назаррас ба роҳ монда шудаанд. Масалан, дар як соҳаи энергетика дар давраи Истиқлол, дар маҷмӯъ 25 лоиҳа ба маблағи умумии 23 млрд. сомонӣ амалӣ гардида, 9 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии 6 млрд. сомонӣ идома дорад. Барои рушди соҳаҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар 30 соли истиқлолият барои дастгирии соҳибкорону сармоягузорон беш аз 100 намуди имтиёзҳо ва сабукиҳо пешниҳод гардидаанд. Масалан, корхонаҳое, ки ба коркарди пурраи пахта машғуланд аз 6 намуди андоз озод мебошанд. Мисоли дигар, корхонаи муштараки "Акия Авесто" ба истеҳсоли автобусҳои мусофиркаш машғул буда, солона қобилияти истеҳсол намудани 250-300 автобусро дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба саноатчиёни ҷумҳурӣ аз 14 октябри соли 2019.
3. Таҳлил ва хулосаи Бонки Осиёии Рушд дар соли 2016.
4. Стратегияи миллии рушд то давраи 2030 сол.
5. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
6. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.

**ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ СОДИРОТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯй ба иқтисоди бозорӣ нигаронидааст, рушди содирот омили асосии тақвияти иқтисодиёти кишвар маҳсуб мегардад. Барои тамоми давлатҳои рӯ ба инкишоф диверсификатсияи содирот сабаби асосии пешравии давлат буда, саноатикунонии босуръат расидан ба ин мақсадро фароҳам месозад. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2018 дар паёми навбати худ саноатикунонии босуръатро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуданд. Мушоҳидаи ҳоли он ҳастем, ки ҳадафҳои стратегӣ мунтазам сол ба сол амалӣ гардида истодаанд ва сабади содиротии кишвари мо рушд карда истодааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** диверсификатсия, содирот, саноатикунонии босуръат, ҳадафҳои стратегӣ, саноат ва ММД.

**ДИВЕРСИФИКАЦИЯ ЭКСПОРТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ**

Для Республики Таджикистан, ориентированный переход на рыночную экономику, рост экспорта является ключевым фактором укрепления экономики страны. Для всех развивающихся стран диверсификация экспорта является основным фактором прогресса страны, и ускоренная индустриализация позволяет достичь этой цели. Поэтому Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в своем послании в 2018 году, объявил ускоренную индустриализацию четвертой стратегической целью. Мы наблюдаем, что стратегические цели из года в год реализуются и экспортная корзина нашей страны пополняется и укрепляется.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Диверсификация, экспорт, ускоренная индустриализация, стратегические цели, промышленность и ВВП.

**DIVERSIFICATION OF EXPORTS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY**

The export growth is a key factor in strengthening the country's economy for Republic of Tajikistan oriented in transition to a market economy. For all developing countries, export diversification is a major factor in the country's progress, and accelerated industrialization helps to achieve this goal. Therefore, the President of the Republic of Tajikistan, Excellency Emomali Rahmon, in his next message in 2018, declared accelerated industrialization as the fourth strategic goal. We observe that strategic goals realized from year to year and the export basket of our country is replenished and strengthened.

**KEYWORDS:** Diversification, exports, accelerated industrialization, strategic goals, industry and GDP.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷаев Бахром Баҳодурович*** – магистри курси дуюми факултети молиявию иқтисодии ДМТ. Телефон: **909999670**. E-mail: **bahrom.khojaev98@mail.ru.**

**Сведение об авторе:** ***Ходжаев Бахром Баходурович*** - магистрант 2 курса финансово экономического факультета ТНУ. Телефон: **909999670**. Электронная почта: **bahrom.khojaev98@mail.ru.**

**Information about the author:** ***Khojaev Bahrom Bahodurovich*** - 2nd year master's student of the Faculty of financy and economy TNU. Phone: **909999670.** E-mail: **bahrom.khojaev98@mail.ru.**

**УДК:339.9**

# ВЛИЯНИЕ ПАНДЕМИИ КОРОНАВИРУСА НА ГЛОБАЛЬНЫЕ ИНТЕГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ

***Худоиев М. Н., Фуркатзода М. Ф.***
**Таджикский национальный университет**

Пандемия оказывает влияние на снижение темпов роста мировой экономики и международной торговли, а также на текущие интеграционные процессы в мире. В период пика

пандемии страны откладывали решения о начале переговорных процессов по торговым соглашениям, приостанавливали уже инициированные переговоры и обсуждения, оказывались не в состоянии их ратифицировать, что в отдельных случаях привело к отсрочке даты вступления в силу интеграционных проектов. В некоторых случаях представители отраслей требовали перенести на более поздние сроки даты вступления в силу торговых соглашений по причине невозможности адаптации к новым правилам торговли между партнерами.

Ряд стран используют специальные (связанные с пандемией) меры для упрощения процедур торговли с партнерами по соглашениям о свободной торговле. В рамках интеграционных процессов с более глубокой степенью интеграции стороны также разрабатывают и применяют меры по либерализации торговли товарами с третьими странами, направленные на предупреждение и предотвращение распространения инфекции.

В условиях стремительного роста торгово-политической неопределенности необходимой представляется консолидация сил, в том числе в рамках региональных торговых соглашений и более глубоких интеграционных объединений, позволяющих максимально задействовать их потенциал в борьбе с пандемией.

По состоянию на сегодняшний день в мире инициирована и идет работа по созданию более чем 30 преференциальных торговых соглашений с разной степенью «глубины» регулирования и покрытия (товары, услуги, инвестиции). Наибольшее количество таких соглашений сегодня формируется в Азиатском регионе, а также между странами Европы и Азии.

В период пика пандемии официальное заявление о приостановке переговоров было объявлено только Великобританией в контексте формирования соглашения о свободной торговле с ЕС; переговоры возобновились в конце апреля в формате видеоконференций.

1 февраля Великобритания вышла из состава ЕС до 31 декабря 2020 г. здесь действует переходный период, предусматривающий, в том числе, сохранение всех преференций в торговле товарами и услугами между сторонами. В случае невозможности достижения соглашения о свободной торговле к указанному сроку с 1 января 2021 г. к товарам из Великобритании, экспортируемым в ЕС, будет применяться тарифная ставка Режима наибольшего благоприятствования (РНБ), и наоборот. Согласно последнему доступному обзору торговой политики ЕС в ВТО (Всемирная Торговая Организация) средняя ставка РНБ тарифа ЕС по отношению к сельскохозяйственной продукции из третьих стран составляет 14,2%, по отношению к промышленным товарам - 4,2%. По оценкам Конфедерации британской промышленности (CB1), 90% стоимостного объема экспорта британских товаров в ЕС будет облагаться тарифами в случае невозможности достижения торгового соглашения к концу года, а средневзвешенный тариф на товары, экспортируемые из Великобритании в ЕС, составит 4,3%, из ЕС в Великобританию - 5,7%. Поставщики услуг также столкнутся с возросшим количеством барьеров (особенно в сфере финансовых услуг).

Ранее, еще до остановки переговорного процесса, эксперты неоднократно отмечали чрезмерную амбициозность сроков для формирования соглашения о свободной торговле между ЕС и Великобританией. Принимая во внимание отягчающее обстоятельство в виде пандемии, вероятность заключения торгового соглашения к концу года существенно снижается. Важно отметить, что правительство Великобритании не предпринимало попытку перенести сроки переходного периода после обращения об остановке переговоров. ЕС, со своей стороны, заявил, что будет открыт для запросов о продлении переходного периода, если такая просьба поступит. Параллельно с формированием торгового соглашения с ЕС Великобритания инициировала переговоры по соглашениям о свободной торговле с США, Японией, Австралией и Новой Зеландией. Работа по одному из крупнейших интеграционных проектов в Азиатском регионе - Всеобъемлющему региональному экономическому партнерству (далее - ВРЭП) также замедлилась. Последнее заседание Комитета по торговым переговорам ВРЭП проводилось 20-24 апреля 2020 г. уже в формате видеоконференции. Ранее, в ноябре 2019 г., лидеры стран ВРЭП взяли на себя обязательство подписать в 2020 г. торговое соглашение, учитывая высокую степень готовности его текста (20 глав из 25 согласованы). В нынешней же ситуации можно ожидать, что сроки подписания ВРЭП могут быть сдвинуты на 2021 г.

Информация о приостановке переговоров в связи с пандемией по другим формируемым преференциальным торговым соглашениям пока не была опубликована, однако, учитывая введение многими странами ограничений на передвижение, можно предположить, что часть обсуждений была переведена в формат видеоконференции, что вряд ли обеспечит темп, аналогичный очным переговорам, учитывая специфику переговорного процесса, когда неформальное обсуждение в перерыве между раундами способно «закрыть» трудноразрешимые вопросы. Россия и Южная Корея в рамках формирования двустороннего соглашения об экономическом партнерстве перешли на переговоры в формате видеоконференции. Данное соглашение покрывает только вопросы доступа услуг и инвестиций на рынки партнеров, в этой связи оно планируется к заключению только Россией в отрыве от Евразийского экономического союза (ЕАЭС).

Что касается ЕАЭС, то в настоящее время в стадии переговоров находятся соглашения между ним и Египтом, а также Израилем, планируется начало переговоров с Индией (мандат для проведения переговоров получен). В рамках формирования соглашения о свободной торговле между ЕАЭС и Египтом было проведено три раунда, четвертый был намечен на первую половину 2020 г., но так и не состоялся по причине пандемии. Между ЕАЭС и Израилем проведено шесть раундов переговоров. Что касается соглашения с Индией, то еще в 2018 г. со стороны ЕЭК были подготовлены и представлены на рассмотрение индийских партнеров первоначальные предложения по проекту соглашения, однако сроки проведения первого раунда переговоров до сих пор не были определены. Информация о переносе переговоров с Израилем и Египтом не поступала - вероятнее всего, обсуждения отдельных регуляторных вопросов были переведены в формат видеоконференции. Помимо торможения переговорного процесса, была отсрочена дата вступления в силу отдельных интеграционных проектов. К ним относится прежде всего Африканская континентальная зона свободной торговли (AfCFTA). Изначально планировалось, что либерализация тарифов, согласно условиям соглашения, произойдет 1 июля, однако в связи с пандемией 54 подписанта были вынуждены отложить этот шаг на неопределенный срок.

Торговое соглашение между США, Канадой и Мексикой (USMCA) было ратифицировано всеми его членами и вступило в силу 1 июля. При этом автомобильные производители и представляющие их ассоциации США и Мексики неоднократно обращались к своим правительствам с просьбой отсрочить дату вступления в силу USMCA из-за невозможности адаптировать свои производства под правила нового соглашения в условиях пандемии COVID-19. Автор рассматривает специальные меры, вводимые партнерами в рамках интеграционных объединений по упрощению процедур торговли с партнерами по соглашениям о свободной торговле, применение которых вызвано пандемией коронавируса, меры по либерализации торговли товарами с третьими странами, направленные на предупреждение и предотвращение распространения коронавирусной инфекции. Европейская комиссия одобрила просьбы стран ЕС и Великобритании о временной отмене таможенных пошлин и НДС на ввозимые медицинские приборы и защитное оборудование для борьбы с эпидемией с 30 января 2020 года.

В конце марта текущего года индийская сторона призвала страны, с которыми она заключила соглашения о свободной торговле, разрешить импорт индийских товаров без сертификатов происхождения, поскольку в настоящее время местные власти физически не могут выдать этот документ в связи с распространением коронавируса. Генеральный директорат по внешней торговле Индии в официальном письме заявил, что страна будет соблюдать условия в рамках своих преференциальных торговых соглашений только в случае, если правительства соответствующих стран введут аналогичные меры. Директорат также сообщил, что в связи с нынешними исключительными обстоятельствами соответствующие индийские ведомства будут выдавать сертификаты происхождения товаров уже после того, как откроют свои офисы. Индия имеет соглашения о свободной торговле с АСЕАН, Сингапуром, Южной Кореей, Японией, Шри-Ланкой, Таиландом и Малайзией.

25 марта 2020 г. Евразийской экономической комиссией было принято решение обнулить пошлины на товары, ввозимые для предупреждения и предотвращения распространения коронавирусной инфекции. 3 апреля Совет ЕЭК утвердил расширенный перечень товаров критического импорта (продукты питания, лекарственные средства, электронные термометры и

бесконтактные градусники, эндоскопы, одноразовые пипетки, передвижные дезинфекционные установки); в отношении них предоставлялась тарифная льгота в виде освобождения от уплаты ввозных таможенных пошлин при импорте на территорию ЕАЭС с 1 апреля по 30 июня 2020 г. включительно. Кроме того, согласно решению Совета ЕЭК от 03.04.2020 г. № 36 для подтверждения страны происхождения может представляться электронная или бумажная копия сертификата о происхождении товара при условии обязательного последующего представления оригинала указанного сертификата в срок не позднее 6 месяцев с даты регистрации декларации на товары. Последняя мера была введена также в целях предупреждения и предотвращения распространения коронавирусной инфекции. В настоящее время большое число интеграционных проектов может оказаться под угрозой отсрочки, вызванной пандемией. Это в свою очередь, приведет к дополнительному росту торгово-политической неопределенности в мировой экономике и невозможности выхода на высокие темпы ее роста. Торговые соглашения ЕАЭС с третьими странами также подвергнутся влиянию текущей ситуации, вероятнее всего, замедлится прогресс по текущим переговорным трекам и будет отложена на неопределенный срок дата начала переговоров с индийской стороной.

Важно отметить, что по состоянию на сегодняшний день немного стран предприняли меры, предполагающие использование инструментария торговых соглашений с третьими странами, а также более глубоких объединений для минимизации негативных последствий пандемии. ЕЭК обнулила ставки ввозных таможенных пошлин в отношении продукции, ввозимой для предупреждения и предотвращения распространения коронавирусной инфекции, а также приняла решение об отмене необходимости представления оригинала сертификата происхождения для нее на определенный срок. Европейский союз в дополнение к тарифам снизил НДС в отношении таких товаров. Индия добилась отмены необходимости предоставления партнерам по торговым соглашениям сертификата происхождения для национальных товаров, поставляемых на их рынки.

Пандемия может также оказать влияние на содержание будущих торговых соглашений. В условиях повсеместного введения торговых мер, ограничивающих экспорт товаров, на первое место выступает задача обеспечения бесперебойной работы цепочек поставок. Таким образом, в будущем можно ожидать включения в преференциальные торговые соглашения регуляторных положений и обязательств по обеспечению устойчивости цепочек поставок, включая механизмы консультаций.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Альта-софт. Решение Совета ЕЭК от 03.04.2020 г. № 36;
2. ЕАЭС. О внесении изменений в некоторые решения Комиссии Таможенного союза и об утверждении перечня товаров, ввозимых на таможенную территорию Евразийского экономического союза в целях реализации государствами — членами Евразийского экономического союза;
3. Евразийская экономическая комиссия. Проводимые переговоры по заключению соглашений о свободной торговле по состоянию на декабрь 2019 г.;
4. ЕЭК. Совет ЕЭК расширил перечень товаров, освобожденных от ввозной таможенной пошлины, и упростил требования к сертификатам о происхождении товара.
URL: http://www.eurasiancommission.org/ru/nae/news/Pages/03-04-2020-2.aspx;
5. African Union. Operational Phase of the African Continental Free Trade Area Launched. URL: https:// au.int/en/articles/operational-phase-african-continental-free-trade-area-launched;
6. ASEAN. RCEP leaders agree to sign trade pact in 2020. URL: https://asean.org/rcep-leaders-agree-sign-trade-pact-2020;
7. CBI. Modelling the future: estimating the impact of Brexit. URL: https://www.cbi.org.uk/media/2169/ 2019-03-modelling-the-future-estimating-the-impact-of-brexit.pdf;
8. European Commission. Coronavirus: Commission waives customs duties and VAT on the import of medical equipment from non-EU countries. URL: https://macmap.org/OfflineDocument/Covid19/ COVID_EUN_2.pdf;
9.European Parliament. Future EU-UK trade relationship. URL: https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/BRIE/2020/646185/EPRS_BRI(2020)646185_EN.pdf;
10. Inside US Trade. Citing COVID-19 concerns, auto groups call on Congress to delay June 1 USMCA entry into force. URL: https://insidetrade.com/content/citing-covid-19-concerns-auto-groups-call-congress-delay-june-1-usmca-entry-force;
11. UK Government. Latest on EU negotiations: 17 March 2020. URL: https://www.gov.uk/government/ news/latest-on-eu-negotiations-17-march-2020;
12. WTO. Trade policy review: European Union. URL: https://www.wto.org/english/tratop_e/tpr_e/ s395_e.pdf;

**ТАЪСИРИ ПАНДЕМИЯИ КОРОНАВИРУС БА РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ҶАҲОН**

Муаллиф таъсири пандемияро ба лоиҳаҳои байналмилалии ҳамгироӣ таҳлил мекунад. Пандемияи COVID-19 ба таъхири музокирот ва эътибор пайдо кардани созишномаҳои тиҷоратии минтақавӣ таъсир расонида, ба гузаронидани музокирот ба формати видеоконфронс мусоидат кард. Як қатор иттиҳодияҳои ҳамгироӣ барои муқовимат ба пандемия, аз ҷумла Иттиҳодияи Аврупо ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё талошҳои ҳамоҳанг мекунанд. Кишварҳои алоҳида дар бораи соддагардонии тиҷорат бо шарикон дар минтақаи тиҷорати озод мувофиқат мекунанд. Ниҳоят, пандемия ба тамоми соҳаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ таъсир расонида, дар натиҷа танзими муносибатҳои байналмилалии тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва мундариҷаи созишномаҳои тиҷоратӣ бо таваҷҷуҳи хоса ба таъмини устувории занҷирҳои таъминот тағйир ёфт.

**КАЛИДВОЖАҲО:** пандемия, коронавирус, COVID-19, ҳамгироӣ, созишномаҳои тиҷоратӣ, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Иттиҳоди Аврупо.

**ВЛИЯНИЕ ПАНДЕМИИ КОРОНАВИРУСА НА ГЛОБАЛЬНЫЕ ИНТЕГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ**

Автор анализирует влияние пандемии на мировые интеграционные проекты. Пандемия COVID-19 повлияло к отсрочке переговоров и даты вступления в силу региональных торговых соглашений, способствуя переводу переговорных процессов в формат видеоконференции. Ряд интеграционных объединений предпринимают скоординированные попытки противостоять пандемии, среди них Европейский союз и Евразийский экономический союз. Отдельные страны договариваются об упрощении процедур торговли с партнерами по зоне свободной торговли. Наконец, пандемия оказало влияние на все сферы мирового хозяйства и в результате изменились регулирование торгово-экономических международных отношений и содержание торговых соглашений, придав особое значение обеспечению устойчивости цепочек поставок.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: пандемия, коронавирус, COVID-19, интеграция, торговые соглашения, Евразийский экономический союз, Европейский союз.

**IMPACT OF THE CORONAVIRUS PANDEMIC ON GLOBAL INTEGRATION PROCESSES**

The author analyzes the impact of the pandemic on global integration projects. The COVID-19 pandemic has impacted the postponement of negotiations and the entry into force of regional trade agreements, facilitating the transformation of negotiation processes into videoconference format. A number of integration associations are making coordinated efforts to counter the pandemic, among them the European Union and the Eurasian Economic Union. Certain countries agree on simplified procedures for trading with partners on free economic zone. Finally, the pandemic has affected all areas of the global economy and as a result, the regulation of trade and economic international relations and the content of trade agreements have changed, with particular emphasis on ensuring the sustainability of supply chains.

**KEYWORDS**: pandemic, coronavirus, COVID-19, integration, trade agreements, Eurasian Economic Union, European Union.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Худоиев Мурод Назарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

***Фурқатзода Мавзуна Фурқат*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магмстри курси дуюми факултети молиявию иқтисоӣ. E-mail: **mavzun.furqatzoda@gmail.com.** Телефон: **(+992) 94 – 710 – 10 - 11.**

намудани минтақаи ягонаи иқтисодӣ баромадан аз буҳрони шадиди иқтисодӣ хеле мушкил мебошад. Вале худи барқарорсозии алоқаҳои хоҷагидорӣ ҳам масъалаи мушкил буд, чунки дар ин самт аллакай роҳу равишҳои собиқ ИҶШС ба кор намераванд ва мо бояд онҳоро бо назардошти истиқлолият ва мавқеи геосиёсии Тоҷикистон муайян ва интихоб намоем. Вазъи сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам хусусияти ба худ хосро касб кард ва ҳамин тавр ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ – масъалаи ниҳоят мушкил ва бисёрҷониба буд. Он мавҷудидияти тақсимоти нисбатан амиқи байналхалқии меҳнат, дараҷаи баланди инкишофи кишварҳои шарик, мувофиқатии маҳосид ва манофеъи онҳоро пешбинӣ менамояд. Дар ин ҷо шарту шароиту омилҳои иқтисодию - иҷтимоӣ амал менамоянд. Таҳлили амиқ ва дарки фаъолияти механизми ин омилҳо ва инчунин коркардабароии механизми самарабахши идоракунӣ аз болои ин омилҳо, ҳамчун вазифаи муҳим дар замони муосир баромад мекунанд. Ба ҳамгироии кишварҳои хориҷи дуру наздик пайваста, мо бояд иқтидори иқтисодии ин кишварҳоро муайян намоем, яъне афзалияти онҳо дар чист ва чи хел ин афзалияташонро дар инкишофи иқтисоди ҷумҳуриямон истифода бурдан мумкин аст ва худи мо бо онҳо чи пешниҳод карда метавонем дида бароем.

Риояи чунин принсипҳо дар ташкили минтақаи иқтисодӣ дар назар дошта мешавад: ихтиёрнокӣ, манфиати мутақобилаи иқтисодӣ, кумаки мутақобилаи иқтисодӣ дар вақтҳои лозимӣ, кафолати ҳуқуқии риояи шарту шароитҳои шартномавӣ, мувофиқати мақсадҳои стратегӣ дар тезонидан ва амиқгардонии равандҳои ҳамгироӣ, инчунин масъулияти иқтисодӣ барои уҳдадориҳои ба уҳда гирифта.

Дар охир ҳамин нуқтаро махсус қайд кардан зарур аст, ки тамоми масъалаву омилҳое ки монеъи ҳамгироии иқтисодиёти Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ мешаванд бо ҳам зич алоқаманд буда, дар алоҳидагӣ ҳалли онҳо хеле мушкил аст.

### АДАБИЁТ


1. Авдокушин Е Ф – Международные экономические отношения /Е.Ф. Авдокушин. - Юрист 2000. - 170 С.
2.Бондарев С.А. Интеграционные процессы на постсоветском пространстве: дисс., канд. эко- ном. наук. Москва., 2008. С. 35.
3. Дӯстбоев Шодимурод. Ҳабибов С. Ҳ. Иқтисоди ҷаҳонӣ / Ш.Дӯстбоев. - Душанбе. Эр-граф - 2012.
4. Оймаҳмадов М. Иқтисодиёти ҷаҳон./ М.Оймаҳмадов. - Теҳрон 2011
5. Худоиев М.Н “Теоритичесие подходы к анализу сущностных характеристик региональной интеграции”, Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2013 2/7 Охангар Саид. 2013.
6. Саидмуродов Л.Х. Иқтисодиёти байналхалқӣ: назария, таърих, сиёсат / Л.Х.Саидмуродов. - Душанбе: «Ирфон», 2002:- 130 с.


### ШАРТҲО, ҲАДАФҲО ВА ШАКЛҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ


Дар мақолаи мазкур рушди ҷараёни ҳамгироӣ чун яке аз хусусиятҳои асоситарини инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ нишон дода шудааст. Байналмилалишавии ҳаёти хоҷагидорӣ дар нимаи дуюми асри XX тамоюли инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Асосан ҷараёни ҳамгироӣ аз тиҷорати озоди байниҳамдигарӣ, бартараф намудани монеаҳои дар сади роҳи ҳаракати молҳо ва хизматрасониҳо мавҷуд буда, баъдан ҳаракати сармоя ва ғайра, ки ба ҳамҷояшавии тарафҳо дар сатҳи минтақа оварда дар хоҷагии ҷаҳонӣ сифати нави муносибатҳои иқтисодиро ба миён меоварад, иборат мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, тиҷорати озод, хоҷагии ҷаҳонӣ, хизматрасониҳо, ҳаракати сармоя.


### УСЛОВИЯ, ЦЕЛИ И ВИДЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ


В данной статье развитие интеграционного процесса определяется как одна из ключевых особенностей развития мировой экономики. Интернационализация экономической жизни во второй половине XX века - тенденция развития мировой экономики. По сути, процесс интеграции состоит из свободной торговли, устранения барьеров для движения товаров и услуг, за которым следует движение капитала и т. д., что объединяет стороны на региональном уровне и создает новое качество экономических отношений. в мировой экономике.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** международная экономическая интеграция, свободная торговля, мировая экономика, услуги, движение капитала.


### CONDITIONS, OBJECTIVES AND TYPES OF INTERNATIONAL ECONOMIC INTEGRATION


In this article, the development of the integration process is defined as one of the key features of the development of the world economy. The internationalization of economic life in the second half of the twentieth century is a trend in the development of the world economy. In essence, the integration process consists of free trade, the elimination of barriers to

the movement of goods and services, followed by the movement of capital, etc., which unites the parties at the regional level and creates a new quality of economic relations. in the global economy.

**KEYWORDS:** international economic integration, free trade, world economy, services, capital movement.

**Маълумот дар бораи муаллиф*:* *Обидов Умед* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. Телефон: **908825000.**

**Сведение об авторе:** ***Обидов Умед*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики. Телефон: **908825000**

**Information about the author:** ***Obidov Umed*** – Tajik National University, second-year mater`s student of specialty World Economy. Phone: **908825000**

# ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ

***Маҳмадризоиён С.Ҳ., Мирзоев Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон ва солҳои минбаъда – ин таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолот, махсусан соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, дар татбиқи ҳадафҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, соҳибкории истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад. Барои ҳалли ин масъалаҳо ва барномаҳои стратегии иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан таъмини рушди устувори соҳаҳои истеҳсолот, ташкилотҳои қарзӣ нақши бузург мебозад.

Аз ин рӯ, рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар айни замон хеле муҳим ва зарур мебошад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ (20. 11. 20 17) ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохурии Пешвои Миллат бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ, ки рӯзи 14 октябри соли 2017 баргузор гардид, қайд карданд, ки нақши ташкилотҳои қарзӣ дар рушди иҷтимоӣ иқтисодии кишвар, махсусан рушди соҳибкории истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад. Дар айни замон дар ин соҳаи муҳими қарзӣ, махсусан дар баъзе ташкилотҳои қарзӣ муаммоҳо ҷой доранд. Ба Бонки Милии Тоҷикистон зарур аст, ки ҷориҳои хешро оиди бартараф кардани мушкилиҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ кӯмак намуда, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароит ва фазои мунтазами молиявиро фароҳам оварад, ки он барои давра ба давра рушд ёфтани соҳибкории истеҳсолӣ, махсусан ҳамчун омили муҳим барои зиёд гаштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ хизмат менамоянд. Қайд карда шуд, ки дар моҳҳои январ–ноябри соли 2017 ҳаҷми ММД ба 54,6 млрд. Сомонӣ расида, рушди воқеии он 70 % - ро ташкил намуд. Дар ин давра бахшҳои асосии иқтисодиёти кишвар нисбатан муътадил буда, бо нишондиҳадаҳои мусбат ҷамъбаст гардид. Аз ҷумла, афзоиши истеҳсоли саноатӣ 21,0 %, маҳсулоти кишоварзӣ 6,7% ва гардиши савдои чакана 6,6 % ба қайд гирифта шуд, ки албатта ҳиссаи соҳибкорон ва ташкилоти қарзӣ дар ин нишондиҳандаҳо хеле назаррас мебошад.

Ба ҳолати 30 ноябри соли 2017 дар қаламрави ҷумҳурӣ шумораи ташкилотҳои қарзӣ 92 ададро ташкил дода, азҷумла:

- Бонкҳо 17 адад
- Ташкилотҳои маблағгузории хурд 75 адад.

Филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ 352 ададро ташкил дода, ба 83 адад нисбати ҳамаи давраи соли гузашта кам шудаанд.

Бояд гуфт, ки камшавии шумораи ташкилотҳои қарзӣ, яъне яке аз муаммоҳои соҳа ба ҳисоб рафта, бисёрии инҳо ба рақобати молиявӣ тоб оварда натавониста, муфлис

гардиданд ва баъзеи онҳо ба муфлисшавӣ майл доранд, ки он бевосита ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расонида истодааст.

Тағйирёбии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали зерин дидан мумкин аст.

Ҷадвали 1.

| № | Номгӯиташкилотҳоиқарзӣ | 30.11.2016 | 30.11.2017 |
|---|---|---|---|
| 1 | Бонкҳо | 18 | 17 |
| 2 | Ташкилотҳоимаблағгузориихурд | 90 | 75 |
| 3 | Ташкилотҳоиамонатииқарзиихурд | 38 | 32 |
| 4 | Ташкилотҳоиқарзиихурд | 18 | 9 |
| 5 | Фондҳоиқарзиихурд | 34 | 34 |
| 6 | Ҳамагӣ | 108 | 92 |

Ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда маблағи 7,3млрд. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3 % ё 249,3 млн. Сомонӣ кам мебошад. Сабаби кам шудани ҳаҷми қарзҳои додашуда пеш аз ҳама, ба таъсири манфии бухрони молиявии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дар робита ба ин, паст шудани қобилияти пардохтпазирии муштариён вобастагӣ доранд. Сари вақт бар нагаштани қарзҳо (зеро аксари соҳибкорон аз ҳисоби тағйир ёфтани қурби асъор зарар дида, қобилияти қарзадоркуниро аз даст доданд) дар навбати худ ба камшавии талабот оид ба гирифтани қарз бо асъори хориҷӣ ва худдорӣ намудани ташкилотҳои қарзӣ аз қарздиҳии такрорӣ сабаб гардид. Ба ақидаи мо муаммоҳои ташкилотҳои қарзӣ барои кам шудани ҳаҷми маблағҳои қарзӣ, ки соли 2017 дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,3% ё 249,3 млн. сомонӣ кам нисбати соли гузашта, таъсири манфӣ расонид, яъне ба рушду фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маблағи зиёди қарзҳои додашуда дар моҳҳои январ – ноябри соли 2017 ба ҳудуди пойтахти ҷумҳурӣ рост меояд, ки 3595,0 млн. сомонӣ ё 49,19 % и ҳаҷми умумии қарзҳои додашударо ташкил медиҳанд. Қисми боқимондаи қарзҳо ба вилояти Суғд 1999,4 млн. сомонӣ (27,36%), вилояти Хатлон 943,4 млн. сомонӣ (12,91%), ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 717,6 млн (9,82%), ВМКБ 35,7 млн. сомонӣ (0,24%) рост меояд. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда аз рӯйи соҳаҳо ба соҳаҳои саноат 48,61 %, савдои хориҷӣ 19,63%, истеъмолӣ 13,45%, кишоварзӣ 6,40%, хизматрасонӣ 6,32%, сохтмон 2,95%, нақлиёт 1,26%, миёнравии молиявӣ 0,49% ва дигарсоҳаҳо 0,89% ростмеояд. Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ - ин пешниҳоди маблағгузории қарзӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ, ки ҳамчун самти афзалиятнок дар кишвар ба ҳисоб мераванд, иборат мебошад, ки он дар солҳои охир ба коҳишёбӣ майл дорад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ барои рушди соҳибкорӣ додашуда 59,8% - и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи он 4370,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамон давраи соли гузашта 156,5 млн. сомонӣ кам мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзӣ қисми муайяни онро қарзҳои хурд ташкил медиҳад, ки он дар кишвар яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба шумор меравад, ки баҳри инкишоф додани он низоми бонкии кишвар тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро равона месозанд ва равона сохта истодаанд.

Қарзҳои хурди додашуда барои рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар моҳҳои январ–ноябри соли ҷорӣ 3435,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2% зиёд гардид. Албатта, ин нишондиҳанда таъмини рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро дар ҷумҳурӣ ифода мекунад. Барои рушди соҳибкории хурду миёна барои ноҳияҳои дурусти кӯҳистон бошад дар ин давра 652,5 млн. сомонӣ қарзи хурд дода шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 8,0% кам мебошад. Ба ақидаи мо кам шудани ҳаҷми қарзҳои хурд дар ин минтақаҳо вобаста ба тағйирёбии қурби асъори милливу хориҷӣ буда, ташкилотҳои молиякунонии хурд ва гирандагони қарз (шахсони воқеӣ) барои гузаронидани амалиётҳои қарзӣ ва паст кардани сатҳи таваккали молиявии

худ андеша намуданд. Бояд гуфт, ки дар муддати ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ қурби расмии сомонӣ нисбати доллари ИМА 11,9 % (дар соли 2016 – 6,3%) асосан дар ҳамин моҳҳо баланд шуда, ба санаи 30.11.2017 фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби нақдӣ ба 0,6 % баробар шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки аз тарафи Бонки Миллии Тоҷикистон татбиқи чораҳои иловагии субъекти бозори дохилии асъор ва устувории қурби пули миллӣ имкониятдод, ки аз санаи 6 июни соли 2017 сар карда мубодилаи муътадили асъорҳоро дар бозорҳои байни ташкилотҳои қарзӣ ва дохилии онҳо қабул ва эълон намуданд. Дар натиҷа яке аз муаммоҳои тағйирёбии қурби асъори миллӣ ба нисбати асъори хориҷӣ ҳаллу фасл гардид, ки он барои рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд замина ба вуҷуд овард ва барои ҳамин ҳам аз охири соли 2017 сар карда афзоиши қарзҳои хурд ва рушди соҳибкории хурду миёна ба чашм мерасад.

Дар охир бояд қайд намуд, ки ба рақобати бозори қарзӣ тоб оварда натавонистани якчанд ташкилотҳои қарзӣ ва молиякунонии хурд дар ҷумҳурӣ дар соли 2017, ки он дар ҷадвали рақами 1 акс ёфтааст аз байн рафта, сабаби камшавии ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ гардида, дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаи кишвар баъзе муаммоҳои молиявиро ба миён овард, ки он албатта таъсири худро ба иқтисодиёти мамлакат хоҳад расонид. Барои муътадил кардан ва ҳалли муаммоҳои ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ оиди зиёд кардани ҳаҷми маблағи қарзии онҳо ҳарчӣ бештар ҷалб кардани соҳибкорони ватаниву хориҷӣ, беҳтар кардани хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ ва аз ҳолати муфлисшавӣ баровардани баъзе ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ва беҳтар кардани ҳолати молиявии онҳо ва дар асоси он таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар мебошад, ки ба андешаи мо бояд чораҳои зеринро андешидан лозим:

1. Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои заруриро андешанд, то ки ҳаҷми ҷалби маблағҳои қарзии ташкилотҳои молиявӣ ва аз давлат дастгирии молиявӣ;
2. Аз тарафи БМТ андешидани чораҳои зарурӣ оиди таъмини муътадили низоми бонкӣ дар ҶТ ва фаъолияти устувории қурби пули миллӣ ва асъори хориҷӣ;
3. Дастгирии молиявӣ аз тарафи давлат ва ба ташкилотҳо молиякунонии хурд ва таъмини рушди босуботи соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ;
4. Зиёд кардани ҳаҷми қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ барои рушди соҳибкори истеҳсолӣ (саноат, хоҷагии қишлоқ ва ғайра), дар асоси баланд бардоштани ҳавасмандии ташкилотҳои молиявӣ;
5. Ба қадри имкон паст кардани меъёрҳои қарзии ташкилотҳои молиявии қарзӣ

Агар чорабиниҳои дар боло пешниҳодгардида оиди ҳалли муаммоҳои ташкилотҳои қарзии кишвар амалӣ гардад, он гоҳ рушди соҳибкорӣ аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ, хоҳад таъмин гашт.

**АДАБИЁТ**


1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси ОлииҶТ. 22.12.2017
2. Кодекси андози ҶТ (бо назардошти тағийру иловаҳо ба санаи 01.01.2017) Душанбе Шарқиозод -2017.
3. Қонуни ҶТ“Дарбораи фаъолияти соҳибкорӣ”аз 29.01.1997с, №434
4. Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030. Душанбе 2016
5. Ҳикматов У.С Микрофинансовой сектор и развития малого предпринимательство в РТ / У.С.Ҳикматов. - Душанбе «Ирфон», 2010.
6. Хасанов М.М. Саидходжаев Н.Д. Внешний долг. Мировой тенденции и их приложение в экономики Таджикистан (Обзорнаяинформации) /М.М.Хасанов. - Душанбе 2003.
7. БМТ: Нишондиҳандаҳои асосии оморию бонкӣ (январ – ноябри солҳои 2016 - 2017) Душанбе 2017.
8. Маҷалаи Бонки миллии Тоҷикистон октябр–декабр 2017. Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ.
9. АМФОТ: Финансово – экономический обзор РТ 30. 4 квартал 2016.
10. АМФОТ: квартальный информациный бюллет. Сентябрь 2017. Таджикистан


**ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАРРУШДИСОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ**

Дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ бе қиёс мебошад. Ҳамчунин, дар татбиқи ҳадафҳо ва афзалиятҳои стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 соҳибкории истеҳсолӣ нақши калидиро мебозад. Яке аз сарчашмаҳои назарраси молиякунонӣ дар ин самт маблағгузориҳои хурд ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ фароҳам оварда мешавад.

Сол аз сол ҳаҷми умумии қарздиҳӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ, барои таъмини рушди босуботи соҳибкории истеҳсолӣ бояд афзоиш ёбад, вале, таҳлилҳо нишон дод, ки дар соли 2017 ҳаҷми умумии он нисбати соли 2016 ба 3,3% ё ки 249,3 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, ки он дар назди ташкилотҳои қарзӣ ва соҳибкорони истеҳсолӣ баъзе муаммоҳоро ба миён овард. Барои ҳалли ин муаммоҳо бояд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллӣ чораҳои зарурииро андешад, то ки ҳаҷми ҷалби маблағҳои қарзии ташкилотҳои молиявӣ ҳар чӣ бештар ҷалб карда шуда, рушди устувори босуботи соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар таъмин карда шавад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** соҳибкорӣ, фаъолиятисоҳибкорӣ, ташкилотҳои қарзӣ, маблағгузориихурд, рушдиустувор, қурбиасъор, рақобат.

**КРЕДИТНЫЕ ОРГАНИЗАЦИИ И ИХ РОЛЬ В ПРОИЗВОДСТВЕННОМ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВЕ**

В социально – экономическом развитии страны важную роль играет производственно - предпринимательская деятельности. В это время в реализации основных направлений и преимущественном развитии Национальной стратегии до 2030 год играет ключевую роль производственное предпринимательство. Одним из важных источников финансирования в этих направлениях является микрофинансирования, который осуществляется со стороны кредитных организаций. Они из года в год общим в объеме кредитования должны расти, для того чтобы обеспечить устойчивое развитие выданных кредитных средств. Показываем, что в 2017 году общий объем кредитных средств сократилось на 3,3% или на сумму 249,3 млн. сомони; эти цифры характеризуют о появлении некоторых финансовых проблем перед производственным предпринимательствам, который отрицательно повлиял на развитие предпринимательской деятельности. Для решения этих проблем необходимо Правительству Республики Таджикистан и Национальному Банку РТ принять соответствующие решения.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** предпринимательство, предпринимательская деятельность, кредитные организации, микрофинансирование, устойчивое развитие, курс валюты, конкуренция.

**CREDIT ORGANIZATIONS AND THEIR ROLE IN PRODUCTION ENTREPRENEURSHIP**

In provision of socio-economic growth of the country, the role of entrepreneurship, particularly productive entrepreneurship is without comparison. Even in the implementation of goals and privileges of national strategy growth for period of 2030 year, the productive entrepreneurship plays crucial role. One of the visible sources of financing in this direction is the small investment, which is formed by the credit organizations. For the provision of steady growth of the productive entrepreneurship, the total capacity of loans should be increased year after year by the credit organizations. However, the analyses showed that in 2017 compared by 2016 the total capacity of it decreased to 3.3% or 249.3 billion somoni, which formed some challenges under the credit organizations and productive entrepreneurship. For the solution of these problems, the Government of the Republic of Tajikistan and the National Bank should think necessary measures; so that the entrepreneurs should attract the capacity of loan means of the financial organizations much more as well, the steady growth of the productive entrepreneurship should be provided in the country.
**KEYWORDS:** entrepreneur, entrepreneurship, credit organizations, small investments, steady growth, currency rate, competition.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмадризоиён Суҳроб Ҳабибулло* – ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ.** Телефон: **(+992) 555-555-737.** E-mail: **suhrob_22@inbox.ru**
***Мирзоев Фирдавс* –** магистри курси дуюми молия ва қарзи ДМТ. Телефон: **(+992) 555-555-737.** E-mail: **suhrob_22@inbox.ru**

**Сведение об авторах:** ***Махмадризоиён Сухроб Хабибулло*** - ассистент кафедры управление государственными финансами. Телефон: **(+992) 555-555-737.** E-mail: **suhrob_22@inbox.ru**
***Мирзоев Фирдавс*** - магистр 2 курса финансы и кредит, ТНУ. Электронная почта **Firdavs11@mail.ru.** Телефон: **906500100**

**Information about the authors**: ***Mahmadrizoiyon Suhrob Habibullo*** – Tajik National University, assistant professor of the Department of Public Finance Management. Phone: **(+992) 555-555-737.** E-mail: **suhrob_22@inbox.ru**
***Mirzoev Firdavs*** – Tajik National University, second-year master`s student of Finance and Credit. Phone: **906500100.** E-mail: **Firdavs11@mail.ru.**

# ВАЗЪИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

***Воҳидов Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Бо сабабҳои мухталиф, як қисми аҳолии ҷаҳон ҷои зист ва кори худро иваз мекунанд. Ҷойивазкунии одамон аз ҷои ҷуғрофии доимии худ (минтақаи баромад) ба ҷои таъинот

(минтақаи вуруд) муҳоҷират номида мешавад. Муҳоҷират ин интиқоли одамон аз сарҳади қаламравҳои муайян бо иваз кардани ҷои истиқомати доимӣ ё баргаштан ба он мебошад. Муҳоҷират ба муҳоҷирати дохилӣ ва байналмилалӣ тақсим мешавад.

Ҳамзамон бо рушди бозори байналмилалии мол ва хизматрасонӣ, ҳамакнун раванди муҳоҷират низ пурқувват мегардад ва ин на танҳо маҷмӯи бозорҳои миллӣ мебошад, балки рушди навини сифатии раванди муҳоҷирати байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавии афзоянда ва бештар шудани муоширату иртибот байни халқҳоро ифода менамояд. Идеяи ҷаҳонишавӣ ва рушди зерсохтори (инфраструктураи) технологӣ дар шаклгирии бозори байналмиллалии муҳоҷират нақши муайянкунандаро бозӣ мекунад ва дар иртибот ба ин , бояд истилоҳот мушаххас гардида, баъзе ҷанбаҳои ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират зикр шаванд.

Предмети таҳлили иқтисодиёти байналмилалӣ дар сатҳи зиёдтар муҳоҷирати байналмилалӣ мебошад, ки асоси онро тафовути байнимамлакатӣ дар андухт ва истифодаи сармояи инсонӣ ташкил мекунад. Барои таҳлили сабабҳои иқтисодии муҳоҷирати байналмилалӣ, усулҳое истифода мешаванд, ки дар таҳлили ҳаракати байналмилалии сармоя мавриди истифода қарор дода шуда буданд. Умуман, муҳоҷирати байналмилалӣ ба баробар шудани сатҳи ҳаққи меҳнат дар мамлакатҳои гуногун меоварад. Дар натиҷаи муҳоҷират ҳаҷми кулли истеҳсолоти ҷаҳонӣ ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби аз нав тақсимнамоии байнимамлакатии онҳо афзун мешавад. Вале, тақсимоти фоидаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз муҳоҷират дар байни мамлакатҳои содиркунанда ва воридкунанда нобаробар сурат мегирад. Ин, дар навбати худ, барои барқарор шудани системаи васеи танзими давлатию байналмилалӣ ва байнидавлатии равандҳои муҳоҷират оварда мерасонад. Агар дар доираи ҳаракати равандҳои байналмилалии молҳо ва хизматҳо, ҳамчун шакли муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ тамоюли ҳукмрон либерализатсияи робитаҳои тиҷорати хориҷӣ бошад, он гоҳ нисбати ҳаракати муҳоҷират, системаи протексионизм ташкил мекунад. Яке аз тафовути муҳоҷирати байналмилалӣ аз тиҷорати хориҷӣ аз ҳамин иборат аст. Амалан ҳамаи давлатҳои ҷаҳон барои он ки аз шумораи умумии муҳоҷирони потенсиалӣ (эҳтимолӣ) кормандони заруриро барои иқтисодиёти миллӣ муайян намоянд, ҷараёни муҳоҷирати байналмилалиро танзим мекунанд. Аз нигоҳи географӣ марказҳои муҳоҷират (воридшавӣ) мамлакатҳои тараққикарда ба мисли ИМА, Канада, Австралия, аксари мамлакатҳои Аврупо, инчунин мамлакатҳои аз нефт даромади калон гиранда Арабистони Саудӣ, Баҳрайн, Қувайт, Аморатҳои Муттаҳидаи Араб ва ғайраҳо мебошанд. Муҳоҷирати (ҳаракати, ҷойивазкунии) беруна аз раванди ҷойивазкунии муҳоҷирон аз мамлакатҳои сусттараққикарда ба мамлакатҳои тараққикарда ба мақсади ба даст овардани кори муваққатӣ иборат аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намуд, ки муҳоҷирати байналмилалӣ ҳам ба мамлакати эммигратсия (содиркунандаи муҳоҷирон) ва ҳам ба мамлакати иммигратсия (воридкунандаи муҳоҷирон) афзалиятҳо медиҳад. Вале ин ҳолат проблемаҳои тезу тунди иҷтимоӣ-иқтисодиро низ тавлид месозад. Оқибатҳои фоидабахши муҳоҷират муътадилшавии дараҷаи бекорӣ, сарчашмаи иловагии воридшавии асъори хориҷӣ ва соҳиби донишу таҷрибашавии муҳоҷирон буда, оқибатҳои нохуши он дар тамоюли афзоиши воситаҳои дар хориҷа ба даст омада, майли пинҳондории даромади бадастомада, аз даст додани «ақлу хирад», баъзан пастшавии дараҷаи касбии муҳоҷирони коркунанда зуҳур меёбад.

Барои бартарафкунии оқибатҳои нохуш ва пурзӯркунии самараи мусбӣ аз воситаҳои сиёсати давлатӣ истифода мебаранд. Хатогиҳо дар интихоби сиёсати муҳоҷиратӣ ҳолатҳои нохушро ба миён меоранд, ки он дар муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва минбаъд фаъолгардонии иҷтимоии муҳоҷирон баргашта ва ғайра зоҳир мегардад. Дар ин ҷода махсусан чораҳои зарурӣ аз ҷониби давлат ва ҳукумат дида мешаванд. Гарчанде, ки худи раванди муҳоҷират амалан тамоми табақаҳои ҷомеаро фаро мегирад, вале муҳимтарин ва зоҳиран, паҳншудатарин раванд муҳоҷирати байналмилалӣ мебошад. Муҳоҷирати байналмилалӣ дар нимаи дуюми асри XX як ҷузъи муҳими интернатсионализатсияи ҳаёти иқтисодии

байналмилалӣ гардид. Ҷараёни муҳоҷират аз як минтақа ва кишвар ба минтақаи дигар бо суръат баланд гардид. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар даҳсоли охир нишон медиҳад, ки равандҳои муҳоҷират, ҳам аз ҷиҳати миқдорӣ ва ҳам аз ҷиҳати сифатӣ бо суръати баланд инкишоф меёбад. Дар ин баробар бартариҳо ва норасоиҳои муҳоҷирати байналмилалӣ ҳам барои давлатҳои воридкунанда ва ҳам барои давлатҳои содиркунандаи он пайдо мешавад заруратеро ба миён меоварад, ки равандҳои муҳоҷирати байналмилалӣ дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ танзим карда шавад. Муҳоҷирони ихтиёрӣ, гурезаҳо, муҳоҷирҳои маҷбурӣ дар таърих бисёр ба қайд гирифта шудаанд. Миқёси зиёди онҳо дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ боиси пайдоиши масоили глобалӣ гардидаанд. Муҳоҷирати байналмилалӣ дар аснои мавҷудияти фарқиятҳои зиёди дараҷаи тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва суръати афзоиши табиии демографӣ дар мамлакатҳо пайдо мешавад Проблемаи муҳоҷират дар замони мо хеле муҳим аст, зеро бисёриҳо имкони дохил шудан ба кишварҳои хориҷиро доранд. Дар аксари ҳолатҳо, одамон кӯшиши ёфтани музди кори баланд ва дигар сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба қаламрави дигар кишвар (ё шаҳри худ) сафар мекунанд. Дар айни замон, дар ин самт доираи васеъи корҳои илмӣ вуҷуд дорад. Дар байни таҳқиқотҳои олимони ватанӣ Одинаев К. С, Султонова А, Бобозода Г.Ҷ, Нуралиев Н.Н, Олимова С, Хоркашов И.С. ва Раҳимов Р.К- ро метавон ном бурд. Равандҳои муҳоҷират ба кишварҳои ҷаҳон таъсири гуногунҷанба доранд. Табиист, ки ягон давлат, ки сиёсати иқтисодӣ татбиқ мекунад, наметавонад равандҳои муҳоҷирати байналмилалиро ба танзим дарорад. Бо ин мақсад, вай сиёсати муайяни муҳоҷиратро пеш мебарад. Сиёсати давлатии муҳоҷират сиёсатест, ки ба танзими содирот ва воридоти муҳоҷирон аз ин ё он давлат ё ба он нигаронида шудааст. Дар ҳама кишварҳои пешрафтаи саноатӣ, мақомоти давлатӣ таъсис дода шуданд, ки ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаракати муҳоҷирон аз сарҳади давлатӣ уҳдадоранд. Заминаи ҳуқуқии танзими муҳоҷират дар Тоҷикистон моддаҳои дахлдори Конститутсияи кишвар, қонунгузории миллии муҳоҷират, созишномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷанбаро дар бар мегирад.

Дар адабиёти иқтисодӣ се самти сиёсати муҳоҷират мавҷуд аст:

Сиёсате, ки ба маҳдудияти будубоши муҳоҷирон дар кишвар асос ёфтааст, онҳо фавран огоҳ карда мешаванд. Сиёсате, ки ба муҳлати муайян бо иқомати вуруд ба аъзои оилаи муҳоҷир иҷозат медиҳад. Сиёсате, ки ба истиқомати доимии муҳоҷирон иҷозат медиҳад ва пас аз муддати муайян ҳуқуқи гирифтани шаҳрвандиро пешбинӣ мекунад. Сиёсате, ки ба мӯҳлати муайян бо иқомати вуруд ба аъзои оилаи муҳоҷир иҷозат медиҳад.

### АДАБИЁТ


1. Нашри илмию публитсистӣ. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Мушкилот, таъсири он ба ҷомеа ва роҳҳои танзими равандҳо. Душанбе: ЭР-граф. 2013
2. Рязанцев С. Миграция населения//Социальная и демографическая политика /С.Рязнцев 2007. № 2


### ВАЗЪИ МУОСИР ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФ КАРДАНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ


Мақолаи мазкур ба масъалаҳои омӯзиши вазъи муосири муҳоҷирати меҳнатӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо истифода аз асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ин масъала баҳои иқтисодӣ додааст. Проблемаи муҳоҷират дар замони мо хеле муҳим аст, зеро бисёриҳо имкони дохил шудан ба кишварҳои хориҷиро доранд. Дар аксари ҳолатҳо, одамон кушиши ёфтани музди кори баланд ва дигар сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба қаламрави дигар кишвар (ё шаҳри худ) сафар мекунанд. Равандҳои муҳоҷират ба кишварҳои ҷаҳон таъсири гуногунҷанба доранд. Табиист, ки ягон давлат, ки сиёсати иқтисодӣ татбиқ мекунад, наметавонад равандҳои муҳоҷирати байналмилалиро ба танзим дарорад. Бо ин мақсад, вай сиёсати муайяни муҳоҷиратро пеш мебарад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** муҳоҷирати меҳнатӣ, кишварҳои хориҷӣ, музди кор, сиёсати иқтисодӣ, сабабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.


### ТЕКУЩАЯ СИТУАЦИЯ И ПУТИ ИСКОРЕНЕНИЯ НЕЛЕГАЛЬНОЙ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ


Данная статья посвящена исследованию современного состояния трудовой миграции. Используя труды отечественных и зарубежных ученых, автором дана экономическая оценка различных аспектов данной проблемы. Проблема миграции очень актуальна и в наше время, потому что у многих есть возможность въехать в зарубежные страны. В большинстве случаев люди едут в другую страну (или город) в поисках более высокой заработной платы

или по другим социально-экономическим причинам. Миграционные процессы имеют разностороннее влияние на страны мира. Естественно, ни одна страна, проводящая экономическую политику, не может регулировать процесс международной миграции. С этой целью он проводит определенную иммиграционную политику

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** трудовая миграция, зарубежные страны, заработная плата, экономическая политика, социально-экономические причины.

**CURRENT SITUATION AND WAYS TO ERADICATE ILLEGAL LABOR MIGRATION**

This article is devoted to the study of the current state of labor migration. Using the works of national and foreign scientists, the author gives an economic assessment of various aspects of this problem. The problem of migration is very relevant in our time, because many have the opportunity to enter foreign countries. In most cases, people travel to another country (or city) in search of higher wages or for other socio-economic reasons. Migration processes have a multifaceted impact on the countries of the world. Naturally, no country pursuing economic policy can regulate the process of international migration. To this end, he pursues a certain immigration policy.

**KEYWORDS:** labor migration, foreign countries, wages, economic policy, socio-economic reasons.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Воҳидов Баҳодур – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон.** Телефон: **940677777**

**Сведение об авторе: Вохидов** ***Баходур*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики. Телефон: **940677777**

**Information about the author:** ***Vohidov Bahodur*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of specialty World Economy. Phone: **940677777**

# ТАРТИБИ АНДОЗСИТОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Гулов Ш.М., Кароматова Т.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ замин омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҳаёти ҷамъият нақши бениҳоят калон дорад, зеро дар ин ҷо маҳсулоти талаботи аввалиндараҷаи ҷамъият, яъне молҳои озуқаворӣ истеҳсол мегарданд. Истеҳсолоти кишоварзии имрӯзаро бе тараққиёти иқтисоди миллӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ҳаёти муқаррарии ҷомеъа хоҷагии қишлоқ дар асоси кооператсияҳои истеҳсолоти байнисоҳави, ки хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳоро ба он алқаманд менамояд, амал мекунад. Алоқамандии хоҷагии қишлоқ бо дигар соҳаҳо бештар дар ҳолатҳои зерин дида мешаванд:

1. Аз як тараф соҳаи хоҷагии қишлоқро бо ашёҳои истеҳсолӣ ва техникаю шароитҳои истеҳсолӣ таъмин мекунад;
2. Аз тарафи дигар ашёи хоми хоҷагии қишлоқро ба маҳсулоти тайёр муббадал гардонида, онро то ба истеъмолкунанда мерасонад.

Дар асоси чунин алоқамандӣ комплекси агросаноатӣ ба вуҷуд меояд. Комплекси агросаноатӣ ин зернизоми бисёрсоҳавие мебошад, ки вобастагӣ ва алқомандии хоҷагии қишлоқро бо соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ баҳри истеҳсоли техникаи хоҷагии қишлоқ, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва коркарду фурӯши он ташкил медиҳад. Ташаккулёбии комплекси агросаноатӣ ба гузариш аз истеҳсоли одии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба истеҳсоли мошинӣ, ки ҳарчи васеътар алоқамандии хоҷагии қишлоқро бо дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, алоқаманд аст.

Дар амалия тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ мустақим ё ғайримустақим дар фаъолияти комплекси агросаноатӣ иштирок мекунанд, ки ба доираи он инҳо дохил мешаванд:

1) Фароҳамоварии омилҳои истеҳсолӣ барои хоҷагии қишлоқи комплекси агросаноатӣ;
2) Худи хоҷагии қишлоқ;

3) Коркард ва фурӯши маҳсулоти тайёр.

Қисми асосии комплекси агросаноатӣ маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки ба он соҳаи коркарди ашёи хоми хусусияти истеъмолӣ надоштаи хоҷагии қишлоқ дохил намешавад.

Муносибатҳои кишоварзӣ ин маҷмӯи муайяни муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар ин соҳа ба вуҷуд меоянд. Дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои хоссе вуҷуд доранд, ки аз мавқеъ ва мақоми замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот бармеоянд. Замин ин асоси ҳаёт, сарчашмаи бавуҷудории неъматҳо мебошад. Гарчанде замин маҳсули меҳнат набошад ҳам, вай ба фаъолияти истеҳсолии одамон ворид гашта, воситаи умумии меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар соҳаи кишоварзӣ, замин ин омили фаъоли раванди меҳнат, воситаи асосии истеҳсолот, ва дар соҳаи саноат бошад замин ин ҷоест, ки дар он корхонаҳо ҷойгир шудаанд.

Замин дорои як қатор хусусиятҳое мебошад, ки асоси инкишофи муносибатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад:

- Замин омили такрорнашавандаи истеҳсолот буда, ба таври сунъӣ барқарор (истеҳсол) намешавад;
- Заминҳои корам ва ҳосилхез маҳдуд мебошанд;
- Сатҳи тараққиёти қувваҳои истехсолкунанда заминро объекти маҳдуди истифодабарӣ дар кишоварзӣ мегардонад;
- Дар ҳолати дуруст истифода бурдан, замин имкониятҳои истеҳсолии худро гум накарда, ҳосилхезии иқтисодии худро баланд мегардонад.

Замин низ мисли дигар омилҳои истеҳсолот дорои арза ва тақозо мебошад. Хусусияти арзаи замин ҳамчун захираи иқтисодӣ ин маҳдуд будани он аст. Агар сармоя ҳамчун захира доимо дар ҳаракат бошад, пас замин беҳаракат аст. Омилҳои ба арзаи замин таъсиррасонанда, ин ҳосилхезӣ ва ҷойгиршавии он нисбат ба бозор мебошанд. Тақозо ба замин бошад хусусияти гуногун дорад. Тақозо ба замин ду унсурро дар бар мегирад.

➢ Тақозои кишоварзӣ, яъне тақозои мардум барои истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;

Тақозои ғайрикишоварзӣ, яъне барои сохтани корхонаҳо ва манзилҳои истиқоматӣ.

Яке аз омилҳои рушди муносибатҳои кишоварзӣ ва истифодаи замин ин андоз аз замин мебошад. Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаҳои замин ҳамчун объекти андоз мавриди андозбандӣ қарор мегиранд.

Дар модаи 269-и Кодекси андози ҶТ қитъаҳои замин – заминҳое, ки барои истифода дода шудаанд ё амалан дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё бе онҳо истифода мешаванд, бояд андоз супоранд. Андози заминро заминистифодабарандагон, ки қитъаҳои замин ба онҳо барои истифодаи якумраи меросӣ, бемӯҳлат, мӯҳлатнок ё ба иҷора дода шудаанд, ё заминистифодабарандагони воқеан қитъаҳои заминро истифодабаранда, ба истиснои заминистифодабарандагоне, ки шартҳои низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро иҷро мекунанд, пардохт менамоянд. Супорандагони андози замин, инчунин инҳо мебошанд:

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба низоми умумии андозбандӣ гузаштаанд ва (ё) истифодабарандагони заминҳое, ки бо андози ягона андозбандӣ намешаванд;

- шахсони истифодабарандаи низоми махсус ё имтиёзноки андоз, агар дар асоси чунин низомҳо озодкунӣ аз андози замин пешбинӣ нагардида бошад.

Объекти андозбандии андози замин заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, баҳои кадастрии замин, таъйиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Маблағи андози замин ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории истифодабарандаи замин вобаста набуда, дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда мешавад. Меъёрҳои андоз аз як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо

дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои истифодаи кишоварзӣ ҳар 5 сол бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳар сол меъёрҳои андози заминро мутобиқи сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, индексатсия намуда, меъёрҳои индексатсияшудаи андози заминро барои соли ҷории тақвимӣ дар сомонаи расмии электронии худ ҷойгир мекунад. Ҳисоб намудани маблағи андози замин мувофиқи тартиби зайл вобаста ба ҳаҷми қитъаи замин, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, анҷом дода мешавад:

а) то 800 метри мураббаъ – тибқи меъёрҳои муқаррааргардида;

б) зиёда аз 800 метри мураббаъ то 2000 метри мураббаъ – маблағи андоз, ки тибқи зербанди а) ҳамин банд ҳисоб шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри 2-каратаи андоз ҳисобшуда, барои майдоне, ки аз 800 метри мураббаъ зиёд аст;

в) беш аз 2000 метри мураббаъ – маблағи андозе, ки тибқи зербанди б) ҳамин банд ҳисоб карда шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри 5-каратаи андоз ҳисобшуда барои майдоне, ки аз 2000 метри мураббаъ зиёд аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади хубтар гардонидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ дар самти беҳсозии имкониятҳои дастрасии қарзҳои хурд ба соҳибкорону хоҷагиҳои деҳқонӣ, такмилу содагардонии низоми воридоту содироти молу маҳсулот, ҷорӣ кардани усули «равзанаи ягона»-и бақайдгирии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ як силсила тадбирҳоро анҷом бахшид. Дар байни онҳо сода ва оммафаҳм намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи андоз, ки ба рушду нумӯи соҳаи кишоварзӣ равона шудааст, аҳамияти калон дорад. Андози замин ба гурӯҳи андозҳои мустақим дохил мешавад. Андози заминро ҳамон истифодабарандагоне месупоранд, ки ба онҳо қитъаи замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва ё чун мероси якумра дода шудааст. Он бо дарназардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, арзиши кадастрии замин, таъйиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муқаррар карда мешавад. Объекти андозбандӣ қитъаи замин буда, супорандагони ин намуди андози замин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки заминро бояд ҳар чи бештар мақсаднок ва самарабахш истифода баранд.

Имсол бо мақсади ҳавасмандгардонии истифодабарандагони замин тамоми кишоварзони Тоҷикистонро аз пардохти андози ягонаи замин барои як сол озод карданд, ки ин низ яке аз омилҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта метавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти тағйиру иловаҳо. 01.01.2017., Душанбе «Шарқи озод». 2017 с.
2. Гулов Ш.М. Назарияи иқтисодӣ (васосити таълимӣ) / Ш.М.Гулов. - Душанбе-2021.
3. Ф. Шомуродов. Системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Ф.Шомуродов Душанбе «ЭР-граф» 2009 с.
4. Улугходжаева Х.Р. Налоги и налогообложение РТ. Учебник / Х.Р.Улугходжаева. - Душанбе. 2009 г.
5. Бердникова Т.Б. Оценка и налогообложение имущество предприятия: Учебное пособие. / Т.Б. Бердникова. - М.: ИНФРА - М. 2003. - 233с. - (серия «Высшее образование»).

**ТАРТИБИ АНДОЗСИТОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақола хусусиятҳои андозбандии замин ва меъёрҳои он оварда шудааст. Нақши замин дар истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок карда шуда, аҳамияти истеҳсолоти кишоварзӣ дар истеҳсоли молҳои озуқаворӣ дарҷ гардидааст. Инчунин, дар мақола омилҳои асосии ҳавасмандсозандаи истифодабарандагони замин оварда шуда, нақши онҳо дар инкишофи муносибатҳои кишоварзӣ асоснок карда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** замин, истеҳсолоти кишоварзӣ, андози ягона, андоз; андозҳо; буҷаи давлатӣ; пардохтҳои трансфертӣ; сиёсати монетарӣ; касри буҷа, хароҷоти буҷети давлатӣ, даромади буҷети давлатӣ.

**ПОРЯДОК НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье расмотренны особенности земельного налогообложения и его нормы. Обоснована роль земли в сельскохозяйственном производстве и подчеркнута важность сельскохозяйственного производства в производстве продуктов питания. В статье также перечислены основные мотивирующие факторы для землепользователей и обоснована их роль в развитии аграрных отношений.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** земля, сельскохозяйственное производство, единый налог, налог; налоги; бюджет государства; переводные платежи; денежно-кредитная политика; дефицит бюджета, расходы государственного бюджета, доходы государственного бюджета.

**TAXATION PROCEDURE AND FEATURES OF LAND TAX IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article describes the features of land taxation and its norms. The role of land in agricultural production is substantiated and the importance of agricultural production in the production of food products is highlighted. The article also lists the main motivating factors for land users and substantiates their role in the development of agricultural relations.

**KEYWORDS:** land, agricultural production, single tax, tax; taxes; state budget; transfer payments; monetary policy; budget deficit, state budget expenditures, state budget revenues.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** **–** н.и.и., дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии ДМТ. **Суроға**: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **902426655.**
***Кароматова Таманно*** **–** магистри курси дуюми кафедраи андоз ва андозбандии ҶТ. Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. Телефон: **985984001**

**Сведение об авторах:** ***Гулов Шерали Махмадсаидович*** - к.э.н. доцент кафедры налога и налогообложения ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **902426655**
***Кароматова Таманно*** – магистр 2-го курса кафедры налога и налогообложения ТНУ. **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: **985984001**

**Information about the authors:** ***Gulov Sherali Makhmadsaidovich*** - Ph.D. Associate Professor of the Department of Tax and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone**: 902426655**
***Karomatova Tamanno*** **-** 2nd year master`s student of the Department of Taxes and Taxation of TNU. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone**: 985984001**

# БОЗОРҲОИ МОЛИЯВИИ КИШВАРҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚӢ ДАР ШАРОИТИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ

***Нуров А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аҳамияти мавзуи тадқиқоти мақола, пеш аз ҳама, бо раванди афзояндаи глобализатсияи молиявии иқтисоди ҷаҳонӣ дар солҳои охир, миқёси фаъолияти молиявӣ ва шиддатнокии ҳаракати захираҳои молиявӣ муайян карда мешавад. Чунин нишондиҳандаҳои мутлақи ҷаҳонишавии молиявӣ, аз қабили ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими ҷамъшуда дар ҷаҳон, қарзҳои байналмилалӣ, эмиссияҳо ва коғазҳои қиматнок дар муомилот, капитализатсияи бозорҳои молиявӣ, арзиши дороиҳои бонкҳо дар хориҷа ва сармоягузорони институтсионалӣ, инчунин нишондиҳандаҳои нисбӣ: ҳиссаи захираҳои хориҷӣ дар сармоягузории дохилӣ, ҳиссаи содирот ва воридоти сармоя дар ММД, ҳиссаи пасандозҳои аҳолӣ, ки аз ҷониби сармоягузорони институтсионалӣ назорат мешаванд, ҳамаи онҳо босуръат афзоиш ёфта, аз нишондиҳандаҳои даҳсолаҳои пештара хеле зиёданд.

Дар марҳалаи ҳозира дар баробари хусусиятҳои миқдорӣ, ҷаҳонишавии молиявӣ бо таҳия ва татбиқи технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ, либерализатсияи соҳаи молиявӣ, тавсеаи фаъолияти муассисаҳои молиявии хусусӣ ва ташкилотҳои расмӣ, тағйирот дар сохтори бозорҳои молиявии миллӣ ва байналмилалӣ, афзоиши муттаҳидшавӣ ва ҳамроҳшавии муассисаҳои молиявӣ фарқ мекунад. Ташаккули бозорҳои молиявӣ ва кушодани онҳо ба капитали хусусии хориҷӣ дар мамлакатҳои тараққиёбанда ва сотсиалистӣ яке аз муҳимтарин шартҳои ба бозорҳои ҷаҳонӣ табдил додани ҷараёни молиявӣ мебошад.

Сарфи назар аз пурзӯр шудани раванди ҳамгироии бозорҳои молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва давлатҳое, ки иқтисодашон ба системаи молиявии байналмиллалӣ гузариш

доранд, саҳми онҳо дар ҳаракати ҷаҳонии сармоя ночиз боқӣ мемонад. Онҳо аз ҷиҳати ҳаҷми ҷамъшудаи сармоягузории мустақими хориҷӣ, ҳаҷми қарзҳои синдикатӣ, ҳаҷми уҳдадориҳои қарзи байналхалқии додашуда ва баҳранашуда аз мамлакатҳои мутараққӣ хеле ақиб мемонанд. Мамлакатҳои тараққиёбанда ва сотсиалистиро лозим аст, ки аз имкониятҳои ҷаҳонишавии молиявӣ истифода баранд ва дар тараққиёти худ пешравие ба даст оваранд. Аммо ҳатто агар ҳамгироии минбаъдаи онҳо ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ муваффақ бошад ҳам, хатарҳо ва нуқсонҳои афзоиши вобастагии молӣ бояд ба назар гирифта шаванд.

Норасоии захираҳои молиявии дохилӣ дар аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ маънои қарзи онҳоро аз берун дорад, ҷалб намудани капитали хусусии хориҷӣ махсусан муҳим аст. Дар солҳои 60-ум фондҳои расмӣ тақрибан 70 фоизи тамоми даромади капиталро ба мамлакатҳои тараққиёбанда ташкил медоданд ва кумак ба тараққиёт ба 56 фоиз расид. Ин ба он боварии кишварҳои пешрафта аст, ки гирандагони онҳо метавонанд бо ворид кардани маблағҳои расмӣ аз берун ба сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ноил шаванд. Вақте ки кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба тағйироти сохторӣ ноил нагардиданд, муносибат ба расонидани кумаки расмӣ ва аксаран ройгон ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ тағйир ёфт ва ҳаҷм ва ҳиссаи он коҳиш ёфт. Аллакай дар охири солҳои 70-ум, маблағҳое, ки тавассути хатти расмӣ гирифта шудаанд, камтар аз 30% -ро ташкил медоданд. Дар марҳалаи ҳозира тамоюли кам кардани маблағҳои аз тарафи мамлакатҳои тараққикарда дар шакли қарз ва ёрии бемузд ба назар гирифта мешавад. Ба ҳамин тарик, ҳаҷми умумии ёрӣ ба тараққиёт дар солҳои 1992—1997 ба ҳисоби реалӣ 20 фоиз кам шуд. Дар партави гуфтаҳои боло аҳамияти омӯзиши ҳамаҷонибаи воридоти сармоя ба бозорҳои молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва давлатҳои дар ҳоли гузариш, инчунин ҳамгироии онҳо ба бозорҳои молиявии байналмилалӣ аён мегардад. Муассисаҳои молиявии байналмиллалӣ ва сармоягузорони институтсионалӣ бозорҳои молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузаришро дар муқоиса бо бозорҳои баркамоли кишварҳои пешрафта пеш аз ҳама ба далели номукаммалии онҳо ба бозорҳои рӯ ба тараққӣ (таркибёанда, дар ҳоли рушд, рушдёбанда) тасниф мекунанд.

Истилоҳи «бозорҳои рушдёбанда» соли 1981 аз ҷониби корманди Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) Антуан ван Аттмаэл, ки бо ин мафҳум бозорҳои молиявии кишварҳои сусттараққикардаро ифода кардааст, ба муомилоти илмӣ ворид карда шудааст. Дар миёнаҳои солҳои 1980-ум IFC ба кор оид ба консепсияи ҷамъоварии маблағ ва бозорҳои сармоя дар ҷаҳони рӯ ба тараққӣ шуръ кард ва маҳз ҳамон вақт ин истилоҳ васеъ паҳн шуд. Аввалин фонд дар соли 1986 таъсис дода шуда буд, ки ёздаҳ сармоягузорони институтсионалӣ розӣ шуданд, ки ба бозорҳои нав 50 миллион доллар сармоягузорӣ кунанд. Ҳамин тавр, ҳам созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва ҳам сармоягузорони байналмилалии институтсионалӣ ба як гурӯҳи алоҳида ҷудо кардани кишварҳои бозорҳои молиявии суст инкишофёфтаро гирифтанд. Ҷаҳонишавӣ тамоюли муайянкунандаи рушди иқтисодиёти муосир буда, марҳилаи сифатан нави байналхалқии робитаҳои иқтисодиро ифода мекунад. Самти бештар динамикӣ ҷаҳонишавии соҳаи молиявӣ мебошад, ки дар афзоиши шиддати ҳаракати сармоя дар шаклҳои гуногун, микёси ҷараёнҳо ва васеъшавии доираи фаъолияти бонкҳои трансмиллӣ, конгломератҳои байналмилалии молиявӣ, сармоягузорони институтсионалӣ ва либерализатсияи бозорҳои молиявӣ. Глобализатсияи афзояндаи ҷараёнҳои молиявӣ дар рушди бозори байналмилалии молиявӣ инъикос ёфтааст, ки афзоиши динамикии он бо пайдоиши евро долларҳо ва евробозорҳо оғоз ёфтааст. Афзоиши босуръати қарздиҳии байналмилалӣ ва муомилоти байналмилалии коғазҳои қиматнок дар даҳсолаҳои охир ба баландтарин нуқтаи худ дар солҳои 90-ум расид. Секюритикунонии муносибатҳои қарзӣ ва институтсионализатсияи пасандозҳо хусусияти хоси инкишофи молияи ҷаҳонӣ дар замони ҳозира мебошанд.

Шиддати раванди ҷаҳонишавии гардиши молиявии ҷаҳонӣ аз рушди марказҳои молиявии байналмилалӣ шаҳодат медиҳад. Пешрафтҳои технологӣ, моликият ба иттилоот, идоракунии хавфҳо, танзими низоми молиявӣ муҳимтарин омилҳои табдили бозорҳои сармоя ба марказҳои молиявии ҷаҳонӣ мебошанд, ки рушди онҳо гардиши захираҳои молиявиро дар микёси ҷаҳонӣ ҳавасманд мекунанд. Бо шиддат гирифтани ҷаҳонишавӣ, самаранокии марказҳои молиявии ҷаҳонӣ меафзояд.

Аммо ҷараёнҳои молиявӣ танҳо дар натиҷаи ташаккул, рушд ва танзими бозорҳои молиявӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва давлатҳои иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта хусусияти воқеан ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Ба арсаи молиявии байналхалқӣ ворид шудани иштирокчиёни бозорҳои рушдёбанда, инчунин афзоиши босуръати гардиши пули нақд дар самти онҳо дар солҳои 90-ум тамоюли фаъолияти молиявии байналмилалиро дар миқёси ҷаҳонӣ таҳким бахшида, ҷомеаи иқтисодии ҷаҳонро ба тақсимоти мукаммалтар тела медиҳад.

Таҳлили вусъати бесобиқаи иштироки бозаргонӣ дар муносибатҳои молиявии байналмилалӣ дар солҳои 90-ум як қатор хусусиятҳои намоёнро ошкор намуд. Якум, воридшавии сармояи хусусӣ якбора афзуда, аз қарзгирии хати расмӣ 9 маротиба зиёд шуд. Дуюм, дар сохтори гардиши соф инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ва портфели қарзҳои синдикатро, ки солҳои 1978-1982 бартарӣ доштанд, иваз карданд. Сеюм, воситаҳои қарзие, ки дар бозорҳои рӯ ба тараққӣ муомилот мешаванд, аз ҳаҷми эмиссияҳо хеле зиёд буданд, ки боиси афзоиши пардохтпазирии коғазҳои қиматнок дар бозорҳои рушдёбанда гардид. Чорум, дар давоми солҳои 90-ум захираҳои тиллою валютаи бонкҳои марказии мамлакатҳои тараққиёбанда се баробар афзуда, қариб нисфи захираҳои хориҷии бонкҳои марказии ҷаҳонро ташкил дод. Панҷум, шумораи иштирокчиёни бозорҳои рушдёбанда дар марказҳои бузурги молиявии ҷаҳон афзоиш ёфт. Шашум, аҳамияти гардиши сармоя дар байни кишварҳои дар ҳоли рушд афзоиш ёфт.

Эҳёи бозорҳои рушдёбанда дар бозорҳои байналмилалии молиявӣ дар солҳои 90-ум бо як қатор сабабҳои дохилӣ ва берунӣ шарҳ дода мешавад. Муҳимтарин омили дохилӣ беҳтар шудани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар муқоиса бо даҳсолаи қаблӣ мебошад, ки дар афзоиши динамикии ММД, коҳиши таваррум, коҳиши касри тавозуни пардохт, афзоиши содироти молу хизматрасонӣ ифода ёфтааст. Баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, дар якҷоягӣ бо сиёсати пайвастаи макроиқтисодӣ ва либерализатсияи бозорҳои молиявии дохилӣ, ба кишварҳои дар ҳоли рушд кӯмак расониданд, ки аз агентиҳои маъруфи байналмилалии рейтинги қарзӣ рейтинги кредитӣ гиранд. Хусусигардонӣ ва тавсеаи дастрасии шарикони хориҷӣ ба иттилооти дохилӣ низ омилҳои дохилӣ мебошанд, ки ба фаъол шудани муносибатҳо бо муҳити молиявии ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

Афзоиши дастрасӣ ва сифати иттилооти дохилӣ аз ҷониби шарикони хориҷӣ ба иттилооти дохилӣ дар бозорҳои рушдёбанда таваҷҷӯҳи сармоягузоронро афзоиш дод ва барои сармоягузорон интихоби маркази сармоягузорӣ ва арзёбии дороиҳоро осон кард.

Ба ҷалби бозорҳои рушдёбанда ба низоми байналмилалии молиявӣ омилҳои беруна, аз қабили лағви назорати сармоя дар бозорҳои пешрафта, ба вуҷуд омадани пардохтпазирии зиёдатӣ дар онҳо, паст шудани меъёри фоизӣ ва коҳиши спредҳо оид ба вомбаргҳои корпоративӣ дар Иёлоти Муттаҳида, таназзул мусоидат карданд. Дар кишварҳои пешрафта дар ибтидои солҳои 90-ум, афзоиши дороиҳои сармоягузорони институтсионалӣ, секюритикунонии қарзҳо, ки боиси пайдоиши воситаҳои инноватсионии молиявӣ ва такмили технологияҳои компютерӣ ва коммуникатсионӣ гардид.

Дар охири солҳои 90-ум дар рушди бозорҳои молиявӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳое, ки иқтисодашон дар марҳилаи гузариш қарор дорад, нуқтаи гардиш ба амал омад. Сарфи назар аз он, ки воридшавии сармояи миқёсан калон ба бозорҳои рӯ ба тараққӣ тасаввуротро ба вуҷуд оварда ва таҳким бахшидааст, ки дороиҳои бозорҳои рушдёбанда ҳамчун кофии боэътимод ва фоиданок барои сармоягузорӣ тасниф карда мешаванд, бӯҳронҳое, ки дар солҳои 1997-1999 дар бозорҳои рушдёбанда ба вуҷуд омадаанд, боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми сармояи бозорӣ гардид. иштироки ин бозорҳо дар муомилоти молиявии ҷаҳонӣ. Дар ҳоле ки бӯҳрон дар бозорҳои рӯ ба тараққӣ шиддат гирифт, баҳсҳо дар бораи ҷанбаҳои мусбат ва манфии таъсири ҷаҳонишавии молӣ ба ин гурӯҳи кишварҳо афзоиш ёфт. Дар натиҷаи таҳқиқоти таъсири глобализатсияи молиявӣ ба бозорҳои рушдёбанда, муаллиф ба як қатор хулосаҳо омадааст:

- ҳаракати байналмилалии захираҳои молиявӣ дар муқоиса бо гардиши молии ҷаҳонӣ бо ноустувории бештар тавсиф мешавад ва ин пеш аз ҳама бо набудани иттилоот ва рафтори қиморбозии сармоягузорон шарҳ дода мешавад;

- таҳлили таносуби ҷараёни молиявӣ ва воқеӣ дар иқтисодиёт нишон дод, ки афзоиши беандозаи бозорҳои молиявии байналмилалӣ бо рушди сусти бахши воқеӣ мухолифат мекунад;

- омӯзиши таносуби гардиши воқеӣ ва молиявӣ байни кишварҳои пешрафта ва кишварҳои дорои бозорҳои рӯ ба тараққӣ нишон дод, ки афзоиши сармоя ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонад фаъолияти воқеӣ ва молиявиро на танҳо дар кишварҳои содиркунандаи сармоя, балки дар кишварҳои қабулкунанда низ мувозинат кунад. ба ҳамоҳангсозии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард;

- як қатор мисолҳое, ки дар ин мақола баррасӣ шудаанд, нишон медиҳанд, ки интиқоли тағйирот байни бозорҳои молиявӣ на ҳамеша бо ҷаҳонишавӣ ва афзоиши вобастагии молиявӣ афзоиш меёбад;

- бозорҳои рушдёбанда аз сабаби хурд будани онҳо, суст инкишофёфтаи инфрасохтори молиявӣ, набудани низомҳои муассири танзим, стандартҳои баҳисобгирӣ, набудани шумораи кофии ширкатҳое, ки ба ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳнкунии иттилоот машғуланд, инчунин ширкатҳое, ки дорои захираҳои дарозмӯҳлат мебошанд; таърихи мавҷудият. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки менеҷерони портфел, ки ба бозорҳои рушдёбанда сармоягузорӣ мекунанд, ба тағйирёбии портфелҳои худ аҳамият медиҳанд ва ба онҳо посух медиҳанд, аммо азбаски сармоягузорони институтсионалӣ тамоми дороиҳои бозорҳои рушдёбандаро дар як синф тасниф мекунанд, тағйирот дар вазъ дар баъзе бозорҳои рушдёбанда зуд ба дигарон интиқол дода мешавад.

- дар охири солҳои 90-ум, бозорҳои рушдёбанда ноустувории бештарро нишон доданд. Аммо бухронҳои пулию молӣ, ки аввал дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва баъдан дар Русия ва Бразилия сар зад, масъалаи зарурати омӯзиши ин таҷрибаи ногуворро ба миён овард.

Рушди низоми молиявӣ на танҳо имкон медиҳад, ки оқибатҳои манфии ҷаҳонишавии молиявӣ рафъ карда шавад, балки ба истихроҷи фоида аз иштирок дар ин раванд мусоидат мекунад.

Дар сатҳи ҷаҳонӣ низ барои пешгирии қонуншиканиҳои ҷиддӣ дар соҳаи молияи байналмилалӣ чораҳо андешида мешаванд.

Маҷмуи тадбирҳои муассир оид ба танзими бахши молиявӣ дар миқёси миллӣ ва ҷаҳонӣ ба нигоҳ доштани субот дар бозорҳои молиявӣ мусоидат мекунад, ки ин барои кишварҳои дорои бозорҳои рушдёбанда, ки на ҳама вақт қодир аст таъсири манфии ҷаҳонишавии афзояндаро коҳиш диҳад, муҳим аст.

Ҳамин тариқ, дар шароити нави ҷаҳонишавӣ фаъолияти кишварҳои дорои бозорҳои рушдёбанда дар арсаи молиявии байналмилалӣ афзоиш ёфтааст. Дар як муддати хеле кӯтоҳ онҳо тавонистанд, ки аз таҳкими ҷаҳонишавии молиявӣ як қатор бартариҳо ба даст оранд, ки аз ҷумла дар воридшавии васеъмиқёси сармояи хусусӣ, васеъ шудани дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалии коғазҳои қиматнок ва афзоиши таваҷҷӯҳи кишварҳои хориҷӣ ифода ёфтаанд. Аз ин рӯ, мутобиқ кардани бозорҳои рушдёбанда ба шароити муосир вазифаи аввалиндараҷа буда, бояд ҳамчун ҳадафи сиёсати давлатии онҳо ифода карда шавад. Такмили системаҳои молиявӣ, татбиқи либерализатсияи танзимшаванда дар баробари дигар тадбирҳо барои аз байн бурдани оқибатҳои мусбат ва кам кардани оқибатҳои манфии ҷаҳонишавии молиявӣ мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Ацин-Сингулински С. Международная торговля / Ацин-Сингулински С. - М.: Российская экономическая академия, 1996. — 166 с.
2. Гусаков П., Зотова Н. Национальные интересы и внешнеэкономическая безопасность России / П.Гусакова.- М.: "Евразийский регион". 269 с.
3. Долгов С. Глобализация экономики; новое слово или явление? М.: ОАО "Изд-во "Экономика", 1998. 215 с.
4. Киреев А. Международная экономика. Ч. 2. / А.Киреев. - М.: Международные отношения 1999. - 438 с.
5. Маршал Д., Бансал В. Финансовая инженерия / Д.Маршал. - М.: ИНФРА-М, 1998. -784 с.
6. Международный финансовый кризис: новый этап глобального экономического развития? М.: Институт МЭ и МО РАН, 1999. 92 с.
7. Сорос Д. Алхимия финансов / Д.Сорос. - М.: ИНФРА-М, 1998. 416 с.

**БОЗОРҲОИ МОЛИЯВИИ КИШВАРҲОИ РӮ БА ТАРАҚҚӢ ДАР ШАРОИТИ ГЛОБАЛИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИ ҶАҲОНӢ**

Таъмини суботи молиявии ҷаҳонӣ дар шароити афзояндаи ҷаҳонишавӣ шарт ва омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми сайёра, рафъи мушкилоти равандҳои буҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, гузаронидани тадқиқоти назариявӣ, инчунин омӯхтани ҷанбаҳои амалӣ ва методологии падидаи ноустувории молиявии ҷаҳонӣ муҳим аст, зеро ин имкон медиҳад, ки маҷмуи тадбирҳои мушаххас оид ба пешгирӣ, муайян ва рафъи оқибатҳои ноустувории молиявӣ таҳия карда шаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтисод, ҷаҳонишавӣ, буҳрон, афзоиш, таҳдид, даромад, молия.

**ФИНАНСОВЫЕ РЫНКИ РАЗВИВАЮЩИХ СТРАН В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ**

Обеспечение мировой финансовой стабильности в условиях растущей глобализации – важная предпосылка и фактор устойчивого экономического роста, повышения уровня жизни людей на планете, преодоления проблем и трудностей кризисных процессов в мировой экономике. Поэтому важное значение имеет проведение теоретических исследований, а также изучение практических и методологических аспектов феномена мировой финансовой нестабильности, поскольку это позволит выработать комплекс конкретных мер по предупреждению, выявлению и преодолению последствий конкретных угроз.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экономика, глобализация, кризис, рост, угроза, доход, финансы.

**FINANCIAL MARKETS OF DEVELOPING COUNTRIES IN A GLOBALIZING WORLD ECONOMY**

Ensuring global financial stability in the context of growing globalization is an important prerequisite and factor for sustainable economic growth, raising the living standards of people on the planet, overcoming the problems and difficulties of crisis processes in the world economy. Therefore, it is important to conduct theoretical research, as well as to study the practical and methodological aspects of the phenomenon of global financial instability, since this will make it possible to develop a set of specific measures to prevent, identify and overcome the consequences of specific threats.

**KEYWORDS:** economy, globalization, crisis, growth, threat, income, finance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуров Абубакр*** **–** магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон. E-mail: **abubakr@mail.ru**. Телефон**: 935434442**

**Сведение об авторе:** ***Нуров Аубубакр*** – магистр второго курса по специальности «Мировая экономика». E-mail: **abubakr@mail.ru**. Телефон**: 935434442.**

**Information about the author:** ***Nurov Aububakr*** - 2nd year master's student majoring in World Economy. E-mail: **abubakr@mail.ru**. Phone: **935434442.**

# МОҲИЯТИ МЕХАНИЗМИ СИЁСАТИ БЕРУНИҚТИСОДӢ ВА СОХТОРИ ОН

***Алидодов Ҷ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ назариявии масъалаҳои сиёсати берунииқтисодӣ, ташаккули механизми ба амал баровардани он, ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолот ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо, мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, шаклгирии муҳити сармоягузории хориҷӣ ва дигар масъалаҳои ҳамҳудуд аҳамияти бебаҳо қабул мекунад.

Дар адабиёти иқтисодии муосир оид ба моҳияти сиёсати берунииқтисодӣ ақидаҳои мухталиф баён мешаванд. Гурӯҳи якуми олимони иқтисоддон сиёсати беруниқтисодиро ҳамчун қисми (звенои) таркибии сиёсати иқтисодии давлат мешуморанд. Дар бораи сиёсати берунииқтисодӣ Борисов А.Б. чунин менависад: «Ин сиёсати давлат дар соҳаи содироту воридот, боҷҳои гумрукӣ, таърифаҳо ва маҳдудиятҳои миқдорӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ба хориҷа баровардани сармоя, заемҳои берунӣ, пешниҳоди кумаки иқтисодӣ ба давлатҳои дигар, иҷрои лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ мебошад, ки аз ҷониби ҳукумати мамлакат ба ҳаёт татбиқ карда мешавад”. Ақидаи мазкур қариб дар ҳамаи луғатҳои иқтисодӣ айнан такрор мешавад. Аз ин сабаб тадқиқи сиёсати берунииқтисодӣ, интихоби афзалият ва самтҳои асосӣ, заминаҳои ташкилию ҳуқуқии ташккули механизми он, раванду сохтори содироту воридот ҷиҳати бартарафкунии номутавозинии истеҳсолоти ватанӣ ва тавозуни пардохти мамлакат зарур дониста шуда, ҳамчун мавзӯи мустақили кори дипломӣ пеш омадааст. Масъалаҳои вобаста ба моҳият ва сохтори механизми сиёсати

хоҷагидорӣ , аз ҷумла механизми сиёсати иқтисодӣ дар адабиёти муосир ба дараҷаи кофӣ омӯхта шудаанд. Дар ин маврид байни олимон ихтилофот мавҷуд аст. Вай ҳамчун шаклу сохторҳои ташкилӣ шаклу усулҳои идоракунӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқӣ , ки тавассути онҳои қонунҳои иқтисодӣ, равандҳои такрористехсоли дар шароити мушаххас амалкунанда иҷро мегарданд.

Аз хусуси механизми сиёсати беруниқтисодӣ бояд гуфт, ки мутаасифона кам омӯхта шудааст. Дар адабиёт як қатор тавсияҳои механизми сиёсати беруниқтисодӣ вомехӯранд, вале мӯҳтавои иқтисодӣ ҷой ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ возеҳ шарҳ наёфтааст. Ин албатта барои баҳсҳо боис мегардад.

Бояд қайд кард, ки механизми сиёсати беруниқтисодӣ дар мамлакатҳои мухталиф ягона нест. Сифати он пурра ба сохти иҷтимоии мамлакат, хусусиятҳои такрористеҳсол, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароти мушаххас вобастагӣ дорад. Баробари тағйир ёфтани сохти давлатдорӣ дар сиёсати беруниқтисодӣ низ дигаргуниҳо зуҳур мекунанд. Ҳамзамон табдили механизми сиёсати беруниқтисодӣ кӯҳна ба механизми нав, ки мӯҳтавои дигари иҷтимоӣ дорад, ба амал меояд.

Масалан, дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ механизми иқтисодии берунӣ мувофиқи сохтори воҳиди он низ аз байн рафт. Дар давлатҳои мустақили баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳудуди он ташаккулёфта, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам аз ҷихати сохторӣ ва ҳам вазифаҳо механизми сифатан нави беруниқтисодӣ ташкил дода шуд. Озодшавии савдои хориҷӣ, васеъ шудани мустақилияти хоҷагидорӣ, ҳуқуқ ва ваколатҳои онҳо, кам кардани монеъаҳои маъмурию миқдорӣ, аз ҷумла техникӣ, ба самтҳои фаъолияти беруниқтисодӣ тағйироти калон ворид карда, дар назди механизми сиёсати берунииқтисодӣ вазифаҳои навро пеш гузоштанд.

Дар механизми беруниқтисодӣ дигаргуниҳо, ҳамчунин дар доираи бозсозии сохтори иқтисод ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла пайваста ба рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва робитаҳои беруниқтисодӣ сурат мегирад.

Он чиз возеҳ аст, механизми робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар соҳаҳои муносибатҳои болосохтӣ хеле фаъол зоҳир мегардад. Дар ин маврид ташкили робитаҳои берунӣ, маҳорати ташаккул додани содирот ва оқилона ҳавасмандгардонии он ва беҳини воридот, истифода бурдани сармояи ҷалбшуда на танҳо аз ҷиҳати сиёсию ҳуқуқӣ, ҳамчунин, аз омилҳои иқтисодӣ низ вобаста мебошанд. Бинобар ин, сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва механизми он бо решаҳои худ аниқан ба истеҳсолот фурӯ меравандд. Ба ҳамон миқдоре, ки истеҳсол шудааст ва на каму на зиёд содир кардани мол имконпазир мебошад. Дар баробари ин барои содир кардани маҷмуи муайяни миқдори мувофиқи моли дигар бояд ворид карда шавад, яъне истеҳсоли мол аз истеъмоли он зиёд бошад, мамлакат содир мекунад. Баръакс агар истеҳсол аз истеъмол кам бошад, он вақт мол ворид карда мешавад

Ҳамчунин, маълум аст, ки иқтисоди бозоргонӣ низоми муайянро тақозо мекунад. Ин ба бахши берунӣ низ дахл дорад. Вай низ ҳамчун қисми ҷудонопазири иқтисоди бозоргонӣ бояд ба ин ё он тарз ташкил карда шавад.

Бахши беруниро ба ягон бахши номунтазам муқобил гузоштан нашояд, зеро ин гуна бахш умуман вуҷуд надорад. Дуруст ва мувофиқи мақсад хоҳад буд, ки усулҳои ташкили истехсолот дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла дар бахши берунӣ, тамоилот ва шароитҳои ҳар яке аз бахшҳо, ки дар натиҷаи онҳо иқтисодиёт дар худ қобилияти худтанзимро пайдо менамояд.

Иқтисодиёти бозоргонӣ таҳти таъсири қувваҳои замима**,** яъне тавассути рақобат, нархҳо, талаботу пешниҳод бе кумаки берунӣ ба ҳолати мувозинат ва субот ворид мешавад. Дар ҳолати рақобат суботи баланд ва нархҳо дар мавриди халалдор гардидани мувозинат тасҳеҳи худбахудро таъмин месозанд. Вазъи босуботи бозор ва тағйирёбии нархҳо тавассути таъсири мутақобилаи талаботу пешниҳод муайян карда мешавад.

Дар ҳаёти воқеӣ мавридҳое кам нестанд, ки омилҳои танзимкунандаи бозорӣ амал намекунанд ва барои таъмини мувозинат қодир намебошанд. Дар ин мавридҳо зимни истифодаи низоми механизми иқтисодӣ ба танзими мақсадноки иқтисодиёт, аз ҷумла бахши берунии он, гузаштан зарур аст.

Дар низоми мазкур механизми танзими берунииқтисодӣ мавқеи муҳим дорад, ки ба таври умумӣ маҷмуи сохторҳои ташкилӣ , шаклу усулҳои мушаххаси идоракунии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки бо ёрии онҳо давлат мунтазам вазъи тиҷорати хориҷӣ, раванди сармоягузориро назорат мекунад, андозаи воридоту содирот ва мувофиқати онро ба талаботи мамлакат танзим менамояд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки манбаҳои маблағгузорӣ на ҳама вақт барои пӯшонидани талафи пасандозҳо дар бахшҳои воқеӣ, пулӣ ва буҷетӣ басанда ҳастанд. Аз ҳисоби манбаҳои мазкур нобаробарии як, ниҳоят ду, вале на ҳамаи бахшҳои иқтисодиётро маблағгузорӣ кардан мумкин аст.

Масалан, аз ҳисоби бахши буҷет тавассути пешниҳоди қарзу кредит бахши воқеиро маблағгузорӣ кардан мумкин аст. Бахши воқеиро, ҳамчунин аз ҳисоби афзоиш додани миқдори пул дар муомилот маблағгузорӣ карда шавад. Камбудии бахши буҷет аз ҳисоби қарзҳои дохилӣ, барориши пул ва захираҳои асъорӣ маблағгузорӣ мегардад.

Лекин нобаробарии ҳамаи бахшҳои иқтисодӣ (воқеӣ, пулӣ, буҷетӣ) танҳо аз ҳисоби бахши берунӣ маблағгузорӣ мешавад. Тасодуфӣ нест, ки бисёр иқтисодшиносон бахши беруниро манбаи асосии маблағгузории ҳамаи бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ мешуморанд.

Вазъи қаноатбандии бахши берунӣ аз як тараф ҷараёни муътадили ҳисобҳои байналмилалиро таҷассум намуда, аз тарафи дигар аз болоравии мунтазами иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Вазъияти шиддатнок дар бахши мазкур, норасоии манбаъҳои кофӣ барои пардохти уҳдадориҳои байналхалқӣ ҳамеша дар бораи номутаносубии дохилӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, аз рӯйи ҳолати ҳисобу китоби мамлакат бо хориҷон, сарфи назар аз он ки ҷумҳурӣ дар бораи иқтисодиёт маълумоти пурра чоп менамояд ё не, тавозуни пардохт таҳия мекунад ё намекунад, баҳо додани масъалаҳои дарпешистода имконпазир дониста мешавад.

Аз ин лиҳоз, барои Тоҷикистон ташаккули механизми сиёсати берунииқтисодӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодӣ ба шумор меравад. Аз мавқеи аҳамият вай ба хусусигардонии моликият, бозсозии сохтори иқтисодиёт, ташаккули хурду миёна баробар аст. Ин ҷо сухан аз он хусус меравад, ки бо кадом роҳ мо имконияти робитаҳои иқтисодии хориҷии мамлакатро барои таъмини суботи молиявӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳарчӣ бештар истифода барем.

Вобаста ба сохтори механизми сиёсати беруниқтисодӣ ва маҷмуи унсурҳои мансуби он бояд гуфт, ки онҳо дар бандҳои минбаъдаи кори дипломӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, инҷо танҳо баъзе ақидаҳои умумӣ, ки барои шарҳи минбаъдаи мавод заруранд, зикр карда мегузарем.

Сохтори механизми сиёсати беруниқтисодӣ, пеш аз ҳама аз зерсохторҳои зерин иборат аст:

Якум, механизми сиёсати содироти савдои хориҷӣ, ки ба фурӯши молҳои рақобатпазир дар бозор ва ҳавасмандгардонии истеҳсоли онҳо нигаронида мешавад. Барои ҳавасмандгардонии истеҳсолоти содиротпазир, фармоишҳои давлатӣ, маблағгузории буҷетӣ, кредитҳо ва маблағгузории корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) истифода мешаванд.

Дуюм,механизми сиёсати воридотии савдои хориҷӣ, ки ба танзими воридоти молҳои хориҷӣ ба мамлакат нигаронида мешавад.

Ба воситаҳои асосии чунин танзим тааллуқ доранд:

- маҳдудкунии мустақими воридот ҷиҳати ҳифзи иқтисодиёти миллӣ. Ба ин мақсад иҷозатдиҳӣ, ҳиссабандӣ ва маҳдудсозии воридот, боҷҳои воридот, зидди демпингӣ, низоми марзии воридкунии ҳадди ақал истифода мешавад.
- маҳдудкунонии ғайримустақими воридот, ки яке аз шаклҳои танзими савдои хориҷӣ баромад мекунад ва бо роҳи муайян кардани квотаҳои содиротию воридотӣ, ки контингент ном доранд, амалӣ гардонида мешавад. Контингент дар савдои хориҷӣ аз муқарраркунии мизоҷони ниҳоии содирот, воридот ва транзитӣ барои теъдоди муайяни молҳо буда, тавассути воҳидҳои арзишию вазнӣ ифода карда мешавад;

• расмиёти маъмурӣ, ки савдои хориҷиро маҳдуд мекунанд, гарчанде ки бевосита ба маҳдудкунонии воридот нигаронида намешаванд. Ба расмияти маъмурӣ расмиёти гумрукӣ меъёрҳои беҳдошти байторӣ, стандарту мизонҳои техникӣ тааллуқ доранд. Сиёсати воридотии савдои хориҷӣ, бешубҳа, аҳамияти воридотро барои иқтисодиёти миллӣ ба эътибор мегирад. Воридот тавре, ки нишон дода будем, манбаи анъанавии гумрукии давлат баромад карда ҳамчун унсури рақобат ташаккулдиҳандаи истеҳсолот ва фишанги зидди инҳисорӣ истифода мешавад ва талаботи аҳолии мамлакатро ба молҳое, ки иқтисодиёти кишвар истеҳсол намекунанд, қонеъ мегардонад;

Сеюм, механизми сиёсати сармоягузории хориҷӣ , ки аз тадбирҳои маҷмуӣ оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва истифодаи он ҳамчунин аз танзими содироти сармоя ба хориҷа иборат мебошад.

Унсури муҳимми механизми сиёсати беруниқтисодӣ танзими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад. Вай таъсиррасонии давлатро дар шахсияти мақомотҳои он ба фаъолияти беруниқтисодӣ ва иштироки он ифода менамояд. Ин кор ба мақсади муташаккилгардонии раванди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, таъмини риояи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти беруниқтисодӣ ва ба таври дилхоҳ мутавозин сохтани иқтисодиёт ва бахшҳои берунии он сурат мегирад.

Танзими робитаҳои иқтисодии хориҷӣ тавассути танзимаҳои иқтисодӣ ва ташкилию ботадбир (директивӣ) иҷро карда мешавад.Танзимаҳои иқтисодӣ аз таносуби талаботу пешниҳод, нархҳои ҷаҳонию дохилӣ, боҷҳову таърифаҳо, қурби асъор мизони фоизи бонк ва ҳавасмандии иқтисодӣ (ояндабинӣ, нақшагирӣ, барномасозӣ ва ғайраҳо) иборат мебошад.

Бояд гуфт, ки дар иқтисоди бозоргонӣ нақша санади ҳатмӣ нест. Вай танҳо мақсадҳои дарозмуддати инкишоф ва таносубҳои макроиқтисодии муҳимро муайян мекунаду халос.

Танзимаҳои ташкилию ботадбир ҷанбаҳои маъмурию фармондиҳӣ дошта, бештар дар давлатҳои фармонбардорӣ истифода мешаванд. Лекин қобили таъкид аст, ки як қисми танзимаҳои мазкур хислати умумӣ доранд. Дар ин ҳолат таъсиррасонии мустақими давлат ва мақомотҳои он бар раванди ташаккул ва инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дар назар дошта мешавад, ки тавассути санадҳои мухталифи директивӣ сурат мегирад, ба танзимаҳои мазкур тааллуқ доранд: иҷозатномадиҳӣ, ҳиссабандии содироту воридоти мол иҷозатномадиҳии баъзе намудхои фаъолият, речахои гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукии содироту воридоти молу хадамот, назарияи асъорӣ, гумрукӣ, содиротӣ, воридотӣ ва ҳок. Танзими фаъоли робитаҳои иктисодии хориҷӣ яке аз мақсадҳои асосии сиёсати берунииқтисодии давлат ба шумор меравад.

Механизми сиёсати берунииқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яку якбора пайдо нашудааст. Раванди ташаккули он солҳои тӯлониро дар бар мегирад, ки онҳоро тахминан ба якчанд марҳилаи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ҳамчунин, тавлиди сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва механизми он таҳкурсии муайяни ташкилию ҳуқуқиро тақозо мекунад. Дар ин рости сухан дар бораи ташаккули низоми дахлдори институтҳои иқтисодӣ, асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои таҳияи сиёсати берунииқтисодӣ меравад, хизматхои миллии давлатро дарк мекунанд. Бешубҳа, барои ҳалли масъалаҳои мазкур сатҳи муайяни инкишофи демократия дар ҷомеа зарур дониста мешавад.

## АДАБИЁТ


1) Азимов Я.Н. «Организационно-экономические основы интеграции промышленности Таджикистана в хозяйственный комплекс СНГ» / Я.Н.Азимова. - Душанбе, 1996-15с.
2) Авдокущин Е.Ф. – «Международные эконимические отношения» / Е.Ф.Авдокущин. - М. Юристь 2000-170с.
3) Жуков Е.Ф., Капаев Т.И «Международные эконимические отношения» / Е.Ф.Жуков. - М: ЮНИТИ-ДАНА, 2000. 270с.
4) Киреев А.С. Международная экономика»/ А.С.Киреев -М. «Международные отношения»/ А.С.Киреев. - 2000. 372с.
5) Курбонов Т.Х- Интеграцонные сообщества на постсоветском пространстве/Т.Х.Курбонов. - Душанбе : Ирфон 2001-122с.
6) Ломакин В.К. Мировая экономика./В.К.Ломакин. - М: Юристь 2001-130с.
7) Назаров Т.Н.-Таджикистан: Экономика, политика, международное сотрудничество- Душанбе: УИ МИД РТ. 2001.205с.

8) Каюмов Н.К Таджикистан и ВТО: реалии и перспективы. «Экономика Таджикистана» стратегия развития. №4 2004г стр.27.
9) Қаюмов Н К., Назаров Т.Н., Маҳмудов И.И., Раҳимов Р.К., Умаров Х.У. «Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана» Экономика Таджикистана стратегия развития №4 2003г. стр.12.

**МОҲИЯТИ МЕХАНИЗМИ СИЁСАТИ БЕРУНИҚТИСОДӢ ВА СОХТОРИ ОН**

Сиёсати берунииқтисодӣ аз ташаккули низоми миллии тиҷорат ва сармоягузорӣ иборат буда, иштироки беҳини мамлакатро дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ифода мекунад. Беҳуда нест, ки иқтосоддонони хозиразамон сиесати берунииқтисодиро звенои муҳимтарин на фақат сиёсати берунииқтисодии дохилӣ, балки сиёсати хориҷии кишвар шарҳ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, сиёсати берунииқтисодӣ низоми чорабиниҳое мебошад, ки барои ба даст овардани бартарӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва дар як вақт барои ҳифзи бозори дохил аз рақобати молҳои хориҷӣ хизмат мекунад. Моҳият ва самтҳои асосии сиёсати берунииқтисодӣ ба молҳои мухталиф ва вазифаҳои рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва хамгироии он ба низоми байналхалқии меҳнат вобастагӣ дорад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: сиёсат, иқтисод, содирот, воридот, маблағгузорӣ, гумрук, бозор, рақобат.

**СУЩНОСТЬ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ И ЕЁ СТРОЕНИЕ**

Внешнеэкономическая политика заключается в формировании национальной системы торговли и инвестиций и отражает полное участие страны в международном разделении труда. Неслучайно современные экономисты трактуют внешнеэкономическую политику как важнейшее звено не только во внутренней, но и во внешней политике. Следовательно, внешнеэкономическая политика — это система мер, направленных на получение преимущества на мировых рынках и в то же время для защиты внутреннего рынка от конкуренции со стороны иностранных товаров. Сущность и основные направления внешнеэкономической политики зависят от различных товаров и задач устойчивого развития национальной экономики и ее интеграции в международную трудовую систему.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: политика, экономика, экспорт, импорт, финансирование, таможня, рынок, конкуренция.

**ESSENCE AND STRUCTURE OF FOREIGN ECONOMIC POLICY**

Foreign economic policy consists of the formation of a national system of trade and investment, and reflects the country's full participation in the international division of labor. It is no coincidence that modern economists interpret foreign economic policy as the most important link not only in domestic and foreign policy, but also in foreign policy. Therefore, foreign economic policy is a system of measures to gain an advantage in world markets and at the same time to protect the domestic market from competition from foreign goods. The essence and main directions of foreign economic policy depend on various goods and tasks of sustainable development of the national economy and its integration into the international labor system.

**KEYWORDS**: politics, economy, export, import, financing, customs, market, competition.

Маълумот дар бораи муаллиф: Алидодов Ҷовид – магистри курси дуюми иқтисодиёти ҷаҳони ДМТ. E-mail - **jovid@mail.ru**. Телефон: **935039696.**

**Сведение об авторе:** ***Алидодов Джовид*** - магистр 2 курса мировой экономики ТНУ. E-mail - **jovid@mail.ru**. Телефон: **935039696.**

**Information about the author:** ***Alidodov Jovid*** - 2nd year master's student in World Economy TNU. E-mail - **jovid@mail.ru**. Phone: **935039696.**

# МАҚСАДУ ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БЕРУНИИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲАМКОРӢ БО МАМЛАКАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУОСИЁ

***Сулейманова С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Маълум аст, ки дар шароити инкишофи равандҳои ҷаҳонишавӣ назариявии масъалаҳои сиёсати берунииқтисодӣ, ташаккули механизми ба амал баровардани он, ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо, муосидат ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, шаклгирии муҳити сармоягузории хориҷӣ ва дигар масъалаҳои ҳамҳудуд аҳамияти бебаҳо қабул мекунад.

Аз ин сабаб тадқиқи сиёсати берунииқтисодӣ, интихоби афзалият ва самтҳои асосӣ, заминаҳои ташкилию ҳуқуқии ташккули механизми он, раванду сохтори содироту воридот ҷиҳати бартарафкунии номутавозинии истеҳсолоти ватанӣ ва тавозуни пардохти мамлакат зарур дониста шудааст. Бинобар ин, таҳлили масъалаҳои маълуми ҳалталаб барои фароҳам овардани шароити мусоид баҳри фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, таъмини беҳтари ҳифзи манфиатҳои берунииқтисодии кишвар кӯмак хоҳад кард. Моҳият ва самтҳои асосии сиёсати берунииқтисодӣ ба молҳои мухталиф ва вазифаҳои рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва хамгироии он ба низоми байналхалқии меҳнат вобастагӣ дорад. Инчунин, алоқамандии сиёсати берунииқтисодӣ, дохилӣ ва байналхалқии мамлакат, ки бо сабаби афзоиши таъсиррасонии мутақобили иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ шиддат меёбад, сермазмун мегардад.

Сиёсати берунӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб рафта, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа нақши махсусро иҷро мекунад. Фаъолияти мазкур ба татбиқи манфиатҳои ҷомеа умуман нигаронида мешавад. Маҳз категорияи «манфиати миллӣ» барои фаҳмидани моҳияти сиёсати берунӣ мусоидат мекунад. Манфиати миллӣ асоси сиёсати берунии ҳар кадом давлатро ташкил медиҳад.

Манфиати миллӣ мувофиқати сиёсати берунии давлатро ба талаботи ҷомеа ифода мекунад. Сиёсати берунӣ аз талаботи мазкур вобастагӣ дорад. Бинобар ин, сиёсат ба принсипҳои тадриҷӣ не, балки ба манфиатҳои мушаххас такя мекунад. Имконияти амалӣ сохтани манфиатҳои давлат ба иқтидори берунисиёсии он вобастагӣ дорад. Сухан дар бораи сарчашмаҳое меравад, ки ба максади таъсиррасонӣ ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ истифода мешаванд. Иқтидори мазкур инчунин аз мавқеи геосилсилаи давлат ва суботи сиёсии он вобастагӣ дорад. Иқтидори мазкур ба мақсадҳои сисати берунӣ табдил ёфтани манфиатҳои миллӣ муосидат мекунад.

Мақсадҳои сиёсати берунӣ ба мақсадҳои кӯтоҳмуддат, дарозмуддат ва ояндадор ҷудо мешаванд. Мақсади асосии сиёсати берунӣ сиёсати ҳимоятгарои воридотро маҳдуд сохта, инкишофи кишвари содиркунандаро боз медорад ва аз ин сабаб ихтилофнок аст. Беҳуда нест, ки онро дар адабиёт сиёсати «харобкунандаи ҳамсоя» меноманд. Дар воқеъ тадбирҳои маҳдудкунандаи воридот ба таври автоматӣ содироти мамлакати дигарро кам мекунанд. Ҳамин ки як давлат оиди маҳдуд кардани воридот тадбирҳои зарурӣ меандешад, кишвари воридкунанда дар навбати худ, тадбирҳои ҷавобӣ амалӣ мегардонад ва воридотро маҳдуд мекунад. Дар натиҷа, мавқеи мамлакати сабабгори мубориза тиҷоратӣ бадтар мешавад. Дар оқибат дар ҳар ду давлат на фақат маҷмуи воридот, балки имконияти содиротӣ ҳам коҳиш меёбад.

Ҳаёт васеъшавии муносибатҳои беруниқтисодиро тақозо менамояд, лекин сиёсати ҳимоятгарои муносибатҳои мазкурро маҳдуд мекунад ва аз ин лиҳоз зери танқиди ҷиддӣ қарор мегирад. Тиҷорат барои ҳар кадом мамлкат судманд нест. Бинобар ин, модели тиҷорати озод дурусту оқилона хисобида мешавад. Ҳимоятгарой ба талаботҳои мазкур он қадар ҷавобгӯ нест. Дар китобҳои дарсии муосир гаштаву баргашта такрор меёбад, ки тиҷорати озод ҳам ба иқтисодиёти калон ва ҳам ба иқтисоди майда манфиатдор аст.

Лекин дар айни ҳол ин тавр нест. Ҳамаи давлатҳое, ки тарафдори иқтисоди кушод мебошанд, аз аҳамиятгароии ва усулҳои он даст намекашанд ва ба ҳимояи истеҳсолоти миллӣ даъват мекунанд. Ба ақидаи ҳимоятгарон иқтисоди миллӣ бояд тахти сарпарастии давлат қарор гирад.

Сиёсати беруниқтисодӣ одатан ба стратегия ва тактикаи беруниқтисодӣ ҷудо мешавад. Стратегия ҳалли масъалаҳои муҳиму мураккаби иҷтимоию иқтисодиро пешбинӣ намуда, ояндаи миёнамӯҳлат ва дарозмуҳлатро ба назар мегирад ва аз ҷониби ҳукумат нисбат ба марҳалаҳои мушаххаси инкишофи мамлакат таҳия мегардад. Мисли ҳама гуна стратегия вай аз якчанд унсурҳои ба ҳам вобастаро дар бар мегирад.

Якум, муайян сохтани мақсадҳои стратегӣ ва вазифагузории дарозмуддат;

Дуюм, муайян кардани манбаъҳои иҷрои вазифаи мақсадҳои мазкур;

Сеюм, ташаккулу такмили механизми беруниқтисодӣ, таъмини инкишофи иқтидори содиротию сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он ба сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он ба мақсадҳои иҷрои вазифаву мақсадҳои олии давлат.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар тактикаи сиёсати берунииқтисодӣ ба таври мушаххас ифода меёбанд, ки ба ҳалли масъалҳои таъхирнопазир, аз ҷумла бартараф намудани номутаносибӣ ва ҷойҳои нозук дар бахши берунии иқтисодиёти миллӣ, нигаронида мешавад.

Стратегия ва тактикаи сиёсати берунииқтисодӣ робитаҳои мутақобил дошта, якдигарро пурракунанда мебошад. Агар масъалаҳои тактикӣ тез-тез иваз шуда, ҳалли худро дар вақташ наёбанд ё иҷрои онҳо мавқуф гузошта шавад ва ба стратегияи илм мухолиф бароянд, аз чунин сиёсати берунииқтисодӣ натиҷаи дилхоҳи иктисодию иҷтимоиро умедвор шудан ғайриимкон аст.

Иҷрои вазифаву мақсадҳои стратегии берунииқтисодӣ тавассути ташкили оқилонаи содироту воридот, ҳавасмандгардонии соҳаҳои содиротӣ, танзими беҳини воридотии мол ба қаламрави мамлакат ҷалбу истифодаи самараноки сармоягузории хориҷӣ таъмин карда мешавад. Дар ин ҳолат шарту шароит ва хусусиятҳои асосии ҳар як марҳилаи алоҳидаи инкишофи мамлакатро ба эътибор гирифтан ба мақсад мувофиқ аст. Инчунин, ба ҳоли бе мунокишаи масъалаҳои берунииқтисодӣ истифодаи беақлонаи қоидаву усулҳои робитаи мутақобили мамлакат бо ҷаҳони берунӣ мусоидат хоҳад кард.

Интихоби афзалиятҳо ва самтҳои асосӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати берунииқтисодӣ ба шумор меравaнд. Таҳти мафҳуми афзалиятҳо дар адабиёти иқтисодӣ самтҳои нисбатан муҳим, соҳаҳо, доира дар мавриди тиҷорати хориҷӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳавасмандгардонӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои содиротӣ, интихоби беҳини воридоти молу сармоя фаҳмида мешавад.

Аҳамияти вусъатёбандаи интихоби афзалиятҳои сиёсати берунииқтисодӣ ба ҳолатҳои зерин алоқаманд мебошанд:

якум, ҷустуҷӯйи эҷодкорона ва интихобу равишҳои дақиқи ҳифзи манфиатҳои миллии мамлакат, таъмини рушди босуботи иқтисодиёт ва ҳамгироии он ба низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат;

дуюм, озодшавии робитаҳои берунииқтисодӣ, ҳаракати озоди молу хадамот, қувваи корӣ ва сармоя, ба назар гирифтани омилҳои мазкур дар муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ;

сеюм, фароҳам овардани шароити мусоид барои субъектҳои хоҷагидорӣ, амалиёти онҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, таҳия ва иҷрои беҳини сиёсати берунииқтисодӣ, ки манфиатовар буда, ба тақвияти вобастагии мақсадҳои стратегии мамлакат ва шеваҳои берунииқтисодии ноил шудан ба комёбиҳои иқтисодӣ нигаронида мешавад;

чорум, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ, давом додани сиёсати «дарҳои кушод», пайдо кардани шарикони ғайрианъанавӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, интихоби варианти беҳини воридот ва таъмини мувозинати тавозуни пардохт.

Афзалиятҳо ва самтҳои асосии сиёсати берунииқтисодӣ дар Паёми ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Дар Паёмҳои Президент омилҳои стратегӣ ва кӯтоҳмуҳлат дар вобастагии зич ба мақсаду вазифаҳои дохилию берунии сиёсати давлат тавсиф меёбанд. Онҳо дар нақшагирии кӯтоҳмӯҳлати содирот, воридот ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди мамлакат бароиояндаи наздик муайянкунанда мебошанд.

Дар асоси Паёми Президенти мамлакат мақомоти Қонунгузор (намояндагӣ) ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ силсилаафкори (консепсияи) сиёсати беруниикт исодиро таҳия менамоянд. Мақсади асосии он аз риоя кардан ва мушаххасгардонии нишондодҳои асосии Паёми соли пешистода ва махсусиятҳои рушди вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар давраи нақшагиришаванда иборат аст.

Дар стратегияи бахши берунии иқтисодиёт ҳавасмандгардонии содирот, рушди соҳаҳои истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, соддагардонии расмиёти савдо самтҳои асосии сиёсати берунииқтисодӣ муайян карда шудаанд. Дар доираи ин афзалиятҳо барномаи миллии мусоидат ба содирот ва истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот барои давраи миёнамуҳлат таҳия мешавад.

Амалӣ сохтани барномаи мазкур барои Тоҷикистон фавқулода зарур дониста мешавад бо назардошти он ки: якум, бинобар номутавозин будани истеҳсолоти ватанӣ ҳиссаи

воридот нисбат ба содирот ва ҳам талабот то ба ҳол хеле зиёд аст; дуюм, содирот ба мамлакат асъор меоварад, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои зерин истифода бурда мешавад:

- пардохти воридот. Ҳамин тавр содирот барои васеъшавии доира ва анвоъи истеъмоли шаҳрвандони мамлакат шароит фароҳам меоварад;

- устуворгардонии асъори миллӣ. Воридшавии асъори миллӣ ба мамлакат аз ҳисоби содирот ба афзоиши талабот ба асъори миллӣ мусоидат мекунад ва пешниҳоди он дар бозори асъор зиёд мешавад.

Инчунин, содирот ба рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, маҷмуи талабот ва шуғли иловагии аҳолӣ мусоидат карда, маблағгузории рушди ММД-ро аз ҳисоби давлатии хориҷӣ таъмин менамояд.

Маълум аст, ки ҷанги шаҳрвандие, ки сабаби асосии пастравии иқтисодӣ буд, ҳамаи равандҳои бозсозии иқтисодиро боздошт, ба зиёдшавии криминализатсия овард ва монеаҳои зиёдеро ба бор овард, ки ба суръати ислоҳот таъсири манфӣ расонданд. Гарчанде, ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ таъмин шуда бошад, ҳам, вазъи иқтисодӣ хеле ташвишовар буд. Барқарорнамоии иқтисодиёт гузаронидани хусусигардонии моликияти давлатӣ, либерализатсияи савдои хориҷӣ, нарх ва тарифҳо, мукаммалгардонии муносибатҳои пулию қарзиро талаб менамуд. Инчунин, сабаби дигаре, ки ба рушди иқтисодии мо монеъа шуд, ин хусусигардонии моликияти давлатӣ буд, ки:

- дар иқтисодиёти давлатӣ ҳамаи корхонаҳои истеҳсолӣ самти фаъолияти худро иваз карданд;

- дар ҳоли ҳозир хукумати ҷумҳурӣ бисёр чораҳоеро дида истодааст, ки раванди ислоҳоти иқтисодиро зиёд мекунад ва методҳои нави хоҷагидорию идораи истеҳсолиро ҷорӣ менамояд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ҳақиқатан ҳам иқтисодиёти Тоҷикистон аз иқтисодиёти бисёр давлатҳои иқтисодиёти давраи гузариш хеле қафо монд. Солҳои охир дар натиҷаи ташаккулёбии сиёсати босуботи иқтисодии хориҷии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ бо бештар аз 130 кишвари олам, аз он ҷумла бо давлатҳои ИДМ ва хориҷӣ дур ба роҳ монда шудааст. Дар ҳамкорӣ бо Тоҷикистон чунин мамлакатҳо аз қабили Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркия, Ӯзбекистон, Хитой, Эрон ва ғайраҳо ҷойҳои намоёнро ишғол мекунанд.

Сохтори таркибии савдои хориҷӣ, сифатан тағйир ёфтани он, пеш аз ҳама аз воридшавии Тоҷикистон ба ҷараёни бебозгашти ҷаҳонишавӣ гувоҳӣ медиҳад. Самтҳои асосии инкишофи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Осиё.

Назарияи бунёди иттиҳоди иқтисодии Аврупо ва Осиё моҳи апрели соли 1994 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Назарбоев Н.А. пешниҳод шуда буд. Пешниҳоди Назарбоев дар он солҳо маънои дар шароити нисбатан нави хоҷагидорию сиёсӣ ё ҷамъиятию сиёсӣ аз нав эҳё кардани Иттиҳоди Шуравиро дошт. Мувофиқи назарияи Назарбоев бунёди Иттиҳоди Аврупо ва Осиё дар асоси ИДМ-и комилҳуқуқ ба нақша гирифта шуда буд. Фаъолияти ин созмон аз бунёди Иттиҳоди иқтисодӣ ва асъорӣ то бунёди Иттиҳоди Сиёсӣ пешбинӣ шуда буд. Сохтори Иттиҳоди Аврупо ва Осиё мувофиқи пешниҳоди Назарбоев бояд аз Шурои сарварони давлатҳо ва ҳукуматҳо ҳамчун мақоми Олӣ ва Кумитаи иҷроия ба сифати мақоми доимамалкунанда иборат мебуд, менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Авдокушин Е. Ф. « Международные экономические отношения» / Е.Ф.Авдокушин. - Москва: 1996
2. Бугалай В.Б., Ливенцев Н.Н.«Международные экономические отношения» / В.Б.Бугалай. - Москва., « Финансы и статистика», 1996.
3. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020
4. Бобокалони Исомат. «Асосҳои назарияи иқтисод».Васоити таълимӣ / Бобокалони И. - Душанбе-2007
5. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дастовардҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ.ш. Душанбе соли 2016
6. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон: Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти чумҳурииТоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС).
7. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан.2016 Издатель: Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе. 2016.

**МАҚСАДУ ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БЕРУНИИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҲАМКОРӢ БО МАМЛАКАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУОСИЁ**

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои назариявии сиёсати берунииқтисодӣ, ташаккули механизми ба амал баровардани он, ҳавасмандгардонии содирот, рушди истеҳсолот ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо, муосидат ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, шаклгирии муҳити сармоягузории хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф кушиш кардааст, ки моҳият ва самтҳои асосии сиёсати берунииқтисодӣ ба молҳои мухталиф ва вазифаҳои рушди босуботи иқтисоди миллӣ ва хамгироии онро ба низоми байналхалқии меҳнат вобаста намояд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** сиёсати берунииқтисодӣ, ҳавасгардонии содирот, рушди истеҳсолот, муҳити сармоягузории хориҷӣ.

**ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ И ЗАДАЧИ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОБЛАСТИ СОТРУДНИЧЕСТВА СО СТРАНАМИ ЕВРАЗИЙСКОГО СОЮЗА**

В статье рассматриваются теоретические вопросы внешнеэкономической политики, формирование механизмов ее реализации, продвижение экспорта, развитие экспортно-ориентированного производства и упрощение торговых процедур, содействие в производстве импортозамещающей продукции, формирование иностранного инвестиционного климата. Автор стремился связать сущность и основные направления внешнеэкономической политики с различными товарами и задачами устойчивого развития национальной экономики и ее интеграции в международную трудовую систему.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** внешнеэкономическая политика, продвижение экспорта, развитие производства, климат для иностранных инвестиций.

**THE MAIN GOALS AND OBJECTIVES OF THE FOREIGN ECONOMIC POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIELD OF COOPERATION WITH THE COUNTRIES OF THE EURASIAN UNION**

The article discusses the theoretical issues of foreign economic policy, the formation of mechanisms for its implementation, the promotion of exports, the development of export-oriented production and the simplification of trade procedures, assistance in the production of import-substituting products, the formation of a foreign investment climate.

**KEYWORDS:** foreign economic policy, export promotion, production development, climate for foreign investment.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Сулейманова Суман*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон.

**Сведение об авторе**: ***Сулейманова Суман*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности мировой экономики.

**Information about the author:** ***Suleymanova Suman*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty of World economy.

# ЗАРУРАТИ БАВУҶУДОИИ ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ МОЛИЯ ВА ИДОРАКУНИИ ОН

***Абдуллоев А.Х., Бобозода Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар рушди молия ва илмӣ молия олимони бисёре саҳмгузор мебошанд аз ҷумла: Н. Тусӣ, А. Смит, Д. Риккардо, Ш. Л. Монтексье, Ф. Кенэ, Ш. Б. Сэй, И. Зонефельса, Секендорф, Д. Юсти, С. Д. Вобан, У. Пети, Дж. Локк ва дигарон.

Таърихи пайдоиши «молия» (finansia–аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш пули накд, даромад) дар муҳити олимони иқтисодчӣ афкори мухталиф арзи ҳастӣ намудааст. Ба ақидаи як гурӯҳ олимон мафҳуми мазкур дар асрҳои XIII-XIV дар яке аз шаҳрҳои калонтарини тиҷоратии Италиё ба амал омада, низоми муносибати пулро дар байни давлату аҳолӣ ифода менамуд.

Дар асри XVI ҳамин тавр дар кишвари Фаронса мафҳуми ҷолиби диққати олимонро ҷалбкунандаяъне молия ба амал омад. Олими Фаронсавӣ Жан Бэдэн дар соли 1577 китобе бо номи «Шесть книг о республике» аз чоп баровард.

Дар асрҳои XVII-XVIII илми молияро олимони иқтисодшиноси кишвари Олмон Л. Секендорф, И. Юсти, И. Зоннефельс аз нуқтаи назари илмии худ ривоҷу равнақ додаанд. Намояндаи мактаби олмонӣ бошад, И. Юсти дар рисолаи худ «Система сущности финансов», ки соли 1746 рӯйи чоп овардааст, фикри олимонро дар бораи молия ҷамъбаст

намуда, дар ин андешаи худ яке аз нахустинҳо дар бораи молия, сиёсати молия ҳамчун равишҳои алоҳида дида баромадаанд. И. Юстиро бисёриҳо ҳамчун падари илми молия меҳисобанд. Дар асрҳои XVIII-XIX олимони муосир пайдо шуданд, ки бар муқобили физиократҳо андешарони намуда, ақидаҳои навинро пешниҳод кардаанд.

Тарафдори назарияи истеъмолот Жан Батист Сэй (1762-1832) буд, ки ӯ қонуни аввалини молияи давлат, андозро барои истеъмолот мансуб медонист, ки ин ҳам ҳатман ба пастравии истеъмолот таъсири худро мерасонад. Дар асри XVIII бошад олимон Жан Батист Сэй, Э. Сакс, И. Х. Озеров, И. И. Янжул аз олимони дигар бошад дар таҳқиқотҳои илмиашон шаклҳои гуногунии сафарбарнамоии захираҳои молиявиро барои устувории давлат ва дар он қонуни тараққиёти муносибатҳои пулӣ ва молӣ ба назар гирифтаанд.

И. И. Янжул чунин андешаи худро оиди илми молия баён намудааст. «Илми молия, илме фаҳмида мешавад, ки дар бораи хоҷагии ҷамъиятӣ ва инчунин маънои худро дорад, ки дар қоидаи он оварда шудааст, он бояд дар ҳолати пардохти воситаҳои маводии талабот барои иҷрои мақсадҳои авалиндараҷаи ҷамъиятӣ, қоидаи он риоя карда шаванд». Муаллиф аз пайдоиши илми молия, ҳамчун илм илм дар бораи хароҷоти давлатро баровarда, дар фанни ҳуқуқи давлат омӯхта мешаванд.

Дар асрҳои XVII-XIX дар Осиёи миёна ва Бухорои шарқӣ ва муносибати феодалӣ моликияти феодалиро ба замин ва инчунин об нигоҳ дошта, барои хоҷагиҳои деҳқонии хурду миёна ва ҳунармандон шароити душвор муҳайё оварда буданд. Кишоварзон доимо ба қарз ру ба ру мешуданд. Роҳбарони амир бошанд, аз ҳисоби қарзҳои кишоварзон ва ҷамъовариҳои ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият менамуданд.

Садриддин Айнӣ ақидаи худро чунин баён намудааст, ки танҳо аз ҳисоби ҳавову бод андоз ситонида намешуд, лекин аз ҳамаи дигар предметҳо, аз ҷумла ҳатман аз замину роҳ, фурӯши ҳайвонҳо, аз боғу ҷангал андоз ситонида мешуд.

Дар хонигарии Бухоро бошад ҳолати тоҷикон бисёр душвор буд, зеро деҳқононе, ки дар давлат ва заминҳои масҷид кор мекарданд, онҳо ҳамчун коргари кироя (крепостной) мансуб меёфтанд ва онҳо 1/4, 1/5 як қисми ҳосили гирдовардаи замини худро ба роҳбарони худ медоданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар Аморати Бухоро бераҳмона, ҳамаҷониба сахт халқро истисмор мекарданд. Дар ҷанги соли 1914 бошад андозбандиҳо ва андозбандии соҳаи чорво ва аз мамлакат баровардани маҳсулоти саноатӣ дар шакли пардохти андозҳо бениҳоят баланд бардошта шуда буд. Ин омил ба пастшавии рушди иқтисодиёти Осиёи миёна таъсир расонд ва рушди иқтисодиётро дар ин марҳила умуман паст бурд. Зикр кардаанд, ки дар пайдоиши илми молия Вазири молияи Русия С. В. Витте саҳми бузурги худро гузоштааст, ки ӯ ба таҳлили пурраи рушди молияро оид ба ҳар як намуди даромади буҷет пешбинишуда ва дар ҳамбастагӣ тамоми намудҳои хароҷотҳои дар буҷет пешбинишударо ва инчунин қарзҳои дар давлат гуруҳбандишударо бо пуррагӣ таҳлил карда баромадааст.

Дар интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар назарияи молия, яъне ба илми молия ҳар гуна равияҳову ақидаҳои гуногун оиди мактабҳо дар ин самтҳо оғоз шудаанд. Тарафдорони чунин ақида оиди илми молия олимони шинохта ба монанди А. Вагнер, И. Х. Озеров, А. В. Ходский ва олимони дигар мебошанд. Масалан, олими барҷастаи иқтисодиёт И. Х. Озеров чунин қайд менамояд, ки илми молия хоҷагии молиявиро меомӯзад, яъне маҷмуи он муносибатҳое, ки дар рафти хусусияти иттифоқи расмӣ (публичного характера) воситаҳои маводӣ ба даст оварда метавонанд. Бинобар ин, аз муносибати молиявӣ ҳамчун эквиваленти муносибати пулӣ, ки бо муносибатҳои пулӣ дигар ҳампайваст мебошад, ба хариду фурӯш алоқаманд аст, баровarда мешаванд ва ғайраҳо.

Олимони дигар бошад оиди илми молия чунин андешаронӣ намудаанд. Масалан, Вознесенский Э. А. нишонаи асосии муайянкунандаи категорияи илми молияро аз дигар категорияҳои арзиши ба монанди (пул, фоида, нарх ва дигарҳо) молия ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ ҳисоба мешуд ва ин шакли таҷассумкунанда муносибатҳои бо молиявӣ алоқаманд бударо, аз мафҳумҳои иқтисодии императивӣ фарқ мекунад.

Мафҳуми «императивӣ» бошад ба андешаи ҳар олим гуногун фаҳмида мешавад. Баъзе иқтисодшиносон нақши давлатро оид ба муносибатҳои молиявӣ ва дигар сабабҳое, ки фаъолияти доимии молиявиро ба миён меоранд, мафаҳманд.

«Императив» - ин мафҳум аз забони хориҷӣ, яъне лотинӣ гирифта шуда, маънояш барранда ё ровӣ (повелитель) мебошад.

Муносибати молия ин муносибати объективона мебошад, ки онҳо новобаста аз хоҳиш ва тафаккури инсонҳо, балки ҳамчун талаботи ҷамъият дар зинаҳои муайяни рушди ҷамъият вуҷуд доранд. Аз як ҷониб дар мафҳуми императивӣ гузаронидани сиёсати молиявӣ, яъне фаъолияти амалии давлатро барои муҳайё намудани муносибатҳои бо молиявӣ алоқаманд кор карда баромадани чорабиниҳои мушаххас ва истифодабарии онҳо дар истеҳсолот мебошанд. Барои ташкили фондҳои марказонидашудаи воситаҳои пулӣ(буҷети давлатӣ ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ) давлат сиёсати фискалӣ ва сиёсати андозию буҷетӣ мегузаронанд. Бояд қайд кард, ки баъзе муаллифҳо молияро ҳамчун системаи муносибатҳои пулӣ, аммо баъзе дигари онҳо бошанд, онро ҳамчун система ва ё маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ муайян менамоянд. Масалан Н. Г. Сычев қайд кардааст, ки молия – ин маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ, ки дар натиҷаи он тақсим ва аз нав тақсимкунии маҳсулоти ҷамъиятӣ ва даромади миллӣ аз рӯйи тартиби ба нақшагирифтаи ташкил ва истифодабарии даромадҳои маблағҳои пулӣ ва фондҳои маблағҳои пулии корхона, иттиҳодия, ташкилот ва давлат амалӣ карда мешаванд». Аммо барои фаҳмондани моҳияти категорияи молӣ, пеш аз ҳама доираи муносибатҳои иқтисодиро тартиб додан зарур буда, дар онҳо тавсифи онҳо зоҳир мегарданд, чунки на ҳамаи муносибатҳои маблағҳои пулӣ муносибатҳои иқтисодӣ шуда метавонанд.

Бинобар ин, на ҳамаи муносибатҳои маблағҳои пулӣ бо муносибатҳои иқтисодӣ баробар фаҳмида мешаванд. Муносибатҳои иқтисодӣ нисбат ба муносибатҳои маблағҳои пулӣ васеъ мебошанд. Аз ин ҷо муносибатҳои пулӣ нисбат ба муносибатҳои молиявӣ васеътар мебошанд.

Молия яке аз омилҳои асосии иқтисодии давлат мебошад. Дар масъалаи мафҳум ва нишонаҳои муносибатҳои молиявӣ, дар бораи табиати молия, моҳияти иҷтимоӣ - иқтисодии он то ҳол дар байни олимон фикри ягона набуда, балки дар байни олимони ҳозира низ ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар соҳаи молия нишон медиҳад, ки ақидаи бисёре аз олимон дар бораи методи илми молия ба монанди назарияи илмҳои дигар умуман материализми диалектикӣ ва таърихӣ мебошанд, ки ин ҳодисаҳои иқтисодиро дар боҳамалоқамандии онҳо ва пур кардани як амалиёт, амалиёти дигарро дар рушди таърихӣ ва тасвири ҳаракати қонунҳои иқтисодӣ тасвир меёбанд.

Дар рушди назарияи молия саҳми арзанда олимони ҳозиразамон ба монанди Драбизин Л. А., Ковалева А. М., Романовский М. Э., Брабич А. М. ва бисёр олимони дигар гузоштаанд. Онҳо нақш ва аҳамияти молияро дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди он дар шароити иқтисодиёти бозориро ҳаматарафа пурра таҳлил кардаанд. Вале ба ақидаи як гурӯҳ иқтисодчиён, нахустин муаллифи асаре, ки ба масъалаи молия бахшида шудааст, мутфакккири дунёи қадим Ксенофонт (солҳои 430-355 то мелод) мебошад. Ӯ масъалаҳои умумии молияро дар асари худ оиди даромадҳои аз ҳисоби ба иҷора додани амволи давлатӣ ва фурӯши ғуломон ташкилшаванда муҳокима намуда буд.

Мутафаккири Юнони қадим Арасту (солҳои 384-322 то мелод), олими асримиёнагӣ Фома Аквинский (1225-1274) дар таҳқиқотҳои худ оиди масъалаи молия андешаронӣ намуда, гуруҳбандии даромадҳо, муаянкунии андозҳо, пардохтҳои иҷоравиро молия ҳисобидаанд.

Олими маъруфи тоҷик Насриддини Тусӣ дар асри XIII андешаи худро «Дар бораи молия» асосҳои сиёсати молиявии давлати феодалиро ба пуррагӣ таҳлил намуда буданд. Насриддини Тусӣ дар асари худ дар бораи муомилотҳои пулӣ ва дороиҳои молиявӣ шарҳ дода, диққати аввалиндараҷаро оид ба муаммои сиёсати андоз дар давлати феодалӣ равона намуда, амали 30 намуди андозҳоро нишон додаст. Баъдан ин мафҳуми «молия» тадриҷан рушд ёфта, дар асри XVIII дар зери ин мафҳум «маҷмуи молу мулки давлатӣ ва тамоми захираҳои хоҷагии давлатӣ» (С. Витте) фаҳмида мешуд.

Дар оғози ин маҳфуми «молия» ба маънои хурд, ҳамчун раванди ташкил ва самаранок истифодабарии фондҳои пулӣ, амвол барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият истифода мешуд.

Маънои муосири мафҳуми «молия» хело васеъ буда, чунин ифода карда мешавад:

Молия маҷмуи муносибатҳои иқтисодиест, ки ҷараёни ташкил, тақсим ва истифодаи фондҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки доираи иштирокчиёни муносибатҳои молиявӣ хело васеъ буда, давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони воқеиро дар бар мегирад. Фондҳои пулии марказонидашуда (буҷети давлатӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ) фондҳои пулиест, ки аз ҷониби давлат, аз ҳисоби андозҳо, даромадҳо аз фаъолияти иқтисодии берунӣ, боҷҳои гумрукӣ ва ғайра ташкил карда мешавад. Ба фондҳои пулии ғайримарказонидашуда бошад воситаҳои пулии корхонаҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ мансуб аст, ки аз ҳисоби даромадҳои пулӣ, пасандозҳои корхонаҳо ва аҳолӣ ташкил карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Каримова М.Т, Муъминова Ф.М, Сохибов Ш.К. Роҳнамои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Т.Каримова. - Душанбе-2012.188 сах.
2. Худоиев Дж, Наджмиддинов С. Бюджетный сектор / Дж.Худоиев. - Душанбе 2014. 300 стр.
3. Раҳимов З.А.,Ҷӯраев Ш.Ҷ., Қаюмов С.Ш., Молия, муомилоти пул қарз ва бонкҳо. Китоби дарсӣ /З.А.Раҳимов. - Душанбе 2011
4. Раҳимов З.А., Улуғхоҷаева Х.Р., Обидов Ф.С., Молия. Китоби дарсӣ /З.А.Раҳимов. - Душанбе 2012
5. Рахимова А.М. Откритая экономика: проблеми и перспективи // Экономика Таджикистана: стратегия развития, 2004, №4 стр.53-70.
6. Финансы / Под ред. Грязновой А.Г. – М.: Финансы и статистика, 2006.
7. Финансы. Денежное обращение. Кредит: учебник для вузов / Под ред. Проф. В.К.Сенчагов –М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004. - 720 с


## ЗАРУРАТИ БАВУҶУДОИИ ПАЙДОИШИ МАФҲУМИ МОЛИЯ ВА ИДОРАКУНИИ ОН


Дар мақолаи мазкур сухан дар бобати зарурати бавуҷудоии пайдоиши мафҳуми молия меравад. Андешаҳои олимон оиди таърихи пайдоиши молия гуногунанд. Масалан: И. И. Янжул чунин таърифи илми молияро додааст: «Илми молия, илмест дар бораи хоҷагии ҷамъиятӣ ва он мақсадҳои худро дорад, ки дар қоидаҳои он оварда шудааст, вай бояд дар ҳолати ситонидани воситаҳои моводии талабот барои иҷрои мақсадҳои ҷамъиятӣ қоидаҳои он риоя карда шаванд». Муаллиф аз предмети илми молия, илм дар бораи хароҷотҳои давлатиро бароварда, дар фанни ҳуқуқи давлат омӯхта мешаванд. И. Х. Озеров қайд карданд, ки илми молия хоҷагии молиявиро меомӯзад, яъне маҷмуи муносибатҳое, ки дар асоси хусусияти иттифоқи расмӣ (публичного характера) воситаҳои моводӣ ба даст оварда метавонанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Таърихи молия, даромади миллӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, истифодабарии даромадҳои маблағҳои пулӣ, молия, захираҳои молиявӣ.


## НЕОБХОДИМОСТЬ ПОЯВЛЕНИЯ КОНЦЕПЦИИ ФИНАНСОВ И УПРАВЛЕНИЯ ИМИ


В этой статье обсуждается необходимость концепции финансов. Ученые расходятся во мнениях относительно истории финансов. Например, I. И. Янджул дал следующее определение финансовой науке: «Финансовая наука — это наука о народном хозяйстве и имеет свои собственные цели, правила которых изложены». Автор опирается на предмет финансовой науки, науки о государственных расходах, а также изучается в области публичного права. И. Х. Озеров отметил, что наука о финансах изучает финансовую экономику, то есть совокупность отношений, которые, исходя из природы формального союза (публичного характера), могут быть материализованы.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** история финансов, национальный доход, экономические отношения, использование наличных денег, финансы, финансовые ресурсы.


## THE NEED FOR THE EMERGENCE OF THE CONCEPT OF FINANCE AND THEIR MANAGEMENT


This article discusses the need for the concept of finance. Scholars disagree about the history of finance. For example, I. I. Yanjul gave the following definition to financial science: "Financial science is the science of the national economy and has its own goals, the rules of which are set out. The author draws on the subject of financial science, the science of public spending, and also studies in the field of public law.



**KEYWORDS:** history of finance, national income, economic relations, use of cash, finance, financial resources.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Х.Н.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғурта.

***Бобозода Ш.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси 25010410.

**Сведение об авторах**: ***Абдуллоев Х.Н***. – Таджикский национальный университет, к.э.н доцент кафедры финансов и страхования.

***Бобозода Ш***. – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности 25010410.

**Information about the authors**: ***Abdulloev Kh.N.*** – Tajik National University, c.e.s. associate professor of the Department of Finance and Insurance.

***Bobozoda Sh.*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty 25010410.

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Бобоев И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Комплекси энергетикӣ яке аз соҳаҳоии асосии иқтисодиёт буда, дар маҷмуъ ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар низоми иқтисодии ҷумҳурӣ равона шудааст, тааллуқ дорад. Илова бар ин, шароити табиии ҷуғрофӣ ва захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ягона сарчашмаи дар айни замон коркардшавандаи энергияи барқӣ ва сарчашмаи сармоя ба ҳисоб мераванд. Дар соҳаи мазкур неруи бузурги энергетикӣ, нақлиётӣ, сохтмонӣ ва корӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки барои модернизатсияи минбаъда ва гузаштан ба сатҳи сифатан баланди рушди устувор мусоидат мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити имрӯза маҳдуд намудани ҷалби захираҳои сармоягузорӣ, таҷдиди фондҳои асосии корхонаҳои соҳа, сатҳи баланди талаботи энергияи барқӣ, монеаи ҷиддии бознигоҳдорандаи рушди иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои муҳимми он ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб, ҷалби захираҳои сармоявӣ хеле суст ба роҳ монда шудааст, ки наметавонад даромаднокии истифодаи неруи табиӣ – захиравии мамлакатро таъмин кунад. Чунин зуҳурот зарурати таҳқиқ ва ҷустуҷӯҳои илмӣ, роҳҳои баланд бардоштани сатҳи фаъолияти сармоягузорӣ ва неруи сармоягузориро, ки ба он комплекси энергетики ҷумҳурӣ шомил аст, бештар мегардонад. Комплекси энергетикӣ яке аз соҳаи асосии иқтисодиёт буда, дар маҷмуъ ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар низоми иқтисодии ҷумҳурӣ равона шудааст, тааллуқ дорад. Илова бар ин, шароити табиии ҷуғрофӣ ва захираҳои гидроэнергетикии ҷумҳурӣ ягона сарчашмаи дар айни замон коркардшавандаи энергияи барқӣ ва сарчашмаи сармоя ба ҳисоб мераванд. Дар соҳаи мазкур неруи бузурги энергетикӣ, нақлиётӣ, сохтмонӣ ва корӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки барои модернизатсияи минбаъда ва гузаштан ба сатҳи сифатан баланди рушди устувор мусоидат мекунад. Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги энергияи барқии обӣ мебошад, ки дар як сол 527 млрд.квт/соат ба ҳисоб меравад. Дар нақши фаннӣ захираи энергетикаи барқи обии Тоҷикистон дурнамои хуби рушдро дошта, он 317 млрд.квт/соатро дар сол ташкил медиҳад, ки 4-5% танҳо дар айни замон истифода мешавад. Бо иқтидори энергетикаи барқии обӣ Тоҷикистон ҷои 8-умро дар дунё пас аз Хитой, Россия, ИМА, Бразилия, Заир, Хиндустон ва Канада ишғол менамояд. Асоси энергетикаи Тоҷикистонро бештар аз 95% энергияи барқии обӣ ташкил медиҳад. Иқтидори энергияи обии Тоҷикистон беш аз 3 баробар зиёдтар назар ба талаботи энергияи барки дар тамоми Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳангоми самаранок истифода бурдани ин захираҳо минтақаро метавон бо ин энергияи арзон ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин намуд. Захираҳои асосии энергияи барқии обӣ дар манотиқи дарёи Вахш, Панҷ, Амударё, Сирдарё ва Зарафшон ҷойгир аст. Иқтидори ситемаи энергетикии Тоҷикистон 5190 МВт-ро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ҳиссаи энергияи барқии обӣ 93,9% тамоми иқтидорҳои муайяншударо ташкил медиҳад. Ҳиссаи шабакаҳои гармидиҳӣ 318 мгвт, яъне танҳо 6.1% - ро ташкил медиҳад. Истеҳсоли миёнаи солонаи энергияи барқӣ дар энергосистемаи Тоҷикистон, ки асосан аз ҳисоби истгоҳҳои барқи обӣ мебошад 16,5 млрд.квт/соатро ташкил медиҳад. Бояд қайд намуд, ки беш аз 98% и энергияи барқӣ, ки дар Тоҷикистон истеҳсол карда мешавад, аз ҳисоби НБО, аз ҷумла 97%-и он аз неругоҳҳои бузургу миёна ба даст меоянд.

Дар фасли зимистон кишвар ба камбудии зиёди энергияи барқӣ (2.2-2.5 млрд.квт/соат) дучор мешавад ва маҷбур аст, то маҳдудияти додани баркро ба кор барад, ки он махсусан ба аҳолии деҳот, ки беш аз 70% аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, таъсир мерасонад. Ҳамасола бо сабаби маҳдудияти энергияи барқӣ НБОудшавии ҳосили маҳсулоти кишоварзӣ ба 30% баробар мерасад. Дар баробари ин дар фасли тобистон таъмини энергияи обии барқӣ бештар боварибахш аст. Чунки дар ин фасли сол тавлиди изофии барқи обӣ ба миқдори 3-5 млрд.квт/соат мебошад. Бар зиёдии об боиси масрафи бефоидаи он мегардад, ки он мутаносибан ба НБОудшавии миқдори зиёди энергияи барқи обӣ сабаб мегардад. Вобаста ба шароити обу ҳавои сол зарари иқтисодӣ аз 90 то 225 млн.доллари

ИМА-ро ташкил медиҳад. Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 НБО-и бузургу миёна амал мекунад. Ҳамчунин, дар ҳудуди 300 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 131 МВт фаъолият доранд. Дар соли 2009 барномаи нав оид ба тартиб додани сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд қабул шуда буд. Тибқи ин барнома сохтмони 189 НБО-ҳои хурд бо иқтидори 103.6 МВт ба назар гирифта шуда буд. Дар солҳои 2010-2011 беш аз 60 НБО-ҳои хурд бо иқтидори умумии 47 МВт бунёд гардиданд ва ин анъана имрӯз ҳам идома дорад. Баҳодиҳиҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки дар маҷрои дарёҳо дар қисматҳои кӯҳии ҷумҳурӣ аз лиҳози техникӣ имконпазир ва аз лиҳози иқтисодӣ мувофиқ беш аз 900 неругоҳҳои обии барқӣ бо иқтидори аз 100 то 3000 киловатро бунёд намуд. Бар асоси баҳогузории коршиносон, истифодабарии энергияи дарёҳои хурд метавонад ниёзҳои 500-600 ҳазор инсонро бо энергияи обии барқӣ бароварда созад, ки дар манотиқи дурдасти кишвар то 50-70% ва дар баъзе мавридҳо то 100% аҳоли зиндагӣ мекунанд. Дар соли 2011 системаи ягонаи энергетики кишвар, ки системаи энергетики ҷанубу шимолро ба ҳамдигар мепайвандад, таъсис дода шуда буд, ки ҳамаи ин имкониятҳои амалии дастрасии тамоми аҳолии Тоҷикистонро ба энергияи обии барқии истеҳсолшаванда таъмин намуд. Имрӯз нархи қувваи барқ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти иҷтимоӣ дошта, ба андозаи 2.32 сенти ИМА барои як киловат соат муайян карда шудааст. Давлат қисман нархро барои аҳолӣ ҷиҳати боло набурдани нарх назар ба дигар категорияҳои масрафкунандагон аз ҳисоби худ пардохт менамояд. Нарх барои саноат 5.61 барои як киловатт соат мебошад, ки 2.4 баробар аз нархи аҳолӣ бештар мебошад. Ба ғайр аз ин Ҳукумати кишвар ҳамасола илoватан истифодаи неруи барқро барои оилаҳои камбизоат аз буҷаи Ҷумҳури аз ҳисоби худ пардохт менамояд. Аз ҳаҷми умумии даромади буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 10 млрд. 160 млн. 600 ҳазор сомонӣ барои рушди комплекси гармдиҳиву барқӣ 1549 млн.сомонӣ ё 15,2% аз маблағи кулли буҷаи давлатии кишвар ҷудо шуда буд. Афзоиши харҷҳо барои ниёзҳои комплекси ҳарорати барқӣ дар соли 2013 низ (1 млрд 712 млн 678 ҳазор сомонӣ) нигоҳ дошта шуд ва барномарезӣ гардидааст, ки дар соли 2014 ба ин мақсад беш аз 2.2 млрд сомонӣ ҷудо карда шавад. Обу ҳавои Тоҷикистон барои истифодаи энергияи офтобӣ муносиб мебошад. Ба ҳисоби миёна 280-330 рӯзҳои офтобӣ вуҷуд доранд ва фаъолияти интенсивии радиатсияи офтобӣ дар давоми сол аз 280 то 925 МДЖ/м2 дар ноҳияҳои наздикуҳӣ ва ҳамчунин аз 360 то 1120 МДЖ/м2 дар манотиқи кӯҳӣ тағйир меёбад. Истифодаи энергияи офтобии мавҷуда дар Тоҷикистон метавонад 10-20% - и талаботро бо энергия таъмин намояд. Мувофиқи ҳисоботҳо захираи энергияи офтобии Тоҷикистон ҳудуди 25 млрд.киловат/соатро дар сол ташкил медиҳад. Ин захира амалан истифода намегардад, агар баъзе аз қисматҳои он, ки барои гарм кардани об истифода бурда мешавад, ба назар гирифта нашавад. Захираи ками энергияи бод вуҷуд дорад, аммо истифодаи он ҳамчун пуркунандаи энергияи обӣ дар баъзе минтақаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Бодҳои аз ҳама сахт дар минтақаҳои кӯҳӣ мевазанд, дар ҷойҳое, ки пастию баландӣ ба ҷараёнҳои ҳавоӣ наздик мешаванд. Суръати миёнаи бод дар ин минтақаҳо 5-6 метр дар як сонияро ташкил медиҳад. Неругоҳи обии барқии Тоҷикистон асосан дар дарёи Вахш сохта шудааст, ки дар байни онҳо НБО-и “Норак” мавқеи муайян дорад. Моҳи майи соли 1967 сохтмони НБО-и “Норак” оғоз ёфта, агрегати аввали он соли 1972 ба кор даромад. НБО-и “Норак” нуҳ агрегат дорад, ки иқтидори ҳар яки он ба 300 ҳазор кВт соат баробар аст. Бояд қайд кард, ки ин неругоҳ бо сарбандаш аз ҷиҳати барёфти муҳандисӣ ва сохтмонаш яке аз иншоотҳои нодиртарини дунё ба шумор меравад ва борҳо замиҷунбиҳои гуногунро паси сар кардааст. Ин неругоҳ 2700 ҳазор кВт соат иқтидори муайяншудаи техникӣ дошта, беш аз 10 миллиард кВт соат дар як сол қувваи барқ тавлид мекунад. Инчунин, дар дарёи Вахш панҷ неругоҳ бунёд гаштааст,ки Сарбанд, Шаршара, Маркази Сангтуда-1 ва Сангтуда-2. Дар феҳристи 1 НБО-ҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондодҳои техникиашон оварда шудааст. Аз ин лиҳоз, масъалаи муҳимро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модернизатсияҳои НБО-ҳои Қайроқум (солҳои 2013-2015), Норак (солҳои 2013-2017), Сарбанд (солҳои 2013-2016) бо дастгирии молиявии хориҷи шуруъ кард, лекин чи хеле аз феҳрист дида мешавад, барои модернизатсия НБО-ҳои боқимондаи дигарро низ оғоз кардан лозим аст. Ин имкон медиҳад, ки НБО-ҳои мавҷуда ба иқтидори лоиҳавии худ бароянд ва дар ин неругоҳҳо истифода бурдани гидротурбинаҳои замонавӣ имконият

медиҳад, ки аз иқтидори лоиҳавӣ низ зиёдтар қувваи барқ тавлид кунем. Боз фарсоиши металлро низ ба назар гирифт, чунки он дар муҳити кавитатсионӣ қарор дорад. Кавитатсия барои техника зарарнок буда, коэффисенти кори фоиданоки гидротурбинаҳо ва механизмҳоро кам мекунад ва ба коррозияи кавитатсионӣ оварда мерасонад. Умуман, коррозияи кавитатсионӣ дар гидротурбинаҳо дар минтакаҳои фишораш паст мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷаи зарбаҳои микрогидравлики кавитатсионӣ конструксияҳо ва механизимҳои НБО корношоям мегарданд. Ҳангоми бисёр таъсир кардани кавитатсия эрозияи металл ба вуҷуд омада, ба хурдашавӣ ва ба шикасти параҳои гидротурбинаҳо ва ё дастгоҳҳои дигари гидравликӣ оварда мерасонад. Дар маркази ҳубобчаҳои кафидашуда, фишор ҷаҳиш карда, то 1500 ÷ 2000 атм. ва ҳарорат бошад, то 1000 ÷ 1500° С меафзояд. Аз таъсири ин фишор ва ҳарорат яку якбора шикастан, гидросистемаи он нигоҳ медорад, ки ҳаҷми моеъ, ки дар он параметрҳои ҳодисаи кавитатсия микроскопи хурд буда, дар паҳншавии ҳарорат ва фишор дар моеъ тез хомӯш мегардад. Агар ҳубобча дар сатҳи параҳои гидроагрегат кафад, он гоҳ ҳарорат ва фишор ба металл таъсир намуда, онро оҳиста майда карда мешиканад. Масалан, садамаи НБО-и Саяно-Шушенск дар Федератсияи Русия, ки сабаби марги 75 нафар одамон ва зарари калони моддӣ гашт, фарсоиши металл, зарбаи гидравлики ва ё кавитатсия мебошад. Аз ин лиҳоз, модернизатсия таъмир ва иваз кардани гидротурбинаҳои НБО-ҳои калон масъалаи аввалиндараҷа мебошад. Дар ҳудуди Тоҷикистон 55%-и оби Осиёи Миёна сарчашма мегирад ва оби дарёи Вахш бошад 30%-и оби Амударёро ташкил медиҳад. Дар вақти мунокишаи обии ду давлат дар обанбори Норак, Роғун ва Қайроқум ҳамаи ин обҳоро захира кардан гайриимкон мебошад, яъне даъвоҳои давлати ҳамсоя беасос мебошанд.

Дар вақти обғункунӣ ба обанбор пас аз сохтани Роғун то 15%-и обро аз дарёи Вахш гирифтан мумкин аст ва ин рақам дар ҳудуди тақсимоти обии байни давлатҳои ин минтақа карор дошта, ба хаққи Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Дар ин ҳолат ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон хел созишномаҳои байналхалқиро вайрон намекунад. Боз бояд қайд кард, ки дар куҳҳои Тоҷикистон 60% захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал сарчашма мегирад, аммо кишвари мо ҳамагӣ 5 % -и ин захираи обиро истифода мебарад. Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки обанборҳои НБО барои ба танзим даровардани таъминоти доимии об нақши муҳимро мебозад. Ба сифати мисол дида мебароем, ки дар вақти камобии солҳои 2000 ва 2006 оби обанбори Норак ва Қайроқум хоҷагии қишлоқи давлатҳои хамсояро наҷот дода буд. Бояд қайд кард, ки пас аз сохтани НБО-и Роғун ва дигар иншоотҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон ҳамаи давлатҳои ҳамсоя (Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазокистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон) аз ин бурд мекунанд. Таҷрибаи бисёрсолаи истифодабарии обанборҳои Норак ва Қайроқум нишон дод, ки борҳо дар вақти камоби ба ҷумҳурияи Ӯзбекистон об дода хоҷагии қишлоқи онҳоро наҷот додаем. Аз ин лихоз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти тартиб додани накша ва тарҳрези кардани лоихаҳои гидроэнергетикии худ манфиатҳои давлатҳои хамсоя ва проблемаҳои экологии Осиёи Миёнаро ба назар мегирад. Сохтмонҳои НБО-ҳои хурду миёна бошад ба экологияи давлатҳои дар хавзаи Амударё ҷой гирифта умуман таъсири манфии худро намерасонад. Иқтидори лоиҳавии НБО-Роғун ба 3600 мегаватт баробар буда, барои сохтмони он дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ 804 миллион доллари америкоӣ маблағгузорӣ шудааст ва барои ба итмом расонидани сохтмони ин неругоҳ боз, 2 миллиард доллари америкоӣ лозим аст. Сохтмони НБО- и Роғунро дуюмбора дар соли 2008 сар кардем ва ҳамон сол дар НБО-и Роғун 635 нафар коргар ва 46 адад техника ва механизм ба кор шуруъ кард.

Ҳоло бошад дар НБО-и Роғун беш аз 9000 нафар ва 700 мошину механизм кор карда истодааст ва дарояндаи наздик дар он ҷо беш 13000 нафар мутахассисон ва коргарон бояд ба кор шуруъ намоянд. Мувофиқи нақша навбати якуми НБО - Роғун, яъне ду гидроагрегати он пас аз се - чор сол бояд ба кор шуруъ намояд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъияти аксионерии кушоди «Роғун» таъсис дода шудааст, ки он аз тарафи буҷети давлатӣ маблағгузорӣ шуда истода, корҳои барқароркунӣ идома ёфта истодааст. Бо мақсади маблағгузорӣ Консортсиуми байналмилалӣ доир ба сохтмони НБО - Роғун бо ҳамкорӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ таъсис дода шуд, ки он экспертизаи бехатарии сарбанд, корҳои муҳандисӣ ва баҳодиҳии экологию-иҷтимоиро ба итмом расонид.

**АДАБИЁТ**

1. Энергетический кризис в Таджикистане в зимний период: Альтернативные варианты обеспечения баланса спроса и предложения\\ 2012 Международный банк реконструкции и развития /Всемирный банк 1818 H Street NW Washington DC 20433 Телефон: 202-473-1000 Интернет: www.worldbank.org
2. Набиева К. Возобновляемая энергия и энергоэффективность в странах Юго-Восточной и Восточной Европы, Южного Кавказа и Центральной Азии / К.Набиева.- 2020
3. Баетов Б.И., Архангельская А.В. - Изменение водности рек и ее вызовы гидроэнергетической безопасности / Б.И.Баетов. - 2015
4. Блиничкина Н.Ю. - Значение энергетического комплекса в процессе обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан / Н.Ю.Блиничкина. - 2013
5. Глущенко Т.И. - Проблемы и пути совершенствования энергоресурсосбережения / Т.И.Глущенко. - 2012
6. Дака А. - Энергетические ресурсы в государствах Центральной Азии и энергетическая безопасность Индии / А.Дака. - 2006
7. Дугин А. - Энергетическая геополитика/ А.Дугин. - 2012



**ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**

Дар мақола вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон оварда шудааст. Сараввал маълумот дар бораи захираҳои обӣ ва сарчашмаҳои он маълумот оварда шудааст. Баъд доир ба НБО-ҳои асосии сохташудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст. Инчунин, доир ба сохтмони силсиланеругоҳҳои нав дар дарёҳои Вахш, Панҷ ва иқтидорҳои онҳо маълумоти пурра дода шуда, доир ба сохтмони неругоҳҳои хурд маълумоти мукаммал оварда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** иқтисодиёт, энергетика, саноат, иқтидор, соҳа, сармоягузорӣ.



**ОБЕСПЕЧЕНИЕ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ**

В этой статье приведена сегодняшняя ситуация и перспективы развития гидроэнергетики Таджикистана. В начале приведена информация о водных ресурсах и её источниках. Затем даны информации о строительстве основных ГЭС Республики Таджикистан и существующей проблеме, и пути её решения. Также дана конкретная информация о строительстве ряда малых ГЭС-ов по течению реки Вахш и Пяндж.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** экономика, энергетика, промышленность, мощность, промышленность, инвестиции.



**ENSURING ENERGY SECURITY DURING INDEPENDENCE**

This article presents the current situation and prospects for the development of hydropower in Tajikistan. At the beginning there is information about water resources and its sources. Then information was given on the construction of the main hydroelectric power plants of the Republic of Tajikistan and the existing problem and ways to solve it. Specific information was also given on the construction of a number of small hydroelectric power plants along the Vakhsh and Pyanj rivers.



**KEYWORDS:** economy, energy, industry, capacity, industry, investment.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоев Исмоил*** – магистри курси дуюми ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон, ДМТ. E-mail: **ismoil@mail.ru**. Телефон: **900953113**

**Сведение об авторе**: ***Бобоев Исмоил*** - магистр 2 курса специальности «Мировая экономика», ТНУ. Электронная почта**: ismoil@mail.ru.** Телефон: **900953113**

**Information about the author**: ***Boboev Ismoil*** -second-year master`s student specialty of World Economy, TNU. E-mail: **ismoil@mail.ru**. Phone: **900953113**


# СИЁСАТИ АНДОЗИИ ДАВЛАТ ВА ТАНЗИМИ ОН


***Абдуллоев А.Х., Шамсов С.С.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Сиёсати самарабахши андоз дар шароити муосири бӯҳрони иқтисодӣ бояд пеш аз ҳама, ба солимгардонии иқтисодиёти корхонаҳо - андозсупорандагон, муътадилии вазъи молиявии онҳо, фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушд ва таҳкими соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла ба назар гирифтани тадриҷан паст намудани гаронии андоз ба соҳибкории хурд, оптимизатсияи имтиёзҳои андоз ва ташаккули муносибати мусбати ҷомеа ба пардохти андоз ҳамчун ба ӯҳдадории конститутсионии ҳар як шаҳрванд мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, самаранокӣ ва "муфиднокии" сиёсати андози амалишаванда дар ҳар як

мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз самарабахшии маъмурикунонии андоз вобаста аст, зеро маъмурикунонии андоз ҳамон ҳолатест, ки дар ниҳояти кор муваффақият ва ё нобарории сиёсати умумии андозро муайян месозад. Сиёсати андоз тавассути ҳавасмандгардонӣ ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти навоварона бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андоз ва сабукиҳои андоз нигарондашуда, болоравии сифатӣ ва миқдории иқтисодиро таъмин мегардонад. Яке аз тадбирҳои пешакӣ дар таҳиянамоии давлат ин банақшагирии андоз мебошад, ки он ба масъалаи то ҳадди максимум ба ҳисоб гирифтан ва пешбинӣ намудани пардохтҳо, воридоти андозҳо ва боҷҳо ба буҷет нигаронда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми фаъолият ва пешравиҳо дар ин бахш назаррас буда, таъсири манфии худро ба самаранок фаъолият намудани механизмҳои бозорӣ мерасонад. Академик Раҳимов Р.К. қайд менамояд, ки дар ҳолати ҳисоб намудани ММД-и солона ҳиссаи иқтисоди «соягӣ» тахминан 25%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар асл на камтар аз 2,5 маротиба зиёдтар аз нишондиҳандаи воқеӣ мебошад. Мувофиқ ба пешгӯии Хусейнов М.К. дар ин бахш, чун савдо, хӯроки умум, хизматрасонии маишӣ, тандурустӣ ва хизматрасонии нақлиётӣ то ба 50-55% мерасад. Андозҳо ба Буҷети давлатӣ дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор пардохт карда мешаванд. Феълан, таҳқиқи имкониятҳои такмили сиёсати давлатии андозӣ дар шароити муосири Тоҷикистон шурӯъ намоем, зарур аст ки ба шарҳу тафсири фаҳмиш ва ибораҳои калидии роҷеъ ба сиёсати андозӣ мувофиқ назар андозем. Якум, зери мафҳуми сиёсати андозӣ чӣ дар назар дошта мешавад. Дуюм, ба мақсад мувофиқ мешуморем, то ин ки таҳлили назарияҳои асосии сиёсати андозиро ба ҷо оварда, дар асоси ғоя ва консеписяҳои пешниҳодгардидаи намояндагони соҳаи мазкур низоми пешниҳодҳо ва муколамаҳоро роҷеъ ба такмили амалисозии сиёсати давлатии андози Тоҷикистон пешниҳод намоем. Гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми хоҷагидории бозорӣ тақозои гузаронидани сиёсати андозӣ ва ташкили чунин як низомеро, ки ба таври самаранок идора кардани иқтисодиётро бо дарназардошти манфиатҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳравндӣ созмон медиҳад, ба миён овард. Ин аст, ки дар раванди ташаккули сиёсати андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои рушди иқтисоди миллӣ ба назар гирифта мешуданд.

***Ҷадвали 1.***

Тафсири истилоҳи «сиёсати андозӣ»

| Муаллиф | Мафҳум |
|---|---|
| Равиши анъананвӣ | |
| А.Г. Грязнова, С.Ф. Викулов | Сиёсати андозӣ- низоми чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлат дар соҳаи андоз ва қисмати таркибии сиёсати молиявӣ |
| М.В. Романовский, О.В. Врублевская | Сиёсати андозӣ- комплекси чорабиниҳо дар соҳаи андоз ба хотири расидан ба мақсадҳои гузоштташуда |
| Равиши функсионалӣ- таъминотӣ | |
| В.Г. Пансков | Сиёсати андозӣ - маҷмуи чораҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, молиявии давлатӣ ҷиҳати ташаккули низоми андози давлатӣ бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти молиявии давлат, табақаҳои алоҳидаи иҷтимоии ҷомеа аз ҳисоби азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ |
| Д.Г. Черник | Сиёсати андозӣ - ин қисми таркибии сиёсати иқтисодии давлатӣ, ки ба ташаккули низоми андозӣ, таъмини рушди иқтисодӣ, ҳавасмандсозии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва манфиатҳои давлатӣ бо дарназардошти авзои иҷтимоиву иқтисодӣ |
| И.Л. Юрзинова | Сиёсати андозӣ- ин маҷмуи чорабиниҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилотӣ, ки ба принсипҳои ягона асос ёфта таъмини бонизоми мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллиро, ки дар ҷараёни муносибаҳои ба вуқуъмеомадаи муаяйнкунӣ, ҷамъоварӣ ва банақшагирии андоз ба миён меояд, дар назар дошта мешавад |
| Т.В. Бушинская | Сиёсати андозӣ - маҷмуи чорабиниҳои ташкиливу ҳуқуқӣ ва ташкиливу иқтисодии мақомотҳои сатҳи гуногун, ҳамчунин иштирокчиёни дигари муносибатҳои андозӣ дар доираи ваколатҳои муқарраргардидаи онҳо, ки ба хотири ҳамоҳанкунии манфиатҳои фискалии ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - манфиати бизнес доираҳо, гуруҳҳои |

| | |
|---|---|
| | муаяйни иҷтимоӣ ва субъектони дигари манфиатдор равона гардидааст, дар назар дошта мешавад. |
| Улуғхоҷаева Х.Р. | Сиёсати андозӣ - қисми таркибии сиёсати молиявии давлатӣ, ки маҷмуи низоми қоида, меъёр ва чорабиниҳои ташкилиро дар соҳаи андозӣ муаяйн мекунад. |
| Мирпочоев Д.И. | Сиёсати андозӣ - маҷмуи чорабиниҳои мушаххаси давлатӣ дар соҳаи андоз, ба хотири иҷроиши волоияти қонунгузорӣ дар соҳаи андоз, фаҳмида мешавад. |
| Шамсов С.С. | Сиёсати андоз, яке аз унсурҳои асоситарини стратегияи молиявии субъектҳои соҳибкории хурд буда, таъйиноти асосии он асосноккунии роҳҳои муносиби сарбории андоз, коҳишдиҳии хатарҳои андоз, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти аз андозбандӣ баромада ва алоқамандии онҳо бо мақсади умумии ташкили бизнеси субъекти хоҷагидори мушаххас мебошад |

Таҳияи муаллиф:

Дар рафти тафсири андоз тибқи равиши мавҷуда муаллифон кӯшиши шарҳи мафҳуми андозро ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва воситаи фискалӣ ё танзими давлатӣ маънидод намуда, далели таъмини мувозинатии байни функсияи фискалӣ ва танзимкунандагии андозҳоро дар ҷараёни амалисозии сиёсати андозӣ, ки дар ниҳояти кор омили муаяйнкунандаи самаранокии худи сиёсати мазкур ба ҳисоб мераванд, истисно мекунанд. Сиёсати андозӣ на танҳо раванди идоракунии унсурҳои гуногуни андозҳоро тавсиф мекунад, дар навбати худ он ҳамчунин иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, қонунгузории андозӣ ва маъмури-кунонии андозро фаро мегирад. Мақсад ва ҳадафҳои дар назди сиёсати андозӣ меистода вобаста ба марҳалаҳои таърихии инкишоф, омилҳои таъсиррасони иҷтимоиву иқтисодии тараққиёти давлат вобастагӣ дошта, ба ин маънӣ баҳри расидан ба мақсадҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла рушди иқтисодӣ воситаи муҳим ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, сиёсати андозӣ бояд ба ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ дар дохили давлат мусоидат кунад. Сиёсати андозӣ воситаи муҳимми давлатӣ дар амалисозии мақсадҳои гузошташуда мебошад. Он ба қисми зиёди бахш ва соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии давлат таъмир расонида, ҳамчунин бо шумораи зиёди унсурҳои идоракунии давлатӣ ба мисли:

1. Сиёсати пулию қарзӣ;
2. Нархгузорӣ;
3. Ислоҳоти сохтории иқтисодиёт;
4. Сиёсати тиҷоративу саноатӣ ва ғ.

Барои боз ҳам амиқтар сарфаҳм рафтани категорияи «сиёсати андозӣ» мувофиқи мақсад аст, агар чунин унсурҳои таркибии онро ҷудо намоем: мақсади асосӣ, субъект ва объект, принсипҳо, механизми андозӣ, усул ва давраҳои андозӣ. Элементҳои сохтории мафҳуми «сиёсати андозӣ» дар ҷадвали 2 оварда шудааст.




**Ҷадвали 2. Элементи сиёсати андозӣ**

Проблемаҳои андоз ва андозбандӣҳангоми баррасии масъалаи сарбории андоз боз ҳам мураккабтар мегарданд. Бинобар ин, барои таҳқиқу тавзеҳи моҳияти сарбории андоз ва идоракунии стратегии он нахуст ба назарияи андоз ва андозбандӣ руҷуъ бояд кард. Ҳамаи субъектони сиёсати андозӣ дорои мустақилияти хоси худ дар ҳудуди ваколатҳои муқаррарнамудаи худи мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба шумор мераванд. Мақомотҳои ҳоқимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҷараёни ҷаласаҳои Вакилони маҷлисҳои намояндагии маҳаллӣ ваколати тағийру иловаҳоро ба қисмати андозҳои маҳаллӣ соҳибанд. Махсусан ин ваколат дар раванди пасту баланд намудани ставкаҳои

андозӣ, муҳлат ва шартҳои пардохт низ вогузор карда шудааст. Дар сатҳи давлатӣ сиёсати андозиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ менамоянд. Низоми идоракунии андозӣ ифодакунандаи низоми ягона ва марказонидашуда, ки ба таври иерархӣ ҷойгир буда, дар ҳар як зинаи он воҳидҳои таъиноти функсионалӣ дошта, барои иҷрои ваколат ва ухдадориҳои муаяйн вазифадор карда шудаанд. Низоми идоракунӣ ва амалисозии сиёсати андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи чунин шакл сурат мегирад (ниг.ба.ҷадвали 3)

***Ҷадвали 3***

**Идоракунии низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Унсури дигари сиёсати андоз – ин объект, ки ба он фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ маҳсуб меёбанд. Объекти сиёсати андозӣ бояд амали ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқиқиро, ки муносибати онҳоро бевосита ба сиёсати андозӣ равона месозад, фаро гирад.

Сиёсати андозӣ дар ҷараёни амалишавии худ ба туфайли усулҳои муаяйн, ки дар ҷадвали 4 дида шудааст, такя мекунад.

**Ҷадвали 4**

**Усулҳои амалишавии сиёсати андозӣ**

| Усул | Моҳият |
|---|---|
| ***Идоракунӣ*** | Тавассути тақсимоти ваколатҳои асосии субъектони ваколатдори андозӣ, ки дар амалишавии сиёсати андозӣ ухдадоранд ва ба хотири фароҳам овардани шароити мусоиди инвеститсионӣ равона карда шудааст. |
| ***Имтиёзнокӣ*** | Фаъолияти мақомотҳои ваколатдор ҷиҳати пешниҳоди имтиёзҳои муаяйни андозӣ ба категорияҳои муаяйни нафарон, ки қисман ва ё пурра аз пардохти андоз озоданд. |
| ***Иттилоотонӣ*** | Аз ҷониби субъектони андозӣ сари вақт иттилоотонии андозсупорандагон ҷиҳати иҷрои саривақтии ухдадориҳои дар наздашон буда вобаста ба пардохти андоз |
| ***Назорат*** | Фаъолияти мақомотҳои андозӣ ҷиҳати назорати саривақтии пардохти андозӣ, саркашӣ накардани андозсупорандагон ва бо ин васила ҷорӣ намудани тартиботи зарурӣ вобаста ба пардохт ва иҷрои дигар ухдадорӣ |
| ***Маҷбурсозӣ*** | Аз ҷониби шахсони ваколатдори андозӣ иҷборсозии андозсупорандагон ҷиҳати иҷро намудани ухдадориҳои саривақтиашон дар назди давлат ва ҷомеа |

Стратегия самти умумии тараққиёт ва мутамарказиро ба самтҳои бартаридошта, ки дар асоси SWOT-таҳлили минтақа ва ё давлат сурат мегирад, ифода мекунад.

Тактика бошад, дар ҷараёни коркарди стратегия ҳамчун унсури таркибии он ба ҳисоб рафта, марҳалаҳо, усулҳо ва воситаҳои воқеии амалишавиро ифода намуда, маҷмуи чорабиниҳои ташкиливу ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дар навбати худ сиёсати андозӣ ба маънои маҳдуд ин худ маҷмуи чорабиниҳои давлатӣ, ки ба амалишавии стратегия ва тактика равона гардидааст, фаҳмида мешавад


**АДАБИЁТ**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. 23 декабри соли 2016. Газетаи «Ҷумҳурият»-2016. №2/1.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тахрири 14.11.2016.
3. Джусоева, Л. Х. Теоретические и практические аспекты использования налогового потенциала региона в планировании налоговых поступлений [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.uecs.ru/uecs40- 402012/item/1291 -2012-04-26-07-44-40
4. Бушинская Т. В. Региональная налоговая политика и особенности ее реализации: на примере Тульской области: дис. … канд. эконом. наук / Т. В. Бушинская. – М., 2009. – С. 10.
5. Бобоев М Р., Мирпочоев Д.А Сущность и функции современной налоговой системы России // Экономика Таджикистана: стратегия развития Душанбе: ПИО НПИ, № 3, 2006 -[0,8п. л / 0,4 п л.]
6. Бобоев М.Р, Мирпочоев Д А Совершенствование налоговой системы Таджикистана // Налоговая политика и практика - М Изд-во Экономико-правовой литературы, 2006, № 9 - [0,4пл./0,2пл]
7. Бобоев М.Р., Мирпочоев Д.А. Налогообложение в Республике Таджикистан //Аудиторские ведомости - М.: Издательско-информационный центр «Финансовая газета», 2006, №12-[0,42 п л/0,21 пл]
8. Маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ», №2 (125) феврали 2017с.


## СИЁСАТИ АНДОЗИИ ДАВЛАТ ВА ТАНЗИМИ ОН


Дар мақолаи зерин сухан дар бораи сиёсати андозӣ дар шароити муосир меравад. Барои ташаккул додани сиёсати андозбандӣ, низоми андозбандӣ ва идораи андози Тоҷикистон Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мавқеи умумии низоми андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, феҳристи андозҳои амалкунанда ва ғункунии онҳо, тартиби бурдани онҳо, ҳисобу китоб, ситонидан ва бекор кардани андозҳо, маҷмуи муносибатҳои давлатӣ бо андозсупорандагон ва агентҳои онҳоро, ки ба тартиб медарорад, аҳамияти муайянкунанда дорад. Сиёсати андозӣ тавссути ҳавасмандгардонӣ ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти навоварона бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андоз ва сабукиҳои андоз нигарондашуда, болоравии сифатӣ ва миқдории иқтисодиро таъмин мегардонад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** низоми андоз, уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагон, обекти андозбандӣ, сиёсати андоз, меъёри андоз, давраи андоз.


## ГОСУДАРСТВЕННАЯ НАЛОГОВАЯ ПОЛИТИКА И ЕЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ


В данной статье рассматривается налоговая политика в современных условиях. Для формирования налоговой политики, налоговой системы и налогового администрирования Таджикистана Налоговый кодекс Республики Таджикистан определяет общее положение налоговой системы Республики Таджикистан, перечень действующих налогов и порядок их взимания, порядок их взимания, сбор и отмена налогов и их регулирующие агенты имеют решающее значение. Налоговая политика посредством стимулирования развития приоритетных секторов экономики, развития предпринимательской деятельности и инноваций посредством предоставления налоговых льгот обеспечит рост качества и количества экономики.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** налоговая система, налоговые обязательства, налогоплательщики, объект налогообложения, налоговая политика, налоговая ставка, налоговый период.


## STATE TAX POLICY AND ITS REGULATION


This article examines tax policy in today's environment. For the formation of tax policy, tax system and tax administration of Tajikistan, the Tax Code of the Republic of Tajikistan determines the general provision of the tax system of the Republic of Tajikistan, the list of existing taxes and the procedure for their collection, the procedure for their collection and cancellation of taxes and their regulatory agents are of decisive importance. Tax policy by stimulating the development of priority sectors of the economy, the development of entrepreneurship and innovation through the provision of tax incentives and tax incentives will ensure the growth of the quality and quantity of the economy.



**KEYWORDS:** tax system, tax liabilities, taxpayers, object of taxation, tax policy, tax rate, tax period.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдуллоев Х.Н.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва суғурта.

***Шамсов С.С.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми ихтисоси 25010410.

**Сведение об авторах**: *Абдуллоев Х.Н.* – Таджикский национальный университет, к.э.н доцент кафедры финансов и страхования.
***Шамсов С.С.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса специальности 25010410.

**Information about the authors**: ***Abdulloev Kh.N.*** – Tajik National University, c.e.s. associate professor of the Department of Finance and Insurance.
***Shamsov S.S.*** – Tajik National University, second-year master`s student of specialty 25010410.

# МАҚОМ ВА НАҚШИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

***Маҳмудов Б.А., Файзуллоев С.Ф., Саидов Ш.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Қисмати муҳимми идоракунӣ ва асос барои таъмини бехатарӣ ва устувории амалиёти бонкӣ - системаи назорати дохилӣ мебошад. Барои таъмини татбиқи ҳадафҳо вазифаҳои бонкӣ пешбинӣ шудааст, ки бонк метавонад ҳадафҳои дарозмуддат ба даст оварда, системаи назорати молиявиро таъмин менамояд. Бо риояи қонунҳо, қоидаҳо, санадҳо, ҳамчунин сиёсати бонкӣ дар самтҳои мухталифи фаъолият, нақшаҳои қабулшуда, қоидаҳои дохилӣ хатарҳои чоранопазирии бонкиро кам мекунад. Дар ҳар як бонк пеш аз ташкили фаъолияти шуъбаи аудиторӣ бояд сохтори назорати дохилӣ таъмин бошад, ки ин дар нақшаи 1.2.1 чунин сохторбандӣ шудааст:




Аудити дохилӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ махсусан барои хизматрасонӣ назорати дохили фаъолият менамояд ва ҳисоботҳои худро дар асоси стандартҳои миллӣ тартиб медиҳад. Ин намуди хизматрасонӣ, баҳодиҳӣ ва низоми назорати молиявии бонкро аз рӯйи хароҷотҳои камтарин назорат мекунад.

*Аудити дохилии бонк ин* - фаъолияти мустақил ва беғаразонаи сохтори таъсисдодашуда ё басти алоҳидаи аудитори дохилии бонк оид ба гузаронидани санҷиш, арзёбӣ ва машваратдиҳии низоми идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат ба риояи қонунгузорӣ, фаъолияти самаранок ва натиҷабахши он амалӣ мегардад. Мавҷудияти аудити дохилӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ имконият медиҳад, ки низоми назорати дохилии бонкҳоро аз рӯйи фаъолияти муҳосибӣ оид ба ҳисоботи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотҳо таҳлил намуда, барои давраҳои оянда натиҷагири кунад. Тафтиши босамари аудити дохилӣ барои пурзӯр намудани натиҷагирии муҳим арзёбӣ гардида, аз рӯйи ин бонк имконият пайдо мекунад, ки дар бозори тиҷорат мизоҷи худро дарёбад. Аудити дохилӣ фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба он алоқаманд тартиб медиҳад.

Вазифаи асосии аудити дохилии бонкҳои тиҷоратӣ ин:

❖ Таҳлил ва назорати фаъолияти бонкҳо, баҳодиҳӣ ва тартибдиҳии амалиётҳои муҳосибӣ, назорати амалиётӣ ва маъмурӣ.

❖ Доимо назорат бурдан аз рӯйи коргарон оиди истифодабарии ҳуҷҷатҳо, раванди инъикоси амалиётҳоро дида баромадан.

❖ Нигоҳдории асосҳои ҷиноии оиди нодуруст истифодабари ҳуҷҷатҳо, амалиётҳо ва муносибатҳои тарафайни инъикоси амалиётҳои муҳосибӣ

❖ Пешниҳоди маълумотҳо бо роҳбари бонк, ки дар раванди фаъолият аз ҷониби коргарон ба амал омадааст (Амал накардан ба конунгузорӣ, нодуруст истифода бурдани стандартҳо ва дигар санаду меъёрҳои БМТ)

Албатта, доир ба ҳар як вазифаҳое, ки аудити дохилӣ дорад бояд мувофиқи санадҳом меъёрию ҳуқуқӣ иҷро намояд. Дар ин ҷо санади асосие, ки доир ба он дар раванди корӣ аз рӯйи он амал мекунад, мувофиқ ба талаботҳои замон ин Стандартҳои аудиторӣ мебошад, ки дар ин стандарти-10 оид ба аудити дохилӣ чунин шарҳ дода шудааст: “Аудити дохилӣ дар худ элементи назорати дохилиро дар корхона ифода намуда, аз тарафи коркунони махсус таъиншуда дар ҳудуди корхона амалӣ гардонида мешавад. Вазифаи аудити дохилӣ баҳодиҳии сифати коркард ва истифодабарии механизмҳои назорати дохилӣ мебошад. Қисми зиёди натиҷаҳои фаъолияти аудитори дохилӣ аз тарафи аудитори мустақил ҳангоми таҳлили ахбороти молиявӣ истифода бурда мешавад. Дар стандарт маросимҳое, ки аз тарафи аудитори мустақил ҳангоми баҳодиҳии кори аудитори дохилӣ бояд ба назар гирифта шаванд, оварда шудаанд”. Санади дигаре, ки фаъолияти аудиториро ба танзим медарорад ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аст, ки аз 22-июли соли 2013 таҳти №993 ба имзо расидааст. Дар он мафҳуми аудит дар боби 1, моддаи 1 чунин шарҳ дода шудааст: Аудити дохилӣ – фаъолияти мустақил ва беғаразонаи сохтори таъсисдодашуда ё басти алоҳидаи аудитори дохилии субъекти хоҷагидорӣ оид ба гузаронидани санҷиш, арзёбӣ ва машваратдиҳии низоми идоракунӣ ва дигар низомҳо, ки бо мақсади мусоидат ба риояи қонунгузорӣ, фаъолияти самаранок ва натиҷабахши субъекти хоҷагидорӣ амалӣ мегардад.

Дар ҳамин қонун доир ба ташкил ва вазифаҳои аудит чунин баён карда шудааст:

Моддаи 13. Ташкили аудити дохилӣ

1. Аудити дохилӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ташкил карда шуда, ба манфиати соҳибмулконаш амалӣ мегардад ва тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳои дохилии дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияшуда, стандартҳои эътирофшудаи аудити дохилӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии аудиторон танзим карда мешавад.

2. Объектҳои аудити дохилиро роҳбарияти субъектҳои хоҷагидор тибқи мақсадҳои худ ҷиҳати ташкил, банақшагирӣ, инчунин мониторинги фаъолияти субъекти хоҷагидор ва сохторҳои таркибии он муайян мекунанд.

3. Ба сохторҳои аудити дохилӣ аз ҷониби соҳибмулкони субъектҳои хоҷагидор аудиторҳои дохилӣ ва ё гурӯҳи аудиторҳои дохилӣ таъин карда мешаванд, ки ба ин гурӯҳ, инчунин метавонанд тафтишотчиён ва комиссияҳои тафтишотӣ низ дохил карда шаванд.

4. Роҳбарони субъектҳои хоҷагидор, хусусан субъектҳои дорои манфиати умум, вобаста ба ҳаҷми корҳои баҳисобгирӣ метавонанд:

➤ хадамоти аудити дохилиро ҳамчун сохтори таркибӣ таъсис диҳанд;

➤ ба басти корӣ вазифаи аудитори дохилиро ворид намоянд ё дар асоси шартнома вазифаҳои аудити дохилиро ба аудитори инфиродӣ ва ё ташкилоти аудиторӣ вогузор намоянд.

5. Талаботе, ки ба роҳбарони сохтори аудити дохилӣ вогузор карда мешаванд:

- Шаҳодатномаи тахассусии аудиторӣ дошта бошанд;

- доғи судӣ надошта бошанд.

6. Талаботе, ки нисбат ба кормандони сохтори аудити дохилӣ вогузор карда мешаванд:

- дорои таҳсилоти олӣ буда, собиқаи кории на кам аз 3 сол дар соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ, назоратию тафтишотӣ ва ё соҳаи ҳуқуқӣ ё фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дошта бошанд;

- дорои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ буда, собиқаи кории на кам аз 5 сол дар соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ, назоратию тафтишотӣ ва соҳаи ҳуқуқӣ, инчунин фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дошта бошанд;

- надоштани доғи судӣ.

Моддаи 14. Вазифаҳои аудити дохилӣ

1. Вазифаҳои аудити дохилӣ вобаста ба талаботи сохти идоракунии субъект ва сохтори таркибии он аз ҷониби роҳбарияти субъектҳои хоҷагидор муайян гардида, бе маҳдудияти зерин амалӣ гардад:

- назорати ҳолати дороӣ ва пешгирии зарар;
- тасдиқи иҷрои маҷмуи расмиёти назорати дохилисоҳавӣ;
- таҳлили фаъолияти самарабахши низоми назорати дохилӣ ва таҳрири иттилоот.

2. Ба вазифаҳои аудити дохилӣ шомил мебошанд:

- санҷиши низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ, мониторинги онҳо ва таҳия намудани тавсияҳо оид ба беҳдошти кори ин низом;
- санҷиши иттилооти муҳосибӣ, фаврӣ ва дар ҳамин асос таҳия кардани ҳисобот, инчунин омӯзиши махсуси моддаҳои алоҳидаи ҳисоботдиҳӣ, аз он ҷумла амиқ санҷидани амалиёти муҳосибӣ ва бақияҳои ҳисоби муҳосибӣ;
- санҷиши татбиқу риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин талаботи сиёсати баҳисобгирӣ, низомномаҳо, қарорҳо ва дастурҳои роҳбарият ва соҳибмулкон;
- тафтишоти махсуси ҳолатҳои алоҳида;
- таҳия ва пешниҳоди таклифҳо оид ба бартараф сохтани камбудиҳои ошкоршуда ва додани тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ.

Албатта, аудит дар ҳолате, ки ислоҳкунандаи ҷомеъаи тиҷоратӣ башумор меравад худ бояд сараввал ислоҳшуда бошад. Риоя намудани ҷиҳатҳои қонунгузори - ин худ ислоҳ буданро нишон медиҳад, вале чи тавре ки дар ташкили аудити дохилӣ гуфта гузаштем, аудит бояд дарҷаи тахассуси касби дошта бошад ин чӣ маъно дород. Асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисогирии идоравӣ, баҳисобгирии андозҳо, ҳуқуқ, дар шароити имрӯза боз барномаҳои 1с муҳосибот низ ҳамроҳ кардан зарур аст. Ишораи дигари ин модда доир ба таҷрибаи корӣ, ки бояд зиёда аз 5 сол нишон дода шудааст, дар давраи таҷрибаи кори аудит бояд истифодабарии низоми хоҷагидориро омухта дар амал татбиқ намудани онро омӯзад.

### АДАБИЁТ


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27.09. 2012, №901;
2. Дастурамал оид ба истифодаи нақшаи ягонаи ҳисобҳо барои субъектҳои бахши идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамчунин иҷрои хазинадории буҷети давлатӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ.
3. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.
4. Аудит: Учебное пособие / [под. ред. О.В. Ковалевой]. – М.: Приориздат, 2003. – 320 с.;
5. Паронян, Г.Г. Расчеты между заказчиком и подрядчиком по договору строительного подряда: особенности проверки / Г.Г. Паронян // Аудиторские ведомости – 2005. - № 1
6. Пронина, Е.А. Подрядная строительно-монтажная организация: аудит производственных затрат / Е.А. Пронина // Аудиторские ведомости – 2005. - № 12. – С. 61-68.;
7. Савина, Н.В. Аудит расходов на капитальное строительство: типичные нарушения / Н.В. Савина // Аудиторские ведомости – 2004. - № 2. – С. – 59-66.
8. Савина, Н.В. Аудит строительных организаций / Н.В. Савина // Аудиторские ведомости – 2004. - № 7;
9. Соколов, П.А. Аудит использования материально-производственных запасов в строительстве / П.А. Соколов // Строительство: налогообложение, бухучет – 2004. - № 2;


### МАҚОМ ВА НАҚШИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ ДАР БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ


Дар мақолаи мазкур мавзуи мақом ва нақши назорати дохилӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамчунин, муаллифон дар мақола оид ба аудити дохилӣ, ташкили он, вазифаҳои аудити дохилӣ ва аудити берунӣ маълумот додаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки мавҷудияти аудити дохилӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ имконият медиҳад, ки низоми назорати дохилии бонкҳоро аз рӯйи фаъолияти муҳосибӣ оид ба ҳисобҳои дороиҳо, уҳдадориҳо, сармоя, даромад ва хароҷотҳо таҳлил намуда, барои давраҳои оянда натиҷагирӣ кунад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** аудити дохилӣ, аудити берунӣ, системаи назорат, бонки тиҷоратӣ.


### СТАТУС И РОЛЬ ВНУТРЕННЕГО КОНТРОЛЯ В КОММЕРЧЕСКИХ БАНКАХ


В данной статье рассматриваются статус и роль внутреннего контроля в коммерческих банках. Авторы также предоставляют информацию о внутреннем аудите, его организации, функциях внутреннего аудита и внешнего аудита. Авторы отмечают, что наличие внутреннего аудита в коммерческих банках позволяет анализировать систему внутреннего контроля банков по учетной деятельности по счетам активов, пассивов, капитала, доходов и расходов и подводить итоги будущих периодов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: внутренний аудит, внешний аудит, система контроля, коммерческий банк.

**ROLE AND STATUS OF INTERNAL CONTROL IN COMMERCIAL BANKS**

This article aimed at role and status of internal control in commercial banks. Also, author gives some information about internal auditing, its organization, functions of internal and external auditing. The authors notes that the existence of internal auditing in commercial banks allows for analysis the system of banks internal control for asset accounts, liabilities, capital, income and expenses and take stock of future periods.

**KEYWORDS:** internal auditing, external auditing, control`s system, commercial banks

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмудов Б.А.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ.
***Файзуллоев С.Ф.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ.
***Саидов Ш.Б.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети молиявию иқтисодӣ.

**Сведение об авторах**: ***Махмудов Б.А.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета.
***Файзуллоев С.Ф.*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета.
***Саидов Ш.Б.*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса финансово – экономического факультета.

**Information about the author:** ***Mahmudov B.A.*** – Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics.
***Fayzulloev S.F***. - Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics.
***Saidov Sh.B.*** - Tajik National University second-year master`s student of Faculty of Finance and Economics.

**УДК: 339.9**

# ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКИЕ ИНТЕРЕСЫ, КАК ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ ГОСУДАРСТВА В СОВРЕМЕННОМ МИРОВОМ ХОЗЯЙСТВЕ

***Содикзода П., Давлатова Н.И.***
**Таджикский национальный университет**

Еще Г. Моргентау – американский политолог, общепризнанный основатель и глава школы прагматизма и политического реализма, ведущий теоретик США по внешнеполитическим вопросам, так высказывался о понятии национального интереса: «у страны должна быть одна путеводная звезда, одни рамки для мысли, одно правило для действий – национальный интерес» [1]. Он делил национальные интересы на постоянные и переходящие. Постоянными национальными интересами он считал:

a) защиту территории, населения, государственных институтов от внешней опасности:
b) развитие внешней торговли;
c) обеспечение роста инвестиций;
d) защита частного капитала за границей;
e) взаимоотношение с союзниками;
f) выбор внешнего курса.

К переходящим национальным интересам он относил:

a) интересы выживания нации и государства;
b) безопасность и благосостояние общества;
c) периферийные, локальные интересы [2].

Важно подчеркнуть, что национальные интересы — это не интересы только отдельных личностей или определенных групп людей, а интересы всего народа – нации. Фундаментальными внешними интересами во все времена и для всех государств являются:

1) территориальная целостность;

2) независимость или политический суверенитет;

3) сохранение господствующего строя, т. е. политико-экономического режима;

4) экономическое развитие и процветание, которое в немалой степени зависит от взаимодействия с внешней средой;

5) национально-культурная самобытность страны [3].

В рыночной экономике цены регулируются на основании рыночного механизма спроса и предложения. Тем не менее, в условиях перехода к рыночным отношениям, государственное регулирование некоторых цен может выступать одним из механизмов стимулирования социально-экономического развития регионов. На сегодняшний день Правительство Республики Таджикистан устанавливает и регулирует цены на услуги естественных монополий. Это цены на электроэнергию, железнодорожные перевозки, услуги жилищно-коммунального хозяйства, на подакцизные товары. Кроме этого, государство предоставляет различные субсидии хозяйствующим субъектам. Например, в сельском хозяйстве существуют государственные дотации на закупку удобрений, сельскохозяйственного оборудования и техники, приобретение высококачественных семян, проведение мелиоративных работ и т.д.

Таким образом, рассмотрение вопросов государственного регулирования регионов позволил сделать вывод о том, что каждый регион в Республике Таджикистан имеет свои уникальные природно-климатические условия. Поэтому при разработке региональной политике государству необходимо учитывать эти условия и стимулировать развитие тех видов экономической деятельности, на которых специализируется каждый регион республики.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Джобирзода Т.Г. Совершенствование концепции разработки перспективного плана социально-экономического развития Хатлонской области // Экономика Таджикистана, Душанбе, 2019. - № 2. – С. 191.
2. Орешин В. П. Региональная экономика и управление. Учебное пособие / В.П.Орешин. — М.: РИОР, Инфра-М. 2017. 200 с.
3. Региональная экономика. Природно-ресурсные и экологические основы. Учебное пособие / Под ред. Глушкова В. Г., Луговский А. М. — М.: КноРус. 2020. 288 с.
4. Регионы Республики Таджикистан: 30 лет государственной независимости. – Душанбе, 2021.
5. mmk.tj


## УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ МИНТАҚАВӢ


Дар мақола масъалаҳои танзими давлатии рушди минтақаҳо баррасӣ шудаанд. Сабабҳои нобаробарии иҷтимоию иқтисодии рушди байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Усулҳои

танзими давлатӣ ҳам маъмурӣ (бевосита) ва ҳам иқтисодӣ (бавосита) омӯхта шудаанд. Барномаҳои давлатии рушди минтақаҳоиояндадори Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудаанд.
**КАЛИДВОЖАҲО:** танзими давлатӣ, воситаҳои иқтисодӣ, воситаҳои маъмурӣ, нақшаҳои стратегӣ, консепсияҳо, барномаҳои мақсадноки рушди минтақаҳо, сармоягузорӣ, имтиёзҳои андоз, танзими нарх.

## ОСНОВНЫЕ МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ РАЗВИТИЕМ РЕГИОНОВ

В статье рассматриваются вопросы государственного регулирования развитием регионов. Определяются причины социально-экономического неравенства развития между регионами Республики Таджикистан. Изучены методы государственного регулирования как административные (прямые) так и экономические (косвенные). Проанализированы государственные программы развития перспективных регионов Республики Таджикистан.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государственное регулирование, экономические инструменты, административные инструменты, стратегические планы, концепции, целевые программы развития регионов, инвестиции, налоговые льготы, ценовое регулирование.

## THE MAIN METHODS OF STATE REGULATION REGIONAL DEVELOPMENT

The article deals with the issues of state regulation of the development of regions. The reasons for the socio-economic inequality of development between the regions of the Republic of Tajikistan are determined. The methods of state regulation, both administrative (direct) and economic (indirect), have been studied. The state programs for the development of promising regions of the Republic of Tajikistan are analyzed.
**KEYWORDS:** government regulation, economic instruments, administrative instruments, strategic plans, concepts, targeted programs for the development of regions, investments, tax incentives, price regulation.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Довгялло Яна Павловна*** – н.и.и., ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. Телефон: +**992935048589,** e-mail: **ydovgyallo@mail.ru.**
***Ҷумаева Ануша Насруллоевна*** – магистри курси дуюми Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. Телефон: **+992906000103**, e-mail: **anusha.9804@mail.ru**

**Сведение об авторах**: ***Довгялло Яна Павловна*** – к.э.н, ведущий научный сотрудник Института экономики и демографии НАНТ. Телефон: +**992935048589,** e-mail: **ydovgyallo@mail.ru.**
***Джумаева Ануша Насруллоевна*** – магистр второго курса Института экономики и демографии НАНТ. Телефон: **+992906000103**, e-mail: **anusha.9804@mail.ru**

**Information about authors*: Dovgyallo Yana Pavlovna*** - Leading Researcher of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Science of Tajikistan, Candidate of Economics. Phone: **+992935048589**, e-mail: **ydovgyallo@mail.ru.**
***Jumaeva Anusha Nasrulloevna***- second-year master`s student of the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Science of Tajikistan. Phone: **+992906000103**, e-mail: **anusha.9804@mail.ru**

## ҲУҚУҚ ВА СИЁСАТ – ПРАВО И ПОЛИТИКА

### МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

***Бобоева Н., Халилова М.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷ икистон**

Ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии чӣ давлат ва ҷомеа умуман ва чӣ ҳар як шахсияти алоҳида таъсирр мерасонад. Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар як одами дар ҷаҳон зиндагикунанда танҳо ба он хотир хос аст, ки вай ***ИНСОН*** аст. Онҳо барои он заруранд, ки моҳияти инсонии ҳар одам ҳимоя карда ва нигоҳ дошта шавад, барои ҳар инсон дар рӯи Замин зиндагонии шоистаю шарафмандона таъмин гардад. Ҳуқуки инсон андоза, имкониятҳо, салоҳиятҳои фитрии фард мебошад, ки ҳаёт, қадр, номус ва озодии инсонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъмин мекунад. Вай ба ҳамаи одамон паҳн мешавад, дар ҳамаи кишварҳо гарчанде дар ҳадду мазмуни гуногун бошад ҳам, истифода мешавад. Ҳуқуқҳои инсонро чун имконияти ба амал баровардани рафторҳои муайян, вале дар доираи қонун, бе вайрон кардани қоидаҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои дигар, масалан, бе роҳ додан ба рафторҳои беэҳтиромона нисбат ба одамони дигар баррасӣ кардан мумкин аст. Одамон ҳуқуқҳои худро озодона амалӣ сохта, бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд. Аз ин рӯ, манфиатҳои яке метавонад мухолифи манфиатҳои дигаре бошад. Чунончӣ, ҳар одам ҳуқуқи истироҳат кардан дорад, вале вай ин ҳуқуқи худро амалӣ сохта, масалан, дар хонаи худ шабона бо овози баланд мусиқӣ гӯш карда, пеш аз ҳама бояд дар бораи ҳуқуқи ҳамсояҳо ба истироҳат низ фикр кунад. Ҳуқуқ барои он эҷод карда мешавад, ки он дар ҳаёти воқеӣ амалӣ гардад ва мақсадҳои равоншудаи қонунгузориро дар амал татбиқ кунад, зеро дар ҳолати баръакс ин институт маънии ҳақиқии худро гум мекунад. Танҳо қабули санадҳои меъёрии ҳуқукӣ ва дигар санадҳо боиси амалишавии он намегардад ва хоҳиши дар асл амалишавии ҳуқуқ ва оқибатҳои пешбиникардаро ба даст овардан, бояд ки ҳуқуқ дар инкишоф бошад, дар ин маврид ҳуқуқи амалкунанда маънии аслии худро меёбад. Амалисозии ҳуқуқ раванди воқеан амалӣ гаштани талабот, нишондод ва хусусиятҳои ҳуқуқро дар фаъолияти ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ дар назар дорад. Бе амалигардонӣ, қонунҳову санадҳои навишташуда чун қоғази холӣ боқӣ мемонанд, аҳамияти хешро дар ҷомеа гум мекунанд. Амалисозии ҳуқуқ ба ду маъно фаҳмида мешавад:

1. Чун ҷараёни амалӣ кардани ҳуқуқ 2. Ҳамчун натиҷаи дар ҳаёт ҷорӣ гардидани нишондодҳои ҳуқуқ.

Амалигардонӣ чун ҷараёни муназзам якчанд амалиёти субъектони ҳуқуқро оиди ҷорӣ кардани талаботҳои ҳуқуқ дар ҳаёти воқеӣ дар бар мегирад. Амалигардонӣ чун натиҷаи зинаи (нуктаи) ниҳоии амали воқеии ҳуқуқро дар назар дорад, ки дар қонунҳои қабулшуда пешбинӣ шудааст. Масалан, барои амалӣ кардани ҳуқуқ ба нафақа шахсе якчанд амалиёти ҳуқуқиро ба анҷом мерасонад. Муддати тулонӣ (барои пайдо кардани собиқаи корӣ) меҳнат мекунад, баъди расидан ба синни нафақа ба мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат мекунад (барои ин амал чандин ҳуҷҷатҳои лозимаро пешкаш менамояд), қарори таъйини нафақаро ба даст мегириад ва танҳо баъди иҷрои ҳамаи ин амалиётҳо, аз он ҷумла иҷрои қарори таъйини нафақа ба мақсади худ мерасад, ҳуқуқ ба нафақа барои ин шахс амалӣ мегардад, натиҷаи лозимӣ ба даст меорад. Амалисозии ҳуқуқ ду самти асосӣ дорад:

1. Амалӣ кардани меъёрҳо аз ҷониби одамон.

2.Ҷорӣ кардани талаботҳои ҳуқуқ аз тарафи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор. Амалишавии ҳуқуқҳои инсон ба ташаккули шахсият низ вобастааст: «Ҷавонон ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳода, ҷои худро дар ҷомеа муқаррар кардан мехоҳанд. Дар пеши онҳо интихоби касб, ба вуҷуд овардани оила, пайвастан ба ҷунбиши муайяни сиёсӣ ва ниҳоят, дарёфтани мавқеи устувори шаҳрвандӣ барин масъалаҳо пайдо мешаванд. Ҳамаи ин омилҳое ҳастанд, ки шахсиятро ташаккул медиҳанд», - таъкид кардааст,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони мамлакат.

Ҳуқуқро шаҳрвандон бевосита амалӣ мегардонанд, масалан, аз ҳуқуқҳои конститусионӣ- ин ҳуқуқ ба истироҳат, таҳсил, ҳифзи саломатӣ ва амсоли инҳо истифода мебаранд. Амалӣ шудани як қатор ҳуқуқҳо ёрии (даходати) мақомоти давлатиро талаб менамояд. Масалан, шахсе ҳуқуқи нафақаро дорад, вале мустақилона барои хеш нафақа таъйин карда наметавонад. Барои ин қарори мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ зарур мебошад. Боз баҳсҳои ҳуқуқиро одамон тавассути суд ҳал мекунанд, ё ин ки дар натиҷаи, содир шудани ҷиноят ба мақомоти дахлдор ариза менависанд ва ҳуқуқҳои худро таъмин месозанд. Дар айни замон ташакули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бунёди низоми демократӣ дар мамлакат дар рафти амалисозии ҳуқуқҳои инсон боиси пайдоиши ҳолатҳои мушаххасе мегарданд, ки бидуни танзими муассирри он баланд бардоштани нақш ва салоҳияти қонун, иҷрои дақиқи дастурҳои меъёрии ҳуқуқӣ ғайриимкон аст, ки ин ҳолатҳо масъалаҳои муҳими амалисозии ҳуқуқро фаро мегиранд. Бешубҳа вазъи мавҷуда наметавонад аз назари мақомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор, инчунин худи шаҳрвандон дур бошад. Ба масъалаҳои амалисозии ҳуқуқ муносибатҳои муътадили якхела ё гуногуни иҷтимоӣ дохил мешавад, ки бо истифода аз усулҳои махсуси ҳуқуқӣ бояд содда ё ба танзим даровaрда шавад. Дар зинаи таҳлили ҳолатҳои воқеии амалкардаистодаи қонунҳо ва амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсонмаҷмӯи зарурии ҳолатҳои воқеиемуқаррар карда мешаванд, ки ҳар яке аз онҳо аз ҷониби субъектони дар ин самт солоҳиятнок санҷида шуда, дар мавриди зарурӣ бо далелҳо исбот мегарданд ва аз ҷониби мақомотҳои олии ҳокимияти давлатӣ мавриди танзим қарор мегиранд. Дар Рими Қадим ҳуқуқшиносон ба чунин ақидае буданд, ки барои муайян кардани ҳолати воқеии кор ва танзими масъалаҳои нав бавуҷудомада дар самти амалисозии қонунҳо бояд танҳо шахси тафтишоти пешакибаранда (муфаттиш) вазифадор карда шавад. Дар замони ҳозир муайян ва танзими ин масъалаҳо на танҳо аз ҷониби як шахси тафтишотбаранда, балки аз ҷониби макомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор, инчунин худи шаҳрвандон низ анҷом дода мешавад. Шаҳрвандон бо риоя ва эҳтироми ҳуқуқҳои дигарон метавонанд дар танзими масъалаҳои мавҷуда иштирок намоянд, ки ин яке аз вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, ки сарчашмаи худро аз моддаи 42-юми Конститутсияи ҶТ мегирад. Дар натиҷаи ҳолатҳои воқеии кор ҳақиқати айнӣ бояд муқаррар гардад. Барои ин зарур аст, ки ҳолатҳои воқеии ҷамъшуда саҳеҳ бошанд, санҷида шуда, бо далелҳо исбот гарданд. Ғайр аз он, ҳолатҳои воқеиии санҷидашуда бояд аҳамияти ҳуқуқӣ дошта бошанд, ба талаботҳои меъёрҳои дахлдори ҳуқуқ ҷавоб диҳанд, асоси ҳуқуқии ҳалли кор шаванд. Дар натиҷаи санҷиши ҳаматарафаи ин масъалаҳо ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Ин марҳила аз шахси муқарраркунандаи асоси ҳуқуқии кор дониши баланд ва тайёрии баландро дар иҷрои ин амал металабад, зеро ин марҳила татбиқи ҳуқуқ масъулият ва диққати махусусро талаб мекунад. Баҳодиҳии ҳуқуқӣ бояд аниқ,дақиқ ва бе баҳодии дубора (бесспорной) бошад. Асосан дар сатҳи қонунгузорӣ ба танзим даровардани масъалаҳои муҳими амалисозии ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти қонунгузор анҷом дода мешавад. Ҳангоми ошкор шудани нуқсонҳо дар қонунҳои алоҳида мақомоти қонунгузор онҳоро бо роҳи ворид намудани тағйироту иловаҳо бартараф мекунад. Умуман, масъалаҳои муҳиме, ки амалисозии ҳуқуқро фаро мегиранд, бештар хислати конститутсионӣ доранд, яъне онҳо дар сатҳи Конститутсия мустаҳкам шудаанд. Масалан, баробарии занон ва мардон, ки дар моддаи 17-и Конститутсияи ҶТ мустаҳкам шудааст яке аз масъалаҳои муҳими амалисозии ҳуқуқи инсон дар замони муосирр ба ҳисоб меравад. Баъзе аз онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ ба танзим даровaрда мешаванд. Масъалаҳои амалисозии хуқуқи инсон аз ҳамон замоне, ки дар ҷомеа муносибати нави ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд ва он бояд аз ҷониби иштирокчиёни дахлдори муносибатҳои ҳуқуқӣба амал бароварда шавад, ба вуҷуд меояд ва мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор мегирад. Амалисозии ҳуқуқ - ин, дар ҳаёт ҷорӣ шудани ҳуқуқ, муҷассамгардии воқеии мазмуни меъёрҳои ҳуқуқиро дар фаъолияти амалии субъектонаи ҳуқуқ ва ба танзимсозии масъалаҳои нави ҳуқуқиро фаро мегирад, ки ин масъалаҳо асосан таърихи тулонӣ доранд ва ба як ҷузъи ҳастии дарку шуури халкиятҳо табдил ёфтаанд ва баъзеи онҳо ба ҳукми анъана даромадаанд. Масалан, доимо дар оила нобаробар будани мавқеи марду зан, ки дар байни мардуми тоҷик таърихи тулонӣ дорад, ки ҳуқуқи занонро ба озодӣ, баробарии гендерӣ, ҳуқуқ ба таҳсил ва касбу корро фаро

мегирад, ки ин нақши занонро дар ҷомеа коста мегардонад ва ба мавқеи сиёсӣ-ҳуқуқии давлат дар арсаи байналмилалӣ таъсирр мерасонад. Аз ин рӯ, зарурати батанзимсозӣ ва баамалбарории онҳо ба миён омада, мушкилиҳои вобаста ба вазъи нобаробарии гендерӣ кам карда мешавад. Бешубҳа вазъи мавҷуда наметавонад ба шуури ҳуқуқии аҳолии ҷумҳурӣ таъсирри манфӣ расонад ва ҳамчун омили мусоидат ба таҳкими деформатсияи шуури ҳуқуқӣ амал мекунад. Бе амалисозӣ онҳо қонунҳову санадҳои навишташуда чун коғази холӣ боқӣмемонанд ва аҳамияти хешро дар ҷомеа гум мекунанд. Агар амалисозии ҳуқуқ имконнопазир гардад ва масъалаҳои дар ин самт бавуҷудомада мавриди таҳлил ва амал қарор нагиранд, дар ин ҳолат давлат шароити мӯътадил ва тартиботи ҷамъиятиро таъмин карда наметавонад. Хушбахтона, имрӯз мо дар давлати демократию ҳуқуқбунёд қарор дорем ва ин сиёсати давлат дар ҳамон ҳолат боз ҳам устувортар мегардад, ки мақоми қонунгузор қонунҳои зарууртарин ва лозимтаринро таҳия ва қабул намояд ва барои амалигардии онҳо кушиш ба харҷ диҳанд. Ҳуқуқро шаҳрвандон бевосита ва ё ба восита амалӣ мегардонанд. Амалӣ шудани як қатор ҳуқуқҳо ёрии (дахолати) мақомоти давлатиро талаб менамояд. Аз тарафи дигар, барои амалӣ кардани ҳуқуқ шахсе бояд манфиатдор бошад, бошуурона онро дар ҳаёт ҷорӣ намояд, нисбати натиҷаҳои амалигардонии меъёрҳои ҳуқуқ ҳавасманд бошад.Аксари шаҳрвандон қонунҳоро ихтиёран риояву иҷро мекунанд. Одамон ҳуқуқро ё бо мақсади соҳиб шудан ба натиҷаҳои муфид, ё ин ки аз тарси натиҷаҳои вазнин (истифодаи ҷазои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва ғайра) амалӣ мекунанд. Вале қисми муайяни аҳоли аз риояи қонунҳо дидаю дониста саркашӣ мекунад, ҷиноят ва дигар намудҳои ҳуқуқвайронкунӣ содир мекунад ва гирифтори ҷазои ҷиноятӣ ё чораҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва интизомӣ) мегарданд. Рафтори зиддиҳуқуқии ин қобил ашхос мазмуни амалигардонии ҳуқуқро ташкил намедиҳанд. Аз ин ҷо бар меояд, ки амалигардонии ҳуқуқ ин рафтори қонунии шахс, на ин ки ҳуқуқвайронкунӣ мебошад ва ин ҳолат низ фарогири яке аз масъалаҳои ҳуқуқи инсон мебошад. Асосан дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаҳои зиёд дар ин самт ба танзим даровардa шудаанд. Масалан, масъалаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон, занон ва пиронсолон, ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳимояи судӣ, дахлнопазирии манзил, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ, ҳуқуқ ба таҳсил, манзил, меҳнат ва моликият ва дигарон. Умуман, тамоми ҳуқуқу озодиҳое, ки дар сатҳи конститутсия ва қонунҳо мустаҳкам шудаанд.(шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин дастаҷамъӣ). Имрӯзҳо барои амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҳаёт аз тарафи давлат диққати махсус дода мешавад.Дар ин самт санҷишу назорат ва нақшачорабиниҳои гуногуни ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад. Яъне, бо ёрии воситаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқие, ки ба эътидол омадан ва фармоиш додани онҳо равона шудааст. Аз ҷумла, чораҳои гуногуни маҷбуркунии ҷисмонӣ-ҳуқуқӣ гузаронида шуда, шахсони дар ин самт гунаҳгор ба ҷавобгариҳои дорои хислати ҷиноятӣ (маъмурӣ, интизомӣ ва гражданӣ) дошта, кашида мешаванд. Дар замони муосирр масъалаҳои амалисозии ҳуқуқи инсон гуногун мебошанд ва баҳри боз ҳам равшан гардонидани мазмун ва моҳияти онхо, инчунин дарки хуби мақолаи мазкур чанде аз масъалаҳои муҳимро дар ин самт мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт – масъалаи риояи ҳуқуқҳои дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқҳои дастаҷамъиро иттиҳоди одамон якҷоя амалӣ менамоянд. Барои воқеӣ гаштани онҳо хоҳишу ирода, саъю кӯшиши халқ, худшиносии одамон, изҳори озодонаи иродаи ягонаи умумӣ зарур аст. Дар айни замон ҳуқуқ ба худмуайянкунӣ дар заминаи қонун, эҳтироми ҳуқуқҳои дигарон, риояи меъёру принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ бояд истифода шавад. Амалӣ намудани ҳуқуқҳои дастаҷамъии халқ худсарона ва зидди талаботи ҳуқуқи башар сурат намегирад. Ин ҳуқуқҳо бояд тибқи талаботи ҳуқуқи башар, конститутсияҳо ва қонунҳои демократӣ амалӣ шаванд.

Дигар масъалаи муҳим дар самти амалигардонии ҳуқуқ –масъалаи умумиҷаҳонии экологӣ ва ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои экологии ҷаҳон хеле зиёданд, аз он ҷумла ифлосшавии муҳити зист аз партовҳои истеҳсолӣ (ба он партовҳои ҳастаӣ низ дохил аст), хатари истифодаи нерӯи ҳастаӣ дар истеҳсоли нерӯи барқ ва паҳншавии истеҳсоли аслиҳаи ҳастаӣ, проблемаи оби тоза, гармшавии иқлими Кураи Замин ва ғайра ба ҳисоб меравад ва баҳри пешгирии он ҳамкории дастаҷамъӣ зарур аст. Дар ҶТ низ мушкилиҳо дар ин самт ба чашм мерасанд. Аз ин рӯ, зарурати танзими онҳо ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон

ба муҳити зисти солим яке аз масъалаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаиэкология ва ҳифзи муҳити зист мавқеи калонро ишғол менамояд. Дар моддаи 44-и Конститутсия ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва моддаи 38 ҳуқуқи шахс ба ҳифзи саломатӣ инъикос гардидааст. Дар баробари ин, дар ҷумҳурӣ дар ин самт қонунҳои ҷорӣ низ нақши бориз доранд. Аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи табиат", ки дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба муҳити зисти солим ва ҳифзи табиат саҳми арзанда дорад.

Масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон яке аз масъалаҳои муҳим дар замони ҳозир дар ҷаҳон ва махсусан дар ҶТ ба ҳисоб меравад. Зӯроварӣ азобушиканҷае мебошад, ки нисбати шахс, ба муқобили шахс ва ё гурӯҳи одамон истифода шуда, ба шаъну шараф, мавқеи иҷтимоӣ ва саломатии ӯ таъсирр мерасонад. Зӯроварӣ нисбати занон хусусиятҳои хос дошта, дар шароити гуногун рух медиҳад ва ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои зан, шаъну шарафи ӯ равона мегардад. Зӯроварӣ дар ҷойҳои гуногун - дар оила, ҷои кор ва дар ҷомеа ба миён меояд. Зоҳиршавии зӯроварӣ дар ин мавридҳо, пеш аз ҳама, бо шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣва маънавии оила ва ҷомеа вобаста аст, зеро на дар ҳама маврид зан бо мард баробарҳуқуқ ҳисобида мешавад. Баҳри бартарафнамудани зӯроварӣ дар бештари мамлакатҳои ҷаҳон санадҳои қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мавриди истифодаи васеъ қарор доранд, ки ин тадбири ҳамагонӣ мавқеи занонро дар ҷомеа ва оила мустаҳкам намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро ҳифз менамояд. Аз ҷумла, дар моддаи 17-и Конститутсияи ҶТ омадааст, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Инчунин, ин масъала дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ низ мавриди танзим қарор гирифтааст.

Дар самти амалисозии ҳуқуқи инсон нақши мақомотҳои (ташкилотҳои) байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ хеле назаррас мебошад. Дар шароити ҳозира нақши ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон беш аз пеш меафзояд. Аввалан, бо ташаббуси ташкилотҳои байналмилалӣ конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳои дараҷаҳои гуногун даъват мешаванд, ки ба шарҳу эзоҳ ва тавзеҳи маънӣ ва аҳамиятнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онхо мусоидат мекунанд. Дуюм, онҳо ба муқаррар гардидану сурат гирифтани ҳамкориҳои байни давлатҳо дар масъалаи риоя ва хифзи ҳуқуқҳои инсон кӯмак мерасонанд. Сеюм, ташкилотҳои байналмилалӣ таҷрибаи пешқадаму мусбати давлатҳоро бобати таъмини ҳифзи дилхоҳи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва ғайра дар тамоми ҷаҳон паҳн месозанд. Дар миёни дигар ташкилотҳои байналмилалӣ СММ дар самти баамалбарории ҳуқуқҳои инсон нақши аввалиндараҷа дорад. Созмони Милали Муттаҳид ташкилоти байналмилалии универсалии соли 1945 бо максадҳои зерин таъсисёфта мебошад: дастгири сулҳ ва амнияти байналмилалӣ; андешидани тадбирҳои пурсамари дастаҷамъона барои пешгирӣ ва бартарафсозии таҳдидҳо ба сулҳ; бо роҳи мусолиматомез ҳал кардани баҳсҳои байналхалқӣ; рушди муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо; амалисозии ҳамкориҳо дар ҳалли проблемаҳои байналмилалии характери иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва башардӯстона дошта; дастгирӣ ва инкишоф додани эҳтиром ба ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии ҳамагон, сарфи назар аз тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забон, дин ва ғайра (моддаи 1-и Оинномаи СММ). Баробари механизмҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон механизмҳои минтақавӣ низ амал мекунанд, ки САҲА, ИДМ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Яке аз самтҳои асосии фаолияти онҳо низ маҳз эҳтиром, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. ҶТ чун узви яке созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ СММ ва созмонҳои минтақавӣ (ИДМ, САҲА ва дигарон) вазифадор аст, ки дар самти амалисозии ҳуқуқи инсон чораҳои зарурӣ андешад. Бо ин мақсад дар ҷумҳурӣ мақомотҳои гуногуни давлатӣ ташкил карда шудаанд. Аз ҷумла, ҳокимияти судӣ, ки дар амалисозии ҳуқуқи инсон таъмини баробарӣ ва адолат нақши асосӣ дорад. Дар баробари ҳокимияти судӣ дар чумҳурӣ дар самти амалисозии ҳуқуқи инсон нақши мақомотҳои ғайрисудӣ (ҳукуматӣ ё худ маъмурӣ) низ калон аст. Инҳо Президенти мамлакат ва воҳидҳои сохтории Дастгоҳи ӯ, Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва қонуният, Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунияти конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқҳои инсон, прокуратура, милитсия, адвокатура мебошанд. Яке аз мақомотҳои махсус дар ин самт - Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар ҶТ ба ҳисоб меравад, ки вазифаи асосиаш

амалисозии ҳуқукҳои инсон мебошад. Дар баробари мақомотҳои зикргардида дар замони ҳозир рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ боиси пайдоиш ва ташаккули шумораи зиёди ташкилотҳои ғайридавлатӣ гардидааст, ки онҳо дар бартарафнамоии мушкилиҳо дар самти амалисозии ҳуқукҳои инсон нақши сазовор доранд.

Ба ҳамин тариқ, амалисозии ҳуқуқ бо мақсади воқеӣ намудани меъёрҳо ва нишондодҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои конститутсионӣ марбут ба ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд, амалӣ гаштани ваколатҳои қонунии мақомоти татбиқи ҳуқуқ, таъмини амалии қонунии субъектон, таъмини мувофиқати байни мақсадҳои танзими ҳуқуқӣ ва натиҷаи ин танзим, муайян намудани моҳияти аслии меъёру нишондоди ҳуқуқӣ сурат мегирад ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд боиси пайдоиши масъалаҳо дар ин самт мегардад, ки барои ҳалли онҳо таъминоти молиявӣ, сатҳи шуури ҳуқуқӣ,фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, сатҳи омодагии касбӣ нақши ҳалкунанда дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи ҶТ. 06.11.1994 (бо тағйиру иловаҳои 22.05.2016).
2. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. 10.12.1948.
3. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. 16.12.1966
4. Сотиволдиев Р.Ш «Назарияи давлат ва ҳуқуқ » / Р.Ш.Сотиволдиев. - Душанбе, 2018.
5. Диноршоев А,Сафаров Д. Ҳуқуқи инсон.Китоби дарсӣ / А.Диноршоев. - Душанбе-2010
6. Нашриёти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият», 9.04.2011 №48-4
7. АМО ҶТ, соли 2008, №3,мод.191; соли 2011, №6, мод.453;(ҚҶТ аз 16.04.12. №811)
8. А. Имомов. Вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ / А.Имомов. - Душанбе-2013


**МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН**


Дар мақолаи мазкур аҳамият ва нақши ҳуқуқу озодиҳоиинсон ва масъалаҳои марбут ба амалишавии он дар ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёди ҶТ ва берун аз он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии чӣ давлат ва ҷомеа умуман ва чӣ ҳар як шахсияти алоҳида таъсирр мерасонад.Амалисозии ҳуқуқ раванди воқеан амалӣ гаштани талабот, нишондод ва хусусиятҳои ҳуқуқро дар фаолияти ҳуқуқии субъектони ҳуқуқ дар назар дорад. Бе амалигардонӣ, қонунҳову санадҳои навишташуда чун қоғази холӣ боқӣ мемонанд, аҳамияти хешро дар ҷомеа гум мекунанд.



**КАЛИДВОЖАҲО :**амалисозии ҳуқуқ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, давлат, Конститутсия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақомотҳои давлатӣ, субъект, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҷомеаи демократӣ, қонун ва ҳокимияти давлатӣ.


**АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВА ЧЕЛОВЕКА**


В этой статье исследуются важность и роль права и свобода человека, и вопросы, связанные с их реализацией в демократическом и правовом обществе РТ и за ее пределами. Следует отметить, что права человека - одна из важнейших ценностей мировой цивилизации. Осуществление или нарушение прав человека влияет на духовное, экономическое, социальное и политическое развитие государства и общества в целом, а также каждого человека в отдельности. Исполнение закона подразумевает процесс фактического применения требований, указаний и особенностей закона в юридической деятельности юридических лиц. Без выполнения писаные законы и документы остаются пустыми и теряют свое значение в обществе.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** реализация прав человека, свободы, государство, Конституция, нормативные правовые акты, государственные органы, субъект, правоотношения, демократическое общество, право и государственная.


**IMPORTANT ISSUES OF HUMAN RIGHTS**


This article examines the importance and role of human rights and freedoms and issues related to their implementation in the democratic and law society of the Republic of Tajikistan and beyond. It should be noted that human rights are one of the most important values of world civilization. The exercise or violation of human rights affects the spiritual, economic, social and political development of the state and society as a whole, as well as of each individual. Enforcement of the law implies the process of actual implementation of the requirements, indications and features of the law in the legal activity of legal entities. Without implementation, written laws and documents remain blank and lose their significance in society.



**KEYWORDS:** implementation of human rights, freedoms, state, Constitution, normative legal acts, state bodies, subject, legal relations, democratic society, law and state power.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Бобоева Назирамоҳ*** **–** н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисави факултети ҳуқуқшиноси ДМТ. Телефон : **+992 552556008**

***Халилова Майгуна Зикруллоевна*** **–** магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Сведение об авторах:** ***Бобоева Назирамох*** - кандидат юридических наук, доцент кафедры права человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ. Телефон : **+992 552556008**
***Халилова Майгуна Зикруллоевна*** - магистр 2-го курса юридического факультета ТНУ.

**Information about the authors:** ***Boboeva Naziramoh*** - Candidate of Law, Associate Professor of Human Rights and Comparative Law, Faculty of Law, TNU. Phone: **+992 552556008**
***Khalilova Maiguna Zikrulloevna*** **– second-year m**aster`s student of Faculty of Law of TNU.

# НАҚШИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРИИ КИШВАР

***Рустамзода У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 сентябри соли 1991, №392 дорои истиқлолияти воқеӣ ва комил гардид, ки ин дастоварди муқаддастарин ва бузургтарини таърихи навини халқи Тоҷикистон мебошад. Дар арафаи таъсисёбӣ ва солҳои аввали мавҷудияти давлати навини Тоҷикистон мақомоти давлатии собиқ ҶШС Тоҷикистон дар як вақт вазифаҳои давлати соҳибихтиёриро иҷро намуда, баробари он ислоҳотҳо дар худи ин мақомоти давлатӣ гузаронида мешуд, ки мақоми олии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин раванд дар канор намонда буд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки таъсиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми қонунгузор қабл аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз соли 1990 инҷониб оғоз ёфта, то соли 2000 ду давраи рушдро паси сар намудааст. Якум, давраи «Парлумони давлатӣ» ё «Ғайрикасбӣ» буд, ки аз соли 1990 оғоз ёфта, то соли 1995 идома дошт ва қабули аввалин ҳуҷҷати расмии истиқлолияти кишвар ба фаъолияти ҳамин парламент рост омадааст [2].

Сарфи назар аз он ки ин даъвати Парлумон қабл аз эълони истиқлолият оғоз шудааст, шакли фаъолияташ ғайрикасбӣ буд, нақши он дар баробари таҳияи заминаҳои ҳуқуқии Истиқлолияти давлатӣ дар расидан ба Ваҳдати миллӣ ва раванди шаклгирии давлатдории навини тоҷикон ниҳоят бузург ва таърихист. Лозим ба зикр аст, ки паси сар намудани ин ду давра аз пешрафти ҳаёти ҷомеа ва ба талаботи давру замон мувофиқ гардонидани муқаррароту меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ сарчашма гирифтааст. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва гузаштаи таърихи башарият бармеояд, ки падидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои ҳуқуқӣ вобаста ба эҳтиёҷоти ҷомеа амалӣ гашта, барои таъмини ҳадафҳои тараққиёт дар марҳилаи мушаххаси вақт поя ва асоси мустаҳками ҳуқуқӣ замина мегузоранд.

Аз соли 1994 то инҷониб ворид гардидани се маротиба тағйиру иловаҳо, яъне 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишварамон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста, дар рушду такомули давлату давлатдории миллӣ нақши бориз гузошт.

Дар ин давра, тағйироту иловаҳои ҷиддӣ вобаста ба ташкилу фаъолияти парлумони ҷадид боби сеюми Конститутсияи кишвар дохил карда шуда, моҳиятан он дар таҳрири нав қабул карда шуда, вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи нави мувофиқа ба моддаи 9 Конститутсия дигаргун сохт. Аввалин бор дар боби 3 моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ – парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардид. Дар ин асос Маҷлиси Олӣ мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори ҷумҳурӣ дониста шуда, таркиби думаҷлисаи (дупалатагии) он муқаррар карда шуд. Маҷлиси Олӣ аз Маҷлиси миллӣ – палатаи намояндагии минтақаҳо ва ҳокимияти иҷроия, Маҷлиси намояндагон – палатаи касбӣ иборат гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: «Таъсис ёфтани парламенти

думаҷлиса дар сохтори давлатдории мо дигаргунии бунёдӣ мебошад ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ имрӯз ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузори кишварамон табдил ёфтааст. Зеро мутобиқи Конститутсия аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ гардидани қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон кафолати муҳими қабули қонунҳои мукаммал, босифат ва ҷавобгӯ ба манфиати мардум мебошад [1].

Мутобиқ ба тағйироти охирини Конститутсияи кишвар санаи 22 майи соли 2016 «Узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ё таъин шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад».

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон баъди интихоб ё таъин шудан дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.

Шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоб ё таъин гардидани онҳоро қонуни конститутсионӣ муайян менамояд [3].

Ҳамаи ин тағйиротҳо ба рушди минбаъдаи қонунгузории конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини шароити арзанда дар ҳаёти ҷомеаи навину демократии шаҳрвандони кишварамон нақши созгор гузошт.

Ғайр аз ин, тағйиру иловаҳои воридгардида ба мукаммал гардидани меъёрҳои Конститутсияи мамлакат равона гардида, ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва стандартҳои байналмилалӣ ҳамрадиф буда, қадами таърихии санҷидашудаи ҳуқуқист, ки ҳадафи он дифоъ аз манфиатҳои халқ ва давлати Тоҷикистон мебошад. Зарурияти қабули тағйиру иловаҳоро як қатор олимону коршиносони кишвар иқдоми неки пайгирона хонда, тағйироти пешниҳодшударо ба рушди бемайлони соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, равандҳои демократисозии ҳаёти ҷомеа, ҳуқуқу озодиҳои инсон, кафолати риояву ҳифзи онҳо рабт намудаанд [4].

Агар ба ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олӣ назар афканем, он бо Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» танзим гардида, боби 3 моддаҳои 17-33 - и ҳамин қонун пурра фаъолияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Тибқи муқаррароти қонуни конститутсионии мазкур фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ буда, дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як моҳи баъди интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ даъват мекунад. Иҷлосияи Маҷлиси миллиро Раиси Маҷлиси миллӣ соле на камтар аз чор маротиба даъват менамояд.

Мақоми ҳамоҳангсоз ва ҳисоботдиҳандаи Маҷлиси миллӣ Шӯрои Маҷлиси миллӣ мебошад. Ба ҳайати Шӯрои Маҷлиси миллӣ Раиси Маҷлиси миллӣ, муовини якум ва муовинони ӯ, раисони кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллӣ дохил мешаванд. Шӯрои Маҷлиси миллӣ дар доираи салоҳияти худ қарор қабул мекунад [5].

Мутобиқи талаботи моддаи 29 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маҷлиси миллӣ кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори худро таъсис медиҳад. Номгӯй ва ҳайати кумитаҳо ва комиссияҳоро Маҷлиси миллӣ бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси миллӣ муайян мекунад. Узви Маҷлиси миллӣ метавонад узви танҳо як кумита бошад. Ҳангоми ташкилдиҳии ҳайати онҳо розигии узви Маҷлиси миллӣ ба назар гирифта мешавад. Ба ҳайати кумита ва комиссия Раиси Маҷлиси миллӣ ва муовинони ӯ интихоб шуда наметавонанд. Кумита ва комиссияҳоро Маҷлиси миллӣ дар ҳайати раисон ва аъзои кумитаҳо ва комиссияҳо интихоб мекунад.

Раисони кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллӣ ба муҳлати салоҳияташон бо пешниҳоди Раиси Маҷлиси миллӣ бо овоздиҳии кушод бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ интихоб мешаванд.

Кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллӣ бо пешниҳоди раисони кумитаҳо ва комиссияҳо муовинони раиси кумитаҳо ва комиссияҳоро интихоб мекунанд. Салоҳияти кумитаҳо ва комиссиҳои Маҷлиси миллӣ, тартиби фаъолияти онҳо бо Дастури Маҷлиси миллӣ муайян карда мешаванд [5]. Дастури Маҷлиси миллӣ бо қарори Маҷлиси миллӣ аз 10 ноябри соли 2000 қабул карда шудааст.

Тибқи муқаррароти меъёрҳои Дастури мазкур, Кумитаҳо ва комиссияҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистондар доираи фаъолияти худ корҳои зеринро анҷом медиҳанд:

а) қонунҳо ва дигар санадҳоеро, ки ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, бо супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешакӣ баррасӣ менамоянд;

б) ба қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳо хулоса медиҳанд;

в) назорати иҷрои қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд;

г) ташкил ва гузаронидани муҳокимаҳои парламентиро таъмин менамоянд;

д) муовинони раисони кумитаҳо, комиссияҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб менамоянд;

е) арзу шикоят ва мурочиати шаҳрвандонро баррасӣ менамоянд;

ё) ба санадҳои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ ва дигар созмонҳои парламентии байналмилалӣ таклифу пешниҳодҳо менамоянд;

ж) ваколатҳои дигареро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо ва ҳамин Дастур муқаррар намудаанд, амалӣ мегардонанд [7].

Фаъолияти Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бошад Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дастури Маҷлиси миллӣ ва Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2001, №223 тасдиқ карда шудааст, танзим менамояд.

Дар Низомномаи мазкур қоидаҳои умумӣ, вазифаҳои асосии Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ, сохтори Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ, вазифа ва уҳдадориҳои роҳбарияти Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ, котиботи назди роҳбарияти Маҷлиси миллӣ, шуъбаҳо, ҳуқуқу вазифаҳои кормандони Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва ғайра пешбинӣ гардидааст. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Маҷлиси миллиро бошад Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо ва санадҳои қонунгузорӣ, Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ташкил менамоянд [6].

Маҷлиси миллӣ аз 33 аъзо иборат буда, 25 нафари он ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) дар асоси намояндагии баробар бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб ва 8 нафари боқимонда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мегарданд. Ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад. Дар ҳолате, ки ӯ аз истифодаи ин ҳуқуқ даст накашад [7].

Тибқи моддаи 19 Қонуни конститутсионии мазкур Маҷлиси миллӣ дар доираи салоҳияташ фаъолияти зеринро амалӣ менамояд:

1. Таъсис, барҳам додан ва тағйир додани сарҳади воҳидҳои марзиву маъмурӣ, муқаррар намудан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, мансуб донистан ва тағйир додани мансубияти маҳалҳои аҳолинишин ба категорияи шаҳр, шаҳрак ва деҳа, номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин;

2. Интихоб ва бозхонди раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовини якум, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

4. Ризоият барои таъйин ва озод намудани Прокурори генералӣ, муовини якум ва муовинони ӯ;

5. Интихоби Намояндаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси миллӣ аз рӯи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарорҳои Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад. Иҷрои қарорҳои Маҷлиси миллӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ аст.

Маҷлиси миллӣ соле як маротиба ё аз рӯи зарурат ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҳолати назорат ба иҷрои дақиқ ва яхкелаи қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мешунавад ва аз рӯи он санади дахлдор қабул менамояд.

Маҷлиси миллӣ қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳоро дар сурати ба Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани онҳо бекор мекунад ва ҳуқуқ дорад маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳоро дар сурати Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мунтазам иҷро накардани онҳо пароканда кунад. Бояд зикр намуд, ки қонунэҷодкунӣ яке аз намудҳои асосии ҳуқуқэҷодкунист, ки раванди он якчанд давраҳо, аз он ҷумла омӯзишу таҳлили муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муайянсозии зарурати таҳия ва қабули қонунро тақозо дорад. Аз ҳамин лиҳоз ва ба хотири тарғиби мазмуну муҳтавои қонунҳои ҷонибдоригардида аъзои Маҷлиси миллӣ, ки худ тибқи вазъ ҳамчун шахси сиёсӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравaнд, бо қишрҳои мухталифи аҳли ҷомеа пайваста вохӯриву суҳбатҳо баргузор менамоянд. Чунин амал аз ҳамбастагӣ ба ягонагии халқ ва парламент, робитаи ногусастании аъзои Маҷлиси миллӣ бо аҳли ҷомеа ва институтҳои шаҳрвандӣ шаҳодат дода, бе муболиға барои рушди минбаъдаи кишвар, такомули институтҳои ҷамъиятӣ шаҳрвандӣ ва масъулияти ҳар яки онҳо мусоидат менамояд.

Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар чандин сол аст, ки ҳамчун институти нави муайянкунандаи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ба унвони мақоми олии қонунгузор ироа мегардад. Он ҳуҷҷати сиёсӣ – барномавиест, ки на танҳо ҳолати феълӣ, балки роҳҳо ва стратегияҳои муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, аз ҷумла ҳамкории байналмилалии мамлакатро аз нуқтаи назари Сарвари давлат муайян менамояд. Ҳадафҳое, ки аз Паём бармеоянд, тавассути таҳияву татбиқи чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҷомаи амал мепӯшанд, ки дар он масъулияти аввалро мақомоти давлатӣ – аз маҳал то марказ ба дӯш доранд. Дар яке аз Паёмҳои Пешвои миллат таъкид гардидааст: «Қонун бояд дар навбати аввал инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд, яъне барои зиндагии хубу шоистаи афроди ҷомеа, фаъолияти пурсамари ташкилоту корхонаҳои давлативу ғайридавлатӣ, соҳибкорону тоҷирон, пешрафти иқтисодиёти кишвар, сулҳу субот, оромии сиёсӣ шароити мусоид фароҳам орад ва самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро ҳаматарафа танзим намояд» [8].

Дар робита ба ин, Маҷлиси миллӣ ҳамчун мақоми давлатӣ ва ҷузъи таркибии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро дар асоси принсипи боздорӣ ва муқовимати байни рукнҳои давлат амалӣ мегардонад, дар татбиқи Паём, тақвияти бақои сохти давлатдорӣ, таҳкими давлати соҳибихтиёр, демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ, иҷтимоию ягона, таъмини волоияти қонун, тавсеаи ҷаҳонбинии ҳуқуқии аҳолӣ саҳми басо муҳим дорад.

Аъзои Маҷлиси миллӣ дар вохӯриву суҳбатҳо бо мардуми кишвар дар баробари тарғиби нуктаҳои асосии Паём, мазмуну моҳият ва муҳтавои он оид ба қонунҳои қабулшуда, зарурати қабули қонунҳои нав, гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ суханронӣ намуда, дар як вақт тавассути баргузории саволу ҷавобҳо аз ҳолати риоя ва татбиқи яхкелаи қонунҳо бохабар гашта, барои такмили қонунгузории амалкунанда кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Хулоса, дар шароити ташаккулу инкишофи давлати ҳуқуқбунёд нуфуз ва нақши баланди мақомоти олии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ – парламенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар мебошад ва фаъолият худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Дар байни дигар мақомоти давлатӣ Маҷлиси миллӣ мавқеи муайян дошта, дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, рушди падидаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқи кишвар, пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа нақши арзишманд дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум 20.04.2015 сол.
2. Нашрияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон – Минбари халқ 15.06.2016 сол, №24 (1056).
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 06.11.1994 (бо тағйироту иловаҳои минбаъда).
4. Нақши Конститутсия дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014.
5. Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2000.
6. Низомномаи Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2001.
7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 20.01.2016.


**НАҚШИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРИИ КИШВАР**


Дар мақолаи мазкур марҳилаҳои барқарорсозии парламенти кишвар таҳлил шуда, саҳми мақомоти олии давлатӣ, махсусан Маҷлиси миллӣ дар инкишоф ва мукаммалгардии қонунгузорӣ ҳамчун дастоварди асосии давлатӣ баён карда шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Парлумон, истиқлолияти давлатӣ, эътимод, қонунгузорӣ.


**РОЛЬ МАДЖЛИСИ МИЛЛИ МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТРАНЫ**


В статье анализируются этапы восстановления парламента страны и подчеркивается вклад высших государственных органов, особенно Маджлиси милли, в развитие и совершенствование законодательства как важнейшее государственное достижение.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: Парламент, государственная независимость, доверие, законодательство.**


**ROLE OF THE MAJLISI MILLI OF THE MAJLISI OLI OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE LEGISLATIVE ACTIVITY OF THE COUNTRY**


The article analyzes the stages of the restoration of the country's parliament and emphasizes the contribution of the highest state bodies, especially the Majlisi Milli, to the development and improvement of legislation as the most important state achievement.



**KEYWORDS:** Parliament, State independence, confident, legislation.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамзода Умед Ҳакимхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Рустамзода Умед Хакимхон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author:** ***Rustamzoda Umed Hakimkhon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.



**УДК: 345.432**


## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО: ҶАНБАҲОИ МУРОФИАВӢ ВА КРИМИНАЛИСТӢ


***Содиқзода А. А.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Истифодаи воситаҳои техникӣ дар таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо яке аз самтҳои муҳими техникӣ - криминалистӣ барои ошкор, тафтиш ва ҷамоварии далелҳо буда, аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ амалӣ карда мешавад. Новобаста аз ин, барои фароҳам овардани шароит ва омодагии доимӣ ба истифодаи усулҳо равона карда шуда,

воситаҳои ташхиси судӣ ва техникаи дигар, инчунин иҷрои ин шартҳо дар ҳар як ҳолати мушаххаси ошкор ва тафтиши ҷиноят нақши муҳим дорад.

Тавре ки ба мо маълум аст, бори аввал дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи фаҳмиши дастгирии техникӣ ва криминалистии ошкор ва тафтиши ҷиноят муаллифон А.Ф. Волынский ва В.П. Лавров андешаронӣ намудаанд [5, с. 126]. Асоси фаврии ҳуқуқии истифодаи воситаҳои илмӣ, техникӣ ва криминалистӣ ҳангоми муайян, ошкор ва тафтиш меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, қонунҳо ва қоидаҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва ғайра мебошанд. Мутаассифона, на ҳама муқаррароти меъёрҳои танзимкунандаи истеҳсоли амалҳои тафтишотӣ, судӣ ва дигар мурофиавӣ, инчунин чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар ҷараёни мурофиаи судии ҷиноятӣ гузаронида мешаванд, тартиб ва шартҳои истифодаи илмӣ-техникӣ ё воситаҳои техникиро муайян мекунанд. Масалан, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия” [2] аз 17 майи соли 2004, қонун милитсияро барои истифодаи дастовардҳои илм ва техника, технологияҳои муосирр, инчунин системаҳои иттилоотӣ, аз қабили шабакаҳои коммуникатсионӣ, варақаҳои электронӣ таъин мекунад, барои қабул ва бақайдгирии ҳуҷҷатҳо, маънои сабти аудио, акс ва видео, ҳангоми ҳуҷҷатгузорӣ кардани ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳолатҳои ҳодисаҳо, истифодаи системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотӣ, ваколатдор менамояд. Тибқи Қонуни зикршуда, тартиб ва шартҳои истифодаи ин воситаҳои техникӣ мавҷуд нест. Ҳолати ба ин монанд тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”, ки рӯйхати чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро танзим мекунад, ба назар мерасад. Чуноне, ки дар қонуни зикргардида омадааст: “Дар ҷараёни чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, системаҳои иттилоотӣ, сабти видео ва аудио, филм ва аксбардорӣ, инчунин дигар воситаҳои техникӣ ва дигар воситаҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон ва ба муҳит зарар намерасонанд, истифода мешавад” [3].

Мисоли дигар ин дастур оид ба тартиби гузаронидани чорабинии оперативи ҷустуҷӯии аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мебошад: таҳқиқи ҳуҷра, бино, иншоот, қитъаҳои замин ва нақлиёт, ки бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шудааст. Ба кормандоне, ки ҳангоми кофтуков ва ёфта гирифтани ҳуҷҷатҳо, ашё, мавод, стенография, аксбардорӣ, наворбардорӣ, сабти садо ва видео истифода мебаранд, дастур дода шудааст, ки бояд ба протокол замима карда шаванд.

Мутаассифона, ин тавзеҳот нопурра аст. Дар мундариҷаи дастур шартҳо ва тартиби истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ, техникӣ ва криминалистӣ барои ошкор, муайян, мусодира, бастабандӣ, ҳамлу нақл ва нигоҳдории ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки баъдан онҳоро метавон ҳамчун мавод эътироф карда, мавҷуд набошад. Чунин муқаррарот дар дастур оид ба тартиби пешниҳоди натиҷаҳои амалиёти ҷустуҷӯии фаврӣ ба мақомоти тафтишот, муфаттиш ё суд, ки бо фармони ВКД эълон шудааст, мавҷуд аст. Мӯҳтавои мукаммалтарини шартҳо ва тартиби истифодаи воситаҳои илмӣ-техникӣ, техникӣ ва криминалистӣ дар меъёрҳои қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алахусус, дар мурофиаи судӣ пешниҳод карда шудааст. Аслан, асоси ҳуқуқии истифодаи воситаҳои техникӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳоро Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ”, санадҳои дохилиидоравии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Дар тафтишӣ пешакӣ, чун қоида, шахсони мансабдор (муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишӣ, криминалист)-и мақомоти тафтиши пешакӣ ва мақомоти таҳқиқ (таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ) ҳангоми гирифтани гузориш дар бораи ҷиноят мутобиқи моддаи 140 Кодекси мурофиавии ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, онҳо амалҳои фаврии мурофиавӣ (тафтишӣ)-ро анҷом медиҳанд. Чунин амалҳои мурофиавӣ бо истифодаи воситаҳои техникӣ метавонанд инҳо бошанд: гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ҳуҷҷатҳо, ашё, ҷасадҳо, ташхиси ҳуҷҷатҳо, ашё, ҷасадҳо ва ғайра [1].

Табиист, ки дар истеҳсоли чунин амалҳо қонун иҷозат медиҳад, ки мутахассисон (муфаттиш-криминалист, техник-криминалист, мутахассис-криминалист, дигар мутахассисоне, ки дар соҳаи технология, санъат дониши махсус доранд, ҷалб карда шаванд)

масъалаҳое, ки ҳангоми ҷамъоварӣ, таҳқиқ, арзёбӣ ва истифодаи иттилооти судӣ ба миён омадаанд. Мутаассифона, қонунгузор дар ин модда истифодаи имконпазири воситаҳои техникиро ҳангоми истеҳсоли амалҳои мурофиавӣ дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ зикр намекунад. Зоҳиран қонунгузор чунин мешуморад, ки худи мутахассис бояд тахмин кунад, ки дар чунин ҳолатҳо кадом воситаҳои техникиро истифода бояд бурд.

Ҳамзамон, ҳангоми нигаҳдории далелҳои шайъӣ мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, далелҳои шайъӣ аксбардорӣ карда мешаванд ё дар видео сабт карда мешаванд, агар имконпазир бошад, мӯҳр гузошта мешавад. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтишотӣ) муқаррар менамояд: «ҳангоми истеҳсоли амалҳои тафтишӣ, техникӣ воситаҳо ва усулҳои ошкор, муайян ва мусодираи осори ҷиноят ва далелҳои шайъӣ.

Инчунин, муфаттиш ҳамаи иштирокчиёнро дар бораи истифодаи воситаҳои техникӣ, маълумоти техникӣ ҳушдор медиҳад ва дар ҷараёни истифодаи онҳо барои иштирокчиён ҳеҷ гуна хатар ба ҳаёт ва саломатӣ эҷод карда намешавад. Илова бар ин, Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муфаттиш, ёрдамчӣ ҳангоми тартиб додани протокол ҳуқуқи истифодаи воситаҳои техникӣ ва истифодаи воситаҳои аксбардорӣ, наворбардорӣ, сабти садо ва видео, фармоиш ва чопи дастурҳоро медиҳад. Дар худи ҳамон мақола, инчунин муқаррар карда шудааст, ки иштирокчиёни амалиёти тафтишӣ бо хусусиятҳои техникии воситаҳои техникӣ шинос карда шаванд ва он барои ҳаёт ва саломатӣ бояд бехатар бошад. Аён аст, ки қонунгузор бо назардошти муқаррароти Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мешуморад, ки ҳангоми истеҳсоли ҳама гуна амали тафтишӣ (мурофиавӣ) дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ ва бо назардошти ҳолатҳои мавҷуда, дар ҳолатҳои тафтишӣ ва дигар ҳолатҳо аз ҳар гуна воситаҳои техникӣ, ки барои ҳаёт ва саломатии иштирокчиён хатарнок нестанд, истифода барад. Табиист, ки воситаҳои техникӣ, криминалистӣ ва дигар воситаҳои истифодашаванда бояд ба принсипҳои зерини қобили қабул мувофиқат кунанд: эътибори илмӣ; амният; ахлоқ; мақсаднокӣ; самаранокӣ; ва сарфакорӣ. Натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо бояд барои қабули яке аз қарорҳои мурофиавии дар модда пешбинишуда кофӣ, мувофиқ, қобили қабул ва боэътимод бошанд, талаботи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати оғози парвандаи ҷиноӣ ва ҳалли парвандаи ҷиноятӣ.

Қаблан мувофиқа карда шуда буд, ки дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноӣ бо мақсади ошкор ва ислоҳ кардани осори ҷиноят бо истифода аз воситаҳои техникӣ, амалҳои мурофиавӣ (фаврии тафтишӣ), аз қабили азназаргузаронии ҷои ҳодиса, ашё ва ҳуҷҷатҳо анҷом дода мешаванд. Масалан, ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса, вобаста аз ҷинояти содиршуда, воситаҳои зерини техникиро истифода бурдан мумкин аст: ҷомадони тафтишӣ, маҷмӯаи оташнишонӣ-техникӣ, лавҳаҳои гуногуни криминалистӣ барои ташхиси ашёи калонҳаҷм, изи ангуштҳо ва кафи дастҳо, изҳои пой, пойафзол ва шинаҳои нақлиёт, камераҳои рақамӣ, камераҳои видеоӣ, сабти овоз, зондҳои гуногун ва детекторҳои мина, лифти магнитӣ, дастгоҳҳои голографии акустикӣ, дастгоҳҳои ҷойгиршавии садо, дастгоҳҳои диди шабона ва дастгоҳҳои мавҷҳои радио, детекторҳои камбудиҳо, ҳароратҳои гуногун тасвиркунандагон ва ғ. Масалан, ҳангоми азназаргузаронии ҷойи васлкунандаи тарканда василаҳои махсуси техникии тадқиқот, аз қабили флюороскопия, детекторҳои газ ва стетоскопҳо истифода мешаванд. Ҳангоми баррасӣ ва таҳқиқи ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар баробари воситаҳои техникии анъанавӣ, аз нармафзор ва сахтафзор истифода бурдан лозим аст. Барои ҷустуҷӯи маводи мухаддир як дастгоҳи рентгении сайёр (стационарӣ) бо тасвири бисёрсоҳаи томографӣ, гази хроматограф-детектор бо ионизатсияи сатҳӣ ва дигар воситаҳои техникӣ бо истифода аз спектрометр дар асоси ионҳои сайёр гузаронида мешавад. Барои таҳқиқоти пешакии доруҳо, иммунодетектори сайёри баландҳассос, политест, наркотест, наркотик, гази хроматографии силсилавӣ истифода бурда мешавад. Ҳамин дастгоҳҳо ва дигар дастгоҳҳои дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истеҳсолшуда низ дар таҳқиқоти экспертизаи лабораторӣ ҳамчун судяи илмӣ истифода мешаванд. Ҳангоми муайян ва санҷиши изи ангуштҳо онҳо чун қоида, аз камераи рақамӣ ва видеокамера, диктофон, системаи

автоматикунонидашудаи компютерии “Папилон” барои ба даст овардани осори дастҳо, хокаҳои гуногуни изи ангушт ва молаи магнитӣ истифода мебаранд. Баъзе усулҳо ва воситаҳои техникӣ ва криминалистии муайян кардани истеҳсол, сохтакории пулҳои коғазӣ ва ҳуҷҷатҳо мавҷуданд. Инҳо микроскопия, таҳлили люминессенсия, табдилдиҳандаи электронӣ-оптикӣ ва усулҳои дигар мебошанд. Воситаҳои дарёфт кардани пулҳои қалбакӣ ва ҳуҷҷатҳо лупаи махсуси судӣ бо равшанӣ, хокаҳои гуногуни маъмулӣ мебошанд; графит, сиёҳи карбон, оксиди руҳ ва магнитӣ (ёқут, сафир, агат). Дар ин ҳолат, бояд чун бухорҳои йод ё реактиви нуқраи кислотаи азот ва ғайра истифода бурд, дар марҳилаи аввали тафтиш, амалҳои тафтишии кофтуковӣ гузаронида мешаванд (пурсиши гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, шоҳид, мутахассис ва коршинос,ноболиғ; ташхис; кофтуков ва мусодира; назорат ва сабти музокирот, гирифтани маълумот дар бораи пайвастшавӣ байни муштариён ва (ё) дастгоҳҳои муштарӣ) [4, с. 260].

Масалан, бозпурсӣ аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, аммо мазмуни моддаҳо имконияти истифодаи воситаҳои техникиро дар бар намегирад ва танзим намекунад. Ҳамзамон, тибқи қоидаҳои умумии бозпурсӣ муфаттиш бо ташаббуси худ, инчунин бо дархости шахси пурсишшаванда метавонад акс, сабти аудио ва (ё) видео гирад. Мувофиқи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозпурсии шоҳид дар суд бо қарори суд метавонад бо истифода аз системаҳои видеоконфронс сурат гирад. Аён аст, ки бо чунин муносибат қонунгузор аз муфаттиш истифодаи воситаҳои гуногуни техникиро талаб мекунад, ки дар таҷрибаи тафтишӣ маълуманд. Амалияи криминалистӣ истифодаи технологияи компютериро (Face Reader) барои шинохти эҳсосоти равонӣ тавассути ифодаҳои рӯй, ки бо ёрии сабтҳои оддӣ, вале баландсифати видеоӣ ба даст овардаанд, медонад. Ғайр аз он, барои омӯзиши ҳолати психологӣ ва эмотсионалии шахси пурсидашуда пурсиш бо истифодаи полиграф гузаронида мешавад (шаҳодати пурсидашаванда бояд ҳамчун роҳнамо истифода шавад). Дар маҳал, пешниҳод барои шиносоӣ). Маълум аст, ки маъмулан дар таҷрибаи тафтишӣ ҳангоми гузаронидани кофтуков, мусодира, рӯбарӯкунӣ, тафтиши нишондодҳо дар маҳал, ҳангоми пешниҳоди шиносоӣ ва дигар амалҳои тафтишӣ камера, аудио-видео, диктофон асосан истифода мешаванд, ки ба таври равшан кофӣ нест.

Гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳад изҳори ақида кунем, ки мавҷуд набудани истинод дар муқаррароти меъёрҳо имкон медиҳад, ки амали тафтишӣ ё дигар амалиёт оид ба имконияти истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ ба муфаттиш, корманди бозпурсӣ иҷозат дода нашавад гирифтани маълумоте, ки бевосита ба парванда алоқаманд аст, ҳамчун иттилооти далелӣ ба даст орад ва захира кунад. Дар ин робита, пешниҳод менамоем, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни зеринро бояд дар бар гирад: “Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ, муфаттиш, корманди бозпурсӣ ҳуқуқ доранд, ки воситаҳои техникии ошкор кардан, муайян, мустаҳкам, мусодира ва нигоҳ доштани нишонаҳои ҷиноятро истифода баранд.”

Қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун манбаи мустақили иттилооти далелҳо (иттилооти дорои аҳамияти судӣ) оид ба парванда бо истифода аз воситаҳои техникӣ ба даст оварда нашудааст. Дар ин робита, мувофиқа ва дастгирии андешаи И.В. Казначей варианти такмилёфтаро дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод менамояд [6, с. 17] (Қоидаҳои умумӣ, шартҳо ва тартиби истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҷамъоварии далелҳо).

Ба андешаи муаллиф, мундариҷаи мақола ба мо имкон медиҳад, ки нуқтаи назарро оид ба мушкилоте, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ мавҷуданд, дар робита бо истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, алоқа ва системаи ҷаҳонии наворгирӣ, бознигарӣ кунем. Муаллиф андешаҳои баёншударо чораи охирин ҳисоб намекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 [// Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия” аз 17 майи соли 2004 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ” аз 25 марти соли 2011 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.09.2021).
4. Белкин Р.С. Криминалистическая энциклопедия.-М.:Мегатрон XX1.-2-е изд.доп.-С.260.
5. Криминалистика: Учебник для вузов/А.Ф.Волынский, Т.В. Аверьянова, И.Л. Александрова и др.; Под ред.проф.А.Ф.Волынского-М.:1999.С.6468.;Криминалистическое обеспечение раскрытия и расследования корыстнонасильственных :Спецкурс лекций: Под ред. Проф.В.П.Лаврова,М.: 2003.-126.
6. Казначей И.В. Использование технических средств коммуникации в уголовном судопроизводстве (пути совершенствования): автореф. дисс….канд. юрид. наук, Волгоград, 2015-С.17

## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО: ҶАНБАҲОИ МУРОФИАВӢ ВА КРИМИНАЛИСТӢ

Дар ин мақолаи илмӣ муаллиф андешаҳои олимони криминалистӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудбударо оид ба дастгирии техникӣ ва кримналистии ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо таҳлил менамояд. Ҳамчунин ӯ кушиш намудааст бо истифода аз адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ мазмуну муҳтавои масъалаи мазкурро муайян намояд. Мазмуни мақолаи илмии пешниҳодшуда ба мо имкон медиҳад, ки вазъи кунунии истифодаи воситаҳои техникӣ, криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникиро дар мурофиаи ҷиноятӣ бознигарӣ кунем. Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтиши воситаҳои техникӣ усули хуби бадастоварии далелҳост. Дар баробари ин муаллиф воситаҳои муосирри техникии криминалистиро дар маводи мазкур омӯзиш қарор додааст. Табиист, ки воситаҳои техникӣ, криминалистӣ ва дигар воситаҳои истифодашаванда бояд ба принсипҳои зерини қобили қабул мувофиқат кунанд: эътибори илмӣ; амният; ахлоқ; мақсаднокӣ; самаранокӣ; ва сарфакорӣ. Натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи воситаҳои техникӣ ва криминалистӣ дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо бояд барои қабули яке аз қарорҳои мурофиавии дар модда пешбинишуда кофӣ, мувофиқ, қобили қабул ва боэътимод бошанд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** воситаҳои техникӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, парвандаи ҷиноятӣ, таҷҳизоти махсус, заминаи ҳуқуқи, криминалистика, мутобиқшавӣ.

## ПРАВОВАЯ ОСНОВА ПРИМЕНЕНИЯ ТЕХНИЧЕСКИХ МЕР В УГОЛОВНОМ РАССЛЕДОВАНИИ: ПРОЦЕССУАЛЬНЫЕ И УГОЛОВНЫЕ АСПЕКТЫ

В научной статье автор анализирует существующие в юридической литературе мнения ученых криминалистов касаемо техникокриминалистического обеспечения раскрытия и расследования преступлений. Он также попытался определить содержание вопроса, используя научную литературу и законодательство. Содержание представленной научной статьи позволяет переосмыслить современное состояния использования технико-криминалистических и иных технических средств в уголовном судопроизводстве. Это хороший метод получения доказательств при проведении технических проверок. В то же время на этом материале автор изучил современные методы криминалистики. Естественно, используемые технические, судебные и другие средства должны соответствовать следующим приемлемым принципам: научная репутация; безопасность; мораль; целеустремленность; эффективность; и экономия. Результаты, полученные с использованием технических и криминалистических средств, наряду с другими доказательствами, должны быть достаточными, уместными, приемлемыми и достоверными для принятия одного из процессуальных решений, предусмотренных статьей.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: технические средства; уголовное судопроизводство; уголовное дело; специальная техника; приспособление; правовые основы; криминалистика.

## LEGAL BASIS FOR APPLICATION OF TECHNICAL MEASURES IN CRIMINAL INVESTIGATION: PROCEDURE AND CRIME

The author of the article analyzes the opinions of criminal scientists in the legal literature regarding technical and criminalistic support for the detection and investigation of crimes. He also tried to determine the content of the question using scientific literature and legislation. The content of the given scientific article allows us to rethink the current state of the use of technical and criminalistic and other means in criminal proceedings. It is a good method of obtaining evidence when conducting technical verification operations. At the same time, the author has studied modern forensic techniques in this material. Naturally, the technical, judicial and other means used must comply with the following acceptable principles: scientific reputation; security; morality; purposefulness; efficiency; and savings. The results obtained using technical and forensic means, along with other evidence, must be sufficient, relevant, acceptable and reliable to make one of the procedural decisions provided for in the article. Forensic techniques provide a good basis for crime detection and prosecution.

**KEYWORDS**: technical means, criminal proceedings, criminal case, appliance, special equipment, legal basis, criminalistics

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Содиқзода Аъзамҷон Абдусами*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми кафедраи криминалистика ва экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992) 904-64-70-00.** E-mail: **azamjon-1998@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Содикзода Аъзамджон Абдусами*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры криминалистики и судебной экспертизы юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992) 904-64-70-00.** E-mail: **azamjon-1998@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sodiqzoda Azamjon Abdusami*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Rudaki, 17. Telephone **(+992) 904-64-70-00.** E-mail: **azamjon-1998@mail.ru**

# ОТРАСЛЬ ПРАВА КАК ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ ПРАВА

***Муминзода М.Н.***
**Таджикский национальный университет**

Прочтение литературы свидетельствует, что современное состояние учения об отрасли права наполнено двумя категориями проблем. С одной стороны, дают о себе знать старые проблемы. В их числе учение о делении права на частное и публичное, обоснование предмета и метода правового регулирования в качестве основополагающих критериев различения отраслей права, их видовая характеристика, установление общих и специальных признаков и др.

С другой стороны, плюрализм подходов к правопониманию в целом, ставший возможным в условиях современного реформирования государства и права, качественные изменения всей системы общественных отношений, происходящие в Таджикистане в последние десятилетия, привнесли в рассматриваемую тематику новые проблемы, требующие своего научного осмысления и разрешения. К ним с полным основанием можно отнести необходимость совершенствования методологии исследования отрасли права, обновление ее понятийного обеспечения, уточнение качественных характеристик и типологии в контексте современных функционально-структурных подходов, тенденций унификации правовых систем, европеизации права, достижений компаративистики, синергетики и др.

Как справедливо отмечалось в литературе, глубокий анализ вопросов системы права определен не только их теоретической значимостью, но и тем, что их разработка служит предпосылкой решения многих вопросов системы законодательства, исследование которой, в свою очередь, необходимо для организации нормотворческой деятельности на научной основе. А правовая регламентация новых сфер социальной действительности не оставляют в настоящее время сомнений в эластичности и подвижности системы права [6]. При изучении системы права как правового явления, ряд ученых говорят о присущем ей объективном характере. При этом они утверждают о том, что, существуя объективно, система права не может быть построена, а задача ученых при этом состоит в познании уже существующих ее закономерностей [4]. Аналогичной позиции придерживается Т.Н. Радько, считая, что объективно существующая система права, которая складывалась десятилетиями, не допускает ее произвольного конструирования [5].

Несмотря на столь давнее существование, теоретическое обоснование отрасль права получила лишь в 1936 г. в связи с переструктурированием системы права. Изменение государственного строя СССР обусловило отказ от системы буржуазного права, следствием чего стало создание системы советского социалистического права, основу которой составило отраслевое деление. Формированию системы советского права, определению отрасли права и ее места в системе, а также критериям деления права на отрасли было посвящено 3 дискуссии, содержание которых освещалось на страницах журнала «Советское государство и право». Первая дискуссия (1939-1940 г.г.) выявила предмет правового регулирования как основной критерий деления права на отрасли. Вторая (1956-1958 г.г.) утвердила метод правового регулирования в качестве дополнительного к предмету критерия деления права на отрасли. Третья (1982 г.) была не менее острой. Одни ученые (В.Д. Сорокин, В.В. Лаптев, В.П. Шахматов и др.) предлагали отказаться от метода правового регулирования, другие (В.Н. Кудрявцев, Т.Е. Абова и др.) отказывались и от предмета, и от метода правового регулирования, третьи (Ц.А. Ямпольская, Р.З. Лившиц) утверждали, что отрасли права вообще не существует. Несмотря на столь противоречивые предположения, большинство ученых признало предмет - основным, а метод -

дополнительным критериями деления права на отрасли. Дебаты вокруг отрасли права и ее критериев не ограничивались публикациями в журнале «Советское государство и право». Разные точки зрения на предмет рассматриваемого явления высказывались в различных периодических изданиях и трудах ученых. Эти вопросы были едва ли не самыми дискуссионными в советской правовой науке, по популярности сравнимыми лишь с обсуждением понятия и сущности самого права. Столь пристальное внимание к отрасли права объясняется тесной ее взаимосвязью с пониманием права, а также признанием первостепенного значения отрасли права при построении системы права. Сформулированные, казалось бы, теоретические положения об отрасли права должны были положить конец бесконечным спорам, однако перемены, произошедшие в Таджикистане, изменившие типологию государства и права, стали толчком к трансформации существующих представлений об отрасли права, подвергшихся институционализации и концептуальному обновлению в результате конституционных реформ.

Перестройка, произошедшая в СССР, отвлекла внимание ученых от проблем отрасли права, спровоцировав, тем самым, частичную утрату научных положений, составляющих теоретическую базу советского права. В науке и практике произошло фактическое отождествление отрасли права с отраслью законодательства, тем самым вызвав массовое «рождение» новых «отраслей права». Сегодня в российской правовой литературе все чаще звучат споры об их самостоятельности и полноценности. Введение в правовой оборот термина «комплексная отрасль права», характеризующего новые «отрасли права», казалось бы, объясняет необходимость и возможность их существования, однако проблему не решает. Не все новые структурные образования органично вписываются в традиционное представление о самой природе отрасли права. Состоявшаяся 14 ноября 2001 г. Всероссийская конференция по теме «Система российского права» обнажила интересующую нас проблематику, но уже в условиях становления в России правового государства. С новой силой актуализировался комплекс вопросов, составляющих суть учения об отрасли права как правового феномена, как элемента системы. Накопленный новый материал, а также спорность и не разработанность обозначенных выше проблем обусловили потребность в углубленном изучении отрасли российского права и соответственно выбор темы данного диссертационного исследования. Однако несмотря на, казалось бы, значительное количество материала многие вопросы, касающиеся формирования и развития отрасли права как элемента системы права, в большинстве своем, лишь затрагиваются в трудах перечисленных авторов и носят постановочный характер. До 2001 г. не было ни одной работы монографического уровня по проблемам отраслевого развития. Вопросы комплексного отраслевого исследования нашли отражение только в диссертационном исследовании Д.Е. Петрова (2001 г.). Однако ознакомление с его работой показало, что автор придерживается советских концептуальных подходов и новизна прослеживается только в выделенных им признаках отрасли права.

Как считает А.А. Головина, возникновение большого количества отраслей права является «неблагоприятной тенденцией для целостного, системного развития правовой науки и юридической практики, способствует “размыванию” системы права (через механизмы влияния правовой науки и практики на правотворчество), приводит к утрате четких границ между понятиями отрасли права, подотрасли права и института права» [1].

Выявление особенностей методологии исследования отрасли права как элемента системы, обобщение суждений по понятию системы права, ее исторических, сущностных и концептуальных особенностей позволили сформулировать доминанты теоретического учения об отрасли права в виде исторических, методологических и понятийно-категориальных компонентов, опираясь на которые становится возможным объективное научное понимание и характеристика отрасли права как правового явления на современном этапе развития теории права. С учетом недостаточной дефинитивной обеспеченности сформулировано понятие системы российского права как динамичного, объективно обусловленного системой общественных отношений внутреннего строения национального права, выразившегося в распределении единых по своей социальной сущности и назначению в общественной жизни внутренне согласованных норм на определенные совокупности, наименование которых зависит от набора сущностных качеств, позволяющих рассматривать ту или иную совокупность как

самостоятельный завершенный элемент системы. Основываясь на том, что определяющей тенденцией формирования и развития системы российского права является диалектическое изменение сфер правового регулирования, утверждается, что обновление системного подхода к праву и определению его отраслей происходит в условиях дифференциации и интеграции правового регулирования общественных отношений, эволюционирования качественных характеристик отраслей права и под влиянием конституционных реформ. Отрасль права представляется как составная, организационно обособленная и неотъемлемая часть (ветвь) общего правового массива, действующего в государстве, типовой элемент системы права, выражающий его сущность на соответствующем этапе развития, обладающий общеправовыми, субстанциональными и индивидуальными признаками и предназначенный для методически обособленного урегулирования определенной сферы (блока) общественных отношений.

Эволюционирование признаков отрасли права (также как и критериев отраслевого деления права) предопределено объективными процессами изменения самого содержания общественных отношений, изменениями в оценках социальной ценности права, в соотношении частного и публичного начала, процессами конституционного реформирования и концептуальным обновлением федеративного устройства страны.

С учетом существующих подходов к пониманию отрасли права и ее признаков, представление новаций в типологизации отраслей права возможно по следующим основаниям: по методике и особенностям организации предмета правового регулирования (интегрирующие, комплексные, предметные отрасли права); по способу образования (профилирующие (базовые, основные), комплексные, специальные отрасли права); по интересу и методу правового регулирования (публичное право, частное право, социальное право); по способу функционирования (автономные и зависимые); в зависимости от экономического ориентирования (отрасли права, непосредственно регулирующие экономические вопросы (экономическое право); отрасли публичного права, ориентированные на управление экономическими процессами общества; отрасли права, сориентированные на защиту интересов личности в экономической сфере в условиях рыночной экономики и глобализации). В результате проведенного исследования, реализации поставленных цели и задач сделаны следующие выводы:

Во-первых, важнейшим условием исследования отрасли права является научно обоснованная методология, роль которой существенно возрастает в период реформ, обеспечивающих переход к правовому государству. Одной из проблем исследования отрасли права, как элемента системы, является освобождение от довлеющей на методологию исследования советской классовой идеологии. Центральное место в методологии исследования отрасли права занимают научные представления о теории систем и системно-структурном подходе с учетом их обновленной характеристики.

Современное состояние научных разработок позволило значительно расширить методологический набор, допустимый для исследования отрасли. В него, наряду с традиционными общенаучными и частно научными методами исследования, включены такие новеллы как синергетический подход, методы семиотики и герменевтики, позволяющие обеспечить методологический плюрализм. Анализ методологических особенностей учения об отрасли права позволил заключить, что к характеристике системы права и ее элементов нельзя подходить упрощенно, схематично, чисто механически, как это было возможно в советский период в условиях государственной монополии во всем, в том числе и в науке. Сегодняшний подход к исследуемым проблемам должен основываться на плюрализме правопонимания и методологическом разнообразии.

Во-вторых, ключевой категорией в учении об отрасли является «отрасль права». С одной стороны, она позволяет показать ее сущностные признаки, их качественное изменение в процессе эволюционирования права, с другой, дает возможность обнаружить и научно обосновать внешние ее связи с другими элементами системы. Значение другой категории - «система права» предопределяет в целом методологическую основу исследования отрасли права, так как выводит исследователя на новеллы методологии и позволяет по-новому использовать историческое и логическое в описании отраслей права, сопоставить в них общее и отдельное, форму и

содержание, целое и часть. Именно категория «система права» позволяет представить некоторое опережающее видение отраслей права на основе преемственности и с учетом целеполагания.

В-третьих, система права определена с учетом недостаточной дефинитивной обеспеченности, как динамичное, объективно обусловленное системой общественных отношений внутреннее строение национального права, выразившееся в распределении единых по своей социальной сущности и назначению в общественной жизни, внутренне согласованных норм на определенные совокупности, наименование которых зависит от набора сущностных качеств, позволяющих рассматривать ту или иную совокупность, как самостоятельный завершенный элемент системы.

В-четвертых, теоретическая модель отрасли представлена как составная, организационно обособленная и неотъемлемая часть (ветвь) общего правового массива, действующего в государстве, типовой элемент системы права, выражающий его сущность на соответствующем этапе развития, обладающий качественными характеристиками (признаками) и предназначенный для методически обособленного урегулирования определенной сферы (блока) общественных отношений.

В-пятых, эволюционирование признаков отрасли права предопределено как объективными процессами изменения самого содержания общественных отношений, так и изменениями в оценках социальной ценности права, в соотношении частного и публичного начала не только в общей характеристике права, но и каждого его структурного подразделения, процессами конституционного реформирования и концептуальным обновлением федеративного устройства страны, повлекшим за собой формирование ранее не известного для России типа правового пространства, всех его элементов.

Указанные причины являются основанием для выделения общих, субстанциональных и индивидуальных признаков отрасли права. Общие или системные признаки отрасли обусловлены сущностью и содержанием права в целом и показывают соответствие данной конкретной отрасли другим элементам системы, взаимосвязь между ними (нормативность; связь с государством; общеобязательность; формальная определенность; общеправовые функциональные качества; свойство права, как регулятора общественных отношений; общеправовые принципы и отраслевое обособление сферы общественных отношений). Субстанциональными следует считать признаки, присущие отрасли как элементу подсистемы (типовая принадлежность отрасли права, ее место в общей системе права, особенности субъектного состава и статуса отдельных отраслевых субъектов). Группу индивидуальных особенностей отрасли права образуют те, которые проистекают из сугубо отраслевых принципов, функций, методов, источников, внутренней структуры отрасли, ее места в системе или подсистеме права и ее конкретно-исторического значения, понятийного аппарата, степени научной разработанности проблем той или иной отрасли и др.

В-шестых, с учетом существующих подходов к пониманию отрасли права и ее признаков, представление новаций в типологизации отраслей права возможно по следующим основаниям:

- по методике и особенностям организации предмета правового регулирования (интегрирующие отрасли права, комплексные отрасли права, предметные отрасли права);
- по способу образования (профилирующие (базовые, основные) отрасли права, комплексные отрасли права, специальные отрасли права);
- по интересу и методу правового регулирования (публичное право, частное право, социальное право);
- по способу функционирования (автономные и зависимые);
- в зависимости от экономического ориентирования (отрасли права, непосредственно регулирующие экономические вопросы (экономическое право); отрасли публичного права, ориентированные на управление экономическими процессами общества; отрасли права, сориентированные на защиту интересов личности в экономической сфере в условиях рыночной экономики и глобализации).

Исследуемые в работе категории и понятия, раскрывающие сущность и содержание отрасли права, свидетельствуют о том, что наука пока еще не располагает достаточно отработанным понятийным аппаратом. Однако необходимость его разработки подтверждается всеми

преобразовательными процессами, происходящими в современный период в обществе. В связи с этим, признавая первоочередной задачу разработки понятийно-категориального аппарата теории права, в части, касающейся его системы и ее элементов, отражающего изменения, происходящие в обществе в условиях становления в Таджикистане правового государства, предлагаем включить в него разработанные в работе дефиниции «система права», «отрасль права», «типологизация отраслей права», «общие признаки отрасли права», «субстанциональные признаки отрасли права», «индивидуальные признаки отрасли права», «профилирующие отрасли права», «специальные отрасли права», «интегрирующие отрасли права», «предметные отрасли права», «комплексные отрасли права», «экономико-ориентированные отрасли права», «социальное право». Разработка данных дефиниций осуществлена в контексте современного правопонимания. Современное содержание учения об отрасли права может быть дополнено результатами исследования процессов эволюционирования сущностных признаков отрасли права, которые позволяют оценивать ее не только как элемент системы права, но и как самостоятельное завершенное правовое явление, имеющее вариативные характеристики.

В завершении следует отметить, что углубленное изучение такой категории как «отрасль права» в перспективе призвано способствовать формированию и развитию сложноподчиненной системы таджикского права, а также познанию права в целом.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Головина А.А. Критерии образования самостоятельных отраслей в системе российского права: автореф. дис. … канд. юрид. Наук / А.А.Головина. - М., 2012.
2. Зарапина Л.В. Формирование транспортного права в России: историко-правовое исследование / Л.В.Зарапина. - М., 2015.
3. Курдюк Г.П. Отрасль права как элемент системы права (Теоретико-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. Наук / Г.П. Курдюк. - Краснодар, 2004.
4. Лаптев В.В. Предмет и система хозяйственного права / В.В. Лаптев. - М.: Юрид. лит., 1969.
5. Лившиц Р.З. Теория права / Р.З.Лившиц. - М.: БЕК, 1994.
6. Мозолин В.П. Система российского права: доклад на всероссийской конференции 14 ноября 2001 г. // Государство и право. 2003. № 1.
7. Поленина С.В. Комплексные правовые институты и становление новых отраслей права // Правоведение. Л.: Изд-во Ленинград. ун., 1975. (Изв. высш. учебн. заведений. № 1–3).
8. Хропанюк В. Н., 2010. Теория государства и права / В.Н.Хропанюк. - М. : Омега-Л.
9. Венгеров А. Б., 2009. Теория государства и права / А.Б. Венгерова. - М. : Омега-Л.


**СОҲАИ ҲУҚУҚ ҲАМЧУН УНСУРИ НИЗОМИ ҲУҚУҚ**


Дар мақола дурустии ҷорӣ намудани соҳаҳои нави мураккаби ҳуқуқ ба гардиши илмӣ ва дохилшавӣ ба низоми ҳуқуқ таҳлил карда мешавад, ки аксар вақт хилофи қоидаҳои эътирофшудаи техникаи ҳуқуқӣ ва принсипҳои сохтани низоми ҳуқуқ мебошанд. Муаллифон пайваста васеъ шудани номгӯи соҳаҳои мураккаби ҳуқуқро танқид мекунанд ва боварӣ доранд, ки онҳо танҳо дар соҳаи қонунгузорӣ вуҷуд дошта метавонанд, ки системаи онҳо бо назардошти равишҳои каме фарқ аз системаи ҳуқуқ ташаккул ёфтааст. Ташаккули низоми ҳуқуқ, бар хилофи низоми қонунгузорӣ, на дар асоси субъектӣ сурат мегирад, на ягонагии функсионалии муносибатҳои танзимшаванда. Дар асоси равишҳои системавӣ ва функсионалӣ мафҳуми система дар ҳуқуқ таҳқиқ карда мешавад, нишонаҳои табиати системавии ҳуқуқ, робитаҳои сохторӣ, ки сохтори ҳуқуқро муайян мекунанд, таҳлил карда мешаванд. Сохтори низоми ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад, унсурҳои сохтории он ба монанди меъёри ҳуқуқӣ, институти ҳуқуқӣ, шохаи ҳуқуқ, аломатҳои муассисаи ҳуқуқӣ, шохаи ҳуқуқ ошкор карда мешаванд ва гурӯҳбандии онҳо амалӣ карда мешавад.



**КАЛИДВОЖАҲО**: низоми ҳуқук, соҳаи ҳуқук, меъёри ҳуқук


**ОТРАСЛЬ ПРАВА КАК ЭЛЕМЕНТ СИСТЕМЫ ПРАВА**


В статье анализируется обоснованность введения в научный оборот и включения в систему права новых комплексных отраслей права, которое нередко происходит вопреки общепризнанным правилам юридической техники и принципам построения системы права. Авторы критически относятся к постоянному расширению перечня комплексных отраслей права, полагая, что они могут существовать применительно только к сфере законодательства, система которого формируется с учетом несколько иных подходов, нежели система права. Формирование системы права в отличие от системы законодательства осуществляется по признаку предметного, а не функционального единства регулируемых отношений. На основе системных и функциональных подходов исследуется понятие системы в праве, анализируются признаки системности права, структурные связи, определяющие строение права. Рассматривается структура системы права, такие ее структурные элементы, как правовая норма, правовой институт, отрасль права, выявляются признаки правового института, отрасли права, и проводится их классификация.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: система права, отрасль права, норма права

**BRANCH OF LAW AS AN ELEMENT OF THE SYSTEM OF LAW**

The article analyzes the validity of the introduction of new complex branches of law into the scientific turnover and inclusion in the system of law, which often occurs contrary to the generally recognized rules of legal technology and the principles of building a system of law. The authors are critical of the constant expansion of the list of complex branches of law, believing that they can only exist in the sphere of legislation, the system of which is formed taking into account slightly different approaches than the system of law. The formation of the system of law, in contrast to the system of legislation, is carried out on the basis of the subject, and not the functional unity of regulated relations. On the basis of the systemic and functional approaches, the concept of a system in law is investigated, signs of the systemic nature of law, structural connections that determine the structure of law are analyzed. The structure of the legal system is considered, such its structural elements as legal norm, legal institution, branch of law, the signs of a legal institution, branch of law are revealed, and their classification is carried out.

**KEYWORDS:** system of law, branch of law, rule of law

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминзода Маҳмадшариф Нозим*** **–** магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Телефон: **(+992) 93119 3333,** email: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Сведение об авторе:** ***Муминзода Махмадшариф Нозим*** - магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального университета, Душанбе. Телефон: **(+992) 93119 3333,** email: **sharifjonmuminov@gmail.com**

**Information about the author:** ***Muminzoda Mahmadsharif Nozim*** – second-year master`s student of Faculty of Law of the Tajik National University, Dushanbe. Phone: **(+992) 93 119 3333**, email: **sharifjonmuminov@gmail.com**

# ПРИНСИПИ ОЗОДИИ ШАРТНОМА ВА ТАТБИҚИ ОН ҲАНГОМИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА

***Қудратзода Б.О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Принсипи озодии шартнома яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи граждани ва ҷузъи таркибии меъёри конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Пас, озодии шартнома хусусияти кафолати конститутсионӣ дошта, заминаи худро аз Конститутсияи ҶТ (м. 12) гирифтааст [1].

Моҳиятан, озодии шартнома ҳамчун кафолати конститутсионӣ дар партави дигар кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор дорад. Эътирофу кафолати.озодии шартнома дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо, бахусус, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Вале, ин озодӣ мутлақ набуда,.дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешомадҳои зарурӣ тибқи сархати 3-юми м.14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда мешавад, ки ин меъёр чунин аст:.“Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад”[2]. Одатан, дар адабиёти илмӣ ва таълимии ҳуқуқӣ, дар таркиби ин озодӣ оид ба се унсури асосӣ таъкид менамоянд: мустақилияти шаҳрванд ҷиҳати бастани шартнома,.яъне.озодии бастан.ё набастани шартнома; салоҳият ҷиҳати интихоби озоди намуди бастани шартнома (аз он ҷумла,.имконияти бастани шартномаи омехта ё беном); муайян намудани шартҳои.шартнома бо салоҳдиди худ [3]. Ба ҳамин монанд муқаррароти моддаи 453-и Кодекси граждании ҶТ, ки “мустақилияти шартнома” номгузорӣ шудааст, албатта мустақилияти шартнома ҳаммаънои озодии шартнома аст, фаҳмиши васеъ дошта, дар таркиби худ самтҳои фаъолияти.озодонаи муайянро дар бахши шартномаи хариду фурӯш дорост[4]. Инчунин, барои пурра, ба таври бояду шояд, ҷиҳати.дарку татбиқи мазмуни озодии шартнома аломату асосҳои дигари ба худ хоси ин падида мавҷуданд: аз қабили, ҳуқуқи мустақилона ҳал кардани тарзи бастани шартнома; салоҳдиди васеъи тарафҳо ҷиҳати муайяннамоии шартҳои шартнома; ҳуқуқи озодона интихоб намудани тарафи шартнома; ҳуқуқи бастани шартномаҳои пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои дар он зикрнашуда; ҳуқуқи

интихоби озоди намуди шартнома; ҳуқуқи.бастани шартномаҳои омехта; ҳуқуқи тарафҳо барои интихоби шакл ва усули бастани он; имконияти тарафҳо дар дилхоҳ вақт тибқи созишномаи худ оид ба тағйир додан ё бекор кардани шартнома; ҳуқуқи интихоби озоди тарзи таъмини иҷрои шартнома[5].

Озодии шартнома дар низоми қонунгузории англо-амрикоӣ низ васеъ шарҳ дода мешавад, ки аз қабили ин гуна аломатҳо иборатанд: озодии бастани шартнома; баробарӣ барои зоҳирнамоии.иродаи шахсии тарафҳо дар шартнома; ҳуқуқи озодона интихоб кардани контрагент; ҳуқуқи интихоби озодонаи объект, предмет ва мақсади шартнома; ҳуқуқи интихоби шакли шартнома ва усули бастани он; ҳуқуқи интихоби усули таъмини иҷрои шартнома; ҳуқуқи интихоби шартҳои шартнома ва муҳлати амали он; ҳуқуқи интихоби намуди шартнома ва бастани шартномаи омехта; ҳуҳуқи озодона муайян кардан ва нишон додани маблағи зиёни пешбинишуда барои вайрон кардани уҳдадории шартномавӣ; ҳуқуқи маҳдуд кардани ҳадди ниҳоии зиёне, ки ҳангоми вайрон кардани шартнома бояд пардохт шавад; ҳуқуқи интихоби шартхои тағйир додан ва ё бекор кардани шартнома; ҳуқуқи маҳдуд ё кам намудани андозаи уҳдадории граждании барои иҷро накардан ё.иҷрои.номатлуби шартнома; ҳуқуқи интихоби воситаҳои ҳалли баҳсҳое, ки аз шартнома бармеоянд ва ғайра [6].

Баёнияҳои болозикр шаҳодатдиҳандаи онанд,.ки озодии шартнома падидаи хеле гуногунҷабҳа буда, тарафҳои алоҳидаи он аввал дар гардиши муносибатҳои ҳамҷонибаи худ ҷиҳати созишнамоӣ ба мувофиқа расида, баъдан барои расмикунонӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ё зимни истифода аз таҷрибаҳои амалӣ мепардозанд [7]. Унсурҳои асосии принсипи озодии шартнома ҳамчун шаклҳои зоҳиршавии ин принсип ҷиҳати баамалбарорӣ, татбиқ ва истифодабарӣ дар муносибатҳое, ки аз мавзӯи шарномаи иштирокчиён бармеоянд, барои амалӣ намудани дахлнопазирии моликият ва мустақилияти иқтисодии онҳо дар баробари дигар иштирокчиёни бозори мол, кор ва хизматрасонӣ заруранд [8].

Унсури.асосиву марказӣ ҳамчун зуҳурот дар принсипи.озодии шартнома ҳангоми дар амал татбиқшавӣ оид ба муносибатҳои шартномавӣ бояд ***озодии бастани шартнома*** дониста шавад. Шахс ҳуқуқ дорад шартнома бандад ё набандад. Яъне, ин мустақилияти шаҳрванд ҷиҳати истифода аз қобилияти амалкунии ӯ аст. Асоси ин ҳуқукро ихтиёрӣ ва мустақилияти иродаи тарафҳо оид ба мувофиқарасии ҳамҷонибаи онҳо ташкил медиҳад. Пас аз ба мувофиқарасӣ дар бораи бастани шартнома, тарафҳо оид ба.раванди бастани шартнома майл мекунанд. Дар ин кор онҳо бояд санадеро, ки озодии бастани шартномаро ҳамаҷониба кафолат додааст ба роҳбарӣ гиранд.

***Ҳуқуқи интихоби озодонаи контрагент.***ҳамчун унсури дигари озодии шартнома.маънои онро дорад, ки ҳар як тараф мустақилона худаш муайян мекунад, ки бо кӣ шартнома бандад. Интихоби контрагент оид ба шартнома бо асосҳои гуногун, аз қабили шахсияти дорои муносибати хуби корӣ, қобилияти иҷрои ҳамаҷонибаи уҳдадорӣ.дар муносибатҳои шартномавӣ,.эътимоднокӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Тараф (оферент) контрагентро интихоб намуда, ба ӯ барои бастани шартнома пешниҳод (оферта) пешкаш менамояд. Маҳз тараф.муайян мекунад, ки бо кӣ ба муносибатҳои шартномавӣ ворид шавад ба истисної шахсони сеюм, ки бастани шартнома аз иродаи онҳовобаста нест. Дар навбати худ тарафе, ки пешниҳодро.(оферта).гирифтааст, ҳуқуқ дорад мустақилона тасмим бигирад, ки ба он посухи ризоият ё рад бидиҳад,.яъне бо шахсе ки, пешниҳод (оферта) пешкаш намудааст, шартнома бандад ё набандад. Дар ин ҷо, пас, *озодии интихоби контрагент* қисми таркибии принсипи озодии шартнома буда, онро то андозае комил месозад.

***Ҳуқуқи интихоби объекти шартнома***.маънои имконияти интихоби ҳар гуна ашёро ҷиҳати истифодабарӣ дар муносибатҳои шартномавӣ, ки муомилоташон манъ ё маҳдуд намебошад, медиҳад. Теъдоди..объектҳои мушаххаси ҳуқуқи граждании, ки КГ ҶТ.муқаррар кардааст, маҳдудияти озодии шартномаро аз ҷиҳати интихоби объекти.он ташкил медиҳанд.

Ҳуқуқи.интихоби объекти.шартнома бо ҳуқуқи ***интихоби мақсади шартнома***, ки яке аз аломатҳои озодии шартнома маҳсуб меёбад, яъне ҳуқуқи тарафҳо барои муқаррар намудани натиҷаи ниҳоие, ки аз шартномаи басташаванда интизоранд, зич алоқаманд

аст. Мақсади шартнома наметавонад ғайриқонунӣ бошад ё бар зидди асосҳои волоияти қонун нигаронида шавад. Дар натиҷаи вайрон кардани мақсади шартнома ё иҷрои номатлуб, шартнома таъйиноти воқеиро ба худ намегирад ва оқибати беэътиборӣ дорад. Яке аз унсурҳои дигари принсипи.озодии шартномаин ***ҳуқуқи тарафҳо барои интихоби шакли бастан*** *(хаттӣ ё даҳонӣ)* ***ва усули таъмини иҷрои.шартнома,*** масалан, амал ё беамалӣ мебошад, агар дар қонун дигар тартибе.пешбинӣ нагардида бошад. Хангоми бастани шартнома тарафҳо ҳуқуқ доранд усули таъмини иҷрои онро ҳангоми.гарав, нигоҳ доштан, кафолат ва ғайра.бо назардошти талаботи қонун.оид ба чораҳои ҷудогонаи таъмини амнияти худ ба таври қулай интихоб намоянд.

***Ҳуқуқи интихоби намуди шартнома ё бастани шартномаи омехта*** яке аз аломатҳои хоси принсипи озодии шартнома ҳамчун унсури таркибӣ маънои онро дорад, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд ҳама гуна намуди шартномаҳои дар кодекс.пешбинишударо масалан, шартномаи хариду фурӯш ё ин ки шартномаи омехта, масалан якҷоя намудани шартномаи хариду фурӯш бо таъмини кашонидану дастраснамоии онбо бастани як шартнома. Тарафҳо ҳуқуқ доранд ҳам шартномаҳои пешбининамудаи кодекс.ва ҳам шартномаҳои дар кодекс пешбининашударо банданд. Номгӯи шартномаҳо бо тартиби.муайян дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Тарафхо ҳуқуқ доранд яке аз шартномаҳои пешбининамудаи Кодекси гражданиро банданд ё шартномае банданд, ки ба ягон шартномаи дар кодекс зикргардида дохил нашаванд, вале ба принсипҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ мухолифат накунанд.

Унсури дигари принсипи озодии шартнома ҳамчун шакли зуҳуроти он ***ҳуқуқи интихоб ё тағйир додани шартҳои шартнома ва ё.бекор намудани шартнома ва уҳдадориҳое.мебошад, ки аз шартномаи онҳо бармеоянд,*** яъне дар шартнома пешбинӣ шуда метавонад, ки ба охир расидани муҳлати амали шартнома ё бекор намудани он боиси қатъи.уҳдадориҳои тарафҳо.мегардад (қисми 2 моддаи 485 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) [9]. Мутаносибан шартномае, ки чунин шартро дар бар намегирад, то лаҳзаи ба охир расидани иҷрои ухдадории дар он зикргардида аз ҷониби тарафхо эътиборнок дониста мешавад. Ҳамчун.қоида, агар аз ҷониби яке аз тарафҳо.ба таври назаррас вайрон кардани шартнома барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад,.тарафи дигар ҳақ дорад товони зиёни аз тағйир додан ё бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд (қисми 5 моддаи 485 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) [10]. Ҳар яке аз унсурҳои номбаршудаи озодии шартнома, инчунин метавонанд сӯиистифода шаванд. Сӯиистифодаи озодии шартнома бо чунин аломатҳои хоси он.ҳамчун ҳуқуқҳои субъективӣ, ба монанди нишонаи қонунӣ будани рафтори субъект; истифодаи воситаю усулхои ғайриқонунии амалӣ намудани ҳуқуқ (озодӣ); татбиқи ҳуқуқ бар хилофи мақсади иҷтимоии он; нияти шахс барои зуҳури кирдори ғайриқонунӣ, ки. натиҷаи кирдорҳои дар боло зикршуда омили асосии. расонидани зарар ба шахсони дигар мегарданд [11]. Сӯиистифода аз озодии бастан ё набастани шартнома нисбат ба шартномаи хариду фурӯши чакана метавонад дар амал ё беамалии зерин зоҳир шавад: аз бастани шартнома саркашӣ кардани ташкилоти тиҷоратӣ ҳамчун яке аз тарафҳои шартномаи оммавӣ; ба истеъмолкунанда фурӯхтани баъзе молҳо бо шарти аз тарафи истеъмолкунанда ҳатман харидани моли дигар. Сӯиистифодаи озодии интихоби навъи шартномаи басташаванда, чун қоида, дар шакли муомилоти қалбакӣ ифодаи худро мeёбад. Дар бахши шартномаи хариду фурӯши чакана ин дар бастани шартномаи хариду фурӯши чакана бо мақсади истифодаи моли харидашуда ҷиҳати минбаъд.баамалбарории фаъолияти соҳибкории худ ифода мeёбад..Сӯиистифодаи озодӣ.ҳангоми муайян кардани шартҳои шартнома дар шартномаи хариду фурӯши чакана дар шаклҳои зерин ифода ёфтанаш мумкин аст: ба шартнома дохил намудани шартҳое, ки барои як тараф - харидор баръало гарон мебошанд, масалан ҳангоми дар шакли кредит ва ё дар шакли нокомил, яъне қисм-қисм фурӯши мол; дар.шартнома ба истеъмолкунанда муқаррар намудани шароитҳое, ки ҳуқуқҳои ӯро поймол мекунанд, яъне мухолиф ба қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузории гражданӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахши ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; ба зиммаи истеъмолкунанда гузоштани шартҳое, ки ба ӯ фоиданок нест ва ё ба предмети шартнома дахл надорад.

Озодии шартнома номаҳдуд буда наметавонад, яъне.мутлақ нест. Барои.таъмини худи.озодии шартнома, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин имконияти маҳдуд кардани онро иҷозат медиҳад. Маҳдуднамоӣ аз принсипи озодии шартнома ин дахолати ҳокимияти давлатӣ ба мустақилияти иродаи тарафҳо мебошад. Ин ба шароити муосирри бозор, яъне нобаробарии иқтисодии тарафҳои шартнома вобаста аст. Барои он, ки қонунгузории.гражданӣ.ба баробарии муносибатҳои молумулкии тарафҳо.асос ёфтааст, на ин ки ба баробарии иқтисодии тарафҳо.

Маҳдудиятҳои озодии шартнома бо сабабҳои гуногун тасниф карда мешаванд. Маҳдудиятҳои асосирро.дар доираи унсурҳои озодии шартнома муайян намуда гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст, ки имкони.маҳдуднамоӣдоранд. Ҳамин тариқ, се гурӯҳи маҳдудиятҳоро ҷудо намудан.мумкин аст:

А).Маҳдудиятҳои озодии бастан ё набастани шартнома, аз ҷумла маҳдудияти озодии интихоби тараф;

Б).Маҳдудият дар бахши озодии интихоби намуди шартномаи басташаванда, аз ҷумла махдудиятхо барои бастани шартномаи беном ё омехта;

В) Маҳдудияти.озодии бо салоҳдиди худ муайян кардани шартҳои шартнома[12].

Нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана, маҳдудиятҳои гурӯҳи якум бояд татбиқ шуда, асоси сохтории шартномаи оммавиро дар бар гиранд, ки асоси мантиқии меъёрҳои моддаи 458-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро мутобиқи қисми моддаи.528-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи хариду фурӯши чакана шартномаи оммавӣ мебошад. Ҳангоми бастани чунин шартнома, ҳуқуқҳои фурӯшанда хеле маҳдуданд, зеро ӯҳдадории бастани шартнома вуҷуд дорад ва ҳуқуқҳои фурӯшанда дар муайян кардани шартҳои он маҳдуданд. Саркашии беасос аз бастани шартномаи оммавӣ бояд боиси оқибатҳои муайяни манфӣ, яъне.татбиқи меъёри қисми 4-и моддаи 477-и.Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рӯёнидани товони зарар аз ҷониби истеъмолкунанда гардад. Дар он ҳуқуқи.тарафи дигар бо талаби маҷбур кардан ҷиҳати бастани шартнома ва ҷуброни зарари расонидашуда бо мурофиат ба.суд таъмин мешавад. Пленумҳои Суди Олии.Федератсияи Россия ва Суди Олии Арбитражии Федератсияи Россия нишон дод, ки дар сурати пешниҳоди даъво дар бораи маҷбур кардани бастани шартномаи оммавӣ бори гарони исботи имконнопазирии додани мол ба истеъмолкунанда ба дӯши ташкилоти тиҷоратӣ гузошта мешавад [13]. Инчунин, бинобар ошкор будани шартномаи хариду фурӯши чакана фурӯшанда, ташкилоти тиҷоратӣ ё соҳибкори инфиродӣ ҳуқуқ надоранд, ки дар рафти.бастани шартнома нисбати як шахс ба шахси.дигар бартарӣ диҳанд. Маҳдудиятҳое, ки бевосита дар кодекс ва дигар қонунҳо пешбинӣ шудаанд бояд воқеан дар амал татбиқ шаванд. Инҳо, пеш аз ҳама, имтиёзҳое мебошанд, ки бо ҳама гуна шартҳои имтиёзноки бастани шартномаи оммавӣ алоқамананд, масалан афзалияти махсуси бастани шартнома бо категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон аз қабили маъюбон ва ғ.

Хусусияти шартномаи оммавӣ аз муқаррар намудани як.нархи муайян ва дигар шартҳои якзайли шартнома барои ҳамаи истеъмолкунандагон, ба истиснои истеъмолкунандагоне, ки ба имтиёзҳо ҳуқуқ доранд, иборат мебошад. Яъне, бартарияти нархӣ ва афзалият ба гурӯҳи истеъмолкунандагони алоҳида манъ аст [14]. Ҳолатҳое вуҷуд доранд, ки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба категорияҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон имтиёз медиҳанд (қисми 2 моддаи 458-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Гурӯҳи дуюми маҳдудиятҳо, чунонки қаблан зикр гардид, бо *маҳдудияти интихоби навъи шартнома* алоқаманд аст. Маҳдудияти умумии озодии интихоби навъи шартномаи басташаванда талаботи қонун оид ба таъмини мувофиқати баёни иродаи тарафҳо ба мақсади.воқеии онҳо мебошад. Интихоби навъи қулайи шартнома, яъне шакл ва намуди шартномаи басташаванда аз маҷмуи аломату таркибҳои.зерин вобаста аст: натиҷаи ҳуқуқӣ, ки тарафҳо барои он саъй мекунанд; предмети шартнома; хусусиятҳои таркибии субъекти муносибатҳо (иштироки истеъмолкунанда ё соҳибкор); мавҷудияти муносибати мутақобилаи тарафҳо оид ба подош, яъне шартномаи музднок ё бемузд [15]. Навъи шартномаи интихобкардаи тарафҳо бояд муносибатҳои воқеии иқтисодии байни онҳоро инъикос намояд [16]. Дар баъзе ҳолатҳо тарафи истеъмолкунандаи шартномаи хариду

фурӯши чакана аз моҳияти ин шартнома берун баромада молҳои харидашударо ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ ба фурӯш мебарорад, ки ин амал аз моҳияти аслии шартномаи хариду фурӯши чакана дур аст. Дар ин маврид дар бораи сӯиистифода кардани озодии интихоби навъи шартнома сухан рондан мумкин аст. Озодии интихоби намуди шартномаи басташаванда, инчунин дар мавридҳое маҳдуд мешавад, ки дар қонун барои расмигардонии муносибатҳои ҳуқуқӣ намуди муайяншудаи шартнома усули махсус пешбинӣ шудааст. Ҳамин тариқ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба сифати харидор барои истифодаи мол дар фаъолияти сохибкорӣ шартномаи хариду фурӯши чакана банданд. Дар ин мавридҳо шартномаи хариду фурӯш ё шартномаи маҳсулотсупорӣ баста мешавад.

Гуруҳи сеюми *маҳдудиятҳо ба ирода ва қобилияти муайян кардани шартҳои шартнома* алоқаманд аст. Озодии бо салоҳдиди худ муайян кардани шартҳои шартнома низ бо доираи муайян маҳдуд мешавад. Ба инҳо меъёрҳои ҳатмии қонун дар бораи шартномаи мушаххас дохил мешаванд, ки қонунгузор одатан бо ёрии онҳо манфиатҳои контрагенти заифтарро ҳимоя мекунад. Дар шартномаи хариду. фурӯши чакана чунин контрагент истеъмолкунанда мебошад. Бо созишномаи худ фурӯшанда ва харидор ҳақ надоранд татбиқи ин қоидаҳоро истисно ё маҳдуд кунанд.

Ҳамин тариқ, озодии шартнома муҳимтарин принсипи ҳуқуқи шартнома мебошад. Ин озодӣ дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ мутлақ буда наметавонад. Қонунҳои муқарраркунандаи.объективии ҳуқуқи шартномавии муосирр пешбинӣ менамоянд, ки манфиатҳои ҷамъиятӣ озодии шартномаро ба доираи муайян маҳдуд месозанд. Дар бахши ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои озодии шартнома оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳи тарафҳои вазъи иқтисодиашон номусоиди шартнома нисбат ба шартномаи хариду фурӯши чакана, яъне харидор нигаронида шудаанд.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳои 22 майи соли 2016
2. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. 2-е изд. Кн. 1: Общие положения. М., 2000. С. 153; Забоев К.И. Правовые и философские аспекты гражданско-правового договора. СПб., 2003. С. 89.
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум), аз 30 июни.соли 1999, № 802.
4. Клейн Н.И. Принцип свободы договора и основания его ограничения в предпринимательской деятельности // Журнал российского права. 2008. № 1.
5. Осакве.К. Свобода договора в англо-американском праве: понятие, сущность и ограничения // Журнал российского права. 2006. № 7. С. 86–87.
6. Кратенко М.В. Злоупотребление свободой договора: постановка проблемы //Известия вузов.
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми дуюм), аз 11 декабри соли 1999, № 884. моддаи 485.
8. П. 55 Постановления Пленумов Верховного Суда РФ и Высшего Арбитражного Суда РФ № 6/8 //.Вестник Высшего Арбитражного Суда РФ. 1996. № 9.
9. Концепции развития гражданского законодательства Российской Федерации // Вестник Высшего Арбитражного Суда РФ. 2009. № 11.
10. Официальные документы (приложение к «Учет. Налоги. Право»). 2010. № 16.


## ПРИНСИПИ ОЗОДИИ ШАРТНОМА ВА ТАТБИҚИ ОН ҲАНГОМИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ ЧАКАНА


Яке аз озодиҳое, дар партави дигар озодиҳо, ки давлат кафолат медиҳад, озодии шартнома мебошад, ки онро Кодекси граждании Ҷумхурии Тоҷикистон низ пешбинӣ кардааст. Озодии бастани шартнома унсури озодии шартнома мебошад. Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки озодии бастани шартнома ҷузъи муҳимтарини мустақилияти шартнома мебошад, зеро бидуни субъектҳои озод ва ҳуқуқу имкониятҳои бастани шартнома озодии шартнома аслан амалӣ карда намешавад. Мувозинат асосан тавассути муҳайё намудани шароит барои субъектҳо барои амалӣ намудани озодии бастани шартномаҳо дар муносибатҳои тиҷоратӣ ифода меёбад. Яъне, бо роҳи ҷорӣ намудани талабот нисбати амали субъектҳо, ки баъди иҷроиш онҳо метавонанд мустақилияти худро барои бастани шартнома.истифода баранд. Мақолаи мазкур мазмуну мухтавои принсипи озодии шартномаро ҷиҳати татбиқҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши чакана то андозае ифшо мекунад. Шаклҳои зухури принсипи.озодии шартнома дар шартномаи.хариду фурӯши чакана ва маҳдудиятҳои онҳо, инчунин ҳолатҳои эҳтимолии сӯиистифодаи принсипи озодии шартнома аз ҷониби фурӯшанда баррасӣ карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шартномаи хариду фурӯши чакана, принсипи озодии шартнома, фурӯшанда, харидор, шартҳои шартнома, шаклҳои зухури озодии шартнома, маҳдуднамоии озодии шартнома, сӯиистифода.

**ПРИНЦИП СВОБОДЫ ДОГОВОРА И ЕГО РЕАЛИЗАЦИЯ ПРИМЕНИТЕЛЬНО К ДОГОВОРУ РОЗНИЧНОЙ КУПЛИ-ПРОДАЖИ**

Одной из свобод, гарантируемых государством, является свобода договора, которая провозглашается Гражданским кодексом РТ. Свобода заключения договоров является элементом свободы договора. Причем можно утверждать, что свобода заключения договоров - важнейший элемент свободы договора, так как без наличия у субъектов свободы, права и возможности заключить договор, свобода договора не может быть реализована в принципе. Баланс достигается, главным образом, путем введения условий реализации субъектами свободы заключения договоров в предпринимательских отношениях. То есть, путем введения требований к действиям субъектов, при выполнении которых они могут реализовать свою свободу заключения договора и заключить договор. В статье раскрывается содержание принципа свободы договора. Рассматриваются формы проявления свободы договора в розничной купле-продаже и их ограничения, а также возможные случаи злоупотребления свободой договора со стороны продавца.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** договор розничной купли-продажи, принцип свободы договора, продавец, покупатель, условия договора, формы проявления свободы договора, ограничения свободы договора, злоупотребления.

**CONTRACTUAL FREEDOM PRINCIPLE AND ITS REALIZATION FOR THE PURPOSES OF RETAIL SALES CONTRACT**

One of the freedoms guaranteed by the state is freedom of contract, which is proclaimed by the Civil Code of the Republic of Tajikistan. Freedom to conclude contracts is an element of freedom to contract. Moreover, it can be argued that the freedom to conclude contracts is the most important element of the freedom of contract, since without the subjects of the freedom, the right and the opportunity to conclude a contract, the freedom of contract cannot be realized in principle. The article exposes the content of contractual freedom principle. The author deals with the forms of manifestation of the contract freedom in retail sales and their limitations. The author also touches upon the facts of abuse of contractual freedom by the seller.

**KEYWORDS:** retail sales, contractual freedom principle, seller, buyer, terms of contract, forms of manifestation of contractual freedom, limitation of contractual freedom, abuse.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қудратзода Бозорбой О***. – ДМТ, магистри факултети ҳуқуқшиносӣ. E-mail: **kudratzodab@mail.ru;** Телефон: **(+992) 933-22-77-55**

**Сведение об авторе:** ***Кудратзода Бозорбой О.***.- Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. E-mail: **kudratzodab@mail.ru;** Телефон: **(+992) 933-22-77-55**

**Information about the author:** ***Qudratzoda Bozorboi O.*** **-** Tajik National University, master's student of the faculty of Law. E-mail:**kudratzodab@mail.ru** Phone:**(+992) 933-22-77-55**

# КОРРУПСИЯ МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА УСУЛҲОИ ТАФТИШИ ОН

***Абдуллоев М.У.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аксари муҳаққиқони муосирр бар он ақидаанд, ки коррупсия ва ё ба истилоҳи тоҷикӣ фасод ва ришваситонӣ таърих*и* тулонӣ дошта, арзи вуҷуд намудани он ба тамоми зинаҳои мақомоти ҳокимият ба заиф гардидани иқтидори иқтисодӣ ва дар маҷмуъ ба завол гардидани пояҳои давлатдорӣ оварда мерасонад. Истилоҳи корупсияро қишрҳои ҷомеа ба маънохои гуногун дарк намуда, кирдорҳои содиршудаи коррупсиониро ба таври ҳархела баҳо медиҳанд, аз ҷумла *ришвахӯр*ӣ, порахурӣ, ошнобозӣ, хешутаборчигӣ, тобеъият, дастрасӣ ба ахбор, пуштибонӣ, муҳофиз будан, пул барои харидани шахс (амалдор, шахси мансабдор), фиребгарӣ, ҳадя ва ҳавасмандгардонӣ ва ғ. Таърифи коррупсия дар таълимоти Э. Дюртейм таҳлил гардида, маънии аслии он набудани меъёр маънидод гаштааст. Дар иртибот бо ҷомеа бошад мафҳуми коррупсияро чунин маънидод намудаа*нд: я*ъне*,* ҷомеа дар ҳолати беморӣ қарор дошта, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дар он хеле суст мавриди амал қарор гирифтаанд. Шарҳи аврупоии рафтору муносибати коррупсионӣ аз он чизе, ки мардуми тоҷик дар бораи фасод тасаввур мекунанд тафовути бузург дорад. Ин на ба он хотир аст, ки ба мансабдорони маҳаллӣ додани пора ба ҳукми анъана даромадааст, балки

дуруст*т*ар мебуд онро ҳамчун як зуҳур*оти* фарҳангӣ ва иҷтимоие шарҳ дод, ки вай дар худ таъбири фасодро дар иртибот ба кишвар, дин ва муносибатҳои иҷтимоӣ ғунҷонидааст.

Дар фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ низ шарҳи мафҳуми коррупсияро метавон дарёфт. Тибқи шарҳи шореҳони асари мазкур, коррупсия ин истифодаи мансаб ва ё мавқеи худ аз тарафи шахсоне, ки барои иҷро намудани вазифаҳои давлатӣ ва ё ба он баробаркардашуда, бо мақсади ғайриқонунӣ гирифтани имтиёзҳои моддӣ ва ё дигар имтиёзҳо, инчунин муҳа*й*ё намудани онҳо ба шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқиро мефаҳманд. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" маънои луғавии истилоҳи "коррупсия"-ро ба маъноҳои бо пора харида шудан, фурӯхта шудани шахсони амалдор тавсиф карда шудааст. Маънои адабӣ ва аз тарафи ҷомеа қабулгардидаи калимаи "коррупсия" ҳамчун ришва, сӯистифода аз мансаби давлатӣ, барои боигарии шахсӣ, боигарии хешони наздик ва беҳтар гардонидани ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худро дорад.

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мафҳуми "коррупсия" дода шудааст. Мутобиқи м. 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 июли соли 2005, коррупсия - ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва ё қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Коррусия таърихи тулонӣ дошта, яке аз умдатарин масъалаҳо ва мушкилоти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Агар ба гузаштаи он назар афканем, пас коррупсия дар таърихи давлатҳои Шарқ ва Ғарб сабаби ривоҷу равнақи исёну шӯришҳои мардумӣ гаштааст. Аслан коррупсия аз давраи обшинаи ибтидоӣ оғоз ёфта ва бо пойдории давлат рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Вале таърихнигорон сар задани коррупсия ва тарзу усулҳои рафъи онро бештар ба давраи "эллинистӣ" мансуб ме*донанд*. Масалан, дар солҳои 320 пеш аз милод амалдори Юнон дар Миср Клеоман, ки ӯро Александри Мақдунӣ ба вазифаи "гузориш ва таъмини ғалла" аз Миср ба Юнон таъйин карда буд, даст ба қал*лобӣ* мезанад, ки ин амали ӯ дар таърих ҳамчун коррупсия маънидод шудааст. Зеро дар ин ҷо аз яктараф сӯистифода аз мансаби хизматӣ дида шавад аз тарафи дигар, аз ҳисоби моликияти давлат дорошавии ғайриқонунии ӯ зуҳур ёфтааст. Рими қадим давлате буд, ки дар он ҷаҳонбинии зиддӣ коррупсионӣ то андозае ривоҷ ёфта буд. Вале дар асри 2-и пеш аз мелод дар ҷамъияти римиён тағйирот ба миён меояд – яъне сафи мардуми доро ва сарватманд зиёд мешавад. Аз ҷумла*,* Ливий Друз, ки яке аз сарватмандтарин шахсон (дар асри 1-и пеш аз мелод) ба шумор мерафт ва дар зери тасаруфи ӯ панҷ тонна маснуоти коркарди мисин ва тилло қарор дошт. Ин овардаҳо аз пайдоиши омилҳои коррупсионӣ дар Рими қадим шаҳодат медиҳанд. Дар низоми давлатдории давлатҳои Шарқ, ба хусус Мисри қадим низ омилҳои коррупсион*ӣ* ба чашм мерасиданд. Дар робита бо ин таърихнигор Ҳередот чунин менигорад*: а*з бераҳмию бешавқатӣ ва ноадолатии амалҳои фиръавн Хеопс ва Хефрена нисбат ба сохтмончиён, ки хусусан ба арафаи ба анҷомрасиии пирамидаҳо рост меояд, қайд намудааст, ки сохтмони пирамида як навъ зиёне буд, ки оқибат ба зиёд гаштани сафи ашрофон ва аз ин ҳисоб ба қашшоқ гардии аҳолӣ боис гашт. Зеро аз басо носаҳеҳии шароит ва техникаи меҳнат, ки ин дар ҷараёни сохтмон сабаби сар задани ҳар гуна ҳодисаҳои нохуш гардида буд ва хавфи маъюбгардии ҳамагонии кормандонро ба миён овард, ин вазъ оилаи онҳоро ба бенавогию қаш*шоқ*ӣ оварда расонид. Аз ин ҷост, ки деҳқонон маҷбур мешуданд барои таъмин ва нигоҳдошти оилаи худ хонаву дари худро ба фурӯш гузоранд. Сарфи назар аз дороии ашрофон ва фиръавнҳо деҳқонон аз ҳама гуна имтиёзҳо маҳрум буданд. Аз ин лиҳоз, далелҳои мазкур аз ҷой доштани коррупсия ва ҳукмфармо гаштани ҷаҳонбинии коррупсионӣ дар сохторҳои давлатии Миср гувоҳӣ медиҳад. Коррупсия дар Хитойи Қадим ҳамчун зуҳуроти номатлуб пиндошта мешуд. Боло рафтани сатҳи коррупсия дар таърихи Хитойи Қадим ба даврони ба миён омадани империяи Син дар асри 3-и пеш аз мелод рост меояд. Ин империя ҳудудаш хело васеъ буд. Таъсиси ин империя боиси ворид гардидани Хитой ба ҷараёни глобализатсия аз ҷумла, савдои шиддатнокӣ байни қитъаҳои империя гардид. Империяи навтаъсис сарҳадоти гумрукиро барҳам дод, дар муомилот пули ягонаро

ҷорӣ намуд ва ҳамчунин фурӯши заминҳоеро, ки пештар ба фурӯш гузошта намешуданд чунки ба деҳқонон мутааллиқ буданд, иҷозат дод. Дар заминаи рушди муносибатҳо мавқеъ ва манзалати тоҷирони калон, судхӯрон ва заминдорони калон боз ҳам боло рафт. Дар натиҷа, тамоми мансабҳои давлатӣ озодона хариду фурӯш карда мешуданд. Тибқи маъхазҳои таърихӣ ҳабсхонаҳо ба марказҳои савдои ғуломон мубаддал гардида буданд.

Аз мавҷудияти коррупсия дар низоми давлатдории тоҷикон месазад ёдоварӣ намуд. Файласуфи немис Г. Ф. Гегел қайд мекунад, ки Империяи бузурги Ҳахоманишӣ нахустин давлатӣ мутамаддини ҷаҳон маҳсуб меёбад, ки асосгузори он Куруши Кабир буд. Куруши Кабир ба муқобили фасод ва порахӯрӣ мубoризаи беамон мебурд. Дар таърихӣ тоҷикон табақаи аз ҳама фасодзада муфтиҳо, қозиҳо ва кормандони ҳифзи тартиботро (аз ҷумла миршабҳо) ном мебаранд. Ба шаҳодати таърих камтарин мизони порахӯрӣ дар таърихи тоҷикон ба давраи давлатдории Сомониён ба хусус ба давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ рост меояд.

**Усулҳои тафтиш.** Усули криминалистии тафтиши ҷиноят – ин низоми муқаррароти илмие мебошад, ки дар асоси он тавсияҳои амалӣ коркард шуда, асоси сарчашмаҳои он омӯзиши қонуниятҳои фаъолияти ҷинояткорӣ ва таҷрибаи тафтишӣ мебошад, ки ташкил ва амалисозии тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷинояткориро осон мегардонад. Ҳангоми коркарди усулҳои тафтишӣ махсусияти ҳар як намуди ҷиноят ва шахси содиркунандаи он madd*и* назар гирифта мешавад. Ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ низ дорои махсусиятҳои худ мебоша*нд*. Пора ва коррупсия падидаҳои ба ҳам наздик ва ба ҳам алоқаманданд. Дар ҳарду ҳолат сухан дар бораи фактҳои якдафъаина ё мунтазами интиқоли пул, туҳфа ё расонидани хизматҳои гуногун ба хизматчии давлатӣ, шахси мансабдор ё ба ӯ расонидани хизматҳои гуногун барои амали (беамалии) содиркардаи ин шахс меравад, ки мебоист ба манфиати ришвадиҳ*а*нда рафтор мекард. Коррупсия худ аз худ вуҷуд надорад, балки ҳамчун воситаи муҳимтарини таъмини фаъолияти самараноки ҷиноятӣ **ва пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисодӣ амал мекунад.** Ба қатори шахсоне, ки бояд субъектҳои эҳтимолии *ришвахӯр*ӣ ва коррупсионӣ дониста шаванд, бояд дар навбати аввал хизматчиёни давлатӣ, шахсони мансабдоре, ки доимӣ ё муваққатӣ дар мақомоти давлатӣ, ташкилот ё муассисаи давлатӣ кор мекунанд, аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ музди меҳнат мегиранд, дохил карда шаванд. Ба субъектҳои *ришвахӯр*ӣ ва коррупсия шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ низ дохил мешаванд, ки ба категорияҳои мансабдорони дар боло зикргардида имтиёзҳои гуногунро дар шакли пулӣ, туҳфаҳо ва дигар хизматрасониҳо пешниҳод менамоянд. Дигар хизматрасониҳо иборатанд аз: ташкили даъват ба сайёҳати дохилӣ ва хориҷӣ, солимгардонӣ ва дигар сафарҳо (аз ҷумла барои аъзои оилаи шахсони мансабдор) аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; додани имтиёз*ҳ*ои дар санад*ҳ*ои меъёрии *ҳуқуқӣ* пешбининашуда; ташкили барномаҳои радио ва телевизион, ки имкон медиҳад таблиғи ин ё он шахси мансабдор ба роҳ монда шавад, ки дар натиҷа ба болоравии нуфузи шахси мансабдор мусоидат менамояд; ёрӣ расондан ба гузарондани маъракаи интихобот*ӣ*, дар матбаа *ҷ*ой додани тиражи гайринавбат*ӣ* ва ёрӣ расондан ба па*ҳ*н кардани он.

Агар предмети ришвагирӣ ё таъминоти хизматчии давлатии *ришвахӯр* хусусияти моддӣ дошта бошад, пас ҷои интиқоли онҳо метавонад инҳо бошанд: идораи хизматчии давлатӣ, шахси мансабдор; тарабхона, дача, нақлиёти ҷамъиятӣ, ки дар он вохӯрии қаблан пешбинишудаи порагир бо порадиҳанда ё миёнарав сурат мегирад; ҷои шартӣ дар куча, дар даромадгох боғ; манзил ё мошини порагир; утоқи меҳмонхона ва ғ. Додани ашёи ришва ё нигоҳдорӣ ба хизматчии давлатӣ метавонад мустақим ва ғайримустақим бошад. Дар ҳолати аввал интиқоли пул, ашёи қиматбаҳо, ҳуҷҷатҳо аз даст ба даст ё бо роҳи мубодилаи бастаҳо ва ғайра сурат мегирад. Интиқоли ғайримустақим тавассути миёнарав ба сомон расонида мешавад. Лаҳза ва тартиби интиқоли предмети пора, чун қоида, то ҳадди имкон ниқоб карда мешавад, созишнома дар бораи мулоқот тавассути гуфтушунидҳои рамзбандишуда анҷом дода мешавад, мукотиба ҳамчун паёмҳои корӣ пинҳон карда мешавад. Қабл аз додани пора чораҳо андешида мешаванд, ки бо ҷиноят дастгир кардани порагирро душвор гардонанд. Масалан, дари офис баста мешавад, тиреза кушода мешавад, посбон гузошта мешавад ва ғайра. Муайян намудани аломатҳои *ришвахӯр*ӣ ва коррупсия, вазифаи аввалиндараҷаи рафти тафтишоти ин намуди фаъолияти ҷиноятӣ мебошад. Зуҳури вазъияти ҷиноятӣ ду намуд дорад. Дар ҳолати аввал ин метавонад ариза ё хабари шахс

(гурӯҳи шахсон) бошад, ки дар он далелҳои мушаххаси интиқоли пул, тухфа, хизматрасонӣ ба шахси мансабдор, инчунин додани ҳуҷҷатҳо, амвол ва ғайра нишон дода шудаанд. Намуди дуюми ошкор намудани вазъияти ҷиноӣ аз ҷониби худи субъекти тафтишот фаъолона ҷустуҷӯ кардани осори *ришвахӯрӣ* ва коррупсионӣ мебошад. Гуруҳи махсуси осори амалиёти ҷинояткоронаи порахӯрон аломатҳои сохтакории ҳуҷҷатҳо (ислоҳи сана, нест кардани рӯйхатҳо, аз нав чоп кардани ҳуҷҷатҳо ва ғ.) мебошанд. Дар доираи нақшаи умумии амалҳои тафтишӣ усулҳои зерини тафтиш метавонад истифода шавад: 1. Омӯхтани шароит ва сохтори фаъолияти ташкилоте, ки гумонбаршуда дар он кор мекунад, шиносоӣ бо доираи вазифаҳои ӯ, муайян намудани салоҳияти ӯ. 2. Барои шинос шудан талаб кардан ва омухтани ҳуҷҷатҳои гуногун. 3. Омӯзиши маводи парвандаҳои ҷиноятии қатъшуда бо истинод ба маълумоти санадҳои экспертизаи судӣ, инчунин маводи дар бойгонии судҳо нигоҳ дошташуда. 4. Бо пешниҳоди муфаттиш - гузаронидани санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагии ташкилот. 5. Гирифтани маслиҳат аз мутахассисон (роҳбарон, муҳосибон, аудиторҳо ва ғайра).

Дар рафти тафтиши ҷиноятҳои характери коррупсионӣ дошта, бояд чунин олатҳоро ба нақша гирем: - муқаррар намудани фактҳои додани предмети пора, ошкор намудани далелҳои шайъӣ, дигар ҳуҷҷатҳо; - пайгирии фактҳои вохӯрӣ, суҳбатҳои телефонӣ, мукотибаи хизматчии давлатӣ, шахси мансабдор: - андешидани чораҳо оид ба пешгирии гум шудани осори моддӣ ва ҳифзи шоҳидон; - ҳамчунин зимни тафтиши ин қабил ҷиноятҳо бояд хело бодиққат буд ва пас аз пешкаш намудани пора бояд фавран ришваситонро дастгир ва маводҳои лозимиро мусодира намуд, чунки каме беэътиноӣ ва ҳаракати ноҷою бемаврид ба гум шудани далелҳо оварда мерасонад. Рафти тафтиш, ошкор ва тасдиқ намудани далелҳо бо роҳи гузаронидани амалиёти тафтишотӣ сурат мегирад. Марҳилаҳои ибтидоии тафтишот инҳоянд: 1. Пурсиши мурочиаткунандагон. 2. Боздошти субъектҳои *ришвахӯрӣ*. 3. Санҷиши субъекти пора ё *ришвахӯрӣ*. 4. Азназаргузаронии ҷои ҳодиса. 5. Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳо, ашё ва дигар ашёи моддие, ки воситаи ришва ё предмети ришва намебошанд ва дар мавриди зарурат гирифтани онҳо. 6. Ҷустуҷӯи субъектҳои *ришвахӯрӣ* ва коррупсионӣ, мусодираи молу мулки онҳо. 7. Пурсиши гумонбаршудагон. Амалҳои минбаъдаи тафтишотӣ иборатанд аз: 1. Пурсиши шоҳидон. 2. Пурсиши айбдоршаванда. 3. Шартгузориҳои рӯ ба рӯ. 4. Муаррифӣ барои шиносоӣ. 5. Таҷрибаи тафтишотӣ ва санҷидани нишондодҳо дар маҳал. 6. Гирифтани намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ ва таъйини экспертиза. Ҳангоми пурсиш аз аризадиҳанда ҳолатҳои дар ариза зикргардида аниқ ва мушаххас карда мешаванд. Аз ҷумла, чунин ҳолатҳоро бояд муайян намуд: пора ба кӣ дода шудааст ё бояд ба кӣ гузаронида шавад; - маҳал, вакт ва усули додани пора ва додани амвол, ҳуҷҷатҳо, маълумот, кафолатҳо ва ғайра, ки порагир талаб мекунад; - аломатҳои субъекти пора, аз ҷумла маблағи пул, шумораи векселҳо, номи онҳо, шумора ва серия, номи предметҳои қимматбаҳои додашаванда, аломатҳои фарқкунандаи онҳо ва ғ. Боздошти субъектҳои *ришвахӯрӣ* ва коррупсионӣ мушкилтарин амалест, ки бо муваффақият анҷом додани он имкон медиҳад далелҳои муҳим дастрас ва дигар ашёҳои зарурӣ мусодира карда шаванд. **Боздошти ҷинояткор дар мавридҳои зерин имконпазир аст, ки:** - тамаъҷӯӣ ба амал омада бошад ва шаҳрванди ба тамаъҷӯӣ дучоршуда ихтиёран изҳор дошта, дар боздошт ва фош кардани порагир фаъолона мусоидат намояд; - дар бораи ҳодисаҳои гирифтан ё додани пора ва вохӯрии дарпешистодаи субъектҳои *ришвахӯрӣ* ва коррупсия маводи боэътимоди оперативӣ мавҷуд бошанд ва дар якчанд мавридҳои дигар. **Ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳангоми додани пора ё фавран пас аз он ришваситон дастгир карда шавад.** Пеш аз боздошти порагир бояд дар протоколи баёнот аз нав навиштани рақам ва дигар аломатҳои пулӣ ё гузоштани аломатҳои кимиёвӣ кофтукови шахсии боздоштшудагон, пеш аз ҳама, барои ошкор кардани мавзӯи ришва гузаронида мешавад. Илова бар ин, дар ҷараёни кофтукови шахсӣ, метавон ҳуҷҷатҳо, ашёи қиматбаҳо, сабтҳои дигар, ки дар бораи ришваи қаблӣ ё дигар амали ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд, пайдо намуд. Вазифаи асосии тафтиш аз он иборат аст, ки дар ҷои додани пора, ошкор намудани ашёи пора ё як қисми он, маводи борпеч, лифофа ва ғ. Барои ошкор намудани предмети пора ё воситаи ришва, пул, сарват ва молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки аз робитаҳои порагирандагон шаҳодат медиҳанд, дар бораи содир намудани ҳаракати (беамалии) муайян аз ҷониби онҳо кофтуков гузаронида мешавад, ки он чун қоида

бо гузоштани ҳабс ба молу мулк бо мақсади таъмини мусодираи эҳтимолии он анҷом меёбад. Кофтуков дар ҷои кори гумонбаршуда, дар ҷои истиқомати ӯ (квартира, дача, мошин, гараж ва ғайра), инчунин дар ҷои кор ва истиқомати шахсоне, ки бо порахӯр дар робитаанд, гузаронида мешавад. Дар сурати дастгир кардани ҷинояткор, кофтуков фавран пас аз дастгир кардан, дар баробари аз назаргузаронии ҷои ҳодиса гузаронида мешавад.

**Хусусиятҳои кофтукови *ришвахӯр*он аз инҳо иборатанд:** - мушкилии дарёфти ашё ва далелҳои дигар, зеро маводи айбдоркунандаи порагир дар ашёҳои гуногун (китобҳо, папкаҳо, ҷойҳои дигари махфӣ) пинҳон карда мешаванд ё ниқобпӯш карда мешаванд; заруратӣ баҳодиҳии дақиқи ҳамаи ашёҳо, ҳуҷҷатҳо, сабтҳои шахсии ошкоршуда, ки метавонанд рамзгузорӣ шаванд; - имконияти истифодаи кумаки миёнараве, ки ҳангоми кофтуков нишондоди ҳақиқӣ додааст. Ҳангоми пурсиш ҳатман аз таҷҳизоти сабти видео ё садо истифода бояд намуд. Пурсиши ногаҳонӣ ба гумонбаршуда имкон намедихад, ки барои ин ё он варианти бардурӯғ далелхои сафедкунанда пешниҳод кунад. Пурсиш дар ҷои боздошт, бо як қатор сабабҳо хеле муассирр аст. Чунки гумонбаршуда дар пеши назари худ тамоми вазъияти ҳодиса, объекти ришваро мебинад. Ҳамаи ин имкон намедиҳад, ки дар зеҳни порагир «тасвир»-и барқароркунанда ба муфаттиш пешниҳод карда шавад, ки албатта дорои аҳамияти психологӣ мебошад. Ҳангоми пурсишҳои аввалини гумонбаршуда бояд ба муайян намудани тамоми ҷузъиёти додани пора ва он амале (беамалие), ки порагир ба манфиати порадиҳанда содир кардааст ё мебоист анҷом медод, бояд диққати махсус дода шавад *в*а бояд муайян намуд, ки киҳо ба содир гардидани кирдораш саҳм гузоштаанд ва амнияти ӯро таъмин кардаанд. Ҳамин тариқ, коррупсия ин падидаи иҷтимоӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлат зарар мерасонад ва дар ба даст овардани подош ва дигар манфиатҳои моддӣ ва ғайримодддӣ аз ҷониби шахси мансабдор бо сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ ба тариқи ғайриқонунӣ ба манфиатҳои шахсӣ ва бар хилофи манфиатҳои давлатӣ ифода меёбад, ки ба поймол гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқбунёдии давлат, адолати иҷтимоии давлат халал эҷод менамояд. Ҳамчунин, мавҷудияти коррупсия ба ташаккул ва ривоҷи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷамъият мусоидат менамояд. Зимнан коррупсия ба рушди иқтисодиёти давлат монеаи ҷиддӣ ба шумор рафта, (азонихудкунии ғайриқонунии аз ҳад зиёди маблағҳои буҷетӣ), ривоҷи он омили заифгардидани пояҳои давлатдорӣ мегардад. Дар умум, ҳамаи омилҳои зикргардида, ки дар заминаи мавҷудияти коррупсия арзи ҳастӣ менамоянд, хатари ҷиддӣ ба амнияти миллӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, муфатишонро зарур аст, ки ба тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сари вақт шиноси пайдо намуда, усулҳои нав ба навро оиди кушодани ҷиноятҳои характери коррупсионидошта коркард намоянд.

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи фаъоли давлат ва ҷомеа ба ин мушкилот ҷиноятҳои коррупсионӣ яке аз сусттарин ошкоршуда боқӣ мемонад чунки ба ин намуди ҷиноятҳо сатҳи баланди латентӣ хос мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Криминалистика (китоби дарсӣ). Зери назари д.и.х, профессор Назаров А.Қ. Душанбе- 2019.
2. Маркази тадқиқотии назди Президенти ҶТ. Барномаи рушди СММ дар ҶТ . Душанбе-2006. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. Зери таҳрири академик, Маҳмудов М.А. Душанбе. “ЭР-граф”, 2012. Донандагони хуби ҳадисҳо олимони Мовароуннаҳр Имом ибн Исмоил Абу Абдуллоҳ ал-Ҷуфӣ ал-Бухорӣ (810-870).
3. Тафсири “ал-Ваҳиз фӣ тафсиррӣ-л-Қуръони-л-азиз”. Қоҳира, 1991. Ҷ.1. (Сураи Бақара).
4. Ҳасанов Ш.Қ. Масоили ташаккулёбии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ / Ш.Қ.Ҳасанов. - Душанбе: “ЭР-граф”, 2012.
5. Сиёсати зиддикоррупсионӣ. Воситаи таълимӣ. Зери таҳрири Ф. Р. Шарифзода, “Ирфон”, Душанбе-2018.
6. Бастрыкин А.И. Коррупция как один из факторов угрозы национальной безопасности Российской Федерации // Право и безопасность. М. 2011.
7. Фелипов А.Г. Криминалистика / А.Г.Филипов. - М. 2014.
8. Роджерс Г. Александр Македонский / Г.Роджерс. - М. 2006.
9. История Китая. В. Адамчик., М. Адамчик и др. Москва-Минск, 2005.
10. Қонуни ҶТ “Дар бораи мубориза бар зиддӣ коррупсия”. (АМО ҶТ, 25.05. 2005, №7, м. 402; с. 2007, №7, м. 660).


## КОРРУПСИЯ МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА УСУЛҲОИ ТАФТИШИ ОН

Тавре маълум аст ҷиноятҳои дорои характери коррупсионӣ яке аз ҷиноятҳои дар айни замон рушдкарда ва хеле ташвишовар ба амнияти давлат ба ҳисоб мераванд. Ба ин гуна ҷиноятҳо сатҳи баланди латенти хос

мебошад. Кушодан ва ошкор намудани онҳо аз муфаттиш, таҳқиқбаранда сатҳи баланди кордонӣ ва доштани донишиҳои назариявӣ ва амалиро тақозо менамояд. Ҳамчунин, зимни тафтиши ин қабил ҷиноятҳо бояд хело бодиққат буд ва пас аз пешкаш намудани пора бояд фавран ришваситонро дастгир ва маводҳои лозимиро мусодира намуд, чунки каме беэътиноӣ ва ҳаракати ноҷою бемаврид ба гум шудани далелҳо оварда мерасонад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** ришва, ҷиноят, коррупсия, муфаттиш.

**ПОНИЯТИЕ, ПРИРОДА,ИСТОРИЯ И МЕТОДЫ ИССЛЕДОВАНИЯ КОРРУПЦИИ**

Как известно, коррупционные преступления являются одними из самых распространенных преступлений в нашей стране и вызывают серьезную озабоченность безопасности государства. Такие преступления характеризуются высокой латентностью. Раскрытие информации требует от следователя высокого уровня профессионализма, а также теоретических и практических знаний. Также при расследовании подобных преступлений следует быть очень внимательными, и после дачи взятки следует немедленно задержать взяточника и изъять необходимые материалы, так как небольшая халатность и ненадлежащее передвижение могут привести к потере вещественных доказательств.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** взяточничество, преступление, коррупция, следователь.

**THE CONCRET, NATURE, HISTORY AND METHODS OF CORRUPTION RESEARCH**

As you know, corruption crimes are among the most common crimes in our country and cause serious concern for the security of the state. Such crimes are characterized by high latency. Disclosure of information requires a high level of professionalism from the investigator. As well as theoretical and practical knowledge. Also, when investigation such crimes you should be very careful, and after giving a bribe, you should immediately detain the bribe-taker and seize the necessary materials, since a little negligence and improper movement can lead to the loss of material evidence.
**KEYWORDS**: bribery, crime, corruption, investigator.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Мусулмон Убайдович*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Абдуллоев Мусулмон Убайдович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author**: ***Abdulloev Musulmon Ubaydovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НИЗОМИ АМАЛИЁТИ ТАКТИКӢ

***Яҳёев А.Ю.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тафтиши ҷиноятҳо яке аз равандҳои бисёрҷабҳа буда, дар давоми он, амалӣ намудани вазифаҳои гуногуни тактикӣ – аз ҷониби мақоми босалоҳияти давлатӣ қабул карда шудани қарори дахлдор, талаб карда мешавад, ки дар натиҷа қарори мувофиқ ба ҳалли мушкилот интихоб ва дар амал татбиқ карда мешавад. Қарор, ки ба ҳалли мушкилот мусоидат менамояд, ба истифодаи техникаи тактикӣ вобастагии калон дорад. Ҳалли вазифаҳои тактикӣ дар ҳолатҳое муфид ҳисобида мешавад, ки дар рафти тафтиши ҷиноятҳо дар баробари дигар захираҳо, ҳамчунин амалиёти тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ комплексҳои ин амалҳо мавриди истифода қарор дода шаванд. Истилоҳи "амалиёт" аз калимаи лотинӣ маншаъ мегирад, ки ифодакунандаи мафҳуми "амал" мебошад. Амалиёти тактикӣ мумкин аст, ки ҳамчун низоми амалиёти тафтишотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар амалҳое муайян карда шавад, ки мувофиқи мақсадашон бо ҳам мувофиқ ва алоқаманд, бо дарназардошти ҳолати кунунии тафтишотӣ (пеш аз тафтишот) таҳия карда мешавад, ки тибқи нақша ва таҳти роҳбарӣ анҷом дода мешавад. Ҳангоми муайян кардани мафҳуми амалиёти тактикӣ ҷиҳатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– амалиёти тактикӣ – сохтори мураккаби муташаккил, ки ҷузъи таркибии фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва маърифатӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ мебошад;

- амалиёти тактикӣ барои ҳалли ҳама гуна проблемаи тафтишот, ки мақсади амалиёти мазкур мебошад, гузаронда мешавад;

- амалиёти тактикӣ моҳият ва амалӣ гардидани онро, ки ба таври муайяни комплексӣ тартибдодашударо ташкил медиҳанд, ҳамаи унсурҳои онҳо бо ҳам зич алоқаманд буда, якдигарро пурра ва инкишоф медиҳанд;

- амалиёти тактикӣ - танҳо аз амалҳое иборат мебошанд, ки ба меъёрҳои муқаррарнамудаи мурофиавии қонун мувофиқат менамоянд;

- амалиёти тактикӣ бо роҳбарӣ ва иштироки муфаттиш, ки парвандаи ҷиноятиро пеш мебарад, ташкил ва гузаронида мешавад;

- объекти амалиёти тактикӣ - ин ҳолатҳое ба ҳисоб мераванд, ки дар раванди тафтишоти нотамом сурат мегиранд;

Амалиёти тактикӣ – қисми таркибии низоми тафтишотӣ, ташкилӣ ва омодагӣ, ҳамчунин амалҳо ва чорабиниҳои оперативие фаҳмида мешаванд, ки тибқи нақшаи ягона амалӣ гардида, ба ҳалли вазифаҳои алоҳидаи байнисоҳавӣ ва вазифаҳои зертобеъ нигаронида шудаанд. Амалиёти тактикӣ ба низоми умумии тафтишоти ҷиноятӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳимтарини он дохил карда шудааст. Раванди тафтишот дар сурате, ки бо истифода аз ду ва ё якчанд амалиёти тактикӣ гузаронида мешавад, оптималӣ мегардад. Бинобар сабаби мазкур на танҳо барои бомуваффақият ҳалнамудани вазифаҳои мобайнӣ, балки имкон медиҳад, ки ба ҳадафи ниҳоии тафтишот ҳарчи бештар ноил гардад.

Мазмуни амалиёти тактикиро дар навбати аввал вазъияти тафтиши, баъдан, аз рӯи аломатҳои гуруҳи (хусуси) ҷинояти тафтишшаванда муайян мекунанд. Бинобар ин, амалиёти тактикие, ки характери умумӣ доранд, нихоят дар методологияи криминалистика мувофиқи хусусиятхои тафтиши гурӯҳи муайяни ҷиноятҳо тартиб дода шаванд.

Дар айни замон, амалиётҳои маъмултарини тактикӣ аз инҳо иборат мебошанд:

a. таъқиби ҷинояткор аз рӯи пайҳои гарм;
b. кофтуков ва муайян кардани далелҳо дар ҷои ҳодиса;
c. кофтуков ва дастгир намудани гумонбаршаванда;
d. фош кардани шахсони гунаҳкор;
e. ҷустуҷӯи шахсони гумшуда;
f. мансубияти ҷасад;
g. ҷустуҷӯи амволи дуздидашуда;
h. боздошти ҷиноят;
i. пораи назоратшаванда ва ғайра.

Қобили қайд аст, ки ин амалиёти типи тактикиро бояд ба хусусиятҳои тафтиши гуруҳи (пайванди) муайяни ҷиноятҳо мувофиқ кунонанд. Тавассути амалиёти тактикӣ на танҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ, балки пеш аз огози парвандаи ҷиноятӣ ҳам якчанд вазифаи ба ҳам алоқамандро якбора ҳал кардан имконпазир мебошад. Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаронидани амалиёти тактикии вобаста ба ҳабс, пеш аз дастгиркунии мустақим маҷмуи чорабиниҳо оид ба омӯзиши шахсияти ҷинояткор, фароҳам овардани шароите, ки ӯ бояд дар ҷои анҷоми ҳабс бошад ва ғ. Амалиёти тактикӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногун анҷом дода мешавад, зеро номенклатураи вазифаҳои тафтишот хеле гуногун аст. Аз ҷумла, ошкор намудани ҷиноят; муқаррар намудани ҳама гуна ҳолатҳое, ки ба предмети мурофиаи ҷиноятии исбот ва далелҳои ёрирасон дохил карда шудаанд (тарзи содир намудани ҷиноят, шахсияти ҷабрдидаи номаълум дар ҷасади ӯ, шахси ҷиноят содиркарда, ки аз ҷои ҳодиса фирор кардааст, фош кардани ҷинояткор: ошкор кардани молу мулки дуздидашуда, олоти содир кардани ҷиноят, воситаҳои нақлиёте, ки ҷинояткор истифода мебарад: ҷустуҷӯи айбдоршавандае, ки аз мақомоти таҳқиқ ва суд фирор кардааст.

Ташаббускори амалиёти тактикӣ прокуроре, ки ба тафтишот рохбарӣ мекунад, сардори воҳидҳои тафтишот ва мақомоти таҳқиқ, судя, аъзо ва сардори гурӯҳи тафтишот буда метавонад. Аммо танҳо он корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки парвандаи ҷиноятиро ба ӯҳда дорад, ҳамеша амалиёти тактикиро ташкил карда, ба он роҳбарӣ мекунад ва дар он иштирок менамояд. Амалиёти тактикӣ метавонад дар як ва ё дар як вакт дар якчанд самт, чи дар доираи як райони маъмурӣ - территориявӣ ва чӣ дар минтакаҳои гуногун, чи дар як соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва чӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти инсон инкишоф ёбад. Дар рафти амалиёти тактикӣ ҳам воситаю усулхои криминалистии умумӣ ва ҳам оперативӣ, инчунин воситаю усулҳои мушаххаси ҳалли масъалаҳо, аз ҷумла истифодаи

воситаю имкониятҳои мақомоти танзимкунанда, инчунин воситаҳои махсуси техникии профили ғайрикриминалистӣ (масалан, дар корҳои ҳарбӣ, дар соҳаи сохтмон истифода мешавад). Амалиёти тактикиро аз рӯи асосҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст:

а) аз ҷиҳати мазмун — ба якхела, аз ҷумла амалиёти тафтишотӣ, чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар амалҳо ва якхела, ки танҳо аз амалҳои тафтишӣ иборат аст;

б) аз рӯи сохтори вақтӣ - ба охир, ки истеҳсоли он дар якчанд марҳилаи тафтишот сурат мегирад ва маҳаллӣ, ки дар як марҳилаи тафтишот гузаронида мешавад;

в) аз рӯи сохтори ташкилӣ – барои онҳое, ки аз ҷониби кормандони дар воҳидҳои сохторӣ ва ташкилии доимӣ муттаҳидшуда (шуъбаҳои тафтишотӣ, кофтукови ҷиноятӣ, шӯъбаҳои мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ ва ғ.) амалӣ карда мешаванд ва аз ҷониби кормандони дар сохторҳои муваққатӣ муттаҳидшуда амалӣ карда мешаванд. пайванди функсионалӣ (гурӯҳи тафтишотӣ, ки бо ҷалби шахсони мансабдори мақомоти амалӣкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, гурӯҳҳои навбатдори тафтишотӣ ва ғ.);

г) аз рӯи мансубияти идоравӣ - аз кормандони як шӯъба (муфаттишон ва кормандони оперативии ВКД Россия) ё аз кормандони якчанд шӯъбаҳо (муфаттишони ИН РФ ва кормандони оперативии ФСБ Россия) ташкил карда мешаванд.

Аз рӯи сохтор амалиёти тактикӣ ба чунин қисмҳои таркибӣ таҷзия карда мешавад:

а) давраи омодагӣ (ташкилӣ);

б) давраи амалигардонӣ;

в) давраи ниҳоӣ;

Дар илми криминалистӣ таҷзияи дигари амалиёти тактикӣ мавҷуд мебошад:

а) мақсади амалиёти тактикӣ;

б) объекти амалиёти тактикӣ;

в) шартҳои амалиёти тактикӣ;

г) воситаҳои амалиёти тактикӣ;

Бо истифода аз амалиёти тактикӣ, на танҳо дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ, балки пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳам якчанд вазифаи ба ҳам алокамандро якбора ҳал кардан имконпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми гузаронидани амалиёти тактикии вобаста ба ҳабс, пеш аз дастгиркунии мустақим маҷмуи чорабиниҳо оид ба омӯзиши шахсияти ҷинояткор, фароҳам овардани шароите, ки ӯ бояд дар ҷои анҷоми ҳабс қарор дошта бошад ва ғ. Интихоб ва истифода намудани техникаи тактикӣ, комбинатсия ва ё амалиёт дар асоси тавсияхои тактикӣ — маслиҳатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва исботшуда оид ба роҳҳои муфидтарини амалиёт ба амал бароварда мешавад.

Тавсияҳои мазкур дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ тавассути қарори тактикӣ – интихоби ҳадафи таъсирри тактикӣ ба вазъияти тафтишотӣ дар маҷмуъ ё ба ҷузъҳои алоҳидаи он, ба рафти тафтишот ва натиҷаҳои тафтишот амалӣ карда мешаванд, тарзу усулҳо ва воситаҳои ба ин мақсад расидан.

**АДАБИЁТ**


1. Драпкин Л. Я. Особенности информационного поиска в процессе расследования и тактика следствия // Проблемы повышения эффективности предварительного следствия // Л.Я.Драпкин. - Л., 1976. С. 54.
2. Белкин Р.С. Криминалистика: проблемы сегодняшнего дня. Злободневные вопросы российской криминалистики / Р.С.Белкин - М.: Изд-во НОРМА, 2001. - 240 с.
3. Коновалова В.Е Концепция криминалистической тактики: прогнозы развития // Актуальні проблеми криміналістики: Матеріали міжн.-практ. конф. 25-26 верес. 2003 р. / За ред. Панова М.І., Шепітька В.Ю., Коноваловой В.О. та ін. -Харків: Гриф, 2003. - С. 66-69.
4. Дулов А.В. Разработка тактических операций при расследовании преступления // 50 лет советской прокуратуры и проблемы совершенствования предварительного следствия / А.В.Дулов. - Л, 1972. - С. 23, 24.
5. Величкин С.А. О соотношении понятий "тактический прием", "тактическая задача", "тактическая операция (комбинация)" // Проблемы укрепления законности в уголовном судопроизводстве / С.А.Величкин - Барнаул, 1985. - С. 106.
6. Шиканов В.И. Информация к тактической операции "Атрибуция трупа": Учеб. Пособие / В.И.Шиканов - Иркутск Изд-во Иркутского ун-та, 1975. - С. 21.
7. Марочкин Н.А., Решетняков В.Я. Тактические операции в теории криминалистики и в практике расследования посягательств на имущество граждан: Учеб.-метод. Пособие / Н.А.Марочкин - Саратов, 2001. - С. 10.

8. Шиканов В.И. Теоретические основы тактических операций в расследовании преступлений / В.И.Шиканов. - Иркутск Изд-во Иркутского ун-та, 1983. - С. 43, 44.

**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА НИЗОМИ АМАЛИЁТИ ТАКТИКӢ**

Тафтиши ҷиноятҳо яке аз равандҳои бисёрҷабҳа буда, дар давоми он, амалӣ намудани вазифаҳои гуногуни тактикӣ – аз ҷониби мақоми босалоҳияти давлатӣ қабул карда шудани қарори дахлдор, талаб карда мешавад, ки дар натиҷа қарори мувофиқ ба ҳалли мушкилот интихоб ва дар амал татбиқ карда мешавад. Қарор, ки ба ҳалли мушкилот мусоидат менамояд, ба истифодаи техникаи тактикӣ вобастагии калон дорад. Ҳалли вазифаҳои тактикӣ дар ҳолатҳое муфид ҳисобида мешавад, ки дар рафти тафтиши ҷиноятҳо дар баробари дигар захираҳо, ҳамчунин амалиёти тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ комплексхои ин амалҳо мавриди истифода қарор дода шаванд. Истилоҳи "амалиёт" аз калимаи лотинӣ маншаъ мегирад, ки ифодакунандаи мафҳуми "амал" мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** воситаҳои тактикӣ- криминалистӣ; амалиёти тактикӣ- криминалистӣ; амалиёти тактикӣ; комбинатсияи тактикӣ; иқтидори тактикӣ; ошкор кардани ҷиноятҳо; амали тактикӣ; амали криминалистӣ;

**КОНЦЕПЦИЯ, ПРИРОДА И СИСТЕМА ТАКТИЧЕСКОЙ ОПЕРАЦИИ**

Расследование преступлений - это многогранный процесс, в ходе которого реализация различных тактических задач - принятие соответствующего решения компетентным государственным органом - требует выбора решения проблемы и его реализации. Решение, которое помогает решить проблему, зависит от использования тактических приемов. Решение тактических задач полезно в тех случаях, когда в ходе расследования преступлений наряду с другими ресурсами, а также следственных и розыскных операций может использоваться комплекс этих действий. Термин «действие» происходит от латинского слова, которое означает «действие».

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** тактико-криминалистические инструменты; тактико-криминалистические операции; тактические операции; тактическая комбинация; тактические возможности; раскрытие преступлений; тактическое действие;

**CONCEPTION, NATURE AND SYSTEM OF TACTICAL OPERATION**

Crime investigation is a multifaceted process, during which the implementation of various tactical tasks - the adoption of an appropriate decision by a competent state body - requires the selection of a solution to the problem and its implementation. The decision that helps to solve the problem depends on the use of tactical techniques. The solution of tactical tasks is useful in cases when, in the course of the investigation of crimes, along with other resources, as well as investigative operations and search operations, a complex of these actions can be used. The term “action” is derived from the Latin word, which means representing the concept of “action”. Tactical operations can be defined as a system of investigative, operational-search and other actions, the purpose of which is consistent and related to each other, taking into account the current state of the investigation (pre-investigation), which is planned and supervised done an official to solve some tactical tasks.

**KEYWORDS:** tactical and forensic tools; tactical and forensic operations; tactical operations; tactical combination; tactical capabilities; disclosure of crimes; tactical action;

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Яхёев Абдуҳафиз Юнусович*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе**: ***Яхёев Абдухафиз Юнусович*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author:** ***Yahyoev Abduhafiz Yunusovich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# МАСЪАЛАҲОИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ЗАРАРИ АЗ ҶОНИБИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ВА СУД РАСОНИДАШУДА

***Акбарзода А. А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар м. 21 ва 32 Конститутсияи ҶТ муқаррарот оид ба ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида ва ҷуброни зарар, аз ҷумла зараре, ки аз ҷониби давлат (мақомот ва шахсони мансабдори он) расонида шудааст, пешбинӣ карда шудааст. Давлат субъекти баробарҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ буда, дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ тавассути мақомот ва муассисаҳои худ баромад менамояд. Дар қонунгузорӣ принсипҳои асосии ҷавобгарӣ барои зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ расонида шудааст, инчунин манбаи руёнидани он мустаҳкам карда шудааст. Чунин ҷавобгарӣ танҳо дар мавриде ба миён меояд, ки агар зарари расонидашуда натиҷаи рафтори ғайриқонунӣ бевоситаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти судӣ ва мансабдорони онҳо бошад. Масъулият барои зараре, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар натиҷаи амалӣ намудани ваколатҳои худ расонидааст, принсипи байналмилалӣ, кафолати риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки инро ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам байналмилалӣ кафолат медиҳад. Институти масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (оммавӣ) ба ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи амалӣ намудани вакоатҳои онҳо ба миён омадааст, дорои махсусиятҳои худ буда, дар қонунгузорӣ ҳолатҳои алоҳидаи ба вуҷуд омаданни чунин зарар, субъектони он ва тартиби махсуси ҷуброни он пешбинӣ карда шудааст. Ҳамчунин “махсусияти асосии ин намуди деликт дар он мебошад, ки ба сифати сабаби асосии ба вуҷуд омадани зарар ин мақомоти ҳокимияти оммавӣ ё шахсони масъули амаликунандаи ваколатҳои он, ки дар асос ва барои иҷрои функсияҳои ҳокимиятии (оммавии) худ амал мекунанд”. Идеяи масъулияти давлат ба зараре, ки мақомоти ҳокимияти оммавӣ расонидааст, адолатнок мебошад, чунки дар ҳар як мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои давлатӣ салоҳияти ҳокимиятӣ дода шудааст, ки дар сурати татбиқи нодурусти он ба манфиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонида мешавад. И.Е. Кабанова дуруст қайд менамояд, ки мустаҳкам намудани масъулияти граждан ӣ-ҳуқуқии субъектҳои оммавӣ барои зараре, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо ба миён меояд воситаи асосии таъмини мувозинат миёни манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ мебошад, ки дар ки дар самти мазкур уҳдадории ҳуқуқии гражданий муассисаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ воситаи асосии ҳуқуқии таъмини принсипи баробарии муассисаҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти прокуратура ва суд расонида мешавад на ҳама вақт мавриди ҷавобгарии гражданӣ ин мақомот қарор дода мешавад. Ин бо он махсусиятнок аст, ки падидаи ҷавобгарии ҳуқуқии граждании мақомоти прокуратура ва суд дорои як қаттор махсусиятҳо мебошад, ба монанди:

–зарар ҷуброн карда мешавад, агар он дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти прокуратура ва суд дар натиҷаи татбиқи функсияи хизматии худ расонида шуда бошад;

–амали шахсони мансабдори мақомоти прокуратура ва судӣ, ки дар натиҷаи он зарар ба манфиатҳои қонун ҳифзшаванда расонида шудааст, бояд ҳатман ғайриҳуқуқӣ эътироф карда шавад;

–агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, зараре, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура ва суд расонида мешавад тибқи асосҳои умумӣ ҷуброн карда мешавад;

–чунин зарар аз тарафи давлат дар андозаи пурра, новобаста гуноҳи зараррасон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҷуброн карда мешавад;

–зараре, ки дар натиҷаи баровардани қарори ғайриқонунӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ расонида шудааст, дар ҳолате ҷуброн карда мешавад, ки агар гуноҳи судя тибқи қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд муқаррар гардида бошад (қ.3 м.1086 КГ ҶТ).

Масъулият барои зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти прокуратура ва суд расонида мешавад дар қонунгузории гражданӣ ба таври пурра мавриди танзим қарор нагирифтааст. Дар КГ ҶТ танҳо як меъёр–моддаи 1086 ба масъулият барои зараре, ки бо амали ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд расонида шудааст, бахшида шудааст. Танзими ҳуқуқии граждании масъулияти мақомоти прокуратура ва суд барои зарари дар натиҷаи амали ғайриқонуниашон расонидашуда тибқи моддаи мазкур муқаррар карда мешавад. Тибқи қ. 1 м.1086 КГ ҶТ зараре, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ маҳкум намудан, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда истифода бурдани баҳабсгирӣ ё забонхат барои ба ҷое нарафтан, ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба шаҳрванд расонида шудааст, сарфи назар аз гуноҳи шахси мансабдори мақоми таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷониби давлат ба андозаи пурра ҷуброн карда мешавад. Дар

моддаи мазкур масъулият барои зарари расонидашуда на танҳо мақомоти прокуратура ва суд, балки мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ низ муқаррар гардидааст. Дар қисми якуми моддаи мазкур як қаттор амалҳои мурофиавие, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо нисбат ба шахсони воқеӣ зарар (моддӣ, маънавӣ) расонида мешавад ва субъекти ин навъи масъулияти ҳуқуқии граждани муқаррар гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки шарти муҳими ҷавобгарии мақомоти зикршуда танҳо дар мавриди ғайриқонунӣ нисбати шахс татбиқ намудани чунин чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба миён меоянд. Амали ғайриқонунӣ–инамал ё беамалие, ки бо ба ҷамъият хавфнок буданаш махсусиятнок аст ва дар шакли зарари мушаххаси бо асоси ин амал баамаломада алоқаманд аст. Ғайриқонунӣ татбиқи чунин чораҳои маҷбуркунӣ метавонад дар шакли бидуни асосҳои кофӣ татбиқ намудани ин чораҳо, дар натиҷаи вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ зимни татбиқи онҳо, аз муҳлатҳои муқаррарнамудани қонунро риоя накардан ва дигар ҳолатҳое, ки бо ба инобат нагирифтанҳо ҳолатҳои барои татбиқи чунин чораҳои маҷбуркунӣ аҳаммиятдошта баромад намояд. Рафтори ғайриқонунӣ метавонад бо инҳо ифода карда шавад: 1) дар нашри санадҳои ҳуқуқии ғайриқонунӣ, ки метавонанд ҳам меъёрӣ ва ҳам инфиродӣ бошанд; 2) содир кардани дигар амалҳои ғайриқонунӣ, ки дар шакли ягон амал ташаккул наёфтаанд (масалан, гуш кардани телефон); 3) беамалӣ, ки хилофи талаботи қонун бошад, яъне. номукаммалии амали муқарраршуда (рад кардани баррасии дархостҳо, рад кардани дархостҳо ва ғайра). Чораҳои зерини маҷбурии мурофиавии дар қисми якуми моддаи 1086 пешбинишуда аз ҷониби мақомоти пркуратура татбиқ шуданашон мумкин аст: а) ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан; б) ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда истифода бурдани баҳабсгирӣ ё забонхат барои ба ҷое нарафтан.

Суд ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъминкунандаи адолати иҷтимоӣ чораҳои маҷбуркунии мурофиавии зерин дар қисми якуми моддаи 1086 пешбинишударо татбиқ менамояд: а) ғайриқонунӣ маҳкум намудан; б) ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан; в) ғайриқонунӣ ба сифати чораи пешгирикунанда истифода бурдани баҳабсгирӣ; г) ғайриқонунӣ андешидани ҷазои маъмурӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ. Дар баробари КГ ҶТ масъалаи руёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокуратура ва суд расонида мешавад дар дигар қонунгузории соҳавӣ низ танзим гардидааст. Дар боби 47 (пешбурд оид ба рӯёнидани зараре, ки дар натиҷаи амали ғайриқонунии суд ва мақомоти анҷомдиҳандаи пешбурди тосудӣ доир ба парвандаи ҷиноятӣ расидааст) Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ низ ин масъала танзим гардидааст. Дар қисми 1 м. 461 Кодекси мазкур асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ба руёнидани товони зарар пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи он "товони зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ расонида шудааст, аз тарафи давлат сарфи назар аз гуноҳи таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд пурра рӯёнида мешавад".

Аз ин муқаррароти КМҶ ҶТ бармеояд, ки ҳолатҳое, ки дар асоси онҳо ҳуқуқ ба ҷуброни зарар ба вучуд меоянд, васеъ мебошанд ва дар ҳолати ғайриқонунӣ татбиқ ё истифодаи онҳо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори масъули он уҳдадор мебошанд, ки зарари ба шаҳрванд расонидашударо ҷуброн намоянд. Қисми якуми моддаи 461 КМҶ ҶТ ба муқаррароти қисми якуми моддаи 1086 КГ ҶТ баръало мутобиқат наменамояд, яъне дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нисбат ба қонунгузории гражданӣ асосҳои зиёди ба вуҷуд омадани ҳуқуқ ба ҷуброни зарар пешбинӣ гардидааст, ба монанди ғайриқонунӣ дастгир кардан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ. Мо тарафдори муқаррароти дар қ.1 м.461 КМҶ ҶТ мустаҳкамгардида мебошем, чунки бигзор мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокуратура ва суд барои ҳамаи амалҳои ғайриқонунии худ сарфи назар аз гуноҳашон ҷавоб гуянд зарари ба шаҳрванд расонидашударо ҷуброн намоянд, на ин танҳо дар ҳолатҳои маҳдуде, ки дар қ.1 м.1086 КГ ҶТ пешбинишуда ҷавобгар бошанд. Ҳамин тавр, мавҷуд набудани ягонагии ифода мавридҳои новобаста аз гуноҳ ба ҷавобгарӣ

кашидан боиси душворӣ дар татбиқи руёндани товони зарар дар амал мегардад. Пас ба ҳам мутобиқ гардони нишондодҳои Кодекси гражданӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Масъалаи дигар ин дар асоси кадом шартҳо ба вуҷуд омадани масъулияти мақомоти прокуратура ва суд оид ба ҷуброни зарари ба шаҳрванд расонидашуда мебошад. Дар асоси таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва гражданӣ чунин асосҳои ба вуҷуд омадани масъулияти мақомоти прокуратура ва судро оид ба зарари ба шаҳрвандон расонидашуда ҷудо кардан мумкин аст: дар сурати озод намудани дастгиршуда ё ҳабсшуда бо сабаби тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят; қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи 27 ва сархати дуюми қисми 1 моддаи 234 Кодекси мазкур пешбинишуда; баровардани ҳукми сафедкунанда; тағйир ёфтани бандубасти кирдор дар асоси он моддаи қонун, ки ҷинояти нисбатан сабуктарро бо таъйини ҷазои нисбатан сабуктар мувофиқи ин модда ё аз ҳукм хориҷ кардани қисми айбдоркунӣ ва бо ин сабаб сабук кардани ҷазоро пешбинӣ менамояд; бекор карда шудани қарори ғайриқонунии суд доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ. Товони зарар дар ҳолате рӯёнида намешавад, ки шаҳрванд дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ бо роҳи худайбдоркунӣ барои ба миён омадани оқибатҳои дар татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мусоидат карда бошад. Аммо, худайбдоркуние, ки дар натиҷаи нисбат ба шаҳрванд татбиқ гардидани зӯроварӣ, таҳдид ва дигар чораҳои ғайриқонунӣ ба вуҷуд омадааст, ба рӯёнидани товони зарар монеъ намегардад. Зимнан далели татбиқи чораҳои ғайриқонуни бояд аз тарафи мақомоти тафтишотӣ, прокурор ё суд муқаррар карда шаванд. Зарар аз ҷониби мақомоти прокуратура ва суд ҷуброн карда намешавад, агар чораҳои маҷбуркунии мурофиавии нисбат ба шахс татбиқшуда ё ҳукми айбдоркунанда бекор карда ё бо сабаби қабули санади афв, гузаштани мӯҳлати даъво, нарасидани синну сол ё қабули қонуне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро аз байн мебарад ё ҷазоро сабук мегардонад, тағйир дода шуда бошанд. Бояд қайд кард, ки тарафдорони эътирофи пешакии амалҳои ғайриқонунӣ ва санадҳои мақомоти давлатӣ ба ду гурӯҳ тақсим шудаанд. Гурӯҳи аввал мӯътақид аст, ки қабл аз ба суд муроҷиат кардан оид ба ҷуброни зараре, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ расонидааст, эътирофи пешакии санадҳои дахлдор (амалҳо, беамалӣ) беэътибор ё ғайриқонунӣ аст ё бекор кардани онҳо бо тартиби судӣ ва тартиби дигар зарур аст. Эҳтимол аст, ки намояндагони ин гурӯҳ қабл аз чунин хулоса баровардан, ки дар он ҷо меъёри моддаи 13 КГ ҶТ-ро ба роҳбарӣ гирифтаанд. Намояндагони гурӯҳи дуввум инро рад карда, пешакӣ эътироф намудани амал ё амали (беамалии) мақомоти давлатиро ғайриқонунӣ ҳатмӣ ҳисоб намекунанд, зеро, ба андешаи онҳо, ин метавонад дар як вақт иҷро карда шавад. Суд, бо аризаи даъвогӣ, дар ҳамин раванд қонунӣ будани амал ё амали (беамалии) мақомоти давлатиро арзёбӣ мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки байни назорати мустақими судӣ оид ба қонунияти санадҳои ҳоимиятӣ ҳангоми бо ариза талаб кардани беэътибор донистани чунин санадҳо ё амалҳо ва бавосита ҳангоми даъво оид ба ҷуброни зарари дар натиҷаи қабули санадҳои ҳокимиятӣ расонидашуда бе мувофиқат кардани беътибор эътирофи санаде, ки боиси зарар беэътибор дониста шудааст, фарқ гузошта мешавад.

Ҳамин тавр, аз таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ хусусиятҳои зерини ба ҷавобгарӣ кашидани мақомоти прокуратура ва суд барои хисороти дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунии дар қонунгузорӣ пешбинишуда хос мебошанд:

–доираи қонунвайронкуниҳо дар доираи қонун маҳдуд аст ва ба он танҳо мақомоти прокуратура ва суд (ҳамчунин, дар умум мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ) дохил карда шудаанд;

–дар ин ӯҳдадориҳо танҳо шахсони воқеӣ метавонанд ҷабрдида шаванд;

–номгӯи амалҳои ғайриқонунии зараровар дақиқ ва ҳамаҷониба муайян карда шудааст;

–ғайриқонунӣ будани амалҳои мақомоти прокуратура ва суд, ки ба шаҳрванд зарар расонидааст, бояд бо сафедкунии эътибори қонунӣ пайдошуда, қатъ гардидани парвандаи ҷиноӣ ё маъмурӣ дар асоси барқарор кардани ҷабрдида исбот карда шавад;

–масъулияти мақомоти прокуратура ва суд дар "ҷуброни пурраи зарар, новобаста аз гуноҳи шахсони мансабдори мақомоти тафтишот, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва судҳо" ифода меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи ҶТ аз 6 ноябри соли 1994 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25.12.2020).
2. Гаврилов В.Н., Береговский М.С., Демьянович И.А. Особенности возмещения вреда, причинённого гражданину правоохранительными органами // Вестник Санкт-Петербургского ун-та МВД России. 2017. – № 3 (75). – С. 105.
3. Синенко В.С. Наличие вины как условие ответственности за вред, причиненный актами публичной власти // Научные ведомости БелГУ. Серия: Философия. Социология. Право. – 2009. – № 10 (65). – С. 148.
4. Жаглина М.Е. Особенности деликтной ответственности за вред, причиненный незаконными действиями правоохранительных органов и суда // Вестник ВИ МВД России. – 2018. – № 1. – С. 123.
5. Кабанова И.Е. Гражданско-правовая ответственность публичных субъектов за нарушения в сфере налогообложения // Имущественные отношения в РФ. – 2016. – № 9 (180). – С. 10.
6. Буранов Т.Р. Общие основания гражданско-правовой ответственности за вред, причиненный незаконными действиями правоохранительных органов, осуществляющих уголовные преследования // Вестник Московского университета МВД России. – 2015. – № 4. – С. 49.
7. Андреев Ю. Н. Ответственность государства за причинение вреда. — Санкт-Петербург : Юридический центр-Пресс, 2013.С.115.


## МАСЪАЛАҲОИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ЗАРАРИ АЗ ҶОНИБИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ВА СУД РАСОНИДАШУДА


Дар мақолаи мазкур масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мақомоти прокуратура ва суд ҳамчун субъекти ухдадориҳо вобаста ба расонидани зарар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мақомоти давлатӣ, махсусан прокуратура ва суд, асосҳои ба вуҷуд омадани ҷавобгарӣ, субъекти он ва дигар паҳлуҳои мавзӯи мазкур бо дараназардошти қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф дар охир хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мақомоти прокуратура ва судро барои расонидани зарар пешниҳод намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** зарар, масъулият, ҷуброни зарар, мақомоти давлатӣ, мақомоти прокуратура, суд, шахси мансабдор, прокурор, судя, масъулият, гуноҳ, расонидани зарар, амали ғайриқонунӣ.


## ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА УБЫТКИ, УЩЕМЛЕННЫЕ ПРОКУРАТОРАМ И СУДОМ


В статье рассматривается вопрос гражданской ответственности прокуратуры и суда как субъекта ответственности за причиненный вред. В статье исследуются особенности гражданско-правовой ответственности государственных органов, в первую очередь прокуратуры и суда, основания ответственности, ее предмет и другие аспекты предмета с учетом законодательства и научной литературы. В конце автор представляет особенности гражданской ответственности прокуратуры и суда за причиненный ущерб.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** ущерб, ответственность, возмещение, государственные органы, прокуратура, суд, должностное лицо, прокурор, судья, ответственность, вина, причинение ущерба, противоправное действие.


## LIABILITY FOR DAMAGES INCLUDED BY THE PROSECUTOR AND THE COURT


This article discusses the issue of civil liability of the prosecutor's office and the court as a subject of liability for damages. The article examines the specifics of civil law liability of government agencies, especially the prosecutor's office and the court, the basis for liability, its subject and other aspects of the subject, taking into account the legislation and scientific literature. In the end the author presents the specifics of the civil liability of the prosecutor's office and the court for damages.



**KEYWORDS:** damage, liability, compensation, state bodies, prosecutor's office, court, official, prosecutor, judge, responsibility, guilt, damage caused, unlawful action.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Акбарзода Асрор Акбар –*** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Акбарзода Асрор Акбар*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author*: Akbarzoda Asror Akbar*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ХУЛОСА ВА НИШОНДОДИ МУТАХАССИС ДАР ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА

*Абдулазизи А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вобаста ба масоили хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун сарчашмаи далел чи дар назария ва чи дар конунгузорӣ фикри ягона вуҷуд надорад. Дар ин росто дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти аввалин маротиба қабул гардиданаш тамоман равшанӣ андохта нашуда буд. Баъдтар бо мурури замон ва дигаргун шудани сохтори давлатдорӣ, яъне баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми қонунгузорӣ дар натиҷаи як қатор тағйиротҳои куллӣ пурра тағйир ёфт, падидаҳои нав пайдо гардид. Яке аз чунин падидаи нави хуқуқи ин хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун сарчашмаи далел дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 2010 инҷониб мавриди амал қарор гирифт, баён кардан қобили қабул мебошад. Дар хусуси масоили зикргардида гузаронидани таҳлилу таҳқиқро мувофиқи максад меҳисобем. Аввалан, масоили назариявии хулоса ва нишондоди мутахассисро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба дастовардҳои илмии криминалистӣ ва соҳаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ рӯ меоварем, баъдан ин масъаларо дар сатҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар ва қонунгузории дигар давлатҳо зери таҳлил қарор медиҳем.

Мувофиқи моддаи 57-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассис шахсест, ки ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда, дорои донишу таҷрибаи махсус аст ва барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар ошкор ё дарёфт намудани далел, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситахои техникӣ мумкин аст ҷалб карда шавад. Аз мафҳуми додашуда чунин бар меояд, ки зарурати иштироки мутахассис дар тафтишоти пешакӣ ин пеш аз ҳама бо ҷалби муфаттиш, таҳқиқбаранда, суд, судя ва прокурор барои истифодаи дониши махсусаш дар соҳаи дахлдор бо мақсади ошкор, дарёт ва асоснок кардани далелҳо мебошад, ки зимни он мутахассис хулоса ва нишондод медиҳад. Дар илми ҳуқукшиносӣ мафҳум ва мундариҷаи дониши махсус, шаклҳои истифодаи онҳо васеъ ва ҳамаҷониба аз ҷониби олимони соҳа ба монанди Белкин Р,С. Бишманов Э,Р. Росинская Т,В. Махов В,Н. Аверьянова Т,В. Селиной Е.В, Эйсман А,А. ва ғайра баррасӣ карда шудааст. Яке аз аввалин муайянкунандаи мафҳуми дониши махсус дар миёнаҳои асри 20-ум дар илми криминалистика А.А.Эйсман чунин қайд мекунад, ки дониши махсус-донише мебошад, ки ба ҳар кас маълум ва дастрас нест. Ин донишест, ки доираи маҳдуди мутахассисон огнро дорост. Ба ин монанд Е.В.Селина чунин қайд мекунад, ки дониши махсус мутааллиқ ба ҳар шахс нест, чунки дониши махсус омодагии ҷиддӣ, тулонӣ, таҷриба, қобилият ва истеъдод ва ҳатто малакаҳои модарзодиро талаб мекунал, ки аксар вақт татбиқи онҳо бе таҷҳизоти махсус ва муайян имконнопазир аст. Дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ дар хусуси хулоса ва нишондоди мутахассис агар сухан равад олимони соҳаи номбурда ба ду гуруҳ ҷудо мешаванд, яъне бархе аз муҳаққиқон далели мустақил эътироф менамоянд ва бархе аз дигарашон бошанд тамоман инкор менамоянд. Ба монанди;

В.М.Быков қайд мекунад, ки мутахассис чун қоида хулосаи худро танҳо аз руи таҷрибаи касбӣ ва азназаргузаронии берунаи объекти таҳқиқшавандае, ки ба ӯ пешниҳод намудаанд, асоснок менамояд. Бо азназаргузаронии берунаи объектҳо, ҳуҷҷатҳо, ашё ё моддаҳои ба ӯ пешниҳодшуда мутахассиси маълумоти махсус ва таҷрибаи касбӣ дошта барои ташаккул додани мулоҳиза ва андешаи худ дар бораи моҳият ва нишонаҳои инфиродии объект хулоса пешниҳод менамояд». В.М.Быков ҷонибдорӣ аз он мекунад, ки хулоса ва нишондоди мутахассис бояд ба сифати сарчашмаи алоҳидаи далел баромад намояд. Инчунин, қайд мекунад, ки хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун далели нав имконияти муффатиш, таҳқиқбаранда ва прокурорро дар исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ васеъ намуда, ҳамзамон хулосаи мутахассис яке аз шаклҳои истифодаи дониши махсус дар тафтишоти пешаки ҳамзамон дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Олимони дигар ба монанди Н.А.Громов, С.А.Зайцева ба он ақидаанд, ки ба сифати

сарчашмаи далел эътироф намудани хулоса ва нишондоди мутахассис ба ҳолатҳои объективӣ вобастагӣ дорад, яъне ҷалби васеъи мутахассис дар тафтишоти пешакӣ;

-Якум - бо мақсади мусоидат намудан ба муфаттиш, таҳқиқбаранда ҷиҳати ошкор намудани ҷиноятҳое, ки иштироки мутахассисро ҳатмӣ мешуморад.

-Дуюм - бо мақсади мусоидат кардан дар рушди технологияи криминалистӣ ва дар умум илмӣ-техникӣ.

Вобаста ба масъалаи ҳамчун сарчашмаи далел эътироф нагардидани хулоса ва нишондоди мутахассис дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ тарафдорони худро дорост. Ба монанди С.А. Шейфер қайд мекунад, ки хулосаи мутахассис ба системаи далелҳо ҳамчун далели бадастовардашуда ба талаботи қобили қабул будани далел мувофиқат намекунад. Е.А. Доля менависад, ки хулосаи мутахассис арзиши исботкуниро надорад. Фикру мулоҳизаҳои дар нишондоди мутахассис ҷой дошта, танҳо барои фаҳмиши дурусти тарафҳо ва суд оиди далелҳо ва ҳолатҳои мансубияти онҳо, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, муайянсозии далели наве, ки дониши махсусро талаб мекунанд, лозим мебошад.

В.И. Зажицкий дар ин масъала менависад: "Ҷараёни пайгирии ҷиноят ва табдили онҳо ба далелҳо характери (гносеологӣ) дошта, бинобар ин маълумот ҳамчун асоси объективии ҳама гуна далелҳо набояд бо ҳеҷ гуна фикру мулоҳизаҳои мантиқӣ, ақлӣ иваз карда шавад, новобаста аз он ки то кадом андоза ҷолиби диққат аст. Хулосаи мутахассис ифодакунандаи манбаи натиҷаҳои тафаккур, амалҳои мантиқӣ мебошад на ин ки маълумоте, ки дар он инъикоси объективии ҳолатҳои мушаххаси ҷиноят дарҷ шудаанд. Маҳз вобаста ба ҳамин ҳолат Кодекси Мурофиавии Ҷиноятии Федератсия Россия талаботҳои мушаххасро, ки бояд ба ҳар яки он хулосаи эксперт ҷавобгӯ бошад пешбини намудааст, вале вобаста ба хулосаи мутахассис талаботе пешбини нашудааст". В.И. Зажиский ҳамчун сарчашмаи далел эътироф нагардидани хулоса ва нишондоди мутахассисро бо он асоснок менамояд ки далел бояд инъикоси объективии ҳолатҳои мушаххаси ҷиноятро дар худ дошта бошад. Хулоса ва нишондоди мутахассис, ки натиҷаи дониши махсуси он мебошад ва он ба фикру мулоҳизаҳои мантиқӣ ва ақлӣ вобаста аст ба сифати сарчашмаи далел баромад карда наметавонад.

Муҳақиқи ватанӣ Абдуллоев П.С. чунин қайд менамояд "Ба андешаи мо зарурати ҳамчун намуди далел эътироф намудани нишондод ва хулосаи мутахассисро дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набуд. Бешубҳа нишондоди мутахассисро ҳамчун нишондоди шоҳид ҳисобидан дуруст мебуд. Гуфтан мумкин аст, ки мутахассис - ёрдамчии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд оид ба масъалаҳои техникӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Аммо ба андешаи мо онро ҳамчун далел эътироф намудан нодуруст мебошад." Абдуллоев П.С. нуқтаи дар боло зикршударо қайд намуда ҷонибдори аз он менамояд, ки хулоса ва нишондоди мутахассисро ба сифати далел эътироф намудан зарурат нест, инчунин хулоса ва нишондоди мутахассисро ҳамчун нишондоди шоҳид бояд ҳисобид. Ин нуқтаро Абдуллоев П.С. дастгирӣ намуда, вале равшанӣ наандохтааст, ки бо кадом асосҳо хулоса ва нишондоди мутахассисро мебоист ба сифати сарчашмаи далел эътироф накард ва онро ҳамчун нишондоди шоҳид бояд баҳо дод. Чи тавре ки маълум шуд дар илми криминалистӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун сарчашмаи далел ягонафикрӣ нест ва ба он ҳар олим аз диди худ баҳо медиҳад. Акнун назар меафканем ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо махсусан ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки то кадом андоза ин масъала мавриди танзим қарор гирифтааст ва муайян кардани умумият ва махсусияти он.

Дар моддаи 72-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва нишондоди мутахассис ҳамчун сарчашмаи далел эътироф гардидааст, вале мутаассифона дар моддаи алоҳида мафҳуми хулоса ва нишондоди мутахассис ва ба кадом андоза ҳатми будани он ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, суд ва судя муайян карда нашудааст. Чунки агар ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии бархе аз кишварҳо назар афканем далелҳое ки натиҷаи дониши махсуси соҳавӣ ва дастоварди техникӣ мебошанд ба монанди хулоса ва нишондоди мутахассис ва коршинос ба суд ва судя ҳатмӣ нест. Масалан дар Кодекси Мурофиви Ҷиноятии Федератсияи Россия хулоса ва нишонди мутахассис ба сифати

сарчашмаи далел эътироф шуда, дар моддаи алоҳида мафҳуми он дода шудааст, ки мувофиқи он ;

-Хулосаи мутахассис – хулосаи хаттӣ оид ба масъалаҳое, ки тарафҳо ба мутахассис пешниҳод мекунанд.

Нишондоди мутахассис маълумоте, ки вай ҳангоми пурсиш дар бораи ҳолатҳое, ки дониши махсусро талаб мекунанд, инчунин шарҳи фикри ӯ тибқи талаботи моддаҳои 53, 168, ва 271 ҳамин кодекс (УПК РФ). Ҳамчунин, барои саркашӣ намудан аз додани хулоса ва дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Ба ин монанд дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятии Қазоқистон, Қирғизистон, хулоса ва нишондоди мутаххасис ба сифати сарчашмаи далел мустаҳкам шудааст ва ба монанди мафҳумҳои дар боло зикршуда шарҳ дода шудаанд ва дар муқоиса аз Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Қирғизистон кодекси Қазоқистон ин масъаларо ба таври мушаххас танзим намудааст. Дар қисми 5 моддаи 57 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки мутахассис барои саркаши кардан аз ҳозиршавӣ ба даъвати мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишотӣ ва суд ё саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Дар ин ҷо Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи танҳо ҷавобгариро, (ҳол он ки норавшан аст кадом намуди ҷавобгарӣ) ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола намудааст, вале зери мафҳуми қонунгузорӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар маҷмӯъ ё дар соҳаи муайян танзим мекунанд. Агар тамоми санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро назар афканем танҳо Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври конкретӣ ин масъаларо ба танзим даровардааст. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки қисми 5-уми моддаи 57-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин тарз муайян карда шавад, яъне бо таври конкретӣ; Мутахассис барои саркашӣ кардан аз ҳозиршавӣ ба даъвати мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишотӣ ва суд ё саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои худ мутобиқи моддаи 352 Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

Зимни таҳлили адабиётҳои илмии криминалистӣ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ як масъалаеро мебоист матраҳ намуд, ки ин вобаста ба огоҳонидани мутахассис оиди ҷавобгар буданаш бо моддаи 351 – и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаю дониста додани нишондоди бардурӯғ мебошад. Ин масъаларо метавон дар Кодекси Мурофиавии Ҷиноятии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон пай бурд. Ва мебоист ин масъаларо дар кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷой намуд.

## АДАБИЁТ


1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ. Душанбе с. 2018. Саҳ 48.
2. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ : воситаи таълимӣ / П.С.Абдуллоев. – Душанбе: “Эр – граф”, 2019. Саҳ.57.
3. Эйсман А.А. Заключение эксперта. Структура и научное обоснование / А.А.Эйсман. - М.1967.са³.91
4. Селина Е.В. Применение специальных познаний в уголовном процессе / Е.В.Селина. - М., 2002.г.са³.5
5. В.М. Быков Заключение специалиста // Законность,2004 №9.С.21
6. Громов Н.А ,Зайцева С.А ,Гущин А.Н., Доказательства,их виды и доказиваные в уголовном процессе / Н.А.Громов. - М.Приор-издат,2006.с.49
7. Доля Е.А. Виды доказательств // Уголовный процесс; Учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности Юриспруденция / Под ред. В.П. Божьева.4-е изд., перераб, и доп. М., 2004. С.200


## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ ХУЛОСА ВА НИШОНДОДИ МУТАХАССИС ДАР ИЛМИ КРИМИНАЛИСТИКА


Мақолаи мазкур ба яке аз мавзӯъҳои мубрами далелҳо ва исботкуни дар раванди тафтишот ва ба сифати далел эътироф намудани хулоса ва нишондоди мутахассис равона гардидааст. Дар мақола ҷанбаҳои илмӣ ва назариявии хулоса ва нишондоди мутахассис, ба сифати далел эътироф намудани он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Мавқеъи хулоса ва нишондоди мутахассисро дар раванди тафтишот ва ҷамъоварии далелҳо аз нигоҳи олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил намуда, муаллиф хулосаи худро оид ба ҳолатҳои мавҷуда пешниҳод намудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** мутахассис, далел, нишондоди мутахассис, хулосаи мутахассис, дониши махсус, ошкор намудан, дарёфт, гирифтани далел, воситаҳои илмӣ – техникӣ, тафтиши пешакӣ.

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ВЫВОДОВ И ПОКАЗАНИЙ КРИМИНОЛОГА**

Данная статья посвящена одной из важнейших тем доказательств и доказывания в процессе расследования и признание заключения и показаний эксперта в качестве доказательств. В статье рассматриваются научно-теоретические аспекты заключения и показания эксперта, признание его доказательством. Анализируя позицию экспертных заключений и указаний в процессе расследования и сбора доказательств с точки зрения отечественных и зарубежных ученых, автор излагает свои выводы о сложившейся ситуации.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** специалист, доказательства, показания экспертов, заключение экспертов, специальные знания, расскрытие, получение доказательств, научно-технические средства, предварительное расследование.

**THEORETICAL ANALYSIS OF THE FINDINGS AND TESTIMONY OF A CRIMINOLOGIST**

This article is devoted to one of the most important topics of evidence and evidence in the investigation process and the recognition of the conclusion and testimony of an expert as evidence. The article deals with the scientific and theoretical aspects of the conclusion and conclusion of an expert, its recognition as evidence. Analyzing the position of expert opinions and instructions in the process of investigation and collection of evidence from the point of view of domestic and foreign scientists, the author sets out his conclusions about the current situation.

**KEYWORDS:** specialist, evidence, expert testimony, expert opinion, special knowledge, discovery, discovery, obtaining evidence, scientific and technical means, preliminary investigation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдулазизи Асадулло*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Абдулазизи Асадулло*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author**: ***Abdulazizi Asadullo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# ОДОРОЛОГИЯИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА МЕТОДИ ОЛФАКТОРӢ

***Бобозода Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷиноятҳое, ки вақтҳои охир дар ҶТ содир мегарданд, криминалистонро водор месозанд, ки бевосита тамоми воситаҳову усулҳои криминалистиро ҷиҳати ошкор ва тафтиши онҳо истифода баранд. Дар усули тафтиши ҷиноятҳо пеш аз ҳама муайян кардани шахсе, ки дар ҷойи ҷинояти содиргардида пайи худро боқӣ мондааст, ҷойи марказӣ ва муҳимро ишғол менамояд. Дар баробари ин, барои кормандони мақомоти тафтишӣ пайҳо махсусан муҳиманд, зеро несту нобуд кардани пайҳо ва нест шудани пайҳо дар ҷойи ҳодиса душвориҳоро ба миён меорад. Зарурати пурзӯр намудани мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ҷалб намудани усулу воситахои навро ҳам барои ошкор кардани ҷиноятҳо ва ҳам барои ҷамъ кардан, тадқиқ намудани далелҳое, ки барои тафтиш ва баррасии парвандахои ҷиноятӣ заруранд, водор менамояд.

Хусусияти тадқиқоти пайҳои бӯйи инсон бо усули олфакторӣ дар хусусияти объектҳои омӯхташуда – пайҳои бӯйи инсон ва истифодаи воситаҳои тадқиқоти биосенсорӣ – бӯй ва сагҳои махсус таълимдодашуда мебошад. Қобилиятҳои табиии бӯйро эҳсос кардани сагҳо дар ҷустуҷӯ ва дастгир намудани ҷинояткорон аз рӯйи пайҳои “нав” - по “горячим следам”, дарёфти ашёи пинҳоншуда ҳангоми гузаронидани чорабинии оперативӣ – намунаи кинологӣ васеъ истифода мешаванд.

Дар тадқиқотҳои экспертӣ, ба ғайр аз тайёрии махсус дар ҷустуҷӯйи бӯйи инфиродии инсон, ҳамзамон истифодаи сагҳо бо усулҳои махсуси коркардшуда танзим карда мешавад, ки дар онҳо ҳайвон нақши биодетектори моддаҳои бӯйи инсонро фардӣ мекунад, яъне воситаҳои илмӣ-техникии криминалистӣ. Усули олфакторӣ дар амалияи шӯъбаҳои криминалистии мақомотҳои тафтишӣ торафт бештар ҷорӣ карда мешавад ва он аллакай аҳамияти худро дар тафтишоти ҷиноятҳои махсусан хавфнок исбот кардааст. Дар баробари ин, усулҳои тадқиқоти экспертии пайи бӯй системаи чораҳоеро дар бар мегиранд, ки эътимоднокии натиҷаҳоеро, ки бо ёрии онҳо ба даст оварда шудаанд, таъмин мекунанд. Аввалин маротиба асосгузори илми криминалистика Ганс Гросс имконияти истифода

бурдани сагҳоро бо мақсадҳои ҷустуҷӯ ва тафтишӣ қайд карда буд. Дар дастури худ барои муфаттишон ӯ қайд карда буд, ки бо кӯмаки сагҳо метавон зудтар ҷинояткорро пайгирӣ кард. Ноустувории моддаҳои бӯйдорро ба назар гирифта, ӯ пешниҳод кард, ки ашёҳо, интиқолдиҳандагони пайи бӯй дар зарфҳои шишагин маҳкам карда, нигоҳ дошта шаванд. Намояндагони илму ихтисосҳои гуногун хосиятҳои пайҳои бӯйи инсон, хусусияти ҳисси бӯйро ҳамчун ҳайвони макросматӣ, шаклҳои дарки ангезаҳои бӯй омӯхтаанд. Тавассути саъю кушиш тадқиқотро мутахассисони соҳаҳои гуногун: биологҳо, физиологҳо, зоопсихологҳо ва криминалистон дар якҷоягӣ давом дода истодаанд. Г. Гросс истифода бурдани сагҳоро дар шинохтани бӯй; ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, истифода, интиқолдиҳандагони моддаҳои бӯйдор дар тафтиши объектҳо; барои нигоҳ доштани ашёҳо, интиқолдиҳандагони моддаҳои бӯйдор истифода бурдани шишаҳо ва тунука барои нигоҳдорӣ пешниҳод карда буд.

Тадқиқоти экспертии пайҳои бӯйи инсон аз сабаби объекти дастнораси тадқиқот ғайриоддӣ менамояд: миқдори молекулавии омехтаи моддаҳои бӯйдор, ки чунин пайҳоро ташкил медиҳанд ва воситаи ғайриоддӣ барои криминалистон барои ошкор кардани онҳо - бӯй ва рефлексҳои шартии саг-биодетекторҳои махсус. Бесабаб нест, ки саг хамчун биодетектори асосии биологӣ интихоб карда шудааст. Ҳисси бӯйи саг аз одам 800 ҳазор маротиба тезтар аст (саг ба истилоҳи илм макросматик аст). Бӯй манбаи асосии ахборот барои ҳайвон аст. Ба шарофати қобилиятҳои худ, саг як детектори идеалии биологӣ мебошад. Бӯйро эҳсос карда, саг онро ҳамчун омехтаи ҷузъҳои бӯйдор қабул мекунад. Танқид дар бораи эътимоднокии маълумоте, ки бо истифода аз сагҳои хизматӣ ба даст омадааст, аз замони А.Рейс шунида мешавад. Дар ин масъала мавқеи чунин олимон намоён аст, ба монанди М. Строгович, Г.М. Минковский, А. Эйсман, А.М. Ларин. Асарҳои онҳо, инчунин имконияти додани натиҷаҳои интихоби кинологӣ мақоми далелҳои судӣ-тиббиро баҳс мекарданд. Имконияти истифода бурдани сагҳо дар тадқиқоти объективии пайҳои бӯй рад карда шуд. Далели асосии мухолифони тадқиқоти олфакторӣ дар он буд, ки сагҳо дар амалия аксар вақт ҳангоми интихоби ашё ва одамон "иштибоҳ мекунанд".

Баҳсу музокираҳо дар бобати дурустии илмии истифодаи сагҳои ҷустуҷӯӣ истифодаи натиҷаҳои тадқиқоти пайи бӯйи инсон бо мақсадҳои мурофиавӣ сабаб мешавад. Масалан, В.И. Шиканов чунин мешуморид, ки «одорологияи криминалистӣ»-ро ҳамчун як қисми илми криминалистика танҳо вақте асоснок кардан мумкин аст, ки усулҳои инструменталии омӯзиши пайҳои бӯй коркард карда шуданд ва дар он ҳолате, ки саг ба ҳайси «инструмент» баромад мекунад, ягон «одорогияи криминалистӣ» вуҷуд надорад. Ҳанӯз профессор М. Строгович дар соли 1974 гуфта буд: «Вақте ки илм бӯйҳоро бо ёрии дастгоҳҳо, механизмҳои илмӣ айният карда метавонад, кай муайян кардан имконпазир аст ва дар асоси чӣ айният кардан мумкин аст, пасон дар бораи одорологияи криминалистӣ ҳамчун қисми илми криминалистика сухан рондан мумкин аст. Яке аз назариячиёни «одорологияи криминалистӣ» Р.С. Белкин, инчунин қайд кард, ки имконнопазирии санҷиши инструментии натиҷаҳои интихоби кинологӣ ба эътимоднокии айнияти шахс аз рӯйи бӯй шубҳа мегузорад. Чунин шубҳаро Р.С. Белкин дар бораи қонунӣ будани сабти «айнияти одорологӣ» дар намуди экспертизаи судӣ қайд карда буд. Ба андешаи ӯ, иштирокчиёни далелҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби ошкоркунии биологиро риоя мекунанд, аз имконияти пурра баҳо додан ба эътимоднокии натиҷаи он маҳрум мешаванд. Бинобар ин, Р.С. Белкин меҳисобид, ки тадқиқоти айниятӣ бояд муайянкунии биологӣ ва усулҳои инструменталиро муттаҳид созад. Моҳияти усули олфакторӣ на таҳлили ҳисси бӯй (odor), балки дар омӯхтани моддаҳои хушбӯй бо истифода аз ҳисси бӯй (olfactus) ба сифати инструмент иборат аст. Экспертизаи олфакторӣ ва ё экспертизаи пайҳои бӯйдор ба классҳои экспертизаи судии биологӣ мансуб аст.

Экспертизаи олфакторӣ мисли ҳама гуна экспертизаҳо аз монеаҳо ва хатогиҳои гуногун эмин нест. Мисоли равшани чунин дахолати бӯй (ба ибораи дигар, дахолати ҷолиб, яъне қодир ба парешон кардани ҳайвон) – ин фарқият байни намунаи бӯйи тадқиқшуда аз дигар намунаҳои муқоисавӣ аз рӯйи аломати "пиршавӣ"-и он мебошад. Дар ин ҳолат, ба чунин монеа, ки саг ба он таваҷҷӯҳ хоҳад кард (сагон қодиранд байни вақти гирифтани намунаи бӯйро фарқ кунанд ва аз ин рӯ, чунин намунаҳои "гуногунвақт" метавонанд боиси изтироби ҳайвон шаванд), инчунин намунаҳои бӯйи ёрирасонро, ки ҳамзамон бо бӯйи

тадқиқшуда гирифта шудаанд, истифода мебаранд. Албатта, чӣ қадаре ки амалҳои гуногун бо санҷиши бӯй анҷом дода шаванд, ҳамон қадар моддаҳои бӯе, ки шахсро муайян мекунанд, дар он камтар боқӣ мемонанд. Бояд қайд кард, ки субъекти экспертизаи олфакторӣ коршинос мебошад. Маҳз ӯ, ки рафтори ҳайвонотро таҳлил карда, дар бораи хусусиятҳои намунаҳои бӯйи омӯхташуда хулоса мебарорад. Ҳамин тариқ, саг ҳамчун "инструменти" мушаххас дар дасти мутахассис амал мекунад - нишондиҳандаи зиндаи пайҳои бӯй. Ба ақидаи онҳо, ин барои қатъи баҳс дар бораи имконияти чунин манбаъҳои гирифтани маълумот барои исбот басанда аст. Дар айни замон экспертизаи пайҳои бӯйи инсон аҳамияти калони криминалистӣ дорад. Аксар вақт, танҳо ин намуди экспертиза имкон медиҳад, ки шахсро аз рӯйи бӯйи инфиродие, ки аз ӯ боқӣ мондааст, айният кард. Экспертизаи олфакторӣ дар кори мақомотҳои тафтишӣ торафт бештар ҷорӣ карда мешавад ва нисбат ба дигар намудҳои тадқиқоти пайҳои биологии инсон бартариҳои зиёд дорад.

Коркардҳои беназири ватанию хориҷӣ дар соҳаи экспертизаи бӯйшиносӣ, дар маҷмъ бо қобилиятҳои нодири биодетекторҳои биологӣ эътимоднокӣ, самаранокӣ ва объективии ин намуди тадқиқотро таъмин мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Панфилов П.Б. Научные принципы обеспечения контроля над сигнальным поведением собак-детекторов, реализованные в биосенсорном ольфакторном методе исследования запаховых следов человека в судебной экспертизе// Известия Тульского гос. университета. Серия: Актуальные проблемы юридических наук. – Вып. 15. (№ 9), 2006г.
2. Гросс Г. Руководство для судебных следователей как система криминалистики. Г.Гросс – СПб., 1908.
3. Рейсс А. Научная техника расследования преступлений / А.Рейсс. - СПБ., 1912.
4. Строгович М.С. О криминалистической одорологии: Вопросы теории и практики / М.С.Строгович. - 1970.
5. Миньковский Г., Эйсман А. Спорное и бесспорное в теории криминалистики //Социалистическая законность / Г.Миньковский. - 1971. № 11.
6. Шиканов В.И. Запаховые микроследы / В.И.Шиканов. - Иркутск, 1974.
7. Строгович М.С. Проблемы судебной этики / М.С.Строгович. – М., 1974.
8. Белкин Р.С. Криминалистика: Краткая энциклопедия / Р.С.Белкин. - М., 1993.


## ОДОРОЛОГИЯИ КРИМИНАЛИСТӢ ВА МЕТОДИ ОЛФАКТОРӢ


Мақолаи мазкур ба масъалаҳои одорологияи (бӯйшиносии) криминалистӣ, методи олфакторӣ, гузаронидани экспертизаи олфакторӣ бахшида шудааст. Инчунин, бо усули олфакторӣ дар хусусияти объектҳои омӯхташуда, яъне пайҳои бӯйи инсон, ки дар ҷойи ҷинояти содиргардида пайи худро боқӣ мондааст, дар усули тафтиши ҷиноятҳо ҷойи марказӣ ва муҳимро ишғол менамояд. Истифода бурдани воситаҳои тадқиқоти биосенсорӣ - бӯй ва сагҳои махсус таълимдодашуда, яъне биодетекторҳо дар ҷараёни ҷустуҷӯи ҷинояткор.



**КАЛИДВОЖАҲО**: одорологияи криминалистӣ, методи олфакторӣ, экспертизаи олфакторӣ, сагҳо-биодетекторҳо, пайҳо.


## КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ОДОРОЛОГИЯ И ОЛЬФАКТОРНЫЙ МЕТОД


Статья посвящена вопросам судебной одорологии, ольфакторному методу, ольфакторной экспертизы. Также по ольфакторному методу исследуемых объектов, то есть по следам запаха человека, оставшиеся на месте преступления, занимает центральное и важное место в методике расследования преступлений. Использование биосенсорных средств исследования - обонятельных и специально обученных собак, то есть биодетекторов в поисках преступника.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: криминалистическая одорология, ольфакторный метод, ольфакторная экспертиза, собаки-биодетекторы, следы.


## FORENSIC ODOROLOGY AND OLFACTORY METHOD


The article is devoted to the issues of forensic odorology, the olfactory method, olfactory examination. Also, according to the olfactory method of the investigated objects, that is, according to the traces of a person's smell left at the crime scene, it occupies a central and important place in the method of investigating crimes. The use of biosensor research means - olfactory and specially trained dogs, that is, biodetectors in search of a criminal.



**KEYWORDS**: forensic odorology, olfactory method, olfactory examination, biodetector dogs, footprints.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Бобозода Б.***- ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Бобозода Б.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author:** ***Bobozoda B.*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# ТРАСОЛОГИЯ ДАР ОШКОР ВА ТАФТИШ БУРДАНИ ҶИНОЯТ

***Ҳурматзода И.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Из дар ошкор кардан ва тафтиш бурдани ҷиноят нақши бузург дорад. Барои ҳамин ҳам, аз қадимулайём ҳангоми ошкор ва тафтиш бурдани ҷиноят изҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Яке аз қадимтарин сарчашмаҳои таърихӣ - Қонуни Ману ( асрҳои II пеш аз мелод –II милодӣ ) дар хусуси истифодаи из дар ҳамон замон маълумот медиҳад. Дар он истифодаи изҳо ҳангоми ошкор кардани ҷиноят («дхарма») ба ҳаракатҳои шикорчӣ ҳангоми ҷустуҷӯи сайди худ аз рӯйи изҳои хун шабоҳат дода шудааст. Вале гирифтан ва мустаҳкам кардани изҳо дар он замон хусусиятҳои содда дошт. Бо пешрафти илму техника технологияи мустаҳкамкунӣ ва гирифтани изҳо такмил ёфтааст. Дар ибтидо изҳои пойи одамро бо роҳи сабт кардан дар ҳуҷҷат мустаҳкам мекарданд. Бо ихтирои гаштани суратгирак (фотоаппарат) татбиқи ин воситаи илмию техникӣ ҳангоми мустаҳкамсозии изҳо тавсия гардид. Асосгузори илми криминалистика, олими австриягӣ Ганс Гросс аввал истифодаи аксбардорӣ ва сипас дигар тарзҳоро тавсия додаст.

Дар миёнаҳои асри XIX ақида дар бораи амсиласозии изҳои ҳаҷмӣ ба вуҷуд омад. Қолаб тайёр кардан аз изҳо мақсади асосӣ буд. Аввалин қадамҳо дар ин ҷода аз ҷониби табиби ҳарбии фаронсавӣ Гюгелон гузошта шудааст, вале тарзи нишондодаи ӯ хеле мураккаб ва ноустувор буд. Табиби рус А.Э. Борхман роҳи оддитари ин амал, ки дар як вақт устувор буд, дарёфт кард. Ӯ изҳоро тавассути қолабҳои гипсӣ (гаҷӣ) мустаҳкам мекард. Инқилоби бузург дар соҳаи изшиносӣ ин ошкор намудани хусусиятҳои изҳои ангуштони одам мебошад. Дар ин кор нақши тадқиқотҳои биологи машҳури итолиёвӣ Марчелло Малпиги бузург аст. Минбаъд омӯзиши хатҳои папиллярии ангуштони дасти одам тафтиш ва ошкор кардани ҷиноятро осонтар гардонид. Инчунин, ин далел ҳангоми исботкунӣ бебаҳс маҳсуб мешуд, ки ҷиҳати мусбат дар фаъолияти тафтишӣ мебошад. Бо мурури замон роҳҳои гуногуни мустаҳкамсозии изҳои дандон, оби даҳон, хун, бӯй ва ғайра кашф шуда, ҳангоми тафтиши ҷиноят ва исбот кардани гуноҳи шахс васеъ истифода гаштанд. Новобаста аз оне ки изҳо дар тафтиши ҷиноят аз қадим истифода мегаштанд, мафҳум, мазмун ва таснифи онҳо дар адабиётҳои ҳуқуқӣ то кунун масъалаи баҳснок мебошад.

Таҳлили лингвистии мафҳуми «из» якчанд маънои онро нишон медиҳад:

- пой, қадам;
- нишон, асар, нақши пой;
- раг, реша, банди устухонбандӣ;
- поя, асос, бунёд, бун;
- қудрат, тавоноӣ;
- бор, дафъа;

Дар забони русӣ низ мафҳуми «из» тахминан чунин маъниҳоро дорад;

- из, аломатҳои чизе дар замин ё сатҳи ягон чиз;
- боқимонда ва ё аломати чизе;
- оқибати ягон ҳодисаву зуҳурот;
- қисми поёнии пой.

Олими олмонӣ Анушат изҳоро чунин таъриф кардааст: «Из тамоми чизе мебошад, ки кримналист метавонад қабул (дарк) намояд ва бо ягон тарз истифода барад».

Мерген изҳои аёнӣ ва равониро ҷудо мекунад. Ба гуруҳи якум изҳо, фишорҳо, доғҳо ва ғайра дохил мешавад. Ба гурӯҳи дуюм тарсу ваҳми ҷинояткор, вазияти ҷабрдида, даркнамоии шоҳид ва ғайра дохил мешаванд.

А. Кангер таърифи пешниҳодкардаи Анушатро танқид карда, қайд менамояд, ки чунин фаҳмиши изҳо ғайримушаххас мебошад ва барои ҷудо ва тадқиқ кардани он умумияте, ки дар изхо мавҷуд аст имкон намедиҳад.

А. Кангер таърифи зерини изҳоро пешкаш мекунад: «Из ба маънои криминалистӣ инъикоси тасвир (акс, нусха)- и сатҳи объекти дахлдор дар намуди аломатҳо дар ҷисм ё из

дар он мебошад. Ин тасвирро барои айниятдиҳии объект истифода бурдан мумкин аст». Дар ин замина, ӯ изҳоро «зуҳуроти боқимонда» фарқ мекунад. «Зуҳуроти боқимонда» гуфта, А. Кангер тамоми тағйироте, ки бо ҳаракатҳои ҷинояткорона ба муҳити атроф гузошта мешавад, мефаҳмад. Дар байни олимони ба истилоҳ «шуравӣ» низ ба изҳои шайъи ва равони ҷудокардани изҳои одам хос аст. Андешаҳо дар бораи пайҳои моддӣ роҳи дуру дарози инкишофро тай кардаанд. Проф. И.Н. Якимов, ки уро ба таври ҳаққонӣ асосгузори таълимот дар бораи пайҳо дар илми криминалистикаи давраи Шӯравӣ меномиданд, солҳои зиёд ба фаҳмиши васеи онҳо пайравӣ мекард.

И.Н. Якимов ҳамчун асосгузори таълимоти криминалистӣ дар бораи изҳо дар ҳокимияти шуравӣ эътироф мегашт. Ӯ дар ибтидо мафҳуми изҳо на танҳо изҳо – асарҳо, балки тағиротҳои моддӣ, ки дар ҷои ҳодиса ба вуқуъ меояд, дохил мешавад. Тамоми изҳоро И.Н. Якимов ба ду гуруҳ ҷудо мекард: - изҳои одам; - дигар изҳо.

Ба гуруҳи якуми изҳо дохил мешаванд: изҳои пойи одам; изҳои ангуштони даст; изҳои дандонҳо; изҳои нохунҳо; изҳои хун; изҳои нутфа;

Ба гуруҳи дуюм дохил мешаванд: 1) изҳои пойи ҳайвонот; 2) изҳои чархи воситаҳои нақлиёт; 3) изҳои олотҳои шикаста даромадан; 4) изҳои силоҳ; 5) изҳои маводи сӯзишворӣ; 6) изҳои сохтакории ҳуҷҷатҳо.

Соли 1935 И.Н. Якимов аввалин кушиши дар шакли муайян пешниҳод кардани мафҳуми изро кардааст «… из асар дар ягон ҷисм мебошад, ки барои шакл ва ё таъиноти он муҳокима кардан асос медиҳад».

Аз таърифи додашуда маълум мешавад, ки муаллиф аллакай мафҳуми изро дар криминалистика хеле маҳдуд мефаҳмад. Вале бо вуҷуди ин мафҳуми из дар ин таъриф ҳанӯз ҳам васеъ аст. Зеро ба ғайр аз шакли инъикос дар объекти изқабулкарда И.Н. Якимов ба он мафҳуми таъиноти ҷисмро низ дохил кардааст. С.М. Потапов дар муқарраркунии мафҳуми дурусти из қадами барҷо мондааст. Ӯ чунин таърифро пешкаш кардааст, ки из ин инъикоси зуҳурот, ки аз ҷиҳати сабаби бо ҳолати тафтишшаванда алоқаманд аст, дар маводи моддӣ мебошад. Чунин изҳо ҳам аз одамон, ҳам аз ҳайвон, дигар ҷисмҳо ва қувваҳои табиӣ ба вуҷуд омаданашон мумкин аст. Б.И. Шевченко трасологияро чунин таъриф медиҳад: «Соҳаи техникаи криминалистика аст, ки изҳои гуногун, ҳам инъикоси объектҳои зоҳирии моддӣ бо мақсади муайянсозии ҳолатҳои ба вуҷуд омадани чунин изҳо ва айниятдиҳии чунин объектҳоро меомӯзад». Аз таърифи додашуда маълум мешавад, ки доираи мафҳуми изҳо хеле маҳдуд карда шудааст. Минбаъд низ барои маҳдуд фаҳмидани мафҳуми изҳо дар криминалистика кушишҳо ба харҷ додааст. Ӯ борҳо таъкид намудааст, ки «Вазифаи асосии криминалистика – айният додани ҷисме, ки из гузоштааст, мебошад». Барои айнияти криминалистӣ нақши асосирро изҳои статикӣ мебозанд, Аз ин рӯ, Б.И. Шевченко диққати асосирро маҳз ба изҳои статикӣ медиҳад. Ин ҷанбаи мақсади ӯ боиси дастгирист, вале бояд қайд намуд, ки барои криминалистика фаҳмиши васеъи изҳо низ аз аҳамият холи нест.

Дар ин масъала И.Ф. Крилов дуруст қайд менамояд: «Маҳдуд кардани мазмуни таълимот дар бораи изҳо фақат бо изҳо – асарҳо барои амалия оқибати номусоид оварда метавонад. Барои ошкор кардани ҷиноят ва фош кардани шахси ҷинояткор доғи хун, ки аз бурида шудани ангушти дасти ҷинояткор боқӣ мондааст ё тоза гардидани чанг аз пошнаи пойи пойафзол баъзан вақт аҳамияти на камтарро назар ба изҳои ангуштон ва дигар изҳо ба маънои маҳдуди калима доранд». Д.П. Рассейкин дар ин хусус навиштааст: «Маълум аст, ки дар мавриди бурдани тафтиши ҷиноят зарурате ба миён меояд, ки бо изҳо ба маънои васеи калима дучор оем, аз ҷумла бо чунин изҳое, ки из намешаванд, вале барои ошкор кардани ҷиноят ва фош кардани шахси ҷинояткор аҳамияти басо муҳим дорад. Ба он дохил мешаванд: изҳои хун, нутфа, дигар ихроҷоти организми одами, мӯй, изҳои сигоркаши, наххои гуногун, ранг, чанг, ифлосӣ ва ғайра». Дар ин замина И.Ф. Крилов дуруст қайд мекунад, ки доираи изҳоро ба маънои васеи калима васеъ ва ё маҳдуд кардан мумкин аст, вале ҳаргиз онҳоро аз таълимоти криминалистии изҳо берун кардан нашояд». Ақидаву назарияҳо дар атрофи ин масъала то ҳол мафҳуми ҳамаро фарогирандаи из дар адабиётҳои ҳуқуқӣ кор карда баромада нашудааст. Таҳлили мазмуни лингвистии мафҳуми «из» ба гуногунмаъноии он ишора мекунад:

-пой, қадам:

-нишон, асар, нақши пой;
-раг, реша, банди устухонбандӣ;
-поя, асос, бунёд, бун,
-қудрат, тавоноӣ;
-бор, дафъа
-ва ғайра.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бошад, ин мафҳум баъзан аз ҳад васеъ ва баъзан аз ҳад маҳдуд баррасӣ мешавад. Вобаста ба ин намудҳои из низ фарқ карда мешавад.

Баъзан муаллифон омӯзиши чунин изҳоро мавзуи дигар илмҳо мешуморанд, ки бо ақида розӣ шудан лозим нест. Албатта, дигар соҳаҳои илм то ин сатҳ ба омӯзиши чунин изхо машғуланд (масалан, изҳои хун, оби даҳон ва дигар ихроҷоти бадани одам ва ғайра аслан мавзуи омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ мебошад). Вале ҳамеша бояд дар назар дошт, ки ягон соҳаи дигари илм вазифаҳои криминалистиро дар омузиши изҳо иҷро намекунанд ва иҷро карда ҳам наметавонад. Барои ҳамин ҳам, мо набояд ба мафҳуми из назари маҳдуд дошта бошем. Из на танҳо иникоси сохтори зоҳири аст. Из дар илми криминалистика ба ду маъно фаҳмида мешавад: ба маънои маҳдуд; - ба маънои васеъ.

Ба маънои маҳдуд - из гуфта, он аломатҳои зоҳирие, ки дар ҳудуди ба ҳам пайваст шудани аломатҳои як ҷисм ба ҷисми дигар инъикос меёбад, фаҳмида мешавад.

Ба маънои васеъ - из гуфта, ҳама гуна дигаргуниҳоро дар ҷойи ҳодиса меноманд, ки дар ҷараёни содир намудани ҷиноят ба вуҷуд омадааст.

Чи тавре яке аз олимони маъруфи ин илм Н.А.Селиванов навишта буд: "Изшиносӣ - фасли криминалистика буда, изҳо роҳҳои бозёфт, зикр, гирифтан ва таҳқиқи онҳоро меомӯзад". Бо ин гуфтаҳои ӯ розӣ шуда, олими ватанӣ Ҳ. Салимов дар китоби худ «Криминалистика» иброз медорад, ки пайшиносӣ фасли криминалистика набуда, балки яке аз соҳаҳои мустақили техникаи криминалистӣ аст. Илова бар ин, ӯ мегӯяд: «Дар ин таъриф мавзуи пайшиносӣ хеле маҳдуд менамояд, яъне ҳамин тавр ба назар мерасад, ки гуё он танҳо худи изҳоро меомӯзаду бас. Воқеан пайшиносӣ на фақат худи пайҳоро, балки қонуниятҳои пайдоиши онҳо, бозёфт, гирифтан ва инчунин қонуниятҳои истифодаи онҳоро низ меомӯзад. Аз тарафи дигар, пайшиносӣ чун соҳаи мустақили техникаи криминалистӣ на ҳамаи изҳоро, балки танҳо он изҳоеро меомӯзад, ки дар ҳудуди ба ҳам пайвастани ду объекти нисбатан устувори дорои сохти зоҳирӣ пайдо мешаванд».

Дар ҷойи дигар ӯ қайд мекунад, ки «мавзӯи пайшиносӣ бо инҳо маҳдуд намешавад» ва вазифаҳои зерини ин соҳаро муайян намудааст, ки чунин мебошанд:

1. Муайян намудани қавми одамҳо, ашё ва ҳайвонҳо аз рӯйи изҳои онҳо.
2. Муайян намудани айнияти одам, ашё ва ҳайвон аз рӯйи изҳои онҳо.
3.Муайян намудани баъзе аломатҳои хоси иштирокчиёни воқеа,
ҳодиса ва ҷиноят.
4.Муайян намудани баъзе ҳолатҳои дорои аҳамияти криминалистӣ.

Аз ин лиҳоз, пайшиносӣ соҳаи мустақили техникаи криминалистӣ, ки қонуниятҳои пайдоиши пайҳо ҳамчун акси сатҳи зоҳирии як чиз дар чизи дигар, усул ва воситаҳои бозёфт, зикр ва таҳқиқи изҳоро меомӯзад ва дар асоси маърифати ин қонуниятҳо усул ва воситаҳои навтаринеро, ки бо мақсадҳои фош намудан ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мебаранд, кор карда, тавсия менамояд. Вазифаи изшиносӣ ҳамчун қисми таркибии илми криминалистика механизмҳои пайдошавии изҳои асбобу воситаҳои нави иҷтимоию иқтисодиву рӯзгорро омӯхта, қонуниятҳои онҳоро муайян кардан, усул, воситаҳои кашф, таҳқиқот, гирифтан ва истифода намудани онҳоро тадвин ва тавсия намудан иборат аст. Амалияи бозёфт ва истифодаи изҳои санҷидаро омӯхта, афзалияту, камбудиҳои усул ва воситаҳои истифодаи онҳоро муайян кардан ва интишор додан, яке аз вазифаҳои доимии изшиносӣ ба шумор меравад. Аҳамияти изшиносӣ дар ҷараёни мубориза алайҳи ҷинояткорӣ басо муҳим аст, яъне дар нақши изҳо ҷиҳати фош намудани сиррри ҷиноят ва ошкор намудани ҷинояткорон мебошад. Агар ба ин мақсад изҳои ҷинояткорӣ истифода намешуд, шубҳае нест, ки бисёр ҷиноятҳо ошкор намегардиданд. Фақат аз рӯйи изи даст ҷинояткорон ба қайд гирифта мешаванд, минбаъд шахси ҷиноятсодиркарда боз ҷиноят содир кунад аз рӯйи қайди аввала айнияти шахсе, ки изи дасти ӯ дар ҷойи ҳодисаи охирин

изҳо шудааст, исбот карда мешавад. Агар бори нахуст ҷиноят содир карда бошад, қатъи назар аз он ки изи чанд ангушти ҷинояткор дар ҷойи ҷиноят мондааст, айнияти шахси гумонбаршуда муайян мешавад.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои махсус ва омода намудани мақолаи илмӣ дар бобати мавзуи мазкур, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмуни криминалистии пайҳо ҳанӯз дар оғози азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ошкор карда мешавад. Пайҳо нишон медиҳанд, ки ҷинояткор аз куҷо омада, ба куҷо рафтааст ва ӯ дар ҷойи ҳодиса кадом ҳаракатҳоро кардааст. Дар баъзе мавридҳо пайҳо муфаттишро ба он ҷое мебаранд, ки ҷинояткор он ҷо пинҳон шудааст ва баъзан далелҳоеро ошкор менамоянд, ки барои минбаъд ошкор намудани ҷинояткор дар рафти тафтиши ҷиноят кумак мерасонанд. Ба сифати чунин далелҳо пайҳое, ки хусусиятҳои хоси пойафзол ва ё сохти пойи ҷинояткорро инъикос менамоянд, баромад мекунанд. Аз рӯйи чунин пайҳо мумкин аст, тахминан дар бораи ҳолати ҷисмонии шахси ҷинояткор маълумот пайдо намоем.

### АДАБИЁТ


1. Маколинский П.В. Практическое пособие для судебных следователей / П.В.Маколинский. - Спб, 1915.
2. Крылов И. Ф. В мире криминалистики / И.Ф.Крылов –.Л., 1989.
3. Толковый словарь русского языка/ Д. Н. Ушаков. - М, 1940.
4. Kanger A.M. Der Begriff «Spur und seine Definition».–«Schrif tenreihe der Deutschen Volkspolizei». – Berlin: Wilhelmsruh, 1956, – S. 57
5. Якимов И.Н. Криминалистика. Уголовная тактика / И.Н.Якимов – М., – 1939.
6. Краткий юридический словарь. -М, 1945. – С. 45.
7. Шевченко Б. И. Научные асновиы современной трасологии /Б.И.Шевченко - М, 1947.



### ТРАСОЛОГИЯ ДАР ОШКОР ВА ТАФТИШ БУРДАНИ ҶИНОЯТ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои соҳаи техникаи криминалистӣ- трасологияро дар мавриди ошкор кардан ва пешбурди тафтиши ҷиноят бахшида шудааст. Пайҳо ҳанӯз дар оғози амали тафтиши аввалиндараҷа, яъне азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ошкор карда мешаванд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: трасология, пайҳо, тафтиши ҷиноят, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, амалҳои тафтишӣ.



### ТРАСОЛОГИЯ В РАСКРЫТЫЕ И РАССЛЕДОВАНИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

Данная статья посвящена вопросам использования криминалистической трасологии в раскрытии и расследовании преступлений. Следы будут обнаружены в начале первоначального следственного действия, то есть осмотра места происшествия.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: трасология, следы, расследование преступления, осмотр места происшествия, следственные действия.



### TRACEOLOGY IN THE DISCLOSURE AND INVESTIGATION OF CRIMES

This article is devoted to the use of forensic traceology in the disclosure and investigation of crimes. Traces will be found at the beginning of the initial investigative action, that is, inspection of the scene.



**KEYWORDS**: traceology, traces, investigation of a crime, inspection of the scene, investigative actions.



Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳурматзода Исмоил*** – ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Хурматзода Исмоил*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author**: ***Hurmatzoda Ismoil*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of law.


## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Фирӯза Ю.М.***
**Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон**


Баъд аз дахолати Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва ҳамлааш бар зидди ҳаракати “Толибон” дар Ҷумҳури Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мамнуъ эълон

шудааст. Ҳукумати муваққати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба роҳбарии муҳтарам Ҳомид Карзай, Президенти муваққат дар моҳи декабри соли 2002 ташкил шуд. Ҳомид Карзай муносибатҳои сиёсӣ ва дипломатии ҳукуматро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дубора эҳё намуд.

Дар сатҳи сиёсӣ, президентҳои ду кишвар муносибатҳои кишварҳояшонро "намунаи беҳтарини муносибатҳои сиёсӣ дар минтақа" тавсиф карданд. Илова бар ин, фарҳанг ва забони муштарак, энергетика, транзит ва савдо унсурҳои муҳими муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон дар даҳсолаи охир гардиданд.

Омӯзиш, таҳлил ва донистани вазъи кунунии Афғонистон, ба ҳайси як кишвари ҳамсояи ҳамзабону ҳамфарҳанг, ки аз як тараф таваҷҷуҳи ҳама қудратҳои оламро ба худ ҷалб намуда ва аз тарафи дигар яке аз пойгоҳҳои гуруҳҳо ва ҳаракатҳои ифротӣ-террористӣ ба шумор меравад, аз муҳимтарин мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи сиёсатшиносӣ дар доираҳои илмии ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Тоҷикистон низ ба раванди сиёсии Афғонистон диққати махсус дода, барои овардани сулҳу субот дар ин кишвар кушишҳо менамояд, ки далели ин гуфтаҳо кушиш ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуда метавонад, ки борҳо дар мавриди вазъи сиёсиву иҷтимоии Афғонистон дар нишасту конфронсҳои сатҳи ҷаҳонӣ суханронӣ намудаанд. Ҷаноби олӣ низ ба такрор фармудаанд: «Тинҷӣ ва оромии Афғонистони чун боду ҳаво барои Тоҷикистон зарур аст». Тардиде нест, ки Афғонистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ба хусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайвандҳои ногусастании фаровон дорад. Бинобар ин, омӯзиши равандҳои сиёсиву иҷтимоии Афғонистон яке аз заруратҳои мубориза ҳамоҳанг бо терроризм ва экстремизм аст, ки имрӯз кишварҳои дигари ҷаҳонро низ фаро гирифтааст. Баъд аз касби Истиқлолияти давлатӣ, бо вуҷуди оғози ноороміҳо дар ҳарду кишвар, Тоҷикистон имконияти васеътар пайдо намуд, ки ҳамкориҳои худро бо Афғонистон густариш диҳад. Ин ҳамкориҳо дар асоси заминаи ҳуқуқие, ки ду кишвар муҳайё сохтанд, рӯ ба рушд намуд.

Бо оғози ҷангҳои дохилӣ дар Афғонистон аз соли 1992 ба ин тараф муҳоҷирини афғон дар Тоҷикистон ба шакли паноҳанда зиндагӣ менамоянд. Аз ин, ки дар ҷумлаи паноҳандаҳо кӯдакон, ҷавонон, донишҷӯён, устодон ва аҳли илму маърифат низ мавҷуданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири босавод шудани навҷавонон ва ҷавонони муҳоҷири афғон ба эҷод ва таъсиси мактабҳои миёна барои фарзандони муҳоҷири афғон дар Тоҷикистон мувофиқат намуд. Дар мувофиқа ба ин нашрияи “Ҳамбастагӣ” таҳти унвони “Ояндасозони кишвар дар диёри ҳиҷрат” матолиберо чоп намудааст, ки мувофиқи маълумоти он ба мақсади омӯзиш ва таҳсили навҷавонон ва ҷавонони афғон дар соли 2000 –ум Душанбе се мактаб – литсей ба номҳои “Ориёно”, “Истиқлол” ва “Сомониён” таъсис дода шудааст. Ин мактабҳо, ки яке пайи дигар эҷод ва фаъол гардидаанд, ба сурати маҷмуӣ теъдоди 1350 нафар донишомӯз дар ин макотиб масруфи омӯзиш ҳастанд...”.

Ҳамкориҳои кишвари дӯст ва бародари Тоҷикистон дар тарбияи кадрҳои Афғонистон, ба асоси қарордод дар мавриди омода намудани мутахассиси маълумоти олӣ миёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва аташаи фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Душанбе дар таърихи 1 июни 1999 ба имзо расидааст.

Дар соли 2008 ба идомаи ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ва омӯзиш, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон “Ёддошти тафоҳум” –ро дар робита ба таъсиси мактаби таълимоти умумии “Сомониён” ҷиҳати фарогирии таълиму тарбияи фарзандони муҳоҷир ва бошандагони афғон дар Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ба имзо расониданд, ки аз ҷониби Афғонистон муҳтарам Сайид Муҳаммад Хайрхоҳ, Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумуҳрии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Тоҷикистон, муҳтарам Фарҳод Раҳимов, муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзокунандагони ин ҳуҷҷут будаанд. Дар матни ин тафоҳумнома омадааст: “Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд “тарафҳо” номида мешаванд, бар асоси аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо дар назар гирифтани

алоқаҳои муштарак ҷиҳати густариш ва таҳкими равобити фарҳангии мутақобил ба манзури тавсеъа, таҳким ва таъмиқи равобити дуҷониба байни ду кишвар бо тақвияти иртиботи илмии омӯзишӣ, иртиқои савод, тарбияи мутахассисин барои ҳарду кишвар, ба мақсади татбиқи мундариҷоти ин ёддошти тафоҳум дар мавриди ҳамкорӣ дар арсаи маориф, фарҳангу илм ба шарҳи зерин мувофиқа намуданд.

Моддаи аввал: "Тарафайн ҷиҳати рафъи мушкилоти таълимии фарзандони муҳоҷирини афғон ва фарзандони кормандони намояндагиҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси принсипҳои мутасовиалҳуқуқ (ҳуқуқи баробар) ва мутобиқи қонунҳои ҳарду кишвар ба манзури таъсиси мактаби таълимоти умумии "Сомониён", Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тадбирҳои амалиро иттихоз менамоянд".

Моддаи панҷуми ин тафоҳумнома талаб мекунад, ки "Вазорати маорифи Тоҷикистон тибқи низомномаи таҳсилӣ дар муассисаи таҳсилоти касбии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ, ҷиҳати таҳсил дар муассисоти таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд".

Дар соли 2010, сеюмин ҷаласаи Комиссиони муштараки ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе доир гардид, ки раёсати ҳайатро аз ҷониби Афғонистон муҳтарам Абдулҳодӣ Арғандевол, Вазири иқтисоди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва аз ҷониби Тоҷикистон Олимҷон Бобоев, Вазири нақлиёт ва мухобироти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар уҳда доштанд. Протоколи ҳамкорӣ дар 12 модда дар соҳаҳои мухталиф дар таърихи 26.12.1388, ки мутобиқ ба 17.03.2010 буд, дар шаҳри Душанбе ба имзо расид, ки моддаи 8 – и он дар соҳаи фарҳанг ва моддаи 10 дар соҳаи маориф мебошад. Ҳамчунин, соли 2019 даври баъдии комиссиюни муштараки байналҳукуматӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, ки аз ҷониби Афғонистон раиси ҳайат муҳтарам Ҳумоюн Қаюмӣ, Вазири молияи ҶИА ва аз ҷониби Тоҷикистон раиси Ҳайат муҳтарам Худоёрзода Худоёр буданд. Дар ин комиссиюн, аъзои ҳайат аз вазоратхонаҳои мухталифи ҶИА, аз ҷумла, Вазорати нақлиёт, Вазорати тиҷорат, Вазорати таҳсилоти олӣ ва ғайра низ иштирок карда буданд ва рӯйи масъалаҳои муҳимми тиҷоратӣ, иқтисодӣ, маориф, фарҳанг ва саноат тавофуқномаҳо ва шартномаҳои дуҷониба ба имзо расидаанд.

Робитаҳои омӯзишӣ ва тарбиятӣ байни донишҷӯёни афғон ва устодони тоҷик то ҳозир давом дорад. Ҳамасола то сатҳи докторӣ дар донишгоҳҳои Тоҷикистон муҳассилини Афғонистон таҳсил мекунанд.

Робитаҳои фарҳангӣ, илмӣ, адабӣ ва ҳунарӣ дар миёни ду кишвар вақте мустаҳкам ва давомдор шуда метавонад, ки робитаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи таълим ва омӯзиш дар хати аввал қарор дошта бошад.

Дар солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, бешубҳа робитаҳои мустақим дар арсаи омӯзиш густариш ёфтаанд ва таҳлили асноди байнидавлатии ба имзорасида аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин муносибатҳоро ояндаи хубтаре интизор аст.

**АДАБИЁТ**


1. Қарордод дар мавриди омода намудани мутахассиси маълумоти олӣ миёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва Аташаи фарҳангии Сафорати Афғонистон дар Душанбе таърихи 01.06.1999.
2. Қарордод роҷеъ ба омодасозии мутахассисин аз ҷумла ҷавонони давлати Афғонистон, миёни раёсати Донишкадаи техникии Тоҷикистон ва аташаи фарҳангии Сафорати Афғонистон дар Душанбе муаррахи 17.07.1999.
3. Муҷибурраҳмон Раҳимӣ. Аҳмадшоҳ Масъуд шаҳиди роҳи сулҳ ва озодӣ. Ҷилди дуввум / Муҷибурраҳмон Раҳимӣ. - Бунёди шаҳид Масъуд, 2003.
4. Сайид Аҳмад Ҳошимӣ. Масъуд фаротар аз марзҳо (4), (Маҷмуа мақолоти чаҳорумин конфронси байналмиллалии Масъудшиносӣ). Кобул 2005, с. 9.
5. Тавофуқнома миёни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар робита ба таъсиси мактаби таълимоти умумии "Сомониён", 19.06.2008, шаҳри Душанбе.
6. Ҳамбастагӣ, 1379, 30 –и ақраб (20 ноябри 2000).
7. Шартнома оиди омода намудани мутахассиси маълумоти олӣ миёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва Аташаи фарҳангии Сафорати Афғонистон дар Душанбе таърихи 01.06.1999.
8. "Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон", АМИТ Ховар, Душанбе, 29.03.2021.

**БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур масъалаи муносибатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди сиёсии Афғонистон диққати махсус дода, барои овардани сулҳу субот дар ин кишвар кушишҳо менамояд. Соли 2008 барои идомаи ҳамкорӣ дар соҳаи илм Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон "Ёддошти тафоҳум" – ро дар робита ба таъсиси мактаби таълимоти умумии "Сомониён" ҷиҳати фарогирии таълиму тарбияи фарзандони муҳоҷир ва бошандагони афғон дар Ҷумҳурии Тогҷикистон ба имзо расидааст. Инчунин, дар мақола оид ба суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ оварда шудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** дипломатия, муваққатӣ, суханронӣ, ҳамкорӣ, ниҳомнома, шартнома.

**НЕКОТОРЫЕ МНЕНИЯ НА ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ АФГАНИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье рассматриваются отношения между Исламской Республикой Афганистан и Республикой Таджикистан. Автор отмечает, что Правительство Республики Таджикистан уделяет особое внимание политическому процессу в Афганистане и стремится к установлению мира и стабильности в этой стране. В 2008 году Министерство образования и науки Республики Таджикистан с Министерством образования Исламской Республики Афганистан подписали Меморандум о взаимопонимании для продолжения сотрудничества в области науки. В статье также приведены слова Основоположника мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** дипломатия, временное, речь, сотрудничество, устав, соглашение.

**SOME OPINIONS ON RELATIONS BETWEEN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article deals with the relationship between the Islamic Republic of Afghanistan and the Republic of Tajikistan. The author notes that the Government of the Republic of Tajikistan pays special attention to the political process in Afghanistan and seeks to establish peace and stability in this country. In 2008, the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan with the Ministry of Education of the Islamic Republic of Afghanistan signed a Memorandum of Understanding to continue cooperation in the field of science. The article also contains the words of the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon.

**KEYWORDS:** diplomacy, temporary, speech, cooperation, charter, agreement.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фируза Юсуфи*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. Телефон: **000902390**

**Сведение об авторе:** ***Фируза Юсуфи*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета международных отношений. Телефон: **000902390**

**Information about the author*****: Firuza Yusufi*****–** Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of International Relations. Phone**: 000902390**

# МАФҲУМ, ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛШАВӢ ВА НАМУДҲОИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ

***Муминов Ш. Ф.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷамъияти саҳомӣ шакли нисбатан паҳншудаи ташкилоти корпоративӣ ба шумор меравад. Аввалин маротиба мафҳуми саҳмия дар оинномаи ширкати Ҳолландии «OST-INDIA» сабт шуда, маҳз ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки вобаста ба иштирок дар ҷамъияти саҳомӣ бар меоянд аз лаҳзаи соҳиби саҳмия шудан шуруъ мегардад. Чунин ҷамъиятҳо дар собиқ ИҶШС ҳанӯз солҳои 20- ум дар давраи сиёсати нави иқтисодӣ ташкил карда шуда буданд. Соли 1927 дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ Низомномаи махсус тасдиқ шуда буд. Дар баробари қавӣ шудани низоми идоракунӣ дар иқтисодиёти дар солҳои 30-юм ҷамъиятҳои саҳомӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо корхонаҳои давлатӣ ташкил карда шуданд. Дар ибтидои солҳои 90- ум бо сабаби гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ҷамъиятҳои саҳомӣ аз нав фаъолияти худро оғоз намуданд. Барои танзими фаъолияти чунин ҷамъиятҳо санадҳои

меъёрии махсус қабул гардиданд. Аз он ҷумла, қарори Шурои Вазирони ИҶШС аз 19-уми июни соли 1990 № 590 “Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ва масъулияти маҳдуд” қабул карда шуд. Ҳоло санади меъёрие, ки ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомиро муайян мекунад, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» мебошад, ки 5-уми марти соли 2007 қабул шудааст. Омили инкишофи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар марҳалаи кунунӣ на танҳо мутобиқ будани ин шакли ташкилот ба шароити иқтисоди бозорӣ, балки хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ ва коммуналӣ низ мебошад, ки чун қоида бо роҳи табдилдиҳии онҳо ба ҷамъияти саҳомӣ амалӣ мегардад. Мафҳуми ҷамъияти саҳомӣ дар КГҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" оварда шудааст. Мувофиқи м.106 КГҶТ ҷамъияти саҳомӣ - ҷамъияте дониста мешавад, ки сармояи оиномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шудааст; иштирокчиёни ҷамъияти саҳомӣ аз рӯйи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут аз фаъолияти ҷамъиятро ба андозаи арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма мегиранд. Тибқи мод. 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратӣ эътироф карда мешавад, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим карда мешавад, ки иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд. Пас аз таҳлили таърифҳои қонунгузорӣ, мо мебинем, ки мафҳумҳо моҳияти як ҷамъияти саҳомиро ба таври возеҳ ошкор мекунанд ва сарҳадеро ифода мекунанд, ки ҷамъияти саҳомиро аз дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Дар адабиёти илмӣ миқдори зиёди мафҳумҳои мухталифи "ҷамъияти саҳомӣ" оварда шудаанд, ки ҳар як муаллифи алоҳида ин таърифро ба тарзи гуногун шарҳ медиҳад. А.И. Каминка дар асари худ таърифҳои гуногуни ҷамъияти саҳомиро медиҳад. Масалан, "Ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун шакли ташкилию ҳуқуқии корхона эътироф карда мешавад, ки барои уҳдадориҳои худ танҳо бо амволи ба он тааллуқдошта масъул аст". Ҷамъияти саҳомӣ яке аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии корхонаҳое мебошад, ки тавассути ҷамъ овардани сармояи худ, яъне мутамарказгардонии маблағҳои шахсони гуногун, ки тавассути фурӯши саҳмияҳо амалӣ карда мешаванд. Ҳама консепсияҳои дар боло тавсифшударо омӯхта, мо метавонем хусусиятҳои ба ҷамъияти саҳомӣ хосро ҷудо намоем: Якум, ҷамъияти саҳомӣ шакли як корхонаи тиҷоратӣ мебошад ва танҳо дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ таъсис дода мешавад. Дуюм, сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ ба саҳмияҳои андозаи баробар тақсим карда мешавад, ки ҳар яки он бо саҳмҳо ифода карда мешавад. Сеюм, ташаккули сармояи ширкат тавассути саҳмияҳо сурат мегирад. Чорум, байни ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдор уҳдадорӣ ҳангоми хариди саҳмияҳо ба миён меояд. Ҳангоми хариди саҳмияҳо, саҳмдор ҳуқуқи идоракунии ширкат, гирифтани даромад аз фаъолияти он ва инчунин ҳуқуқ ба як қисми молу мулке, ки пас аз барҳамдиҳии ҷамъият боқӣ мондааст, ба даст меорад. Саҳмдор танҳо саҳмияҳое дорад, ки ба ӯ ҳуқуқҳои дахлдор медиҳанд ва амволи ҷамъияти саҳомӣ танҳо ба ҷамъият тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, саҳмдор ба амволи ширкат ҳуқуқ надорад. Ин маънои онро дорад, ки ӯ наметавонад саҳмияҳои худро ба ширкат баргардонад ва талаб кунад, ки маблағҳои барои онҳо пардохташударо баргардонанд. Панҷум, шахсе, ки саҳмияҳоро харидорӣ мекунад, ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсӣ мегирад. Дар ҳолате, ки саҳмияҳои назоратӣ дар дасти як саҳмдори аксарият ҷамъ омада бошанд, саҳмиядорони минориалӣ ҳеҷ гуна имконият надоранд ба роҳбарияти ширкат таъсирр расонанд. Аз ин рӯ, онҳо имконият надоранд, ки аз ҳуқуқҳои худ дар самти идоракунии ҷомеа истифода баранд. Шашум, мутобиқи созишнома дар бораи таъсиси ҷамъияти саҳомӣ, тамоми саҳмияҳои ширкат дар вақти таъсисёбӣ дар байни муассисон тақсим карда мешаванд. Дар ҳолате, ки ҷамъияти саҳомиро як муассис таъсис додааст, саҳмияҳоро ӯ пурра харидорӣ мекунад. Ҳафтум, саҳмдорон аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат масъулият надоранд ва хавфи зиёнро танҳо дар ҳудуди арзиши саҳмияҳои харидашуда ба дӯш доранд. Ҳамин тариқ, онҳо масъулияти маҳдуд доранд. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад ва моликияти алоҳидаи дар тавозуни мустақили он сабтшуда метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба даст оварад ва амалӣ намояд, уҳдадориҳоро ба зимма гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Ширкат аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ таъсисёфта ҳисобида мешавад. Таъсиси ширкат бо қарори муассисон (муассис) сурат мегирад. Қарори таъсис додани ширкатро

маҷлиси муассисон қабул мекунад. Дар сурати аз ҷониби як шахс таъсис ёфтани ширкат, қарор дар бораи таъсиси он танҳо аз ҷониби ҳамин шахс қабул карда мешавад. Қарор дар бораи таъсиси ҷамъият бояд аз инҳо иборат бошад: натиҷаи овоздиҳии муассисон ва қарорҳои онҳоро дар бораи таъсиси ҷамъият, тасдиқи оинномаи ҷамъият, интихоби мақомоти идоракунии ҷамъият, комиссияи тафтишотӣ (ревизор). Инчунин, қарор дар бораи таъсиси ҷамъият, тасдиқи оинннома ва тасдиқи арзиши пулии коғазҳои қиматнок, ашёи дигар ё ҳуқуқҳои амволӣ ё дигар ҳуқуқҳое, ки арзиши пулӣ доранд, аз ҷониби муассис ҳамчун пардохт барои саҳмияҳои ҷамъият саҳм гузоштаанд, аз ҷониби муассисон якдилона қабул карда мешаванд. Ҳангоми таъсиси ширкат муассисон метавонанд аудитори ширкатро тасдиқ кунанд. Дар ин ҳолат, дар қарори таъсиси ҷамъият бояд натиҷаи овоздиҳии муассисони ҷамъият ва қарори қабулкардаи муассисон дар бораи тасдиқи аудитори ҷамъият бошад. Муассисони ҷамъият дар бораи таъсиси он байни худ шартномаи хаттӣ мебанданд, ки дар он тартиби фаъолияти муштараки онҳо оид ба таъсиси ҷамъият, андозаи сармояи оинномавии ҷамъият, категорияҳо ва намудҳои саҳмияҳое, ки бояд дар байни муассисон ҷойгир карда шаванд, андоза ва тартиби пардохти онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисон барои таъсиси ширкат дарҷ карда мешавад. Чунин шартнома ҳуҷҷати таъсисӣ шуда наметавонад, зеро вай муносибати байни муассисонро ба танзим медарорад ва муносибати ҷамъият бо дигар шахсон бошад, аз тарафи оиннома муайян карда мешавад. Дар сурати аз ҷониби як шахс таъсис ёфтани ҷамъият, қарор дар бораи таъсис бояд андозаи сармояи оинномавии ҷамъият, категорияҳо (намудҳо), саҳмияҳо, ҳаҷм ва тартиби пардохти онҳоро муайян кунад. Муассисони ҷамъият шаҳрвандон ва (ё) шахсони ҳуқуқие мебошанд, ки дар бораи таъсиси он қарор қабул кардаанд. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ наметавонанд ҳамчун муассисони ҷамъияти саҳомӣ ширкат варзанд, агар дар қонунҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад. Муассисони ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои марбут ба таъсиси он ва то бақайдгирии давлатии ҷамъият ба миён омаданашон масъулияти муштарак доранд. Ҷамъият аз рӯйи уҳдадориҳои муассисон вобаста ба таъсиси он танҳо дар сурате масъулият дорад, ки амали онҳо баъдан дар маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда шавад. Ҳуҷҷати таъсиси ҷамъияти саҳомӣ оинномаи он ба шумор меравад. Дар ҳолати тағйир додан ва иловаҳо ба оинномаи ҷамъият ё таҳрири нави оинномаи ҷамъият бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Ҷамъияти саҳомӣ, инчунин метавонад бо роҳи азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқии мавҷуда (муттаҳидшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ё табдилёбӣ) таъсис дода шавад. Ҷамъияти саҳомӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсисёфта ҳисобида мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ бидуни маҳдудияти вақт таъсис дода мешавад, агар дар оинномаи он тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бо тартиби муқарраршуда суратҳисобҳои бонкӣ кушояд. Ҷамъияти саҳомӣ бояд муҳри мудаввар ва номи пурраи ҷамиятро бо нишон додани маҳалли ҷойгиршавӣ дошта бошад. Дар муҳр, инчунин номи фирмавии ширкат бо забони тоҷикӣ ё бо ҳама гуна забони хориҷӣ нишон дода мешавад. Ширкат ҳуқуқ дорад муҳрҳо ва бланкҳои дорои ном, нишони худ, инчунин тамғаи молиро, ки тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст ва дигар воситаҳои мушаххаси визуалӣ дошта бошад. Мисли ҳама гуна шахси ҳуқуқӣ, ҷамъияти саҳомӣ бояд номи фирмавӣ дошта бошад, ки мавҷудияти он нишонаи предмети ҳуқуқ бошад. Талаботи иловагӣ ба номи ҷамъиятҳои саҳомӣ, ки намудҳои алоҳидаи фаъолиятро амалӣ мекунанд, гузошта мешаванд, масалан, ба ном нишон додани хусусияти фаъолият.

Ҷамъияти саҳомӣ дар шаклҳои кушода ва пӯшида таъсис дода мешавад, ки он дар оиннома ва номи фирмавиаш инъикос мегардад. Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии кушода метавонанд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони ин ҷамъият бегона кунанд. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад барои саҳмияҳои баровардааш обунаи кушодаро доир намояд ва онҳоро фурӯшад. Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣи кушода маҳдуд карда намешавад. Дар ҷамъияти кушода муқаррар кардани ҳуқуқи афзалиятноки ҷамъият ё саҳмдорони он барои ба даст овардани саҳмияҳои бегона, бегона кардани саҳмдорони ин ширкат иҷозат дода намешавад.

Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳои он танҳо байни муассисонаш ё доираи шахсони дигари пешакӣ муайяншуда тақсим мешаванд, ҷамъияти саҳомии пушида дониста мешавад. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад ба саҳмияҳои баровардааш обунаи кушода доир намояд ё ба тарзи дигар онҳоро барои харид ба гурӯҳи номаҳдуди шахсон пешниҳод кунад. Саҳмдорони чамъияти саҳомии пушида ҳангоми харидани саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорони дигари ин ҷамъият фурӯхташаванда ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида набояд аз панҷоҳ нафар зиёд бошад. Саҳмиядорони ҷамъияти пӯшида аз ҳуқуқи афзалиятноки харидани саҳмияҳои аз ҷониби дигар саҳмиядорони ин ширкат бо нархи пешниҳодгардида ба шахси сеюм мутаносибан ба миқдори саҳмияҳои ба ҳар кадоми онҳо тааллуқдошта истифода мебаранд, агар дар оинномаи чамъият тартиби истифодаи дигари ин ҳуқуқ пешбинӣ нашуда бошад. Оинномаи ҷамъияти пӯшида ҳуқуқи афзалиятноки ба даст овардани саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорон фурӯхташударо, агар саҳмдорон аз ҳуқуқи афзалиятноки ба даст овардани саҳмияҳо истифода накарда бошанд, пешбинӣ карда метавонад. Масъалаи моҳияти ҳуқуқҳо, ки барои таъмини тавозуни манфиатҳои саҳмдорон ва роҳбарият таҳия шудааст, дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳалли якрангро ба даст наовардааст. Масалан, С.В. Степашкин қайд мекунад, ки ҳуқуқи иштироки саҳҳмдор дар ҷамъият дар се шакл ифода мешавад:

- иштирок дар тақсими фоидаи аз ҷониби корхона додашуда;
- иштирок дар тақсимоти амволи шарикӣ ҳангоми барҳамдиҳии он;
- иштирок дар идоракунии шарикӣ ва гирифтани маълумот.

Қисми муҳими молумулки ҷамъиятро сармояи оинномавии он ташкил медиҳад, ки дар вақти барпо кардани ҷамъият ташкил карда шуда ва дар оинномаи ӯ нишон дода мешавад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорон харидашудаи ҷамъият ташкил карда мешавад. Дар қонун дар бораи ҷамъияти саҳомӣ ҳадди ақали сармояи оинномавии ҷамъият нишон дода шудааст. Барои ҷамъияти кушода вай на камтар аз панҷ ҳазор сомонӣ ва чамъияти саҳомии пӯшида бояд на камтар аз як ҳазор сомониро ташкил диҳад. Дар бораи кам кардани сармояи оинномавӣ бояд бо тариқи хаттӣ ба кредиторҳои ҷамъият хабар дода шавад. Онҳо дар ин сурат ҳуқуқ доранд, ки катъ ё пеш аз муҳлат иҷро намудани уҳдадории ҷамъиятро, инчунин руёнидани зиёни ба онхо алоқамандро талаб намоянд. Дар қонунгузорӣ фарқияти байни сармояи оинномавӣ ва молумулки ҳақиқии ҷамъият, ки вобаста аз фаъолияти самараноки он мумкин аст нисбат ба сармояи оинномавӣ кам ё зиёд бошад, нишон дода мешавад. Молумулки ҳақиқии чамъият набояд аз андозаи сармояи оинномавӣ кам бошад. Дар ҳолати баръакс сармояи оинномавӣ ба андозаи молумулки ҳақиқии ҷамъият бояд кам карда шавад. Дар ҳолати риоя накардани қоидаи мазкур ҷамъият бояд барҳам дода шавад.

Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ ба саҳмияҳо ҷудо мешавад. Мавҷудияти саҳмия хусусияти хоси ҷамъияти саҳомӣ мебошад, зеро онро фақат ҷамъияти саҳомӣ баровардa метавонад. Саҳмия қоғази қимматноке мебошад, ки уҳдадории ҳуқуқии саҳмдорро нисбат ба ҷамъият тасдиқ менамояд. Дар маънои "классикӣ" саҳмия қоғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатест, ки дорои реҷаи ашё буда, ба субъект оид ба ҳуқуқи амвол тааллуқ дорад ва ба ӯ ҳуқуқҳои муайяни дар ин қоғаз муқарраршударо медиҳад. Саҳмия намудҳои гуногун дошта метавонад. Намудҳои саҳмия дар оинномаи ҷамъият муайян карда мешавад. Саҳмия ба номдор ва манзуршаванда ҷудо мешавад. Мувофиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти саҳомӣ», ҷамъият инчунин метавонад саҳмияҳои оддӣ (муқаррари) ва афзалиятнок барорад. Дорандаи саҳмияи оддӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар маҷлисҳои саҳмдорон як овоз дошта, дар иҷрои уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ дар назди давлат оид ба пардохти андозҳо ва ташкили захираҳои зарурӣ иштирок мекунанд. Дорандаи саҳмияи афзалиятнок ҳуқуқи овоздиҳӣ надошта, вале дивидент ба даст оварда, ҳангоми тақсимоти фоида ва барҳам хурдани ҷамъият нисбат ба саҳмияҳои оддӣ бартарӣ дорад.

**АДАБИЁТ**

1. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. // АМОҶТ с. 1999, № 803. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи электронӣ) www. mmk.tj.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ. // АМОҶТ с. 2007, № 237. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Захираи электронӣ) www. mmk.tj.
3. Агарков М.М. Избранные труды по гражданскому праву: В 2 т. / М.М.Агарков. - М., 2012.
4. Букреев, А. М. Особенности формирования экономического механизма корпоративного управления на предприятии машиностроения [Текст] / А. М. Букреев, О. А. Кавыршина // Вестник Воронежского государственного технического университета. - 2012. - № 2. Т. 8. - С. 129-131.
5. Букреев, А. М. Особенности формирования экономического механизма корпоративного управления на предприятии машиностроения [Текст] / А. М. Букреев, О. А. Кавыршина // Вестник Воронежского государственного технического университета. - 2012. - № 2. Т. 8. - С. 129-131.
6. Ломакин Д.В. Очерки теории акционерного права и практики применения акционерного законодательства. / Д.В.Ломакин. - М., 2005.
7. Тарасов И.Т. Учение об акционерных компаниях / И.Т.Тарасов. - М., 2000. С. 84.
8. Степашкин С.В. Акция и права на нее в акционерном обществе // Финансовый вестник: финансы, налоги, страхование, бухгалтерский учет. 2008. № 1. С. 34.

**МАФҲУМ, ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛШАВӢ ВА НАМУДҲОИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ**

Дар мақола оид ба мафҳум, хусусиятҳои ташкилшавӣ ва намудҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ сухан меравад. Ҷамъияти саҳомӣ ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим карда шуда, уҳдадориҳои иштирокчиёни ҷамъият (саҳмдорон)-ро нисбат ба ҷамъият тасдиқ мекунад. Ҷамъияти саҳомӣ шахси ҳуқуқӣ мебошад ва моликияти алоҳидаи дар тавозуни мустақили он сабтшуда метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба даст оварад ва амалӣ намояд, уҳдадориҳоро ба зимма гирад, инчунин дар суд даъвогар ва ҷавобгар мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти саҳомии кушода, ҷамъияти саҳомии пӯшида, қарор дар бораи таъсиси ҷамъияти саҳомӣ, оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ.

**ПОНЯТИЕ, ХАРАКТЕРИСТИКА ОРГАНИЗАЦИИ И ВИДЫ АКЦИОНЕРНЫХ ОБЩЕСТВ**

В статье рассматриваются понятие, организационные особенности и типы акционерных обществ. Акционерное общество - это коммерческая организация, уставный капитал которой разделен на определенное количество акций, что подтверждает обязательства участников (акционеров) общества перед обществом. Акционерное общество является юридическим лицом, и отдельное имущество, учитываемое на его независимом балансе, может приобретать и осуществлять имущественные и личные неимущественные права от своего имени, принимать на себя обязательства и выступать истцом и ответчиком в суде.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** акционерное общество, открытое акционерное общество, закрытое акционерное общество, акции, решение о создании акционерного общества, устав акционерного общества, уставный капитал акционерного общества.

**CONCEPT, CHARACTERISTICS OF ORGANIZATION AND TYPES OF JOINT STOCK COMPANIES.**

The article discusses the concept, organizational features and types of joint stock companies. A joint stock company is a commercial organization whose authorized capital is divided into a certain number of shares, which confirms the obligations of the company's participants (shareholders) to the company. A joint stock company is a legal entity, and a separate property recorded on its independent balance sheet may acquire and exercise property and personal non-property rights on its own behalf, assume obligations, and be a plaintiff and defendant in court.

**KEYWORDS:** joint stock company, open joint stock company, closed joint stock company, shares, decision on establishment of joint stock company, charter of joint stock company, authorized capital of joint stock company.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муминов Шахром Файзуллоевич*** – ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе**: ***Муминов Шахром Файзуллоевич*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author:** ***Muminov Shahrom Fayzulloevich*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАСАРРУФИ МОЛУ МУЛК (МОЛИКИЯТ)

***Абдуллоева М.***
**Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Яке аз мушкилоти асосие, ки на танҳо мардум, балки мақомотҳои қудратии тамоми кишварро ба таҳлука овардааст, ин вазъияти криминалистӣ ба ҳисоб меравад. Воқеан,

тибқи ҳисоботҳои оморӣ дар ҷаҳон рӯз то рӯз ҷиноятҳое, ки асоси криминалӣ доранд то ҳад афзуда истодааст. Ҳар он давлате, ки ободии мамлакати худро мехоҳад, пайваста кушиш карда истодааст, ки тибқи қарорҳои давлатӣ, тибқи конститутсия ва умуман тибқи қонун роҳҳои пешгирӣ намудан аз ҷинояти криминалистиро чораандешӣ намояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби зиёд шудани вазъияти криминалӣ тамоми мақомотҳои қудратӣ пайваста барои садди пеши онҳоро гирифтан роҳҳои пешгирии онро санҷида истодаанд.

Барои садди пеши роҳҳои ҷиноятҳои на танҳо криминалистӣ, балки тамоми ҷинояткориро гирифтан, мо бояд решаи онро кофта бароем ва барои ҳалли мушкилот таърихи пайдоиши онро омӯзем. Аниқ аст,ки криминалистика илми байналмилалӣ буда, ҳар олим оиди пайдоиши илми криминалистика фикру ақидаҳои гуногуни худро доранд.

Юлген Торвалд дар асари худ, ки “100 лет криминалистики” ном дорад, қайд мекунад, ки аввалин маротиба масъалаҳои пайдошавӣ ва инкишофи криминалистика дар мамолики Европа пайдо шудааст. Ин гуфтаҳоро олими фаронсавӣ Алфонс Бертилион ва олими дигар аз Ҳиндустон Улям Хершел тарафдорӣ кардаанд, ки ин ақида дар ҳақиқат дуруст аст.

Аммо бояд қайд кард, ки ҳарчанд калимаи криминалистика дар замонҳои пеш истифода намешуд, лекин шахсони масъул барои ошкор намудани ҷиноятҳои содиршуда, методҳои криминалистиро, аз қабили санҷидани изи (пайи) даст ё ангуштон ва ғайраҳо.

Аз ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда, ҳаминро қайд карданиям, ки криминалистика таърихи садсола надошта, он таърихи ҳазорсолаҳо дорад.

Дар мавриди тафтишоти ҷиноятӣ ҷиноятҳои криминалистии одамкушӣ, одамдуздӣ, терроризм, таҷовуз ба номус, ғасби гаравгон, тасарруфи амволи давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон, порахурӣ ва ғайра ошкор карда шудаанд, ки ҷинояти криминалистии тасарруфро дида мебароем. Тасарруф-ин ҷинояти ғайриқонунӣ, боғараз, новобаста аз хоҳиши соҳибмулк ва ройгон гирифтан ва ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар ашхос мебошад.

Мафҳуми “тасарруф” аввалин маротиба дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар эзоҳи моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст, ки чунин омадааст; тасарруфи ниҳоии молумулки ғайр, ин дуздӣ ном дорад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии ин навоварии қонунгузорӣ хело зиёд мебошад. Ниҳоят, то айни замон набудани ягонагии фаҳмиши мафҳуми “тасарруф”, ки дар таҷрибаи муборизаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди ин навъи фаъолияти ҷиноятӣ мавҷуд буд, бартараф карда шуд.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи тасарруф ба ду маъно маънидод карда шудааст;

-аввал ин ки тасарруф вазъияти воқеии ҷиноятро алайҳи моликияти ғайр ифода менамояд.

-дуюм ин ки тасарруф дар шакли умумӣ ҳамчун мафҳуме истифода мешавад, ки тамоми шаклу намудҳои тасарруфи амволи ғайрро тавсиф менамояд.(моддаҳои 244-250 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Инчунин, мафҳуми “тасарруф” бо якчанд моддаҳои дигари Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили моддаи 199 (Тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш), 202 (Тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ), 339 (Тасарруф ё вайрон кардани ҳуҷҷат, штамп, муҳр) ва ғайра мутааллиқ аст. Аз ин ҷиҳат, ақида оид ба он, ки таҳти мафҳуми “тасарруф” фақат азонихудкунӣ ва исрофкорӣ фаҳмида мешавад, беасос аст.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз мавриди кофтукови криминалистӣ қарор дорад, ин тасарруфи моликият мебошад.

Моликият — молу мулк, ки дар тасарруфи касе, ё идорае бошад;

-моликияти давлатӣ он чи дар тасарруфи давлат аст,

Дар ҳаёти муқаррарӣ, инсон бидуни донишҳои иқтисодӣ, вожаҳои молу мулк, мулкдорӣ, чиз, неъмат, соҳибмулк (молик) ва ғайраро дар як қатор гузошта, онҳоро чун моликият тасаввур мекунад. Моликият инсонро ба равандҳои аслию воқеӣ, табиии манфиатнок будан, нисбат ба чизҳову ҳодисаҳо ҳавасманд мегардонад. Он дорои мазмуни

моддӣ буда, дар доираи муайяни муносибатҳои иқтисодӣ – азонихудкунӣ ва соҳибӣ кардани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ сурат мегирад.

Агар чиз (мол, маҳсулот, неъмат, захира…) дар ҳолати харҷу марҷ, яъне бесарусомонӣ ва табиию воқеии худ боқӣ монда, аз ҷониби одамон (субъектҳои иқтисодӣ) истифода карда нашавад, он гоҳ он ҳамчун моликият эътироф карда намешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки моликият, пеш аз ҳама муносибат мебошад.

Ин муносибатҳо ҳамчун муносибатҳои доимию устувор ва такроршаванда оиди соҳибӣ ва азони худ кардани захираҳои маҳдуди ҷомеа ба амал баровярда мешаванд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти иқтисодӣ он алоқамандӣ ҳамчун қонун эътироф карда шуда, мафҳумҳои соҳибӣ, истифода, азонихудкунӣ, дурсозӣ ва ғайра ба ҳайси қонунҳои иқтисодӣ пешбарӣ карда мешаванд. Моликият ҳамчун мафҳум ҳанӯз дар давраи общинаи ибтидоӣ истифода шудааст. Сараввал, он ҳамчун объекти ҳуқуқ оиди истифодаю азхудкунӣ ва соҳибӣ кардани чизҳо дар қонунҳои давлати Руми Қадим ба чашм мерасад.

Аз ин ҷиҳат метавон гуфт, ки тайи ҳазорсолаҳо муносибатҳои ҳуқуқии моликият нисбат ба муносибатҳои иқтисодӣ бартарӣ доштанд. Зеро заминаи айнии (объективии) иқтисод (соҳа ва ҳавзаҳои алоҳидаи он) ва дараҷаи ҷамъиятигардонии он нисбатан паст буд. Маҳз, таҳаввули шаклҳои моликият дар шароити саноатгардонии даврони сармоядорӣ, яъне инкишофу пешрафти шаклҳои моликияти хусусӣ, ташаккули фаъолияти хоҷагидорӣ, густариши шакл ва намудҳои гуногуни соҳибкорию бизнес, амиқ гаштани раванди тақсимоти капиталистии меҳнат, тахсис, кооператсияи меҳнат, истеҳсолоти калони мошинӣ дар ҷаҳони капитализм имкон дод, ки мазмун ва мундариҷаи муносибатҳои иқтисодии моликият ба қатори муносибатҳои ҳуқуқӣ ба саҳнаи “рақобат” бароянд ва минбаъд мустақилу мустаҳкам гарданд. Аз ҳамин давра сар карда, байни иқтисоддонону ҳуқуқшиносон оиди ҷанбаҳои умдаи он баҳсу мунозира идома дорад. Таҳлилу тадқиқ нишон медиҳад, ки тазоди байни онҳо, асосан оиди масоили субъект ва объекти ҳуқуқи моликият қарор дорад.

Ба сифати субъекти моликият – на фақат шахсиятҳову ташкилотҳои мутасаддӣ, балки субъектҳои номуайян низ номбар карда мешаванд. Масалан, давлат, ё худ ҷомеа ва ғайра. Дар асл чизҳоро на давлату ҷомеа, балки аз номи онҳо ташкилотҳо, вазоратҳо ва ашхосони алоҳида, бевосита соҳибӣ ва аз худ мекунанд. Бо ибораи дигар, субъектҳои моликият онҳое бояд бошанд, ки қобилият ва нерӯи объектҳои иқтисодиро соҳибӣ кардан дошта бошанд.

Мувофиқи низомнома, дастурамал ва қонунҳои ҳуқуқии мавҷуда, чунин ҷузъиятҳои субъекти моликият номбар карда мешаванд: фард (шахс), шаҳрванд (гражданҳо), оила, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, коллективҳои истеҳсолӣ, халқ (мардум), ташкилоту вазоратҳои идоракунанда ва ғайра. Маҳз, инҳо қодиранд дар ҷомеа ҷанбаҳои ҳуқуқии моликиятро нисбат ба объекти моликият амалӣ гардонанд.

Объекти моликият – чиз ва воситаҳое мебошанд, ки мустақим ё ғайримустақим аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ аз худ карда мешаванд. Ба ҷумлаи онҳо предмет ва воситаҳои меҳнат – замин, захираҳои табиат, ашё, материал (мавод), қувваи барқ, иттилоот, молу мулк, пул, қоғазҳои қимматнок, қувваи коргарӣ, маҳсули маънавӣ ва мадании инсон… дохил карда мешавад. Дар асоси хусусиятҳои иқтисодии субъект ва объекти моликият метавон моҳият ва мазмуни иқтисодии худи моликиятро муайян намуд.

Таҳти моликият – кулли муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодӣ оиди тарзу услуби истифода, соҳибӣ, дургироӣ, азхудкунӣ ва идораи объектҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад.

Проблемаи тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус хусусияти байниинтизомӣ дорад. Он дар доираи илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистӣ, криминологӣ ва психология омӯхта мешавад.

Тибқи гуфтаҳои олимони рус, аз қабили И.А.Возгрина, С.П.Митричева ва дигарон назар ба дигар ҷиноятҳо рӯзҳои охир танҳо ҷинояти тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсусдошта бениҳоят афзуда истодааст, ки танҳо дар Руссия 45,7% тасарруфи молу мулки дорои арзиши махсус, 11,7% дуздӣ, 6,7% роҳзанӣ, 21,1% ғоратзанӣ ба қайд гирифта шудааст, ки чаҳорчубаи ҳуқуқии омӯзиши ин проблема ва ҳалли ин мушкилот ё садди роҳи ин ҷиноятконронро гирифтан басо масъалаи васеъ мебошад. Ҳамҷунин, бояд қайд кард, ки агар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ воситаҳои илмию-техникӣ, тарзҳои тактикӣ, усулҳои самараноктарини ҳозиразамони тафтиши

ҷиноятҳои алоҳида ва инчунин экспертизаҳои криминалистиро истифода намебурданд, сиррри бисёр ҷиноятҳо фош намешуд, ҷинояткорон ошкор нашуда бе ҷазо монда ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро поймол мекарданд. Бинобар ин, барои ошкорсозии ҷиноят нақши мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ басо муҳим аст.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2008 сол
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ. Душанбе с. 2018. Саҳ 48.
3. Белкин Р.С. Общая теория советской криминалистики / Р.С.Белкин. - Изд-во Саратовского университета, 1986. С. 254-266.
4. Ищенко Е.П. Классификация научно-технических средств, используемых на предварительном следствии. Теория и практика собирания доказательственной информации техническими средствами на предварительном следствии. Сб.научных трудов. Киев, 1980. С.32.
5. Овсянников И.В. Заключение и показание специалиста// Законность.2005. №7. с. 33.
6. Сорокотягин И.Н. Криминалистические проблемы использования специальных познаний в расследовании преступлений: Дис...докт.юрид. наук / И.Н.Сорокотягин. - Екатеринбург, 1992;
7. Махов В.Н. Использование знаний сведущих лиц при расследовании преступлений / В.Н.Махов. - М„ 2000.



**ҶАНБАҲОИ ТАЪРИХӢ ВА ҲУҚУҚИИ ТАСАРРУФИ МОЛУ МУЛК (МОЛИКИЯТ)**

Дар мақола масъалаҳои баҳсбарангези тахассусии қаллобӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ, ки дар назарияи қонуни ҷиноятӣ ва амалияи судӣ мавҷуданд, баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф мушкилоти татбиқи меъёри ҷавобгарии ҷиноятиро барои намуди таҳлилшудаи қаллобӣ дар асоси ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва мавқеъҳои илмии мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқ мекунанд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** тасарруф, ғоратгарӣ, тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда, проблемаҳои квалификақиякардашудаи ҷиноят, меъёрҳои таҷрибавии судӣ.



**ИСТОРИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ НЕЗАКОННОГО ПРИСВОЕНИЯ СОБСТВЕННОСТИ**

В статье рассматриваются имеющиеся в теории уголовного права и судебной практике дискуссионные вопросы квалификации мошенничества с использованием платежных карт. Автором исследуются проблемы применения нормы, предусматривающей уголовную ответственность за анализируемый вид мошенничества, на основе обобщения материалов судебной практики и научных позиций специалистов в области уголовного права.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** хищение, мошенничество, мошенничество с использованием платежных карт, проблемы квалификации преступления, судебная практика применения нормы.



**HISTORICAL AND LEGAL ASPECTS OF MISAPPROPRIATION OF PROPERTY**

The article discusses the issues of qualifying fraud using payment cards available in the theory of criminal law and judicial practice. The author examines the problems of applying the norm, which provides for criminal liability for the type of fraud being analyzed on the basis of generalization of materials of judicial practice and scientific positions of specialists in the field of criminal law.



**KEYWORDS:** theft, fraud, fraud using payment cards, the problems of the qualification of the crime, the judicial practice of applying the rule.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Абдуллоева Муниса –*** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе:** ***Абдуллоева Муниса*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета.

**Information about the author**: ***Abdulloeva Munisa*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.


# ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИИ МУАЛЛИФ ВА ТАНОСУБИ ОНҲО БО ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКӢ


***Қодирзода О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Қайд намудан бамаврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дар муайян намудани ҳуқуқи муаллиф ба асар назарияи паҳнгаштаи «ду ҳуқуқ»-ро, ки ҳамзамон баҳснок ҳисобида мешавад, мавриди амал қарор додааст. Мувофиқи назарияи мазкур муаллиф нисбат ба асари офаридааш дорои ҳуқуқҳои

шахсии ғайримолумулкӣ ва инчунин ҳуқуқҳои амволиро соҳиб мегардад, ки қонунгузор ҳуқуқҳои муаллифро, ки табиати шахсии гайриамволӣ ва инчунин амволиро доранд, мушаххас ҷудо кардааст.

Мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ танҳо ба муаллифи асар тааллуқ дошта, бемуҳлат ҳифз карда мешаванд ва ба шахсони дигар таҳвил дода намешаванд [2].

Мавриди зикр аст, ки объектҳои ҳуқуқҳои мазкурро неъматҳои ғайримоддӣ ташкил медиҳанд, аз ҷумла муаллифият, номи асар, ҳифзи асар ва дигарон. Ҳуқуқҳои амволӣ бошанд, баръакс, озодона таҳвил ёфта, амалашон бо муҳлати қонунӣ махдуд карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки мувофиқи м. 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба муаллиф нисбати асари ӯ чунин ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ дода мешавад, ки инҳоянд:

- ✓ ҳуқуқи эътирофи муаллифӣ ба асари офаридашуда (ҳуқуқи муаллифият);
- ✓ ҳуқуқи истифода ё иҷозати истифодаи асар бо номи ҳақиқии муаллиф, тахаллуси ӯ ва ё бе зикри ном, яъне беимзо (ҳуқуқи ном);
- ✓ ҳуқуқи интишор ё иҷозати интишори асар дар ҳар шакл (ҳуқуқи интишор), аз ҷумла ҳуқуқи бозхонд
- ✓ ҳуқуқи ҳифзи асар, аз ҷумла унвони он аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолат, ки метавонад ба номус ва шаъни муаллиф зарар расонад, яъне ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф;
- ✓ ҳуқуқи дахлнопазирии асар.

Ҳуқуқи муаллифият яке аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ буда, бинобар офарида шудани асар ба вуҷуд меояд ва барои ҳамаи ҳуқуқҳои дигари муаллиф хислати муҳим ва асосирро дорад, яъне ҳуқуқи муаллифият:

–танҳо ба муаллифи асар тааллуқ дошта, аз шахсияти ӯ ҷудонопазир аст, инчунин бегонанашаванда буда, рад кардани он ғайриимкон аст;

– табиати мутлақ дорад, зеро ҳама уҳдадориҳои худдории вайрон намудани ин ҳуқуқро ба худ доранд;

– ҳуқуқи мазкур аҳамияти муайянкунандаро дорад, зеро дигар ҳуқуқҳои муаллиф аз он бармеоянд.

Бо ҳуқуқи муаллифият ҳуқуқи муаллиф ба ном алоқаманд мебошад. Ҳуқуқи мазкур ба муаллиф имконият медиҳад, ки асарро таҳти номи ҳақиқии худ, тахаллус ва ё бе зикри ном истифода намояд ва ё иҷозати чунин истифодабариро диҳад.

Бояд қайд кард, ки муаллиф яке аз тарзҳои ишора намудани муаллифияти худро интихоб намуда, ҳуқуқи худро ба ном амалӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, мо метавонем хулоса намоем, ки ҳуқуқ ба номи муаллиф имконияти истифодаи номи аслӣ, тахаллус ё истифода нанамудани онро медиҳад. Ҳуқуқи мазкур ба муаллиф, инчунин имконияти талаби зикри номи худро ҳангоми ҳар маротиба истифода намудани асар ва беғалат ёдрас намудани номи муаллифро фароҳам меорад. Дар таърихи адабиёти тоҷик асарҳои зери тахаллус эҷодгардида зиёданд. Аз ҷумла, асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон.

Ба муаллиф ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ интишори асар ва бозхонди он низ тааллуқ дорад. Бояд қайд кард, ки дар доираи ҳуқуқи интишор, муаллиф ду масъалаи асосирро ҳал менамояд:

–омодагии асарро барои ба омма ошкор намудани он муайян менамояд;

–вақт, ҷой ва тарзи интишори асарро муайян менамояд.

Ҳуқуқи интишор тавассути татбиқ намудани дилхоҳ шаклҳое, ки имконияти ба омма дастрас гардидани асарро таъмин менамоянд, ба амал бароварда мешавад ва манфиати маънавии махсуси муаллифро ифода менамояд, ки аз ин лиҳоз ҳамчун ҳуқуқи мустақили муаллиф эътироф гардидааст. Дар ҳуқуқи мазкур, манфиати маънавии муаллифро барои шахсан қабул намудани қарор оид ба омодагии асари офаридашуда барои ошкорнамоӣ

ифода меёбад. Интишори асар, амали бениҳоят масъулиятнок ва муҳим маҳсуб меёбад, зеро дар натиҷаи он асар дастраси хонанда, шунаванда ва ё тамошобин мегардад.

Инчунин, бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи интишори асар ба ҳуқуқи бозхонди он алоқаманд мебошад. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба офарандаи асар имконияти даст кашидан аз иқдоми интишори асар, инчунин агар асар қонунӣ интишор гардида бошад, имконияти хабардор намудани оммаро дар бораи бозхонди асар медиҳад [2]. Инчунин, қонуни мазкур барои ба амал баровардани ҳуқуқи бозхонди асар, риояи шартҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

–ба истифодабаранда зарари дар натиҷаи бекор кардани қарори қаблан қабулшуда доир ба нашр ҷуброн карда шавад;

–агар асар нашр шуда бошад, дар бораи бозхонди он ошкор эълон намуда, нусхаҳои дар муомилотбудаи асарро аз ҳисоби худ харида гирад.

Бояд қайд кард, ки сабабҳои аз ҷониби муаллиф бекор кардани қарори интишори асар ва дар ин замина бозхонди асари интишоршуда гуногун буда метавонанд. Аз ҷумла, тағйири назари эҷодӣ ё ҷаҳонбинии муаллиф, тағйирёбии ҳолати атроф ва дигарон. Албатта, ин сабабҳо аҳамияти ҳуқуқӣ надошта, қонун муаллифро барои асосноккунии сабабҳои бозхонд ухдадор намекунад ва дар натиҷаи ба амал баровардани ҳуқуқи бозхонд, реҷаи ҳуқуқии асари интишорнашуда нигоҳ дошта мешавад ё ин ки барқарор мегардад.

Ҳуқуқи бозхонд ба асари хизматӣ татбиқ намегардад.

Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии навбатие, ки ба муаллиф тааллуқ дорад, ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф мебошад. Ҳуқуқи мазкур ба муаллиф имконият медиҳад, ки асари худро, аз ҷумла номи онро аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолати беасос ба эътибори корӣ, шаъну шарафи ӯ зарароваранда ҳифз намояд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки назарияи муосирри ҳуқуқи муаллифӣ, махсус пешбинӣ намудани ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллифро рад намудааст ва чунин мавқеъ бо он асоснок мегардад, ки муаллиф ҳифзи эътибори муаллифии худро дар доираи муқаррароти умумии ҳифзи ҳуқуқ ба эътибори корӣ (м. 174 КГ) таъмин карда метавонад [3]. Масалан, дар қ. 4 КГ Руссия ҳуқуқи ҳифзи эътибори муаллиф ҳамчун ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии муаллиф махсус номбар карда намешавад, ки бо асоси дар боло овардашуда, мантиқан дуруст мебошад.

Дигар намуди ҳукуқи шахсии ғайримолумулкии муаллиф ин дахлнопазирии асар ба шумор меравад. Ҳуқуқи мазкур ба муаллиф имконияти ҳифз намудани унсурҳои барои ҳуқуқ аҳамиятноки асари офаридаашро, аз ҷумла номи онро аз ҳар гуна таҳрифкорӣ ва дигар навъи дахолатро медиҳад. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар, кафолати арзи ҳастии мавқеи хоси муаллиф ва эътибори кории муаллиф маҳсуб ёфта, манфиатҳои маънавии муаллифро дар муносибатҳои ҳуқуқии мутлақ мустақиман ҳифз намуда, дар муносибатҳои нисбӣ, муаллиф амали онро маҳдуд карда ё боздошта метавонад. Масалан, муаллиф метавонад, ки ба истифодабаранда, дар асоси шартнома коркарди асари худро иҷозат диҳад ва ин амал набояд дахлнопазирии асарро халалдор созад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки ба ҳуқуқҳои амволии муаллифӣ мувофиқи м. 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» дохил мешаванд: ҳуқуқи таҷдид, ҳуқуқи паҳнкунӣ, ҳуқуқи воридот, ҳуқуқи намоиши оммавӣ, ҳуқуқи иҷрои оммавӣ, ҳуқуқи пахши эфирӣ, ҳуқуқи пахши кабелӣ, ҳуқуқи тарҷума, ҳуқуқи коркард ва инчунин ҳуқуқи ба маълумоти умум расонидан.

Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқҳои номбаршуда, аз ҷониби худи муаллиф ё бо иҷозати ӯ аз ҷониби шахсони дигар ба амал бароварда мешаванд. Лозим ба ёдоварист, ки дар робита ба ҳуқуқҳои амволии муаллиф, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” ба офарандаи асар имконияти истифодаи онро дар ҳама шаклу тарз медиҳад, ки амалҳои барои истифодаи асар равонашударо васеъ маънидод менамояд. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ҳуқукҳои амволии муаллиф, инчунин ҳуқуқи муаллиф ба татбиқи амали лоиҳа, иштирок дар татбиқи лоиҳаи худ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо ба сохтмон, ҳуқуқи пайгирӣ, ҳукуқ ба ҳаққи қалам барои истифодаи асар мансуб дониста мешаванд [4].

Ҳуқукҳое, ки қонуни зикршуда пешбинӣ намудааст, тарзҳои бештар паҳншудаи истифодаи асарро таъмин ва танзим намуда, ҳамаи имкониятҳои муаллифро дар назар

надорад. Ба муаллиф ҳуқуқи таҷдиди асар, ки яке аз ҳуқуқҳои амволӣ ба ҳисоб меравад, тааллуқ дорад. Бо амалӣ намудани ҳуқуқи таҷдид ба асар, такроран шакли объективии қобили дарки шахсони сеюм бахшида мешавад. Дар робита ба ин, пешгирии имконияти аз ҷониби шахсони сеюм таҷдид намудани асар, яке аз сабабҳои пайдоиши ҳуқуқи муаллифӣ гаштааст. Лозим ба ёдоварист, ки қонуни зикршуда таҷдиди асарро ҳамчун таҳияи як ё якчанд нусхаи асар ё қисме аз он дар ҳама гуна шакли моддӣ, аз ҷумла дар шакли сабти овозӣ ва видеоӣ, инчунин сабти асарро барои нигоҳдории доимӣ ё муваққатӣ, инчунин ба хотираи дохилӣ ё берунии МЭҲ дохил кардани он муайян менамояд (қ. 4 м. 3). Аз меъёри ишорашудаи қонун бармеояд, ки мазмуни ҳуқуқи таҷдид, бо дар шакли моддӣ такрор намудани асар маҳдуд аст, яъне ба ҳомили моддӣ дарҷ намудани он алоқаманд мебошад. Аз ин лиҳоз, иҷрои оммавӣ, намоиши оммавӣ, ба эфир додан ва тарзҳои дигари истифодаи асар, ки бо такроран дар ҳомили моддӣ дарҷ намудани асар алоқаманд нестанд, бо ҳуқуқҳои махсуси муаллифӣ фаро гирифта шуда, таҷдиди асар маҳсуб намеёбанд. Қонуни мазкур ба муаллиф ҳуқуқи паҳнкунии асарро додааст, ки ҳуқуқи мазкур тавассути паҳн кардани нусхаҳои асар бо ҳар тарз, аз ҷумла фурӯхтан, ба кироя додан ва монанди инҳо амалӣ мегардад. Бояд тазаккур дод, ки тарзҳои дар қонун номбаршуда намунавӣ буда, тарзҳои дигари паҳнкунии асар низ ҷой доранд. Масалан, бемузд ба моликияти шахсони дигар супоридани нусхаҳои асар, фаъолияти китобхона, ки дар натиҷаи он асар тавассути бемузд ба истифодаи муваққатии хонанда супоридани нусхаҳои он паҳн мегардад. Дар қонун пешбинӣ гардидани чунин тарзҳои паҳнкунӣ, натиҷаи ба асарҳои дар ҳомили моддӣ дарҷгардида вобаста будани ҳуқуқи мазкур мебошад. Зеро танҳо ҳомили моддиро фурӯхтан ё ба кироя додан имконпазир буда, ин амалҳо нисбати худи асар татбиқ нашавандаанд. Инчунин, паҳнкунӣ мавҷудияти нусхаҳои асарро, ки ба муомилоти граждани бароварда мешаванд, дар назар дорад. Ба монанди ҳуқуқи таҷдиди асар, барои амалишуда ҳисобидани ҳуқуқи паҳнкунӣ, қонеъ намудани талаботи омма зарур нест. Ҳуқуқи паҳнкунӣ, ки бо риояи қонун ба амал бароварда шудааст, оқибати ҳуқуқии муайян ба миён меорад. Алалхусус, агар нусхаҳои асари қонунан чопшуда, тавассути фурӯш ба муомилот бароварда шуда бошанд, паҳнкунии минбаъдаи онҳо метавонад бе ризоияти муаллиф ё дигар соҳиби ҳуқуқи муаллиф ва бе пардохти ҳаққи қаламӣ муаллиф анҷом дода шавад. Дар ин маврид, ба муаллифон ё дигар соҳибони ҳуқуқи муаллифии асарҳои аудиовизуалӣ, барномаҳои МЭҲ, манбаъҳои маълумот, асарҳои мусиқии нотавӣ ва асарҳое, ки дар фонограммаҳо сабт ёфтаанд, ҳуқуқи ба кироя додани асл ё нусхаҳои чунин асарҳо, сарфи назар аз мансубияти ҳуқуқи моликият ба нусхаҳои асл ва ғайриасл нигоҳ дошта мешавад. Ҳамзамон, ҳуқуқи мазкур имконияти муаллифро барои бо мақсади паҳнкунӣ ворид кардани нусхаҳои асар, аз ҷумла нусхаҳоеро, ки бо иҷозати соҳиби ҳуқуқи комил таҳия шудаанд, таъмин менамояд [5]. Ба ин маънӣ, ҳуқуқи воридот бо ҳуқуқи паҳнкунӣ алоқаманд буда, яке аз тарзҳои паҳнкуниро мемонад. Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқи воридот, бинобар маҳдудияти ҳудудии амали ҳуқуқи муаллифӣ махсус пешбинӣ гардида, ба муаллиф имконият медиҳад, ки ба ҳудуди амали ҳуқуқҳои муаллифии ӯ ворид намудани нусхаҳои дар хориҷа омодашудаи асарро назорат намояд. Зеро ки ҳуқуқҳои муаллифони асарҳои бо қонунгузории ҶТ ҳифзшаванда, на дар ҳамаи давлатҳо эътироф ва ҳифз карда мешаванд. Бинобар маҳдудияти ҳудудии амали ҳуқуқҳои муаллиф, эҳтимолияти дар марзи давлатҳои хориҷӣ, ғайриқонуӣ истифода гардидани асар, аз ҷумла таҷдид шудани он ҷой дорад. Ҳамзамон, муаллиф баамалбарории ҳуқуқҳои паҳнкунии асари хешро метавонад танҳо дар марзи давлати хориҷӣ иҷозат диҳад. Дар чунин ҳолатҳо, қонуни муаллифӣ кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифро, хеҷ набошад дар ҳудуди амали қонун таъмин намуда, назорати ғайриқонунӣ ворид намудани нусхаҳои асари муаллифро ба зиммаи ӯ мегузорад. Умуман, ҳуқуқи воридот ба муаллиф имконият медиҳад, ки ҳуқуқи худро барои паҳнкунии асар самарабахш ба амал барорад.

Ҳуқуқи навбатие, ки ба муаллиф таллуқ дорад, ҳуқуқи намоиши оммавӣ ва иҷрои оммавӣ мебошанд. Ҳуқуқи намоиши оммавӣ нисбати асарҳои санъати тасвирӣ амалӣ мегардад, яъне асарҳое, ки барои дарки биноӣ тааллуқ доранд. Масалан, расм, муҷассама ва дигарон. Ҳамзамон, қонуни зикршуда намоиши асарро ҳамчун намоиши асл ё нусхаи асар бевосита ё тавассути навор, кадри телевизионӣ дар экран ё ба воситаи ягон воситаи дигари техникӣ, инчунин намоиши кадрҳои алоҳидаи асари аудиовизуалӣ бе риояи тартиби

онҳо муайян менамояд. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи иҷрои оммавӣ нисбати асарҳои мусиқӣ, драмавӣ, хореографӣ, адабӣ ва баъзе асарҳои дигар, ки дарки шакли онҳо аз ҳаракатҳои бевосита инсон содиркунанда вобастагӣ доранд, таъин гардидаанд. Инчунин, иҷрои асар метавонад тавассути бозӣ, сурудхонӣ, рақс дар иҷрои зинда ё тавассути таҷҳизоти техникӣ амалӣ гардида шаванд. Намоиши асари аудиовизуалӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ иҷрои оммавии асар мебошад. Қонуни мазкур барои намоиш ва иҷрои оммавӣ, мафҳуми умумӣ медиҳад. Аз ин лиҳоз, ҳамчун иҷрои оммавӣ ҳар гуна намоиши иҷроҳо, намоишҳо, барномаҳо аз ҷониби ташкилотҳои ВАО бевосита дар шакли асл ё нусхаи онҳо тавассути амал ё таҷҳизоти техникӣ дар ҷое, ки метавонанд мустақиман пазируфта шаванд, эътироф мешаванд [2]. Ба намоиш ва иҷро унсури оммавият хос аст, ки тавассути намоишу иҷро дар ҷойи барои боздид озод ё ҷое, ки дар он шумораи назарраси шахсони аз доираи аҳли оила берун ҳозиранд, таъмин мегардад. Мувофиқи адабиёти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи пахши эфирӣ ва ҳуқуқи пахши кабелӣ, ҳуқуқҳои амволии навбатии муаллиф мебошанд, ки манфиати ӯро таъмин менамоянд [4]. Ҳуқуқи пахши эфирӣ имконияти ба омма дастрас кардани асарро ба воситаи пахши эфирӣ ва ё пахши минбаъдаи эфирӣ таъмин менамояд. Дастрас кардани асар - ин намоиш додан, иҷро кардан, ба эфир баровардан ё анҷом додани амали дигар мебошад (ба истиснои паҳн кардани нусхаҳои асар ё фонограмма), ки дар натиҷаи он асарҳо, иҷроҳо барои дарку қабули шунавоӣ ва ё биноӣ, сарфи назар аз дарки воқеии онҳо аз ҷониби омма дастраси умум мегарданд [2]. Аз муқаррароти овардашудаи Қонуни зикргардида, хусусиятҳои зерини ба ҳуқуқи пахши эфирӣ хосро муайян кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама, ба ҳуқуқи мазкур унсури оммавӣ хос аст. Бояд тазаккур дод, ки барои таъмини оммавият, дарки воқеии асар аз ҷониби омма зарур набуда, мавҷудияти имконияти дастрасии умумӣ кифоя аст. Хусусияти дигар ин он аст, ки тавассути амалӣ намудани ҳуқуқи мазкур, асарҳои интишоршуда ва интишорнашуда ба эфир дода мешаванд. Пахши мустақими асарҳо аз ҷойи намоиш ё иҷрои онҳо, пахши эфирӣ маҳсуб меёбанд. Ҳангоми пахши эфирӣ, асар барои дарку қабули шунавоӣ ва ё биноӣ дастрас мегардад. Ҳамзамон, ҳуқуқи пахши эфирӣ бидуни истифодаи ҳомили моддии мобайнӣ, ба монанди касссетаҳо амалӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, тавассути ҳуқуқи пахши кабелӣ, асар ба воситаи сим, нахи оптикӣ ё тавассути дастгоҳҳои дигари ба он монанд, ба омма дастрас мегардад. Ҳуқуқи пахши кабелӣ моҳиятан ва мазмунан ба ҳуқуқи пахши эфирӣ наздик буда, бо баъзе хусусиятҳои танҳо ба ин ҳуқуқ хос фарқ менамояд. Пеш аз ҳама, дар ҳуқуқи пахши кабелӣ усули техникии дастраси омма намудани асар фарқ мекунад, яъне асар бо ёрии сигналҳо, тавассути сим, дастгоҳҳои қабул ва пахши маълумот ва дастгоҳҳои дигари ба ин монанд таҳвил меёбад. Инчунин, истифодаи чунин усул ба тамошобинон ё шунавандагони эҳтимолӣ таъсирр расонида, ба сифати онҳо на оммаи васеъ, балки муштариёни ташкилотҳои телевизиону радио ворид мешаванд. Умуман, ба пахши кабелӣ низ унсури оммавият хос буда, тавассути он дастрас намудани асар ба ҳама баробар таъмин карда мешавад. Ба ҳуқуқҳои амволии муаллиф, иичунин ҳуқуқи тарҷума мансуб мебошад. Ҳуқуқи мазкур имконияти аз ҷониби худи муаллиф тарҷумаи асар ва истифодаи маҳсули он, ҳамзамон имконияти ба шахсони дигар додани иҷозати тарҷумаи асар ва истифодаи маҳсули онро таъмин менамояд. Бо истифодаи ҳуқуқи мазкур, муаллиф барои тарҷумаи асар мутахассисони алоҳидаро ҷалб намуда метавонад. Ҳуқуқи тарҷума танҳо ба асарҳои дар шакли забонӣ ифодагардида дахл дорад. Тарҷумаи асар аз як забон ба забони дигар ҳам хислати техникӣ ва ҳам хислати эҷодӣ дошта метавонад. Ҳангоми хислати эҷодӣ доштани тарҷума, асари маҳсулии мустақил офарида мешавад. Бояд қайд кард, ки дар фарқият аз муқаррароти м. 5 Конвенсияи умумиҷаҳонӣ дар бораи ҳуқуқи муаллиф, ки имконияти додани иҷозати маҷбурӣ ба тарҷумаро пешбинӣ менамояд [6], Қонуни муаллифии ҶТ ин гуна ҳолатро пешбинӣ накардааст, ки ин дуруст ва одилона мебошад. Ҳуқуқи амволии навбатии муаллиф, ҳуқуқи коркард мебошад. Ҳуқуки мазкур, ба муаллифи асар имконияти таҷдиду коркард, аранжировка ва ё навъи дигари коркард, аз ҷумла коркарди асар ба намуд, шакл ё жанри дигарро таъмин менамояд. Амалҳои номбаршударо муаллифи асар ё меросгирони ӯ метавонанд мустақилона анҷом диҳанд, ё ин ки анҷоми онҳоро ба шахсони дигар иҷозат диҳанд. Албатта, коркард хислати эҷодӣ ё техникӣ дошта метавонад. Дар натиҷаи коркарди эҷодӣ, асари нав ба вуҷуд меояд. Коркарди техникӣ бошад асари коркардшавандаро сифатан тағйир медиҳаду халос. Инчунин, асарҳое, ки дар

натиҷаи коркарди эҷодӣ офарида мешаванд, объекти нави ҳуқуқи муаллифӣ буда, истифодаи минбаъдаи онҳо танҳо бо розигии муаллифи асари аслӣ ба амал бароварда мешавад. Аз мазмуни м. 16 Қонуни дар боло қайд гардида, ҳуқуқҳои амволии муаллиф ба татбиқи амали лоиҳа, иштирок дар татбиқи лоиҳаи худ ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо ба сохтмон, ба ҳаққи қалам барои истифодаи асар бармеоянд [2]. Умуман, моҳияти ҳуқуқи мазкур дар он ифода меёбад, ки ҳамагуна татбиқи амалии асарҳои номбаршуда танҳо бо розигии муаллифи онҳо анҷом меёбад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳуқуқи муаллиф ба ҳаққи қалам низ ба ҳуқуқҳои амволии муаллиф дохил карда мешавад. Ҳуқуқи мазкур, албатта дар номгӯи ҳуқуқҳои амволии муаллиф махсус номбар намешавад, зеро дар доираи муносибатҳои ҳуқуқу уҳдадорӣ амалӣ гардида, табиати муштаракро дорад. Яъне, асоси ба вуҷуд омадани ҳуқуқи мазкур, тибқи шартнома ба шахси сеюм таҳвил додани яке аз ҳуқуқҳои амволӣ барои истифодаи асар, ки озод истифода намудани асар бо шарти пардохти ҳаққи қалами муаллиф мебошад, дар бар мегирад. Ҳуқуқи муаллиф ба ҳаққи қалам на танҳо ҳуқуқи талаби пардохти дахлдорро таъмин менамояд, балки имконияти мувофиқа намудани андоза, тартиб, муҳлат ва дигар шартҳои пардохти ҳаққи қаламро фароҳам меорад. Албатта, ҳамаи ин ҳолатҳо бо шартномаҳои дахлдори байни муаллиф ва истифодабарандаи ҳуқуқи амволӣ муқаррар ва танзим карда мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар як маврид тибқи қонун ҳолатҳое, ки ҳуқуқи муаллиф ба ҳаққи қалам аз доираи шартномаҳои муаллифӣ берун татбиқ гардидаанд, пешбинӣ шудаанд, ки инҳоянд:

Якум, ҳуқуқ ба ҳаққи қалам махсус ба муаллифи асари хизматӣ тааллуқ дорад.

Дуюм, берун аз шартноман муаллифӣ, ҳуқуқ ба ҳаққи қалами муаллифоне амалӣ карда мешавад, ки тақдири ҳуқуқҳои амволии худро ба ташкилотҳои идораи дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои истисноӣ супоридаанд. Чунин ташкилотҳо, ҳаққи қалами муаллифро мувофиқ ба истифодаи воқеии асар пардохт менамоянд.

Сеюм, ҳуқуқи ҳаққи қалам, тибқи муқаррароти м. 39 Қонуни зикршуда таъмин мегардад. Мувофиқи муқаррароти ҳамин модда бе ризоияти муаллиф ё дигар соҳибҳуқуқ таҷдиди асари аудиовизуалӣ танҳо ба мақсадҳои шахсӣ иҷозат дода мешавад. Албатта, ҳаққи қалами зикргардида аз тарафи истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони таҷҳизот ва объектҳои дигари моддӣ, ки барои чунин таҷдид истифода мешаванд, пардохта мешавад. Заминаи муқаррар гардидани ҳуқуқ ба ҳаққи қалам паҳншавии таҷҳизоти муосирри сабти аудио ва видео мебошад, ки дар натиҷа асарҳои аудиовизуалӣ арзон ва осон таҷдид гардида, таъмини назорати дахлдори ҷараёни мазкурро ғайриимкон мегардонад. Аз он сабаб, ки чунин ҳолат дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолкунандагон, воридкунандагони таҷҳизот ва шаклҳои моддӣ ба миён меояд, уҳдадории пардохти ҳаққи қалам ба зиммаи онҳо вогузор гардидааст.

Чорум, ҳуқуқи ҳаққи қалами муаллифи асари мусиқӣ (бо матн ва бе он) барои иҷрои оммавии чунин асар ҳангоми иҷрои оммавии асари аудиовизуалӣ, ки бо м. 13 Қонуни зикршуда пешбинӣ гардидааст ва чунин ҳуқуқи ҳаққи қалам ба муаллифони асарҳои мусиқии махсус барои асари аудиовизуалӣ офаридашуда тааллуқ дошта, иловагӣ ба ҳаққи қалами умумӣ пардохт карда мешавад [2].

Тибқи сарчашмаҳои ватанию хориҷӣ муаллифи асари санъати тасвирӣ ҳуқуқи пайгирии махсусро дорад. Яъне, дар ҳар як ҳолати ба таври расмӣ аз нав фурӯхта шудани асари санъати тасвирӣ, муаллиф ҳуқуқи аз фурӯшанда гирифтани ҳаққи қаламро ба андозаи 5 фоизи қимати (нархи) фурӯши такрорӣ дорад. Албатта, ин ҳуқуқ бегонашаванда буда, танҳо ба ворисони муаллиф тибқи қонун ба муҳлати амали ҳуқуқи муаллиф мегузарад. Тавассути ҳуқуқи мазкур манфиати муаллифон асарҳои мазкур, ки қиматашон бо мурури замон меафзояд, таъмин карда мешавад [7]. Инчунин, ҳуқуқҳои муаллифие, ки мавриди таҳлил қарор гирифтанд, мувофиқи қонун ба муҳлати зерин амал мекунанд. Яъне, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ давоми ҳаёти муаллиф амал намуда, пас аз марги ӯ бархе аз онҳо абадӣ ҳифз карда мешаванд. Муҳлати амали ҳуқуқҳои амволии муаллиф тамоми ҳаёти муаллиф ва 50 соли пас аз марги ӯро ташкил медиҳад. Аз ин қоидаҳои умумӣ дар бораи муҳлати амали ҳуқуқҳои амволии муаллиф, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” якчанд истисноҳоро пешбинӣ менамояд.

Мувофиқи муқаррароти Қонуни мазкур ҳуқуқи амволии муаллиф ба асари дар ҳаммуаллифӣ офаридашуда дар давоми ҳаёти муаллифон ва 50 сол пас аз фавти муаллифи охирин амал мекунад. Ҳуқуқи амволии муаллифи ба асари беимзо ё бо номи мустаор нашргардида дар давоми 50 соли пас аз нашри қонунии он амал мекунад. Агар дар давоми муҳлати муқарраршуда, муаллифи чунин асар шахсияти худро ошкор намояд ва ё шахсияти ӯ шубҳаовар набошад, ҳуқуқҳои муаллиф тибқи қоидаҳои умумӣ амал менамоянд. Инчунин, ҳуқуқи амволии муаллиф ба асаре, ки бори аввал дар давоми 30 соли пас аз фавти муаллиф ба табъ расидааст, дар давоми 50 соли пас аз нашри қонунии он амал мекунад. Ҳисоби муҳлатҳои мазкур аз 1-уми январи солиояндаи ба вуқуъ омадани факти ҳуқуқие, ки ба оғози муҳлат асос меёбад, шуруъ мегарданд. Умуман, ҳуқуқҳои амволии муаллиф пас аз вафоти ӯ ба мерос мегузаранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мерос гузаштани баъзе аз ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, алалхусус, ҳуқуқ ба интишор ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар низ ҳарф мезананд [8]. Ҳамзамон, дар қонунгузории баъзе кишварҳо, қоидаҳои ба мерос гузаштани ҳуқуқи интишор махсус танзим карда шудааст. Масалан, КГ Русия муқаррар менамояд, ки пас аз вафоти муаллиф, асари ӯро шахси соҳиби ҳуқуқи истисноӣ ба асар буда, интишор карда метавонад, агар чунин интишоркунӣ ба иродаи муаллиф мухолиф набошад (қ. 3 м. 1268). Дар натиҷаи фаро расидани муҳлати амали ҳуқуқҳои амволии муаллиф, асар ба дастоварди ҷамъиятӣ табдил меёбад. Ин маънои онро дорад, ки чунин асарҳо аз тарафи ҳар шахс озодона ва бе пардохти ҳаққи қалами муаллиф истифода карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки истифодаи асарҳое, ки ба дастоварди ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд, набояд ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллифро вайрон намоянд. Яъне, нисбати асарҳои ба дастоварди ҷамъиятӣ мубаддал гардида, ба Ҳукумати ҶТ ҳуқуқ дода шудааст, ки барои дар қаламрави ҶТ истифода намудани чунин асарҳо музд муқаррар намуда, пардохти онро ба хазинаҳои касбии муаллифон ва ташкилотҳои идораи дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои истисноӣ равона намоянд. Андозаи чунин музд аз 1 фоизи даромади истифодаи чунин асарҳо ба даст омада, зиёд буда наметавонад.

Ҳамин тариқ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф, барои огоҳ сохтан аз ҳуқуқҳои худ имконияти истифодаи аломатҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллифро медиҳад, ки он аз се унсур иборат буда, дар ҳар як нусхаи асар сабт мешавад: ҳарфи лотинии «C» дар дохили доира, ном (унвон)-и соҳиби ҳуқуқи комили муаллиф ва инчунин соли аввали нашри асар. Бояд тазаккур дод, ки қонуни мазкур ҳамаи асарҳоро новобаста аз истифодаи аломатҳои ҳифзи ҳуқуқ дар як сатҳ ҳифз менамояд. Яъне, истифодаи аломатҳои мазкур, аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳиби ҳуқуқи муаллиф мавриди ҳимояи фаъол қарор доштани маҳсули эҷодии худро зоҳиран тасдиқ менамояд.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи ҶТ аз 06. 11. 1994с., бо тағйиру иловаҳо – Душанбе, 2016. – 126с.
2. Қонуни ҶТ << Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он >> аз 13. 11. 1998с., № 726 // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 1998 . - № 23 – 24 , ст. 348. – С. 159 – 177.
3. Кодекси граждании ҶТ. Қисми 1. Аз 30. 06. 1999с. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0 / М – во юстиции РТ. – Душанбе, 2015. – 1 электрон. опт. диск (CD – ROM).
4. Ғаюров Ш. К., Расулов Б. Р., Каримзода Ш. К., Ғаффорзода И. Ғ., Қосимов Ф. А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // зери таҳрири проф. Ш. К. Ғаюров. – Душанбе, 2018. – 324с.
5. Максимова Л. Г. Авторское право / Л.Г.Максимова. - М., 2005.
6. Конвенсияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи муаллиф аз 06. 09. 1952с., ки ҶТ дар он аз с. 1992 иштирок дорад // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0 / М – во юстиции РТ. – Душанбе, 2015. – 1 электрон. опт. диск (CD – ROM).
7. Оганов А., Мукумов Н. Авторское право в Таджикистане (1929 – 1997). / А.Оганов. – Душанбе, 2002. – 35с.
8. Сергеев А. П. Патентное право: учебное пособие. / А.П.Сергеев – М., 1994.


**ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКИИ МУАЛЛИФ ВА ТАНОСУБИ ОНҲО БО ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКӢ**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои асосии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ва таносуби онҳо бо ҳуқуқҳои молумулкӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар асоси адабиёти илмию соҳавӣ ва қонунгузории амалкунанда ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ танҳо ба муаллифи асар тааллуқ дошта,

бемуҳлат ҳифз карда шуда, ба шахсони дигар таҳвил дода намешаванд ва инчунин ҳуқуқҳои амволӣ бошанд, баръакс, озодона таҳвил ёфта, амалашон бо муҳлати қонунӣ маҳдуд карда мешавад.
**КАЛИДВОЖАҲО:** муаллиф, асар, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, ҳуқуқҳои амволӣ.

**ЛИЧНЫЕ НЕИМУЩЕСТВЕННЫЕ ПРАВА АВТОРА И ИХ ВЗАИМОСВЯЗЬ С ИМУЩЕСТВЕННЫМИ ПРАВАМИ**

В статье рассматриваются основные вопросы личных неимущественных прав автора и их взаимосвязи с имущественными правами. Исходя из научной литературы и действующего законодательства, личные неимущественные права принадлежат только автору произведения, охраняются бессрочно и не передаются другим лицам, а также права собственности, наоборот, свободно передаются и срок их действия составляет ограничено законом.
**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** автор, произведение, личные неимущественные права, имущественные права.

**PERSONAL NON-PROPERTY RIGHTS OF THE AUTHOR AND THEIR RELATIONSHIP WITH PROPERTY RIGHTS**

This article discusses the main issues of personal non-property rights of the author and their relationship with property rights. Based on the scientific literature and current legislation, personal non-property rights belong only to the author of the work, are protected indefinitely and are not transferred to others, as well as property rights, on the contrary, are freely transferred and their validity is limited by law.
**KEYWORDS:** author, work, personal non-property rights, property rights.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қодирзода Оростамоҳи Мирзоқосим*** – ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. E-mail: **orostamo_m@mail.ru:** Телефон: **(+992) 937-27-57-47**

**Сведение об авторе:** ***Кодирзода Оростамохи Мирзокосим*** - Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. E-mail: **orostamo_m@mail.ru:** Телефон: **(+992) 937-27-57-47**

**Information about the author:** ***Qodirzoda Orostamohi Mirzoqosim*** - Tajik National University, 2nd year master's student of the Faculty of Law. E-mail: **orostamo_m@mail.ru**. Phone: **(+992) 937-27-57-47**

# МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА САҲМИ ДАВЛАТҲОИ АБАРҚУДРАТ ДАР ПОЙДОРИИ ОН

***Одинаева М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи ҷаҳон ҳеҷ гоҳ чунин фазои мусоиди байналхалқӣ вуҷуд надошт, ки тамоми давлатҳои бузурги сайёра дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои нав муттаҳид шуда бошанд, ки ин равия барои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим мебошад. Агар ин неруи мусбати ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш ёбад, бешубҳа ҳам барои Осиёи Марказӣ ва ҳам барои тамоми башарият аҳамияти бузург хоҳад дошт. Мақолаи мазкур доир ба масъалаи таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аҳамияти ин падидаро барои кишварҳои соири минтақа ва ҳамчунин нақши кишварҳои абарқудратро ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар пойдорӣ ва устувории он дар минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Осиёи Марказӣ дар замони муосирр дар маркази таваҷҷуҳи қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қарор дорад. Масоили амниятӣ дар Осиёи Марказӣ дар муносибат бо падидаҳои таҳдидкунандаи ба амнияти миллӣ ва минтақавии давлатҳо, махсусан қазияи Афғонистон ва дигар омилҳои минтақавии замони муосирр мисли солҳои қаблӣ муҳим ва актуали арзёбӣ мегардад. Агар таваҷҷуҳи Федератсияи Россия аз замони шоҳигарии он оғоз шуда бошад, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бошад ин мавқеъро аз аввалҳои асри XXI касб кард. Сабаби асосии он ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2001 мебошад. Баъд аз ҳодисоти хунбори ин давра мақомоти амниятии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гурӯҳи "Ал Қоида" – ро гурӯҳи террористӣ ва сабабгори асосии ҳодисаи сентябри соли 2001 дар мамлакат донист. То воридшавии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иттифоқчиёнаш дар минтақа худи кишварҳои ҷавони он созмони минтақавии «Иттиҳоди Осиёи Марказӣ»-ро (ИОМ-1994) ташкил намуданд, ки он дертар ба «Иттиҳоди иқтисодии Осиёи-Марказӣ» (ИИОМ-1998) баргардонда шуд. Ҷойгиршавии низомиёни Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ дар Осиёи Марказӣ, натанҳо ба

азбайнравии минтақаи ҳукмфармои (тақсимнашаванда) Россия оварда расонид, балки ғалаба намудан бо фаъолнокии ҷустуҷӯйи образи «чеҳраи минтақа» - ро ба худ касб кард. Роҳбарони чор кишвар (Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон) дар нишасти тошкентӣ (декабри 2001) шартнома оид ба ташкили ҲИОМ – ро баррасӣ намуданд. Дар оғози соли оянда, дар Алмато, аҳднома оид ба ташкили Созмони «Ҳамкории Иқтисодӣ-Осиёи Марказӣ» (СҲИОМ, феврали 2002) имзо гашт ва дар ин созмон Россия низ шомил шуд. Дар нишасти СҲИОМ дар Санкт-Петербург (октябри 2005) доир ба якҷояшавии Созмони Иқтисодии Авруосиё (СИА) тасмим гирифта шуд [8, 440].

Гузашта аз ин, стратегияи геополитикии Федератсияи Россия мақсад ва ҳадафҳои он дар Осиёи Марказӣ, бешубҳа, мавқеи Россияро дар масъалаи Афғонистон алоқаманд месозад. Аз сабабе, ки равандҳои сиёсӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ҳамеша дар давоми рақобати байни Россия (ИҶШС) ва Британияи Кабир (ИМА) ташкил шудааст, пас ҳоло мушкилоти Афғонистон асосан дар доираи муносибати стратегии ИМА ва Россия дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ ҳал мешавад [3, 354-355].

Ҳарчанд, ки дар солҳои охир ташаббуси сиёсӣ ахлоқан дастгирии истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба Ғарб гузаштааст, аввал дар афкори ҷамъиятӣ ва ҷаҳон андешаи назари асосӣ ба он аст, ки ин ташаббус маҳз ба Федаратсияи Россия тааллуқ дорад. Вале, дар ниҳояти кор, беҳтарин формула барои Осиёи Марказӣ ҳамкории комил бо қудратҳои ҷаҳонӣ дар ташкил ва мустаҳкам намудани сулҳу оромӣ дар ин қисми системаи ҷаҳонии суботи минтақавӣ ва ҷавобгӯ кардани қувваҳои мусаллаҳи он ба талаботи ҷаҳони муосирр мебошад [3, 355]. Дар чунин шароит, талошҳои асосии Федаратсияи Россия дар самти Осиёи Марказӣ, чи тавре ба назар мерасад, ба ҳифзи субот, хусусан манфиатҳои энергетика, иқтисодии Россия ва рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои амният, соҳибкорӣ, низомӣ ва робитаҳои фарҳангӣ равона карда шудааст, ки ин ҳама танҳо ба ҳадаф ва мақсадҳои худ расидан мебошад. Вақтҳои охир, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба зарурати аз нав дида баромадани усулҳои кӯҳна ва интихоби усули нави муносибатҳои байналмилалӣ, механизмҳои танзими муносибатҳои байналмилалӣ дучор шуд. Ҳодисаҳои 11-уми сентябри соли 2001 муносибати Амрикоро ба масъалаи амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ тағйир дод. Вай ба давлатҳои нави соҳибистиқлол пайдоиши тамоюлҳои нави геополитикиро мефаҳмонад, ки дар навбати худ, ба ташаккули тавозуни стратегии қувва дар қитъаи Авруосиё таъсирр мерасонад. Бжезински дар вақташ қайд карда буд, ки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико акнун қудрати паҳн кардани ҳузури сиёсии худ дар кишварҳои нави Авруосиёро дорад, вале онҳо нақши ҳалкунандаро дар Осиёи Марказӣ бозӣ намекунанд». Аммо, ӯ баъдтар иқрор шуд, ки ҳукмронии дилхоҳ давлати абарқудратро дар Авруосиё, ки тавони рақобат бо Амрикоро дорад, набояд роҳ дод [15, 29-49].

Дар таҳияи стратегияи сиёсати хориҷии худ, аз қабили масоили амниятӣ ва стратегияи иқтисодии хориҷӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико омилҳои зеринро ба назар гирифтааст: вазъи суботи сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодии давлатҳои минтақа ва ҷузъҳои он; вазъияти геополитикӣ, имконияти паҳншавии фундаментализм ва ифротгароии исломӣ; манбаи ашёи хом, иқтидори ҳамчун бозор барои молҳои амрикоӣ ва соҳаҳои рушди сармояи он, шароити мусоид барои дастрасии молиявӣ ва иқтисодӣ бемамониат [13]. Баъд аз эътирофи истиқлолияти ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой таваҷҷуҳи зиёд ба омӯзиши шароити сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, амниятӣ ва иҷтимоии онҳо, таъсиси яққатор марказҳо барои таҳқиқоти минтақа дар донишгоҳҳои пешбаранда ва муассисаҳои илми таҳқиқотии Академияи илмҳои иҷтимоӣ дар назди Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва таваҷҷуҳи зиёд ба тарбияи мутахассисон дода мешуд. Ин тадбирҳо хеле самаранок ва муваффақона буданд. Олимони Ҷумҳурии Халқии Хитой саҳми назаррас дар рушди консепсияи нави сиёсати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бобати Осиёи Марказӣ гузоштаанд [10, 99]. Рушд ёфтани иқтидори стратегияи Ҷумҳурии Халқии Хитой, мустаҳкам шудани мавқеи он дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва зиёд шудани нуфузи он дар ҷаҳон нигаронӣ ва хатарро барои ҷомеаи бозоргонию демократии Ғарб ба бор оварда аст.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ барои Ҷумҳурии Халқии Хитой минтақаи шарик ва ҳамкори хуби иқтисодие мебошад, ки равобити ин кишварҳоро асосан дар заминаи

муносибатҳои иқтисодӣ-энергетикӣ ва равобити низомӣ асос медиҳад. Дар шароити нави ҷаҳонишавӣ нақши омили Ҷумҳурии Халқии Хитой дар сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ марҳила ба марҳила нуфуз ва таъсирри сар то сарии ҷаҳонро соҳиб гардида, мавқеи бевоситаи Ҷумҳурии Халқии Хитой дар ҳалли проблемаҳои ҷаҳонӣ таъсиррбахш ва ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Бо усули амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ва стратегияи худ, бо дарназардошти имкониятҳои демографӣ ва иқтисодӣ, Хитой метавонад дар самти сиёсати ҷаҳон тағйиротҳои бунёдӣ ворид намояд [6, 49].

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ асоси муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии байни Хитой ва Россия тағйир ёфт. Баҳсҳои марзии тулонӣ бо Иттиҳоди Шуравӣ дар минтақа аҳамияти худро аз даст додаанд. Фишори ҳарбие, ки ба Хитой дар даврони Шуравӣ расонида мешуд ва он ба сиёсати берунаи Хитой таъсирр мерасонд, аз байн рафт. Масъалаи хатарнок барои Пекин, ки аз замонҳои пеш монда буд, ин масъалаи нерӯи ҳастаӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳамаи ин воқеаҳо, дар маҷмуъ ба геополитикаи Ҷумҳурии Халқии Хитой таъсирр мерасонад, ки аз ҷониби Пекин ба ҳайси минтақаи ҳаётан муҳим барои Хитой шуморида мешавад. Донишмандони Хитойӣ аҳамияти минтақаро барои Пекин хотирнишон карда, қайд мекунанд, ки Хитой бе Осиёи Марказӣ наметавонад ва минтақа бошад бе Хитой ва ё он ки давлатҳои Осиёи Марказӣ бе ёрӣ ва дастгирии Хитой бехатарии худашонро таъмин карда наметавонанд. Бояд қайд намуд, ки он таҳдидоту хатароте, ки дар масъалаи амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ ҷой доранд, хислати ниҳоят прогрессивӣ ва потенсиалиро доро мебошанд.

Ҳамин тавр, амнияти минтақавӣ гуфта, ин вазъиятеро меноманд, ки барои объекти амният (давлатҳои Осиёи Марказӣ) шароити муҳофизатнамоӣ ва тараққиёти устуворро талаб мекунад ва механизмҳои навини коҳишдиҳандаи хатароту таҳдидотро истифода намуда, барои нобудкунӣ ва пешгиринамоии ҳар гуна унсурҳои манфӣ шароит муҳайё намуданро тақозо мекунад. Бо пайдо гардидани як заъф дар системаи амнияти минтақа, метавонад дигар тарафҳои системаи амниятиро суст намояд. Вазъияти дохилии Осиёи Марказӣ аз ҳама ҷойи заъфи минтақа буда, дар он метавонад гурӯҳҳои ҷиноӣ ва иртиҷоӣ мавқеъи худро устувор намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Абдугани Мамадазимов. Формирование «регионального образа» Центральной Азии: к вопросу о теоретических подходах к проблеме. Душанбе, Март 15. 2017
2. Андрей Белов. Российская частица американской трагедии, (13.09.02). Проверено 25 августа 2017.
3. А. Дугин. Основы геополитики. Геополитическое будущее России / А.Дугин. - М.: Арктогея-центр, 1999.
4. "Водная геополитика" в Центральной Азии несет в себе конфликтный потенциал. APR, 3 июля 2001 года
5. Данкин Д. Безопасность – предпосылка и результат развития политического доверия // Безопасность Евразии, № 1 –2000, январь-июнь,
6. Джалилов К. Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистон дар “Бозии бузурги нав” 2007
7. З.Бжезинский Збигнев «Великая шахматная доска» /З. Бжезинский Збигнев. - Москва: «Международные отношения », 2009.
8. Иващенко Г.В.О понятии "безопасность" // "Credo". №4(22)'00 Теоретический философский журнал
9. Сайидзода Зафари Шерали. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004 гг.) / З.Ш. Сайидзода-Душанбе, «Контраст», 2010,
10. Сайидов Зафар Шералиевич (СайидзодаЗафариШералӣ). Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики / З.Ш.Сайидов.– Душанбе, «Контраст» 2012,
11. Син Гуанчэн. Чжунгохэсиньдули дэ Чжунъягоцзягуаньси (Взаимоотношения Китая и новых независимых государств Центральной Азии). Харбин,1996.
12. Солодовников С. Перспективы стабильности СНГ. Основные выводы для интересов России. 28.12.2001.
13. Мирзоев Х.Т. Политическая препятствия для расширения роли Китая на Ближнем Востоке // Маводи илмии конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами кишварҳои Шарқи Наздик ва миёна: раванди сулҳофарӣ ва мубориза бар зидди терроризм» Душенбе,2021, 206 с. С-10-189.
14. Мирзоев Н.М Мирзоев Ҳ.Т. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Хитой дар доираи СҲШ (ISSN-2219-5408, Вестник Педагогического Университета, Душанбе-2019.№6 стр. 130-136)
15. Концепция внешней политики Российской Федерации // Международная жизнь. 2000,
16. Jentelson Bruce W. American Foreign Policy: The Dynamic of Choice in 21$^{st}$ Century. -N.Y.: W.W, Norton&Co., 2000.
17. Pakistan to Demand Taliban Give Up Bin Laden as Iran Seals Afghan Border Fox News, 16.09. 2001
18. Wilson R.L. US Policy in Central Asia and the Caucasus. //Central Asia and the Caucasus: A New Version of the Great Game. -Washington, D.C., 2005.

**МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА САҲМИ ДАВЛАТҲОИ АБАРҚУДРАТ ДАР ПОЙДОРИИ ОН**

Имрӯз дурнамои инкишофи ҳодисаҳо дар атрофи минтақаи Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI, яке аз омилҳои муайянкунандаи моҳияти муносибатҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ гардидааст, муболиға нахоҳад шуд. Дар таърихи ҷаҳон ҳеҷ гоҳ чунин фазои мусоиди байналхалқӣ вуҷуд надошт, ки тамоми давлатҳои бузурги сайёра дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои нав муттаҳид шуда бошанд, ки ин равия барои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим мебошад. Агар ин неруи мусбати ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш ёбад, бешубҳа ҳам барои Осиёи Марказӣ ва ҳам барои тамоми башарият аҳамияти бузург хоҳад дошт. Мақолаи мазкур доир ба масъалаи таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аҳамияти ин падидаро барои кишварҳои соири минтақа ва ҳамчунин нақши кишварҳои абарқудратро ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар пойдорӣ ва устувории он дар минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Минтақаи Осиёи Марказӣ дар замони муосирр дар маркази таваҷҷуҳи қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ қарор дорад. Ин қудратҳоро иқтидори бузурги минтақа аз он ҷумла нафту газ, гидроэнергетика, канданиҳои фоиданок ва иқлими мусоиду заминҳои ҳосилхез ҷалб намудааст. Дар минтақа ба хотири пиёда намудани манофеъи миллии худ чӣ қудратмандони минтақавӣ ва чӣ қудратмандони ҷаҳонӣ саъю талоши зиёд менамоянд. Масоили амниятӣ дар Осиёи Марказӣ дар муносибат бо падидаҳои таҳдидкунандаи ба амнияти миллӣ ва минтақавии давлатҳо, махсусан қазияи Афғонистон ва дигар омилҳои минтақавии замони муосирр мисли солҳои қаблӣ муҳим ва актуали арзёбӣ мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Субот, амният, махсусият, Осиёи Марказӣ, Амрико, Россия, Хитой, минтақа, абарқудрат, геополитика, Афғонистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ҳамкорӣ, шарикии стратегӣ, қазия.

**БЕЗОПАСНОСТЬ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ И ВКЛАД СВЕРХДЕРЖАВ В ЕЕ УСТОЙЧИВОСТЬ**

Сегодня не будут преувеличены перспективы развития событий вокруг Центральноазиатского региона в начале XXI века, ставшего одним из определяющих факторов характера международных и региональных отношений. В мировой истории еще не было такой благоприятной международной обстановки, в которой все великие державы планеты объединились в борьбе с новыми угрозами и вызовами, что важно для стран Центральной Азии. Если этот позитивный потенциал мирового сообщества будет расти, он, несомненно, будет иметь большое значение как для Центральной Азии, так и для всего человечества. В данной статье обсуждается вопрос безопасности в Центральноазиатском регионе, важность этого явления для других стран региона, а также роль таких сверхдержав, как США, Россия и Китай, в его стабильности и устойчивости в регионе. Центральноазиатский регион в настоящее время находится в центре внимания региональных и мировых держав. Эти силы привлекают огромный потенциал региона, включая нефть и газ, гидроэнергетику, полезные ископаемые, а также благоприятный климат и плодородные земли.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Стабильность, безопасность, специфика, Центральная Азия, Америка, Россия, Китай, регион, сверхдержава, геополитика, Афганистан, Узбекистан, Таджикистан, Туркменистан, Казахстан, Кыргызстан, сотрудничество, стратегическое партнерство, ситуация.

**SECURITY IN CENTRAL ASIA AND THE CONTRIBUTION OF SUPERPOWERS TO ITS RESILIENCE**

Today, the prospects for the development of events around the Central Asian region at the beginning of the 21st century, which has become one of the determining factors in the nature of international and regional relations, will not be exaggerated. In world history, there has never been such a favorable international environment in which all the great powers of the planet have united in the fight against new threats and challenges, which is important for the countries of Central Asia. If this positive potential of the world community continues to grow, it will undoubtedly be of great importance both for Central Asia and for all mankind. This article discusses the issue of security in the Central Asian region, the importance of this phenomenon for other countries in the region, as well as the role of such superpowers as the United States, Russia and China in its stability and sustainability in the region. The Central Asian region is currently in the focus of attention of regional and world powers. These forces are attracting the vast potential of the region, including oil and gas, hydropower, minerals, as well as a favorable climate and fertile land.

**KEYWORDS:** Stability, security, specificity, Central Asia, America, Russia, China, region, superpower, geopolitics, Afghanistan, Uzbekistan, Tajikistan, Turkmenistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan, cooperation, strategic partnership, situation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаева Манижа*** **–** магистри курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ. **Суроға:** 734025 **Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.** Телефон: **+992933609494**. E-mail**: Diplomat.tj94@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Одинаева Манижа*** - магистр 2 курса международных отношений - Таджикский национальный университет, **Адрес:** 734025 Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +**992933609494**. E-mail**: Diplomat.tj94@mail.ru**

**Information about the author.** ***Odinaeva Manizha*** - 2nd year master of international relations - Tajik National University, **Address**: 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe. Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992933609494**, E-mail: **Diplomat.tj94@mail.ru**

# МАВҚЕИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР НИЗОМИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

*Маҳмадуллоев П. Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми судӣ аз маҷмуи судҳое иборат аст, ки қонунҳои конститутсионӣ тарзи ташкили онҳоро муайян намуда, аз рӯйи ваколат ва вазифаҳояшон бо тартиби муайян танзим кардаанд ва мақоми олии судӣ доштани Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро (мутаносибан бо судҳои умумӣ ва судҳои иктисодӣ) нишон додаанд.

Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон "Дар барои судҳои Ҷумҳурии Точикистон" муайян карда шудааст. Дар моддаи 20 Қонуни конститутсионии мазкур омадааст, ки Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрию ноҳиявӣ, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятӣ ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе низоми судии Ҷумҳурии Точикистонро ташкил медиҳанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили суди фавқулодаро манъ мекунад (қисми 5 моддаи 84).

Тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, пешбинӣ гардида буд.

Дар моддаҳои 22 ва 45 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Точикистон" Суди Олӣ нисбат ба судҳои шаҳру ноҳия, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва судҳои ҳарбӣ дар соҳаи баррасии парвандаҳои гражданӣ, ҷиноӣ ва маъмурӣ, Суди Олии иқтисодӣ бошад оид ба ҳалли баҳсҳои иктисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, мақомоти олии судӣ эътироф гардидаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки мафҳумҳои умумӣ ба монанди «зинаҳои низоми судӣ» ва «марҳилаи судӣ» ҳангоми таҳлили низоми судӣ бо ҳам алоқамандӣ доранд ва маънои онҳо баён карда шудаанд. Дар дохили низоми судҳои умумӣ ва арбитражи мақомоти суди таъсис мегардад, ки онҳо аз рӯйи мавзуи салоҳият ва ҳамчунин ҳаҷми ҳокимияти судӣ, доираи ваколат нисбат ба қисмҳои алоҳидаи таркибии низом фарқ мекунанд. Судҳои поёнӣ ва болоӣ ҷудо мегарданд. Бо ин истилоҳот фарқият дар ваколат ва хислати умумии алоқаҳои марҳилавӣ қайд мегардад.

Суди конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон зинаҳои судӣ надорад. Судҳои иқтисодӣ ва судҳои ҳарбӣ аз ду зина ва судҳои боқимонда аз се зина иборат мебошанд. Ба зинаҳо тақсим кардани судҳо аз тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ вобаста аст. Вобаста ба тақсимоти кишвар ба вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низоми судии ҷумҳурӣ, ки дар боло номбар кардем, ба ғайр аз судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба се зина тақсим мешавад. Суди зинаи аввал судҳои шаҳрӣ (ноҳиявӣ) мебошанд. Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе ба суди зинаи дуюм (миёна) дохил мебошанд. Суди Олии Ҷумҳурии Точикистон суди зинаи сеюм (олӣ) мебошад. Зинаи асосии судҳои иқтисодиро суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иктисодии вилоятҳо ва суди иқтисодии шаҳри Душанбе ташкил медиҳад. Зинаи олии ин судҳо Суди Олии иктисодии ҷумҳурӣ аст. Судҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд, вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғ зинаи асосӣ ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаи олӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои шаҳриву ноҳиявӣ, ҳамчун зинаи якум ва чор суди вилоятӣ (ба ин шумора суди шаҳри Душанбе, ки ваколатҳои суди вилоятиро дорад, дохил шудааст) ба сифати зинаи дуюм фаъолият доранд. Судҳои ҷумҳурӣ (ба истиснои Суди конститутсионӣ) фаъолияти мурофиавии худро дар ду марҳила ба амал мебароранд, ки мавҷудияти онро татбиқи функсияҳои судӣ тақозо намудааст. Марҳилаи судӣ аз рӯйи ваколати суд дар ҳалли парвандаҳо муайян карда мешавад. Ваколати судҳо бошад, дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст.

Суди марҳилаи якум суде мебошад, ки парвандаро аввалан ва моҳиятан баррасӣ менамояд. Парвандаҳо парвандаҳои ҷиноӣ, гражданӣ ва хоҷагӣ шуда метавонанд. Суди

зинаи аввал ин парвандаҳоро моҳиятан баррасӣ намуда, ҳукм, ҳалнома ва таъйинот мебарорад.

Ба сифати суди зинаи аввал ҳамеша суди шаҳру ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятҳо, суди иқтисодии шаҳри Душанбе баромад мекунанд. Судҳои боқимонда метавонанд ба сифати марҳилаи якум ва дуюм (марҳилаи кассатсионӣ) баромад намоянд. Дар қонуни ҷории мурофиавии ҷиноятӣ парвандаҳое пешбинӣ шудаанд, ки баррасии онҳо дар марҳалаи аввали судӣ ба ваколати судҳои вилоятӣ ва Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Масалан, парванда оид ба одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе (агар ҷиноят дар ҳудуди шаҳри Душанбе содир шуда бошад) тобеъ аст, ки онҳо ба сифати суди марҳилаи якум баромад карда, онро моҳиятан баррасӣ менамоянд. Доир ба ин парванда ин судҳо метавонанд ҳукм бароранд. Дар ин маврид Суди Олӣ ба сифати суди марҳилаи дуюм баромад мекунад. Агар ҷинояти номбурда дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ содир шуда бошад, баррасии ин парвандаро моҳиятан Суди Олӣ ба уҳда дорад ва он дар ин маврид ба сифати суди марҳилаи аввал баромад мекунад.

Судҳои марҳилаи дуюм (кассатсионӣ) судҳое мебошанд, ки онҳо дар асоси шикоятҳои кассатсионии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва эътирози кассатсионии прокурор асоснок ва қонунӣ будани санадҳои судиеро, ки судҳои поёнӣ қабул карда ва ба кувваи қонунӣ надаромадаанд, баррасӣ мекунанд. Судҳои зинаи якум (шаҳру ноҳия) дар ягон маврид ба сифати суди марҳилаи дуюм (кассатсионӣ) баромад карда наметавонанд. Судҳои вилоятӣ ва суди шаҳри Душанбе ба сифати суди марҳилаи кассатсионӣ баромад карда метавонанд. Дар судҳои иқтисодии ҷумҳурӣ марҳилаҳои шикоятӣ (апеллятсионӣ), кассатсионӣ ва назоратӣ мавҷуданд. Шикоятҳои иштирокчиёни мурофиа (шахрвандон) дар хусуси норозигии онҳо аз санадҳои судие, ки доир ба парванда қабул шудаанд, ба шикоятҳои кассатсионӣ мансубанд.

Тибқи қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ эътирози кассатсионӣ ҳуҷҷати расмии прокурор буда, дар он фикри прокурор дар хусуси ғайриқонунӣ ва беасос будани санадҳои судӣ асоснок карда шуда, масъалаи бекор кардан ва тагйир додани онҳо ба миён гузошта мешавад. Бояд қайд кард, ки доир ба парвандаҳои иқтисодӣ агар прокурор даъво пешниҳод накарда бошад, ҳуқуқи эътирози кассатсионӣ оварданро надорад. Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Точикистон" ва қонунҳои мурофиавии ҷумҳурӣ мафҳуми баррасии парванда ба тартиби назоратӣ зикр шудааст. Ин амал чунин маъно дорад, ки қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судие, ки доир ба парванда қабул шуда, эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба тариқи назоратӣ баррасӣ карда мешавад. Раёсати судҳои ВМКБ, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, коллегияҳои судӣ, Раёсат ва Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Точикистон (оид ба парвандаҳои мушаххас) ба тариқи назоратӣ баромад карда метавонанд. Дар низоми судҳои иқтисодӣ Раёсат ва Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба парвандаҳои мушаххас) ба тариқи мархилаи назоратӣ баромад карда метавонанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда шудааст, ки дар давраи собиқ ИҶШС дар илми ҳукуқшиносӣ мафҳуми «ҳокимияти судӣ» маълум набуд. Мафҳуми "ҳокимията **судӣ"** низ дар қонунгузории Тоҷикистон дар солҳои охир пайдо шудааст. Зеро аз рӯзи қабули Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи эълон шудани истиклолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", яъне 9 сентябри соли 1991, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии хуқуқбунёд мебошад. Бояд қайд кард, ки мафҳуми «ҳокимияти судӣ» дар қонунгузории Тоҷикистон оварда нашудааст. Гузашта аз ин, тадқиқотҳои пурра ба мавзуи ҳокимияти судӣ бахшидашуда кам мебошанд. Дар давлати ҳуқуқбунёд суд бояд ҳамчун мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ фаъолият намояд. Чӣ тавре ки дар моддаи 84 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муққарар шудааст, ҳокимияти судӣ мустақил буда, ҳуқуқ ва озодии шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Ҳокимияти судӣ тамоми аломатҳои ҳокимияти давлатиро дорад. Ба амал баровардани ин ҳокимият ба зиммаи суд ҳамчун мақомоти махсус вогузор шудааст, ки он аз рӯйи тартиби муайянкардаи қонун фаъолият намуда, санадҳои бо қонун пешбинишударо қабул менамояд, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ мекунад ва ба муносибатҳои бавуқӯъомада таъсирр расонида, ба он баҳои ҳукуқӣ медиҳад. Суд ба ғайр аз татбиқи чораҳои ҷамъиятӣ, инчунин чораҳои маҷбуркунии давлатиро низ дар амал ҷорӣ менамояд.

Ҳоло зарур аст муайян намоем, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом хусусиятҳои хоси ҳокимияти судиро муқаррар намудаанд.

Аввалан, дар қисми якуми моддаи дуюми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, ки ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба судҳо дар симои судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, тааллуқ дорад. Яъне, ба амал баровардани адолати судӣ яке аз ваколатҳои асосии суд мебошад. Айнан чунин талабот дар қонунҳои ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС ҷой дошт.

Адолати судӣ танҳо тавассути суди дорои ҳокимияти мустақили суди ба амал бароварда мешавад. Адолати судӣ бо роҳи баррасии парвандаҳои конститутсионӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ, хоҷагӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад (моддаи 2 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон").

Бояд қайд кард, ки ба амал баровардани адолати судӣ танҳо яке аз ваколатҳои суд мебошад. Бинобар ин, мафҳуми адолати судиро бо мафҳуми ҳокимияти судӣ ҳаммаъно эътироф намудан нодуруст аст. Мафҳуми ҳокимияти судӣ аз мафҳуми адолати суди васеътар аст, зеро, ки адолати суди яке аз зуҳуроти ба амал баровардани ҳокимияти судӣ мебошад. Азбаски суд баёнгари ҳокимияти судӣ мебошад, ваколатҳои он танҳо бо роҳи ба амал баровардани адолати судӣ хотима намеёбанд. Суд, инчунин аз нуқтаи назари мурофиавӣ ваколати таъмини иҷро намудани санадҳои судӣ (ҳукм, ҳалнома, таъйинот, қарор)-ро дорад. Судҳои болоӣ - Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд оид ба масъалаҳои амалияи судӣ дар доираи салоҳияти худ тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд. Судяҳо ҳамчун баёнгари ҳокимияти судӣ дорои ваколатҳои ҳокимият мебошанд. Мутобиқи талаботи моддаи ҳаштуми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъйинотҳо ва қарорҳои қабулкардаи судҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои иҷро ҳатмӣ мебошанд. Ин талаботи қонун дар қонунҳои мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМҶ, КМ, КМХ Ҷумҳурии Тоҷикистон) вобаста ба амалиёти мушаххаси суд ва дар вазъияти мушаххас саҳеҳ нишон дода шудааст. Дар сурати иҷро накардани санадҳои зикргардидаи суд судя нисбат ба ҳуқуқвайронкунандаҳо чораҳои маҷбуркунии давлатиро татбиқ менамояд. Масалан, мутобики қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва гражданӣ ҳангоми бе сабабҳои узрнок ба суд ҳозир нашудани шоҳид суд нисбат ба ин шоҳид чораи маҷбуран ба суд оварданро татбиқ мекунад. Яке аз хусусиятҳое, ки танҳо ба ҳокимияти судӣ хос аст, шакли мурофиавии иҷро намудани ваколатҳои он мебошад. Масалан, судя, суд танҳо пас аз баровардани қарор (таъйинот) дар бораи ба суд додани айбдоршаванда ҳуқуқи дар мурофиаи суди баррасӣ намудани парвандаи ҷиноиро пайдо мекунад. Суд, судя ҳуқуқи вайрон кардани ин тартиби дар қонуни мурофиавии ҷиноӣ муайяншударо надорад. Дар ҳолати аз тарафи суд, судя вайрон кардани ин тартиби мурофиа қарорҳои минбаъд қабулкардаи онҳо асоси қонунӣ пайдо намекунанд ва суд ҳуқуқи иҷрои ваколатҳои худро надорад. Дигар хусусияте, ки ба ҳокимияти судӣ хос аст, аз тарафи судҳо, судяҳо татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ҳама паҳлӯҳои фаъолияти судҳо мутобиқи талаботи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешаванд. Тартиби ташкили судҳо хислатҳои ба худ хос дорад. Судҳо на танҳо бо ваколатҳои худ, балки бо тартиби ташкили худ аз дигар рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, суд на танҳо манфиати шахси алоҳида ё ташкилоту муассиса, балки давлатро низ ҳимоя мекунад, ки дар маҷмуъ онро адолати судӣ мегӯянд, ки агар худи мақомоти суд аз ҳар гуна фишору дахолати сохторҳои давлатӣ озод буда, судяҳо ҳақиқатро дар асоси далелҳои мавҷуда, холисона, аз рӯйи виҷдон ва донишу малакаи касбиашон ҷустуҷӯ ва дарёфт кунанд. Мутобиқи банди 7 қисми якуми моддаи 57 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси судҳо ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ тааллуқ дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси он Қонуни конститусионии Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" сохтори судии кишварро муайян мекунад.

Дар ҳар як шаҳру ноҳия судҳои шаҳр ва ноҳия ва дар Душанбе Суди шаҳри Душанбе, дар вилоятҳо судҳои вилоятӣ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбӣ, дар миқёси кишвар Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ

ташкил шудаанд. Ин судҳо бо тартиби муайянкардаи Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ фаъолият мекунанд. Ба судяҳое, ки ба ин ё он суд пешбарӣ карда мешаванд, мувофиқи Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" талаботи муайян пешбинӣ шудааст, аз ҷумла номзадҳо ба вазифаи судя бояд маълумоти олии ҳуқуқӣ, собиқаи муайяни фаъолияти касбӣ дошта бошанд. Инчунин онҳо бояд аз нигоҳи маънавият пок бошанд. Ғайр аз ин, номзад бояд имтиҳони тахассусӣ супорад. Ин талабот ба судя барои он пешбинӣ шудааст, то ки ӯ аз уҳдаи иҷрои ваколатҳои ба суд додашуда баромада тавонад. Судҳо ҳамчун мақомоти баамалбарорандаи ҳокимияти судӣ мустақиланд. Мустақилияти онҳоро Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ кафолат медиҳанд. Дахолат намудан ба фаъолияти суд манъ аст. Мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад. Суд ҳамчун яке аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои ба худ хос дорад, ки вобаста аз он мавқеи суд дар байни мақомоти дигари баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Азбаски суд вазифаҳои масъулиятнок дорад ва ба ҷараёни муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсирр расонида метавонад, бинобар ин бо дигар рукнҳои ҳокимияти давлатӣ, яъне бо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, баробар амал мекунад.

Чунонки дар боло хотарнишон кардем, Тоҷикистон давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон шудааст. Аз ин рӯ, муносибатҳои ҳокимиятҳои қонунгузор ва иҷроия бо ҳокимияти судӣ бояд дар сатҳ қарор дошта бошанд. Дар чунин шароит ваколати суд танҳо бо баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятию гражданӣ ва маъмурӣ махдуд намешавад. Масалан, мутобиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон (қисми 3 моддаи 89) ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (моддаи 14) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, са-надҳои хукуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, санадҳои ҳукуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия ба Конститутсия, ба салоҳияти Суди конститутсионӣ тааллуқ дорад. Ҳамин тавр, мувозинати рукнҳои ҳокимият риоя шудааст. Пеш аз ин суд чунин ваколатро надошт ва муносибати он бо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия якхела набуда, муносибат хусусияти ҳокимият ва тобеият дошт. Васеъ гардидани ваколати судҳо боз дар он зоҳир мегардад, ки дар кишвар тибқи Конститутсияи нав судҳои иқтисодӣ таъсис дода шудаанд ва онҳо ваколатҳои ба худ хос доранд. Дар давраи гузашта санадҳои ғайримеъёрии Ҳукумати ҷумҳурӣ аз тарафи судҳо баррасӣ намегардиданд. Ҳоло бошад, мутобики Кодекси мурофиавии хоҷагии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 24) Суди Олии иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар бораи пурра ё қисман беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон, ки ба қонун мутобиқат надоранд ва хукуку манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро вайрон мекунанд, баррасӣ менамояд. Ғайр аз ин, судҳо (ба гайр аз Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ) аз болои мақомоти тафтиш ва таҳқиқ дар масъалаи ба ҳабс гирифтани шаҳрванд ва дароз намудани муҳлати баҳабсгирӣ ҳуқуқи назорати судӣ бурданро доранд. Масъалаи нигоҳ доштан дар маҳбас бевосита бо масъалаи маҳдуд намудани ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодаи Конститутсия вобаста аст. Яъне, дар ин маврид бо шикояти шахси ба ҳабс гирифташуда суд ҳолатҳои қонунӣ будани баҳабсгирии он шахсро тафтиш менамояд ва оид ба ин масъала қарор кабул мекунад.

Дар навбати худ макомоти қонунгузор бо роҳи қабул намудани қонунҳои нав бояд барои самаранокии фаъолияти судҳо мусоидат намоянд. Аз нуқтаи назари қонунгузор танҳо бо ин роҳ ба фаъолияти судҳо назорат кардан мумкин аст.Тибқи талаботи меъёри конститутсионӣ дахолат ба фаъолияти судҳо манъ аст. Аз ин рӯ, на мақомоти қонунгузор ва на мақомоти иҷроия барои таъсирр расонидан ва дахолат намудан ба фаъолияти суд ягон асоси қонунӣ надоранд. Ягон баҳона, ҳодиса барои дахолат намудан ба фаъолияти суд асос шуда наметавонад. Таҳлили суд дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси татбиқи ҳолатҳои асосии назарияи низомнок, ки аз тарафи муҳаққиқони зиёд мавриди барраси қарор гирифтааст ба ақидаи мо имконияти кушодани баъзе аз ҷабҳаҳои нави мавзӯи мазкур, лозим аст, ки чунинанд:

1) Татбиқи назарияи низомнокро ҳангоми тадқиқи ҷамъият, давлат ва ҳуқуқ, ки омӯзиши онҳо маънои якҷоя намудани қисмҳои алоҳидаро дорад, вобаста ба хусусиятҳои

қисмҳои хурди алоҳида. Муносибати мутақобилаи унсурҳои дохиларо танҳо тибқи хусусияти низом, тағйироти босифати унсурҳо, ки сохторро ба вуҷуд меоранд. Ин тағйиротҳо на танҳо дар натиҷаи муносибати мутақобилаи дохили низом, балки дар натиҷаи муносибати мутақобилаи унсурҳои низом бо муҳит (ҷомеа, табиат, давлат) самараи нек ба бор меоранд ва ба манфиати мардум мегардад.

2) Таҷзияи вазифа ва ваколатҳо байни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар давлати ҳуқуқбунёд чунин бояд сурат гирад, ки амалишавии онҳо ягонагии ҳокимияти давлатиро таъмин намояд. Барои ҳамин ҳар як унсури давлати ҳуқуқбунёд барои ноил гаштан натиҷаҳои манфиати умум, мувозинати шохаҳои ҳокимият, дарҷ гардидани ваколатҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар конститутсия ва қонунгузорӣ, кӯмак менамояд

3) Татбиқи назарияи низомнок ба тадқиқоти ҳуқуқӣ имконияти ташкили ғояи муайяни фаъолияти низомнокро барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ фароҳам меорад.

4) Дар мақолаи мазкур таърихи инкишофи назарияи таҷзияи ҳокимият муайян намудани он тибқи назарияи низомнок тадқиқ гашта, хусусиятҳои хоси мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ шартҳо ва тартиби таъсисиёбӣ, ягонагӣ, мутамарказӣ ба амалбарории идораи давлатӣ дар Тоҷикистони азизамон ошкор гардидааст. Махсус бояд қайд намуд, ки дар муносибат ва алоқамандӣ, таъмини ягонагӣ ва тартиб дар низоми мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ мавқеи марказиро суд ишғол мекунад.

5) Талаб карда мешавад, ки бо мақсади бартараф намудани нуқсонноки дар қонунгузорӣ ҳангоми тайёр намудани лоиҳаи қонунҳо мутахассисони соҳаи судӣ ҷалб карда шавад. Чунки камбудиҳои қонун дар рафти татбиқаш дар таҷриба ошкор мегардад ва суд мақомоте мебошад, ки бевосита ба татбиқи қонунҳо машғул аст. Яъне, то дохил намудани тағйироту иловаҳо ба конститутсия соли 1999 ҳокимияти судӣ ташаббуси қонунгузориро доро буд ва баъди ин тағйироту иловаҳо ба Конститутсия аз ин салоҳият маҳрум гардид. Баргардонидани ташаббуси қонунгузори ба ҳокимияти судӣ ин тақозои талаботи асосии давлати ҳуқуқбунёд мебошад ва бояд қайд намуд, ки дар тамоми давлатҳои ҳуқуқбунёди ҷаҳони муосирр ҳокимияти судӣ ташаббуси қонунгузориро дорад.

6) Дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ ва инкишофи таърихии судҳои маъмурӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор ва мавҷуд будани заминаҳои ҳуқуқӣ зарурат аст, ки ҳар чи тезтар судҳои маъмурӣ дар низоми судӣ ташкил карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Чумҳурии Тоҷикстонсоли 1994. Д. 2017.
2. Қонуни конститусионӣ «Дар бораи судҳои Чумҳурии Тоҷикистон» .//Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон 2001. № 21. М.245.
3. Қонуни констиутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Конститутсионии ҶТ », аз соли 2014
4. Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. № 3. М.166
5. Баглай М. В. Конституционое право Российской Федерации / М.В.Баглай. - М, 1997.
6. Большой юридический словарь. Под ред. Л.Я.Сухарева и др. - М.. 1999
7. Гуценко К.Ф., Ковалев М А. Правоохранительные органы / К.Ф.Гуценко. - 1999
8. Гафуров Х.М. К вопросу о понятии к судебной власти / Давлат ва хукук, №1, соли2006.
9. Гафуров Х.М. Судебная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития / Х.М.Гафуров. - Д. 2007.
10. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан / А.М.Дирноршоев. - Д., 2007.
11. Ермашин Г.Т. Правовой статус судьи Российской Федерации: Учебное пособие / Г.Т.Ермашин. - М.: РАП, 2004,;
12. Жилин Г.А. Суд первой инстанции в гражданском процессе: Учебно-практическое пособием / Г.А.Жилин. - М.:Юрайт.М., 2001.
13. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистони / А.Имомов. - Д., 2007. 448 саҳ.
14. Козлова Е. И., Кутафин О. Е. Конституционное право России / Е.И.Козлова. - М.,1998.
15. Конституционное право. Учебник: М., 1999
16. Лебедев В.М. Судебная власть в современной России: проблемы становления и развития. - СПб.:иСанкт-Петербур-
гский госуниверситет, «Лань», 2001.
17. Маҳмудов М., Худоёров Б. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон / М.Маҳмудов. - Д., 2008.
18. Маҳмудов М., Раҳимов М. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ / М.Маҳмудов. - Душанбе «Маориф ва фарҳанг», 2006.

19. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ давлат / Р.Ш.Сотиволдиев. - Д., 2005.
20. Ойев Х. Хидмати давлатӣ. Васоити таълимӣ ва санадхои конунгузории Тоҷикистон.
21. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы Таджикистана после независимости: история, современность и перспективы . //Давлат ва ҳукуқ./ №2 . 2007. С. 27-29.
22. Шодиев И.Р. Из истории экономического судоустройства и судопроизводства в Таджикистане. //Давлат ва ҳукуқ./ №2 . 2007. С. 91-101.

**МАВҚЕИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР НИЗОМИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ**

Дар мақола қайд шудааст, ки суд ҳамчун яке аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои ба худ хос дорад, ки вобаста аз он мавқеи суд дар байни мақомоти дигари баамалбарорандаи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад. Азбаски суд вазифаҳои масъулиятнок дорад ва ба ҷараёни муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсирр расонида метавонад, бинобар ин бо дигар рукнҳои ҳокимияти давлатӣ, яъне бо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия баробар амал мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки мафҳумҳои умумӣ ба монанди «зинаҳои низоми судӣ» ва «марҳилаи судӣ» ҳангоми таҳлили низоми судӣ бо ҳам алоқамандӣ доранд ва маънои онҳо баён карда шудаанд. Дар дохили низоми судҳои умумӣ ва арбитражӣ мақомоти судӣ таъсис мегардад, ки онҳо аз рӯйи мавзуи салоҳият ва ҳамчунин ҳаҷми ҳокимияти судӣ, доираи ваколат нисбат ба қисмҳои алоҳидаи таркибии низом фарқ мекунанд. Судҳои поёнӣ ва болоӣ ҷудо мегарданд. Бо ин истилоҳот фарқият дар ваколат ва хислати умумии алоқаҳои марҳилавӣ қайд мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** суд, низоми судӣ, ҳокимияти давлатӣ, марҳилаи судӣ, қонуни конститутсионӣ, мақомоти давлатӣ.

**ПОЛОЖЕНИЕ СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ В СИСТЕМЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ**

В статье отмечается, что суд, как один из органов государственной власти, обладает собственными полномочиями, в зависимости от которых определяется положение Суди среди других органов государственной власти. Поскольку у Суди есть обязанности и он может влиять на ход общественных отношений, он действует наравне с другими столпами государственной власти, то есть законодательной и исполнительной. В юридической литературе подчеркивается, что общие понятия, такие как «этапы судебной системы» и «судебный этап» в анализе судебной системы взаимосвязаны и выражены их значения. В системе общих судов и арбитража создаются судебные органы, которые различаются по своей юрисдикции, а также по объему судебной власти, объему полномочий по отношению к отдельным компонентам системы. Нижний и верхний корты разделены. Этими условиями отмечается различие в авторитете и общем характере поэтапных отношений.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** суд, судебная система, госудирственная власть, судебная стадия, конституционый закон, госудирственные органы.

**POSITION OF THE JUDICIARY IN THE SYSTEM OF STATE ADMINISTRATION**

The article notes that the court, as one of the organs of state power, has its own powers, depending on which the position of the court among other bodies of state power is determined. Because the court has responsibilities and can influence the course of public relations, it acts on an equal footing with other pillars of state power, ie the legislature and the executive. The legal literature emphasizes that general concepts such as "stages of the judicial system" and "judicial stage" in the analysis of the judicial system are interrelated and their meanings are expressed. Within the system of general courts and arbitration, judicial bodies are established, which differ in terms of jurisdiction, as well as the scope of the judiciary, the scope of authority in relation to individual components of the system. The lower and upper courts are separated. With these terms, the difference in authority and general nature of the phased relationship is noted.

**KEYWORDS**: court, judicial system, state power, judicial stage, constitutional law, state bodies.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Маҳмадуллоев П.Р.* –** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ.

**Сведение об авторе**: ***Махмадуллоев П.Р.*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультетата.

**Information about the author**: ***Mahmadulloev P.R***. – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law.

# ШАХСИЯТИ МУФАТТИШ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ-РАВОНИИ Ӯ

***Салимова Ф. Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Кори ҳуқуқӣ, ки фаъолияти тафтишӣ бешубҳа ба он тааллуқ дорад, хеле гуногун ва мураккаб буда, як қатор хусусиятҳое дорад, ки онро аз кори аксари дигар касбҳо фарқ мекунанд. Фаъолияти аксарияти ҳуқуқшиносон дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ сурат

мегирад ва бо гуногунии фавқулодаи вазифаҳои ҳалшаванда фарқ мекунанд. Ҳар як парвандаи нав барои муфаттиш, судя, прокурор, адвокат вазифаи навро ифода мекунад ва аз ҷониби ин ашхос ҳар қадар камтар қолабҳо партофта мешаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти натиҷаи дурусти ҷустуҷӯйи ҳақиқат зиёд мешавад. Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки танзими ҳуқуқии тамоми фаъолияти касбӣ кори ҳуқуқшиносирро аз дигар касбҳо фарқ карда, тадриҷан дар шахсияти ҳар як ҳуқуқщинос осори худро мегузорад. Тамоми фаъолияти муфаттиш, прокурор, судя, адвокат, нотариус ва ғ., бо тамоми мураккабию гуногунии худ, ҳамеша дар доираи танзими ҳуқуқӣ сурат мегирад. Аллакай ҳангоми ба нақша гирифтани фаъолияти худ, ҳар як ҳуқуқшинос амалҳои ояндаи худро бо меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, ки ин амалҳоро танзим мекунанд, муқоиса мекунад. Ба аксари касбҳои ҳуқуқшиносӣ эҳсосоти баланди кор хос аст [6,с-34]. Дар айни замон, дар як қатор мавридҳо фаъолият бо ин зарурати фурӯхтани онҳо мушоҳида мешавад ва озодии эмотсионалӣ ба муддати нисбатан тулонӣ таъхир меёбад.

Фаъолияти касбии юридикӣ асосан фаъолияти давлатӣ мебошад. Давлат дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақсаду вазифаҳои муайян мегузорад. Давлат системаи махсуси тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судиро ба вуҷуд меорад. Ин талабот дар баробари боло рафтани фарҳанги ҳуқуқии тамоми ҷомеа, ҳам нисбат ба тамоми низоми ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ба ҳар як робитаи он ба ҳар як корманди он. Кори бисёр касбҳои юридикӣ (прокурор, судя, муфаттиш, оперативӣ ва ғайра) пешбинӣ мекунад, ки субъекти меҳнат ваколатҳои махсуси ваколатдор, мувофиқат ва ҳуқуқу уҳдадорӣ аз номи қонун ҳокимиятро ба амал мебарорад. Вазифаи асосии психологияи меҳнати ҳуқуқӣ муайян кардани муносибатҳои оқилонаи байни талаботе мебошад, ки аз ҷониби касб ба он пешниҳод карда мешавад. Дар донистани ин қонунҳо психологияи меҳнати ҳуқуқӣ ба усулҳои мавқеи назариявӣ ва маълумотҳои таҷрибавии илмҳои гуногуни психологияи умумию дефференсиалӣ ва психологияи меҳнатӣ, сотсиологияи ҳукуқӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра такя мекунад. Равиши систематикӣ раванди фаъолиятро манбаи марказии таҳқиқот қабул мекунад ва ба шумо имкон медиҳад, ки бо дарназардошти ҳамаи унсурҳои дар он иштирокдошта тавсифи дурусти ин раванд дода шавад. Кори масъулиятнок ва душвори коркунони адвокатура дар назди онҳо талабҳои зиёд мегузорад. Аксарияти ин касбҳо дар айни замон бонуфуз ҳисобида мешаванд, ҳарчанд аксари ҷавонон ин касбҳоро барои худ интихоб мекунанд, онҳо дар бораи мураккабии ин фаъолият тасаввуроти дақиқ надоранд ва муҳимтар аз ҳама фикр намекунанд, ки чӣ гуна талабот ба онҳо пешниҳод карда мешавад.

Фаъолияти ҳуқуқӣ – фаъолиятест, ки ба меъёрҳои ҳуқуқ ва намудҳои алоҳидаи он номи худ дорад ва дар бар мегирад: ин мафҳуми асосии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти ҳуқуқи инсон ва ғ. Фаъоляти ҳуқуқӣ саъю кушиши зиёд, сабру тоқат, дониш ва масъулияти баланд ва меҳнатро дар асоси риояи қатъии қонун талаб мекунад. Барои аксари касбҳои ҳуқуқшиносӣ, хусусияти хос ин паҳлӯи ташкилии фаъолият аст, ки ду ҷанбаи асосӣ: 1) ташкили кори шахсирро дар рӯзи кории ҳафта дорад, ташкили кор оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва шароити рӯзи кори номунтазам; 2) ташкили кори якҷоя бо дигар органҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. Дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷустуҷӯйи ҳакиқат протсесси эҷодӣ мебошад, бинобар ин, муфаттиш, прокурор, судя, адвокат, ҳисси зарурӣ, диққат, инсондӯстӣ, қобилияти ба олами ботинии одам роҳ ёфтан ва ғ. бояд дошта бошанд. Таҳлили равонии фаъолияти ҳуқуқии касбӣ ба мо имкон медиҳад, як қатор марҳилаҳоеро муайян кунем, ки тавассути онҳо ҳаракат ба сӯи ҳадафи ниҳоии муқарар намудани ҳақиқат ба амал омад. Дар ин фаъолият тарафҳои зерин қайд карда мешаванд: маърифатӣ, коммуникативӣ, созанда, ташкилӣ, тасдиқ, таълимӣ [10,с-15].

Дар амалисозии ҳам тафтишот ва судӣ ҳар як тарафи фаъолияти ҳуқуқӣ метавонад мустақилона дар робитаи зич бо дигар намудҳо, ниҳоят ҳамчун ёрдамчии як намуди дигари фаъолият амал намояд. Системаи фаъолиятро, мо бояд ба ду гурӯҳ ҷудо кунем: асосӣ ва ёрирасонӣ. Фаъолияти асосӣ бевосита ба ноил шудан ба мақсади тафтишот ва адолат нигаронида шудааст. Ба онҳо таълими конструктивии маърифатӣ дохил мешаванд. Намудҳои ёрирасони кафолати ташкилии коммуникатсионӣ барои таъмини татбиқи оптималии ҳадафҳои асосӣ. Минбаъд мо касби адвокатии муфаттишро аз нуктаи назари вазифаҳое, ки дар рафтори мо ба кор гузоштаанд, мухтасар тавсиф мекунем. Хусусиятҳои

психологии касбии шахсияти муфаттиш. Мақсади фаъолияти тафтишотӣ, чунон ки қаблан зикр гардид, ки ҳифзи ҳуқуқии арзишҳои асосии иҷтимоии шахсияти ҷамъият ва давлат, муқарар намудани ҳақиқат дар тафтиши ҳуқуқвайронкунӣ. Хусусиятҳои психологии касбии шахсияти муфаттиш ба хусусиятҳои ҷамъиятию сиёсӣ, ахлоқӣ ва равонии фаъолияти тафтишотӣ вобаста аст. Мавҷудияти қудрат яке аз омилҳои муҳимтарини равонии муносибатҳои байнишахсии муфаттиш бо дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Ин ваколатҳо баъзан тасаввуроти айбномаи фаъолияти муфаттишро ба вуҷуд оварда, дар баъзе мавридҳо деформатсияи дахлдори касбиро ба вуҷуд меоранд. Вале бояд гуфт, ки вазифаи муфаттиш на таъқиб ва на ҳимоя, балки ҷустуҷӯйи ҳақиқат дар ҷараёни тафтиш бо роҳи пурра ва ҳаматарафа омӯхтани ҳолатҳои парванда мебошад.

Ифшо ва тафтиши ҷиноятҳо бо роҳи дарёфти ҷамъоварӣ ва тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо ва асоснокии хулоса ва қарорҳои онҳо дар парванда амалӣ карда мешавад. Ба гуфтаи В.Л. Василев, профессиограммаи муфаттиш ба ҷанбаи ҷустуҷӯйи фаъолият асос ёфтааст, ки ӯ бо мақсади кушонидани ҷиноят амалӣ менамояд ва аз ҷамъоварии иттилооти ибтидоӣ барои ҳалли масъалаҳои касбӣ иборат аст. Ҷанбаи ҷустуҷӯйи фаъолияти муфаттиш дар марҳилаи аввали тафтишот аҳамияти хоса дошта, аз баён намудани маълумоти дорои аҳамияти ҷиноӣ аз муҳити зист дар бораи осори дар ҷиноят боқимондаи олоти ҷиноят ва амсоли он иборат аст, ки ба тадқиқотчӣ имконияти боэътимод нишон додани ҳодисаҳои ҷиноят бо чунин дараҷаи саҳеҳ, ки қонун талаб мекунад, медиҳад. Дар ҳалли ин масъалаҳо роли омилҳои шахсии муфттиш, таҷрибаи касбӣ ва ҳаётии ӯ бешубҳа калон аст. Дониши махсуси илмӣ дар соҳаи психология ва тактикаи пурсиш ба муфаттиш барои пирӯзӣ дар ин мубориза кӯмак мекунад; маҳорати касбии ӯ. Формулаи «дуруст донистан» таносуби донишу малакаи муфаттишро ифода мекунад. Малакаҳо - дониш дар татбиқи амалии онҳо мебошанд. Таҳти маҳорат ҳамчун қобилияти бадастовардаи шахс барои мақсаднок ва эҷодкорона истифода бурдани донишҳои махсуси худ дар раванди фаъолияти амалӣ фаҳмида мешавад. Маҳорате, ки ба дараҷаи муайяни камолот оварда шудааст, моли инсон – маҳорат мегардад [4,с-95]. Муфаттиш ҳамчун ташкилотчии тафтиш низ баромад мекунад, қарорҳои муҳим қабул карда, ба иҷрои онҳо муваффақ мегардад ва дар айни замон ҳамчун ташкилотчии фаъолияти бисёр одамон баромад мекунад. Кори амалӣ аз вай доимо мутамарказӣ, дақиқӣ ва муташаккилиро талаб мекунад. Ҷанбаи бозсозии фаъолияти муфаттиш дар коркарди маълумот ва қабули қарор зоҳир мегардад. Муфаттиш дар айни замон бояд бисёр чизҳоро донад, қонуни ҷиноятӣ, криминалистика ва психология, баҳисобгирии баллистики судӣ ва ғайра. Аз муфаттиш маълумоти ҳаматарафа талаб карда мешавад, вале ба вай пеш аз ҳама маданияти умумӣ лозим аст. Дар сохтори профессиограмаи муфаттиш ҷанбаи иҷтимоие низ мавҷуд аст, ки ӯ ҳамчун ташкилотчии муборизаи зидди ҷиноятҳои дар маҳал ва ё маҳалли худ ба назар мерасад. Дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ амалиёти вай ба ошкор намудани сабабу шароит ва дидани чораҳои бартараф намудани онҳо нигаронида шудааст. Кори муфаттиш ҳарҷониба инкишоф додани диққати ӯро талаб мекунад. Вай бояд диққати ихтиёрии мақсаднокро тарбия кунад. Ин ба шавқу ҳавас ва ба кори онҳост. Дар сурати набудани чунин шавқ, тамоми кӯшишҳое, ки ба рушди таваҷҷӯҳ нигаронида шудаанд, метавонад бесамар бошанд [2,с-55].

Мушоҳидаи криминалистӣ ҳангоми азнагузаронии ҷои ҳодиса ин дарки мунтазам, мақсаднок ва андешамандонаи вазъият мебошад. Чунин даркро дар психология мушоҳида меноманд. Мушоҳида кори фаъолонаи тамоми ҳиссиётро дарбар мегирад. То ки мушоҳида то оғози санҷиш то ҳадди имкон самаранок бошад, шумо метавонед дар бораи ҳодисаи рухдода тасаввуроти умумӣ пайдо кунед. Маълумоти ибтидоӣ аксар вақт хеле мухолиф аст ва баъдан метавонад тасдиқ карда нашавад [3,с-75]. Бо вуҷуди ин, он ба муфаттиш имкон медиҳад, ки нақшаи ташхисро барои оғози сохтани модели равонии ҳодисаи рухдода муайян кунад. Фаъолияти ҷустуҷӯйи бештар аз як қатор сифатҳо ва маҳорати шахсии муфаттиш вобаста буда, муайян намудани номи он объектҳоеро, ки интиқолдиҳандагони иттилооти аз ҷиҳати судӣ муҳим мебошанд, равшан кардани тасвири ҳодисаи ҷиноятии гузашта дар изи дар замони ҳозира боқӣ мондаанд. Фаъолияти ҷучтуҷӯйӣ бо хоҳиши муфаттиш барои кушодани ҷиноят ба амал бароварда мешавад. Муфаттиш бояд бо қобилияти ташкили ҷараёни иттилооти зарурӣ барои дуруст ба низом даровардан ва таҳлили он, партофтани маълумоти нолозим хос бошад.

Дар ҳама гуна амалиёти тафтишотӣ мушоҳида зарур аст. Бо ёрии он маълумоти иловагӣ пайдо карда мешавад, барои тафтиши вазъияти проблемавӣ, хоҳ азназаргузаронии ҷои ҳодиса бошад, хоҳ пурсиши шоҳид ёрӣ мерасонад. Чунонки К.К. Платонов қайд мекунад, мушоҳида хосияти шахсият аст, ҳамчун қобилияти пайхас кардани тафсилоти дарки нозук, вале барои мақсади мушаххас зарурро ҳамчун «рақамҳо» дар заминаи ночиз. Мушоҳида на танҳо ҳангоми омухтани симои одамон, балки ҳангоми ҳамкории муфаттиш бо шахси таҳқиқшаванда ҳам зоҳир мегардад. Барои муфаттиш, пеш аз ҳама, чунин ҷузъҳои шахси таҳқиқшаванда муҳиманд, ки дар бораи намуди зоҳирӣ ва рафтори ӯ ва ҷаҳони ботинии ӯ сухан гӯянд ва барои таҳқиқи парванда муҳимтарин мебошанд. Ғайр аз ин, мушоҳида дар қобилияти пайхас кардани зуҳуроти берунии олами ботинӣ ва одамон, алалхусус ба ҳиссиёти таҷриба, мотивҳои мақсад, дарк намудани хислатҳои равонии шахс ифода меёбад. Мушоҳидаи равонӣ дар якҷоягӣ бо таҷриба ва дониши амалии муфаттиш калидест, ки «ҷон»-и шоҳиди гумонбаршударо мекушояд [10,с-55]. Мушоҳида муваффақиятро пешакӣ муайян мекунад, ниҳоят интеллект, ки ин протсессро аз рӯи нақшаи муайян ташкил мекунад, пайдарҳамии зарурии давраҳои алоҳидаи мушоҳидаро муқаррар мекунад ва натиҷаҳои онро истифода мебарад. Мушоҳида ҳамчун раванди равонӣ ва шаклҳои фаъолият сифатҳои зеҳнии мушоҳидаи касбиро инкишоф медиҳад, ки хусусияти шахсияти муфаттиш мегардад [6,с-35]. Бақайдгирии оддии фактҳо барои кушодани ҷиноят ва муқаррар кардани ҳақиқат кифоя нест. Барои он ки далелҳо ҳамчун далел истифода шаванд, шумо бояд шарҳи дурустро пайдо кунед ва сабабҳои онҳоро барои муайян кардани ҳама робитаҳо бо ҳодисаи тафтишшаванда муайян кунед. Далели дуруст чизе ҷуз баргузории дурусти иртибот байни падидаҳо ва далели дуруст пайвандҳои хаёлиро ихтироъ мекунад ва нотавонӣ исбот кардан, одатан натиҷаи надонистани ин робитаҳо ва нотавонии онҳост. Ҳамин тариқ, мушоҳидаи муфаттиш асосан хусусияти фаҳмондадиҳӣ дорад. Маҳз ҳамин чиз ворид шудан ба моҳияти падидаи мушоҳидашудаи шинохти тамоми хосиятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳими онро таъмин менамояд. Чунин мушоҳидаро фаҳмо номидан мумкин аст, ки ин сифат барои муфаттиш хеле муҳим аст[5,с-84].

Мушоҳидаи равонӣ шарти зарурии пешгуйии рафтори инсон ва идора кардани он бо мақсадҳо барои муфаттиш зарур аст. Махсусан, дар истеҳсоли он амалиёти тафтишотӣ аҳамияти калон дорад, ки дар он одамон манбаи далелҳо мебошанд ва интихоби усулҳои оптималии тактикӣ комилан ба хислатҳои равонии онҳо вобаста аст. Барои муфаттиш ҳангоми анҷом додани фаъолияти дигар барои муносибати дуруст бо иштирокчиёни парвандаи тафтишшаванда мушоҳидаи равонӣ зарур аст. Масалан, қобилияти ташхиси ҳолати руҳӣ, мо ҷустуҷӯ мекунем, пайдо кардани ашёи пинҳоншударо осон мекунад. Боз як ҷиҳати мушоҳидаи психологиро ба назар гирифтан лозим аст, ки ин барои муфаттиш хеле муҳим аст. Ба шумо лозим аст, ки худро мушоҳида карда тавонед, назоратро дар идоракунии рафтори худ ва сари вақт ислоҳ кардани хатогиҳо таъмин кунед [3,с-47].

Мушоҳида неъмати табиӣ нест, онро амалияи ҳаётӣ ташаккул медиҳад, дар фаъолияти касбӣ такмил меёбад ва ба таълими ҳаррӯза ниёз дорад [6,с-73].

Ҳангоми таҳлили сатҳҳои гуногуни фаъолияти тафтишотӣ, ки сохтори онро ташкил медиҳанд, ҷиҳати коммуникативӣ қайд карда мешавад. Омӯзиши сохтори он дарк намудани қонуниятҳои равонии муошират дар шароити махсуси танзими мурофиавии ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии кори муфаттиш дар ин сатҳ таҳия карда шаванд. Ҷанбаи коммуникативӣ дар фаъолияти муфаттиш яке аз бартариҳост, зеро ӯ, шояд пеш аз ҳама, бояд қобилиятҳои фавқулодаи ҳамсуҳбатеро дошта бошад, ки суҳбатро дар шароити махсусан вазнин анҷом медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Аврамцев В.В., Васко Е.В. Судебно-психологическая экспертиза физиологического аффекта: практическое пособие. - Н. Новгород: Нижегородский юридический институт МВД РФ, 1998. - 175 с.
2. Айтбаев А. С. Теоретико-прикладные проблемы использования специальных психологических знаний как элемент частной методики расследования отдельных видов преступлений: диссертация канд. юрид. наук. - Караганда, 2010. - 122 с.
3. Айтбаев А. С. Теоретико-прикладные проблемы использования специальных психологических знаний как элемент частной методики расследования отдельных видов преступлений: диссертация канд. юрид. наук. - Караганда, 2010. - 122 с.

4. Алексеева Л.В. Судебно-психологическая экспертиза эмоциональных состояний: Дис. ... канд.психол.наук. — М., 1996. — 279 с.
5. Аубакирова А.А. Фиксация доказательств в криминалистике и судопроизводстве: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. - Алматы, 1999. - 30 с.
6. Еникеев М.И. Юридическая психология / М.И.Еникеев - СПб: Питер, 2004. - 610 с.
7. Иванова Т.В. Теоретические и правовые основы судебно-психологической экспертизы несовершеннолетних обвиняемых: Дис. ... канд. юрид. наук. — Калининград, 2009. — 191 с.
8. Романов В.В. Актуальные проблемы судебно-психологической экспертизы в уголовном и гражданском процессе / В.В. Романов — М.: Моск. психолого-социальный ин-т; ИПК РК Генеральной прокуратуры РФ, Воронеж: Изд-во НПО «МОДЭК», 2001. — 48 с,
9. Ситковская О.Д., Конышева Л.П., Коченов М.М. Новые направления судебно-психологической экспертизы. Справочное пособие / О.Д. Ситковская— М.: ООО Изд-во «Юрлитинформ», 2000. — 160 с.
10. Справочная книга криминалиста / Под ред. д.ю.н., проф. Н.А.Селиванова / М.: Изд-во НОРМА, 2001. — 727 с.
11. Холопова Е.Н. Судебно-психологическая экспертиза в уголовном судопроизводстве: Дис. ... д-ра юрид. наук. — М., 2006. — 640 с.

**ШАХСИЯТИ МУФАТТИШ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТӢ-РАВОНИИ Ӯ**

Дар мақоллаи мазкур этикаи фарҳангӣ-психологии муфаттиш ҳангоми ба амал баровардани амалҳои тафтишӣ вобаста ба тафтиши ҷиноят, истифодаи донишҳои махсус дар мавриди тафтиши ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ, рафтори ӯ бо дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ҳолатҳое, ки боиси боло бардоштани малакаи муфаттиш мегарданд, этикаи касбии муфаттиш ва омилҳои баландбардории он, муносибати дигар субъектони таъқиби ҷиноятӣ ба монанди таҳқиқбаранда, прокурор, судя ва адвокатҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Инчунин, мақоллаи мазкур тартиби ба амал баровардани тафтиши ҷиноятро аз ҷониби муфаттиш, ақидаҳои олимон вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, психологӣ ва донишии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар баробари муфаттиш мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор додааст. Бояд инро ба назар гирифт, ки ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ нисбати дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бояд маърифати ҳуқуқӣ ва психологии муфаттиш баланд бошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** муфаттиш, хусусиятҳо, маърифати муфаттиш, амалҳои тафтишӣ, адвокат, фаъолияти корӣ, парвандаи ҷиноятӣ, тафтиш, судя, ҳолати руҳӣ, таҳлили равонӣ, вазъи равонӣ, мубориза бо ҷиноятқорӣ, муносибатҳо, муносибати муфаттиш, ҷиноятқорӣ.

**ЛИЧНОСТЬ СЛЕДОВАТЕЛЯ И ЕЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ АКТИВНОСТИ**

В этой статье рассматриваются культурно-психологическая этика, осматривая уголовное дело, использование особых знаний в случае объяснения следственного процесса, а также дел, которые вызывают навыки орошения, случаи, когда участники инфраструктуры являются другими лицами преступника. Преследование рассматриваются как исследования, прокуроры, такие как исследователь, прокурор, судьи, а также юристы, а также адвокаты. В этой статье также представила процедуру расследования преступлений следователями, психологическими и знаниями сотрудников правоохранительных органов, наряду с следователем.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** следователи, особенности, следственная культура, следственное действие, адвокат, деяние, уголовное дело, расследование, судья, психическое состояние, психические анализ, психологические ситация, преступное противодействия, отношения, отношение следователь.

**THE IDENTITY OF THE INVESTIGATOR AND ITS ENLIGHTENMENT OF ACTIVITY**

In this article, cultural-psychological ethics, while inspecting a criminal proceeding, the use of special knowledge in the during an explanation of an investigative trial, and the cases that cause irrigation skills, the cases where the infrastructure participants areother persons of criminal prosecution are treated as research, prosecutors, such as researcher, judges as well as lawyers as well as lawyers. Pursuit is considered as research, prosecutors, such as researcher, prosecutor, judges, as well as lawyers, as well as lawyers. This article also introduced the procedure for investigating crimes by investigators, psychological and knowledge of law enforcement officers, along with the investigator.**KEYWORDS:** investigators, features, investigative culture, investigative effect, lawyer, act, criminal case, investigation, judge, mental state, mental analysis, psychological situations, criminal counteraction, relationships, attitude investigator, crime.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Салимова Фарангис Файзуллоевна*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ. Телефон: **919031198.**

**Сведение об авторе:** ***Салимова Фарангис Файзуллоевна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности. Телефон: **919031198.**

**Information about the author*: Salimova Farangis Faizulloevna*** - Tajik National University, second-year master`s student of the Department of Criminalistics and Forensic Expertise. Phone: **919031198.**

# СИРРИ АДВОКАТӢ – УНСУРИ АСОСИИ АСОСҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ОН

*Рустамзода Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ арзиши олӣ эътироф гардидаанд ва давлат ҳуқуқу озодиҳои шахсро эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Адвокатура яке аз падидаҳои муҳими илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо, ҳамчунин таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ нақши назаррас дорад.

Мувофиқи моддаи 19-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” аз 18 марти соли 2015 шаҳрванд аз лаҳзаи дастгир намудан метавонад аз ёрии адвокат истифода намояд. Бо мақсади ҳифзи пурра ва ҳаматарафаи ҳуқуқу озодиҳои худ шахс ба адвокат муроҷиат менамояд. Дар ин маврид ба адвокат шахс қисмате аз маълумотҳои ба ҳаёти хусусии худ алоқамандро ошкор менамояд. Бо мақсади таъмини ҳуқуқи шахс ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ маълумотҳои ба адвокат ошкоршуда тавассути институти “сирри адвокатӣ” танзим ва ҳифз карда мешавад.

Фаъолияти адвокатӣ - фаъолияти бо қонун ба танзимдаровардашуда буда, баҳри расонидани ёрии ҳуқуқии тахассусӣ, бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиати шахсон, ҳамчунин таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ равона карда шудааст.

Шахси ба адвокат муроҷиатнамуда бояд боварии комил дошта бошад, ки маълумотҳои вобаста ба ёрии ҳуқуқӣ ошкорнамударо адвокат пурра ҳифз намуда, махфияти онро таъмин менамояд. Дар акси ҳол, принсипҳои мурофииавии ба амал баровардани адолати судӣ, ба монанди, эҳтимолияти бегуноҳӣ, баробарии тарафҳо, мубоҳисаи тарафҳо вайрон мешавад. Институти сири адвокатӣ таърихи қадима дорад. Ин институт ҳанӯз дар Рими қадим маълум буд, ҳуқуқшиносоне, ки дар мурофиа ҳамчун адвокат иштирок менамуданд, ба сифати шоҳид пурсида намешуданд.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба мафҳуми “сирри адвокатӣ” ақида пешниҳод карда мешавад, ки ин мафҳум пурра моҳияти ин институтро таъмин карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки бар ивази ин мафҳуми “сирри адвокатӣ” мафҳуми “сирри ҳимояи судӣ” истифода бурда шавад. Ақидаи худро бо он устувор мекунанд, ки ҳифзкунандаи ин маълумот на танҳо адвокат, балки ҳимоячӣ низ шуда метавонад. Ба сифати ҳимоятгар адвокатҳо ё шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барои пешбурди фаъолияти адвокатӣ иҷозатнома дорад, роҳ дода мешаванд. Бо таъиноти суд, қарори судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда хешовандони наздик ва намояндагони қонунии дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ба сифати ҳимоятгар ба пешбурди парванда роҳ дода мешаванд. Инро ба назар гирифта, баъзе олимон мафҳуми “сирри намояндаи судӣ”-ро пешниҳод намуда, андеша доранд, ки мафҳумҳои “сирри ҳимоячии судӣ” ва мафҳуми “сирри судии намоянда” мафҳумҳои гуногунмаъно мебошанд. Вале ба мафҳуми пешниҳодшуда пурра розӣ шудан имконнопазир аст, чунки ин мафҳуми ҳимояи ғайрисудиии ҳуқуқи инсонро, ки ҳангоми муроҷиат бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои муштарӣ дар дигар мақомотҳои давлатӣ ба вуҷуд меоянд, дар бар намегирад. Субъекти сирри адвокатӣ танҳо адвокат мебошад, ки мутобиқи Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ҳуқуқ надорад “маълумоти ба ӯ додаи ваколатдиҳандаро, ки бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ифшо намояд”. Дар умум субъекти сирри адвокатӣ ин адвокат, ёрдамчии адвокат, коромӯз-адвокат ба ҳисоб мераванд.

Адвокат ҳуқуқ надорад маълумоти ба ӯ додаи ваколатдиҳандаро, ки бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд аст, бе розигии ин шахс ифшо намояд.

Сирри адвокатиро ҳолати муроҷиат ба адвокат, маълумот оид ба мазмуни гуфтугузори шифоҳӣ ва хаттӣ бо шахсе, ки барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат кардааст ва дигар шахсон оид ба хусусият ва натиҷаи амалҳое, ки ба манфиати шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиатнамуда содир мешаванд, инчунин дигар маълумоти бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд, ташкил медиҳанд. Адвокат, ёрдамчии ӯ ва коромӯз - адвокат ҳуқуқ надоранд

ҳама гуна маълумотро, ки сирри адвокатӣ мебошад, ифшо намоянд, инчунин ба манфиати худ ё дигар шахсон истифода баранд. Адвокате, ки маълумоти ба сирри адвокатӣ мансуббударо бе розигии шахси барои ёрии ҳуқуқӣ мурочиатнамуда ифшо менамояд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Пешниҳоди маълумот ва иттилоот ба мақоми ваколатдори мукoвимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ифшои сирри адвокатӣ ҳисобида намешавад.

Қонунгузорӣ муҳлати нигоҳдошти махфияти сирри адвокатиро муқарррар накардааст. Вале ин маънои онро надорад, ки баъди анҷоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ махфияти маълумоти ба адвокат ошкоршуда ба итмом мерасанд. Адвокат сирри адвокатиро бояд дар тамоми муҳлати адои вазифа ва баъди иҷрои вазифа низ махфияти маълумотҳоеро, ки дар раванди расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ба ӯ маълум гардидааст, таъмин намояд. Қонунгузории ҶТ танҳо як ҳолати ошкор намудани сирри адвокатиро (пешниҳоди маълумот ва иттилоот ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм) муқаррар намудааст. Дар адбиётҳои илмӣ бошад, як ҳолати дигарро низ пешниҳод менамоянд, ки маълумотҳое, ки вобаста ба содир намудани ҷинояти тайёршудаистода ё амалишаванда дар рафти расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба адвокат ошкор мешавад, бояд фавран ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати бартараф кардани он маълумот пешниҳод намояд. Дар ҶТ ин ҳуқуқ мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз 3 декабри соли 2009 ба муфаттиш дода шудааст. Муфаттиш ҳангоми пешбурди парванда ҳолатҳоеро, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, муқаррар намуда, ҳуқуқ дорад ба ташкилот, муассисаи дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ё шахси мансабдори дахлдор дар бораи андешидани чораҳо барои рафъи ин ҳолатҳо ё дигар қонуншиканиҳо пешниҳод равон кунад. Пешниҳод бояд дар муддати як моҳ баррасӣ шуда, аз натиҷаи чораҳои андешидашуда ҳатман ба мақомоти пешниҳод ирсолнамуда хабар дода шавад (моддаи 178 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ). Табиист, ки гумонбаршуда ва (ё) айбдоршаванда бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ва ёрии босифати ҳуқуқӣ расонидан аз ҷониби адвокат бештари ҳолатҳои воқеиро ба адвокат ошкор менамояд, ки дар бисёр мавридҳои мумкин бо тарси вазнин шудани гуноҳи худ онҳоро ба муфаттиш ошкор намекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, пешниҳод менамоем, бо мақсади пешгирии саривақтии ҷиноятҳои нави тайёршудаистода ё амалишаванда, тибқи қонун ба адвокатҳо низ ҳуқуқ дода шавад, ки дар сурати ошкор намудани чунин маълумот ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҳуқуқи пешниҳод оид ба рафъи ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонуншиканиҳо мусоидаткунанда дода шавад. Ин маълумоти ошкорнамудаи адвокат ҳамчун вайрон накардани сирри адвокатӣ эътироф карда шавад.

Аз муқаррароти Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” аз 18 марти соли 2015 бармеояд, ки маълумотҳои зерин сирри адвокатиро ташкил медиҳанд:

–ҳолати мурочиат ба адвокат;

–маълумот оид ба мазмуни гуфтугузори шифоҳӣ ва хаттӣ бо шахсе, ки барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат кардааст ва дигар шахсон оид ба хусусият ва натиҷаи амалҳое, ки ба манфиати шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиатнамуда содир мешаванд;

–дигар маълумоти бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд.

Мазмуни сири адвокатӣ аз ҷониби олимон ба таври гуногун маънидод карда мешавад. Масалан, ба андешаи А. Л. Сипкин мазмуни сирри адвокатиро он асосҳо (фактҳо)-е ташкил медиҳанд, ки вобаста ба фаъолияти адвокатии ӯ оиди парвандаи мушаххас маълум гардидааст. Ин маълумотҳо мумкин аст дар раванди ҳимоя дар мурофиа, додани машварати ҳуқуқӣ, таҳияи ариза ва монанди инҳо ба адвокат маълум гарданд. Баъзе аз муҳақиққиқон сири адвокатиро рад менамоянд. Масалан, Т. Круглов андешае пешниҳод менамояд, ки мувофиқи он “адвокате, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбии худ ин ё он маълумотеро оид ба муштарӣ аз суд пинҳон мекунад, дар ин маврид он ба мурофиаи судӣ оиди пешбурди объективии парванда ёрӣ намерасонад. Ин на танҳо ноадолатона иҷро намудани вазифаҳои касбӣ, балки дар назди давлат ҷиноят аст”. Албатта ин ақида нодуруст мебошад, чунки агар дар ҳар як парванда ин ё он маълумоти ба парванда аҳамиятнокро ба

прокурор ё муфаттиш ошкор намоянд, аввалан ин ки ба адвокат ҳеҷ кас барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат намекунад ва дуюм, принсипи ба таври мубоҳисавӣ гузаронидани мурофиаи судӣ вайрон карда мешавад. Аз ин лиҳоз, шахсе, ки ба адвокат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат менамояд, бояд боварӣ дошта бошад, ки адвокат ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯро ҳифз намуда, ҷиҳати баҳои объективӣ додан ба кирдори содиркардаи худ, сабук кардани ҳолати он кӯмак менамояд. Шаҳрванд ба адвокат муроҷиат намуда, аз ӯ ёрии ҳуқуқиро интизор аст, ба адвокат мушкилотҳои худро ошкор менамояд, ақидаи худро баён мекунад. Бинобар ҳамин, кафолати қатъии сири касбӣ аз ҷониби адвокат воситаи асосии боварии муштарӣ ба ӯ гардида, боварӣ дар навбати худ имконияти ба таври дилхоҳ ба даст овардани манфиати ҳуқуқии муштариро фароҳам меоварад.

Дар қонун доираи маҳдуди маълумотҳое, ки ба доираи сирри адвокатӣ шомил мебошанд, пешбинӣ карда шудааст. Дар Кодекси одоби касбии адвокат, ки бо қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 18-19 сентябри соли 2015 қабул гардидааст, доираи васеи маълумотҳое, ки онҳо сири адвокатӣ ҳисобида мешаванд, муқаррар шудааст. Қоидаи нигоҳ доштани сирри касбӣ паҳн мешавад ба: далели муроҷиат ба адвокат, ҳамчунин ном, номгуи ваколатдиҳанда; ҳамаи далелҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби адвокат дар рафти тайёрӣ ба парванда ҷамъ оварда; маълумоте, ки адвокат аз ваколатдиҳанда ба даст овардааст; маълумот нисбат ба ваколатдиҳанда, ки ба адвокат дар ҷараёни расонидани ёрии ҳуқуқӣ маълум гардидааст; муҳтавои маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, ки бевосита ба ваколатдиҳанда ва ё шахси таъиннамудаи ӯ пешниҳод шудааст; тамоми истеҳсолоти адвокатӣ бо парванда; шартҳои созишнома доир ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин ҳисоббаробаркунии пулӣ миёни адвокат ва ваколатдиҳанда; дилхоҳ маълумоте, ки ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокат алоқаманд аст. Ҳимоятгар барои фош кардани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ бе иҷозати мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 361 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ба шарте ки ӯ дар ин бора аз тарафи мақомоти пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ ё суд, судя мутобиқи моддаи 177 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ огоҳ карда шуда бошад (моддаи 53 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ).

Сирри адвокатиро ҳолати муроҷиат ба адвокат, маълумот оид ба мазмуни гуфтугузори шифоҳӣ ва хаттӣ бо шахсе, ки барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат кардааст ва дигар шахсон оид ба хусусият ва натиҷаи амалҳое, ки ба манфиати шахси барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиатнамуда содир мешаванд, инчунин дигар маълумоти бо расонидани ёрии ҳуқуқӣ алоқаманд, ташкил медиҳанд. Адвокат дар ягон маврид наметавонад, маълумотҳое, ки сирри адвокатиро ташкил менамоянд, ошкор намояд, дар акси ҳол мувофиқи м.361 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ (фош кардани маълумоти таҳқиқ ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Қонунгузорӣ танҳо ҷавобгарии ҷиноятиро барои ошкор намудани сирри тиббӣ дар марҳилаи таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ муқаррар намудааст, аммо ба предмети сирри адвокатӣ на танҳо маълумотҳое, ки дар раванди пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчунин маълумотҳое, ки зимни пешбурди парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва додани машваратҳои ҳуқуқӣ ба ӯ маълумгардида низ ташкил медиҳанд. Барои ошкор намудани ин маълумотҳо дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нагардидааст.

Ҳамин тавр, сирри адвокатӣ яке аз кафолатҳои муҳими таъмини ёрии ҳуқуқии адолатнок ва самаранок ҳисобида мешавад. Мустақилияти касбии адвокат шарти зарурии боварӣ нисбат ба ӯ мебошад. Боварӣ асоси фаъолияти муътадилии адвокат ва таъмини ҳаматарафаи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии адвокат мебошад. Мазмуни сирри адвокатиро маълумотҳоеро, қонун ва Кодекси одоби касбии адвокатҳо ҳамчун санади корпоративӣ пешбинӣ намудааст, ташкил медиҳанд. Сирри адвокатӣ ба муҳлат маҳдуд карда намешавад. Новобаста аз он, ки қонун танҳо як ҳолати имконпазирии ифшои сири адвокатиро ба адвокат додааст, аммо дар умум дар ҳолатҳои зерин сири адовкатӣ мумкин аст ошкор карда шавад:

а) Бе розигии ваколатдиҳанда адвокат ҳуқуқ дорад маълумоти аз ҷониби ӯ расидаро дар ҳаҷме, ки адвокат оқилона зарур мешуморад барои асосноккунии мавқеи худ зимни баррасии парвандаи гражданӣ ё ин ки барои ҳимояи худ дар сурати ба муқобили ӯ оғоз шудани истеҳсолоти интизомӣ ва ё парвандаи ҷиноятӣ истифода барад;

б) пешниҳоди маълумот ва иттилоот ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;

в) пешниҳоди маълумот оид ба ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини содиршаванда ё тайёршаванда, ки дар раванди фаъолияти касбии адвокат ба ӯ маълум гардидааст.

Албатта, ин асос дар адабиёти илмӣ пешниҳод карда мешавад ва дар қонунгузории миллӣ мустаҳкам карда нашудааст. Тарафдорони ин пешнҳод ақидаи худро бо он устувор мегардонанд, ки адвокат низ мисли шаҳрвандони оддӣ уҳдадор аст оиди ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин содиршаванда ё тайёршаванда ба мақомоти дахлдор хабар диҳад. Ин ақида аз як нуқтаи назар дуруст мебошад, чунки мувофиқи эзоҳи моддаи 347-и КҶ ҶТ ҳамчун субъекти озод аз ин уҳдадорӣ пешбинӣ нашудааст. Яъне, ин маънои онро дорад, ки адвокат низ дар баробари дигар шаҳрвандон субъекти ҷинояти моддаи мазкур ба ҳисоб меравад. Аммо аз тарафи дигар, аз ҷониби адвокат ошкор намудани маълумот оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аниқ маълуми тайёршудаистода ва содиршуда дар Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ҳамчун ҳолати истисноии ошкор намудани сирри адвокатӣ пешбинӣ нагардидааст. Бо ҳамин дарназардошт, мақсаднок аст, ки ба қисми чоруми моддаи 11-и Қонуни мазкур ҳамчун асоси дигари истисноии ошкор намудани сирри адвокатӣ илова ворид карда шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад: “Пешниҳоди маълумот ва иттилоот ба мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини аниқ маълуми тайёршудаистода ва содиршуда, ҳамчунин хабар надодан дар бораи шахси аниқ маълуми содирнамудаи ин ҷиноят ё бошишгоҳи ӯ ифшои сирри адвокатӣ ҳисобида намешавад”.

Дар қонунгузории ҶТ муқаррарот оид ба масъалаи ҷавобгарӣ барои ифшои сири адвокатӣ ҷой надорад, ба истиснои ошкор намудани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ аз тарафи адвокат. Новобаста аз он ки дар қонунгузории ҷиноятӣ барои дигар намудҳои сирри касбӣ, ба монанди сиррри тиббӣ (моддаи 145), сири тиҷоратӣ ва бонкӣ (моддаи 278-и КҶ ҶТ), сиррри фарзандхондӣ (моддаи 173) ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, аммо барои ифшои сирри адвокатӣ бошад, ҷавобгарии мушаххас ва алоҳида муқаррар нагардидааст. Танҳо дар моддаи 53-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ ҷавобгарии адвокат барои фош кардани маълумоти таҳқиқ ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ муқаррарот пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи он “ҳимоятгар барои фош кардани маълумоти таҳқиқи ибтидоӣ ё тафтиши пешакӣ бе иҷозати мақомоти пешбарандаи мурофиаи судии ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 361 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ба шарте ки ӯ дар ин бора аз тарафи мақомоти пешбарандаи таъқиби ҷиноятӣ ё суд, судя мутобиқи моддаи 177 Кодекси мазкур огоҳ карда шуда бошад”. Албатта, дар ин модда ҷавобгарӣ на барои ифшои сирри адовкатӣ, балки барои дигар маълумоте, ки ҳамчун ҳимоятгари дастгиршуда, гумонбаршуда ва айбдоршаванда дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ӯ маълум гардидааст, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад аст, ки дар қонуни ҷиноятӣ моддаи алоҳида оид ба ҷавобгарии адвокат барои ифшои сирри адвокатӣ мустаҳкам карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе, 2016. С.64
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №12, мод; Қонун ҶТ аз 25.03.11 с. № 692
3. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1, қ-1, мод. 6. мод.7; соли 2010, №1, мод.
4. Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ”. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1391
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи адвокатура”. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995, №21, мод. 249; соли 2001, № 7, мод. 487; соли 2006, №3, мод. 144
6. Кодекси одоби касбии адвокат. Бо қарори Анҷумани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-19 сентябри соли 2015 тасдиқ шудааст;

7. Петрухин И.Л. Вам нужен адвокат... / И.Л. Петрухин. - М. 1993, – 132 с.
8. Цыпкин А. Л. Адвокатская тайна / А.Л. Цыпкин. - Саратов: СГУ, 1947. – 40 с.
9. Искандаров З.Ҳ. Адвокатураи судӣ. Васоити таълимӣ ва нишондоди услубӣ оид ба омӯзиши фанни адвокатураи судӣ дар ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ ва тафтишотии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе: "Эр-граф", 2016 – 112 с.

**СИРРИ АДВОКАТӢ – УНСУРИ АСОСИИ АСОСҲОИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ОН**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мафҳум, мазмун ва аҳамияти сиррри адвокатӣ дар фаъолияти адвокатӣ, субъект ва ҳолати танзими ҳуқуқии он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф адабиёти илмӣ ва қонунгузориро мавриди таҳлил қарор дода, оид ба паҳлуҳои алоҳидаи ин падидаи ҳуқуқӣ андешаҳои худро иброз намудааст. Ҳамчунин, бо дарназардошти пажӯҳиши падидаи мазкур муаллиф ҷиҳатҳои проблемавии онро муайян карда, андешаҳои худро бобати такмили қонунгузорӣ вобаста ба сиррри адвокатӣ пешниҳод намудааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** адвокат, , ёрдамчии адвокат, қонунгузорӣ, сирри адвокатӣ, сирри намояндаи судӣ, сиррри ҳимоячии судӣ, субъекти сиррри адвокатӣ, мазмуни сиррри адвокатӣ, ҷавобгарӣ.

**АДВОКАТСКАЯ ТАЙНА – КЛЮЧЕВОЙ ЭЛЕМЕНТ ОСНОВ АДВОКАТУРЫ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ**

В данной статье исследуются понятие, содержание и значение адвокатской тайны в деятельности адвоката, предмет и состояние ее правового регулирования. Автор анализирует научную литературу и законодательство, высказывает свое мнение по отдельным аспектам этого правового явления. Также с учетом изучения данного явления автор выявил его проблемные стороны и представил свои взгляды на совершенствование законодательства об адвокатской деятельности.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** адвокат, помощник адвоката, законодательство, адвокатская тайна, класс судебного представителя, судебная адвокатская тайна, предмет адвокатской тайны, содержание адвокатской тайны, ответственность.

**ATTORNEY SECRECY IS A KEY ELEMENT OF THE FOUNDATIONS OF THE BAR: THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES**

This article examines the concept, content and significance of advocate secrets in the activities of an advocate, the subject and state of its legal regulation. The author analyzes scientific literature and legislation, expresses his opinion on certain aspects of this legal phenomenon. Also, taking into account the study of this phenomenon, the author identified its problematic sides and presented his views on improving the legislation on advocacy.

**KEYWORDS:** advocate, advocate's assistant, legislation, advocate secrets, class of a legal representative, judicial advocate secrets, the subject of advocate secrets, the content of advocate secrets, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Рустамзода Шукрона*** **–** ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **(+992) 900757570.** E-mail**: rustamzodashukrona@gmail.com**

**Сведение об авторе**: ***Рустамзода Шукрона*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **(+992) 900757570.** E-mail**: rustamzodashukrona@gmail.com**

**Information about the author**: ***Rustamzoda Shukrona*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **(+992) 900757570**. E-mail: **rustamzodashukrona@gmail.com**

# ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТҲО ДАР САМТИ МУОМИЛОТ БО ЗАМИН

***Ҳукматуллоев М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳодисаҳои даҳаи охири асри гузашта ва ивазшавии сохтори иҷтимоӣ – иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҷмуи ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ боиси мубрам гардидани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин шуданд. Моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табииро моликияти истисноии давлат эълон намуда, истифодаи самараноки он ба манфиати халқро давлат кафолат медиҳад (1, мод. 13). Бо мақсади танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ, ҳифз ва дуруст истифода намудани замин Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (13 декабри соли 1996) ва дигар санадҳои

меъёрӣ – ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аммо новобаста аз он ки муносибатҳои заминистифодабарӣ дар кишвар мустақиман хусусияти бозоргонӣ гирифта, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро объекти махсуси ҳуқуқи гражданӣ эътироф намудааст (2, мод. 2.2), солҳои охир дар Тоҷикистон раванди афзоиши ҷиноятҳо дар ин соҳа, аз ҷумла қаллобӣ, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, бақайдгирии ғайриқонунии аҳдҳо бо замин, баистифодадиҳии ғайриқонунии қитъаи замин, қалбакисозии ҳуҷҷатҳо ва гирифтани пора ба назар мерасад. Ҳамин тавр, дар аксари ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои амсоли қаллобӣ, бақайдгирии ғайриқонунии аҳдҳо бо замин, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ бо пешниҳоди ғайриқонунии қитъаи замин, гирифтани пора аз ҷониби шахси ваколатдор барои додани ҳуқуқи заминистифодабарӣ, инчунин сохтакории ҳуҷҷатҳо ба қитъаи замин паҳн гардидаанд.

Ба ин ҳолат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд менамояд, ки дар даҳ соли охир миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар соҳаи заминистифодабарӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, ташкили механизмҳои амалии ҳимояи муносибатҳои заминистифодабарӣ аз дахолати ғайриқонуниро талаб менамояд. Мувофиқи маълумоти ҳисоботи ҷумҳуриявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори умумии ҷиноятҳои содиршуда дар соҳаи муносибатҳои заминистифодабарӣ ҳамасола 30% афзоиш меёбад. Ҳамин тариқ миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифташуда дар соҳаи заминистифодабарӣ дар соли 2017 621 адад, соли 2018 – 970 адад ва соли 2019 – 1172 ададро ташкил додааст. Кирдорҳои ғайриқонунии мазкур на танҳо ба иқтисоди давлат, балки ба шаҳрвандони оддӣ низ зарари ҷиддӣ расонида, ба манфиатҳои қонунии онҳо оиди ба даст овардани ҳуқуқи заминистифодабарӣ халал эҷод менамоянд (4, саҳ 3-4). Афзоиши миқдори фактҳои бақайдгирифташудаи ҷинояткорӣ дар соҳаи муомилот бо замин ба талаботи зиёди аҳолӣ ба қитъаи замин асос ёфтааст, ки ин дар навбати худ боиси ҳавасмандгардонии субъектони кирдори ҷинояткорона ба амалисозии аҳдҳои зиддиҳуқуқӣ бо замин мегардад. Чӣ тавре ки таҳлили амалияи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон оиди ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои заминистифодабарӣ на ҳама вақт ба талабот ҷавобгӯ аст. Вобаста ба ин, дар айни замон зарурати баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои замин ба миён меояд, ки шарти зарурии он ташаккули методологияи хусусии криминалистии тафтиши онҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки нақши калидиро дар таъмини бомуваффақияти тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муносибатҳои замин маҳорати муфаттиш ҳангоми ҷамъоварӣ ва муттаҳид намудани далелҳо, таҳлили аломатҳои мавҷудаи ҷиноятӣ – ҳуқуқии кирдор ва қобилияти ҷобаҷогузории маълумоти дастраси аз ҷиҳати криминалистикӣ муҳим бо тавсифбандиҳои намуди ҷиноятҳои дахлдор мебозад, ки илми криминалистика муқаррар намудааст. Ҳар як ҷиноят инъикоскунандаи ҳодисаи воқеӣ буда, бо маҷмуи нишонаҳо ва хусусиятҳои танҳо ба он хос тавсифбандӣ мешавад, ки ҳангоми ташкили методикаи ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳо муҳим мебошанд. Муайян намудани аломатҳои такроршавандаи хоси ин намуди ҷиноятҳо дар мафҳуми “Тавсифи криминалистии ҷиноят” ифода меёбад. Бар хилофи тавсифбандиҳои ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ ва криминологӣ, ки барои муайян намудани динамикаи намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо, дараҷаи паҳншавӣ ва хавфнокии кирдори муайян ба ҷамъият хизмат мекунанд, тавсифбандии криминалистикӣ самаранокии тафтиши кирдори ҷинояткоронаро таъмин менамояд. Назарияи тавсифи криминалистии ҷиноятҳоро дар нимаи аввали асри 20 П.И. Люблинский, А.Н. Колесниченко ва Л.А. Сергеев пешниҳод намудаанд. Аз он замон то ҳамин лаҳза тавсифи криминалистии ҷиноятҳо ҳамчун заминаи иттилоотӣ барои ташкили усулҳои хусусии тафтишот баромад намуда, мавҷудияти худро асоснок намудааст. Амалан дар тамоми асарҳои илмии муосир, ки ба проблемаҳои ошкор ва тафтиши ин ё он намудҳои ҷиноят бахшида шудаанд, пеш аз пешниҳоди тавсияҳои методикӣ тавсифи криминалистии ҷинояти дахлдор зикр мегардад.

Тавсифи криминалистии ҷиноят дар самти муомилот бо замин – ин низоми маълумоти объективӣ ва ба ҳам алоқаманди дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва таҳлили таҷрибаи муосири тафтишотӣ ба даст омада оиди ҷиноятҳое мебошад, ки предмети онро муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба замин ташкил дода, барои ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо дар

соҳаи мазкур муосидат мекунанд. Тавсифи криминалистии ҷиноят дар самти муомилоти замин аз унсурҳое иборат аст, ки дар якҷоягӣ низоми аломатҳои криминалистии хоси ҷиноятҳои ин соҳаро ташкил медиҳанд. Барои таҳияи методологияи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин на танҳо унсурҳои сохторӣ, балки алоқаи байни онҳо низ бояд муайян карда шавад. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар самти муомилоти замин инъикоскунандаи сохтори намудии ҷиноятҳои дахлдор ва модели умумии онҳо мебошад. Таҳлили ақидаи мутахассисони соҳа имкон медиҳад, ки унсурҳои зерини тавсифи криминалистӣ дар соҳаи замин ҷудо карда шаванд (7, саҳ 1):

1. **Хусусиятҳои объекти (предмети) кирдори ҷиноятkорона.**
2. **Шароите, ки дар он ҷиноят содир мешавад (пеш аз ҳама ҷой ва макони содиршавии ҷиноят).**
3. **Хусусиятҳои шахси ҷиноятkор.**
4. **Хусусиятҳои шахси ҷабрдида.**
5. **Усулҳои маъмулии содиршавии ҷиноят (пайванди марказии тавсифи криминалистии ҷиноятҳо).**
6. **Пайи (осори) маъмулии ҷиноят ва ҷойҳое, ки эҳтимолан онҳо ёфт мешаванд.**
7. **Ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд.**

Чуноне ки дида мешавад, яке аз унсурҳои асосӣ ин **объекти (предмет) кирдори ҷиноятӣ** мебошад. Он ҳамчун ҳадафи (натиҷаи ҷинояти пешбинишаванда) фаъолияти ҷиноятӣ шахсро ба содир намудани кирдори ҷиноятӣ ташвиқ намуда, ба содир намудани он ҳавасманд мегардонад. Дар навбати худ интихоби объекти (предмети) таҷовузи ҷиноятӣ бо хусусиятҳои шахси мушаххас вобаста мебошад (ҳолати психикӣ, хусусиятҳои психикӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, манфиатҳо, шавқу ҳавас, мақом). Объекти (предмети) таҷовузи ҷиноятӣ ҳамчун воситаи амалисозии қасди худ ва ноил шудан ба ҳадафи ҷиноятӣ, интихоби усули содир намудани кирдори ғайриқонуниро муайян менамояд. Ҳамин тариқ, объекти (предмети) таҷовузи ҷиноятӣ барои тадқиқоти криминалистӣ ҷолиб аст, зеро:

- Аввалан, он бо шахси содиркардаи ҷиноят алоқаманд аст (ҳамчун қоида он мақсади фаъолияти ҷиноятӣ буда, ангезаи мушаххаси кирдорро муайян мекунад).
- Дуввум, усул (маҷмуи тарзу воситаҳо) ва шароитеро (пеш аз ҳама вақт ва макон), ки дар он ҷиноят содир мешавад, муайян менамояд.
- Сеюм, он дарбаргирандаи осори татбиқи механизми ҷиноятkорӣ (агар объект шахс бошад, пас вай инчунин барандаи изи идеалӣ низ ҳаст) мебошад.
- Чорум, агар вай инсон бошад, дар шароити ҷиноятӣ тағйироти муайяне ба амал оварда, дар он осоре мегузорад.

**Шароите, ки дар он ҷиноят содир мешавад** дар сохтори ҳар амали ҷиноятӣ ҳамчун пайванди ҳатмӣ хизмат мекунад, зеро берун аз муҳити моддӣ, ки қисми муҳимтарини механизми ҷиноятkорӣ мебошад, умуман содир намудани он имконнопазир аст. Ҳангоми баррасии шароите, ки дар он ҷиноят содир мешавад ҳамчун унсури тавсифи криминалистии ҷиноятҳо бояд мафҳуми он ҳамчун категорияи мустақили криминалистиро ба инобат гирифт.

**Хусусиятҳои шахси ҷиноятkор.** Субъекти ҷиноят дар ҷиноятҳои соҳаи замин амсоли худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он (мод. 338 КҶ ҶТ), ғайриқонунӣ додани қитъаи замин (мод. 338.1 КҶ ҶТ), сохтакорӣ тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат (мод. 340 КҶ ҶТ) одатан шахси мансабдоре мебошад, ки функсияи назоратӣ – идоравиро дар соҳаи заминсозӣ ва заминистифодабарӣ амалӣ менамояд ё бевосита ҳисоботи кадастриро пеш мебарад ё шахси мансабдори мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошад, ки ҳуқуқи истифодабарии қитъаҳои замин ё ҳуқуқи додани иҷозатномаи ҳуқуқи истифодабарии заминро дорад. Моҳияти **шахси ҷабрдида** одатан дар унсурҳои зерин инъикос мегардад: дар маълумоти демографӣ (синну сол, ҷинс ва диг.); дар дараҷа ва характери зарари ба он расонидашуда; усул ва шароити таҷовузи ҷиноятӣ, ки ҷиноятkор интихоб намудааст; хусусиятҳои психофизиологии шахси ҷабрдида, арзишҳои ҳаётӣ. Аҳамияти омӯзиши ҷабрдида дар он аст, ки дар ибтидои тафтиши ҷиноят ҷабрдида манбаи асосии маълумоти барои пешбурди тафтишот муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, аз ҷабрдида метавон маълумотҳои зеринро ба даст овард:

- Чӣ тавр, дар куҷо ва кай амалҳои ҷиноӣ содир шудаанд.
- Кӣ онро содир намудааст ё кӣ метавонад ба амалишавии ҷиноят алоқае дошта бошад.
- Оё шоҳидони воқеа вуҷуд доранд ё не.
- Шумораи ҷинояткорон ва нишонаҳои хоси онҳо.
- Чӣ тавр ва аз кадом тараф ҷинояткорон омаданд ва ба кадом тараф рафтанд.
- Кадом воситаҳо ва силоҳро онҳо истифода бурданд.

Одатан **усулҳои зерини содиршавии ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин**ро метавон ҷудо кард:

- ➢ Амалҳое, ки барои қонунигардонии ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодабарии замин (шартномаи иҷора, иҷозатнома, шаҳодатнома) равона шудаанд, гарчанде асосҳои кофӣ барои додани чунин ҳуҷҷатҳо вуҷуд надоранд.
- ➢ Таҳрифи маълумоти ҳисоботии кадастри давлатии замин бо мақсади ғайриқонунӣ додани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин.
- ➢ Сохтакории ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти баҳисобгирии кадастрӣ ва андоз пешниҳод мешаванд бо мақсади қасдан кам кардани андозаи пардохтҳо барои замин.
- ➢ Худсарона бе мавҷуд будани асосҳои қонунӣ ишғол намудани қитъаи замин.
- ➢ Сохтани сохтмон дар замине, ки таъиноташ барои сохтмони иншооти дахлдор пешбинӣ нашудааст.

**Пайи маъмулии ҷиноят ва ҷойҳое ки эҳтимолан онҳо ёфт мешаванд.** Пайи ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин, пеш аз ҳама дар ҳуҷҷатҳое ёфт мешаванд, ки мақомоти давлатии идоракунии соҳаи заминистифодабарӣ барои ворид намудан ба рӯйхати кадастрӣ пешниҳод менамоянд ё ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин аз ҷониби истифодабарандагони заминро муайян менамояд (шартнома, шаҳодатнома, иҷозатнома). Инчунин маълумот оиди ҷиноятро дар шартномаҳои хариду фурӯш, тӯҳфа, иваз, иҷора, гарав, васиятномаи мерос ва дигар аҳдҳое ёфтан мумкин аст, ки моддаи 2.2 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бастани онҳоро иҷозат додааст. Дар замони муосир одатан пайи ҷиноят метавонад дар ҳомили электронии маълумот ва хотираи оперативии МЭҲ боқӣ монад.

Муайян намудани **ҳолатҳое ки бояд исбот шаванд,** аз усули содиршавии ҷиноят вобаста мебошанд. Масалан, ҳангоми тафтиши худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он (мод. 338 КҶ ҶТ) бояд ҳолатҳои зерин муқаррар карда шаванд: мавҷудияти қитъаи замин дар реестри кадастрӣ; мавҷуд будан ё набудани асосҳои қонунӣ барои ишғоли замин ва сохтмони иншоот дар он; қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъекти ҷиноят; мувофиқ будани таъиноти қитъаи замин ё на ва дигар ҳолат. Ё ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои бо қасдан камтар нишон додани пардохти замин алоқаманд бояд чунин ҳолатҳо муқаррар карда шаванд: андозаи воқеии қитъаи замин; таъиноти ҳуқуқии заминистифодабарии қитъаи мазкур; дуруст ё нодуруст будани маълумоти дар рӯйхати кадастрӣ мавҷуд буда; мавҷудияти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқдиҳанда ва мӯҳлати истифодабарии қитъаи замин; муайян намудани андоза ва мӯҳлати андоз ва дигар пардохтҳое, ки тибқи қонунгузорӣ барои истифодаи қитъаи мазкур муқаррар гардидаанд; факти камтар нишон додани андозаи пардохтҳо ва андозаи маблағе ки пардохт нашудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 (нашри амалкунанда аз 22.05.2016).
2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 таҳти №327 (бо тағйиру иловаҳо аз 14.11.2016 сол).
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 таҳти №574 (бо тағйиру иловаҳо аз 2.01.2019 сол)
4. Давлатов Диловар Давлятович, Расследование преступлений в сфере земельных отношений (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис…. канд. юрид. Наук / Д.Д.Давлатов. - Москва, 2020.
5. Маисянц, Сергей Михайлов, Особенности расследований преступлений в сфере земельных правоотношений: дис…. канд. юрид. Наук / С.М.Маисянц. - Ростов – на – Дону, 2011.
6. Максимов Михаил Иванович, Совершенствование методики расследования преступлений корыстной направленности, связанных с нарушением земельного законодательства Российской Федерации: дис.... кандидат наук, - Ростов – на – Дону – 2019.

7. Сомонаи “Yurkom74”, элементы криминалистической характеристики преступлений, их содержание, 2017. https://jurkom74.ru/ucheba/elementi-kriminalisticheskoy-charakteristiki-prestupleniy-ich-soderzhanie

**ТАВСИФИ КРИМИНАЛИСТИИ ҶИНОЯТҲО ДАР САМТИ МУОМИЛОТ БО ЗАМИН**

Дар мақолаи мазкур мазмун, таркиб ва аҳамияти тавсифи криминалистӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи замин мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи замин маълумотҳо оиди мавҷудияти нишонаҳои қаллобӣ, бақайдгирии аҳдҳои ғайриқонунӣ бо замин, суиистифода намудан аз мақоми давлатӣ, ғайриқонунӣ додани замин, гирифтани пора аз ҷониби шахси ваколатдор барои додани ҳуқуқи заминистифодабарӣ, инчунин сохтакории ҳуҷҷатҳо барои қитъаи заминро дар бар мегирад, ки он асос барои тартиб додани методикаи ягонаи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи замин мебошад. Дар маҷмуъ аҳамияти амалии тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дар соҳаи замин дар ин аст, ки омӯзиши он имкон медиҳад: ҳолатҳои тафтишотие, ки дар ибтидои тафтишот ва минбаъд ба миён меоянд дуруст баҳо дода шаванд; самти тафтишот муайян карда шавад; тахминҳои тафтишотӣ пешниҳод карда шаванд; роҳҳои мусоиди санҷиши тахминҳои криминалистӣ муайян шаванд; амалҳои тактикии дуруст қабул карда шаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** тавсифи криминалистӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи муомилот бо замин, тафтиши ҷиноятҳо, унсурҳои тавсифи криминалистӣ, ислоҳоти соҳаи замин, ҳимояи муносибатҳои заминистифодабарӣ.

**КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ПРЕСТУПЛЕНИЙ В СФЕРЕ ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ**

В данной статье рассматриваются содержание, состав и значение криминалистической характеристики при расследовании земельных преступлений. Криминалистическая характеристика преступлений в сфере земельных отношений включает сведения о существенных признаках мошенничества, регистрации незаконных сделок с землей, злоупотребления должностными полномочиями, незаконном предоставлении земельного участка, получении взятки должностным лицом за оказанные услуги по приобретению права землепользования, а также подделке документов на земельные участки, которые являются основой для формирования типовой методики расследования. В целом практическое значение криминалистической характеристики преступлений в земельной сфере состоит в том, что ее изучение позволяет: правильно оценить обстоятельства расследования, возникающие в начале расследования и в дальнейшем; определить направление расследования; выдвинуть следственные версии; определить оптимальные пути проверки криминалистических версий; предпринять правильные тактические действия.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** криминалистическая характеристика, преступления в сфере земельных отношений, расследование преступлений, элементы криминалистической характеристики, земельная реформа, защита земельных отношений.

**CRIMINALISTIC CHARACTERISTICS OF CRIMES IN THE SPHERE OF LAND RELATIONS**

This article examines the content, composition and significance of forensic characteristics in the investigation of land crimes. Forensic characteristics of crimes in the field of land relations include information on the essential signs of fraud, registration of illegal transactions with land, abuse of office, illegal provision of land plot, receiving a bribe by an official for services rendered to acquire land use rights, as well as forgery of documents on land plots, which are the basis for the formation of a standard investigation technique. In general, the practical significance of the forensic characteristics of crimes in the land sphere is that its study allows: to correctly assess the circumstances of the investigation that arise at the beginning of the investigation and in the future; determine the direction of the investigation; put forward investigative versions; determine the best ways to check forensic versions; take correct tactical action.

**KEYWORDS:** criminalistics characteristic, land crimes, investigation of crimes, elements of criminalistics characteristic, land reform, protection of land relations.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳукматуллоев Муҳаммад Абдуҳалимович*** – магистри курси якуми кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Телефон: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Сведение об авторе:** ***Хукматуллоев Мухаммад Абдухалимович*** – магистр первого курса кафедры криминалистики и судебно – экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

**Information about the author: Hukmatulloev Muhammad Abduhalimovich –** first-year master`s student of Department of Criminalistics and Forensic Expert Activity of Faculty of Law of the Tajik National University. Phone: **919035686.** E – mail: **hikmatullozodamuhammad97@gmail.com**

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ

***Нусратова С.С., Иброҳимзода Д.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳи фарҳанг калимаи тоҷикӣ-форсӣ буда, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ақл ва адаб, дониш, илм ва маърифат баён гаштааст. Дар адабиёти алоҳида вожаи фарҳангро чунин маънидод менамоянд: Фарҳанг калимаи форсии тоҷикӣ буда, аз ду ҷузъ: пешванди «фар» ба маънои «пеш, боло ва бар» омада, «ҳанг» аз решаи авастоии «танг (thang)» ба маънои «кашидан» ва «вазн» таркиб ёфтааст». Дар муқоиса ба вожаи тоҷикии фарҳанг муҳаққиқ О.Ҳ. Хоҷамуродов маънои истилоҳи «култура»-ро бо маънии дигар баён намудааст, чунончи ӯ қайд мекунад, ки «худи истилоҳи аврупоии «culture (культура)» вожаи лотинӣ буда, маънии аслаш сабзондан, коркарди замин, кишоварзӣ мебошад ва корбурди васеъ дорад. Бори нахуст ин вожаро Ситсерон ба маънои «эҷоди ақли инсонӣ, такмили инсон» истифода кардааст. Дар китоби «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» фарҳанг ба маънои зерин баён гардидааст: Фарҳанг маҷмуи арзишҳои моддию маънавие мебошад, ки инсоният онҳоро офаридааст, бо мақсади рушди маънавии шахс истифода мебарад. Бояд қайд намуд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ бо сатҳи бадастовардаи рушд дар ташкили ҳуқуқии ҳаёти одамон, ки бо сохти иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста аст, ифода меёбад ва он дар навбати худ, аз сатҳи рушди фаъолияти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва рушди ҳуқуқии субъект, инчунин дараҷаи кафолати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гувоҳӣ медиҳад.

Мушкилоти фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити муосир предмети омӯзишу таҳлили олимони соҳаи ҳуқуқ гардидааст, ки ин пеш аз ҳама ба омилҳои муайян вобастагӣ дорад. Якум, фарҳанги ҳуқуқиро зарур аст, ба монанди маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеа инкишоф ёбад. Дуюм, барои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва инкишофёбии он зарур аст, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти чамъиятӣ ва давлатӣ таълимоти ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Мушкилоти фаҳмиши мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Олимони соҳа мафҳумҳои гуногуну ба ҳам мухолифи фарҳанги ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд, аз ин рӯ то ҳол мафҳуми ягонаи фарҳанги ҳуқуқӣ ҷой надорад. Ҳар як муҳаққиқ бо назардошти фаҳмиши худ мафҳуми фарҳанги ҳуқуқиро баён намудааст. Масалан, Е.В. Агроновская мафҳуми зерини фарҳанги ҳуқуқиро додааст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ - ин намуди низоми фаҳмишҳо, баҳодиҳӣ, боварӣ, ки ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро ифода менамояд». А.С. Камаров., А.В. Малков таърифи зерини фарҳанги ҳуқуқиро додаанд: "Фарҳанги ҳуқуқӣ ин «низоми муносибатҳои гуногун, инчунин раванди истеҳсол ва такрористеҳсоли унсурҳои таркибии он дар рафти ивазшавии наслҳои одамон аст" . B.C. Нерсесянс мафҳуми «фарҳанги давлатӣ- ҳуқуқӣ»-ро пешкаш намуда, фарҳанги ҳуқуқиро чун «сатҳи муваффақгаштаи инкишоф дар ташкили ҳуқуқии (ё давлатӣ-ҳуқуқии) ҳаёти одамон» таъриф додааст. Олимони ватанӣ низ ин падидаи муҳими ҳуқуқиро таҳлил намуда, дар асарҳои худ мафҳумҳои фарҳанги ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд. Чунончи, мувофиқи ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев фарҳанги ҳуқуқӣ - ин як намуди фарҳанги ҷомеа мебошад, ки аз сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа дар робита бо ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ шаҳотад медиҳад. Э.С. Насурдинов мафҳуми фарҳанги ҳуқуқиро ба таври зайл пешниҳод мекунад: "Фарҳанги ҳуқуқӣ - ин қисми таркибии фарҳанги умумии ҷомеа ва фард маҳсуб меёбад. Мувофиқи ин ақида фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фард эътироф мешавад. Муаллифон пештар ба мафҳуми умумии фарҳанги ҳуқуқӣ диққат дода, ба фарҳанги ҳуқуқии фард камтар аҳамият медоданд. Дар асоси мафҳуми додаи Э.С. Насурдинов, ки фарҳанги ҳуқуқиро қисми таркибии ҳам фарҳанги умумии ҷомеа ва ҳам фард меҳисобад, таҳлилҳои нави илмӣ – ҳуқуқӣ дар масъалаи фарҳанги ҳуқуқии фард метавонад рӯи кор ояд, зеро фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумиҷамъиятӣ ба андозае дар сатҳи илми ҳуқуқ таҳлил гардидааст. Аммо фарҳанги ҳуқуқии фард дар шароити муосир таҳлилҳои илмӣ - амалиро тақозо дорад. Фарҳанги ҳуқуқии фард низ падидаи васеъ буда, он ба маънои васеъ ҳамчун фарҳанги ҳуқуқи инсон фаҳмида мешавад, ки дорои зерсоҳаҳои худ мебошад, ба монанди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон, фарҳанги ҳуқуқии занон, фарҳанги ҳуқуқии маъмурони давлатӣ ва ғайра.

Дар ин замина муҳаққиқи дигари ватанӣ Ҷ. Саъдизода мавзуи фарҳанги ҳуқуқи инсонро дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд таҳлил намуда, фарҳанги ҳуқуқи инсонро қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ медонад. Ӯ дар асоси таҳлили мавзуи

фарҳанги ҳуқуқи инсон чунин мафҳуми фарҳанги ҳуқуқи инсонро пешкаш намудааст: «Фарҳанги ҳуқуқи инсон қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ буда, аз низоми донишҳо, арзишҳо, нишондод, анъана, ҳиссиёт, ки оид ба ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд, иборат аст, ҳамзамон дарк, арзёбӣ, принсип, стантдарт ва механизмҳои амалишавӣ ва инъикоси меъёрии онҳоро дар доираи пояҳои мавҷудаи фарҳангӣ ва тамаддунии ҷомеа фаро мегирад. Мушкилоти фаҳмиши мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Муаллифон мафҳумҳои гуногун ва сершумори фарҳанги ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд, ки то ин ҷониб мафҳуми ягонаи фарҳанги ҳуқуқӣ пешниҳод нагардидааст. Аз нуқтаи назари Е.А. Певтсова, дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ тақрибан 250 таърифи мухталифи фарҳанги ҳуқуқӣ ҷой дорад. Фарҳанги ҳуқуқӣ нишондиҳандаи рушди ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Дар заминаи фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз вазъи воқеии ҳаёти ҳуқуқӣ дарак медиҳад. Дар ин раванд низоми ҳуқуқии ҷомеа қисми ҷудонашавандаи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Ин падида ҳамчунин дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, коргузории ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ, тарбияти ҳуқуқӣ, ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, дар амалияи ҳуқуқӣ ба зуҳур мерасад. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ сифат ва самаранокиии тамоми намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ, асноди ҳуқуқӣ, ҳолати қонуният ва низоми ҳуқуқиро муайян месозад. Аз ин рӯ, фарҳанги ҳуқуқӣ мавзуи муҳимтарини шинохти илмӣ маҳсуб мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди II, П-Ҷ. – М.: Сов. Энциклопедия, 1969. – С. 423.
2. Хоҷамуродов О.Ҳ. Фарҳангшиносӣ (фишурдаи дарсҳои назариявӣ) / О.Ҳ.Хоҷамуродов. – Душанбе, 2011. – С. 19.
3. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – С. 163.
4. Раҷабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №2 (46). – 2020. – С. 65.
5. Аграновская В.Е. Правовая культура и обеспечение прав личности (Электронный ресурс)/ Отв. ред. Е.А. Лукашева.- М.: Наука, 1988.-142с
6. С. А. Камаров., А.В. Малько. Теория государства и парава / С.А.Камаров. - М.1999. С 296. С. 448
7. Р. Ш. Сотиволдиев Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ китоби дарсӣ ҷилди 2 / Р.Ш.Сотиволдиева. - Душанбе. «Империал-Групп» 2010. С.-603


## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақолаи мазкур мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ муайян гардида, фаҳмишҳои гуногуни мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ таҳлил шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳуқуқи инсон, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ.


## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ


В данной статье определяется понятия правовой культуры и анализируются различные определения правовой культуры.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** культура, правовая культура, права человека, формирование правовой культуры.


## CONCEPT AND ESSENCE OF LEGAL CULTURE


This article defines the concept of legal culture and analyzes various definitions of legal culture.



**KEYWORDS:** culture, legal culture, human rights, the formation of legal culture.



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нусратова С.С.* –** Донишгоҳи милли Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ**.**

***Иброҳимзода Д.К***. – Донишгоҳи милли Тоҷикистон, н.и.ҳ., муаллими калон.

**Сведение об авторах:** ***Нусратова С.С.* –** Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридического факультета

***Иброхимзода Д.К***. – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, старший преподаватель.

**Information about the authors*: Nusratova S.S.*** – Tajik National University, 2nd year master`s student of the Faculty of Law.

***Ibrohimzoda D.Q.*** – Tajik National University, candidate of science in law, senior lecturer.

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ГУРЕЗАҲО ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Ҳасанова З. Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷаҳони имрӯза яке аз масъалаҳое, ки ҷомеаи башар бо он ҳар рӯз вомехӯрад ин масъалаи ҳуқуқи гурезаҳо мебошад. Бинобар сабабе, ки шумораи ҷангҳои дохилӣ меафзоянд, шумораи гурезаҳо низ кам шуда наметавонад. Агар ба таърих назар афканем, маълум мегардад, ки аз ҷиҳати рақам дар панҷ ҳазор соли охир дар сайёра зиёда аз 15 ҳазор ҷангу мунокишаҳои мусаллаҳона шудааст ва мудҳиштарини ҷангҳо ба қарни XX рост омадаанд, аз ҷумла ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз се ду ҳиссаи курраи заминро фаро гирифта буд ва сабаби ҳалокати 9.5 млн. одам шудааст. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бошад, ин рақамро ба 50 млн расонид, вале ин интиҳои ҷангу мунокишаҳо дар қарн набуда, инсоният пас аз соли 1945 то соли 2000-ум зиёда аз 100 мунокишаҳои мусаллаҳонаро паси сар намуд, ки дар онҳо беш аз 22 млн одамон ба шаҳодат расиданд. Омили асосии пайдоиши мақоми гуреза ин ҷангҳо ва мунокишаҳои мусаллаҳона мебошанд, яъне дар натиҷаҳои ҷанг ва аз сабаби ноором будани вазъи дохилии баъзе аз кишварҳо, гуруҳи муайяни одамонро зарур омад, ки аз ҷомеаи байналхалқӣ мақоми гурезаро талаб намоянд. Маҳз бо ҳамин сабаб, ҷомеаи байналхалқӣ тадбирҳо ва чораҳоро барои бартараф ва ҳал намудани ин масъала ҷустуҷӯ кард. Дарки ин масъулият буд, ки баъди Ҷанги якуми ҷаҳон дар санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ истилоҳи “гуреза” пайдо шуд ва дар низоми Созмони Миллали Муттаҳид 14 декабри соли 1950 Раёсати Комиссарияти Олии СММ оид ба гурезаҳо таъсис ёфт. Раёсати Комиссарияти Олии СММ оид ба гурезаҳо (УВКБ ООН) аз лаҳзаи таъсис ёфтан то инҷониб корҳои зиёдеро дар самти фаъолияти худ анҷом додааст. Масалан, зиёда аз 50 млн. гурезаро ба ҳаёти пештараашон баргардонидааст. Оинномаи Раёсати Комиссарияти Олии СММ оид ба гурезаҳо 14 декабри соли 1950 қабул шуд ва тибқи резолютсияи Ассамблияи Генералии СММ аз 1 январи соли 1951 таъсис ёфт. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати Комиссарияти Олии СММ оид ба гурезаҳо соли 1993 ба фаъолияти худ оғоз намуд ва кӯмакҳои зиёдеро анҷом додааст, аз ҷумла, дар баргардонидани гурезаҳои тоҷик бо ҳамдастии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 50 ҳазор нафар дасти ёрӣ расонидааст. Инчунин, дар баргардонидани гурезаҳои афғону интиқоли онҳо, ташвиқоту нашри маводи зарурӣ оид ба гуреза, дастгрии моддию маънавӣ, кӯмакҳои пулию молиро нисбати ҳамагуна ашхосе, ки мақоми гурезаро доранд ё шахси паноҳҷӯянда мебошанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода истодаанд.

Инчунин, 28 июли соли 1951 Конвенсия “Оид ба мақоми гуреза” ва 31 январи соли 1967 Протоколи иловагии он қабул шуданд, ки дар арсаи байналмилалӣ ду ҳуҷҷати асосие, ки масъалаи гурезаҳоро танзим мекунанд маҳз ҳамин санадҳо ба шумор меравand. Конвенсия мазкур 22 апрели соли 1954 ба қувваи амал даромада, айни ҳол бештар аз 127 давлати аъзо дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи башар, яке аз субъектони ҳуқуқи байналмилалӣ ва давлати соҳибистиқлол аз соли 1993 аъзои Конвенсия “Оид ба мақоми гуреза” мебошад. Конвенсияи мазкур муқарраротҳоро оид ба масъалаи гурезаҳо муайян ва танзим менамояд. Дар муқаддимаи Конвенсия омадааст, ки тарафҳои аҳдкунанда, бо назардошти он, ки Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералӣ 10 декабри соли 1948 қабул шудааст, принсиперо муқаррар кардааст, ки тамоми инсонҳо бояд аз ҳуқуқу озодиҳои асосӣ бидуни ҳеҷ гуна табъиз дар ин робита истифода баранд, бо назардошти аз нав дида баромадан ва мустаҳкам намудани созишномаҳои пешинаи байналмилалӣ оид ба вазъи гурезаҳо ва васеъ намудани доираи ин созишномаҳо ва ҳифзи онҳо тавассути бастани созишномаи нав, бо изҳори ҳоҳиш, ки ҳамаи давлатҳо моҳияти иҷтимоӣ ва башардӯстонаи мушкилоти гурезаро эътироф намуда, барои пешгирии ихтилофоти байни давлатҳо вобаста ба ин мушкилот тамоми чораҳоро андешанд, Конвенсияи мазкурро қабул менамоянд. Мутобиқи моддаи 1 Конвенсияи мазкур, гуреза шахсе дониста мешавад, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои то 1 январи соли 1951 рӯйдода ва аз тарси асосноки таъқиб шудан бо сабабҳои

нажод, дин, миллат, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ, берун аз ҳудуди мамлакате, ки шаҳрвандии онро дорад бошад ва наметавонад аз ҳимояи ин кишвар бархурдор бошад ё бо сабаби чунин тарс аз чунин ҳимоя истифода кардан намехоҳад; ё ки шаҳрвандии мушаххас надошта бошад ва дар натиҷаи чунин ҳодисаҳо берун аз кишвари истиқомати пештараи худ қарор дошта бошад, бинобар чунин тарс наметавонад ба он баргардад ё намехоҳад. Агар шахс шаҳрвандии якчанд давлатро дошта бошад, ибораи "кишвари шаҳрвандӣ" маънои тамоми ҳамон кишваре, ки шахс шаҳрванди он мебошад, дорад ва чунин шахс набояд аз ҳимояи кишвари шаҳрвандии худ маҳрумшуда ҳисоб карда шавад.

Ба Протоколи иловагӣ ба Конвенсия "Оид ба мақоми гуреза", ки 31 январи соли 1967 қабул шуда буд, зиёда аз 124 давлати аъзо дорад. Сохтори протоколи мазкур аз 11 модда иборат буда, мафҳуми гуреза дар моддаи 1 он чунин таъриф дода шудааст: гуреза - шахсе аст, ки бинобар хавфи комилан асоснок дар мавриди таъқибот шудан аз рӯи нишонаҳои нажодӣ, дин, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ва ё ақоиди сиёсӣ хориҷ аз кишвари мансубияти шаҳрвандии худ қарор дорад ва наметавонад аз ҳимояи ин кишвар истифода кунад ва ё намехоҳад аз ин гуна ҳимоя дар натиҷаи хавфу хатар истифода кунад ва ё шаҳрвандии муайян надошта, хориҷ аз кишвари ҷойи зисти хеш дар натиҷаи ин гуна ҳодисаҳо қарор дорад, наметавонад ва ё намехоҳад дар натиҷаи хавфу хатар ба он баргардад.

Лозим ба ёдоварист, ки байни ин ду санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, яъне, Конвенсия "Оид ба мақоми гуреза" аз 28 июли соли 1951 ва Протоколи иловагии он аз 31 январи соли 1967 мухолифатҳо мавҷуд мебошанд. Масалан, Конвенсия "Оид ба мақоми гуреза" баъзе маҳдудиятҳоро пешбинӣ намудааст, яъне он нисбати кишварҳое, ки дар Аврупо ҷойгиранд ва ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҷангу мунокишаҳои то 1 январи соли 1951 гуреза шуда буданд, дахл дорад. Протоколи иловагии он бошад аз соли 1967 маҳдудиятҳои пешбининамудаи Конвенсияро бекор намуда, нисбати тамоми давлатҳо ва ҳодисаҳое, ки дар натиҷаи онҳо масъалаҳои гуреза ба вуҷуд омада буданд, татбиқ мегардад.

Дар умум, Конвенсия "Оид ба мақоми гуреза" аз 28 июли соли 1951 ва Протоколи иловагии он аз 31 январи соли 1967 то имрӯз санади асосии байналхалқие ба шумор меравaнд, ки кафолати ҳимояи гурезаҳоро таъмин менамоянд ва қоидаҳое, ки дар онҳо сабт шудааст ба пуррагӣ дар созишномаҳои минтақавӣ – Созишномаи соли 1969 оид ба масоили мушаххаси гурезаҳо дар Африқо, Хартияи Африқоӣ оид ба ҳуқуқ ва беҳбудии кӯдак аз соли 1990, Эъломияи Картахен аз соли 1984 дар бораи гурезаҳо, Конвенсяи соли 1949 дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, ки барои таҳкими ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо қабул шудаанд, инъикос ёфтаанд. Мақсади асосии ин ду санад- Конвенсия "Оид ба мақоми гуреза" аз соли 1951 ва Протоколи иловагии он аз соли 1967 танзими вазъи ҳуқуӣ ва муқаррар кардани талаботи ҳадди ақали муносибат бо гурезаҳо мебошад.

Ҳамин тавр, сабабҳое, ки як гурӯҳи одамон гуреза мешаванд, ин пеш аз ҳама сабабҳои сиёсиву этникӣ ва мунокишаҳо ва додугирифти давлатҳо мебошанд. Дар навбати худ, гуреза шахсе дониста мешавад, ки дар натичаи амалиёти ҷанг маҷбуран тарки макони истикомати доимии худро кардааст ё аз ҷониби яке аз тарафҳои даргириҳои мусаллаҳона аз он ҷо ронда шудааст. Ҳамчун унсурҳои муаяйнсозии мақоми гуреза берун шудан аз кишвари мансубияти шаҳрвандии худ ё макони пештараи сукунати муқаррарии худ, хатари комилан асосноки ҷабр дидан аз таъқиб, таъқибот аз рӯи нишонаи нажод, дину мазҳаб, миллат, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё ақидаи сиёсӣ, наметавонад аз ҳимояи кишвари мансубияти шаҳрвандии худ истифода барад ё намехоҳад бинобар чунин хавф аз чунин ҳимоя истифода барад, дониста шудаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Конвенция о статусе беженцев 28 июля 1951;
2. Протокол к Конвенции ООН «О статусе беженцев» 1967// Текст протокола опубликован в журнале «Гражданин и право», 2002г;
3. Даҳшати ҷанги олам// Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон",№35 (8634), 31 августи соли 2000. –С.4; Политология: Воситаи таълимӣ.- Душанбе: ДДТ, Г992;
4. Хусусиятҳои баррасии парвандаҳои гражданӣ ва маъмурӣ оид ба гурезаҳо ва паноҳҷӯянда аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон// Модули таълимӣ, Душанбе-2016;

5. Ҳуқуқи байналхалқӣ. Китоби дарсӣ/ Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш.М.- Душанбе: “ЭР-граф”, 2010;
6. Аналитический доклад Генерального секретаря по вопросу о лицах, перемещенных в пределах страны, документ E/CN.4/1992;
7. Беженцы. Том 3. №120, 2000;
8. Лукашук И.И Глобализация, государство, право. XXI век / И.И.Лукашук. - М.,2000;
9. Право беженцев: Учеб.пособие// Под.ред. Проф. Ш.М. Менглиев. Душанбе-2006;
10. https://fir.bsu.by/

**ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ГУРЕЗАҲО ДАР АРСАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

Дар мақолаи мазкур дар бораи механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо дар арсаи байналмилалӣ маълумот оварда шудааст. Дар ҷаҳони имрӯза яке аз масъалаҳое, ки ҷомеаи башар бо он ҳар рӯз вомехӯрад ин масъалаи ҳимояи ҳуқуқи гурезаҳо мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб, ҷомеаи байналмилалӣ тадбирҳо ва чораҳоро барои бартараф ва ҳал намудани ин масъала ҷустуҷӯ кард. Дар низоми Созмони Милали Муттаҳид 14 декабри соли 1950 Раёсати Комиссарияти Олии СММ оид ба гурезаҳо таъсис ёфт. Инчунин, 28 июли соли 1951 Конвенсия “Оид ба мақоми гуреза” ва 31 январи соли 1967 Протоколи иловагии он қабул шуданд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** Гурезаҳо, ҳимоя, ҳуқуқи байналмилалӣ, Конвенсия, ҳуқуқи гурезаҳо, СММ, мақоми гуреза.

**ЗАЩИТА ПРАВ БЕЖЕНЦЕВ НА МЕЖДУНАРОДНОЙ АРЕНЕ**

В данной статье представлена информация о механизмах защиты прав беженцев на международной арене. В современном мире одной из проблем, с которыми человеческое общество сталкивается каждый день, является проблема защиты прав беженцев. Именно по этой причине международное сообщество искало меры для решения этой проблемы. В системе ООН 14 декабря 1950 года было создано Управление Верховного комиссара ООН по делам беженцев. Также 28 июля 1951 г. были приняты Конвенция о статусе беженцев и 31 января 1967 г. Дополнительный протокол.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Беженцы, защита, международное право, Конвенция, права беженцев, ООН, статус беженца.

**PROTECTING THE RIGHTS OF REFUGEES IN THE INTERNATIONAL ARENA**

This article provides information on the mechanisms for protecting the rights of refugees in the international arena. In the modern world, one of the problems that human society faces every day is the problem of protecting the rights of refugees. For this reason, the international community was looking for measures to deal with this problem. In the UN system, on December 14, 1950, the Office of the United Nations High Commissioner for Refugees was established. Also on July 28, 1951, the Convention relating to the Status of Refugees and on January 31, 1967, the Additional Protocol were adopted.

**KEYWORDS:** Refugees, protection, international law, Convention, rights of refugees, United Nations, refugee status.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанова Зуфунун Наимовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон**: 918-66-17-07**

**Сведение об авторе:** ***Хасанова Зуфунун Наимовна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультетат. Телефон**: 918-66-17-07**

**Information about the author*: Hasanova Zufunun Naimovns*** – Tajik Nationsl University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone**: 918-66-17-07**

# ҶАНБАҲОИ ТАДҚИҚОТИ ТИРҲОИ ПАРОНИДАШУДА АЗ ЯРОҚҲОИ ХУДСОЗ

***Анушервони Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҷрибаи тафтишӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз силоҳи оташфишон содир шудаанд нишон медиҳанд, ки айни замон тамоюли истеҳсоли ғайриқонунии силоҳ бо роҳи сохтакории намудҳои гуногуни онҳо ва маҳсулоти аз ҷиҳати сохторӣ ба силоҳ монанд (силоҳи оташфишони зараррасонии маҳдуд, силоҳи газӣ, сигналӣ ва пневматикӣ) идома дорад.

Яроқи оташфишони худсоз аз рӯи анъана яке аз объектҳои экспертизаи судӣ-баллистикӣ ба ҳисоб меравад. Аммо, то ба имрӯз ҳатто як истилоҳе вуҷуд надорад, ки моҳияти ин мафҳумро ифода кунад. Масалан, баъзе муаллифон силоҳи худсозро ғайримуқаррарӣ ё ғайристандартӣ меноманд. Инчунин, андешаҳои ягона вобаста ба

таснифи силоҳҳои худсоз вуҷуд надоранд. Ба гуногунандешии масъалаи мазкур диққати махсус надода, ба андешаи мо чунин таснифоти силоҳи худсозро пешниҳод намудан қобили мақбул аст: силоҳи худсоз ин силоҳҳоест, ки қисмҳо ва механизмҳояш мустақилона (пурра ё қисман) сохта мешаванд ё силоҳи саноатӣ бо тағйири сохтор, ки хосиятҳои мушаххаси баллистикӣ гирифтаанд.

Таҷрибаи таҳқиқи силоҳи оташфишони худсоз имкон медиҳад, ки усулҳои зерини истеҳсоли он фарқ карда шаванд: 1) истеҳсоли мустақилонаи ҷузъҳо ва қисмҳои силоҳ; 2) истеҳсолот бо истифодаи қисмҳои алоҳидаи силоҳи истеҳсоли саноатӣ; 3) сохтакории силоҳи оташфишони саноатӣ бо мақсади тағйир додани таъиноти функсионалӣ ва хусусиятҳои баллистикии онҳо (масалан, туфангчаҳои милбурида); 4) сохтакории силоҳи ғайриоташфишонӣ (маҳсулоти газӣ, сигналӣ, пневматикӣ, аз ҷиҳати сохта ба силоҳ монанд ва ғ.); 5) худҷамъкунӣ аз ҷузъҳо ва қисмҳои силоҳи оташфишони саноатӣ.

Ҳангоми истеҳсоли мустақилонаи мил сифати маҳсулот аз сатҳи дониши техникӣ, маҳорат ва малакаи шахсе, ки дар истеҳсоли ғайриқонунии силоҳ даст дорад, вобаста аст. Дар баробари ин, истифодаи асбобҳо ва таҷҳизоти махсус омиле мебошад, ки сатҳи ниҳоии сифати маҳсулотро муайян мекунанд. Аксар вакт, барои осон кардани истеҳсоли мил, милҳои нобуридашударо истифода мебаранд, ки аз заводҳои силоҳ дуздида мешаванд. Баъзан истеҳсолкунандагон бо сохтакории ҳадди ақал туфангҳои истеҳсоли корхонавии калибри наздикро мутобиқ мекунанд ё туфангҳои намунаҳои силоҳро истифода мебаранд.

**Ташхиси усули сохтани мили силоҳ. Нишонаҳои сохти дохили мил.** Паҳнои майдонҳои раҳҳои мил яке аз хусусиятҳое мебошад, ки хусусиятҳои сохти дохили силоҳро инъикос мекунад ва мустақиман бо паҳнои милтиқ, ки арзиши онро ҳуҷҷатҳои махсус муайян мекунанд, алоқманд мебошад. Васегии майдонҳои раҳҳои мили силоҳи истеҳсоли саноатӣ дар доираи стандартҳои технологии дар ҳуҷҷатҳо пешбинишуда барои бузургии паҳнои рахи мил фарқ мекунад. Мутаносибан, фарқи паҳнои майдонҳои рахи мили стандартӣ дар тири оташгирифта метавонад гуногун бошад, аммо бузургии он аз арзиши иҷозавӣ ба паҳнои рахи мил зиёд буда наметавонад. Маҷмуи ҳамаи арзишҳои паҳнои майдони рахи мил ҳамчун маҷмуи дорои аҳамияти муайяни инфиродӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, агар бузургиҳои паҳнои майдонҳои рахи мил дар тири омӯхташуда, ки дар натиҷаи ченкунии онҳо ба даст омадааст, бо арзиши калонтар аз арзиши стандартӣ ба паҳнои рахи мили туфангчаи стандартӣ фарқ кунанд, пас имкон дорад, ки холӣ намудани тир аз силоҳи худсохт ташхис карда шавад. Ғайр аз паҳнои майдонҳои рахи мил, хусусиятҳои сохти дохилӣ, миқдори раҳҳои мил, кунҷи майл ва самти онҳо мебошанд. Бинобар ин, арзишҳо ва бузургиҳои фарқияти ин параметрҳо дар пайи тири таҳқиқшаванда ҳамчун хусусиятҳои муайянкунандаи усули сохтани силоҳ хизмат мекунанд.

**Нишонаҳои ҳолати дохили мил.** Ҳолати осори динамикии канораҳои майдонҳои оташӣ ва холии милҳо одатан фарсудашавии дохили милро инъикос мекунад. Дар милҳои худсохт хусусияти осори канораҳои оташӣ ва холиро ба аломатҳое дохил кардан мумкин аст, ки сохтори туфангро пешакӣ муайян мекунанд. Дар ҳолати баррасишаванда, параметрҳои сохтории туфанг бо усули истеҳсол, таҷҳизот ва асбобҳои истифодашуда ва тахассуси истеҳсолкунанда муайян карда мешаванд. Туфангҳои аз истеҳсоли ярок дуздидашуда ва барои истеҳсоли силоҳи худсохт истифодашуда аз як давраи пурраи коркарди технологӣ нагузаштаанд, ки ин маънои онро дорад, ки ба фарсудашавии босуръат дучор мешавад. Мутаносибан, ин ифоданокии осори динамикии канораҳои оташӣ ва холиро инъикос мекунад. Доимияти пайдоиши ин нишонаҳо бо хусусиятҳои ҷудо шудани тир аз гилза ва ҳаракати минбаъдаи тир дар туфанг алоқаманд аст. Дар натиҷа, дар сатҳи пешбари тир як ё ду канори холӣ пайдо мешаванд, ки нисбат ба дигарон заифтар ифода шудаанд.

*Хусусиятҳои мавқеи ибтидо ва охири изҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа*. Дар тирҳое, ки аз силоҳи худсохт парронида шудаанд, баъзан тағйири хати оғози пайҳои ибтидоӣ ба самти қисми асосӣ нисбат ба хати ибтидои дуюмдараҷа ва инчунин баъзе номувофиқатӣ ба назар мерасанд. Ин хусусият зуҳуроти номувофиқии канал ва тирдон мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, аз сабаби набудани конуси вуруди тирӣ ҳамчун унсури сохтории туфанг, ки бо хусусиятҳои истеҳсоли он марбут аст, дар тирҳо тамоман нишонаҳои ибтидоӣ дида намешаванд. Тамоюл ва конфигуратсияи хати ибтидоии пайи ибтидоӣ нисбат ба оғози хати

пайҳои дуввум хусусияти алоқаи деворҳои дохили мил бо сатҳи пешбари тир, инчунин ҳолати сатҳи майдонҳо ва канорҳои ҷангӣ дар конуси даромадгоҳи тирро муайян мекунанд. Дар тирҳои аз силоҳи худсохт паррондашуда, ин хати конфигуратсияи шикасташуда, моил ба тарафи чап аст (барои туфангҳои ростсамт), ки нисбат ба хати оғози пайҳои дуюм баланд ҷойгир шудааст. Хати оғози пайҳои дуввуми майдонҳо хусусиятҳои ҳамкории ғилофи тир бо сатҳи майдонҳои милро инъикос мекунад. Ҳамин тавр, барои тирҳое, ки аз силоҳҳои худсохти барои патрони калибри 9х18 паррондашуда хати печи ибтидоӣ хос аст ва барои тирҳое, ки аз силоҳи барои патрони калибри 5.45х18 парронда шудаанд, рост ё то ҳадде камоншакл хос аст. Шакли хати интиҳои пайҳои аввалиндараҷа ва дуюмдараҷаи майдонҳои милро деформатсияи охири тир муайян месозад, ки бо таъсири газҳои хока ё каҷравии тир дар конуси даромадгоҳи тир муайян марбут аст. Дар тирҳое, ки аз силоҳи худсохт парронида шудаанд, хати охири изҳои дуввумини майдонҳои мил ба қисмати ибтидоӣ каме хам шудааст.

*Хусусиятҳои алоқамандии сатҳи пешбари тир бо деворҳои канали мил.* Мавҷудият ва андозаи қисматҳои сатҳи пешбарии тир, ки ба канали мил нарасидаанд, бо хусусияти деформатсияи тир ҳангоми буридан ва маҷбур кардани туфанг муайян карда мешавад. Дар милҳои дар корхона истеҳсолшуда дар сурати фарсудашавии ками канораҳои оташӣ ва холӣ деформатсияи (каҷравии) ғилоф тир ба расидан ба баъзе қисматҳои сатҳи он бо деворҳои канали туфанг имкон намедиҳад. Дар тирҳое, ки аз туфангҳои худсохт парронида мешаванд, баъзан чунин ҷойҳо байни изҳои майдонҳои мил мушоҳида карда мешаванд ё тамоман нестанд. Дар болои тирҳое, ки аз туфангҳои худсохт парронда мешаванд, мавҷудияти изҳои поёни мил метавонад сохтори туфанг ва хусусиятҳои истеҳсоли онро инъикос кунад. Мавҷудияти ин аломатҳо дар тирҳои аз туфангҳои корхонавӣ паррондашуда нишонаи фарсудашавии туфангҳост. Масалан, мавҷудияти изҳои ду мили омехта дар сурати набудани як қисми боқимонда далели буриши ғайримарказии тир дар мил аст. Бояд дар назар дошт, ки андозаи пайҳои поёни милҳо бо ҳолати умумии сатҳи болои дохилӣ тавсиф карда мешавад. Аз ҷумла, ифоданокӣ ва андозаи изҳои мил пас аз паррондан аз мили равғаншуда нисбат ба тирпарронӣ аз мили равғаннашуда камтар ба назар мерасад. Конфигуратсияи профилҳои пайҳои канораи оташии мил нишонаест, ки ҳолати кунҷҳои канорҳоро дар тамоми дарозии мил ва даромадгоҳи тир тавсиф мекунад. Дар тирҳое, ки аз баррели хонагӣ партофта шудаанд, осори динамикии канораҳои оташи конфигуратсияи (шакли) гуногуни профилҳо доранд.

Нишони номувофиқии канал ва тирдон, хусусиятҳои сохтории даромадгоҳи тир ва фарсудашавии он осори алокаи ибтидоии тир бо сатҳи деворҳои канал мебошанд. Пайҳои нишондодашуда ба изҳои аввалия монананд, аммо каме болотар аз хати оғози пайҳои дуюмдараҷа ҷойгир шудаанд.

Муайян кардани ин аломатҳои пайи канали мил дар тирҳои паррондашуда, имкон медиҳад, ки усули сохтани мил ташхис карда шавад, ки дар марҳилаи таҳқиқоти таҳлилӣ барои тамоми раванди муқоиса муҳим аст. Ғайр аз ин, муқаррар кардани далели тирпарронии ҷиноӣ аз мили худсохт дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти коршиносон маълумоти пурарзиш барои мақомоти оперативӣ ва тафтишотӣ ҳангоми ҷустуҷӯи олоти ҷиноят мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Зайцев В.Ф., Светлаков Е.М. К вопросу о понятии атипичного огнестрельного оружия и его классификация // Использование специальных знаний на первоначальном этапе расследования / В.Ф.Зайцев. - Волгоград, 1983. С. 21–30.
2. Каледин А.И. Об обязательном производстве судебно-баллистической экспертизы нестандартного огнестрельного оружия // Теоретические и практические вопросы судебной экспертизы. Вып. 38. М., 1979. С. 80–84.
3. Ладин В.Н. Криминалистическое исследование основных признаков атипичного огнестрельного оружия // Криминалистическая и судебная экспертиза. 1964. № 1. С. 164–171.
4. Плескачевский В.М. Оружие в криминалистике. Понятие и классификация / В.М.Плескачевский. - М., 2001. 343 с.
5. Криминалистика китоби дарси (гуруҳи муалифон) зери таҳрири Назаров А.Қ., - Душанбе 2019. 708. Саҳ.
6. Бахтадзе, Г. Э. Антикриминальная (криминалистическая) баллистология : введение в дискуссию // Актуальные проблемы юридической науки : сб. науч. тр. -Тольятти : ТГУ, 2008. — Вып. 5.

**ҶАНБАҲОИ ТАДҚИҚОТИ ТИРҲОИ ПАРОНИДАШУДА АЗ ЯРОҚҲОИ ХУДСОЗ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи ташхиси судӣ-балистикии тирҳое, ки аз силоҳои оташфишони худсоз парронида мешаванд, баррасӣ карда мешавад. Муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои боқи мондани пайҳоро аз тирҳои парронидашуда таҳлил намуда, тавсиф намояд. Дар натиҷаи ташхиси судӣ-балистикӣ муайн кардани маълумотҳои хусусияти далелӣ дошта, ки аз силоҳои оташфишони худсоз парронида шудаанд, ки барои мақомоти тафтишӣ ҳангоми ҷустуҷӯи олоти ҷиноят маълумоти пурарзиш ба шумор меравад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: силоҳи оташфишони худсоз, мил, пайҳо, балистика, криминалистика, тир.

**АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ПУЛЬ ВЫСТРЕЛЯННЫХ ИЗ САМОДЕЛЬНОГО ОРУЖИЯ**

В данной статье рассматривается проблема судебно-баллистических исследований пуль, выстрелянных из самодельного оружия. Описаны признаки, отображающиеся в следах канала ствола на пулях, которые позволяют определить способ изготовления ствола. Установление по результатам экспертного исследования факта производства криминального выстрела из самодельного ствола является ценной ориентирующей информацией для оперативных и следственных органов при поиске орудия преступления.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** самодельное оружие, ствол, следы, баллистика, криминалистика, пуля.

**ASPECTS OF THE STUDY OF BULLETS FIRED FROM IMPROVISED WEAPONS**

This article deals with the problem of forensic ballistic research of bullets fired from improvised weapons. The features displayed in the traces of the barrel bore on bullets are described, which make it possible to determine the method of manufacturing the barrel. Establishment based on the results of an expert study of the fact that a criminal shot was fired from a homemade barrel is valuable guiding information for operational and investigative authorities when searching for a crime weapon.

**KEYWORDS:** improvised weapon, barrel, traces, ballistics, forensics, bullet.

қарзӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ аз рӯи намудҳои зерин кушода мешавад: суратҳисоби пасандозӣ; суратҳисоби амонатии дархостӣ; суратҳисобҳои амонатии муҳлатнок; суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзӣ. Суратҳисобҳои бонкӣ барои муштариёни ташкилотҳои қарзии исломӣ бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ аз рӯи намудҳои зерин кушода мешаванд: суратҳисоби амонати пасандозӣ; суратҳисоби амонати дархостӣ; суратҳисоби амонати муҳлатнок; суратҳисоби нигоҳдории амонатӣ; суратҳисоби амонати сармоягузорӣ; суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзии исломӣ. Дар баробари ин, муштарӣ (соҳиби суратҳисоб) ҳангоми бастани намуди муайяни шартнома ҳадафи мушаххасеро пеш мегирад, ки ноил шудан ба он (ки) дар натиҷаи иҷрои вазифаҳое, ки ба ин намуди шартнома хос аст, амалӣ мегардад. Ба ибораи дигар, субъект дар интихоби навъи шартномаи суратҳисоби бонкӣ вазифаҳои онро ба роҳ мондааст, ки иҷрои онҳо тавассути анҷом додани амалиёти муайян аз рӯи суратҳисоб имконпазир аст. Аз ин лиҳоз, аз рӯи вазифаҳояшон гурӯҳбандии шартномаҳои суратҳисоби бонкӣ бамаврид аст. Одатан, шартномаи суратҳисоби бонкӣ дорои якчанд вазифаҳо мебошад. Навъи алоҳидаи шартномаи суратҳисоби бонкӣ бояд маҷмуи ягонаи вазифаҳои танҳо ба ин намуд хос дошта бошад. Ҳама вазифаҳои шартномаҳои суратҳисоби бонкиро метавон ба се гуруҳ тақсим кард: умумӣ, умумӣ ва махсус (хусусӣ). Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд дар ташкилоти қарзии молиявӣ ба номи худ суратҳисобҳои пасандозии бонкии хусусияти ғайритиҷоратӣ дошта, кушоянд ва онро шахсан ё ба воситаи шахси боваринок (иҷрогар) ихтиёрдорӣ кунанд. Шахси боваринок метавонад суратҳисобҳои бонкӣ кушода, дар асоси ваколатнома онҳоро ихтиёрдорӣ кунад. Агар шахси боваринок ғайрирезидент бошад, тибқи ваколатномае, ки аз кишвари хориҷӣ ирсол (оварда) шудааст, бояд дар сафорати (консулгарии) Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар сафорати (консулгарии) он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, якҷоя бо тарҷумаи тасдиқшудаи тоҷикӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ пешниҳод гардад. Қонунигардонии ваколатнома дар ҳолате талаб карда намешавад, ки агар ин қоидаро созишномаҳои байналмилалӣ муқаррар карда бошанд. Барои кушодани суратҳисобҳои бонкӣ шахсони воқеӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд: дархост барои кушодани суратҳисоби бонкӣ; ҳуҷҷате, ки шахсияти онро (шиноснома) тасдиқ мекунад. Дар асоси дархост байни муштарӣ ва ташкилоти қарзии молиявӣ шартнома баста мешавад, ки дар он шартҳои суратҳисоби бонкӣ нишон дода мешаванд. Дар ин маврид дар шартнома шинос намудани муштарӣ ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкӣ бо шартҳои суратҳисоби бонкӣ ва андозаи ҳаққи хизмат пешбинӣ мегардад ва муштарӣ дар ин хусус бо дасти худ дар ҳуҷҷатҳои аввалияи ҳисобгирӣ шахсан сабти дахлдор ворид намуда, имзо мегузорад. Суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзии молиявӣ бо намудҳои зерин тақсим мешаванд: суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзии молиявӣ резидентҳо; суратҳисобҳои муросилотӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ ғайрирезидентҳо; суратҳисобҳои муросилотии ташкилоти қарзии молиявӣ ғайрирезидентҳо; дигар суратҳисобҳои амонатии ташкилоти қарзии молиявӣ. Ташкилоти қарзии молиявӣ навтаъсис барои фароҳамоварии сармояи оинномавӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ мекушояд. Дар ин ҳолат дархости намояндаи ваколатдор барои кушодани суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя аз номи муассисон аз ҷониби воҳиди ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон, ҳангоми мавҷудияти фармоиши дахлдори воҳиди сохтории назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Иҷозат барои кушодани суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя дар Бонки миллии Тоҷикистон бояд аз ҷониби воҳиди дахлдори назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи гирифтани дархост аз намояндаи ваколатдори муассисон дода шавад.

Суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзии молиявӣ ва ё зерсуратҳисоби филиали он дар асоси дархости хаттии ташкилоти қарзии молиявӣ, баъди сабт намудани он дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва гирифтани розигии воҳиди сохтории назорати бонкӣ ва бастани шартнома бо Маркази ҳисоббаробаркунии Бонки миллии Тоҷикистон кушода мешавад. Баъд аз кушодани суратҳисоби (зерсуратҳисоби) муросилотӣ ва гузоштани рамзи мушаххаси бонкӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ ва ё филиали он, Бонки миллии Тоҷикистон ба Маълумотномаи «Рамзҳои мушаххаси бонкии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироти дахлдор ворид намуда, дар бораи он ба

тамоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ хабар медиҳад. Баъд аз кушодани суратҳисоби муросилотӣ маблағи сармояи оинномавии ташкилоти қарзии молиявӣ, ки дар суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя ҷамъоварӣ шудааст, дар асоси дархости ташкилоти қарзии молиявӣ ва фармоиши воҳиди сохтории назорати бонкӣ ба суратҳисоби муросилотӣ гузаронида мешавад. Дар ҳолати дар суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя бо асъори хориҷӣ ҷамъоварӣ шудани маблағи сармояи оинномавии ташкилоти қарзии молиявӣ ин асъор пеш аз гузаронидан ба суратҳисоби муросилотӣ бояд ба пули миллӣ мубодила карда шавад. Суратҳисоби муросилотии андӯхти сармоя баъди ба суратҳисоби муросилотӣ интиқол додани маблағи пулӣ баста мешавад.

Дар ҳолати муқаррар намудани муносибатҳои мустақими муросилотӣ байни ташкилоти қарзии молиявии резидент барои кушодани зерсуратҳисоби муросилотӣ ба якдигар ҳуҷҷатҳои зерин, аз ҷумла нусхаи Оиннома, нусхаи Иҷозатнома барои анҷом додани амалиётҳои бонкӣ, дархост барои кушодани зерсуратҳисоби муросилотӣ, нусхаи тавозун барои соли охирини ҳисоботӣ ва варақа бо намунаи имзо ва нақши муҳрро пешниҳод мекунад. Агар қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон оид ба додани розигӣ ба таъин намудан ба вазифаи роҳбар ва сармуҳосиб қабул нашуда бошад, қабули варақа бо намунаи имзо ва нақши муҳр ва дигар ҳуҷҷатҳо манъ аст.

Агар дар шартномаи суратҳисоби бонкӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, ташкилоти қарзии молиявӣ вазифадор аст маблағҳои пулии воридшударо қабул ва ба суратҳисоб дохил намуда, супориши молики онро дар бораи анҷом додани амалиёти барои чунин навъи суратҳисоб пешбининамудаи қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва анъанаҳои дар амалияи бонкӣ истифодашаванда анҷом диҳад. Ташкилоти қарзии молиявӣ вазифадор аст, ки ворид намудани маблағҳои пулиро ба суратҳисоби бонкии муштарӣ ва ё хориҷ намудани маблағҳои пулиро аз суратҳисоби бонкии муштарӣ, на дертар аз рӯзи дигари гирифтани ҳуҷҷати дахлдори пардохт амалӣ намояд, агар бо қонун ё шартномаи байни ташкилоти қарзии молиявӣ ва муштарӣ муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси граждании ҶТ қисми I аз 30 июни соли 1999. – № 803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. ҳЗахираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: UҚL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.02.2022).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ". Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663; с. 2018, №7-8, мод. 532.
3. Дастурамал дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №44 аз 12 апрели с.2018 тасдиқ шудааст// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. ҳЗахираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: UҚL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.01.2022).
4. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: Общие положения / М.И.Брагинский. – М., 1997, – 682 с.
5. Гражданское право: в 2 т. / Под ред. Б.М. Гонгало. – М.: Статут, 2016. – Т. 2. – 543.
6. Гражданское право: Учебник. В 2-х т. Т. 2, полутом 2 / Отв. Ред. Проф. Е.А.Суханов. 2-е изд., перераб. и доп.- М.,2000, – 704 с.
7. Сарбаш С.В. Договор банковского счета: проблемы доктрины и судебной практики / С.В.Сарбаш. – М., 1999, – 272 с.
8. Сергеев В.В. О новых видах банковских счетов (из Комиссии по законодательству о финансовых рынках Ассоциации юристов России) // Банковское право. – 2012. – № 6. – С. 3-13.
9. Цитович П.П. Труды по торговому и вексельному праву. В 2-х т. Т. 1: Учебник торгового права; К вопросу о слиянии торгового права с гражданским / П.П.Цитович. – М., 2005. – 458 с.


**КУШОДАН ВА ПЕШБУРДИ СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ – НАМУДИ АЛОҲИДАИ АМАЛИЁТИ БОНКӢ**


Бонкҳо дар фаъолияти худ намудҳои гуногуни амалиёти бонкиро анҷом медиҳад, ки яке аз намудҳои он кушодан ва пешбурди суратҳисоби бонкӣ ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур муаллиф мафҳум ва моҳият, тартиби кушодан, пешбурди суратҳисоби бонкӣ ва баъзе масъалаҳои шартномаи суратҳисоби бонкиро дар асоси қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ташкилоти қарзӣ, бонк, амалиёти бонкӣ, суратҳисоби бонкӣ, шартномаи суратҳисоби бонкӣ, кушодани суратҳисоб, пешбурди суратҳисоб, суратҳисоби муросилотӣ.

**ОТКРЫТИЕ И ВЕДЕНИЕ БАНКОВСКИХ СЧЕТОВ - ОПРЕДЕЛЕННЫЙ ВИД БАНКОВСКИХ ОПЕРАЦИЙ**

Банки в своей деятельности осуществляют различные виды банковских операций, одной из которых является открытие и ведение банковских счетов. В данной статье автор анализирует понятие и сущность, порядок открытия банковского счета, а также некоторые вопросы договора банковского счета на основе законодательства и научной литературы.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** кредитная организация, банк, банковские операции, банковский счет, договор банковского счета, открытие счета, ведение счета, корреспондентский счет.

**OPENING AND MAINTENANCE OF BANK ACCOUNTS - A CERTAIN TYPE OF BANKING OPERATIONS**

Banks in their activities carry out various types of banking operations, one of which is the opening and maintenance of bank accounts. In this article, the author analyzes the concept and essence, the procedure for opening a bank account, as well as some issues of the bank account agreement on the basis of legislation and scientific literature.

**KEYWORDS:** credit organization, bank, banking operations, bank account, bank account agreement, account opening, account maintenance, correspondent account.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Катахонова Лутфия Бахтиёровна* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **93 191 44 50.**

**Сведения об авторе**: ***Катахонова Лутфия Бахтиёровна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **93 191 44 50.**

**Information about the author**: ***Katakhonova Lutfiya Bakhtiyorovna*** – Tajik National University – second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **93 191 44 50.**

# ПРОБЛЕМЫ ВЕЩНОГО ПРАВА И ПРИСВОЕНИЕ (СОБСТВЕННОСТЬ) В СОВРЕМЕННОМ ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ

***Нематов Ф.О.***

**Российско-Таджикский (Славянский) университет**

Основу экономики Таджикистана составляют различные формы собственности.

Государство гарантирует свободу экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной (глава 1; статья 12 Конституция РТ.).

Вещные права характеризуются непосредственно господством лица над вещью. Они юридически оформляют непосредственное отношение лица к вещи, дающие ему возможность использовать данную вещь в своих интересах без участия иных лиц. Абсолютный характер вещных прав делает необходимой их гражданско-правовую защиту с помощью особых вещно-правовых исков, которые также могут быть направлены против любых лиц, поскольку любое лицо может стать нарушителем вещного права, тогда как нарушителем обязательственного права может стать только конкретное обязанное лицо, к которому и будет обращен соответствующий обязательственно-правовой иск. Объектом вещных прав могут служить только определенные вещи, и поэтому с гибелью соответствующей вещи автоматически прекращается и вещное право на нее. Объектом обязательственного права является поведение обязанного лица – должника, причем обязанность последнего может переходить к другим лицам в порядке правопреемства даже после смерти гражданина или прекращения юридического лица. В соответствии со статьей 140 п. п. 1; 2. ГК. РТ объектами гражданских прав могут быть имущественные и личные неимущественные блага и права. К имущественным благам и правам относятся: вещи, деньги, в том числе иностранная валюта, ценные бумаги, работы, услуги информация, действия результаты творческой интеллектуальной деятельности, фирменные наименования, товарные знаки и иные средства индивидуализации изделия, имущественные права и другое имущество. Среди объектов гражданских прав особое место принадлежит вещам, которого определяется их наибольшей распространенностью и возникновением по поводу вещей правоотношений собственности.

Вещи — это материальные предметы внешнего мира по отношению к человеку. Ими являются как предметы материальная и духовная культура продукта человеческого труда, так и предметы, созданной самой природой и используемые людьми в своей жизнедеятельности, земля, полезные ископаемые, растения и т.п. Важнейший признак вещей, благодаря которому становятся объектами гражданских прав, заключается в их способности удовлетворять жизненные потребности людей.

Таким образом, под вещами наука гражданского права понимает данные природой и созданные человеком ценности материального мира, выступающие в качестве объектов гражданского права. Правовое регулирование общественных отношений по поводу владения, пользования и распоряжения разнообразными вещами во многом определяется естественными свойствами, зависящими от их экономического назначения, строится с учетом их ценностей, общественных интересов и т.д. В связи с этим не только теоретическое значение, но и практические значения приобретает научная классификация вещей, призванная служить при выявлении правового режима того или иного имущества, определении объема и содержания прав и обязанностей участников гражданских правоотношений.

Гражданское законодательство разделяет вещи как объекты гражданских прав на две категории – движимые и недвижимые предусмотренное ст. 142 ГК. РТ.

• Движимыми можно назвать имущество, в противоположность недвижимости, не связанные с землей, не прикрепленной к ней. К движимым относятся вещи, которые могут сами передвигаться (животные). Движимыми являются также деньги, обязательные права требования, ценные бумаги, исполнительные листы.

• В отношении недвижимого имущества действует специальный правовой режим. Сделки с таким имуществом необходимо регистрировать, действуют специальные правила и ограничения. Любой правовой режим — это совокупность правил, порядок регулирования определенной сферы деятельности, а также правовые гарантии, средства, механизмы, которые обеспечивают выполнение этих правил и порядок. Это единая упорядоченная правовая система. Граждане являются частными собственниками принадлежащего им имущества. В этом качестве они могут быть собственниками любого имущества, в том числе различных видов недвижимости, включая предприятия как имущественные комплексы, жилые дома и квартиры. Конституция РТ провозгласила возможность о право пользовании земельными участками, а также другие природные ресурсы (гл. 1; ст. 13 Конституции РТ.).

В своем работе Е. А. Суханов определяет, что собственность – это, конечно, не вещи и не имущество. Это – определенное экономическое (фактическое) отношение, подвергаемое правовому оформлению. Экономическое отношение собственности: - Во-первых, состоит из отношения лица к имуществу (материальному благу, в том числе к вещи) как к своему, присвоенному, которое можно непосредственно использовать по своему усмотрению и в собственных интересах; - Во-вторых, включает также отношение между людьми по поводу присвоенного имущество, которое заключается в том, что лицу, присвоившему имущество, все другие лица должны не препятствовать в его самостоятельным использованием. Присвоение (собственность) это совокупность общественных отношений, характеризующих различные формы присвоения (собственность) имущества, не связанные с хищением чужого имущества. Понятие имущество это совокупность вещей и материальных ценностей, состоящих в собственности физического и юридического лица, государственного образования либо принадлежащего организации на праве хозяйственного или оперативного управления;

Имущественные права — это субъективные права участников правоотношений, связанные с владением, пользованием и распоряжением имуществом. Современным имущественным правом относятся: правомочия собственника, а также ограниченные вещные права, т.е. право хозяйственного ведения, право оперативного управления и иные вещные права. Также обязательственные права (в их числе и права возмещение ущерба, вследствие утраты заработка, вреда, причиненного имуществу юридического лица), права авторов, изобретателей на вознаграждения (гонораров) за создание произведения результаты творческого труда, наследственные права;

Имущественные правоотношения — это правоотношения, имеющие экономические, стоимостные содержание и возникающие по поводу оборота различных вещей, имущественных прав, других объектов, имеющих денежную оценку (правоотношения купли-продажи, мены, дарения и т.п.).

В п. 2 ст. 232 ГК правомочия собственника раскрываются с помощью права триады правомочий:

- владения;
- пользования;
- распоряжения.

Под правомочием владения понимается основанная на законе возможность иметь у себя данное имущество, содержать его в своем хозяйстве;

Правомочие пользования представляет собой основанную на законе возможность эксплуатации, хозяйственного или иного использования имущества путем извлечения из него полезных свойств, его потребления;

Правомочие распоряжения означает аналогичную возможность определения юридической судьбы имущества путем изменения его принадлежности, состояния или назначения (отчуждение по договору, передача по наследству, уничтожение и т.д.).

О создании и значении данного правила триады правомочий Кадыров Д.Б., и Фозилханов Д.О. отмечали, что присвоение обеспечивает своему владельцу права владения, пользования и распоряжения собственности. Связь между этими элементами выглядит таким образом: распоряжение определяется пользованием, пользование определяется владением, а владение определяется формой собственности.

В социально-экономической литературе, в том числе и юридической широко распространено определение собственности как присвоение физическим или юридическим лицом средств и продуктов производства внутри и посредством определенной общественной формы или как самой общественной формы, посредством которой совершается присвоение. Определение собственности с помощью категории присвоения восходит к работам К. Маркса, в которых категории собственности и присвоения действительно увязываются друг с другом. Особенно рельефно эта связь прослеживается во введении «К критике политической экономии». Такой подход к определению собственности в принципе возможен. Следует, однако, учитывать, что понятие присвоения нуждается в конкретизации, а потому едва ли может быть использовано для раскрытия содержания собственности без определения его самого. К тому же в понятие присвоения исследователи, в том числе и К. Маркс, вкладывали различное содержание. С этой точки зрения, владение, пользование и распоряжение, как более конкретные экономические категории, обладают несомненными преимуществами по сравнению с предельно абстрактной категорией присвоения. Коэффициент полезного действия указанных категорий в определении собственности неизмеримо выше, чем категории присвоения.

С учетом вышесказанного, собственность – как экономическая категория, представляет собой общественно-производственное отношение по поводу присвоения лицами – индивидуумами – предметов природы, естественных и созданных трудом определенного имущества (материальных благ), которое выражается во владении, пользовании и распоряжении ею, а также в устранении вмешательства всех третьих лиц в ту сферу хозяйственного господства, на которую распространяется власть собственника.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года путем всенародного голосования. Таким же путем в нее были внесены изменения и дополнения 26.09.1999, 22.06.2003 и 22.05.2016 гг. – www.mmk.tj.
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1999 г., №6, ст., 153; ст. 154; 2001 г., №7, ст. 508; 2002 г., №4, ч.1, ст. 170; 2005 г., №3, ст. 125; 2006 г., №4, ст. 193; 2007 г., №5, ст. 356; 2010 г., №3, ст. 156; №12, ч. 1, ст. 802; 2012 г., №7, ст. 700; №12, ч. 1, ст. 1021; 2013 г., №7, ст. 504; 2015 г., №3, ст. 200; Законы РТ от 23.07. 2016 г., №1334; от 02.01.2019 г., №1557.
3. Кадыров Д.Б., Фозилханов Д.О. // Экономические системы и отношения собственности С. 17-31. / Экономика: Учебное пособие. – Душанбе, ИЛМ, 2011. – 178 с.
4. Евразийская политическая экономия: Учебник – С. 218-219./Под ред. И.А. Максимцева, Д.Ю. Миропольского, Л.С. Тарасевича. – СПБ: Изд-во СПБГЭУ, 2016 – 684 с.

5. Гражданское право: В 4 т. Том 2 // Вещное право С. 11-12. Наследственное право. Исключительные права. Личные неимущественные права. / Учебник. 3-е издание, переработанное и дополненное. Под редакцией Е.А. Суханова. М. Волтерс Клувер, 2008 г. – 239 с.

**ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ ВА ТАСАРРУФ (МОЛУ МУЛК) ДАР ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНИИ МУОСИР**

Дар мақола масъалаҳои тасарруфи молу мулки муайян (молу мулк) аз ҷониби шахсони мушаххас ва ҳуқуқи моликият дар ҳуқуқи граждании баррасӣ шудааст. Ҳуқуқи граждании дар системаи соҳаҳои ҳуқуқ мавқеи махсусро ишғол мекунад. Доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқи шаҳрвандӣ танзим мекунад, чунон васеъ ва гуногун аст, ки аслан номгӯи мукаммали онҳоро овардан ғайриимкон аст. Ба иқтисоди бозорӣ гузаштани ҷумҳурии мо боиси васеъ шудани доираи танзими граждании муносибатҳои моликият, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолият инкишоф мeёбанд, мегардад. Бинобар ин, дар мамлакати мо иктисодиёти бозорӣ инкишоф мeёбад, нақш ва аҳамияти ҳуқуқи граждании дар ҳаёти ҷамъиятӣ пай дар пай меафзояд.

**Калидвожаҳо**: ҳуқуқи моликият, моликият, муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ, амволи манқул, амволи ғайриманқул, муносибатҳои иқтисодӣ ва тасарруф.

**ПРОБЛЕМЫ ВЕЩНОГО ПРАВА И ПРИСВОЕНИЕ (СОБСТВЕННОСТЬ) В СОВРЕМЕННОМ ГРАЖДАНСКОМ ПРАВЕ**

В статье рассматривается проблемы присвоения конкретными лицами определенного имущества (материальных благ) и вещного право в гражданском праве. Гражданское право в системе отраслей права занимает особое место. Круг общественных отношений, регулируемых гражданским правом, настолько обширен и разнообразен, что, в принципе, невозможно дать их исчерпывающий перечень. Переход нашей страны к рыночной экономике с неизбежностью приводит к расширению сферы гражданско-правового регулирования имущественных отношений, складывающихся в различных сферах деятельности. Гражданское право – необходимый элемент саморегулирующегося экономического механизма, именуемого рынком. Поэтому по мере становления рыночной экономики в нашей стране роль и значение гражданского права в жизни общества неуклонно будут возрастать.

**Ключевые слова:** Вещное право, собственность, имущество, имущественное права, имущественные правоотношения, движимость, недвижимое имущество, экономическое отношение и присвоение.

**PROBLEMS OF PROPERTY LAW AND APPROPRIATION (PROPERTY) IN MODERN CIVIL LAW**

The article deals with the problems of appropriation by specific persons of certain property (material goods) and property rights in civil law. Civil law occupies a special place in the system of branches of law. The range of public relations regulated by civil law is so extensive and diverse that, in principle, it is impossible to give an exhaustive list of them. The transition of our country to a market economy inevitably leads to the expansion of the sphere of civil law regulation of property relations, developing in various fields of activity. Civil law – is a necessary element of a self-regulating economic mechanism called a market. Therefore, as the market economy is developing in our country, the role and importance of civil law in the life of society will steadily increase.

**Keywords:** Material benefit, civil law, public relations, appropriation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нематов Фирдавс Олимҷонович*** – магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. Телефон:**+992929472882.**

**Сведение об авторе:** ***Нематов Фирдавс Олимчонович*** – магистр второго курса юридического факультета Российско-Таджикский (Славянский) университет Телефон:**+992929472882.**

**Information about the author**: ***Nematov Firdavs Olimjonovich*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Russian-Tajik Slavonic University. Phone: **+992929472882.**

# МАФҲУМИ ШАКЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ

***Саъдуллоев О.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

То имрӯз дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми ягонаи шакли идоракунӣ пешниҳод нашудааст. Ҳолати ба миён омада, талаб мекунад то ба якчанд нуқтаҳои назари гуногун, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ нисбати масъалаи мазкур пешниҳод шудаанд, рӯ орем. Ҳамин тариқ, дар аввал қисме аз муҳаққиқони шуравӣ шакли идоракуниро ба маънои маҳдуд, яъне ҳамчун шакли давлат баррасӣ менамуданд. Вале дар давраҳои минбаъда дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пурра мафҳуми шакли давлат иборат аз қисмҳои ба ҳам алоқаманд асоснок карда шуд. Нуқтаҳои назари гуногун ду ё се унсурҳои шакли давлатро номбар мекунад, ки масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои актуалии назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад. Ҳамин

тариқ шакли давлат аз се унсур, яъне шакли идоракунӣ, шакли сохти давлатӣ ва режими сиёсӣ иборат аст. Ҳамин тариқ, шакли идоракунӣ яке аз унсурҳои таркибии шакли давлат буда, атрофи он якчанд нуқтаҳои назари гуногун ҷой дорад:

1. тарафдорони маҳдуди шакли идоракунӣ дар зери мафҳуми шакли идоракунӣ пеш аз ҳама вазъи ҳуқуқии сарвари давлатро мефаҳманд, аммо дар ин тарз инчунин моҳият ва вазъи дигар мақомоти давлатӣ низ таҳлил мегардад.

2. муҳаққиқони дигар масъалаи мазкурро ҳамчун сохтор ва муносибати байниҳамдигарии муайяни мақомоти олии давлатӣ мефаҳманд.

3. дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мафҳуми васеъ паҳнгаштаи шакли идоракунӣ ҷой дорад, ки ин ба таъсис ва ташкили мақомоти олии давлатӣ алоқаманд мебошад. Дар ин маврид сохтор, вазъи ҳуқуқӣ ва муносибати байниҳамдигарии ашхоси мансабдор, мақомоти давлатӣ ва иштироки аҳолӣ дар ба амалбарории ҳокимияти давлатӣ ба инобат гирифта мешавад.

Муаллифони дигар шакли идоракуниро ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо мекунанд. Монархия ва ҷумҳурӣ шакли берунӣ ва принсипҳои асосии ҳокимияти Олӣ ва маҳаллӣ, муносибати байни онҳо бо синфҳо ва аҳолӣ шакли дохилии шакли идоракуниро ифода мекунад.

Аз ин нуқтаи назар шаклҳои идоракунӣ одатан ба маънои ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, муносибати байни мақомоти давлатӣ, байни онҳо ва аҳолӣ фаҳмида мешавад. Шакли идоракунии ин ё он давлат аз рӯи тартиби ташкили ҳокимият муайян мешавад.

Тартиби ташкили ҳокимият дар кишварҳои ҷудогона гуногун мебошад. Масалан, ваколатҳои муҳими ҳокимияти давлатӣ дар як қатор кишварҳо пурра ба монарх (шоҳ, султон, амир) тааллуқ дорад, дар кишварҳои дигар байни шохаҳои ҳокимият тақсим шудаанд (таҷзияи ҳокимият). Дар давлатҳои гуногун ҳокимияти монарх (шоҳ) меросӣ (мас., Англия, Япония), меросии сулолавӣ (шоҳигарии исломӣ, мас., Арабистони Саудӣ, Оман ва г.) ва интихобӣ аст (мас., Малайзия). Дар як қатор кишварҳо мақомоти Олии кишвар - президент ва парламент - интихоб мешаванд, аммо дар баъзе давлатҳо президентро шаҳрвандон (ҷумҳуриҳои президентӣ), парламент ё мақоми дигари муайннамудаи парламент интихоб мекунад (ҷумҳурии парлумонӣ). Дар як қатор давлатҳо ҳукуматро бевосита президент бо иштироки парламент ё бе иштироки он ташкил мекунад, дар давлатҳои дигар ҳукумат аз ҳисоби ҳизбҳои дар парламент соҳиби аксари ҷойгашта ташкил мешавад. Дар давлатҳои ҷудогона сарвазирро президент (бо розигии палатаи поёнии парламент) таъин мекунад, дар давлатҳои дигар сарвари ҳизбӣ дар интихоботи парламент ғолибшуда якбора сарвазир интихоб мешавад (Англия ). Ҳамин тариқ, шаклҳои идоракунӣ гуногун буда, дар кишварҳои алоҳида хусусиятҳои хос доранд. Аммо ҳамаи онҳо як хислати умумӣ доранд, яъне ба ташкили ҳокимияти олии давлатӣ ишора мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, шакли идоракунӣ ин тарзи ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, тартиби ташкили (интихоб, таъин) мақомоти олии давлатӣ - президент, монарх ҳукумат мебошад. Барои ҳамин аксари муҳаққиқон шакли идоракуниро ба маънои ташкили ҳокимияти олии давлатӣ, ҳокимияти марказӣ, мақомоти Олӣ мефаҳманд. Айни замон нуқтаи назари дигар ҷой дорад. Масалан, М.Н Марченко шакли идоракуниро ба маънои тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти Олӣ ва маҳалии давлатӣ мефаҳмад. Ғайр аз ин, фаҳмиши маҳдуди шакли идоракунӣ ҷой дорад, ки тибқи он шакли идоракуниро бо вазъи ҳуқуқии сарвари давлат муайян мекунанд. Аммо тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, дар аксар таҳлилҳо ҳангоми омӯзиши шакли идоракунӣ маҳз тартиби ташкили мақомоти олии давлатӣ ба инобат гирифта мешавад. Масалан, В.Е. Чиркин шакли идоракуниро бо се мақомот - сарвари давлат, парламент ва ҳукумат алоқаманд мекунад. Дар ин маврид шакли идоракунӣ ба тарзи ташкили ҳокимияти олии давлатӣ ишора мекунад. Аммо тавре маълум аст ин ҳокимият бо иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияи ҷамиятии онҳо, зери таъсири ҷомеаи шаҳрвандӣ ташкил мешавад. Масалан, шаҳрвандон дар интихоби президент ва парламент бевосита иштирок мекунанд, дар ғалабаи ин ё он ҳизби сиёсӣ ҳангоми интихоботи парлумонӣ дар кишварҳои дорои идораи парлумонӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Барои ҳамин шакли идоракунӣ ҳам тартиби ташкили ҳокимияти олии давлатӣ ва ҳам муносибатҳои байни ҳокимият ва аҳолиро дар бар мегирад. Шакли идоракунӣ ду паҳлу

дорад. 1) ташкили ҳокимияти давлатӣ 2) фаъолияти ҳокимияти давлатӣ. Аз ин нуқтаи назар шакли идоракунӣ ин ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар адабиёт мафҳуми шакли идоракуниро аз мафҳуми идоракунии давлат фарқ мекунанд. Идоракунии давлат мафҳуми васеътар буда, таъсири муташаккилонаву мақсадноки давлат ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро дар назар дорад. Шакли идоракунӣ бошад ин тартиби ташкили фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Шакли идоракунӣ, азбаски бо тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст, истифодаи тақсимоти ҳокимиятро дар назар дорад. Таҷзияи ҳокимият - тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ аст. Он ҳангоми интихоби ин ё он шакли идоракунӣ ба инобат гирифта мешавад. Аммо тартиби истифодаи таҷзияи ҳокимият дар кишварҳои мухталиф гуногун аст.

Аз ин нуқтаи назар В.А.Четвернин таҷзияи ҳокимиятро дар ҷумҳурии президентӣ ва дар шакли идораи парлумонӣ (ҷумҳуриҳо ва монархияҳо парлумонӣ) фарқ мекунад. Масалан, дар ИМА, ки кишвари классикии таҷзияи ҳокимият эътироф мешавад, ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия аз ҳам ҷудоянд: президентро коллегияи интихобкунандагон интихоб мекунанд, ҳукуматро президент ташкил мекунад, президент ва ҳукумат назди парлумон масъул нестанд, парламент дар ташкили ҳукумат иштирок намекунад ва ба фаъолияти он дахолат намекунад, ҳукумат низ ба фаъолияти парламент дахолат намекунад, Суди Олии ИМА, ки аъзоёнаш якумра таъин мешаванд, аз тарафи президентҳои баъдина тағйир дода намешавад ва аз болои ҳокимияти қонунгузору иҷроия тариқи муқаррар намудани амсолӣ истифода накардани қонунҳои зиддиконститутсионӣ назорат мекунад.

Дар давлатҳои дорои шакли идораи парлумонӣ, ба андешаи В.А.Четвернин, «таҷзияи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҷой надорад», чунки ҳукуматро парламент аз ҳисоби ҳизби ғолиб ташкил мекунад, сарвазир ва ҳукумат (чун аъзоёни ҳизби ғолиб) вакилони палатаи поёнии парламент мебошанд, ҳукумат назди парламент масъул аст, парламент метавонад ҳукуматро пеш аз муҳлат истеъфо диҳад, сарвари давлат (президент ё монарх) ваколатҳои ҷиддӣ надорад, сарвазир дорои ваколатҳои муҳим буда, вале намояндаи ҳизби сиёсӣ ғолиб аст. Дар воқеъ, тартиби истифодаи таҷзияи ҳокимият дар шакли идораи президентӣ ва парлумонӣ аз ҳам фарқи ҷиддӣ дорад.

Якум, дар ҷумҳурии президентӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия алоҳида ташкил шуда, илова ба ин, тарзҳои ташкили ин ду шохаҳои ҳокимият фарқ дорад: ҳокимияти қонунгузор (палатаи поёнии парламент) аз ҷониби шаҳрвандон интихоб мешаванд, ҳукумат алоҳида (аз ҷониби президент ва бо розигии парламент) ташкил мешавад. Дар ҷумҳурии парлумонӣ парламент ва ҳукумат дар як вақт ташкил мешаванд: ҳизби сиёсие, ки дар натиҷаи интихоботи парлумонӣ соҳиби аксари ҷой дар парламент гаштааст, ҳукуматро ташкил мекунад (аз он ҷумла сарвазирро муайян мекунад): ҳукумат аз парламент вобастагии бевосита дорад ва аз ин нигоҳ таҷзияи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия шаффоф нест.

Дуввум, сарвари ҷумҳурии президентӣ - президент аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб шуда, одатан сарвари ҳам давлат ва ҳам ҳукумат аст. Президент дар ҷумҳурии парлумонӣ одатан на аз тарафи халқ, балки парламент интихоб шуда (ба истисноӣ Болгария, ки он ҷо президентро шаҳрвандон интихоб мекунанд), сарвари ҳукумат нест (сарвари ҳукумат сарвазир аст.)

Сеюм, Президент дар ҷумҳурии президентӣ ба ҳокимияти иҷроия сарварӣ мекунад, аммо президент дар ҷумҳурии парлумонӣ ба ҳукумат ва ҳокимияти иҷроия бевосита роҳбарӣ намекунад.

Чорум, дар ҷумҳурии президентӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия алоҳида ташкил шуда, мустақилона амал мекунанд. Дар ҷумҳурии парлумонӣ ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия якҷоя ташкил шуда, дар вобастагии бевосита амал мекунанд.

Дар адабиёт одатан ду шакли идоракунӣ фарқ карда мешаванд: 1) шакли идораи монархӣ 2) шакли идораи ҷумҳурӣ.

Монархия шакли идораест, ки ба мансубияти ҳокимияти олии давлатӣ бо монарх асос меёбад. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар ҳамаи намудҳои монархия ҳокимияти олии давлатӣ пурра бо монарх тааллуқ дошта бошад. Дар давлатҳои қадимаи осиёӣ, дар замони мутлақияти аврупоии ғуломдориву феодалӣ дар ҳақиқат ҳокимияти Олӣ пурра мансуби монарх буд. Вале дар монархияҳои имрузаи парлумонӣ монархия қисман ба таҷзияи

ҳокимият асос меёбад. Ваколатҳои ҳокимиятӣ байни монарх, парламент ва ҳукумат тақсим мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, яъне вобаста ба мансубияти воқеӣ ё шаклии ваколатҳои ҳокимиятӣ монархияро ба воқеӣ ва номиналӣ ҷудо мекунанд. Дар адабиётҳои имруза монархияро ба монархияи мутлақ ва маҳдуд ҷудо мекунанд. Монархияи мутлақ чунин шакли идоракуниест, ки дар шароити он ҳокимият меросӣ буда, танҳо ба як кас тааллуқ дорад. Дар чаҳони имрӯза монархияи мутлақ дар давлатҳои Оман, Бруней ва Арабистони Саудӣ боқӣ мондаанд.

Ҷумҳурӣ шакли идоракуниест, ки дар он мақомоти олии давлатӣ ба муҳлати муайян интихоб мешаванд. Дар адабиёти пасошуравӣ ақидаҳои дигар оиди таснифи шаклҳои идоракунӣ вомехӯранд. Масалан, ба андешаи Гомеров тақсими шакли идоракунӣ ба монархия ва ҷумҳурӣ кухна шудааст. Муаллиф ҳафт шакли асосии идоракуниро ҷудо мекунад: Парлумонӣ, президентӣ, омехта, суперпрезидентӣ, ҳарби-полисиявӣ, монархӣ, парламентаризми ботил. Ҳамин тариқ, дар мақола андешаҳои зиёди олимон вобаста ба шакли идоракунӣ таҳлил шуда, чунин хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд:

1. Зери мафҳуми шакли идоракунӣ тартиби ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, тартиби ташкили мақомоти давлатӣ, салоҳияти онҳо, муносибати байниҳамдигарии мақомоти давлати, ва иштироки аҳолӣ дар амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад.
2. Шакли идоракунӣ муаяйн мекунад, ки ҳокимияти олӣ дар давлат ба ки тааллуқ дорад ва бо кадом тарз ин мақомотҳо таъсис дода мешаванд.
3. Шакли идоракунӣ дар сатҳи конститусияҳо ё санадҳои конститутсионӣ эътироф мешаванд, ки асоси ҳуқуқии қонунӣ эътироф шудани шакли идоракунӣ мегардад.
4. Дар таҳлили шакли идоракунӣ бояд муносибати байниҳамдигарии мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар доираи таҷзияи ҳокимиятҳо ба назар гирифта шавад.
5. Ба шакли идоракунӣ дар шароити демократия таъсири муҳимро пеш аз ҳама муносибати байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ бо аҳолӣ, дараҷаи фаъолнокии аҳолӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ва иштироки онҳо дар таъсиси мақомоти давлатӣ мерасонад.


**АДАБИЁТ**

1. Петров В.С. Сущность содержание и форма государства / В.С.Петров. - М.: Наука, 1971.-С. 106-112.
2.Мишин А.А. Государственное право буржуазных стран и стран освободившихся от калониальной зависимости / А.А.Мишин. - М.: Издательства Московского университета.-1976.С. 119.
3. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемахои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Чилди 1 / Р.Ш.Сотиволдиев. - Душанбе 2010. 456с.
4.Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш.Сотиволдиев. - Душанбе, 2018. 784с.
5.М.Н.Марченко Теория государства и права / М.Н.Марченко. - М.:2008
6.Чиркин В.Е. Нетипичные формы правления в современном государстве// Государство и право, 1994, №1.С.109-115.
7. Нерсесянц В.С. Проблемы общей теории права и государства / В.С.Нерсесянц. - М., 2008. С.456.



**МАФҲУМИ ШАКЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТ**

Дар мақола якчанд нуқтаҳои назар оид ба шаклҳои идоракунии давлат таҳлил гардидаанд. Қайд мегардад, ки дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми ягонаи шакли идоракунӣ пешниҳод нашудааст. Ҳолати ба миён омада, талаб мекунад то ба якчанд нуқтаҳои назари гуногун, ки дар ин ё он марҳилаи таърихӣ нисбати масъалаи мазкур пешниҳод шудаанд, рӯ орем. Ҳамин тариқ, дар аввал қисме аз муҳҳақиқони шуравӣ шакли идоракуниро ба маънои маҳдуд, яъне ҳамчун шакли давлат баррасӣ менамуданд. Вале дар давраҳои минбаъда дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пурра мафҳуми шакли давлат иборат аз қисмҳои ба ҳам алоқаманд асоснок карда шуд. Нуқтаҳои назари гуногун ду ё се унсурҳои шакли давлатро номбар мекунанд, ки масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои актуалии назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад.



**КАЛИДВОЖАҲО:** шакли идоракунӣ, ҷумҳурӣ, монархия, ҷумҳурии парлумонӣ, ҷумҳурии омехта.



**ПОНЯТИЕ О ФОРМАХ ПРАВЛЕНИЯ**

В статье анализируются несколько точек зрения на формы управления. Следует отметить, что теория государства и права не дает единой концепции управления. Эта ситуация требует от нас взглянуть на ряд различных точек зрения, представленных на том или ином историческом этапе по данному вопросу. Таким образом, сначала некоторые советские исследователи рассматривали форму правления в узком смысле, т. е. как форму правления. Однако в последующие периоды в юридической литературе полностью обосновалось понятие формы государства, состоящего из взаимосвязанных частей. Различные точки зрения перечисляют два или три элемента формы государства, что является одним из наиболее актуальных вопросов теории государства и права.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** форма правления, республика, монархия, парламентская республика, смешанная республика.

### THE CONCEPT OF FORMS OF GOVERNMENT

The article analyzes several perspectives on forms of governance. It should be noted that the theory of state and law does not provide a single concept of governance. This situation requires us to look at a number of different points of view that have been put forward at this or that historical stage. Thus, at first, some Soviet researchers considered the form of government in a narrow sense, i.e. as a form of government. However, in the following periods in the legal literature the concept of the form of the state consisting of the interrelated parts was completely substantiated. Different points of view list two or three elements of the form of the state, which is one of the most pressing issues in the theory of state and law.

**KEYWORDS:** form of government, republic, monarchy, parliamentary republic, mixed republic.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саъдуллоев Оятулло*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон**: 915 68 67 65**.

**Сведение об авторе**: ***Саъдуллоев Оятулло*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон**: 915 68 67 65**.

**Information about the author**: ***Sadulloev Oyatullo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **915 68 67 65.**

## ИНКИШОФИ МОҲИЯТ ВА ҲАДАФҲОИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Мамадёқубов З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Намояндагони назарияи муосири ҳуқуқии давлат (В.А. Четвернин ва диг.) ду нуқтаи назарро оиди давлат ҷудо мекунанд: 1) дарки давлат чун падидаи некхоҳона; 2) эҳсоси давлат чун ташкилоти зӯроварона. Тибқи нуқтаи назари аввала, давлат - воситаи беҳдошти ҳаёти одамон, баланд намудани некӯаҳволии ҷомеа аст. Тибқи нуқтаи назари дуввум, давлат - воситаи зӯроварӣ, пахшкунӣ, фурӯнишонӣ аст. Ба андешаи ин муаллифон, мутафаккирону муҳаққиқон дар ин масъала ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд: яке давлатро чун падидаи нек ва дигаре - ҳамчун падидаи зӯрӣ (манфӣ) таҳлил мекунад. Чунин тарзи дарку таҳлили давлатро муаллифон дар мисоли мутафаккирони гуногун шарҳ медиҳанд. Масалан, Гумплович, Дюринг, Гегел, Маркс ва диг. - пайравони нуқтаи назари зӯроварӣ нисбати давлат арзёбӣ мешаванд. Таҳлили ақидаҳои мутафаккирони форсу тоҷик (Низомулмулк, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш) нишон медиҳад, ки дар афкори форсу тоҷик асосан нуқтаи назари некхоҳона нисбат ба давлат истифода шудааст. Дар минтақае, ки ин мутафаккирон зиндагӣ намудаанд, давлат ба сифати на воситаи зӯроварӣ (аз он ҷумла, зӯроварии синфӣ), балки чун падидаи мусбии олам, василаи беҳдошти зиндагии одамон дарк мешуд. Ба мутафаккирони форсу тоҷик дарки давлат чун воситаи зӯроварии синфӣ хос нест. Онҳо давлатро чун падидаи хубу ба одамон муфиди ҷомеа дарк менамуданд. Ин ҷо назарияи хайрхоҳона нисбати давлат инкишоф ёфтааст.

Дар адабиёти имрӯза муҳаққиқон дар баробари ин нуқтаҳои назари анъанавӣ оиди давлат ҳамзамон ба нуқтаҳои назари дигар низ ишора мекунанд. Тибқи маълумоти, масалан, М.Н. Марченко, ибтидои асри XX ду назария оиди давлат истифода мешуданд: яке давлатро чун падидаи воқеӣ (назарияҳои «давлат чун организми маънавӣ-ахлоқӣ», «чун халқ») ва дигаре онро ба сифати «падидаи шаклӣ-ҳуқуқӣ» (назарияҳои «давлат чун объект», «давлат чун субъект», «чун муносибати ҳуқуқӣ») таҳлил менамуд. Айни замон нуқтаи назари дигар низ арзи вучуд дошт (Г. Еллинек), ки давлатро чун «ҷузъи кайҳон», «падидаи кайҳонӣ» дарк мекунад. Ба маълумоти муаллиф, ҳоло нуқтаҳои назари маъмурӣ ва глобалӣ нисбати давлат истифода мешаванд. Дар заминаи нуқтаи назари маъмурӣ ақидаи «давлати маъмурӣ» пешкаш шудааст, яъне давлати имрӯза танҳо эҷодкунандаи қонунгузорӣ набуда, ҳамзамон давлати маъмурӣ аст. Нуқтаи назари глобалӣ дар заминаи ривоҷи ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони имрӯза пайдо шудааст. Тибқи он, дар натиҷаи ҷахонишавӣ табиати давлатҳои имрӯза, функсияҳои онҳо тағйир меёбанд, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатҳои имрӯза маҳдуд мегардад, ширкатҳои трансмиллӣ (глобалӣ) сохторҳои нави иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсиро таъсис медиҳанд, ки аз рӯи имкониятҳои худ аз давлатҳо дида

нақшу нуфузи бештар доранд, воқеан бар болои як қатор давлатҳо қарор доранд. Ба андешаи М.Н. Марченко, нуқтаи назари глобалӣ ба ақидаҳои пештар паҳнгаштаи «давлати умумиҷаҳонӣ», «ҳукумати ҷаҳонӣ» такя мекунад. Ҳамин тариқ, нуқтаҳои назари мухталиф оиди давлат вуҷуд доранд. Чи замонҳои пеш ва чи имрӯз як нуқтаи назари умумӣ (умумиэътирофгашта) оиди давлат вуҷуд надошт ва надорад. Бар замми ин, имрӯз нуқтаҳои назари нав ташаккул ёфта истодаанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо далели инанд, ки давлат - падидаи мураккаби ҳаёти ҷомеа буда, омӯзиши он давом дорад. Ҳамзамон дар шароити гуногунандешагӣ, ки Конститутсияи Тоҷикистон (ҳамчунин, конститутсияҳои давлатҳои демократӣ) онро эътироф намудааст, бо як нуқтаи назар маҳдуд шудан ва инкор намудани дигар нуқтаҳои назар мумкин нест. Ба ибораи дигар, як нуқтаи назарро дуруст ва нуқтаҳои назари дигарро нодуруст эълон намудан хилофи ҳам талаби конститутсонии гуногунандешагӣ ва ҳам таҳқиқи айнии илмӣ аст. Барои ҳамин ҳангоми дарку таҳлили давлати муосир аз ҳамаи нуқтаҳои назар истифода бояд намуд. Айни замон мавқеи худро бояд саҳеҳ намуд, вагарна хулосаи умумӣ ҳосил намешавад. Мисли ин ки нуқтаҳои назар оиди давлат гуногунанд, худи давлат чун падидаи ҳаёти ҷомеа аз ҷониби муҳаққиқон ҳар хел тасаввур карда мешавад. Чунончи, Г. Келзен давлатро ба якчанд маъно мефаҳмад. Якум, давлат чун падидаи ҳуқуқӣ (шахси ҳуқуқӣ, тартиботи ҳуқуқии кулли ҷомеа) бо ҳуқуқ алоқаманд аст (андешаи давлати ҳуқуқӣ). Дуввум, ба маънои сотсиологӣ, давлат - падидаи сотсиологӣ, воқеияти ҷамъиятӣ, низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва асноди идоракуниву тобеъият аст. Саввум, ба маънои биологӣ, давлат - организми табиӣ, падидаи биологӣ-ҷамъиятист. Чорум, давлат - падидаи сиёсӣ, ташкилоти сиёсист, ки тартиби истифодаи қувваро муайян мекунад.

Муҳаққиқи рус В.А. Четвернин давлатро аз се нигоҳ таҳлил мекунад: 1) аз нигоҳи ҳуқуқи байналхалқӣ (чун аъзои муносибатҳои байналхалқӣ), 2) аз нигоҳи аъзои ин ё он ҷоме*а*, 3) аз нигоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ. Ба маънои якум, давлат чун маҷмуи одамони сокини ҳудуди муайян (миллат, иттиҳоди одамон) субъекти ҳуқуқи байналхалқист, ки аз аҳолӣ, ҳудуд ва ҳокимияти давлатӣ иборат аст. Ба маънои дуввум, давлат - ташкилоти (дастгоҳи) сиёсист, ки ҳокимияти сиёсиро амалӣ мекунад. Яъне шаҳрванд давлатҳои дигарро (хориҷиро) чун иттиҳоди одамони ҳамон давлат ва давлати хешро ҳамчун ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ тасаввур мекунад, ки нисбат ба ӯ (шаҳрванд) ҳокимиятро амалӣ мекунад. Ба маънои саввум, давлат дар шакли дастгоҳи давлатӣ, маҷмуи мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, сохторҳои ҳокимиятӣ тасвир мегардад. Ба ин маъно давлат аз нуқтаи назари шаклаш, механизми давлат, сохти он омӯхта мешавад. Аз ин ҷо муаллиф ба хулоса меояд, ки истилоҳи «давлат» ба се маъно истифода мешавад: а) иттиҳоди давлатӣ, б) ҳокимияти давлатӣ, в) маҷмуи мақомоти давлатӣ.

Ба андешаи В.А. Четвернин, ин паҳлӯҳои моҳияти давлат дар назарияҳои мухталифи давлат ҳар хел арзёбӣ мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, назарияҳои сотсиологӣ, легистӣ ва либертарии давлат ҷудо карда мешаванд. Айни замон назарияҳои сотсиологӣ ва легистӣ аз нуқтаи назари фаҳмиши либертарии давлат таҳлил мегарданд. Барои ҳамин нуқтаи назари либертаристон оиди назарияҳои давлат бо нуқтаи назари муаллифони дигар оиди ҳамин назарияҳо мувофиқ нест. Чунончи, ба андешаи В.А. Четвернин назарияи сотсиологӣ давлатро чун ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ, новобаста аз қонун, дар чорчӯбаи ақидаи ягонаги ҳуқуқ ва қонун таҳлил мекунад. Назарияҳои позитивистон (Ҷ. Остин, Г.Ф. Шершеневич, Л. Гумплович) ва назарияи марксистӣ-ленинӣ оиди давлат - ҷузъи назарияи сотсиологӣ эътироф мешаванд. Тибқи назарияҳои позитивистон, давлат - аввалин ва ҳуқуқ - дуввумин аст, чунки давлат ҳуқуқро (қонунро) эҷод намуда, бо қонунҳои эҷодкардааш алоқаманд нест. Дар назарияи марксистӣ-ленинӣ бошад, давлат чун ташкилоти, аслиҳаи, «машина» - и ҳукмронии синфӣ, диктатураи (зӯроварии) синфӣ (новобаста аз қонун) арзёбӣ мегардад. Камбудии назарияҳои сотсиологиро В.А. Четвернин маҳз дар он мебинад, ки давлат новобаста аз қонун таҳлил мешавад (ҳар гуна фурӯнишонӣ равост, агар ин ба манфиати давлат бошад). Айни замон муаллиф ба он ишора мекунад, ки назарияҳои сотсиологӣ моҳияти давлатро на танҳо дар зӯроварӣ, балки «ҳалли корҳои умумиҷамъиятӣ» мебинанд. Дар шароити имрӯзаи дигаргун гаштани таъинот ва вазифаҳои давлат (ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, дастгирии аҳолии камбизоат ва м.и.) давлат, аз нигоҳи назарияҳои сотсиологӣ, чун василаи созиши иҷтимоӣ, таъмини сулҳу субот дар ҷомеа

арзёбӣ мегардад. Ба ин нигоҳ накарда, В.А Четвернин камбудии назарияҳои сотсиологиро дар он мебинад, ки онҳо давлатҳои ҳам демокративу либералӣ ва ҳам истибдодиву тоталитариро чун давлат эътироф мекунанд (давлати истибдодӣ ҳам давлат аст). Аммо либертаристон давлати истибдодӣ ё тоталитариро чун давлат эътироф намекунанд. Камбудии дигари назарияҳои сотсиологиро либертаристон дар он мебинанд, ки назарияи сотсиологӣ ва давлати ҳуқуқӣ бо ҳам мувофиқ нестанд, ҳамдигарро инкор мекунанд. Ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи сотсиологӣ ҳуқуқҳои фитрӣ ва давлати ҳуқуқиро эътироф карда наметавонад, чунки дар ин назария ҳар гуна давлат (истибдодӣ, тоталитарӣ ва м.и.) давлат аст. Ба ақидаи муаллиф, дар назарияи сотсиологӣ ба ҷои ақидаи «давлати ҳуқуқбунёд» аслан ақидаи «давлати қонунбунёд» истифода мешавад, чунки ҷонибдорони назарияи сотсиологӣ волоияти на ҳуқуқ, балки қонунро эътироф мекунанд.

Муаллиф барои мисол ба назарияи шуравии давлат ишора мекунад, ки ақидаи давлати ҳуқуқбунёдро чун буржуазӣ истифода намекард. В.А. Четвернин аз С.С. Алексеев, ки пештар ҷонибдори назарияи шӯравии давлат буд, дар хусуси муносибати шуравӣ ба назарияи давлати ҳуқуқӣ чунин иқтибос меорад: «Аз нигоҳи илмӣ ин назария беасос аст, чунки ҳуқуқ табиатан аз давлат боло буда наметавонад. Илова ба ин, он асосҳо ва принсипҳои ҳуқуқии мутлақ, ки бояд нисбат ба давлат афзалиятнок бошанд, нофаҳмо ва номуайянанд. Назарияи буржуазии «давлати ҳуқуқбунёд» - назарияи бардурӯғ ва сохта аст».

Дар ҳақиқат назарияи марксистӣ-ленинӣ бо сабабҳои ба ҳама маълуми мафкуравӣ зидди ҳар гуна назарияҳои буржуазӣ (таҷзияи ҳокимият, ҳуқуқҳои фитрӣ, идораи парлумонӣ ва м.и.) буд, онҳоро зиддикоммунистӣ эълон намуда буд. Дар шароити оштинопазирии идеологияи сотсиалистӣ (коммунистӣ) ва буржуазӣ (капиталистӣ) табиист, ки ҳар гуна назарияи зидди мафкуравӣ қабул намешавад. Муҳаққиқони шуравӣ он солҳо бо сабабҳои маълуми мафкуравӣ дар доираи ҳамин мафкураи зиддикоммунистӣ асарҳо эҷод менамуданд.

Аммо ба асарҳои илмии муҳаққиқони шуравӣ оиди ин ё он масъалаи сиёсии дорои моҳияти мафкуравӣ (масалан, оиди давлати ҳуқуқӣ) ишора намуда, дар ин замина ин муаллифонро рақибони ақидаву назарияҳои имрӯз васеъ паҳнгашта (давлати ҳуқуқӣ, таҷзияи ҳокимият, ҳуқуқҳои фитрӣ ва ғ.) эълон намудан чандон дуруст нест. Аксари муаллифони собиқ шӯравӣ дар шароити имрӯза аз андешаву назарияҳои пештараи мафкуравии хеш даст кашиданд. Масалан, ҳамон профессор С.С. Алексеев, ки ӯро В.А. Четвернин ҳомии назарияи марксистӣ (сотсиологӣ) ва ҳарифи назарияи давлати ҳуқуқбунёд меномад, ҳоло аз давлати ҳуқуқбунёд бештар пуштибонӣ мекунад. С.С. Алексеев, аз ҷумла менависад: «акнун … сарчашмаҳои асосии ҳуқуқ - қонунҳо, пеш аз ҳама Конситутсия - чун қуввае баромад мекунанд, ки ҳокимиятро ба низом меоранд, чун маҳаки имкону ҳадди фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор истифода мешаванд».

В.А. Четвернин низ дигаргуниро дар дарки сотсиологии давлат эътироф мекунад. Ба андешаи ӯ, ҷонибдорони назарияи сотсиологӣ имрӯз давлати ҳуқуқбунёдро эътироф мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, назарияи сотсилогӣ яктарафа арзёбӣ мешавад. Ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи сотсиологӣ, гарчанде давлати ҳуқуқбунёдро эътироф кунад ҳам, аммо ба як қатор саволҳо посухи саҳеҳ дода наметавонад, масалан, агар дар давлати ҳуқуқӣ волоияти ҳуқуқ ҷой дошта бошад, пас ин кадом ҳуқуқ аст? Агар зери мафҳуми ҳуқуқ қонунгузорӣ (меъёрҳои ҳуқуқ) фаҳмида шавад, пас табиист ки волоияти ҳуқуқ аслан волоияти қонунро дар назар дорад, ки худ хилофи ақидаи волоияти ҳуқуқ аст (чунки либертаристон ва намояндагони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва қонунро аз ҳам ҷудо мекунанд). Тибқи ақидаи васеъ паҳнгашта (дар назарияҳои фитриву либертаристӣ), қонун метавонад зиддиҳуқуқӣ бошад ва аз ин хотир волоияти танҳо ҳуқуқ эътироф мешавад. Ин ақидаро сотсиологҳо низ эътироф мекунанд, аммо дар иртибот бо ин масъала саволи дигар пайдо мешавад - агар ҳуқуқ ва қонун як набошанд, пас ин кадом ҳуқуқ аст? Ба андешаи В.А. Четвернин, ба ин савол сотсиологҳо ҷавоби саҳеҳ дода наметавонанд, зеро онҳо ҳуқуқу қонунро ҷудо намекунанд. Барои мисол ӯ аз китоби В.М. Сирих иқтибос меорад: «камбудии асосии назарияи давлати ҳуқуқбунёди охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар иртибот бо ин ки кадом ҳуқуқ давлатро бояд маҳдуд кунад, кӣ манбаи ин ҳуқуқ аст, механизми вобастагии давлат аз ҳуқуқ чӣ гуна аст то ҳозир бартараф нашудааст».

Ба андешаи В.А. Четвернин, назарияи легистӣ (намояндаи барҷастааш - Г. Келзен) давлатро дар иртибот бо қонун меомӯзад. Давлат - падидаест, ки дар қонун муайян шудааст (инъикоси шакли давлат, сохти дастгоҳи давлат ва м.и. дар конститутсия). Ин назарияро муаллифони дигар ҳуқуқӣ меноманд. Аммо В.А. Четвернин онро лигистӣ меномад, зеро давлатро дар алоқамандӣ на бо ҳуқуқ, балки бо қонун меомӯзад. Тафовути назарияи легистиро аз назарияҳои дигар ӯ дар он мебинад, ки агар сотсиологҳо ва сиёсатшиносон шуғли омӯзиши муносибатҳои ҳокимиятии воқеӣ бошанд, файласуфон атрофи давлати намунавӣ ҳарф зананд, пас легистҳо бо омӯзиши қонунҳо машғуланд, яъне давлатро чун муқарраротИ қонунгузорӣ арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи муаллиф, дар назарияи легистӣ тафовути давлати демократӣ аз давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ гузаронида намешавад, дар ин назария ҳар гуна давлат новобаста аз моҳияташ давлат аст, зеро дар қонун пешбинӣ шудааст.

Муаллиф, ҳамчунин имкони эътирофи ақидаи давлати ҳуқуқии аслиро дар назарияи легистӣ рад мекунад, чунки тибқи андешаҳои легистон, ҳар гуна давлат, модоме ки дар қонун пешбинӣ шудааст, ҳуқуқӣ аст (давлати ғайриҳуқуқӣ имконнопазир аст). Камбудии назарияи легистиро ӯ ҳамчунин дар он мебинад, ки қонунгузорӣ (ҳуқуқи позитивӣ) маҳсули давлат эътироф мешавад ва маҳз ҳамин қонунгузорӣ давлатро пешбинӣ мекунад, яъне давлат бо қонунҳои худаш шаклу сохти давлатдориро муқаррар мекунад ва бар замми ин, моҳияти ҳуқуқии қонун (қонуни ҳуқуқӣ) эътироф намешавад. Ба ибораи дигар, давлат метавонад худсарона қонун муқаррар кунад ва дар ҳар маврид давлат дар робита бо қонун, новобаста аз моҳияташ маънидод мешавад.

Ин хулосаи умумии назарияи либертаристӣ оиди назарияи легистӣ аст. Ба андешаи В.С. Нерсесянс, дар назарияи легистӣ ҳокимияти давлатӣ ҳамеша бо қонун вобаста аст, агар қонун набошад, пас ҳокимияти давлатӣ низ нест. Дар назарияи легистӣ, ба қавли В.С. Нерсесянс, «давлат гуфта, танҳо чунин ташкилоти ҳокимияти сиёсиро меноманд, ки онро ҳокимият худаш дар қонунҳои хеш муқаррар мекунад».

Назарияи лебертарии давлатро ҷонибдоронаш (В.С. Нерсесянс, В.А. Четвернин ва диг.) назарияи ҳуқуқӣ меноманд. Ба андешаи онҳо, маҳз дар ҳамин назария фаҳмиш ва мафҳуми ҳуқуқии давлат пешкашу истифода мешавад. Фаҳмиши ҳуқуқии давлат дар таърифи В.С. Нерсесянс ба давлат акс меёбад: «давлат - ин шакли ҳуқуқии (навъи ҳуқуқии) ташкил ва амали ҳокимияти сиёсии омма аст».

Ба андешаи В.С. Нерсесянс, давлат чун падидаи ҳуқуқӣ - ин «шакли ташкилӣ-ҳокимиятии ифода, мушаххасгардонӣ ва амалӣ гаштани баробарии шаклӣ аст». Давлатро ӯ дар робита бо ҳуқуқ меомӯзад. Ҳуқуқ - шакли меъёрии ифодаи озодӣ, давлат - шакли ҳокимиятии ифодаи озодии одамон мебошанд. Озодии одамон дар он ифода меёбад, ки одамон шаклан баробар буда, «чун субъектони ҳуқуқ ва субъектони давлат» баромад мекунанд. Дар ин замина В.С. Нерсесянс таърифи зерини давлатро пешкаш мекунад: «давлат - ин ташкилоти ҳуқуқии (яъне ба баробарии шаклӣ асосёфтаи) ҳокимияти оммаи (сиёсии) афроди озод аст».

Давлат, тибқи андешаи В.С. Нерсесянс, моҳияти ҳуқуқӣ ва манбаи ҳуқуқӣ дорад. Моҳияти ҳуқуқии давлат дар он ифода меёбад, ки давлат - шакли ҳокимиятии ифодаву мушаххасгардонӣ ва амалӣ гаштани баробарии шаклӣ аст. Манбаи ҳуқуқии давлатро баробарии шаклии одамони озод, эътирофи «иштирокияти ҳуқуқӣ» ва «иштирокияти давлатӣ» - и онҳо ташкил медиҳад.

Ба андешаи В.С. Нерсесянс, моҳияти ҳуқуқӣ ва манбаи ҳуқуқии давлат дар ҳамаи давлатҳои пеш ҷой дошта, ба шаклу андозаи гуногун ифода меёфтанд. Ӯ сатҳи баркамолии давлатро аз рӯи ҳамин маҳак, яъне дар заминаи сатҳи ифодаи моҳияти ҳуқуқии давлат ва таъмини манбаи ҳуқуқии он муайян мекунад. Баробарии шаклии одамони озод, имкони иштироки онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ва давлат ҳар чи қадар хубтар таъмин бошад, пас ин нишонаи пешрафти давлат аст. Марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи давлат чун давраҳои болоравии давлат, торафт бештар таъмин гаштани баробарӣ, озодӣ ва адолат арзёбӣ мешаванд. Дар назарияи либертарии В.С. Нерсесянс арзиши давлат эътироф мешавад. Арзиши давлат дар он эҳсос мешавад, ки давлат моҳияти ҳуқуқӣ дорад, давлати ҳуқуқӣ аст.

Либертаристон давлатро дар заминаи аз ҳам ҷудо намудани ҳуқуқ ва қонун меомӯзанд. Дар таърифи овардашуда шакли ҳуқуқии ҳокимият будани давлат маънои онро

дорад, ки давлат на бо қонунҳои қабулкардааш, балки бо ҳуқуқ алоқаманд аст. Либертаристон қонунгузориро рад намекунанд, аммо танҳо қонунгузории ҳуқуқиро эътироф мекунанд. Ба андешаи, масалан, В.А. Четвернин, агар қонунҳои ҳокимият озодии одамонро инкор намоянд, пас ин гуна қонунҳо - қонунҳои на давлат, балки истибдоданд (тавре таъкид гардид, либертаристон давлати истибдодӣ ё тоталитариро - давлат эътироф намекунанд). Либертаристон танҳо мафҳуми ҳуқуқии давлатро ҷонибдорӣ мекунанд. Ин фаҳмиш дар заминаи тафовути ҳуқуқ ва қонун, қонуни ҳуқуқӣ, озодии инсон имконпазир аст. Давлат ва озодии инсон аз ҳам ҷудонашаванда эътироф мешаванд. Таъиноти аслии давлат дар таъмини озодии одамон эҳсос мегардад. Ба ақидаи В.А. Четвернин, давлат - «ин шакли ҳастӣ ва амалӣ гаштани озодии одамон дар ҳаёти иҷтимоии онҳост». Дар назарияи либертарӣ (мисли назарияҳои дигар) давлат - ташкилоти ҳокимияти сиёсӣ аст. Аммо ин ташкилот бояд ҳуқуқӣ бошад. Илова ба ин, либертаристон аломатҳои давлатро низ аз нигоҳи ҳуқуқ таҳлил мекунанд. Чунончи, соҳибихтиёрии давлат маънои онро дорад, ки ҳокимияти давлатӣ воло буда, вале муқтадир (тавоно) нест, номаҳдуд нест, бо озодии шаҳрвандон маҳдуд мешавад, ҳадди ҳуқуқиро соҳиб мегардад. Назарияи либертарӣ аз усули тамаддунӣ низ истифода мебарад. Айни замон истифодаи ин усул ба мақсадҳои назарияи номбурда пурра тобеъ аст. Аз нигоҳи либертаристон, ду навъи тамаддун аз ҳам фарқи куллӣ доранд: 1) тамаддуни фардӣ; 2) тамаддуни низомӣ. Дар шароити тамадуни фардӣ озодии инсон таъмин аст, ин ҷо инсон озодона, новобаста аз низоми ҷамъиятиву давлатӣ ҳаёту фаъолият дорад. Дар тамаддуни низомӣ бошад, баръакс, инсон побанди низоми мавҷудаи ҷамъиятиву сиёсӣ аст, барои ҳамин низом хизмат мекунад, озодиаш таъмин нест. Ба андешаи В.А. Четвернин, аввал тамаддуни низомӣ, сипас бо пешрафти ҷомеа тамаддуни фардӣ ташаккул меёбанд. Аммо на дар ҳама минтақаҳои олам. В.А. Четвернин ба ин ақида аст, ки дар манотиқи Шарқи Қадим тамаддуни низомӣ ташаккул меёбад, сипас халқҳои Юнону Рим рӯ ба тамаддуни фардӣ меоранд ва ҳоло дар минтақаи Европа тамаддуни фардӣ пурра инкишоф меёбад. Дар давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ, ба андешаи ӯ, тамаддуни низомӣ ҷой дорад. Бар замми ин, ҳамон давлати тоталитарӣ, ки онро В.А. Четвернин хоси тамаддуни низомӣ медонад, дар минтақаи Ғарб низ маълум буд, ҳатто шакли ниҳоии давлатдории хилофи инсон - давлати фашистӣ - маҳз дар минтақаи Аврупо, дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳон (дар Олмон ва Италия) пайдо шуда буданд. Тамаддуни юнониву римӣ низ аз ҷумлаи тамаддуни фардӣ шинохта мешаванд, ҳол он ки андеша ва назарияи фардӣ замони инқилобҳои буржуазӣ ташаккул меёбанд.

В.А. Четвернин ва умуман либертаристҳо танҳо давлати хуқуқиро, давлатро чун шакли ҳуқуқии ташкилу фаъолияти ҳокимият, шакли таъмини озодии одамон эътироф мекунанд. Ба андешаи онҳо, давлати истибдодӣ ва тоталитарӣ, ки шакли ғайриҳуқуқии ҳокимият (давлати қонунӣ, ба қонун асосёфта, на ба ҳуқуқ) ва хилофи озодии одамон аст, дар асл давлат нест. Ба андешаи В.А. Четвернин, ҳокимияти тоталитарӣ «хилофи ҳокимияти давлатист» ва аз ин нуқтаи назар «давлати тоталитарӣ ҷой дошта наметавонад». Ба андешаи ӯ, «давлати шуравӣ» ҳам дар шакл давлат буд, вале аслан давлати «қалбакӣ» буд, шаклан худро чун давлат арзёбӣ менамуд. Қонунгузории давлати тоталитарӣ низ, ба фикри муаллиф, дар асл қонугузорӣ нест, чунки зидди ҳуқуқ аст, «қудратист». Ҳокимияти тоталитарӣ, ба гуфти В.А. Четвернин, «озодии зердастони ҳокимиятро нест мекунад». В.А. Четвернин давлатро бо озодӣ мепайвандад. Аммо дар назарияи либертарӣ, тавре маълум аст, озодии фардӣ эътироф мешавад. Ба андешаи В.А. Четвернин, давлат - ташкилоти ҳокимиятии ҳуқуқист, ки озодии фардиро (на кулли аҳолиро) таъмин мекунад. Ин озодии фардӣ, тибқи андешаи муаллиф, дар заминаи моликияти хусусӣ пайдо мешавад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки, якум, танҳо соҳибмулки хусусӣ дорои озодии фардист, дуввум, қисми дигари (бештари) аҳолӣ (масалан, ғуломон), ки аз моликияти хусусӣ маҳрум буданд, озодии фардӣ надоранд. Муҳаққиқони имрӯза аз ақидаи В.А. Четвернин дар хусуси ба ҳам муқобил гузоштани давлат ва истибдод пуштибонӣ намекунанд. Масалан, Н.Н. Деев истибдодро чун навъи махсуси давлат эътироф мекунад. Ӯ зидди ашдешаҳои В.А. Четвернин оиди таносуби озодӣ ва давлат, набудани озодии фардӣ ва давлати аслӣ дар Шарқи Қадим баромад мекунад. Ба ақидаи Н.Н. Деев, агар озодӣ маънои вуҷуди андозаи хурди мухтории шахсро дошта бошад, пас давлат дар ҷамъиятҳои қадими шарқӣ низ арзи вуҷуд дошт.

Дар назарияи либертарии В.А. Четвернин давлатҳои тоиндустриалӣ, давлатҳои муосири ҳуқуқбунёд ва полисиявӣ (на ба маънои «полис» - шаҳр-давлати қадимаи юнонӣ, балки дар иртибот бо мақомоти полис) эътироф мешаванд. Давлатҳои тоиндустриалӣ чун давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ, рӯ ба инкишоф наёфта арзёбӣ мешаванд, ҳатто давлат ҳам эътироф намешаванд. Дар замони имрӯза, ба андешаи муаллиф, давлатҳои ҳуқуқбунёд ва полисиявӣ арзи вуҷуд доранд. Дар давлати ҳуқуқӣ маҳдудкунии аз ҳама бештари (имконпазири) ҳокимият бо ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин мегардад. Имкони барпо гаштани ин давлат бо сатҳи баланди инкишофи ҷомеа, сатҳи баланди давлатдорӣ алоқаманд карда мешавад. Дар давлати полисиявӣ бошад мақомоти маъмурӣ имкони то ҳадди имкон ба ҳаёти хусусии одамон дахолат намуданро доранд. Фарқи давлати полисияviро аз давлатҳои истибдодиву тоталитарӣ В.А. Четвернин дар он мебинад, ки дар давлати истибдодӣ озодӣ мутлақо ҷой надорад, дар давлати тоталитарӣ озодӣ то ҳадди имкон маҳдуду поймол мегардад, дар давлати полисиявӣ ҳуқуқу озодиҳо эълон мешаванд, вале дахолати давлат ба онҳо мушоҳида мешавад (манъи ҳизбҳо, корпартоӣ, сензура ва м.и.). Илова ба ин, В.И. Четвернин давлатҳои либералӣ ва иҷтимоиро ҷудо мекунад: дар давлати либералӣ ҳокимият озодии бештари одамонро эълон намуда, ба ҳаёти хусусӣ дахолат намекунад, дар давлати иҷтимоӣ дахолати бештари давлат баҳри дастгирии аҳолии камбизоат ба мушоҳида мерасад. В.А. Четвернин аз давлатҳои полисиявӣ ва ҳуқуқӣ пуштибонӣ мекунад.

Лозим ба таъкид аст, ки андешаҳои В.А. Четвернин хоси умуман назарияи либертарӣ нестанд. Чунончи, В.С. Нерсесянс (поягузори ҳамин назария дар Россияи пасошӯравӣ) ба он ақида аст, ки назарияи либертарӣ ба эътирофи аҳамият ва арзиши ҳуқуқу давлат асос меёбад. Ӯ фарқи назарияи либертариро аз назарияҳои позитивӣ ва легистӣ маҳз дар ҳамин мебинад. Ба андешаи В.С. Нерсесянс, қонун (ҳуқуқи позитивӣ) бояд хислати умумиҳатмӣ дошта бошад ва дар таъмини ин хислати ҳуқуқ нақши асосиро маҳз давлат мебозад. Зарурати давлат дар таъмини қонун (ҳуқуқи позитивӣ) дида мешавад. Модоме ки дар назарияи муаллиф ҳуқуқ чун «низоми умумиҳатмии меъёрҳои баробарӣ, озодӣ ва адолат» арзёбӣ мегардад, пас нақши давлат дар таъмини ҳамин низоми меъёрӣ (баробарӣ, озодӣ, адолат) дида мешавад. Давлат, ба ақидаи ӯ, «ташкилоти ҳуқуқии ҳокимияти омма аст, ки барои табдили ҳуқуқи умумиҳатмӣ ба қонуни умумиҳатмии дорои санксияи мувофиқ, барои муқаррару ҳимояи тартиботи ҳуқуқӣ зарур аст». Илова ба ин, В.С. Нерсесянс имкони истифодаи қувваро дар давлат инкор намекунад. «Зӯроварӣ, тибқи ин назария, - менависад ӯ, - танҳо дар шакли санксияи давлатии ҳуқуқи қонунигашта (қонуни ҳуқуқӣ) равост». Тавре мушоҳида мешавад, В.С. Нерсесянс давлатро чун шакли таъмини «озодии одамон», на озодии соҳибмулкон дарк мекунад. Ӯ озодии ҳамаи одамонро дар назар дорад.

Ба ақидаи муаллиф, ин «озодии афрод пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки онҳо ҳамчун одамони шаклан баробар - субъектони ҳуқуқ ва субъектони давлат баромад мекунанд». Аз ин хотир В.С. Нерсесянс давлатро чун ташкилоти ҳуқуқӣ-оммавии «ҳокимияти афроди озод» таъриф медиҳад. Ҳамин тариқ, назарияи В.С. Нерсесянс аз назарияи В.А. Четвернин дида, аҳамияти бештар арзишӣ дорад, нақш ва аҳамияти давлатро дар ҳаёти ҳамаи одамон (новобаста аз соҳибии моликият) эътироф мекунад. Бо пешрафти давлат моҳияти ҳуқуқии давлат (воситаи таъмини баробарӣ, озодиву адолат будани давлат) бештар зоҳир мегардад. Инкишофи давлатдорӣ, тибқи андешаронии В.С. Нерсесянс, ин торафт бештар зоҳир гаштани моҳияти ҳуқуқии (арзишии) давлат аст.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки давлат - ҷузъи ҳаёти одамон, неъмати ҷомеа аст. Одамон бидуни давлат баробарӣ, озодӣ ва адолатро соҳиб шуда наметавонанд. Ҳамин давлат аст, ки ба туфайли он одамон торафт бештар баробариву озодӣ ва адолатро соҳиб мегарданд.

**АДАБИЁТ**


1.Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права / М.Н.Марченко. - С. 130-131.
2. Оиди нуқтаи назари Г. Келзен ниг.: Марченко М.Н. Ас. иш. С. 124-126.
3. Четвернин В.А. Государство: сущность, понятие, структура, функции // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. М., 2001. С. 515-517.
4.Алексеев С.С. Социальная ценность права в советском обществе / С.С,Алексеев. - М., 1971. С. 193.
5. Алексеев С.С. Философия права / С.С,Алексеев. - М., 1999. С. 77-78.
6. Сырых В.М. Теория государства и права / В.М.Сырых. - М., 1998. С. 409.
7. Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. С. 532.

8. Нерсесянц В.С. Общая теория права и государства / В.С.Нерсесянц. - М., 1999. С. 78.
9. Ниг.: Четвернин В.А. Понятие права и государства. Введение в курс теории права и государства. М., 1997. С. 113.
10. Ниг.: Четвернин В.А. Государсво: сущность, понятие, структура, функции. С. 537-538.
11.Мартышин О.В. Теория государства и права в постсоветские десятилетие. Некоторые итоги // Ежегодник российского права / О.В.Мартышин. - М., 2000. С. 87.
12.Общая теория государства и права. Академический курс. В 2-х т. Т. 2. Теория права. М., 1998. С. 22.
13. Ниг.: Мартышин О.В. Проблема ценностей в теории государства и права. С. 7.

**ИНКИШОФИ МОҲИЯТ ВА ҲАДАФҲОИ ДАВЛАТ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ**

Дар мақола масъалаҳои моҳият ва ҳадафҳои давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки Таҳлили ақидаҳои мутафаккирони форсу тоҷик (Низомулмулк, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш) нишон медиҳад, ки дар афкори форсу тоҷик асосан нуқтаи назари некхоҳона нисбат ба давлат истифода шудааст. Дар минтақае, ки ин мутафаккирон зиндагӣ намудаанд, давлат на ба сифати воситаи зӯроварӣ (аз он ҷумла зӯроварии синфӣ), балки чун падидаи мусбии олам, василаи беҳдошти зиндагии одамон дарк мешуд. Ба мутафаккирони форсу тоҷик дарки давлат чун воситаи зӯроварии синфӣ хос нест. Онҳо давлатро чун падидаи хубу ба одамон муфиди ҷомеа дарк менамуданд. Ин ҷо назарияи хайрхоҳона нисбати давлат инкишоф ёфтааст.

**КАЛИДВОЖАҲО:** давлат, ҷаҳонишавӣ, давлати умумиҷаҳонӣ, ҳукумати ҷаҳонӣ, муносибати ҳуқуқӣ, шахси ҳуқуқӣ, ҳокимияти давлатӣ.

**РАЗВИТИЕ СУЩНОСТИ И ЦЕЛЕЙ ГОСУДАРСТВА В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ**

В статье анализируются сущность и цели государства в условиях глобализации. Отмечается, что анализ взглядов персидских и таджикских мыслителей (Низомулмулк, Абдурахмони Джоми, Ахмади Дониш) показывает, что в персидской и таджикской мысли использовалось благожелательное отношение к государству. В регионе, где жили эти мыслители, государство воспринималось не как средство насилия (в том числе классового), а как положительное явление в мире, как средство улучшения жизни людей. Персидские и таджикские мыслители не рассматривают государство как средство классового насилия. Они видели в государстве благое и полезное для народа явление. Здесь развивается теория благожелательности по отношению к государству.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** государство, глобализация, всемирное государство, всемирное правительста, правоотношение, юридическое лицо, государственная власть.

**DEVELOPMENT OF THE ESSENCE AND GOALS OF THE STATE IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION**

The article analyzes the nature and goals of the state in the context of globalization. It is noted that the analysis of the views of Persian and Tajik thinkers (Nizomulmulk, Abdurahmoni Jomi, Ahmadi Donish) shows that in Persian and Tajik thought was used a benevolent attitude towards the state. In the region where these thinkers lived, the state was perceived not as a means of violence (including class violence), but as a positive phenomenon in the world, as a means of improving people's lives. Persian and Tajik thinkers do not understand the state as a means of class violence. They saw the state as a good and useful phenomenon for the people. Here the theory of benevolence towards the state is developed.

**KEYWORDS**: state, globalization, universal state, world government, legal relationship, legal entity, state power.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мамадёқубов Замон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **501 01 91 72.**

**Сведение об авторе:** ***Мамадёкубов Замон*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **501 01 91 72.**

**Information about the author:** ***Mamadyoqubov Zamon*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **501 01 91 72.**

# МАФҲУМИ ДАВЛАТИ ФЕДЕРАТИВӢ

***Муҳаммадуллоев Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар тафовут аз давлати воҳид, ки аз ниҳоди ҳуқуқию сиёсии хеле паҳншуда намояндагӣ мекунад, давлати федеративӣ ниҳоди нисбатан камтар паҳншуда буда, дар ҳар ҳолати мушаххас дорои хислатҳои нотакрору нодир мебошад. Аммо ба ҳар сурат аз ин шакли созмонёбии марзию ҳудудии давлат як силсила кишварҳои муосири ҷаҳон истифода мекунанд. ШМА, Канада, Аргентина, Бразилия, Венесуэла, Мексика, Олмон, Австралия,

Швейтсария, Ҳиндустон, Малайзия, Австрия, Покистон, Белгия, Аморати Муттаҳидаи Араб, Русия, Ҷазираҳои Комор, Сербия ва Черногория, Нигерия аз ҷумлаи давлатҳои мураккабанд.

Федератсия (аз калимаи лотинии «Гоеёегапо». ки маънии муттаҳид кардани иттиҳодро дорад) гирифта шуда, ифодакунандаи иттиҳоди мустаҳкаму устувори воҳидҳои давлатие мебошад, ки онҳо аз мустақилияти муайяни сиёсӣ бархӯрдоранд ва он дар ихтиёрот ва ҳаққи созмонёбии дохилии ин воҳидҳо инъикос меёбад. Воҳидҳои мазкур ба сифати узви давлати феде ративӣ эътироф шуда, дар ҳар давлати алоҳида бо номҳои гуногун ёд мешаванд. Масалан, дар ШМА, Мексика, Бразилия, Ҳиндустон ва як силсила кишварҳои дигар узви федератсия «штат» номгузорӣ шудаанд. Дар Канада «музофот», дар Олмон ва Австрия «замин», дар Швейтсария «кантон» номида мешаванд.

Давлати федеративӣ дорои якчанд нишонаҳо мебошад, ки онҳо боиси фарқгузории байни давлати федеративӣ ва давлати воҳид аз як сӯ ва иттиҳоди давлатҳо (конфедератсия) аз сӯи дигар мегарданд.

Аз нигоҳи созмонёбии марзию ҳудудии худ давлати федеративӣ аз воҳиди ягонаи том намояндагӣ намекунад ва он аз марзу ҳудуди узви федератсия иборат мебошад. Дар баъзе аз давлатҳои федеративӣ воҳидҳои марзию ҳудудие мавҷуданд, ки онҳо узви федератсия намебошанд. Масалан, дар ШМА ҳавзаи федералии Колумбия, ки дар марзу ҳудуди он пойтахти ин кишвар шаҳри Вашингтон ва ҳамаи вазоратхонаю идораҳои марказӣ ҷойгир шудаанд, марзу ҳудуди давлати озодона ба ШМА пайвастшудаи Пуэрто-Рико ва баъзе аз марзу ҳудудҳои дигар аз қабили чунин марзу ҳудуданд. Марзу ҳудуди Бразилия аз штатҳо, ки узви федератсия мебошанд, ҳавзаи федералӣ ва ду марзу ҳудуди махсус иборат аст. Дар Ҳиндустон дар радифи 25 узви федератсия (штат) 7 марзу ҳудуди тобеи марказ мавҷуданд.

Узви федератсия ҳаққи хориҷ шуданро аз ҳайати иттиҳод надорад, зеро кӯшиши амалан анҷом додани ин кор боиси ба миён омадани муноқишаҳои дохилӣ ва ҳатто зиддияти мусаллаҳона мегардад. Ба таърихи давлатҳои федеративӣ якчанд кӯшишҳои нокомшудаи сетессия маълум аст. Дар асри XIX якчанд кантонҳои Швейтсария хоҳиши ҷудо шуданро аз ҳайати он изҳор доштанд, аммо ин амали онҳо боиси ҷанги граждании солҳои 1847- 1849 ин кишвар гардид ва ҷанг ба фоидаи ҷонибдорони давлати федеративии Швейтсария анҷом ёфт. Айнан ҳамин тавр кӯшиши штатҳои ҷанубии ШМА, ки онҳо мехостанд низоми ғуломдориро нигоҳ доранд ва дар асоси он давлати мустақили Америкаи ҷанубиро таъсис диҳанд, сабаби ба вуқуъ пайвастани ҷанги граждании солҳои 1861-1865 гардид. Дар ин ҷо низ зиддияти мусаллаҳона ба фоидаи онҳое, ки аз давлати федеративӣ пуштибонӣ мекарданд ҳал шуд. Дар охири солҳои 60-уми асри XX кӯшиши штатҳои ҷануби шарқии Нигерия, ки асосан аз халқият иборат буданд, ҷиҳати аз ҳайати ин давлат хориҷ шудан ва таъсиси давлати мустақили Биафра низ боиси ҷанги граждании сесола гардид ва он бо нокомӣ анҷом ёфт.

Аммо бояд ёдовар шуд, ки асри XX шоҳиди ҳам мисолҳои аз тариқи мусолиматомез ҷудо шудани ин ё он қисми давлати федеративӣ ва таъсиси давлати мустақил (масалан, ҷудо шудани Сингапур аз ҳайати федератсияи Малайзия) ва ҳам аз тариқи муборизаи мусаллаҳона (ҷудо шудани Бангладеш аз ҳайати Покистон) мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба ин масъала хеле нозукбинона муносибат кард, зеро қонунҳои асосии давлатҳои федеративӣ ҳаққи хориҷ шудани узви давлатро эътироф намекунанд, аммо амалан ин кор метавонад сурат гирад ва дар ҳар ҳолати мушаххас сабабу омилҳои он метавонанд гуногун бошанд.

Воҳидҳои давлатие, ки федератсияро ташкил медиҳанд, бо маънии томи истилоҳ давлат нестанд, зеро онҳо соҳибихтиёрӣ, ки ба сифати хислати ҳокимияти давлатӣ мустақилияти давлатро дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ифода мекунад, надоранд. Аъзои федератсия ё комилан аз ҳаққи ширкат варзидан дар муносибатҳои хориҷӣ маҳруманд (заминҳои Австрия) ё ихтиёроти хориҷии онҳо ҷиддан маҳдуд буда, дар зери назорати мустақими мақомоти федералӣ татбиқ мешаванд (ШМА, Канада, Олмон, Швейтсария). Онҳо, одатан оид ба масъалаҳое, ки шомили ихтиёроти худашон мебошанд, вориди муносибатҳои хориҷӣ мешаванд ва ин муносибатҳо дорои хислати сиёсӣ намебошанд. Ба сифати мисол метавон ба қарордодҳои фарҳангии байни музофоти Квебеки Канада ва Фаронса, қарордоди байни Саксонияи Поёни Олмон ва Нидерландия

оид ба татбиқи чораандешиҳои якҷоя ҷиҳати ҳифзи соҳилҳои баҳр, қарордоди байни Бавария ва якчанд кантонҳои Швейтсария оид ба ҳифзи муҳити зисти Алп ва ғайра ишора кард. Баъзе аз аъзои давлатҳои федеративӣ метавонанд дар конференсияҳои байналмилалӣ иштирок кунанд ва аз манфиатҳои худ ҳимоя кунанд. Албатта, ин ҳама фаъолиятҳои байналмилаллии аъзои давлати федеративӣ дар доираи масъалаҳои начандон муҳим маҳдуд мебошанд ва онҳо ифодакунандаи субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ будани аъзо нестанд. Гузашта аз ин, ҳангоми ҳимоя накардани давлати федеративӣ, ки ин метавонад дар вайрон кардани қонуни асосӣ ва қонунҳои давлат ифода ёбад, ҳукумати марказӣ метавонад нисбат ба узве, ки ин рафторро содир кардааст, чораи маҷбуркуниро истифода барад. Ин ҳаққи ҳокимияти марказиро баъзе давлатҳои федеративӣ дар сатҳи қонунҳои асосиашон сабт кардаанд (Аргентина, Венесуэла, Ҳиндустон ва ғайра).

Узви давлати федеративӣ одатан аз ҳаққи доштани ҳокимияти муассис, ки он дар имконияти қабул кардани қонуни асосии худи узв ифода меёбад, бархӯрдор аст. Аммо, зарурат ба таъкид аст, ки на ҳамаи давлатҳои федеративӣ ин ҳаққи узви худро эътироф кардаанд. Масалан, аз 25 штати Ҳиндустон танҳо штати Ҷамму ва Кашмир ва Сикким дорои сарқонунҳои худ мебошанд. Аз ҷумлаи музофотҳои Покистон, ки федератсияи ин кишварро ташкил медиҳанд, чор музофот қонуни асосӣ надоранд.

Узви давлати федеративиро аз ҳокимияти муассис қонуни асосии давлати федеративӣ бархӯрдор мекунад. Қонунҳои асосии давлатҳои федеративӣ ҳамзамон бо бархӯрдор сохтани узви федератсияро аз ҳаққи доштани қонуни асосии худ асли силсиламаротиби ин ду навъи қонуни асосиро муқаррар мекунанд, ки тибқи он қонуни асосии узви давлати федеративӣ ҳатман бояд бо қонуни асосии давлати федеративӣ мувофиқ бошад. Ҷумлаи якуми қисми 1 моддаи 28 Қонуни асосии Олмон ин масъаларо ба тартиби зерин таҳти танзим қарор додааст: «Сохтори конститутсионии заминҳо бояд ба усули асосии давлати ҷумҳурӣ, демократӣ ва ичтимоию ҳуқуқбунёд, ки ношӣ аз руҳи Қонуни асосии мазкуранд, мувофиқат намоянд». Қисми 2 моддаи 51 Қонуни асосии Швейтсария чунин муқаррар кардааст: «2. Қонунҳои асосии кантонҳо ба кафолати Иттиҳод зарурат доранд. Иттиҳод ба онҳо ба шарте кафолат медиҳад, ки онҳо ба ҳуқуқи Иттиҳод мухолифат накунанд». Асли мувофиқати қонунҳои асосии узви давлати федеративӣ ба қонуни асосии федератсия ҳангоми амали баъзе конститутсияҳои узви давлатҳои федеративӣ, ки қабл аз қабули конститутсияҳои федератсия кабул шудаанд низ риоя мегардад. Масалан, Қонуни асосии штати Массачусетс, ки холо амал мекунад соли 1780 ва Қонуни асосии штати Ню-Гемпшир соли 1783 қабул шуда буданд, аммо ҳарду санад бо Қонуни асосии соли 1787 ШМА мувофиқ карда шудаанд. Қонунҳои асосии соли 1946 заминҳои Бавария ва Гессен ва соли 1947 заминҳои Рейнланд- Пфалтс, Саара ва Бремен бо Қонуни асосии соли 1949 Олмон мутобиқ гардидаанд.

Узви давлатҳои федеративӣ дар доираи ихтиёроте, ки барои он муқаррар шудааст, дорои ҳаққи қабули қонунҳо мебошад. Санадҳои қонунии узви давлати федеративӣ дар марзу ҳудуди он амал мекунанд ва набояд бо қонуни иттиҳод мухолифат дошта бошанд. Ҳангоми мухолифати санадҳои қонунии узви федератсия бо қонунҳои иттиҳод, қонуни иттиҳод амал мекунад. Асли бартарии қонунҳои иттиҳодро нисбат ба санадҳои қонунии узви давлати федеративӣ ҳамаи қонунҳои асосии давлатҳои федеративии муосир пешбинӣ кардаанд. Қисми 5 моддаи 76 Конститутсияи Федератсияи Русия чунин муқаррар мекунад: «Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии субъектҳои Федератсияи Русия наметавонанд ба қонунҳои федералӣ мухолифат кунанд...» Қисми 6 ҳамин модда бартарии санадҳои меъёрию хуқуқии субъектҳои Федератсияи Русияро нисбат ба қонунҳои федералӣ ҳангоми қабули онҳо хориҷ аз ихтиёроти Федератсияи Русия ва ё дар доираи ихтиёроти якҷояи Федератсияи Русия ва субъектҳои он муқаррар кардааст, ки чунин меъёрро аксарияти қонунҳои асосии давлатҳои федеративӣ эътироф намекунанд. Моддаи 49 Қонуни асосии Швейтсария, ки бартарӣ ва риояи ҳуқуқи иттиҳод номгузорӣ шудааст дар замина чунин ҳидоят медиҳад: «1. Ҳуқуқи Иттиҳод нисбат ба ҳуқуқи кантонҳо, ки дар муқобили он қарор доранд, бартарӣ дорад. 2. Иттиҳод ба риояи ҳуқуқи иттиҳод аз ҷониби кантонҳо назорат мекунад». Моддаи 31 Қонуни асосии Олмон масъалаи баррасишавандаро хеле мухтасар, аммо ба ҳадди зарурӣ асосноку муътабарона чунин шаклбандӣ кардааст: «Ҳуқуқи федералӣ нисбат ба ҳуқуқи заминҳо афзалият дорад». Дар баъзе давлатҳои

федеративӣ бо мақсади таъмини ҳамоҳангию мувофиқати қонунҳои иттиҳод ва қонунҳои узви иттиҳод муассисаю ниҳодҳои махсус таъсис дода шудаанд. Конференсияи миллии ваколатдорон оид ба ҳамоҳангсозии қонунҳои штатҳо дар ШМА, ки ҳанӯз соли 1892 таъсис дода шуда буд, конференсияи вазирони адлияи заминҳои Олмон, ки таҳти роҳбарии вазири адлияи федералӣ фаъолият мекунад аз ҷумлаи онҳоанд.

Дар давлатҳои федеративӣ дар радифи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судии федералӣ ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судии узви федератсия фаъолият мекунанд. Тартиби ташкил ва салоҳияти онҳоро қонуни асосии иттиҳод муқаррар мекунад. Мақомоти ҳокимияти номбурда дар чаҳорчӯбаи муайянкардаи қонуни асосии иттиҳод, қонуни асосии узви давлати федеративӣ, қонунҳои иттиҳод ва қонунҳои узви федератсия салоҳияти худро анҷом медиҳанд. Мақоми қонунгузорӣ узви давлати федеративӣ ба таҳия ва қабули қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар марзу ҳудуди он ба миён меоянд, машғул аст. Мақоми иҷроия бошад иҷрои қонунҳои иттиҳод ва қонунҳои узви иттиҳодро таъмин мекунад. Ҳокимияти судии узви давлатҳои федеративӣ, ки аз мақомоти судии марбутаи он иборат мебошад ба татбиқу истифодаи қонунҳои ҳам федералӣ ва ҳам узви иттиҳод машғул мебошад. Дар ҳақиқат қисми асосии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятиро судҳои узви давлатҳои федеративӣ дар асоси муқаррароти қонунҳои федералӣ ва узви иттиҳод мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Баъзе қонунҳои асосии давлатҳои федеративӣ дар сурати аз ҷониби узви иттиҳод ба таври зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳои дар назди федератсия доштаашон ҳаққи мудохилаи ҳокимияти иҷроияи марказиро муқаррар кардаанд. Масалан, моддаи 37 Қонуни асосии Олмон чунин хукм мекунад: «1. Агар замин уҳдадориҳои федералии худро, ки ба зиммаи он ба василаи Қонуни асосӣ ва ё дигар қонунҳои федералӣ вогузор шудаанд, ичро накунад, дар он сурат Ҳукумати федералӣ метавонад бо мақсади водор соҳтани замин барои иҷрои ин уҳдадориҳо тибқи тартиби маҷбуркунии Федератсия, бо розигии Бундесрат чораҳои зарурӣ андешад. 2. Барои амалӣ намудани чунин чораҳои маҷбуркунӣ Ҳукумати федералӣ ва ё ваколатдори он ҳақ дорад, ки ба ҳамаи заминҳо ва мақомоти онҳо супориш диҳад». Аз ин таҷриба Ҳиндустон, Аргентина ва чанд кишвари дигар истифода мекунанд.

Яке аз нишонаҳои фарққунандаи давлати федеративӣ мавҷудияти парламенти думаҷлиса эътироф шудааст. Албатта, дар таърихи баъзе аз давлатҳои федеративӣ ҷой доштани парламенти якмаҷлиса низ маълум аст. Аввалин маротиба парламенти якмаҷлисаро дар давлати федеративӣ Сарқонуни соли 1956 Ҷумҳурии Исломии Покистон пешбинӣ карда буд. Аммо низоми парламентии якмаҷлиса то табаддулоти моҳи октябри соли 1958 идома ёфт. Сарқонуни соли 1962 Покистон сохти федеративии давлат ва парламенти якмаҷлисаро такроран барқарор кард. Тибқи Сарқонуни соли 1973 ин кишвар парламенти федералии Покистон аз Маҷлиси миллӣ ва Сенат иборат мебошад. Имрӯз парламенти якмаҷлиса дар Ҷумҳурии Федеративии Ҷазираҳои Комор фаъолият мекунад.

Тамоми дигар давлатҳои федеративӣ низоми парламенти думаҷлисаро кабул кардаанд. Аз нигоҳи андешаи машрутият маҷлиси поёнии парламент мақоми намояндагии умумимиллӣ (умумидавлатӣ) буда, аз ҳавзаҳои марзию ҳудудии интихоботӣ интихоб мешавад. Маҷлиси болоии парламент бошад, аз манфиати узви давлати федеративӣ намояндагӣ намуда, онро ҳимоя мекунад. Ҳангоми созмон додани маҷлиси болоии парламент аз ду усул истифода мешаванд. Асли баробари намояндагии узви давлати федеративӣ шумораи баробари вакилони маҷлиси болоиро аз ҳар узви давлати федеративӣ сарфи назар аз миқдори аҳолии он мадди назар дорад. Аз ин асл ШМА, Бразилия, Мексика, Швейтсария ва баъзе давлатҳои дигари федеративӣ истифода мекунанд. Дар асоси асли нобаробари намояндагиҳо меъёри намояндагии узви давлати федеративӣ дар маҷлиси болоӣ бо дарназардошти шумораи аҳолии он муайян карда мешавад. Ин асл мавриди истифодаи Олмон, Канада, Ҳиндустон, Австрия ва чанд кишварҳои дигар қарор гирифтааст. Аз нигоҳи тарзи ташкилёбии маҷлисҳои болоии парламент онҳо ба интихобӣ (сенатҳои ШМА, Бразилия, Мексика, Венесуэла, Австралия) ва таъйинӣ (сенати Канада, бундесрати Олмон) тақсим мешаванд.

Аксарияти давлатҳои федеративӣ дар радифи шаҳрвандии умумидавлатӣ шаҳрвандии узви иттиҳодро низ эътироф мекунанд, яъне ҳар шаҳрванди иттиҳод дар айни замон шаҳрванди узви марбутаи давлати федеративӣ мебошад. Ҳолати мазкур зоҳиран мавҷуд

будани душаҳрвандиро ифода мекунад, аммо ин ниҳод ҳолати душаҳрвандиро аз нигоҳи ҳуқуқи байналмилалӣ ба миён намеорад, зеро он аз ду сатҳи гуногуни шаҳрвандии як давлат намояндагӣ мекунад. Вақте ки шаҳрванди давлати федеративӣ вориди дигар давлат мешавад, ӯро маҳз ба сифати шаҳрванди чунин давлат кабул мекунанд, на ба сифати фарде, ки дорои ҳолати душаҳрвандӣ. Аз ин рӯ, шаҳрвандии узви давлати федеративӣ метавонад ба вазъи ҳуқуқии шахсе дар дохили иттиҳод таъсир расонад, аммо хориҷ аз он ҳеҷ оқибати ҳуқуқиеро ба миён намеорад. «Ба субъектҳои федератсия додани ҳаққи доштани шаҳрвандии худ,- навишта буд профессор А. А. Мишин, - моҳиятан аз ҳарзаи ҳуқуқии оддӣ чизи бештаре нест, зеро ин ниҳод амалан ҳеҷ оқибати ҳуқуқиеро ба вуҷуд намеорад». Ногуфта намонад, ки як силсила давлатҳои федеративӣ танҳо шаҳрвандии иттиҳодро эътироф мекунанд (Ҳиндустон, Малайзия ва ғайра). Бо ба инобат гирифтани ин ҳама хусусияту нишонаҳои давлати федеративӣ бояд ёдовар шуд, ки он давлати мустақили том буда, дорои қонуни асосии умумӣ, мақоми ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ, марзу ҳудуди умумӣ, шаҳрвандии умумӣ ва низоми ҳуқукии умумӣ мебошад. Тасодуфӣ нест, ки қонунҳои асосии давлатҳои федеративӣ масъалаи таъмини томияти давлатро ҷиддан таҳти танзим қарор додаанд. Дар ин робита метавон ба муқаррароти марбутаи аввалин қонуни асосие, ки давлати федеративии муосирро бунёи гузошт - Қонуни асосии ШМА ишора кард.

Дар асоси муқаррароти фасли 10 моддаи 1 ҳамин Қонуни асосӣ штат наметавонад, аз ҷумла корҳои зеринро анҷом диҳад: ба қарордодҳо, иттиҳодҳо ва ё конфедератсияҳо дохил шавад; пул (танга) барорад ва билетҳои қарзӣ нашр кунад; қонунҳое, ки тартиби ғайрисудии ҷазо додани фардро пешбинӣ мекунанд (қонунҳои номеҳрубонӣ) қабул намояд; унвонҳо лақабҳои ашрофӣ диҳад; бидуни розигии Конгресс воридот ва содиротро зери андозбандӣ ва пардохтситонӣ қарор диҳад; дар замони осоишта қушун ва киштиҳои ҳарбиро нигоҳ дорад; бо дигар штат ва ё давлати хориҷӣ қарордод ва ё шартнома бандад; агар мавриди ҳамла ва таҳдиди бевоситаи ҳамла карор нагирифта бошад, вориди ҷанг гардад.

Тибқи фасли 1 моддаи 4 ҳамаи санадҳои расмии, аз ҷумла санадҳои судии як штат дар штати дигар бояд аз эътибори комил бархӯрдор бошад ва тибқи талаботи фасли 2 ҳамин модда шаҳрвандони ҳар штат аз тамоми ҳуқуқу имтиёзҳои шаҳрвандон дар дигар штат истифода мекунанд. Фарде, ки дар як штат ҷинояти вазнин содир карда, дар штати дигар пинҳон мешавад, ҳатман боздода мешавад. Барои ҳар штат шакли идораи ҷумҳурӣ ва ҳимоя аз ҳамлаи беруна кафолат дода мешавад. Дар асоси хоҳиши мақоми қонунгузори штат ва ҳангоми имконнопазир будани даъват ва ҷамъ шудани он бо хоҳиши мақоми иҷроияи штат оромию суботи дохилии он таъмин карда мешавад. Тибқи қисми дуюми моддаи 6 «Қонуни асосии мазкур ва қонунҳои Штатҳои Муттаҳида, ки бояд мувофиқ бо он қабул гарданд, тамоми қарордодҳое, ки дар чаҳорчӯбаи ихтиёроти Штатҳои Муттаҳида баста шудаанд ва ё бояд баста шаванд, Қонуни олии кишвар мебошанд ва судяҳо дар ҳар штат бояд вобастаи онхо бошанд ва онҳоро иҷро кунанд, ҳатто агар дар қонуни асосӣ ва қонунҳои ин ё он штат бахшҳои мухолифи онҳо ба мушоҳида расанд». Фасли 1 иловаи XIV Қонуни асосӣ муқаррар кардааст, ки ҳамаи афроде, ки дар Штатҳои Муттахида таваллуд ва ё аслӣ гардонида шудаанд ва таҳти ҳокимияти онҳо қарор доранд шаҳрвандони Штатҳои Муттаҳида ва штате, ки дар он зиндагӣ мекунанд мебошанд. Ҳеҷ як штат набояд қонунҳое қабул кунад ва ё онхоро ба иҷро расонад, ки онҳо имтиёзот ва ё дахлнопазирии шаҳрвандони Штатҳои Муттаҳидаро маҳдуд кунанд. Ҳеҷ як штат набояд бидуни тартиби муносиби ҳуқуқии ин ё он фардро аз ҳаёт, озодӣ ва ё моликият маҳрум кунад ва наметавонад дар чаҳорчӯбаи ҳокимияти худ аз ҳифзи баробари қонунии фард даст кашад. Чунин муқарраротy талаботро ҳамаи қонунҳои асосии дигар давлатҳои федеративӣ низ пешбинӣ кардаанд.

*Тарз ва роҳҳои пайдоиши давлати федеративӣ.* Давлатҳои федеративӣ бо истифода аз тарзу роҳҳои мухталифи таъсисёбӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо ё маҳсули қарордоди байни давлатҳои воҳиди мустақил, ки зарурати иттиҳоди давлатиро эҳсос намуда, барои татбиқи хадафу мақсади муштарак ба ҳам пайвастанд, ё натиҷаи ҳамроҳ намудани марзу ҳудуди муайян ба давлати марбута, бо нигох доштани худмухтории муайяни давлатии он ва ё оқибати боло рафтани сатҳи худмухтории воҳидҳои марзию ҳудудӣ ва бархӯрдор шудани онҳо аз нишонаҳои узви давлати федеративӣ мебошад.

Бо назардошти тарзу роҳҳои мутазаккира дар илми ҳуқуқи асосӣ оид ба федератсияи қарододӣ (шартномавӣ) ва федератсияи конститутсионӣ изҳори андеша сурат гирифтааст. Ҳамзамон бо ин, федератсияро ба воҳиди иттиҳодӣ (ассотсиатсиявӣ), яъне воҳиде, ки дар натиҷаи таъсисёбии иттиҳод ба вуҷуд меояд ва ба воҳиди ҷудошуда (диссотсиативӣ), яъне давлати федеративие, ки дар заминаи ҷудо шудани давлати воҳид таъсис меёбад, тақсим мекунанд. Ин ду бархӯрд моҳиятан аз ҳамдигар фарқи усулӣ надоранд, зеро тибқи бархӯрди аввал ишора ба роҳҳои танзими ҳуқуқии таъсисёбии федератсия сурат гирифтааст ва бархурди дуввумӣ бошад тарзи таъсисёбии онро муайян мекунад.

Федератсияи қарододӣ дар натиҷаи муттаҳид шудани давлатҳои мустақил ва ё ҳамроҳ кардани марзу ҳудуди нав, ки ба воҳиди давлатии (давлати) навтаъсис соҳибихтиёрӣ, ихтиёрот ва мақомоту муассисаҳои давлатии худро месупоранд, ба вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар, давлатҳо ва марзу ҳудуде, ки давлати федеративиро таъсис медиҳанд аз давлат будани худ даст мекашанд ва дар чаҳорчӯбаи салоҳияту ихтиёроте, ки давлати навтаъсис дар қонуни асосиаш барои онҳо муқаррар мекунад, қаноат мекунанд. Албатта, дар муайян намудани ҳаҷму доираи ихтиёроти узви федератсия намояндагони он мустақиман иштирок мекунанд ва аз ин рӯ хусусияту хислатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳагии он ҳифз карда мешаванд. Ҳамон тавре ки Абулфазли Қозӣ ишора мекунад «дар давлаткиш вари федерол, воҳидҳои таркибкунанда, моҳиятан давлатҳои хокиме ҳастанд ки аз ҳайси сиёсӣ, вижагиҳои худро ҳифз карда ва худмухторӣ ва истиклолу шахсияти ҳуқуқии дохилии худро доранд».

Асоси федератсияҳои қарордодиро тамоили муттаҳид шудани аъзои онҳо ташкил дода, тарзу роҳҳои ташкилёбии онҳо аз «поён» ба «боло» ҷараён мегиранд. Дар ин робита пайдоиши давлатҳои федеративии ШМА ва Швейтсария ҳамчун намунаҳои боарзиш метавонанд хизмат кунанд.

Дар охири асри XVIII америкоиён давлати федеративиро таъсис доданд ва он ба сифати падидаи нав, ки пеш аз он вучуд надошта буд, эътироф шудааст. Аз соли 1781 то соли 1787 сенздаҳ давлати мустакили америкоӣ, ки чанде қабл истиқлолияти худро аз зери ситами Британияи Кабир ба даст оварда буданд, вориди иттиҳод гардида низоми конфедератсияро эҷод карданд. Аммо дере нагузашта номукаммалии ин низом ҷиҳати таъмини манфиатҳои ҳам давлатҳои узви конфедератсия ва ҳам мардумони онҳо ошкор гардид. Аз ин рӯ, дар ҷомеа андешаю афкори таъсиси як давлати марказии қавӣ пайдо шуд ва рӯ ба тақвият овард. Аммо ногуфта намонад, ки мухолифони ин андеша низ кам набуданд ва онҳо таъсиси давлати федеративиро ҳамчун инкори руҳияи истиқлолталабӣ ва худмухтории штат мепазируфтанд. Аз ин андеша махсусан штатҳои хурд, ки дорои аҳолии кам ва сарчашмаи даромади маҳдуд буданд, пуштибонӣ мекарданд.

Баъд аз ба нокомӣ дучор шудани конференсияи соли 1786 Аннаполис 25 майи соли 1786 конвенти Филаделфия, ки аз пуштибонии бевоситаи қаҳрамони чангҳои истиқлолхоҳонаи Америка Ҷорҷ Вашингтон бархӯрдор буд, дар толори Истиқлол, яъне дар ҷое, ки Эъломияи Истиқлолияти соли 1776 ба имзо расида буд, ба кор огоз кард. Баъд аз кашмакашиҳои тулонӣ назарияи таъсиси як ҳукумати миллӣ ва қавию марказӣ, ки он дар матни Қонуни асосии соли 1787 чои сазовореро пайдо кардааст боло гирифт ва ба ҳамин тартиб давлати федеративии ШМА ба вуҷуд омад.

Швейтсария яке аз куҳнатарин конфедератсияҳои олам мебошад, ки он дар соли 1291 дар асоси қарордоди байни се кантони нахустини он, яъне Унтервалден, Ури ва Швитс ба вуҷуд омада буд. Дар ибтидои асри XIV шумораи кантонҳо ба ҳашт ва дар охири асри XVI ба сенздаҳ расид. Ҳоло бошад федератсияи Швейтсария бисту ҳашт кантонро муттаҳид мекунад.

Дар тули таърихи мавҷудияташ ин конфедератсия рушду такомули махсуси худро тай кардааст. Аз он ҷумла, дар соли 1798 дар зери таъсири инқилоби Фаронса кӯшиши табдил додани конфедератсияи Швейтсария ба як давлати ҷумҳурии воҳиду якпорча сурат гирифта буд. Аммо, аз он ҷое, ки мувофиқаи зарурии байни кантонҳо ҳосил нашуд, аз ин рӯ кӯшиши мазкур амалан татбиқ нагардид. Соли 1803 дар зери фишори Наполеон Бонапарт, ки тайи он солҳо дар Европа ба сифати ҳокими дорои қудрати афзалиятнок эътироф мешуд Швейтсария ба худ шакли давлати федеративиро гирифт. Баъд аз Конгресси Вена дар асоси қарордоди 7 августи соли 1815 Швейтсария такроран ба конфедератсия табдил ёфт.

Мушкилоти зиёди дохилӣ ва рақобатҳои шадиди байни кантонҳо дар соли 1848 қариб буд, ки боиси пароканда шудани конфедератсия гардад, зеро қарордодҳои конфедеративӣ қодир набуданд, ки иттиҳоди байни кантонҳоро ҳифз кунанд. Ҷанги гражданин соли 1848 байни иттиҳоди Зондербунд, ки кантонҳои ҷудоихоҳро муттаҳид мекард ва кантонҳои ҷонибдорӣ иттиҳод бо ғалабаи ҷонибдорони федерализм анҷом ёфт ва аз ҳамон таърих Швейтсария ба давлати федеративӣ табдил ёфтааст. Зарурат ба таъкид аст, ки сарфи назар аз мавҷудияти низоми федеративӣ Швейтсария номи конфедератсияро ҳифз кардааст, ки ин амр ҳамчун арҷгузории ин кишвар ба таърихи худ тавзеҳ мегардад.

Тарзу роҳҳои ба вуҷуд омадани давлати федеративии Олмон низ метавонад ба сифати федератсияи қарордодӣ шинохта шавад. Срли 1871 бо ибтикори сарвазири онвақтаи Пруссия Отто фон Бисмарк, ки ҷонибдори ҳалли масъалаҳои муҳим ба василаи «оҳан (шамшер) ва хун» буд Империяи Олмон (Рейх) таъсис ёфт. Империя аз роҳи муттаҳид намудани давлатҳои шоҳии ин кишвар, ки то таъсиси империя ба Конфедератсияи Олмони Шимолӣ дохил мешуданд, ба вуҷуд омад ва ба таърихи давлати федеративии ин кишвар оғоз бахшид.

Федератсияи конститутсионӣ таъсисёбии давлати федеративиро дар натиҷаи тақсим намудани давлати воҳид ва куллан тағйир додани вазъи ҳуқуқии воҳидҳои ташкилдиҳандаи онро мадди назар дорад. Воқидҳои марзию ҳудудии давлати воҳид, ки аз маҳалҳо ва ё минтакаҳои марбута намояндагӣ мекунанд, соҳиби вазъи ҳуқуқии узви давлати федеративӣ мегарданд. Тақсимоти нави марзию ҳудудии давлат мавриди танзими қонуни асосӣ қарор мегиранд. Одатан, чунин тағйирот дар натиҷаи талабу дархост ва ҳатто фишори ақалиятҳои миллию забоние, ки дар давлати аз нав ташкилёбанда зиндагӣ мекунанд, сурат мегирад.

### АДАБИЁТ


1. .Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш.Сотиволдиев. - Д.2010. С.456
2. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш.Сотиволдиев. - Д 2014. С.232.
3. М.Н. Марченко Теория государства и права / М.Н.Марченко. - М.2006. С.308.
4. Конституции зарубежных государств. -М., 2000.
5. Венгеров А.Б. Теория государства и права / А.Б.Венгеров. - М.2000
6. Малько А.В. Теория государства и права / А.В.Малько. - М. 1999
7. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Э.С,насриддинзода. - Д.2019
8. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш.Сотиволдиев. - Д.2018.


### МАФҲУМИ ДАВЛАТИ ФЕДЕРАТИВӢ


Дар мақола масъалаҳои назариявии мафҳуми давлати федеративӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки аз нигоҳи созмонёбии марзию ҳудудии худ давлати федеративӣ аз воҳиди ягонаи том намояндагӣ намекунад ва он аз марзу ҳудуди узви федератсия иборат мебошад. Дар баъзе аз давлатҳои федеративӣ воҳидҳои марзию ҳудудие мавҷуданд, ки онҳо узви федератсия намебошанд. Масалан, дар ШМА ҳавзаи федералии Колумбия, ки дар марзу ҳудуди он пойтахти ин кишвар шаҳри Вашингтон ва ҳамаи вазоратхонаю идораҳои марказӣ ҷойгир шудаанд, марзу ҳудуди давлати озодона ба ШМА пайвастшудаи Пуэрто-Рико ва баъзе аз марзу ҳудудҳои дигар аз қабили чунин марзу ҳудуданд. Марзу ҳудуди Бразилия аз штатҳо, ки узви федератсия мебошанд, ҳавзаи федералӣ ва ду марзу ҳудуди махсус иборат аст. Дар Ҳиндустон дар радифи 25 узви федератсия (штат) 7 марзу ҳудуди тобеи марказ мавҷуданд.



**КАЛИДВОЖАҲО:** давлат, давлати федеративӣ, давлати унитарӣ, федератсия, қонун, конститутсия, воҳидҳои ҳудудӣ.


### ПОНЯТИЕ ФЕДЕРАТИВНОГО ГОСУДАРСТВА


В статье рассматриваются теоретические вопросы концепции федеративного государства. Отмечается, что с точки зрения своего территориального устройства федеративное государство не представляет собой единое целое, а состоит из границ и территорий члена федерации. В некоторых федеральных землях есть территориальные единицы, не входящие в состав федерации. В США, например, федеральный округ Колумбия, в который входит столица Вашингтон и все его министерства, и ведомства, является территорией свободного штати Пуэрто-Рико, а также некоторыми другими территориями. Границы Бразилии состоят из государств-членов, федерального округа и двух особых границ. В Индии наряду с 25 членами федерации (штати) имеется 7 границ.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: государства, федеративное государство, унитарное государство, закон, конституция, территориальное устройство.


### THE CONCEPT OF A FEDERAL STATE

The article discusses the theoretical issues of the concept of a federal state. It is noted that from the point of view of its territorial organization, the federal state does not represent a single unit, and it consists of the borders and territories of a member of the federation. In some federal states, there are territorial units that are not members of the federation. In the United States, for example, the federal district of Colombia, which includes the capital, Washington, and all of its ministries and agencies, is the territory of the free state of Puerto Rico, as well as some other territories. Brazil's borders are made up of member states, a federal district, and two special borders. In India, along with 25 members of the federation (state), there are 7 borders.
**KEYWORDS**: state, federal state, unitary state, federation, law, constitution, territorial units.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадуллоев Фаромарз*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **915 12 73 12**

**Сведения об авторе**: ***Мухаммадуллоев Фаромарз*** – Таджикский национальный университет, магитср второго курса юридического факультета. Телефон: **915 12 73 12**

**Information about the author**: ***Muhammadulloev Faromarz*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone**: 915 12 73 12**

# РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рахмонзода М., Маҳмадова С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ низоми бонкӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва асосии рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳар як мамлакати алоҳида ба шумор меравад. Моҳияти асосии фаъолияти низоми бонкӣ дар маблағгузории соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асос меёбад. Дар мамлакати мо дар тули 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми бонкӣ мавқеи муайяни худро сазовор гаштааст. Агар ба нишондиҳандаҳои таърихии кишвар назар афканем низоми бонкии Тоҷикистон аз солҳои 1925 сарчашма мегирад ва дар асоси низоми бонкии мавҷудбудаи замони шуравӣ низоми бонкии мамлакати мо барқарор гардида, айни замон дар ҳолати рушду нумуъ қарор дорад. Аз ҷумла, дар самти гуногуншаклии моликият, гуногуншаклии амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, бонкҳо ҳамчун як соҳаи намунавӣ дар иқтисодиёти мамлакат бaромад менамоянд.

Мувофиқи маълумотҳои оморию бонкӣ таркиби низоми бонкии кишвар сол то сол дигаргун гашта истодааст. Хусусан пайдо шудани ташкилотҳои гуногуни маблағгузории хурд, аз ҷумла ташкилотҳои қарзии хурд, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва як қатор фондҳои қарзии хурд ва ғ. *(Ҷадвали 1.)*.

***Ҷадвали 1. Таркиби муосири низоми бонкии Тоҷикистон дар охири соли 2006-2021 (адад)*.***

| Номгӯй | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2019 | 2021 | Тағйирот (+/-) (2006-2021) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Бонкҳо | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 16 | 17 | 17 | 18 | 17 | 17 | 19 | 9 |
| Филиалҳои (шуъбаҳои ) онҳо | 211 | 218 | 235 | 237 | 254 | 254 | 304 | 327 | 344 | 432 | 437 | 343 | 332 | 358 | 147 |
| 2.Ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ (ҶҚ) | 9 | 7 | 7 | 6 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | | | | | | -9 |
| 3.Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 56 | 71 | 93 | 117 | 122 | 122 | 125 | 120 | 120 | 106 | 86 | 67 | 62 | 50 | -6 |
| аз ҷумла: Ташкилоти молиявии | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | | | | | | | | | -1 |

| | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ғайрибонки (ТМҒ) | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ташкилотҳои амонатии кредитии хурд (ТАКХ) | 5 | 8 | 14 | 31 | 35 | 34 | 35 | 39 | 42 | 39 | 38 | 27 | 25 | 18 | 13 |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 20 | 24 | 37 | 42 | 42 | 43 | 44 | 42 | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 5 | -15 |
| Фондҳои қарзии хурд (ФҚХ) | 30 | 38 | 41 | 43 | 44 | 45 | 46 | 39 | 36 | 36 | 34 | 33 | 31 | 27 | -3 |
| **Ҳамагӣ:** | **75** | **89** | **112** | **136** | **138** | **139** | **142** | **137** | **138** | **123** | **104** | **84** | **79** | **75** | **0** |

Тибқи маълумотҳои ҷадвали 1 шумораи бонкҳо дар давоми солҳои 2006 – 2021 ба 9 адад, шумораи филиалҳои бонкҳо ба 147 адад ва шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба 6 адад зиёд гардидаанд. Дар ин давра шумораи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ аз сабаби тағйир додани самти фаъолияташон, яъне ба ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла ба ташкилотҳоии амонатии қарзии хурд пурра аз сохтори низомӣ бардошта шуда шудаанд. Новобаста аз ин, мутобиқи маълумотҳои овардашудаи ҷадвали таркиби сохтории низоми бонкии кишвар дар солҳои охир гуногуншакл гашта истодааст, хусусан пайдо шудани як қатор ташкилотҳои маблағгузории хурд шаҳодати он мебошанд. Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз каму зиёдшавии шумораи баъзе ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмуъ низоми бонкии мамлакати мо як ҳолати душвореро баъди буҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2008 - 2009 аз сар гузоронид. Чуноне ки аз ҷадвали овардашуда аён аст, таъсири пурраи буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба афзоиши ташкилотҳои қарзии мамлакат мо аз соли 2013 шуруъ гардидааст. Дар маҷмуъ шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар давоми солҳои 2006 – 2021 тағйир наёфтаанд. Бояд қайд намуд, ки солҳои охир чуноне, ки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар яке аз баромадҳои хеш қайд намуданд, рушди низоми бонкӣ тавассути гузаштан аз миқдор ба сифат ба роҳ монда шудааст.

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 марти соли 2021 маблағи 25 879,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 асосан аз ҳисоби сандуқи қарзӣ ба 3111,2 млн. сомонӣ ё 13,7% зиёд шудаанд. Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 11136,8 млн. сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 943,7 млн. сомонӣ ё 9,3% зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии қарзҳои шахсони воқеӣ ва бахши давлатӣ ба амал омадааст. Дар ҳамин сана қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 2 534,1 млн. сомонӣ ё 22,8 %-и сандуқи қарзиро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020, вазни қиёсии онҳо дар сандуқи қарзии маҷмуӣ ба андозаи 5,8 банди фоизӣ кам шудааст. Дар санаи 31 марти соли 2021 аз рӯи қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 2 343,2 млн. сомонӣ фонди талафоти имконпазир ташкил карда шудааст, ки ба 92,5%-и қарзҳои мазкур баробар буда, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 1,6 банди фоизӣ зиёд гаштааст. Дар давраи мазкур бақияи қарзҳои ғайрифаъоли холис (бо назардошти тарҳи фонди пушонидани талафоти имконпазир) ба 190,9 млн. сомонӣ баробар буда, дар таркиби сандуқи қарзӣ (холис) 2,2%-ро ташкил медиҳад.

Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи мазкур 18539,9 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба маблағи 2166, 3 млн. сомонӣ ё 13,2% зиёд шудааст, ки асосан аз ҳисоби зиёдшавии дигар уҳдадориҳо ба амал омадааст. Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 марти соли 2021 ба7339,7 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба944,9 млн. сомонӣ ё 14,8 % асосан аз ҳисоби фоидаи соли ҷорӣ ва захираҳо зиёд шудааст. Меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 марти соли 2021 20,7%-ро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12%)8,7 банди фоизӣ зиёд мебошад. Натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар охири моҳи марти соли 2021 бо фоида ба маблағи 128,3 млн. сомонӣ ҷамъбаст шудааст.

Дар охири соли 2018 бошад, ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро бо фоида ба маблағи 274,6 млн. сомонӣ ҷамъбаст намуда буданд.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои (ROA) ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31.03.2021 2% ва нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) 7%-ро ташкил намуданд. Айни замон баҳри рушди соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти кишвар махсусан истеҳсолоти дохилӣ ва соҳибкории истеҳсолии хурду миёна дар минтақаҳои гуногуни кишвар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ба таври амалӣ ёрии худро мерасонанд. Дастгирии соҳаҳои истеҳсолии дохилӣ яке аз сарчашмаҳои асосии рушди истеҳсолот ва рушди кулли иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Албатта ҳар як низом дар ҷараёни фаъолияти худ аз камбудию норасоиҳо холӣ нест, аз ҷумла низоми бонкии кишвари мо низ. Имрӯзҳо чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, баъди таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкӣ сатҳи пасти пардохтпазирӣ ва бозоргирии баъзе ташкилотҳои қарзӣ ба он оварда расонидааст, ки боварии аҳолӣ нисбати низоми бонкӣ коста гардидааст. Аз ин рӯ барои ба ҳолати пешазбуҳронӣ овардани боварии мардум ва таъмини устувории молиявии низоми бонкии мамлакат, БМТ ва дигар ташкилотҳои қарзии амалкунандаро зарур аст, ки боз ҳам заҳматҳои зиёдеро ба сомон расонанд. Бо мақсади нигоҳ доштани боварии аҳолӣ нисбати низомӣ бонкӣ, рушди минбаъдаи низоми бонкӣ, таъмини устувории молиявии бонкҳо, ки ҳамчун сарчашмаи асосии таъминоти воситаҳои пулӣ дар иқтисодиёти кишвар баромад мекунанд, чораҳои зеринро ба мақсад мувофиқ медонем:

- боз ҳам зиёд намудани андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи пасандозҳои шахсони воқеӣ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”.
- таъмини ҳуқуқии кафолати баргадонидани маблағҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- афзун гардонидани ҷалби амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо роҳу усулҳои гуногун ба низоми бонкӣ;
- беҳтар сохтани шароит доир ба амалиётҳои гуногуни бонкӣ барои мизоҷон аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ;
- кам кардани кардани фоизи андоз аз даромади фоизии амонатҳо барои шахсони воқеӣ;
- афзун кардани шаклу намуди хизматрасониҳои бонкӣ дар самти истифодаи маблағҳои шахсони воқеӣ;
- мунтазам гузаронидани индексатсия аз рӯи амонатҳои шахсони воқеӣ (яъне, дар ҳолати сар задани таваррум ба таври автоматӣ гузаронидани индексатсия барои маблағҳои ҷалбшуда ва ба ҳисоби мизоҷ гузаронидани маблағи индексатсияшуда);
- афзун гардонидани тарғиботу ташфиқот (реклама)-ҳо доир ба тарзу услуби хизматрасониҳои нави бонкӣ аз рӯи амонатҳои ҷалбшуда;
- боз ҳам ҷоннок намудани рушди ҳисоббаробакуниҳои ғайринақдӣ ва сатҳу сифати хизматрасониҳою амалиётҳои бонкӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Белоглазова Г.Н., Кроливецкая Л.П. «Банковское дело. Организация деятельности коммерческого банка» / Г.Н.Белоглазова. — М.: Юрайт, 2014. — 652 с .
2. Вешкин Ю. Г., Авагян Г. Л. «Банковские системы зарубежных стран» / Ю.Г.Вешкин. – М.: Экономистъ, 2004. –400 с.
3. Дмитриев М. Э., Дробышевский С. М. ва диг. «Российская банковская система в условиях кризиса» / М.Э.Дмитриев. – М.: 2010. – 128 с.
4. Жуков Е.Ф. «Банки и небанковские кредитные организации, и их операции» / Е.Ф.Жуков — М.: Вузовский учебник, 2009. — 528 с.
5. Жуков Е.Ф., Эриашвили Н. Д. «Банковское дело» / Е.Ф.Жуков — М.:ЮНИТИ-ДАНА, 2012.—687 с.
6. Лаврушин О. И. «Банковское дело» / О.И.Лаврушин. — М.:КНОРУС, 2013. — 800 с.
7. Лаврушин О. И. «Банковская система в современной экономике» / О.И.Лаврушин. — КНОРУС, 2011. — 360 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”,Душанбе, 19.05.2009. №524.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ”. Душанбе, 2 –юми августи соли 2011 №758
10. Инструкция №176 «О порядке регулирования деятельности кредитных организаций. Постановлением Правления Национального банка Таджикистана за №304 от 9 октября 2009г.

**РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақолаи мазкур нақши низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёт дида баромада шудааст. Илова бар ин, муаллиф дар мақолаи хеш афзоиши шумораи ташкилотҳои қарзӣ аз соли 2006 то соли 2021, баъзе нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ ва пешниҳодҳои хешро оиди беҳтар намудани низоми бонкӣ пешниҳод намудааст. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми асосии ҷудонашавандаи бахши молиявӣ буда, барои амалӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** низоми бонкӣ, бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ, филиал, ташкилотҳои маблағгузори хурд, нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо, нишондиҳандаи даромаднокии сармоя.

**РАЗВИТИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье рассматривается роль банковской системы в экономическом развитии. Кроме того, автор в своей статье предоставил увеличение количества кредитных организаций с 2006 по 2021 год, некоторые ключевые показатели банковской системы и свои предложения по совершенствованию банковской системы. Банковская система Республики Таджикистан является составной частью финансового сектора и играет важную роль в реализации денежно-кредитной и экономической политики страны.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** банковская система, банки, кредитные организации, филиалы, микрофинансовые организации, показатель рентабельности имущество, показатель рентабельности капитала.

**DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses the role of the banking system in economic development. In addition, the author in his article presented increasing number of credit institutions from 2006 to 2021, some key indicators of the banking system and his proposals for improving the banking system. The banking system of the Republic of Tajikistan is an integral part of the financial sector and plays important role in the implementation of the country's monetary and economic policy.

**KEYWORDS:** Banking system, banks, credit organizations, branches, microfinance organizations, property profitability indicator, capital profitability indicator.

**Маълумот дар бораи муаллифон**: ***Раҳмонзода М.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
***Маҳмадова Сайёҳат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **987979787**.

**Сведение об авторах**: ***Рахмонзода М.*** – Таджикский национальный университет, профессор, доктор юридических наук.
***Махмадова Сайёхат*** – Таджикский национальный университет, магистр первого курса юридического факультета. Телефон: **987979787**.

**Information about the authors**: ***Rahmonzoda M.*** – Tajik National University, Professor, Doctor of Law.
***Mahmadova Sayohat*** – Tajik National University, first-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **987979787**

# МОҲИЯТИ ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ

***Сафарзода А.И., Қодирзода С. С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар “ Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ” дар боби 15 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки аз моддаи 96 то моддаи 103-ро дар бар мегирад. Имрӯз ҳар шаҳрванде, ки дар мамлакат ҷиноят содир менамояд бевосита ба ҷавобгарии муайяннамудаи қонунгузорӣ кашида мешаванд. Мутобиқи моддаи 23-и КҶ ҶТ танҳо ҳамон шаҳрвандон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни муқаррар намудаи қонун расида бошанд.

Масъалаи “Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ” институти баҳснок мебошад. Дар ин раванд яке аз олими барҷастаи рус И.Н. Быканов қайд мекунад, ки таъин намудани “ Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ” ин аслан дар асоси ҳукми суд ба шаҳрвандоне, ки гирифтори нашъамандӣ ҳастанд ва аз маводҳои мадхушкунанда ва дигар маводҳои ба саломатии инсон зараровар истифода мекунанд ва дар баробари истифодаи моддаҳои зикршуда ҷиноятҳои категорияи гуногунро содир менамоянд. Мақсади асосии ин чораҳо аслан на ин ки ҳабс намудани шахси гунаҳкор, балки ба пуррагӣ муолиҷа намудани ӯ ба шумор меравад, то ин ки аз содиршавии ҷиноятҳои дигар пешгирӣ карда шавад. Ҳамзамон, дар баробари содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок аз тарафи шаҳрвандоне, ки

оқибати кирдори худро дарк карда наметавонанд, ҳатман мутобиқи қонун ба онҳо пеш аз баровардани ҳукм экспертиза таъин карда мешавад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мафҳуми чораҳои маҷбуркуни дорои хусусияти тиббӣ дода нашудааст, аммо мутобиқ ба қонунгузории ҷиноятии мамлакат асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ба пуррагӣ дарҷ карда шудааст. Тибқи муқарраротӣ моддаи 97 КҶ ҶТ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҳангоми мавҷуд будани чунин асосҳо татбиқ шуданаш мумкин аст:

1. Нисбат ба номукаллафон – яъне нисбати шахсоне, ки ҳангоми содир намудани кирдорҳои дар моддаҳои дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ пешбини гардида ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат (беҳаракати) – и худро дарк ва ё онро идора карда наметавонанд.

2. Нисбати шахсоне, ки баъд аз содир намудани ҷиноят мубталои бемории руҳие гардидаанд, ки таъин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд – яъне дар чунин шахсон бемории руҳӣ баъд аз содир намудани ҷиноят ба вуҷуд омада ва чунин ҳолат асос барои озод кардан аз ҷавобгарӣ шуда наметавонад, лекин тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 79 КҶ ҶТ суд шахсеро, ки пас аз баромадани ҳукм ба бемории руҳӣ гирифтор шуда, имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро аз даст додааст, аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод мекунад. Ба чунин шахсон суд метавонад чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин намояд.

3. Нисбати номукаллафии маҳдуд – нисбати чунин шахсон, ки ба бемории руҳӣ гирифторанд ҷиноят содир намудаанду мукалафиро истисно намекунанд, онҳо аз ҷавобгарии ҷинояти озод карда намешаванд, аз ин рӯ нисбати онҳо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъин карда мешавад.

4. Нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд ва ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ, таксикомания ва ё бемории сил эҳтиёҷ доранд, таъин карда мешавад.

Ба гуруҳи муайяни шахсоне, ки дар ҳолати мукалафӣ ҷиноятҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ-ро содир намудаанд ва мутобиқи қонунгузорӣ маҳкум шудаанд, вале ба табобати нашъамандӣ, майзадагӣ, таксикомания, бемории сил ва ё бемории руҳии мукаллафиро истиснокунанда эҳтиёҷ доранд, суд дар баробари ҷазо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии берун аз шифохонаҳо (дар хона) ва ё табобатро дар назди духтури бемориҳои руҳӣ ё сил таъин карда метавонад.

Олими дигар Ш.В. Назаренко – моҳияти чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро барои бехатарии беморони руҳи нашъамандӣ, майзадагӣ ва бемориҳои сил ва дифои онҳо аз ҷамъият ва нарасонидани зарар ба аъзоёни он фикр мекунад. Бояд қайд кард, ки бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баъзе аз ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки нисбати онҳо чунин чора татбиқ шудааст, маҳдуд мегардад. Агар шаҳрванд дар рафти содир намудани ҷиноят оқибатҳои кирдори худро дарк карда натавонад ва дар ин баробар мақомоти салоҳиятноки тафтишотӣ нисбати шаҳрванд парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд ва дар рафти тафтишот муайян карда шавад, ки дар ҳақиқат шаҳрванд ба бемориҳои ба монанди сил, руҳӣ ва ғайра гирифтор ҳаст ҳатман нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта таъин карда мешавад. Ҳамин тавр шаҳрвандро ба муассисаҳои махсусе, ки зери тобеъияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарор дорад, сафарбар мекунанд.

Суд ҳуқуқ дорад, ҳамзамон ба озод кардани маҳкумшудаи гирифтори бемории руҳӣ аз адои минбаъдаи ҷазо нисбат ба ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро татбиқ намояд ё ӯро ба парастории мақомоти тандурустӣ ё хешовандони наздик супорад. Судя баробари маҳкумшударо бо сабаби беморӣ аз адои минбаъдаи ҷазо озод намудан, ҳуқуқ дорад, ки ӯро на танҳо аз ҷазои асосӣ, балки аз ҷазои иловагӣ низ озод кунад. Ҳолатҳои дигаре низ дар таҷриба ба миён омаданаш аз эҳтимол дур нест, агар шаҳрванд дар содир намудани ҷинояти нисбат ба ӯ ҳукми айбдоркунӣ баромада бошад ва шахси гунаҳкор ҷазоро дар калонияҳои ислоҳӣ ва ё маҳбасхонаҳо адо карда истода бошад. Дар рафти адои ҷазои муайяни хеш ба бемориҳои руҳӣ, нашъамандӣ, бемории сил гирифтор шавад, ҳатман суд тамоми ин ҳолатҳоро ба назар гирифта, ба гунаҳкор чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъин менамояд.

Ба ақидаи олими рус Овчинникова А.П. моҳияти чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ аз он иборат аст, ки ҳамон шаҳрвандоне, ки бинобар сабаби бемориҳои руҳӣ,

бемории сил, ки таъсири онҳо ба шаҳрвандони дигар аз эҳтимол дур нест, бояд ҳатман аз ҷамъият ва дигар шахсони қобили меҳнат дур нигоҳ карда шаванд. Ба ақидаи олими дигар моҳияти чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ин баҳри танзими муносибатҳое ки миёни беморони руҳӣ, нашъамандӣ ва дигар бемориҳои ба он алоқаманд мебошанд, равона карда шудаанд. Чунин шаҳрвандон дар ҷойҳои махсусе, ки махсус барои онҳо таъсис дода шудааст дур аз ҷамъият нигоҳубин карда мешаванд.

Бояд дар назар дошт, ки чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ тадбирҳое мебошанд, ки ба тарври назаррас ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандро маҳдуд мекунад ва дар баробари ин мақомоти тафтишотиро мебояд, ки маълумоти пурра дар мавриди вайрон намудани кирдори барқасдонаи шаҳрванд дошта бошад, то ин ки тадбирҳои муайян нисбати ӯ андешида шаванд.

## АДАБИЁТ

1. Кодекси Ҷиноятии ҶТ 21 майи 1998
2. Быканов И.Н. О генезисе принудительных мер медицинского характера // ВЭПИ. Территория науки. 2014. №1. С.146.
3. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н., Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ / Т.Ш.Шарипов. - Душанбе 2020
4. Назаренко Г. В. Правовая природа принудительных мер медицинского характера // Вестник ОмГУ. Серия «Право». 2008. №4(17). С.130-134
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Овчинникова А.П. Сущность и назначение принудительных мер медицинского характера / А.П.Овчинникова. - М., 1977. С. 7.
7. Коптяев А.Ю. Производство о применении принудительных мер медицинского характера: автореф. дис. канд. юрид. Наук / А.Ю.Коптяев. - Тюмень, 2010. С.

## МОҲИЯТИ ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ

Яке аз институти дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ ин чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ мебошад, ки бевосита қонунгузори кишвар вобаста ба ин институт ҳамеша чораҳои зарурӣ меандешад. Дар ин замина олимони ватанӣ исбот намудаанд, ки чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб намеравад, балки як намуди чораи табобатӣ мебошанд, ки ба шахсоне, ки дар ҷомеъа ҷиноятҳои категорияҳои гунонгунро содир менамоянд, татбиқ мегардад. Мақсади асосии татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дошта дар қонунгузории кишвар табобати онҳо ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ҷиноят, чораҳои табобатӣ, ҷамъият, пешгирӣ, қонунгузори кишвар,

## СУЩНОСТЬ ПРИНУДИТЕЛЬНЫХ МЕР МЕДИЦИНСКОГО ХАРАКТЕРА

Одним из других институтов уголовного права являются принудительные медицинские меры, которые всегда принимают необходимые меры непосредственно законодательным органом страны в связи с этим институтом. В связи с этим отечественными учеными доказано, что принудительные меры медицинского характера не являются преступное наказание, а являются одним из видов лечебных мер, которые применяются к лицам, совершившим преступления в обществе разных категорий. Основной целью применения принудительных мер медицинского характера является их лечение и предотвращение совершения новых преступлений в законодательстве страны.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: принудительные меры медицинского характера, преступления, лечебные меры, общество, профилактика, законодатель страны,

## THE ESSENCE OF COMPULSORY MEASURES OF A MEDICAL CHARACTER

One of the other institutions of criminal law is compulsory medical measures, which always take the necessary measures directly by the legislative body of the country in connection with this institution. In this regard, domestic scientists have proved that compulsory measures of a medical nature are not compulsory measures of a medical nature, but are one of the types of therapeutic measures that are applied to persons who have committed crimes in the society of deaf categories. The main purpose of the use of compulsory medical measures is their treatment and prevention of the commission of new crimes in the legislation of the country.

**KEYWORDS:** compulsory medical measures, crimes, therapeutic measures, society, prevention, legislator of the country,

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафарзода А.И.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

***Қодирзода Саидакбар Сангинмурод*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **(+992) 915222206**. E-mail**: saidakbarqodirov19@gmail.com**

**Сведение об авторах:** ***Сафарзода А.И.*** – Таджикский национальный университет, профессор, доктор юридических наук.
***Кодирзода Саидакбар Сангинмурод*** – Таджикский национальный университет, магистр первого курса юридического факультета. Телефон: **(+992) 915222206**. E-mail**: saidakbarqodirov19@gmail.com**

**Information about the authors**: ***Safarzoda A.I***. – Tajik National University, professor, Doctor of Law.
***Qodirzoda Saidakbar Sanginmurod*** – Tajik National University, first-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **(+992) 915222206**. E-mail**: saidakbarqodirov19@gmail.com**

# МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МАҚСАДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

***Камолов З., Бобоев А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ дар заминаи буҳрони иқтисодӣ ҷиноят ва ҷинояткорӣ дар сатҳи баланди инкишоф қарор дорад. Бояд қайд кард, ки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ яке аз душвортарин вазифаҳо дар дар назди давлату ҳукумат мебошад.

Сарфи назар аз он, ки ҷиҳати кам кардани сатҳи ҷинояткорӣ давра ба давра тадбирҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ-роҳбарӣ ва фарҳангӣ-тарбиявӣ аз ҷониби давлат роҳандози карда мешаванд, ҷазои ҷиноятӣ дар самти мубориза бар ҷинояткорӣ тадбири муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон ҷазои ҷиноятӣ на танҳои воситаи муҳим, балки воситаи зарурӣ буда, чораи самарабахш дар самти мубориза ба кирдорҳои ҷиноӣ ба ҳисоб меравад, чунки танҳо таҳдиди татбиқи ҷазо нисбат ба шахс метавонад ин ё он фардро аз содир кардани кирдорҳои манъкардаи қонун боз дорад.

Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад. (қ.1 м.46 КҶ ҶТ).

Ҷазои ҷиноятӣ воситаи муҳимтарини мубориза бар зидди ҷинояткорӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар назария илми ҳуқуқи ҷиноятии ҷӣ ватани ва ҷӣ хориҷи (махсусан Федератсия Руссия) ба институти ҷазо таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Масъалаи марказиро дар институти ҷазо моҳият ва мақсади ҷазо ташкил медиҳад, чунки омузиши дақиқи ҳар ду ин критеряҳо барои омузиши дигар ҷанбаҳои ҷазо шароити зарурӣ фароҳам оварда метавонад, махсусан дар мавриди самаранокии ҷазо, ки имрӯз яке аз мушкилотҳои асосӣ дар амалияи татбиқи ҷазо ба ҳисоб меравад.

Аз замони қадим то ҳол дар таърих давлате вуҷуд надошт ва нахоҳад пайдо шуд, ки шахсони ҷинояткорро бе ҷазо монаду маҳкум насозад. Ҷазои ҷиноятӣ ин оқибати ҳуқуқии ҷиноят мебошад, ки ба аломатҳои объективӣ ва субъективии он мутаносиб буда, бо тартиби муқаррарнамудаи давлат аз ҷониби суд муайян карда мешад. Бинобар ин, дар асоси андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки:

1) ҷазо ҳамчун чораи маҳкумсозӣ, дар тамоми давлатҳо мавҷуд аст; 2) ба ҷиноят алоқаи зич дошта, натиҷаи ҳуқуқии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад;

3) ҷазо бо дарназардошти аломатҳои объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ таъин мешавад;

4) ҷазо аз ҷониби мақомотӣ судӣ бо тартиби махсуси муқарраркардаи давлат муайян карда мешавад.

Ҳамин ақидаҳо, ки дар хусуси ҷазо қайд намудем дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инъикос ёфтаанд.

Бо дарназардошти муқаррароти м.46 КҶҶТ, ки мафҳуми расмӣ ва мақсади ҷазоро пешбинӣ месозад, чаҳор хусусияти ҳуқуқии ҷазоро ҷудо кардан мумкин аст:

-чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад;

-аз ҷониби суд таъин карда мешавад;

-нисбате, шахсе таъин карда мешавад, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст;

-аз маҳдуд ё маҳрум кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки Кодекси ҷиноятӣ пешбини кардааст, иборат мебошад.

Ҷазо чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки танҳо аз ҷониби давлат, ба таври маҷбурӣ татбиқ мегардад. Ақида дар хусуси он, ки ҷазо чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихии пайдоши далат ҳамчун ташкилоти ҳокимиятии ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Аслан дар ҷомеаи тодавлатӣ яъне ҷомеаи ибтидои ҷазо додани шахсоне, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои дигаронро поймол мекарданд ба воситаи худи намояндагони ҷомеа, аз ҷумла худи шахси ҷабрдида ё яке аз аъзои оилаи ӯ амалӣ мешуд ва бештар хусусияти қасосгириро доро буд. Тадриҷан чунин тартиби қасосгирӣ бо пайдоиш ва инкишофи давлат ва ҳуқуқ, дастгоҳҳои махсуси маҷбуркунӣ, қоидаҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз байн рафта, ин раванд тибқи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба зиммаи давлат гузашт. Мафҳуме, ки оид ба ҷазо аз ҷониби соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ пешбиниӣ гардидааст, пурра ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва муносибат бо маҳкумшудагон мувофиқ аст. Аз ҷумла, ба муқарраротИ моддаи 29-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки дар он чунин гуфта шудааст: «Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст». Аз ин ҷо бармеояд, ки татбиқи ҷазои ҷиноятӣ на барои таҳқир ва азобу укубати ҷисмонӣ расонидан нисбат ба шахс пешбинӣ гардидааст, балки фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ муқаррар гардидааст.

Вақте ки шахс кирдорҳои ғайриқонуние содир мекунад, ки асосҳои ҳуқуқии ҷомеаву давлатро дағалона вайрон месозад, дар ин ҳолат вазъияте ба миён меояд, ки давлат маҷбур мегардад ҳуқуқу озодиҳояшро қисман ё пурра бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон, тартиботи ҳуқуқӣ ва ғ. маҳдуд созад. Албатта чунин маҳдудиятҳо дар ҳар як ҷомеаи демократӣ зарур аст. Ҳеҷ як ҷомеа наметавонад, ки ба инсон сирф озодии мутлақ диҳад, зеро ки чунин имкониятҳо боиси поймол гардидани манфиати якдигарии одамон дар ҷомеа мегардад. Мувофиқи моддаи 46 КҶ ҶТ мафҳуми пурра ва дақиқи ҷазо чунин аст: «ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад». Ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад». Чораи маҷбуркунии давлатӣ чунин воситаи таъсиррасоние мебошад, ки бевосита аз ҷониби давлат нисбати шахси ҷинояткор татбиқ мегардад ва дар чунин сурат шахси ҷиноят содиркарда ҳуқуқи саркашӣ кардан аз ҷазоро надорад. Ҷазои ҷиноятӣ бо ҳукми суд таъин мегардад, ки он баҳои манфии давлатро нисбат ба ҷиноят, ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор ифода мекунад. Мутобиқи м.84 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон «адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд». Муқаратоти м. 20 Конститутсия ҶТ меъёри муҳим дар хусуси дарки моҳияти ҳуқуқии ҷазо мебошад, ки тибқи он: ҳеч кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ҷазо нисбат ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки гунаҳгории ӯ дар содир кардани ҷиноят тибқи талаботи қонунгузорӣ исбот шудааст. Мувофиқи принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, ки дар м.7 КҶ ҶТ пешбини гардидааст, «шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад». Гуноҳ аломати асосии тарафи субъективии кирдор мебошад. Аз ин рӯ, мавҷудият ва исботи он ҳамчун шарти асосии ба ҷавобгарӣ кашидан дониста шудааст. Муайян кардани гунаҳгории

шахс дар содир кардани ҷиноят ҳатман тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ сурат гирифта, эътирофи гунаҳгории шахс бошад, тавассути ҳукми эътибори қонуни пайдокардаи суд ба роҳ монда мешавад. Ҷазои ҷиноятӣ аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахс, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, иборат мебошад. Тавассути аломати мазкур моҳияти ҳуқуқии ҷазо ошкор мегардад. Ба ин мазмун ҷазо зуҳуроти беш аз маҷмуи маҳдудиятҳои ҳуқуқие нест, ки Қонуни ҷиноятӣ муайян кардааст ва он тавассути ҳукми айбдоркунандаи суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, муқаррар мегардад. Бо дарназардошти таҳлили аломатҳои ҷазо, ки аз таърифи расмии он бармеояд (м.46 КҶ), инчунин дигар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва фирку андешаҳои мавҷуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ илова кардани боз як аломати дигарро ба мафҳуми ҷазо зарур мешуморем:

- оқибатҳои ҳуқуқии ҷазои ҷиноятӣ-доғи судӣ.

Дар ин маврид таърифи ҷазо чунин ифода карда мешавад: «ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидаанд, иборат буда, дар муҳлати муайян шахсро доғи судӣ дошта эътироф мегардонад». Оқибати ҳуқуқии таъини ҷазои ҷиноятӣ доғи судӣ мебошад, ки ба маҳкумшуда як қатор оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ё иҷтиморо ба миён меорад. Масалан, доғи судӣ доштан ҳангоми такроран содир кардани ҷиноят, ретседиви ҷиноят эътироф гардида, ҳагоми таъини ҷазо суд чунин ҳолатро мутобиқи м. 62 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба инобат мегирад. Аз нуқтаи назари маҳдудиятҳои характери иҷтимоӣ дошта, доғи судӣ боиси ғайриимкон гардидани фаъолият дар баъзе намудҳои фаъолият, инчунин дар баъзе давлатҳо боиси маҳдудяти ба даст овардани раводид (VISA) мегарад. Дар баробари ҷазо дигар чораҳои маҷубурии дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дошта вуҷуд доранд, ки зарур аст ҷазои ҷиноятиро аз онҳо фарқ намоем. Сухан дар ин ҷо дар атрофи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ-ҷиноятии «чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ ё тиббӣ»-дошта меравад. Мутобиқи қ.2 м.86 КҶ ҶТ «ба ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, мумкин аст ҷазо ё чораҳои маҷбуркунӣ дорои хусусияти тарбиявӣ дошта таъин карда шаванд». Дар асоси талаботи қ.2 м 89 КҶ ҶТ ба ноболиғ чунин чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта таъин кардан мумкин аст:

а) огоҳ кардан;

б) ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан;

в) ба зимма гузоштани уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда;

г) маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор.ба нобо

Аз рӯи мазмун, моҳияти ва хусусиятҳои худ чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта аз ҷазо фарқ мекунанд, зеро чораҳои номбаршуда на он қадар маҳдудиятҳои ҳуқуқии вазнинро муқаррар мекунанд, балки маҷмуи чораҳои тарбиявие мебошанд, ки нисбат ба ноболиғони ҷиноят содиркарда вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиркардаашон татбиқ мегарданд ва нуқтаи муҳим ҳамин аст, ки татбиқи чунин ҷораҳо маҷбурӣ нисбати ноболиғон боиси пайдо гардидани доғи судӣ намегардад.

Тибқи талаботи моддаи 97 КҶ ҶТ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро суд метавонад ба шахсони зерин таъин намояд, ки кирдорҳои дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дар ҳолатҳои зерин содир намудаанд;

а) дар ҳолати номукаллафӣ;

б) пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои руҳие гардидаанд, ки таъин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд;

в) дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд;

г) ҷиноят содир намуда, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ ва токсикомания мебошанд.

Аз рӯи мазмун ва муҳтавои худ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ намудҳои гуногуни табобати маҷбурии шахс мебошанд, ки дар ҳолати гирифторӣ ба бемориҳои руҳӣ,

майзадагӣ, нашъамандӣ ва токсикомания ҷиноят содир кардаанд. Татбиқи чунин чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ низ боиси гирифтани доғи судӣ намегардад.

Ҷазои ҷиноятӣ, инчунин аз дигар чораҳои таъсиррасонии давлатӣ ба монанди чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ, граждании ва тарбиявӣ низ фарқ мекунад:

-асоси татбиқи ҷазои ҷиноятӣ содир кардани ҷиноят мебошад ва чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ бошад ҳангоми ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мегарданд;

-ҷазои ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар мегардад ва чораҳои таъсиррасонии маъмурӣ, граждании ва интизомиро соҳаи дахлдори қонун пешбинӣ мекунад, ки аз қонуни ҷиноятӣ фарқ мекунанд;

-ҷазои ҷиноятӣ бо ҳукми суд таъин мегардад ва тамоми дигар чораҳои таъсиррасонӣ бо дигар санадҳои судӣ ё маъмурӣ таин карда мешавад;

-танҳо ҷазои ҷиноятӣ боиси оқибатҳои манфии ҳуқуқӣ ба монанди доғи судӣ мегардад.

Шуруъ аз замони ба даст овардани соҳибистиқлолии кишвари маҳбубамон Тоҷикистон то имрӯз дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ тағйироту пешравиҳои назаррас ба чашм мерасад. Мутобиқи м.9 Коститутсияи кишварамон «ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад». Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти самараноки шохаи ҳомияти қонунгузорӣ, дар тули давраҳои инкишофи худ назари хоссаро ба институти ҷазо равона сохта, самаранокии ҷазои ҷиноятиро бо дарназардошти мақсадҳои ҷазо, ки бевосита дар қ.2 м.46 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, имрӯз тавониста истодааст, ки таъмин намояд. Қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҷамъиятиву давлатӣ, рушду инкишофи чандинсола дар соҳаи мазкур ба таври мушаххас дар қ.2 м. 46 мақсадҳои ҷазоро чунин муқаррар намуд: «ҷазо бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳи маҳкумшуда, инчунин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав татбиқ мешавад». Аз мазмуни матни қонун бар меояд, ки ҷазо аз чунин мақсадҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст:

- барқарор кардани адолати иҷтимоӣ;

-ислоҳи маҳкумшуда;

-пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав.

Бо мақсади дуруст ва дақиқ муайян кардани мазмуну муҳтавои аломатҳои номбаршуда, зарур аст, ки дар алоҳидагӣ ҳар яке аз онҳоро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем.

**Барқарорсозии адолати иҷтимоӣ** ҳамчун мақсади ҷазо замоне ба амал бароварда мешавад, ки кирдори ҷиноятӣ аллакай содир шуда бошад ва муносибатҳое, ки тавассути қонуни ҷинояти ҳифз карда мешаванд, мавриди таҷовуз аз ҷиноят қарор гирифта бошанд. Саволе ба миён омаданаш мумкин аст, ки ибораи «адолати иҷтимоӣ» дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он дар робита бо институти ҷазо чиро ифода мекунад. Қонунгузории ҷиноятӣ дар моддаи 8 КҶ ҶТ, ки принсипи адолатро муқаррар мекунад, чунин муайян кардааст: «ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд». Принсипҳои қонун - ин асосҳои пешбаранда, нуқтаҳои асосӣ, ғояҳое мебошанд, ки мазмун, моҳият ва таъиноти меъёрҳои қонунро дар ҷомеа ифода мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таъини ҷазо моро зарур аст, ки пурра талаботи принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, махсусан принсипи **«адолат**»-ро ба инобат гирем. Мо ҳамон вақт ба барқарорсозии адолати иҷтимоӣ ҳамчун мақсади ҷазо ноил гардида метавонем, ки ҷазоро пурра бо дарназардошти талаботи принсипи адолат таъин намоем. Талаботи принсипи адолат ин мувофиқии ҷазо ба се унсур тақсим мешаванд:

- хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят;
- ҳолатҳои содир намудани кирдор;
- шахсияти гунаҳгор.

Мутобиқати ҷазо ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят маънои онро дорад, ки аввалан ҳангоми таъини ҷазо хусусиятҳои сифатии ҷиноят (одамкушӣ, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва ғ.) ва дуюм бошад дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ҷинояти (одамкушии одӣ ё бо ҳолатҳои вазнинкунанда) содиршуда ба назар гирифта шавад. Мутобиқати ҷазо ба ҳолатҳои содир намудани кирдор чунин маъно дорад, ки ҳангоми таъини ҷазо ҳолатҳои содир намудани кирдори ҷиноятӣ (ҳолати

муқаррарӣ, вазъияти офати табиӣ ё вазъияти ҷанг ва ғ.), ҳолатҳои сабуккунада (б. г, м.61 КҶ ҶТ кӯдакони хурдсол доштани гунаҳгор) ва вазнинкунанда (б. в, м.62 КҶ ҶТ дар ҳайати гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир намудани ҷиноят) холисона баҳо дода шаванд. Мутобиқати ҷазо ба шахсити гунаҳгор чунин маъно дорад, ки ҳангоми таъини ҷазо вазъи демографӣ-иҷтимоӣ (сину сол, ҷинс, вазъи саломатӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғ), ҳолати ҳуқуқӣ-ҷиноӣ (доғи судӣ доштан ё надоштан, қаблан ба кадом намуди ҷазо маҳкум шудан, муҳлати ҷазои қаблӣ, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда ва ғ.)-и шахс ба инобат гирифта мешавад.

**Ислоҳи маҳкумшуда** ҳамчун мақсади ҷазо пешбинӣ месозад, ки маҳкумшуда бояд дар давраи адои ҷазо дар рӯҳияи эҳтиром гузоштан ба тамоми арзишҳои ҷомеа аз нав тарбия ёбад. Давраи адои ҷазо барои маҳкумшуда раванди омузишие ба ҳисоб меравад, ки дар давоми он бояд ӯ пурра ба риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ гузашта, барнагаштан ба муҳити қаблии ҷиноятӣ, ғанӣ гардонидани ҷаҳони ботинии худ, эҳтиром гузоштан нисбат ба тамоми аъзои ҷомеа ва дигар принсипу қоидаҳои ахлоқиро, ки барои рушду нумӯи ҳаёти осоишта заруранд ва ҷониби ҳамагон эътироф гардидаанд, аз худ намояд. Дар қонунгузории соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мазмун ва муҳтавои ислоҳи маҳкумшудагон ва воситаҳои асосии он ба таври мушахас дар моддаи 14 КИҶҶ алоҳида бо чунин мазмун муқаррар гардидааст: «Ислоҳи маҳкумшудагон ин дар онҳо ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба одам, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ мебошад. Воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон аз тартиби муқарраршудаи иҷро ва адои ҷазо (низом), корҳои тарбиявӣ, меҳнат, соҳиб шудан ба **таҳсилоти** ҳамагонӣ, омодагии касбӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ иборатанд. Воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон бо назардошти намуди ҷазо, хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда ва рафтори онҳо истифода бурда мешаванд. Сарфи назар аз он, ки **пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав** дар навбати сеюми мақсадҳои ҷазо аз ҷониби қонунгузор номбар мешавад, мақсади аввалиндараҷаи ҷазоро ташкил медиҳад. Пешгирии содиршавии ҷиноятро шартан ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст:

-махсус (пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав аз ҷониби шахсоне, ки адои ҷазо менамоянд)

-умумӣ (пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав аз ҷониби шахсоне, к қаблан маҳкум нашудаанд).

Пешгирии махсус дар назорат аз болои рафтори маҳкумшудагоне, ки адои ҷазо мекунанд, ифода гардида бо мақсади пешгирии аз ҷониби онҳо содир гардидани ҷинояти нав равона мегардад. Чунин назоратбарӣ маҳдуд буда нисбат ба шахсони муайян (танҳо нисбати маҳкумшудагон) ва дар давоми вақти муқарраргардида (танҳо дар давоми муҳлати ҷазо) амалӣ карда мешавад. Ҳангоми иҷрои ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста ба намуди калонияҳои ислоҳӣ низоми муайян муқаррар шудааст, ки ҷиҳати назоратбарӣ аз болои маҳбусон аз ҷониби маъмурияти муассисаҳои ислоҳӣ нафарони муайян ҷалб карда мешаванд ва тартиботи дохилӣ бо фармони сардори муассисаи ислоҳӣ ба ҳамаи маҳкумшудагон эълон карда, дастхати онҳо дар ин хусус гирифта мешавад.

Пешгирии умумӣ аз рӯи моҳияти худ як маҳдудият дорад, нисбати шахсоне, ки адои ҷазо менамоянд, паҳн намегардад.

Мақсадҳои пешгирии умумӣ тавассути ду роҳ амалӣ карда мешавад:

- ҷазо барои вайрон кардани талаботи қонунгузории ҷиноятӣ;

-татбиқи воқеии талаботи принсипи ногузирии ҷавобгарӣ ва гунаҳгории қонуни ҷиноятӣ.

Мавҷудияти қонуни ҷиноятӣ, ки барои содир кардани кирдорҳои мушаххас ҷазо пешбинӣ мекунад, то андозае дорои таҳдиди муайян мебошад, ки як қисмати аҳолиро аз содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок боз медорад. Аз ҷониби дигар танҳо мавҷудияти қонун наметавонад қисмати бештари аҳолиро аз содир кардани ҷиноят боз дорад. Зарур аст, ки шаҳрвандон дар хусуси татбиқи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ мунтазам маълумотҳоро дастрас намоянд. Аксарияти аҳолӣ бинобар паст будани шуури ҳуқуқиашон дар бораи кирдорҳое, ки тавассути қонуни ҷиноятӣ манъ карда шудааст ва барои онҳо ҷазои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, огаҳӣ

надоранд. Бинобар ин, зарур аст, ки фаъолияти ВАО-ро ба таври зарурӣ ба роҳ монем, то ки тавассути пахши хабару гузоришҳо дар хусуси ҷинояту ҷинояткорӣ ва татбиқи ҷазо нисбати онҳо, оммаи мардум аз моҳият ва муҳтавои қонунгузории ҷиноятӣ огаҳӣ пайдо мекунанд. Чунин раванди огоҳишавӣ дар бораи кирдори ҷиноятӣ ва татбиқи ҷазои ҷиноятӣ нисбати шахсони гунаҳгор, то андозае метавонад, ки дар тафаккури оммаи мардум саҳми пешгирии содир намудани ҷиноятро тавлид созад.


**АДАБИЁТ**

1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон 2016 с
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии ТОҷикистон 1998с
3. Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии ТОҷикистон
4. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии ТОҷикистон 2010с
5. Познышев С.В. Основные начала уголовного права. Общая часть уголовного права / С.В.Познышев. - М, 1912. - С. 37-38.
6. Беляев Н.А. “Цели наказания и средства их достижения” / Н.А.Беляев. - Л.: Издательство Ленинградского Университета, 2005. - 328с
7. Уголовное право. Общая и Особенная части. Под ред. Кадникова Н.Г. М.: Городец, 2006. — 911 с.
8. Уголовное право. Общая часть: учебник / отв. ред. И.Я. Козаченко. — 4-е изд., перераб. и доп. — М.: Норма, 2008. - 720 с.
9. Уголовное право России. Общая часть / Под ред. А.И. Рарога. — 3-е изд., с изм. и доп. — М.: Эксмо, 2009. — 496 с. — (Российское юридическое образование).


**МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА МАҚСАДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ**


Дар мақолаи мазкур мафҳум, моҳият ва мақсади ҷазои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо мақсади дарки пурраи мазмун ва муҳтавои ҷазои ҷиноятӣ ҳар як аз унсурҳои таркибии онро, ки бевосита аз таърифи расмии он (қ.1 м.46 КҶ ҶТ) бармеояд, аз нигоҳи донишҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ асоснок намуда, ҳамзамон ба мафҳуми ҷазо илова намудани як аломати дигар (доғи судӣ)-ро пешниҳод намудем. Дар атрофи мақсадҳои ҷазо низ чанде андешаронӣ намуда, воситаҳои самаранокии татбиқ ва ноил гардидан ба онҳоро таҳлил намудаем.



**КАЛИДВОЖАҲО:** ҷазо, чораи маҷбуркунии давлатӣ, ҳукми суд, адолати иҷтимоӣ,ислоҳи маҳкумшуда, пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав.


**ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ЦЕЛЬ УГОЛОВНОГО НАКАЗАНИЯ**


В данной статье анализируются понятие, сущность и цель уголовного наказания. Для полного понимания содержания уголовного наказания обосновать каждый его компонент, непосредственно вытекающий из его официального определения (ст. 1 п. 46 УК РФ), с точки зрения теоретико-правовых знаний, при этом добавление к понятию наказания одного представило еще один признак (осуждение). Мы также задумались о цели наказания и проанализировали средства его эффективного осуществления и достижения.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** наказание, государственное принуждение, приговор суда, осуждение, социальная справедливость, исправление осужденного, предупреждение новых преступлений.


**CONCEPT, ESSENCE AND PURPOSE OF CRIMINAL PUNISHMENT**


This article analyzes the concept, essence and purpose of criminal punishment. For a complete understanding of the content of criminal punishment, substantiate each of its components, directly arising from its official definition (Article 1, Clause 46 of the Criminal Code of the Russian Federation), from the point of view of theoretical and legal knowledge, while adding one more sign to the concept of punishment (conviction) . We also thought about the purpose of punishment and analyzed the means of its effective implementation and achievement.



**KEYWORDS:** punishment, state coercion, court verdict, conviction, social justice, correction of the convict, prevention of new crimes.



Маълумот дар бораи муаллифон: Камолов З. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсент, н.и.ҳ.
Бобоев Аминҷон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **988 3333 84, 888 3333 84.** E-mail: **BoboevAminjon@icloud.com.**

**Сведение об авторах**: ***Камолов З***. – Таджикский национальный университет, дотсент, кандидат юридических наук. ***Бобоев Аминджон –*** Таджикский национальный университет, магистр первого курса юридического факультета. Телефон: **988 3333 84, 888 3333 84.** E-mail: **BoboevAminjon@icloud.com.**

**Information about the authors**: ***Kamolov Z***. – Tajik National University, associate professor, Ph.D. in Law.
***Boboev Aminjon*** – Tajik National University, first-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **988 3333 84, 888 3333 84**. E-mail: : **BoboevAminjon@icloud.com.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДИДАИ ҒОИБ ВА ФАВТИДА ЭЪЛОН НАМУДАНИ ШАҲРВАНД

***Гулов М.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи моддаи 45 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ҳозир шудани шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида ё муайян гардидани ҷои исти ӯ суд қарорро дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд бекор мекунад. Дар асоси қарори суд идораи молу мулки шаҳрванд бекор карда мешавад.

Дар моддаи мазкур ду асоси бекор намудани қарори суд дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд пешбинӣ гардидааст:

- ҳозир шудани шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида;
- муайян гардидани ҷои исти шахси бедарак ғоиб.

Бекор кардани қарор дар хусуси бедарак эътироф намудани шахс тибқи тартиби судӣ анҷом дода мешавад. Барои қабули қарори суд зарур аст, ки далели ҳозир шудани шаҳрванд ё ошкор намудани маҳалли будубоши ӯ муқаррар карда шавад. Ҳуқуқҳои шахси бедарак ғоибшуда, ба ғайр аз барқарор намудани ақди никоҳ, ба пуррагӣ барқарор карда мешавад. Қарори нави суд барои бекор кардани идоракунии молу мулки шаҳрванд асос мебошад. Дар сурати ҳозир шудани ҳамсар, ки бедарак ғоиб эътироф шудааст, инчунин бекор кардани қарори суд, ақди никоҳ метавонад аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ мутобиқи аризаи ҳамсарон барқарор карда шавад.

Мутобиқи моддаи 285 Кодекси мурофиавии граждании ҳангоми ҳозиршавӣ ё ошкор намудани маҳалли қарор доштани шаҳрванд, ки бедарак ғоиб эътироф ё фавтида эълон шудааст, суд бо ҳалномаи нав ҳалномаи қаблан қабулкардаро бекор мекунад. Ҳалномаи нави судӣ барои бекор кардани идоракунии молу мулки шаҳрванд асос мегардад.

Аризаро дар бораи бекор кардани ҳалномаи суд дар бораи бедарак ғоиб эътироф кардани шаҳрванд ҳам худи шахси ҳозиршуда ва ҳам шахсони манфиатдор пешниҳод намуда метавонанд. Қонунгузорӣ мухтавои аризаро барои ин масъала пешбинӣ накардааст. Чун анъана ҳангоми ҳозир шудани шаҳрванд худи ӯ ариза пешниҳод менамояд ва ҳангоми ариза пешниҳод кардани шахсони манфиатдор бояд факти тасдиқкунандаи ҷои исти ӯро дар ариза нишон диҳанд. Суд дурустии факти муайяншударо санҷида, ҳалнома қабул менамояд, ки мувофиқан ҳалномаи пешина бекор ҳисобида мешавад.

Тавре ки зикр намудем, ҳангоми бедарак ғоиб эътироф кардани шаҳрванд молу мулки шахси бедарак, ки идоракунии доимиро талаб мекунад, таҳти идоракунии ба боварӣ асосёфта фаро гирифта мешавад. Яъне, молу мулки шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида дар сурати зарурати муҳофизати он дар асоси қарори суд ба идораи ваколатии шахсе супурда мешавад, ки аз ҷониби мақоми васояту парасторӣ муайян гардида, дар асоси шартномаи бо ин мақом басташуда дар бораи идораи ваколатӣ амал мекунад. Баъди бекор карда шудани ҳалномаи суд идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки шаҳрванд бекор карда мешавад. Ҳалномаи суд асос барои қатъ гаштани шартномаи ба боварӣ асосёфтаи мақомоти васоят ва шахси ваколатдор мегардад.

Бавуҷудоии падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрвандро олимон ба давраи гузариш аз мурофиаи мубоҳисавӣ ба мурофиаи инквизитсионӣ (ҷустуҷӯӣ) нисбат медиҳанд. Дар мурофиаи мубоҳисавӣ муҳокимаи судӣ дар шакли мубоҳиса, ошкоро ва даҳонӣ баргузор мегардид. Дар ин баҳс суд вазифаи “довари беғараз”-ро иҷро намуда, назорат мекард, ки қоидаҳои баҳс чи тавр риоя мешаванд ва баҳсро кӣ бурд мекунад. Тибқи қоидаҳои мурофиаи ҷустуҷӯӣ судя дар як вақт бояд функсияи муфаттиш, айбдоркунанда ва дар ҳаҷми муайян функсияи ҳимояро низ иҷро мекард. Ба мурофиаи ҷустуҷӯӣ низоми далелҳои расмӣ хос буд, пеш аз ҳама дар танзими сахти амалҳо оид ба баҳодиҳии далелҳо инъикос мeёфт. Ин нуқтаи назар бо он тасдиқ

мегардад, ки дар асрҳои XIV-XVI дар адабиёти ҳуқуқи римӣ масъала оиди далелҳои исботкунандаи воқеияти вафоти шаҳрванд баррасӣ мегардид. Масъала оиди интихоби далелҳо буд, масалан ба 4 нишондоди шоҳидон чӣ гуна бояд баҳо дод, нақши ахбори паҳншуда чӣ гуна аст ва ғайра.

Падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар Русия бо таъсири ҳуқуқи Византия ташаккул ёфтааст. Сараввал, таъсири бедарак ғоиб гардидан ба муносибатҳои оилавӣ назаррас буд. Никоҳи шахсе, ки бедарак ғоиб эътироф мегардид, қатъ гашта, ҳамсари ӯ ба никоҳи нав ҳуқуқ пайдо менамуд ва ин раванд новобаста аз ҳолат ва сабабҳои мухталиф сурат мегирифт. Дар ҳолати бедарак ғоиб гаштани зан ҳуқуқ ба никоҳи навро мард низ соҳиб мегардид. Эътирофи фавти эҳтимолии шаҳрванд оқибати ҳуқуқии фавти шаҳрвандро ба вуҷуд меовард.

Дар асрҳои миёна бори нахуст дар Италия фавтида эълон намудани шахси бедарак ғоиб эътирофгардида бо синну соли муайян вобаста карда шуд. Қонунгузории он эҳтимолияти фавти шахси бедаракро ба синни 100 - солагӣ муқаррар намуда, вобаста ба ин танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии бо иштироки ӯ мавҷударо мушаххас гардонид. Чунин шакли мушаххасгардонии ҳолати номуайянӣ бо номи усули саксонӣ маълум аст.

Падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар Фаронса ба шакли ба худ хос ташаккул ёфтааст. Қонунгузории Фаронса фавтида эълон намудани шаҳрвандро бо гузаштани муҳлати муайян вобаста менамуд, ки эҳтимолияти вафоти шаҳрвандро тасдиқ мекард. Чунин муҳлат 10-солро дар бар мегирифт.[2] {1804}

Дар Тоҷикистон инкишофи падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар зери ҳуқуқи Русия ба назар мерасад. Зеро баъди он, ки ҳудуди Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи забт мегардад, Генерал-Геберрнатории Туркистон таъсис меёбад. Минбаъд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар ин ҳудуд қабул карда мешуданд, хусусиятҳои ҳуқуқи русиро таҷассум мекарданд.

Дар Устави истеҳсолоти судии соли 1864 меъёрҳои ҳуқуқӣ оиди падидаи мазкур коркард карда шуданд. Танзими ҳуқуқии падидаи мазкур ба шакли танзими ҳуқуқии он дар Фаронса монандӣ дошт. Аммо бо вуҷуди ба таври дақиқ муайян намудани танзими мурофиавӣ- ҳуқуқии падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтидаэълон намудани шаҳрванд, танзими моддӣ-ҳуқуқии он мушаххас нагардида буд. Масъала оиди бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар нотариус баррасӣ мегардид. Баъди қабул гардидани Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии граждании ИҶШС баррасии чунин масъалаҳо ба тобеияти салоҳияташон умумӣ муқаррар карда шуд. Баррасии масъалаи мазкур аз ҷониби судҳо нисбат ба нотариус бештар манфиатовар ва дуруст муайян гардид. Тартиб ва шартҳои бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд дар асоси моддаи 10 Асосҳои қонунгузории граждании ИҶШС ба танзим даровардa мешуд. Барои таҳияи лоиҳаи санади мазкур олимони соҳа ҷалб карда шуда, фикру ақидаҳои онҳо ба назар гирифта шуданд. Масалан, И.Б.Новитский оиди ин масъала чунин ақида баён намуда буд: ”Ҳангоми фавтида эълон намудани шаҳрванд дар давраи ҷанг бо гузашти муҳлати шаш моҳ муҳлат на аз рӯзи бедарак ғоиб эътироф шудан, балки аз рӯзи хотимаи ҷанг ва ё бастани созишномаи сулҳ бояд ҳисоб намуд, чунки шаҳрванд дар давраи ҷанг имконият надорад, ки худро маълум созад ва ё ба маҳалли истиқомат баргардад. ”

Вобаста ба сохтори худ бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд ягонагии зиёд доранд. Аммо бо дарназардоши хусусиятҳо ва тартиби махсуси амалигардонӣ охирин бештар мураккаб мебошад. Бинобар ин дар гузашта тартиби дузинагии фавтида эълон намудани шаҳрванд вуҷуд дошт. Яъне сараввал қарори суд дар бораи бедарак ғоиб эътироф кардани шаҳрванд бароварда мешуд ва минбаъд дар мурофиаи дуюм шахсро фавтида эълон менамуданд.

Чи хеле ки қайд намудем, танзими муносибатҳои граждании иштироки шахсро дар муносибатҳои дахлдор талаб менамояд. Бидуни маълумот ғоиб гаштани шаҳрванд бошад, номуайянии ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, ба амалишавии ҳуқуқу манфиатҳои субъектони дигари ҳуқуқ монеа мегардад. Вазифаи падидаи бедарак ғоиб эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванд бартараф намудани номуайянии ҳуқуқӣ ва бо ин восита таъмин намудани амалишавии ҳуқуқҳои шахсони манфиатдор ва ҳифзи манфиатҳои шаҳрванди

бедарак ғоиб мебошад. Яъне мақсади падидаи мазкур ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худи шаҳрванди бедарак ғоиб ва дигар субъектони дигари ҳуқуқ аст.

Мутобиқи моддаи 46 - и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷои исташ маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд. Суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷанг фавтида эълон карда метавонад.

Чӣ тавре ки аз муқаррароти моддаи баррасишаванда бармеояд, қонунгузорӣ асос ва шартҳои фавтида эълон намудани шаҳрвандро мустаҳкам намудааст. Аз таҳлили моддаи мазкур ҳолати умумӣ ва махсуси фавтида эълон намудани шаҳрвандро ҷудо намудан мумкин аст. Ҳолати умумии фавтида эълон намудан чунин ифода меёбад: “Агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷои исташ маълумоте набошад, суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд”. Яъне, асоси умумӣ барои фавтида эълон намудани шахс инҳо мебошанд:

1. набудани шаҳрванд дар ҷои истиқомати худ ва мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҷои будубоши ӯ;
2. гузаштани муҳлати се сол аз рӯзи маълумоти охирин дар бораи шаҳрванд.

Ҳолатҳои махсуси фавтида эълон намудани шаҳрванд чунин ифода меёбад: “Агар шаҳрванд дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд. Суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷанг фавтида эълон карда метавонад”.

Дар ҳолатҳои махсус бошад, қонунгузорӣ асосҳои фавтида эълон намудани шаҳрвандро ба таври зайл муайян намудааст:

- набудани шаҳрванд дар ҷои истиқомати худ ва мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҷои будубоши ӯ;
- беномунишон гаштани шаҳрванд бо фалокат ва ё вазъияте вобаста бошад, ки марг ба ҳаёташ таҳдид мекард;
- гузаштани муҳлати шаш моҳ аз рӯзи маълумоти охирин дар бораи шаҳрванд.
- агар беномунишон гаштани шаҳрванд бо амалиёти ҷангӣ вобастагӣ дошта бошад, гузаштани муҳлати як сол пас аз хотимаи амалиёти ҷангӣ.

Фавтида эълон намудани шаҳрванд дар асоси моддаи 46 - и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррароти боби 30 Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Ариза дар бораи фавтида эълон кардани шаҳрванд ба суди маҳалли истиқомат ё маҳалли қарор доштани шахси манфиатдор пешниҳод карда мешавад.

Дар ариза ҷиҳати фавтида эълон кардани ӯ бояд маълумотҳои зерин зикр гарданд:

- барои кадом мақсад ба аризадиҳанда фавтида эълон кардани ӯ зарур аст;
- ҳолатҳои тасдиққунандаи бедарак ғоиб будани шаҳрванд;
- ҳолатҳое, ки метавонист ба бедарак ғоиб таҳдиди марг кунад ё асосе вуҷуд дорад, ки эҳтимоли ҳалокати ӯро вобаста ба ҳодисаи дахлдори нохуш собит месозад.

Нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ ё дигар шаҳрвандоне, ки вобаста ба амалиёти ҳарбӣ бедарак ғоиб гардидаанд, дар ариза рӯзи хотимаёбии амалиёти ҳарбӣ зикр карда мешавад.

Оиди ин масъала аз амалияи судӣ чунин мисол овардан мумкин аст: “Шаҳрванд С З.С. оиди фавтида эълон намудан ба суд муроҷиат намуда, аризаашро бо он асоснок кардааст, ки ӯ бо марҳум шавҳараш А.Ҳ. санаи 25 ноябри соли 2007 бо бастани ақди никоҳи расмӣ оиладор шуда, соли 2009 бинобар вайрон шудани муносибатҳои оилавиашон аз ҳамдигар ҷудо шудаанд. Ақди никоҳашон дар асоси ҳалномаи суд бекор карда шуда, дар ин бора шаҳодатномаи бекор кардани ақди никоҳ аз 18 ноябри соли 2009 гирифта будааст. Баъдан соли 2010 онҳо оилашонро барқарор карда, бо ҳамдигар оштӣ шудаанд. Аз ҳаёти якҷояашон соҳиби ду нафар фарзанд мебошанд, ки дар таъмин ӯ қарор доранд. Онҳо зану шавҳар моҳи ноябри соли 2010 ба вилояти Волгоград, ноҳияи Михайловскаи Федератсияи

Россия ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта будаанд. Санаи 09 марти соли 2011 шавҳараш барои оби нушоки овардан тавассути автомашинааш тамғаи “Жигули” аз хона баромада рафта бо ҳамин бедарак гашта будааст. {С.15.} Онҳо шавҳараш А.Ҳ-ро ҷустуҷӯ намуда автомашинаи шавҳарашро дар дохили шаҳрак пайдо намудаанд, вале аз шавҳараш нишоне пайдо нашудааст. Ҳамин тариқ, онҳо бо хешон ва ҳамдеҳагоне, ки дар онҷо қарор доштаанд шавҳарашро кофтуков намудаанд, лекин дарёфт карда натавонистаанд. Баъдан солҳои 2011 ва 2012 волидони шавҳараш оиди дарёфти фарзандашон ба сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Маскав расман муроҷиат намудаанд. Баъди таҳқиқ сафорат ба онҳо тавассути мактуб хабар дода будаанд, ки шаҳрванд С.А.Ҳ вафот ёфтааст. Айни замон ду адад мактуби расмии сафорат мавҷуд буда, маълумотномаи асосиро, ки дар он ҳолати вафоти шавҳараш қайд шудааст, гум карда будаанд. Ҳоло муддати чор сол мешавад, ки ӯ бо ҳамроҳии фарзандони ноболиғаш дар хонаи волидони шавҳараш зиндагӣ мекардааст. Аз сабаби мавҷуд набудани маълумотнома оиди фавти шавҳараш онҳо то ин вақт натавонистаанд хатти вафоти шавҳарашро тавассути шӯъбаи САҲШ гиранд. Муқаррар намудани ҳолати фавтида эълон намудани шавҳараш ба ӯ барои гирифтани нафақапулӣ барои таъмини фарзандонаш зарур будааст, зеро ӯ барои таъмини ду нафар фарзандонаш танҳо азоб кашида истода будааст. Бинобар ин, аз суд хоҳиш кардааст, ки ҳолати фавти шавҳараш А.Ҳ санаи таваллудаш 25 августи соли 1981, зода ва сокини ноҳияи Ашти вилояти Суғд, ҷамоати деҳоти Ифтихор, деҳаи Ҷигда, ки санаи 09 марти соли 2011 вафот намудааст, фавтида эълон карда шавад.

Суд маводҳои парвандаи граждаиро омӯхта, баёноти аризадиҳанда, баромади намояндаи Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимои ва нафақаи ноҳияи Ашт, намояндаи шуъбаи САҲШ-и ноҳияи Ашт ва хулосаи прокурорро, ки қонеъ кардани аризаро пурсидаанд, шунида, далелҳои пешниҳодшударо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, бо асосҳои зерин ба хулоса омад, ки аризаи С.З.-ро қонеъ намояд.

Дар Рӯзномаи Ҷумҳурият аз санаи 19 феврали соли 2016 №35(22 857) оиди фавтида шудани шаҳрванд А.Ҳ. санаи таваллудаш 25 августи соли 1981, эълон дода шудааст, аммо то ҳол дар хусуси маҳалли буду боши номбурда ба суд ягон маълумот ворид нашудааст.

Дар мурофиаи судӣ аризадиҳанда С.З.С. баён намуд, ки фавтида эътироф намудани шавҳараш А.Ҳ., ба ӯ аҳамияти ҳуқуқи доштааст.

Дар асоси далелҳои мавҷуда, суд ба чунин хулоса омад, ки шаҳрванд А.Ҳ. санаи таваллудаш 25 августи соли 1981-ро фавтида эътироф намуда, санаи 09 марти соли 2011 рӯзи фавтида эътироф намудани ӯ дониста шавад.

Дар мисоли овардашуда аризадиҳанда аризаи худро бо он асоснок менамояд, ки аз санаи 09 марти соли 2011 шавҳараш бедарак ғоиб гашта тули чор сол ҷои будубоши ӯ номаълум мебошад. Инчунин муқаррар намудани ҳолати фавтида эълон намудани шавҳараш ба ӯ барои гирифтани нафақапулӣ барои таъмини фарзандонаш зарур будааст, зеро ӯ барои таъмини ду нафар фарзандонаш танҳо азоб кашида истода будааст.

Ба таври умум, масъала оиди фавтида эълон намудани шаҳрванд бисёр мураккаб буда, таркиби он бояд аз фактҳои зерин иборат бошад:

1) набудани маълумот дар бораи ҷои будубоши шаҳрванд
2) гузаштани муҳлати муқаррарнамудаи қонун;
3) ба суд ва дигар шахсони манфиатдор ғайриимкон будани дастрас кардани маълумот нисбати шахс;
4) набудани асос барои қасдан пинҳон шудани шахс;
5) мақсади аризадиҳанда барои фавтида эълон намудани шахс;
6) аз ҷониби суд муқаррар кардани ҳолатҳое, ки эҳтимолияти марги шахси бедарак ғоибро нишон медиҳанд. { С.15.}

**АДАБИЁТ**


1 . Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гурӯҳи муаллифон. Қисми 1. Душанбе., 2013
2. Кодекси граждании Фаронса аз соли 1804.
3. Юрченко А.К. Безвестное отсутствие по советскому гражданскому праву / А.К.Юрченко. - Ленинград., 1954., с. 45
4. Михайлова И.А. Теоретические и практические проблемы признания гражданина безвестно отсутствующим и объявления его умершим // Наследственное право / И.А.Михайлова. - 2006. -№2. –С.15.

**ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДИДАИ ҒОИБ ВА ФАВТИДА ЭЪЛОН НАМУДАНИ ШАҲРВАНД**

Дар ин мақола хусисиятҳои ҳуқуқҳои падидаи ғоиб ва фавтида эълон намудани шаҳрванд, сохтори конститутсия ва нақши конститутсия дар низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад.

**КАЛИДВОЖАҲО**: Конститутсия, кодекси гражданӣ, санади олии ҳуқуқӣ, самти ҳуқуқӣ, тафсири кодекси гражданӣ.

**ОСОБЕННОСТИ ПРАВ ГРАЖДАНИНА НА ЗАЯВЛЕНИЕ ПРАВА НА ИСЧЕЗНОВЕНИЕ И СМЕРТЬ**

В данной статье рассматриваются особенности прав гражданина на заявление права на исчезновение и смерть, структура конституции и роль конституции в системе нормативных правовых актов.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Конституция, гражданский кодекс, высший правовой акт, правовое руководство, толкование гражданского кодекса.

**THE FEATURES OF THE RIGHTS OF A CITIZEN TO APPLY THE RIGHT TO DISAPPEARANCE AND DEATH**

This article discusses the of rights of a citizen to claim the right to disappearance and death, the structure of the constitution and the role of the constitution in the system of normative legal acts.

**KEYWORDS:** Constitution, civil code, supreme legal act, legal guidance, interpretation of the civil code.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулов Мақсудҷон Фархиддинович*** – магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Телефон:**( +992) 934 15 55 55**

**Сведение об авторе:** ***Гулов Максуджон Фархидинович*** – магистр второго курса юридического факультета Таджикского национального Университета**.** Телефон:**( +992) 934 15 55 55**

**Information about the author**: ***Gulov Maqsudjon Farkhidin*** – second-year master`s student of Faculty of Law, Tajik National University. Phone :**( +992) 934 15 55 55**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ДАВЛАТҲОИ ЭЪТИРОФНАШУДА ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

***Шарипов А.Н., Сухроби А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар муносибатҳои байналмилалии муосир низоъҳо одатан боиси таъсисёбии давлатҳои эътирофнашуда мегарданд, ки онҳо дар навбати худ тамоми кушишҳои хешро барои касби истиқлолият равона карда, дар ин раванд ин иттиҳодияҳои навтаъсис, пеш аз ҳама ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, махсусан усули худмуайянкунии халқу миллатҳо ва давлатҳои шарик (муҳофиз) такя менамоянд. Ин ҳолатҳо ба муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири амиқ расонида, зарурати коркарди роҳҳои нави муносибатҳоро бо чунин кишварҳо ва масъалаҳои эътирофнамоии онҳоро аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ тақозо менамоянд.

Дар натиҷаи барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва Югославия, буҳрони Ироқ, низои русу гурҷистонии соли 2008, мушкилоти Косово дар Сербия, авҷи ҳаракатҳои марказгурез дар давлатҳои алоҳида, табаддулотҳои давлатӣ, раъйпурсиҳои истиқлолиятхоҳӣ ва майли озодихоҳӣ давлатҳои нави соҳибистиқлол ташкил гардиданд ва албатта тақдири онҳо аз якдигар ба куллӣ тафовут дошта, аз эътирофнамоии ҷомеаи ҷаҳонӣ сахт вобастагӣ дорад. Бинобар ин, масъалаи эътирофнамоии давлатҳо ва воҳидҳои алоҳида яке аз мавзуҳои муҳими сиёсати ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад [1, С. 85].

Назарияҳои гуногун нисбати мавқеи байналмилалии давлатҳои эътирофнашуда ва номуайянии ин ҳолат дар ҳуқуқи байналмилалӣ аз мубрамияти илмии ин мавзуъ далолат менамоянд. Баҳсҳои илмӣ нисбати давлатҳои эътирофнашуда ва мавқеи онҳо дар муносибатҳои байналмилалии муосир доир ба муайянкунии мафҳуми “давлатҳои эътирофнашуда” ва гурӯҳбандии онҳо ҷавоби ягонаро пешниҳод карда наметавонад. Инчунин, ҷанбаҳои назариявии ягонаи муайянкунандаи мавқеи давлатҳои эътирофнашуда вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, дар ин мақола кушиш карда шудааст, ки ҷавобҳо доир ба баъзе масъалаҳои ишорашуда пайдо карда шаванд.

Таҳлили раванди таъсис ва зухури давлатҳои нави эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки ин давлатҳоро метавон бо

роҳҳои мухталиф ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд. Гурӯҳбандии маъмули давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда асосан чунин аст:

1. давлатҳои аъзои СММ, ки ҳадди ақал аз тарафи як давлати аъзои дигари СММ эътироф нашудаанд (Чин, Исроил, Кореяи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Кипр);
2. давлатҳое, ки аъзои СММ набуда, аз тарафи ҳадди ақал як давлати аъзои СММ эътироф шудаанд (Ҷумҳурии Туркияи Кипри Шимолӣ, Ҷумҳурии Осетияи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Абхазия);
3. давлатҳое, ки аъзои СММ набуда, аз тарафи давлатҳое, ки аъзои СММ ҳисоб намешаванд эътироф шудаанд;
4. давлатҳое, ки аъзои СММ набуда, аз тарафи дигар давлатҳо низ эътироф нашудааст.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки давлатҳои эътирофнашуда асосан дар натиҷаи зуҳури ин ё он халқ ё миллате, ки низоми давлатдории мустақили хешро надоранд; ҳангоме, ки аҳолии ҳудуди муайян соҳиби ниҳоди мухторияти сиёсии хеш мебошанд (дар натиҷаи ҳаракати миллӣ) ба вуҷуд меоянд [7, С. 95].

Дар замони муосир дар муносибатҳои байналмилалӣ зиддиятҳои мухталиф ҷой дошта, принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ воситаи калидии амали халқу миллатҳои гуногун барои касби истиқлолият дар сиёсати ҷаҳонӣ гардидааст [5, С. 5].

Бинобар ин, дар сиёсати ҷаҳонӣ се роҳи асосии таъсиси давлатҳои нав вуҷуд доранд:

- ҷудо шудани қисми қаламрави як давлат;
- барҳам хӯрдани давлат;
- муттаҳид шудани ду ва зиёда давлатҳо.

Таҳлили зуҳур ва таъсиси давлатҳои нави эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда нишон медиҳанд, ки ҳоло дар сиёсати ҷаҳонӣ давлатҳои зиёди эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда вуҷуд доранд. А.Д. Катков дар мақолаи хеш кушиш намудааст, ки давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшударо ба чунин тарз гурӯҳбандӣ намояд [6, С. 30]:

- Абхазия – соли 1999 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи шаш давлатҳои аъзои СММ: Россия, Венесуэла, Никарагуа, Сурия, Ветнам ва Науру эътироф шудааст. Инчунин ин давлат аз тарафи давлатҳои дигари эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда, ба мисли Осетияи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Приднестровия ва Ҷумҳуриҳои халқии Донетск ва Луганск низ эътироф шудааст;
- Вазиристон – кишвари эътирофнашуда дар қисмати шимолу ғарбӣ Покистон дар сарҳад бо Афғонистон ҷойгир мебошад;
- давлати Ва ва давлати Шан – давлатҳои эътирофнашудае мебошанд, ки дар ҳудуди Мянма ҷойгир мебошанд;
- Осетияи Ҷанубӣ – соли 1991 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи панҷ давлатҳои аъзои СММ: Россия, Венесуэла, Никарагуа, Сурия ва Науру эътироф шудааст. Инчунин ин давлат аз тарафи давлатҳои дигари эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда, ба мисли Абхазия, Ҷумҳурии Приднестровия, Ҷумҳурии Қарабоғи Кӯҳӣ, ва Ҷумҳуриҳои халқии Донетск ва Луганск низ эътироф шудааст;
- Сомалиленд – соли 1991 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи ҳеҷ як давлат эътироф нашудааст;
- Фаластин – давлати Нозири доимӣ дар назди СММ ба ҳисоб меравад ва аз тарафи 137 давлатҳоёи аъзои СММ, давлати Ватикан ва қисман аз тарафи - Ҷумҳурии демократии арабии Сахара (ҶДАС) эътироф шудааст;
- Ҷумҳурии демократии арабии Сахара (ҶДАС) – мустамликаи собиқи Испания дар Сахараи Ғарбӣ буда, ҳоло дар шимол бо Марокаш, дар шимолу-шарқ бо Алҷазоир ва дар шарқу ҷануб бо Мавритания ҳамсарҳад мебошад. Ин давлат соли 1976 истиқлолияти хешро эълон намуд ва он аз тарафи 85 давлатҳои аъзои СММ эътироф гардид, вале баъдан аз ин шумора 36 давлат робитаҳои дипломатии худро бо ҶДАС қатъ намуданд. Ин давлат ҳоло аз тарафи СММ ҳамчун ҳудуде эътироф шудааст, ки наметавонад мустақилона низоми идориро ба роҳ монад;

- Ҷумҳурии Косово – соли 2008 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи 98 давлатҳои аъзои СММ ва Тайван эътироф шудааст;

- Ҷумҳурии Қарабоғи Кӯҳӣ – соли 1991 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда ба мисли Ҷумҳурии Приднестровия, Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ эътироф шудааст;

- Ҷумҳурии Приднестровия – соли 1990 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи давлатҳои нимаэътирофшуда ва эътирофнашуда ба мисли Ҷумҳурии Қарабоғи Кӯҳӣ, Абхазия ва Осетияи Ҷанубӣ эътироф шудааст;

- Ҷумҳурии Туркии Кипри Шимолӣ – соли 1983 истиқлолияти хешро эълон намуда, аз тарафи Туркия эътироф гардид;

- Ҷумҳурии Чин (Тайван) – соли 1949 ба таври конститутсионӣ таъсис ёфта, аз тарафи 17 давлатҳои аъзои СММ ва давлати Ватикан эътироф шудааст.

Дар умум, давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда бо ҳамин роҳҳо гурӯҳбандӣ шуда, фаъолияти онҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди омӯзиши коршиносони гуногун қарор дода мешавад.

Ҷанбаи дигари таҳлили назариявии давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар сиёсати ҷаҳонӣ водор менамояд, ки пеш аз ҳама истилоҳи муайянкунандаи ин давлатҳо муайян карда шавад. Дар замони муосир зимни раванди таъсиси давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда фаҳмиши аниқи номгузории давлатҳои эътирофнашуда вуҷуд надорад ва истилоҳоте, ки барои номгузории онҳо истифода мегарданд, хеле зиёд мебошанд.

Коршиносони соҳа, дар умум ду навъи гурӯҳи истилоҳот – хислати манфидошта ва хислати бетарафонадоштаро ҷудо менамоянд, ки давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшударо дар сиёсати ҷаҳон тавассути онҳо ном мебаранд.

Истилоҳоти хислати манфидошта, пеш аз ҳама давлати ҷудоихоҳона (separatist); иттиҳодияи зиддидавлатӣ (state-like-entity); ғайриқонунӣ, ҳудуди мушкилидошта ва давлати ҷудошуда (breakaway state) ва ғайраҳоро ифода менамоянд.

Истилоҳоти хислати бетарафонадошта бошанд асосан давлати баҳснок (contested state), давлати эътирофнашуда (unrecognized/state with limited recognition), давлат дар дохили давлат (states-within-states) ва ғайраҳоро ифода менамоянд [8].

Бояд хотирнишон намуд, ки тамоми ин истилоҳоти ишорашудае, ки нисбати ин ё он давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда истифода мегарданд, дар адабиёти илмии давлатҳои мухталиф вобаста ба манфиатдорӣ ва алоқаи онҳо (мусбӣ ё манфӣ) бо чунин давлатҳо ё ҳудудҳо мавриди амал қарор дода мешаванд.

Бинобар ин, омӯзишу баҳогузории як қатор истилоҳоти соҳа имконият медиҳанд, ки ҷанбаҳои назариявии давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар сиёсати ҷаҳонӣ муайян карда шаванд, ки барои эътирофнамоии пурраи онҳо кумак хоҳанд намуд.

Дар ин замина бояд, пеш аз ҳама истилоҳи "давлатҳои худэътирофшуда" (self-proclaimed state) баҳогузорӣ карда шавад, зеро ин истилоҳ асосан ба заминаҳои таърихии ташаккули давлатҳо ишора менамояд ва шумораи зиёди давлатҳои ҷаҳон таърихан худэътирофшуда буда, маҳз зери ин истилоҳ мувофиқ меоянд.

Олими рус Н.А. Добронравин қайд менамояд, ки "истилоҳи давлатҳои худэътирофшуда" ҳуқуқи воридшавӣ ба илми муосири ҳуқуқи байналмилалиро дорад" [4, С. 24]. Чунки аксарияти давлатҳои ҷаҳон дар асри XX ва ибтидои XXI дар натиҷаи фурӯпошии низоми мустамликадорӣ таъсис ёфтаанд, яъне онҳо давлатҳои эътирофнашуда набуда, балки давлатҳои худэътирофшуда ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд намуд, ки ин истилоҳро на танҳо метавон нисбати давлатҳои дар асри XX ва ибтидои XXI таъсисёфта истифода намуд, балки онро метавон нисбати давлатҳое чун ИМА, ки истиқлолияти хешро соли 1776 эълон намудааст, Белгия, ки соли 1830 аз Ҳоландия ҷудо шудааст, Индонезия, ки соли 1949 истиқлолияти хешро ба даст овард ва ғайраҳо истифода намуд. Албатта истилоҳи "давлатҳои худэътирофшуда" як қисми раванди эътирофнамоӣ буда, наметавонад пурра раванди эътирофнамоии давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшударо инъикос намояд.

Дар баробари ин, ду истилоҳи асосие чун “давлатҳои эътирофнашуда” ва “давлатҳои қисман эътирофшуда” (partially recognized state) диққати бештари коршиносонро ба худ ҷалб намудааст.

Истилоҳи “давлатҳои эътирофнашуда” маънои онро ифода менамояд, ки бояд давлатҳои навтаъсис аз тарафи давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда шавад ва дар сурати ғайр, онҳо ҳамчун давлатҳои эътирофнашуда ё “давлатҳои қисман эътирофшуда” шинохта мешаванд. Истилоҳи “давлатҳои эътирофнашуда” ҷиҳати номгузории давлатҳои навтаъсис аз тарафи аксари коршиносон дастгирӣ мешавад. Ҳарчанд истилоҳи “давлатҳои қисман эътирофшуда” аз тарафи баъзе олимон пазируфта намешавад, вале бояд қайд намуд, ки онро метавон нисбати ҳамон ниҳодҳои идорие, ки аз тарафи як ё якчанд давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудаанд, истифода намуд [6, С. 32].

Бинобар ин, метавон гуфт, ки ҳар як истилоҳе, ки нисбати ин ё он давлатҳои эътирофнашуда ва нимаъэтирофшуда истифода мегарданд, аз заминаҳои таъсис, дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, тарзи низоми идорӣ ва шароити муносибатҳои байналмилалӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳар як истилоҳи хислати мусбӣ ё манфидошта метавонанд дар илм истифода гарданд. Дар баробари ин, дар сиёсати ҷаҳонӣ истилоҳҳои “ҳудуди эътирофнашуда”, “давлати худэътирофшуда” ва “ҷумҳурии худэътирофшуда” пайваста дучор меоянд ва ин истилоҳҳо асосан ба яке аз нишонаҳои заминавии мавҷудияти давлат: ҳудуд, истиқлолият ва мубориза барои озодӣ далолат менамоянд [2, С. 87]. Вобаста ба ин масъала олимони британӣ Н. Касперсон ва Г. Стэнсфилд қайд менамоянд, ки давлатҳои эътирофнашуда – ин ҳудудҳое мебошанд, ки дар натиҷаи амалиётҳои ҷангӣ (на ҳамеша) де-факто истиқлолияти хешро ба даст овардаанд, вале натавонистанд эътирофи байналмилалиро барои таъсиси давлати мустақил ба даст оранд [3]. Аз ин хотир, коршиносони соҳа миёни давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда фарқи калон намегузоранд, зеро ин гурӯҳи давлатҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ мавқеи зеҳниро пурра касб накардаанд, ҳарчанд баъзе нишонаҳои асосии мавҷудияти давлати комилро соҳиб мебошанд. Умумияти асосии давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи онҳо барои касби истиқлолияти комили сиёсӣ талош менамоянд ва он самти калидии фаъолияти онҳоро дар саҳнаи ҷаҳонӣ ташкил медиҳад.

Хулоса, имрӯз дар сиёсати ҷаҳонӣ гурӯҳи давлатҳое фаъолият менамоянд, ки раванди эътирофнамоиро аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пурра сипарӣ накардаанд ва онҳоро бо унвонҳои гуногун ном мебаранд. Вале дар ин мақола муаллиф кушиш намудааст, ки онҳоро ҳамчун давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда баён намояд, то як мувозинат ва тасдиқи мавҷудияти онҳо ҳифз карда шавад.

Фаъолияти давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар сиёсати ҷаҳонӣ хислати зиддиятнок дошта, ба муносибатҳои байналмилалӣ, робитаҳои минтақавӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ таъсири амиқи худро мерасонанд. Аз ин рӯ, аз робитаи давлатҳои ҷаҳон нисбати онҳо ва дараҷаи эътирофнамоии онҳо аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ, сатҳи ҳамкориҳои онҳо муайян карда мешаванд.

Вобаста ба ин, давлатҳои ҷаҳон онҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуда, гурӯҳе онҳоро эътироф намуда, (расман ё ғайрирасмӣ) бо онҳо робитаҳои хешро барқарор менамояд ва ё гурӯҳи дигар чунин давлатҳоро зери таҳримҳо ва маҳдудиятҳои гуногун қарор дода, фаъолияти онҳоро дар саҳнаи ҷаҳонӣ маҳдуд менамояд.

Маҳз аз чунин шакли муносибат (мусбӣ ё манфӣ) бо давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда навъ ва шаклҳои номгузории онҳо низ фарқ карда мешавад. Аз ин рӯ, имрӯз дар илм номҳои зиёде дучор меоянд, ки онҳоро ба ин гуна давлатҳо рабт медиҳанд.

**АДАБИЁТ**


1. Бартенев В. Концепция «государств-изгоев» во внешней политике США // Международные процессы. – Т. 7. – 2009. – № 1 (19). – С. 84–93.
2. Большаков А.Г. Непризнанные государства европейской периферии и пограничья // Международные процессы. – Т. 5. – 2007. – № 3 (15). – С. 83–88.
3. Caspersen N., Stansfield G. Unrecognized States in the International System. – New Jersey, 2013. – 272 p.
4. Добронравин Н.А. Модернизация на обочине: выживание и развитие непризнанных государств в XX – начале XXI века. – СПб., 2013. – 252 с.

5. Казаровец Е.М. Вопросы признания новых государств и правительств в современном международном праве. – М., 1958. – 23 с.
6. Катков А.Д. Проблема международно-правового признания и феномен непризнанных государств в современном научном дискурсе. Вестник дипломатической академии МИД России. Россия и мир. - 2020. - № 3 (25). – С. 27-52.
7. Ноженко М.В. Национальные государства в Европе / М.В,Ноженко. – СПб., 2007. – 343 с.
8. Хомский Н. Государства-изгои. Право сильного в мировой политике / пер. с англ. – М., 2003. – 320 с.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ ДАВЛАТҲОИ ЭЪТИРОФНАШУДА ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

Таҳлили нақши эътирофнамоии байналмилалӣ ва ҳуқуқии давлатҳо зарурияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳлили илмии масъалаи мазкур дар шароити муосири рушди муносибатҳои на танҳо дохилидавлатӣ, балки байналмилалӣ мубрамияти хосса касб намудааст. Муҳити имрӯзаи сиёсати ҷаҳонӣ дар анҷоми низоми дуқутба, фурупошии давлатҳо, фаъолгардии равандҳои марказгурез дар як қатор минтақаҳо ва мудохилаи давлатҳои хориҷӣ ба мушкилиҳои қавмии дохилӣ зоҳир гардида, ҳамаи ин диққати марказиро ба падидаи эътирофнамоии давлатҳо равона менамояд. Мубрамияти дигари ин мақола дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти низоъҳои имрӯза ба ҷудошавии қисми қаламрави як давлат алоқамандӣ дошта, дар онҳо ихтилофҳои зиёд дида мешавад, ки тули даҳсолаҳо ҳалли худро пайдо накарда, дар навбати хеш амнияти байналмилалиро халалдор менамоянд. Дар мақолаи мазкур дараҷа ва тартиби эътирофи давлатҳои нав аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳлил гардида, ҳолати давлатҳои эътирофнашуда ва нимаэътирофшуда дар низоми муосири ҳуқуқи байналмилалӣ баҳогузорӣ мегардад ва мушкилиҳои мафҳум ва гурӯҳбандии онҳо нишон дода мешаванд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** эътирофнамоӣ, принсипи ҳуқуқи байналмилалӣ, давлатҳои эътирофнашуда, давлатҳои нимаэътирофшуда, давлати худэътирофшуда.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ТЕРМИНА НЕПРИЗНАННЫХ ГОСУДАРСТВ В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ

Исследование международно-правового признания государств имеет большое теоретическое и практическое значение. Научный анализ данной проблемы приобретает особую важность в современных условиях развития не только внутригосударственных, но и международно-правовых отношений. Окончание биполярности, распад ряда государств, интенсификация центробежных тенденций в некоторых регионах мира, вмешательство извне во внутренние этнические проблемы – всё это ставит в центр внимания проблему понимания феномена непризнанных государств. Актуальность данного исследования определяется еще и тем, что большинство конфликтов, связанных с отделением части территории, остаются крайне запутанными, не разрешаются в течение многих десятилетий и дестабилизируют международную безопасность. В данной статье исследуются критерии и порядок признания новых государств мировым сообществом, рассматриваются положение, которое занимают непризнанные государства в современной системе международного права, и проблема их определения и классификации.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: признание, принцип международного права, непризнанные государства, полупризнанные государства, самопризнанные государства.

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE TERM UNRECOGNIZED STATES IN WORLD POLITICS

The study of the international legal recognition of States is of great theoretical and practical importance. Scientific analysis of this problem is of particular importance in the modern conditions of development of not only domestic, but also international legal relations. The end of bipolarity, the collapse of a number of States, the intensification of centrifugal tendencies in some regions of the world, external interference in internal ethnic problems - all this puts the focus on the problem of understanding the phenomenon of unrecognized states. The relevance of this study is also determined by the fact that most of the conflicts related to the separation of a part of the territory remain extremely complicated, have not been resolved for many decades and destabilize international security. This article examines the criteria and procedure for the recognition of new states by the world community, examines the position occupied by unrecognized States in the modern system of international law, and the problem of their definition and classification.

**KEYWORDS**: recognition, principle of international law, unrecognized states, semi-recognized states, self-recognized states.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Амриддин Нуридинович* –** н.и.ҳ., дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ. Телефон: **988-50-10-11**, email: **amrsharif@mail.ru.**

***Сухроби Акбар* –** магистри курси дуюми кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ. Телефон: **900-63-90-90**, email: **suhrobiakbar@mail.ru.**

**Сведение об авторах**: ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – к.и.н., доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, факультета международных отношений Таджикского национального Университета. Телефон: **988-50-10-11**, email: **amrsharif@mail.ru.**

***Сухроби Акбар*** – магистр 2-го курса кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан, факультета международных отношений Таджикского национального университета. Телефон: **900-63-90-90**, email: **suhrobiakbar@mail.ru.**

**Information about the authors**: ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** – c.h.s., Associate Professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, faculty of International Relations, Tajik National University. Phone: **988-50-10-11**, email: **amrsharif@mail.ru.**
***Sukhrobi Akbar*** - 2nd year master`s student of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan, faculty of International Relations, Tajik National University. Phone: **900-63-90-90,** email: **suhrobiakbar@mail.ru.**

# ЗАЩИТА ПОТРЕБИТЕЛЕЙ ЧЕРЕЗ ПРАВОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ КАЧЕСТВА ТОВАРОВ (РАБОТ, УСЛУГ)

***Сангинов Д., Саломзода С.***
**Таджикский национальный университет**

Отношения предпринимателей и потребителей и защита последних основываются на следующих законодательных актах, принятых на территории Республики Таджикистан:

1. Закон Республики Таджикистан «О защите прав потребителей»;
2. Закон Республики Таджикистан «О Потребительской Кооперации в Республике Таджикистан»;
3. Совет Министров Республики Таджикистан Постановление о некоторых неотложных мерах по стабилизации потребительского рынка в Республике Таджикистан;
4. Инструкция «О Составе Средств, Направляемых на Потребление»;
5. Указание Генерального Прокурора Республики Таджикистан «Об Усилении Прокурорского Надзора за Состоянием Исполнения Закона Республики Таджикистан "О Защите Прав Потребителей» от 27 октября 2000 г. №7-30;
6. Распоряжение Антимонопольной Службы «Об утверждении Правил о порядке проведения проверок по соблюдению антимонопольного законодательства в сфере защиты конкуренции, защиты прав потребителей, естественных монополий и контроля за рекламной деятельностью 030.020.000»;
7. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О защите потребительского рынка Республики Таджикистан от проникновения некачественных товаров»;
8. Агентство По Стандартизации, Метрологии, Сертификации и Торговой Инспекции при Правительстве Республики Таджикистан;
9. Распоряжение «Об утверждении "Порядка изъятия из оборота непищевых товаров, опасных для жизни, здоровья и имущества потребителей и с истекшим сроком годности, или реализуемых без информации для потребителей 030.080.000»;
10. Президент Республики Таджикистан Указ "О Некоторых Мерах по Защите Потребительского Рынка Республики Таджикистан";
11. Правительство Республики Таджикистан Постановление «Об утверждении рекомендуемых физиологических нормах потребления основных продуктов питания на душу населения Республики Таджикистан»;
12. Правительство Республики Таджикистан Постановление «О некоторых мерах по совершенствованию применения свободных цен на муку, манную крупу, хлеб и хлебобулочные изделия и обеспечению устойчивости внутреннего потребительского рынка»;
13. Правительство Республики Таджикистан Постановление «О государственной поддержке потребительской кооперации Республики Таджикистан»;
14. Положение «О порядке формирования и применения свободных цен и тарифов на продукцию производственно-технического назначения, товары народного потребления и услуги».

Также Республика Таджикистан заключила ряд документов совместно с соседними странами, которые обеспечивают должную степень защиты потребительских прав:

1. Меморандум между Антимонопольной службой при Правительстве Республики Таджикистан и Комитетом по регулированию естественных монополий, защите конкуренции и прав потребителей Министерства национальной экономики Республики Казахстан о взаимном сотрудничестве в области антимонопольной политики»;

2. Меморандум о взаимопонимании между Антимонопольной службой при Правительстве Республики Таджикистан и Федеральной службой по надзору в сфере защиты прав потребителей и благополучия человека (Российская Федерация) о сотрудничестве в области защиты прав потребителей»;

3. Соглашение об основных направлениях сотрудничества государств-участников Содружества Независимых Государств в области защиты прав потребителей»;

4. Меморандум о взаимопонимании между Антимонопольной службой при Правительстве Республики Таджикистан и Федеральной службой по надзору в сфере защиты прав потребителей и благополучия человека (Российская Федерация) о сотрудничестве в области защиты прав потребителей»;

5. Меморандум о взаимопонимании между Антимонопольной службой при Правительстве Республики Таджикистан и Государственным комитетом Республики Узбекистан по содействию приватизированным предприятиям и развитию конкуренции о сотрудничестве в области антимонопольной политики и защите прав потребителей».

Согласно Закону РТ "О защите прав потребителей" в качестве потребителя выступает только гражданин, который имеет намерение заказать или приобрести либо заказывающий, приобретающий или использующий товары (работы, услуги) исключительно для личных, семейных, домашних и иных нужд, не связанных с осуществлением предпринимательской деятельности.

Предприниматели вступают в отношения с потребителями как изготовители (лица, производящие товары для реализации), исполнители (лица, оказывающие услуги или выполняющие работу), продавцы (лица, реализующие товары по договору купли-продажи).

Продавец (исполнитель) обязан передать потребителю товар (выполнить работу или оказать услугу), качество которого соответствует договору. При отсутствии в договоре условий и характеристик, определяющих качество товара, последний должен быть пригодным для целей, для которых данный товар (результат работы, услуга) обычно используется. В целом же товар по своим качественным характеристикам должен соответствовать требованиям, определенным специальным нормативным актом. Здесь следует указать нормативно правовые акты, связанных с техническим регулировании. Указанный Закон регулирует отношения:

- по разработке, принятию, применению и исполнению обязательных требований к продукции, процессам производства, эксплуатации, хранению, перевозке, реализации и утилизации;
- разработке, принятию, применению и исполнению на добровольной основе требований к продукции, процессам производства, эксплуатации, хранению, перевозке, реализации и утилизации, выполнению работ или оказанию услуг.

В целях надлежащего регулирования указанных правоотношений законодатель в данном нормативном акте вводит следующие понятийные инструменты, представляющие собой соответствующий вид деятельности государства.

1. Техническое регулирование - правовое регулирование отношений в области установления, применения и исполнения обязательных требований к продукции, процессам производства, эксплуатации, хранению, перевозке, реализации и утилизации, а также в области установления и применения на добровольной основе требований к продукции, процессам производства, эксплуатации, хранению, перевозке, реализации и утилизации, выполнению работ или оказанию услуг и правовое регулирование отношений в области оценки соответствия. В качестве документа, устанавливающего обязательные для применения и исполнения требования к объектам технического регулирования, определен технический регламент. Данный документ

служит таким целям, как защита жизни или здоровья граждан, имущества физических или юридических лиц, государственного или муниципального имущества; охрана окружающей среды, жизни или здоровья животных и растений и т.д. Технические регламенты с учетом степени риска причинения вреда устанавливают минимально необходимые требования, обеспечивающие биологическую, механическую, пожарную, промышленную безопасность и пр.

Введя технические регламенты, законодатель вместе с тем в целях устранения возможных злоупотреблений со стороны чиновников и для защиты прав предпринимателей установил, что технический регламент должен содержать исчерпывающий перечень продукции, процессов производства, эксплуатации, хранения, перевозки, реализации и утилизации, в отношении которых устанавливаются его требования, и правила идентификации объекта технического регулирования для целей применения технического регламента.

2. Стандартизация - деятельность по установлению правил и характеристик в целях их добровольного многократного использования, направленная на достижение упорядоченности в сферах производства и обращения продукции, и повышение конкурентоспособности продукции, работ или услуг. Указанные правила и характеристики устанавливаются в стандарте.

Целями рассматриваемой деятельности являются повышение уровня безопасности жизни или здоровья граждан, имущества физических или юридических лиц, экологическая безопасность, безопасность жизни или здоровья животных и растений и содействие соблюдению требований технических регламентов и т.д.

К документам в области стандартизации, используемым на территории РФ, относятся: а) национальные стандарты; б) правила стандартизации, нормы и рекомендации в области стандартизации; в) применяемые в установленном порядке классификации общероссийские классификаторы технико-экономической и социальной информации; г) стандарты организаций.

Национальные стандарты утверждает национальный орган РФ по стандартизации (далее - национальный орган по стандартизации). Данный орган осуществляет учет национальных стандартов, правил стандартизации, норм и рекомендаций в этой области; создает технические комитеты по стандартизации и координирует их деятельность, а также выполняет иные функции. Применение национального стандарта подтверждается знаком соответствия национальному стандарту.

Общероссийские классификаторы технико-экономической и социальной информации - это нормативные документы, распределяющие технико-экономическую и социальную информацию в соответствии с ее классификацией (классами, группами, видами и др.) и являющиеся обязательными для применения при создании государственных информационных систем и информационных ресурсов и межведомственном обмене информацией.

Стандарты организаций, в том числе коммерческих, общественных, научных организаций, саморегулируемых организаций, объединений юридических лиц, могут разрабатываться и утверждаться ими самостоятельно для совершенствования производства и обеспечения качества продукции, выполнения работ, оказания услуг.

3. Подтверждение соответствия - документальное удостоверение соответствия продукции или иных объектов, процессов производства, эксплуатации, хранения, перевозки, реализации и утилизации, выполнения работ или оказания услуг требованиям технических регламентов, положениям стандартов или условиям договоров.

Подтверждение соответствия осуществляется в целях удостоверения соответствия продукции, процессов производства, эксплуатации, хранения, перевозки, реализации и утилизации, работ, услуг или иных объектов техническим регламентам, стандартам, условиям договоров; содействия приобретателям в компетентном выборе продукции, работ, услуг и т.д. Указанное может носить добровольный или обязательный характер. При этом добровольное подтверждение соответствия осуществляется в форме добровольной сертификации, а обязательное подтверждение соответствия - в формах принятия декларации о соответствии, обязательной сертификации.

Добровольное подтверждение осуществляется в следующем порядке. Заявитель по собственной инициативе обращается в орган по сертификации. Основой для регулирования

отношений между данными субъектами выступает договор. Для подтверждения заявитель представляет продукцию, процессы производства, эксплуатации, хранения, перевозки, реализации и утилизации, работы и услуги, а также иные объекты, в отношении которых стандартами, системами добровольной сертификации и договорами устанавливаются требования.

Добровольное подтверждение соответствия может осуществляться для установления соответствия национальным стандартам, стандартам организаций, системам добровольной сертификации, условиям договоров. В подтверждение проведенной добровольной сертификации (добровольного подтверждения) объекты маркируются - на них проставляется знак соответствия (обозначение, служащее для информирования приобретателей о соответствии объекта сертификации требованиям системы добровольной сертификации или национальному стандарту).

Обязательное подтверждение соответствия проводится только в случаях, установленных соответствующим техническим регламентом, и исключительно на соответствие требованиям технического регламента. При этом объектом обязательного подтверждения соответствия может быть только продукция, выпускаемая в обращение на территории РТ. По итогам проведения обязательного подтверждения выдаются такие документы, как декларация о соответствии и сертификат соответствия. Оба документа имеют равную юридическую силу независимо от схем обязательного подтверждения соответствия и действуют на всей территории РТ. Декларация о соответствии — это документ, удостоверяющий соответствие выпускаемой в обращение продукции требованиям технических регламентов, а сертификат соответствия - документ, удостоверяющий соответствие объекта требованиям технических регламентов, положениям стандартов или условиям договоров.

Таким образом, первая форма обязательного подтверждения - принятие декларации о соответствии - может быть осуществлена одним из следующих вариантов: 1) принятие декларации о соответствии на основании собственных доказательств; 2) принятие декларации о соответствии на основании собственных доказательств, доказательств, полученных с участием органа по сертификации и (или) аккредитованной испытательной лаборатории (центра). Второй вариант применяется в том случае, если отсутствие третьей стороны приводит к не достижению целей подтверждения соответствия.

Независимо от избранного варианта заявитель в процессе декларирования соответствия должен представить доказательства для подтверждения соответствия продукции требованиям технических регламентов. Когда в процессе участвует названная третья сторона, заявитель вправе к собственным доказательствам добавить, к примеру, протоколы исследований (испытаний) и измерений, проведенных в аккредитованной испытательной лаборатории (центре).

Вторая форма обязательного подтверждения, а именно обязательная сертификация, осуществляется органом по сертификации на основании договора с заявителем. Схемы сертификации, применяемые для сертификации определенных видов продукции, устанавливаются соответствующим техническим регламентом.

Пройдя необходимые процедуры, предусмотренные законодательством о техническом регулировании и рассмотренные нами выше, и, следовательно, подтвердив соответствие продукции требованиям технических регламентов, производитель (продавец) получает знак обращения на рынке, которым и маркируется данная продукция. Указанный знак не является специальным защищенным знаком и наносится в информационных целях. Маркировка знаком обращения на рынке осуществляется заявителем самостоятельно любым удобным для него способом.

В целях обеспечения прав потребителей на получение качественного товара (работы, услуги) законодатель определяет необходимость установления специального срока, в течение которого объект приобретения будет соответствовать требованиям качества.

На товар (работу), предназначенный для длительного использования, изготовитель (исполнитель) вправе устанавливать срок службы - период, в течение которого изготовитель

(исполнитель) обязуется обеспечивать потребителю возможность использования товара (работы) по назначению и нести ответственность за существенные недостатки, возникшие по его вине.

Изготовитель (исполнитель) обязан устанавливать срок службы товара (работы) длительного пользования, в том числе комплектующих изделий (деталей, узлов, агрегатов), которые по истечении определенного периода могут представлять опасность для жизни, здоровья потребителя, причинять вред его имуществу или окружающей среде. Перечень таких товаров (работ) утверждается государственными органами.

На продукты питания, парфюмерно-косметические товары, медикаменты, товары бытовой химии и иные подобные товары (работы) изготовитель (исполнитель) обязан устанавливать срок годности - период, по истечении которого товар (работа) считается непригодным для использования по назначению. Перечень таких товаров (работ) утверждается государственными органами.

Кроме того, изготовитель (исполнитель) или продавец может устанавливать также гарантийный срок на товар (работу) - период, в течение которого в случае обнаружения в товаре (работе) недостатка изготовитель (исполнитель, продавец) обязан удовлетворить требования потребителя.

Недостатки товара (работы, услуги) законодатель определяет, как несоответствие товара (работы, услуги) или обязательным требованиям, предусмотренным законом, либо в установленном им порядке, или условиям договора, или целям, для которых товар (работа, услуга) такого рода обычно используется, или целям, о которых продавец (исполнитель) был поставлен в известность потребителем при заключении договора, или образцу и (или) описанию при продаже товара по образцу и (или) по описанию.

Недостатки могут быть существенными и обычными. Существенные - неустранимые недостатки, или недостатки, которые не могут быть устранены без несоразмерных затрат времени, или выявляются неоднократно, или проявляются вновь после их устранения, или другие подобные недостатки. Соответственно, недостатки, которые не отвечают признакам существенных недостатков, считаются обычными.

В случае обнаружения обычных недостатков в товаре (работе) потребитель вправе по своему выбору потребовать: а) безвозмездного устранения недостатков товара или возмещения расходов на их исправление потребителем или третьим лицом; б) соразмерного уменьшения покупной цены; в) замены товаром аналогичной марки (модели, артикула); г) замены таким же товаром другой марки (модели, артикула) с соответствующим перерасчетом покупной цены; д) расторжения договора купли-продажи. По требованию продавца и за его счет потребитель должен возвратить товар с недостатками.

При этом потребитель вправе потребовать также полного возмещения убытков, причиненных ему вследствие продажи товара ненадлежащего качества. Убытки возмещаются в сроки, установленные настоящим Законом, для удовлетворения соответствующих требований потребителя. Вместо предъявления указанных требований потребитель вправе возвратить изготовителю товар ненадлежащего качества и потребовать возврата уплаченной за него суммы.

В случае обнаружения существенных недостатков товара потребитель вправе по своему выбору потребовать замены такого товара товаром надлежащего качества или соразмерного уменьшения покупной цены либо расторгнуть договор.

Изложенные требования потребитель вправе предъявить в течение гарантийного срока или срока годности, установленных изготовителем.

В отношении товаров, на которые гарантийные сроки или сроки годности не установлены, потребитель вправе предъявить указанные требования, если недостатки товаров обнаружены в разумный срок, но в пределах двух лет со дня передачи их потребителю, если более длительные сроки не установлены законом или договором.

После предъявления потребителем соответствующих требований в пределах установленного срока изготовитель (исполнитель) по общему правилу обязан устранить эти недостатки незамедлительно, если иной срок устранения недостатков товара не определен соглашением сторон в письменной форме.

**ЛИТЕРАТУРА**
1. Закон Республики Таджикистан «О защите прав потребителей»;
2. Гражданское законодательство;
3. Закон Республики Таджикистан «О техническом нормировании»;
4. Закон Республики Таджикистан «О стандартизации».

**ҲИФЗИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН БО ТАЪМИНИ ХУКУКИИ СИФАТИ МОЛ (КОР, ХИЗМАТРАСОНӢ)**

Дар мақола мавзуи ҳифзи истеъмолкунандагон тавассути таъмини ҳуқуқии сифати мол (кор, хизматрасонӣ) баррасӣ шудааст. Дар ин асос баҳсҳои доимӣ ба миён меоянд, ки дахолати давлатро бо назардошти меъёрҳои қонунгузории қабулшуда талаб мекунанд.

**КАЛИДВОЖАҲО**: истеъмолкунанда, ҳуқуқ, манфиат, маҳсулот, қонунгузорӣ

**ЗАЩИТА ПОТРЕБИТЕЛЕЙ ЧЕРЕЗ ПРАВОВОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ КАЧЕСТВА ТОВАРОВ (РАБОТ, УСЛУГ)**

В данной статье речь идет об защите потребителей через правовое обеспечение качества товаров (работ, услуг). Каждая сторона заинтересована больше беспокоиться о своих правах, нежели думать о другом. На этой основе и возникают постоянные споры, которые требуют государственного вмешательства в виду принятых законодательных нормах.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Потребитель, права, интерес, товар, законодательство.

**PROTECTION OF CONSUMERS THROUGH LEGAL SUPPORT OF THE QUALITY OF GOODS (WORK, SERVICES)**

This article deals with the protection of consumers through the legal provision of the quality of goods (works, services). Each side is more interested in worrying about their rights than thinking about the other. On this basis, constant disputes arise that require state intervention in view of the adopted legislative norms.

**KEYWORDS**: consumer, rights, interest, product, legislation.

**Маълумот дар бораи муаллифон*****: Сангинов Дониёр*** – ДМТ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат.
***Саломзода Сарвиноз*** – ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **93 931 30 04.**

**Сведение об авторах:** ***Сангинов Дониёр*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры предпринимательского и коммерческого права
***Саломзода Сарвиноз*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **93 931 30 04.**

**Information about the authors:** ***Sanginov Doniyor*** – Tajik National University, associate professor of Department of Entrepreneurial and Commercial Law
***Salomzoda Sarvinoz*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone: **93 931 30 04.**

# ИШТИРОКЧИЁНИ ИСТЕҲСОЛОТИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Исматов И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Гурӯҳи шахсоне, ки дар истеҳсолоти кор оид ба вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ иштирок менамоянду ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд дар Қонунгузорӣ муайян карда шудааст, ки онҳо:

- шахси ҷисмонӣ ё мансабдор, инчунин намояндаи қонуни шахси ҷисмоние, ки ноболиғ мебошад ё ин ки вобаста аз камбудиҳои ҷисмонӣ ё психикӣ наметавонанд ҳуқуқҳои худро оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ татбиқ намоянд;
- корхона, ташкилот ё муассисае, ки бо иҷозати шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ҶТ, ки дар истеҳсолоташ кор оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ мавҷуд аст, дигар коргарон агар ба уҳдадории хизматии онҳо ба танзимдории пурраи ҳамаи масъалаҳо, ки бо ҷавобгарӣ кашидани чунин шахсон барои вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ дохил мешаванд;
- шахсе, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ташкили шахси юридикӣ машғул мешаванд.

Дар истеҳсолот оид ба вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ ҳангоми дастгирномаи маъмурӣ шахси ҷисмонӣ ё ин, ки шахси мансабдор ба муҳлати зиёда аз 3 соат метавонад адвокат ё ин, ки намояндаи қонунии шахси мазкур иштирок намояд. Ҳангоми дида баромадани кор оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ, инчунин дар қатори шахсони номбаршуда, «адвокатҳо ё ин, ки намояндагони қонуние, ки ёрии ҳуқуқиро ба ин шахсон мерасонанд ва ба дида баромадани кор роҳ дода шудаанд иштирок намоянд». Ваколатҳои сардори корхона, муассиса ё ин, ки ташкилот ва ҷонишинони онҳо ба ҳуҷҷатҳое, ки аз ҳолати хизматии онҳоро гувоҳӣ медиҳанд муайян карда мешавад. Ваколатҳои дигар коргарони ташкилот, муассиса, корхона бо вакилотнома тасдиқ карда мешавад. Ваколатҳои адвокат бо ҳуҷҷате, ки бо маслиҳатхонаи ҳуқуқи юридикӣ дода мешавад, муайян карда мешавад. Ваколотҳои намояндаи шахсе, ки ба чавобгарӣ барои вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида мешавад бояд дар ваколатнома, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ дода мешавад, муайян карда шавад. Ваколатномае, ки ба шахси ҷисмонӣ ё шахси мансабдор барои вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, бояд дар корхонаҳои нотариалӣ тасдиқ карда шавад. Ҳангоми иштироки бевоситаи шахсе, ки ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунҳои гумрукӣ кашида мешавад ба ваколатнома дар асоси аризаи хаттии чунин шахс баробар карда мешавад. Истеҳсолот оид ба парвандаҳо доир ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ – фаъолияти салоҳиятнокии шахсони мансабдори мақомоти гумрукӣ, судҳои дорои юридиксияи умумӣ оид ба татбиқнамоии ҷазоҳои маъмурӣ тибқи муқаррароти Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Истеҳсолот оид ба парвандаҳо доир ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ яке аз намудҳои муҳими фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрукии ҶТ мебошад. Вазифаи истеҳсолот оид ба парвандаи вайронкардани қоидаҳои гумрукӣ аз инҳо иборат мебошанд:

- ҳаматарафа баррасии парванда;
- пурра баррасӣ кардани парванда;
- объективона ва дар вақташ ошкору шарҳ додани ҳолатҳои парванда;
- баррасӣ тибқи қонунгузорӣ;
- таъмини иҷроиши қарори қабул карда шуда;
- муқаррар кардани сабаб ва шароити ба вуқуъ омада, ҳуқуқвайронкунӣ.

Вазъи ҳуқуқии иштирочиёни истеҳсолот вобастагии ногусастанӣ дорад ба вазифаҳо ва Кумитаҳои пешбурди истеҳсолот оид ба вай рон кардани қоидаҳои гумрукӣ.

Амалияи гумрук намудҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукиро шартан ба чор навъ тақсим менамояд:

- Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба тартиби интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба тартиби назорати гумрукӣ;
- Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба тартиби барасмиятдарории гумрукӣ;
- Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба пардохтҳои гумрукӣ ва супоридани онҳо, додани имтиёзҳои гумрукӣ ва истифодаи онҳо.

Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба тартиби интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ чунин вайронкуниҳои қоидаҳоро дар бар мегиранд:

- вайрон кардани низоми минтақаи назорати гумрукӣ;
- бе иҷозати мақомоти гумрук додани молу воситаҳои нақлиёт, гум кардан ё ба мақомоти гумрукӣ нарасидани хуҷҷатҳои онҳо;
- нигоҳ доштани воситаи нақлиёт;
- вайрон кардани тартиби ҷойгир кардани мол барои нигоҳдорӣ, тартиби нигоҳдорӣ ва анҷоми амалиёт бо он;
- вайрон кардани тартиби анҷоми фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти дигари тиҷоратӣ дар минтақаҳои озоди гумрукӣ ва ахборҳои озод
- вайрон кардани тартиби сохтани бино, иморату иншоот дар минтақаҳои озоди гумрукӣ;
- берун аз каламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон набаровардан ё ба ин каламрав барнагардонидани молу воситаҳои нақлиёт;
- вайрон кардани тартиби нобуд сохтани мол;

➢ амалиёти ғайриқонунӣ бо молу воситаҳои нақлиёти таҳти низоми муайяни гумрукӣ қарордошта, тағйири ҳолат, ихтиёрдорӣ ва истифодаи онҳо;

➢ риоя накардани тартиби истифодаи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ ва дигар маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ интиқоли мол аз сарҳади гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун моли барои мақсадҳои ғайритиҷоратӣ пешбинигардида;

➢ бе назорати гумрукӣ интиқол додани молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ ҳамлу накл, нигоҳдорӣ, харидани воситаҳои нақлиёте, ки ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ворид карда шудаанд, истифода ё ихтиёрдории онҳо.

Вайронкунии қоидаҳои гумрукии марбут ба тартиби назоратии гумрукӣ ба намудҳои зерин тақсим мешаванд;

➢ фиристодани воситаҳои нақлиёт бе иҷозати мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ наздик шудан ба киштӣ ва воситаҳои дигари шинокунандаи таҳти назорати гумрукӣ қарордошта;

➢ монеъ шудан ба шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дохил шудан ба ҳудуд ва бино ҷиҳати назорати гумрукӣ;

➢ пешниҳод накардани ҳисобот ба мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риоя накардани тартиби ба ҳисобгирӣ;

➢ аз назорати гумрукӣ пинҳон кардани моле, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода мешавад;

➢ интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи қалбакии ҳуҷҷатҳо ё воситаи ҳаммонандкунӣ;

➢ талаботи фаъолияти гумрукиро иҷро накардани мансабдорон ва ашхоси дигар;

Вайронкунии қоидаҳои гумрукие, ки тартаби ба расмият дарории гумрукиро халалдор мерасонад аз инҳо иборат аст;

➢ огоҳ накардан ҳангоми ворид намудани молу воситаҳои нақлиёт дар хусуси гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ огоҳ накардан ё нодуруст огоҳ кардан дар бораи нияти содир намудани молу воситаҳои нақлиёт берун аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ надидани чора дар ҳолати садама ё амали кувваи рафъ нопазир;

➢ пешниҳод накардани молу воситаҳои нақлиёт дар маҳалли молрасонӣ ва насупоридани ҳуҷҷатҳои онҳо;

➢ вайрон кардани тартиби барасмият дарории гумрукӣ;

➢ амалиёти ғайриқонунӣ бо молу воситаҳои нақлиёте, ки ба расмияти гумрукӣ даровардани онҳо анҷом наёфтааст, тағйир додани ҳолати онҳо, истифода ва ихтиёрдории онҳо;

➢ амалиёти боркашонӣ ва амалиёти дигар бе иҷозати мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ тағйир додан, нобуд сохтан ё гум кардани воситаҳои ҳаммонандкунӣ;

➢ вайрон кардани тартиби декларатсиякунонии молу воситаҳои нақлиёт;

➢ риоя накардани муҳлати пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ, ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои иловагӣ ба мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

➢ декларатсия накардан ё нодуруст декларатсия кардани молу воситаҳои нақлиёт;

➢ ғайриқонунӣ фаъолият кардан ба сифата брокери (миёнарави) гумрук ё худ вайрон кардани шартҳои чунин фаъолият;

➢ ғайриқонунӣ фаъолият кардан ба сифати интиқолдиҳандаи гумрукӣ ё вайрон кардани шартҳои ингуна фаъолият.

Гуруҳи чоруми намудҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дар бахши истифодаи пардохт ва имтиёзҳои гумрукӣ мебошанд, ки ба ин гурӯҳ панҷ навъи вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ шомил аст:

➢ вайрон кардани тартиби истифода ва ихтиёрдории молу воситаҳои нақлиёт шартан иҷозат буда, дар мавриди пардохти гумрукӣ барояшон имтиёзҳо дода шудааст;

➢ амалҳо оиди ғайриқонунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ озод намудан ё кам кардани онҳо;

➢ амалҳо оиди баргардондани маблағи супоридашудаи пардохти гумрукӣ, гирифтани маблағи пардохтҳо ва ҷубронипулиҳои дигар ё бе асоси кофӣ баргардонидани онҳо;

➢ вайрон кардани муҳлати супоридани пардохтҳои гумрукӣ;

➢ қарорҳои мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро накардани бонкҳо ва муассисаҳои дигари кредитӣ.

Самти масоили вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дар моддаҳои 198, 199 то 199 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дарҷ ёфтаанд, асоси фаъолияти шахсе, ки ба ҷавобгарӣ оид ба вайрон, намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида шудааст дар ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ зоҳир мегардад. Барои ҳамин ҳам дар мавқеи ҳуқуқии ӯ элементҳои асосиро ҳуқуқ ва кафолатҳои қонунии ӯ ташкил медиҳад. Шахсе, ки ба ҷавобгарии оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида мешавад ҳуқуқ дорад:

➢ донад, ки барои вайрон кардани кадом қоидаҳои гумрукӣ кашида шудааст;

➢ бо маводҳои кор ҳангоми дида баромадани он ва баъд аз он шинос шавад ва қисматҳои зарурииро аз он навишта гирад ё нусхабардорӣ кунад:

1. баёнот диҳад;
2. далелҳо пешниҳод намояд;
3. илтимоснома пешниҳод намояд;

➢ ҳангоми дида баромадани кор ва ҳангоми нигоҳдории маъмурии шахси ҷисмонӣ ё мансабдор ба муҳлати зиёда аз 3 соат ва ҳангоми истеҳсолот ёрии адвокат ё ёрии ҳуқуқии дигар шахсро истифода намояд.

➢ аз забони модарии худ ё ин ки дигар забоне, ки ӯ медонад, инчунин ёрии тарҷумонро истифода намояд;

➢ аз қарор оид ба парванда шикоят намояд. Дигар ҳуқуқҳое, ки дар Қонунгузории ҶТ пешбинӣ карда шудааст, истифода намояд.

Барои татбиқи ҳуқуқҳои дар боло номбар кардашуда асосиро шахси намояндаи қонунӣ иҷро мекунад.

Намояндаи қонунӣ бахри ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни истеҳсолот иштирок мекунад.

Манфиатҳои шахсе, ки ба ҷавобгарӣ оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида мешавад, агар ноболиғ ё ин ки шахси вобаста ба камбудиҳои ҷисмонӣ ва психикӣ наметавонад ҳуқуқҳои худро оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ҳимоя намоянд, метавонад намояндагони қонунӣ (падару модар, васӣ ва парасторон) бо шарти исбот намудани ваколатҳои худ бо ҳуҷҷатҳои махсус ҳимоя намояд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ намояндаи қонунӣ метавонад ҳамчун шоҳид пурсида шавад.

Намояндаи қонунӣ чи тавре маълум аст шахсе мебошад, ки мувофиқи қонун ваколатдор карда шудааст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шахсро, ки қобилияти амалкуниашон маҳдуд карда шудааст, инчунин шахсоне, ки қобилияти амалкунӣ доранд, вале бо сабаби ҳолати ҷисмонӣ (камақлӣ, маҷрӯҳӣ, пирӣ) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро татбиқ карда наметавонанд, ҳимоя кунанд. Намояндагони қонунӣ метавонанд дар кор оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ танҳо вобаста ба манфиатҳои як шахси мурофиа иштирок намоянд-шахсе, ки ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида мешавад, инчунин бо шарте, ки ин шахс, ки ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ кашида мешавад, инчунин ба шарте, ки ин шахс ноболиғ аст, чӣ тавре ки ба хайси намояндаи қонуни метавонанд падару модар, васӣ ва парасторон баромад намоянд, ки уҳдадоранд ҳангоми талаби шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳо пешниҳод намоянд, ки ҳолати ҳуқуқи онҳоро исбот намояд.

Дар чунин корҳо ва дар мурофиа метавонад намояндаи қонунии ҷабрдида баромад кунад, зеро қонунгузории маъмурӣ бевосита муайян мекунад, ки ба ҷабрдида ҳуқуқи доштани намояндаи қонунӣ, иштироки ҳимоятчӣ ё шахсе, ки ёрии ҳуқуқиро ба шахсе, ки нигоҳдории маъмурӣ дар истеҳсолот оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ

дар Точикистон муқаррар карда шудааст. Ҳангоми нигоҳдории маъмурии шахси ҷисмонӣ ё мансабдор ба муҳлати зиёда аз 3 соат адвокат ё ин намояндае, ки ёрии ҳуқуқи медиҳад дар истеҳсолот иштирок намояд бо шарти дархости шахси ҷисмонӣ ё мансабдоре, ки ба нигоҳдории маъмурӣ гирифтор шудааст. Агар ҳозиршавии адвокат ё шахсе, ки ёрии ҳуқуқи медиҳад дар муҳлати 24 соат аз вақти дастгиркунии маъмурӣ ғайриимкон бошад шахси мансабдори мақомоти гумрукӣ ки дар дасти у истеҳсолот оиди вайрон намудани қоидаҳои гумрукӣ мавчуд аст, ҳуқуқ дорад адвокати дигар ё ин ки ёрии ҳуқуқиро ба воситаи маслиҳатхонаи юридикӣ пешниҳод намояд. Раиси маслиҳотҳонаи юридики ё ин ки рохбари президиуми коллегияи адвокатҳо уҳдадор аст, ки адвокатро барои ҳимоя на мудани шахсе, ки ба дастгирномаи маъмурӣ дучор шудааст, дар муҳлати 24 соат мувофиқи огоҳии шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намояд. Адвокат ё ин ки намояндае, ки ёрии ҳуқуқӣ медиҳад, ҳуқуқ дорад;

-гуфтушунид ба шахси дастгиршуда бе шоҳид ва бе маҳдудияти вакт;

-ҳангоми гузаронидани амалиётҳои маъмурӣ оиди кори мазкур, ки бо шахс гузаронида мешавад иштирок намояд;

Бо протоколҳои дастгирнамоии маъмурӣ ва дигар маводҳои кор, ки асоси дастгиркунӣ мебошад шинос шавад.

Бо протоколҳои мурофиавии амалҳо нисбати шахси дастгиршуда шинос шавад.

Ғайр аз ин, адвокат ҳуқуқ дорад, ки бо тамоми он ҳуқуқҳо, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди адвокатура муқаррар карда шудааст истифода намояд.

Сардори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ин ки ҷонишини ӯ ҳуқуқ дорад бо қарори худ шахси дастгиршударо пурра аз маблағи пардохт ё ин ки қисман озод намояд, дар ин ҳолат кори адвакат аз маблағи буҷет пардохт карда мешавад.

Иштироки эксперт. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои иштирок дар истеҳсолоти парванда оиди вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ва баррасии он метавонад эксперт ҷалб карда шавад. Эксперт вазифадор аст, ки тибқи даъвати ҳозиршуда, аз рӯи масъалаҳои дар наздаш гузошташуда хулосаи беғаразона диҳад.

Эксперт бинобар зарурияти тахияи хулоса ҳуқуқ дорад:

- бо маводи парванда, ки мансуб ба матлаби экспертиза мебошанд шинос шавад;

- дар бораи ба ӯ додани маводи иловагӣ дархост ирсол кунад;

-бо иҷозати шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасиии парвандаи оид ба вайронкунии қоидаҳои гумрукиро ба зимма дорад, дар истеҳсолот ва ё баррасии парванда иштирок карда, ба шахси ба ҷавобгирӣ кашидашаванда ва шоҳидон саволҳо диҳад.

Агар маводи ба эксперт пешниҳодкарда кофӣ набошад, ё худ эксперт барои додани ин гуна хулоса дониши кофӣ надошта бошад, метавонад аз додани хулоса даст кашад. Барои бе сабабҳои узрнок рад кардан ё саркашӣ кардан аз додани хулоса эксперт мутобиқи Кодекси гумрукии ҶТ ба ҷавобгари кашида мешавад.

Иштироки мутахассис. Дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст барои иштирок дар ҳаракатҳои алоҳидаи протсессуалӣ доир ба парвандаи вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ мутахассис, яъне шахси воқеии дорои дониш ва малакаи кофӣ, ки ба натиҷаи парванда хавасманд нест, ҷалб карда шавад. Талаби шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии павандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукиро ба зимма дорад, оиди даъвати мутахассис барои роҳбари корхона, муассиса ё ташкилоте, ки дар он ин мутахассис кор мекунад, хатмӣ мебошад. Мутахассис вазифадор аст, ки бо супориши шахси мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии парвандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукиро ба зимма дорад;

-бо истифодаи дониш ва малакаи махсуси худ чихати мусоидат ба шахси мансабдори зикршудаи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ошкор, тахким ва ситонидани далелҳо дар ҳаракатҳои мушахаси процессуалли иштирок кунад, диккати шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳолатҳои ба ин

мансуб ҷалб намоед ва доир ба ҳаракатҳои аз ҷониби у иҷрошаванда ва масъалаҳои дигаре, ки дониш ва малакаҳои махсусро талаб мекунад, шаҳру эзох диҳад;

-дар ревизия, тафтиш ва барӯйхатгирӣ ширкат варзад;

-ба ин шахси мансабдори мақомотии гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба ревизорҳо ва шахсони дигаре, ки тафтиш ва барӯйхатгирӣ мегузаронанд, ёрӣ расонад, ки дар протокол ва санадҳои ревизия, тафтиш ва барӯйхатгирӣ факту ҳолатҳои ошкоргардиро дуруст нишон диҳад.

Барои бе сабабҳои узрнок саркашӣ кардан аз иҷрои вазифаҳои худ ё иҷро накардани онҳо мутахассис мувофиқи ҳамин ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Мутахассис ҳуқуқ дорад:

-бо иҷозати шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии парвандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба зиммаи у гузошта шудааст, ба ҷавобгарӣ кашидашаванда саволҳо диҳад;

-доир ба ошкор, таҳлил ва ситонидани далелҳо изҳорот диҳад;

-барои кашф, таҳким ва ситонидани далелҳо аз усулу воситаҳои илмию техникӣ истифода барад;

-бо протоколҳо ва санадҳои ревизия, тафтиш ва барӯйхатгирӣ, ки ба амалҳои мутахасиси мурофияви дахл доранд ва дар гузаронидани онҳо иштирок карда аст, шинос шавад, доир ба мазмуни ин протоколу актҳо мулоҳизаҳои худро кайд намояд. Чунин мулоҳизаҳо ба протоколҳо ва санадҳои дшоршуда дохил ё илова карда мешаванд;

-дар протокол ва актҳои ишорашуда имзо гузорад.

Тарҷумон шахси воқеии донандаи ҷавобҳо буда, донистани онҳо барои тарҷумон ҳангоми истеҳсолот ё барассии павандаи вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ зарур аст. Тарҷумонро шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии парванда ба зиммаи ӯ гузошта шудааст, таъин мекунад. Тарҷумон вазифадор аст мувофиқи даъват ҳозир шавад ва тарҷумаи ба у супоридашударо аниқ ва пурра иҷро кунад. Корманди мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ вазифаи тарҷумонро иҷро карда метавонад.

Тарҷумон барои бе сабабҳои узрнок саркашӣ намудан аз иҷрои вазифаҳои худ ва ё ба ҷо наовардани онҳо мутобиқи Қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Шоҳид. Ба сифати шоҳид барои додани баёнот ҳар шахси воқеӣ ё шахси мансабдори донандаи ягон ҳолате, ки аз рӯи парвандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ бояд муайян гардад даъват шуда метавонад. Ба сифати шоҳид инҳо пурсида намешаванд:

- адвокат ва намояндаи ёрии ҳуқукрасони шахси барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашидашаванда, дар бораи ҳолатҳое, ки ҳангоми расонидани чунин хизмат ва кумак ба онҳо дода шудааст;

- шахсе, ки бо иллати ҷисмонӣ ё руҳӣ ҳолатҳои барои парванда муҳимро дуруст дарк карда ё шарҳ дода наметавонад.

Ҳамсар ва хешони наздики шахси воқеӣ ё шахси мансабдори барои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ба ҷавобгарӣ кашидашаванда аз додани баёнот озод карда мешаванд.

Бо даъвати шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии парвандаро ба зимма дорад, шоҳид уҳдадор аст дар вақти муайянкарда ба мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир шавад ва баёноти дуруст диҳад; ҳама чизи ба у маълумро нисбат ба парванда иброз дорад ва ҷавоби саволҳоро диҳад. Агар шоҳид бар асари беморӣ, маъюбӣ ё сабабҳои дигари узрнок барои ҳозир шудан ба мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қодир набошад, бо салоҳдиди шахси мансабдори мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсолот ё баррасии парвандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукиро ба зимма дорад, инчунин бо сабабҳои дигар дар маҳалли истиқоматаш пурсида шавад. Шоҳид барои бе сабаби узрнок саркашӣ намудан аз додани баёнот ва ё барои надодани он мутобиқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Иштироки шахси холис ҳангоми азназаргузаронӣ ситонидани молу воситаҳои нақлиёт, ҳуҷҷатҳои онҳо ва ашёҳои дигар барои шинохтан, муоинаи гумрукӣ, ҳабс (арест)

намудани молу воситаҳои нақлиёт ва ашёи дигар ба сифати ҳаракатҳои мустакилонаи протсессуалӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ барои ширкат кардан дар амалиётҳои дигари протсессуалӣ шахсони холис даъват карда мешаванд. Шахсони холис на камтар аз ду нафар ба гувоҳӣ даъват карда мешаванд. Ба сифати шахсони холис метавон ҳама гуна шахсони воқеӣ ба натиҷаи парванда бетарафро даъват кард. Шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба зиммаи онҳо назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ, пешбурди истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ ва таҳқиқ гузошта шудааст, инчунин коркунони дигари гумрукӣ ё худ мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ки баъдан метавонад мувофиқан истеҳсолот ё баррасии парвандаи оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ, ё парвандаи оид ба қочоқ ё ҷиноятҳои дигари таҳқиқашон ба салоҳияти мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор дар ихтиёрашон қарор гиранд, чун шахсони холис роҳ дода намешаванд. Шахсони холис вазифадоранд дар протокол фақат мазмун ва натиҷаи амалиёти дар ҳузури онҳо анҷомдодаро тасдиқ кунанд. Вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни истеҳсолоти парвандаҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ бо таври муфассал дар Кодекси ҶТ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дарҷ гардидааст. Вале на ҳамаи иштирокчиёни мурофиа бо таври бояду шояд вазъи ҳуқуқношои дар қонунгузории гумрукӣ зикр ёфтааст ва доираи иштирокчиёни истеҳсолот вобаста ба тараққиёти ҷомеа афзун мегардад ва табиист, ки қонунгузорӣ талабгори тағйироту илова мегардад.

Дар баробари ин, ба таври мукаммал дар қонунгузории гумруки ҶТ доир ба ҳамаи ашхоси иштирокчӣ маълумот додаанд.


## АДАБИЁТ

1. Сарсембаев М.А. Таможенное право Республики Казахстан. Учебник / М.А.Сарсембаев. – Алматы, 2000. – С. 127
2. Оймаҳмадов М. Асосоҳои фаъолияти гумрукӣ дар ҶТ / М.Оймаҳмадов. - Душанбе. 1998. – С. 367-373
3. Таможенное право: Учебник /отв.ред. А.И. Ноздрачев. –М: 1998. –С.144



## ИШТИРОКЧИЁНИ ИСТЕҲСОЛОТИ ПАРВАНДАҲО ОИД БА ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаи иштирокчиёни истеҳсолоти парвандаҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба сифати иштирокчиёни парвандаҳои гумрукӣ шоҳид, тарҷумон, мутахассис, эксперт, адвокат ва шахсони холис баромад карда метавонанд. Ҳамчунин, муаллиф доир ба намудҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ маълумот додааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ба таври мукаммал дар қонунгузории гумруки ҶТ доир ба ҳамаи ашхоси иштирокчӣ маълумот додаанд.



**КАЛИДВОЖАҲО**: тарҷумон, мутахассис, адвокат, гумрукӣ, шоҳид.



## УЧАСТНИКИ ПО ДЕЛАМ О НАРУШЕНИИ ТАМОЖЕННЫХ ПРАВИЛ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается вопрос об участниках по делам о нарушении таможенных правил в Республике Таджикистан. Участниками таможенных дел могут выступать свидетели, переводчики, специалисты, эксперты, адвокаты и свидетели. Также автор предоставил информацию о видах нарушений таможенных правил. Автор отмечает, что таможенное законодательство Республики Таджикистан предоставляет подробную информацию обо всех участниках.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: переводчик, специалист, адвокат, таможня, свидетель.



## PARTICIPANTS IN CASES OF VIOLATION OF CUSTOMS RULES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the issue of participants in cases of violation of customs rules in the Republic of Tajikistan. Witnesses, translators, specialists, experts, lawyers and witnesses may act as participants in customs cases. The author also provided information on the types of customs violations. The author notes that the customs legislation of the Republic of Tajikistan provides detailed information about all participants.



**KEYWORDS**: translator, specialist, lawyer, customs, witness.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исматов Исмоил*** – ДМТ, магистри курси дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ. Телефон: **93 183 71 61**.

**Сведение об авторе**: ***Исматов Исмоил*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. Телефон: **93 183 71 61**.

**Information about the author:** ***Ismatov Ismoil*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. Phone**: 93 183 71 61.**

# <u>ИНФОРМАТИКА – ИНФОРМАТИКА</u>

**УДК 519.87.59**

## МОДЕЛҲОИ КОМПЮТЕРИИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

***Ҷалилов Х.М., Маликов Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар замони мо ягон муассисаи таълимиро бе мавҷудияти технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан мумкин нест. Ҳаҷми ахборотҳои аз таҷрибаҳо тавассути таҷҳизотҳои замонавӣ ба даст овардашаванда чунон бузург шудаанд, ки бе коркарди пешакии автоматикунонидашуда дарки онҳо, умуман мумкин нест. Компютерҳо ба тадқиқотчӣ ҷиҳати гузаронидани таҷрибаҳо самараи бебаҳо меоранд. Муҳим аст, идоракунии таҷҳизотҳои таҷрибавӣ тавассути компютер лабораторияҳои таълимии муҷаҳҳаз бо шабакаи глобалии Интернетро дастраси хоҳишмандони зиёде мегардонад.

Компютерҳо давра ба давра на танҳо симои лабораторияҳои тадқиқотиро тағйир медиҳанд, балки бо оҳистагӣ ҳам бошад, симои синфхонаҳои таълимии муассисаҳои таълимиро дигар менамоянд. Нақши муҳими идоракунии компютерии таҷрибаро ҳама иқрор менамоянд ва тағйиротҳо дар ояндаи наздик аз эҳтимол дур нест. Махсусан дӯрнамоҳои истифодаи фосилавии таҷҳизотҳо дар дарсҳои информатика, математика ва физика мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Масалан дар давлатҳои Япония, Олмон лоиҳаҳое мавриди татбиқ қарор доранд, ки дар онҳо хонандагони гимназияҳо тавасути Интернет (спутники махсус) ба идоракунии таҷҳизотҳо дастрасӣ доранд. Махсусан, онҳо мушоҳидаи радифи маснуи заминро аз кайҳон, яъне тасвири минтақаи муайяни заминро ба даст оваранд ба мисли тасвири мактаб ва биноҳои атрофи онро. Ҳамин тавр, истифодаи компютер ҳангоми моделсозии равандҳои таълимӣ он қадар фавқулода нест. Ҳама эътироф мекунанд, ки таҷҳизотҳо ва тренажерҳои компютерӣ барои омодагӣ ба таҷрибаи воқеии хеле мураккаб муфиданд. Аммо дар бораи нақши моделсозии ҳодисаҳои физикӣ дар таълими физика ва математика дар бораи ҳамдигарфаҳмии комили омӯзгорон ҳарф задан лозим нест. Як амри маъмулӣ шудааст, ки чунин изҳороти раднопазир дар бораи он ки моделсозии компютерӣ набояд ҳеҷ гоҳ лабораторияи таълимӣ ва таҷрибаи воқеиро иваз кунад. Бо вуҷуди ин, дар таълими физика ва математика моделсозии компютерӣ метавонад мавқеи муайянро ишғол кунад. Гап на танҳо дар бораи моделсозии ададӣ меравад, ки бо ин ё он сабаб дар лабораторияи таълимӣ гузарондан мумкин нест. Ҳатто моделсозии ҳодисаҳои физикӣ, ки барои мушоҳидаи бевосита дастрас аст, аҳамияти муайяни педагогӣ дорад. Моделсозии компютерӣ ба донишҷӯён воситаҳои муҳимтаринро фароҳам меорад, ки ба онҳо дар фаҳмидани асрори илмӣ кумак мерасонанд. Дар ин гузориш мо дар бораи нақши моделсозӣ баъзе маълумотҳои умумӣ дода, онҳоро бо мисолҳо аз таҷрибаи худамон оид ба таълими моделсозии математикӣ ё физикӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра менамоем.

Аз нигоҳи омӯзгор бартарии моделсозии компютерӣ дар он аст, ки образҳои аёнии таъсирбахш ва хотирмон офарида шавад. Чунин тасвирҳои визуалӣ нисбат ба муодилаҳои математикии мувофиқ бештар ба дарки ҳодисаи омӯхташаванда ва дар хотир нигоҳ доштани ҷузъиёти муҳим мусоидат мекунанд. Моделсозӣ имкон медиҳад, ки ба қонунҳо ва мафҳумҳои абстрактӣ равшанӣ дода, диққати хонандагон ба ҷузъиёти нозуки падидаи омӯхташаванда, ки аз мушоҳидаи мустақим дур мемонанд, ҷалб карда шавад. Тасвирҳои графикии натиҷаҳои моделиронӣ дар экрани компютер ҳамзамон бо аниматсияи падида ё раванди омӯхташуда ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки миқдори зиёди иттилооти пурмазмунро ба осонӣ дарк кунанд. Моҳияти интерактивии барномаҳои компютерии моделҳо низ далели муҳим ба манфиати татбиқи моделсозӣ мебошад. Ҳангоми азхудкунии ғайрифаъолонаи иттилоот, донишҷӯён шавқу рағбатро ба ин мавзуъ зуд гум мекунанд. Омӯзиш вақте самараноктар мешавад, ки ба шумо лозим аст, ки барномаро идора кунед,

муошират кунед ва ба он посух диҳед. Барномаи хуби компютерии интерактивӣ набояд донишҷӯро бо роҳи қатъии пешакӣ муайяншуда, пеш барад, балки, баръакс, бояд аз имконоти гуногун беҳтаринашро интихоб кунад. Дар баробари ин, нақшаҳои таълимии интерактивӣ бояд хуб тарҳрезӣ шаванд, то донишҷӯ ҳадафи ниҳоии супоришро аз даст надиҳад.

Муҳимтарин ҷанбаи нақши моделсозии компютерӣ дар таълими физика бо худи таълимоти тадқиқоти физикӣ алоқаманд аст. Физикҳо боварӣ доранд, ки онҳо баъзе падидаҳои физикиро дарк мекунанд, агар ба онҳо модели математикии ба қонунҳои бунёдии устувор асос ёфта, дода шавад.. Дар баъзе мавридҳо дар доираи модели сохташуда, ҳалли дақиқ ё тахминии масъалаи гузошташударо ба даст овардан мумкин аст. Мутаассифона, ҳалли дақиқи аналитикӣ дар физика кам аст. Аксар вақт ҳатто барои моделҳои хеле содда ҳалли таҳлилӣ вуҷуд надорад. Дар ин гуна мавридҳо бе такя ба усулҳои ададӣ дарк намудани хосиятҳои модели математикии пешниҳодшудаи ҳодиса ва дар бораи мувофиқати он ба воқеият хулоса баровардан амалан номумкин аст. Дурустии ақидаҳои моро дар бораи ҳодисаи реалӣ бо роҳи омӯхтани рафтори модели математикии пешниҳодшудаи ҳодиса бо истифода аз таҷрибаи ҳисоббарорӣ дар компютер санҷидан мумкин аст. Бинобар ин, ба марҳалаи ҳозираи инкишофи илми физика ба вуҷуд омадани физикаи ҳисоббарорӣ, ки ба моделсозии компютерии ҳодисаҳои физикӣ асос ёфтааст, дучор меоем Бартариҳои дар боло зикргардидаи моделсозиро дар таълими физика танҳо бо истифодаи маҳсулоти нармафзори баландсифат, ки махсус барои раванди таълим пешбинӣ шудаанд, амалӣ кардан мумкин аст.

Яке аз проблемаҳои муҳимтарини таълими мактаби олй проблемаи ҳавасмандгардонй мебошад. Омӯзиши моделсозӣ ва истифодаи он дар раванди таълим барои наздик кардани омӯзиши фан ба ҳаёти воқеӣ, омӯзиши равандҳои ҳаёт аз нуқтаи назари информатика, инчунин дидани арзиши амалии он, яъне ба даст овардани мақсади таълим – омода намудани шахс ба фаъолияти ояндаи ҷомеа кӯмаки беандоза мерасонад. Моделсозӣ алгоритми умумиро ҳам барои омӯзиши объектҳо, равандҳо, падидаҳо ва ҳам барои омӯзиши маводи таълимӣ таъмин мекунад. Моделсозӣ имкон медиҳад, ки ба шаклҳои гуногуни тафаккури донишҷӯ ҳадафмандона таъсир расонад, ташаккули тафаккур раванди шинохтест, ки бо кашфи донишҳои субъективӣ, ҳалли масъалаҳои проблемавӣ ва табдилдиҳии эҷодии воқеият алоқаманд аст.

Истифодаи имкониятҳои моделсозии системаҳои гуногуни иттилоотӣ дар дарсҳои информатика имкон медиҳад, ки робитаҳои байнисоҳавии информатика, аз як тараф ва математика, физика, биология, иқтисод ва дигар илмҳо, аз ҷониби дигар, ҳадди аксар истифода шаванд ва ин робитаҳо дар асоси методологияи хуб санҷидашудаи моделсозии риёзӣ, ки мавзуро ҳамаҷониба месозад, тарҳрезӣ мегардад. Усули моделсозии математикӣ муддати тулонӣ яке аз усулҳои бунёдии шинохт буд ва пайдоиш ва рушди технологияи IT ба такмили он такони нав бахшид. Барои ба даст овардани ҷаҳонбинии мукаммали илмӣ, ташаккули қобилиятҳои эҷодии худ донишҷӯён бояд асосҳои моделсозии математикии компютериро аз худ кунанд, донишҳои гирифтаашро дар фаъолияти таълимӣ ва касбӣ татбиқ карда тавонанд. Ҳамин тариқ, дар назди муаллимони информатика вазифаи таҳияи дастгоҳи методии таълими моделсозӣ дар муҳити Excel дар курси информатикаи мактабӣ истодааст. Сабаби дигари интихоби Microsoft Excel бешубҳа ба мактаббачагон омӯзонидани асбобҳое мебошад, ки дар оянда барои онҳо муфид хоҳанд буд, зеро бисёр ташкилоту муассисаҳо, корхонаю ширкатҳо аз MS Excel истифода мебаранд.

Намунаи мисолу масъалаҳоро меорем:

**МАСЪАЛАИ 1. Таблитсаи вобастагии вақти афтиши ҷисм ба заминро аз баландии аввалаи он созед ва натиҷаи компютерии онро оваред.**

Модели математикии он дар заминаи формулаи аз курси физика ба мо маълум навишта мешавад

$$t = \sqrt{\frac{2 * H}{g}}$$

Ҳангоми ворид сохтани модел аз функсияи стандартии «КОРЕНЬ» истифода менамоем

| | A | B | C |
|---|---|---|---|
| 1 | Н(м) | t (сония) | t (сония) |
| 2 | 1 | 0,5 | [=КОРЕНЬ(2*B2/$C$14)] |
| 3 | 3 | 0,8 | [=КОРЕНЬ(2*B3/$C$14)] |
| 4 | 6 | 1,1 | [=КОРЕНЬ(2*B4/$C$14)] |
| 5 | 9 | 1,4 | [=КОРЕНЬ(2*B5/$C$14)] |
| 6 | 12 | 1,6 | [=КОРЕНЬ(2*B6/$C$14)] |
| 7 | 15 | 1,7 | [=КОРЕНЬ(2*B7/$C$14)] |
| 8 | 18 | 1,9 | [=КОРЕНЬ(2*B8/$C$14)] |
| 9 | 21 | 2,1 | [=КОРЕНЬ(2*B9/$C$14)] |
| 10 | 24 | 2,2 | [=КОРЕНЬ(2*B10/$C$14)] |
| 11 | 27 | 2,3 | [=КОРЕНЬ(2*B11/$C$14)] |
| 12 | 30 | 2,5 | [=КОРЕНЬ(2*B12/$C$14)] |
| 13 | | | |
| 14 | Суръати афтиши озод | g | 9,8 |
| 15 | | | |

Пас аз ворид намудани ҳамаи формулаҳо натиҷа ба тариқи худкор пайдо мешавад.

| | A | B | C |
|---|---|---|---|
| 1 | Н(м) | t (сония) | t (сония) |
| 2 | 1 | 0,5 | 0,319438282 |
| 3 | 3 | 0,8 | 0,404061018 |
| 4 | 6 | 1,1 | 0,473803541 |
| 5 | 9 | 1,4 | 0,534522484 |
| 6 | 12 | 1,6 | 0,571428571 |
| 7 | 15 | 1,7 | 0,589015089 |
| 8 | 18 | 1,9 | 0,622699849 |
| 9 | 21 | 2,1 | 0,654653671 |
| 10 | 24 | 2,2 | 0,670059394 |
| 11 | 27 | 2,3 | 0,685118789 |
| 12 | 30 | 2,5 | 0,714285714 |
| 13 | | | |
| 14 | Суръати афтиши озод | g | 9,8 |
| 15 | | | |

Аз рӯи қиматҳои ба даст овардашудаи модели математикӣ натиҷаро дар шакли графикӣ тасвир месозем.




Диаграммаро аз рӯи додашудаҳои ба даст овардашуда созед. Зарур аст, аввалан маълумот ба даст оварем, яъне сарчашмаҳои боваринокро омӯзем. Мумкин аст, пурсишномаҳои маълумро истифода намоем ё аз фанҳои дигари мактабӣ истифода намоем. Дар ин замина муҳассилин алоқаҳои байнипредметиро дарк менамоянд.

**МАСЪАЛАИ 2. Талаб карда мешавад, ки дар асоси афзудани саршумори аҳолии минтақаҳо диаграмма сохта шавад.**

Барои ичрои мисоли мазкур аввалан гистограммаро интихоб менамоем ва баъдан онро бо ёрии панели асбобҳо бо графика иваз менамоем.

| | A | B | C | D | E | F | G | H | I |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | САРШУМОРИ АХОЛИИ КУРРАИ ЗАМИН, (ҳаз.наф.) | | | | | | | | |
| 2 | **Қитъаҳо** | **1950** | **1960** | **1970** | **1980** | **1990** | **2000** | **2010** | **2018** |
| 3 | **Европа** | 593407 | 666914 | 738412 | 794420 | 841348 | 882928 | 735395 | 746419 |
| 4 | **Африка** | 224075 | 281076 | 362788 | 481034 | 647518 | 872234 | 1044107 | 1295921 |
| 5 | **Осиё** | 1353743 | 1639292 | 2065781 | 2538398 | 3052860 | 3631227 | 4169850 | 4560668 |
| 6 | **Америка** | 331440 | 416312 | 511607 | 613564 | 723976 | 834527 | 943952 | 1006513 |
| 7 | **Австралия** | 12547 | 15782 | 19329 | 22794 | 26476 | 30139 | 36440 | 41571 |
| 8 | | | | | | | | | |
| 9 | **ҶАМЪ:** | **2515212** | **3019376** | **3697917** | **4450210** | **5292178** | **6251055** | **6929744** | **7651092** |




Аз рӯи қиматҳои ба даст овардашуда натичаро дар шакли графикӣ тасвир месозем. Ё афзоиши аҳолиро аз соли 1952 то соли 2021 меорем:




**МАСЪАЛАИ 3. Ҷадвалро бо додашудаҳо пур намоед ва дар заминаи онҳо сатҳи параболоидаи эллиптикиро созед.**

Модели математикии параболоид чунин мебошад:

$$\frac{x^2}{a^2} + \frac{y^2}{b^2} = c * z$$

| a | b | c | d |
|---|---|---|---|
| 1 | 1 | 1 | 1 |

| z | x -> | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| y | -1 | -0,8 | -0,6 | -0,4 | -0,2 | 0 | 0,2 | 0,4 | 0,6 | 0,8 | 1 |
| -1 | 3 | 2,64 | 2,36 | 2,16 | 2,04 | 2 | 2,04 | 2,16 | 2,36 | 2,64 | 3 |
| -1 | 2,64 | 2,28 | 2 | 1,8 | 1,68 | 1,64 | 1,68 | 1,8 | 2 | 2,28 | 2,64 |
| -1 | 2,36 | 2 | 1,72 | 1,52 | 1,4 | 1,36 | 1,4 | 1,52 | 1,72 | 2 | 2,36 |
| -0 | 2,16 | 1,8 | 1,52 | 1,32 | 1,2 | 1,16 | 1,2 | 1,32 | 1,52 | 1,8 | 2,16 |
| -0 | 2,04 | 1,68 | 1,4 | 1,2 | 1,08 | 1,04 | 1,08 | 1,2 | 1,4 | 1,68 | 2,04 |
| 0 | 2 | 1,64 | 1,36 | 1,16 | 1,04 | 1 | 1,04 | 1,16 | 1,36 | 1,64 | 2 |
| 0,2 | 2,04 | 1,68 | 1,4 | 1,2 | 1,08 | 1,04 | 1,08 | 1,2 | 1,4 | 1,68 | 2,04 |
| 0,4 | 2,16 | 1,8 | 1,52 | 1,32 | 1,2 | 1,16 | 1,2 | 1,32 | 1,52 | 1,8 | 2,16 |
| 0,6 | 2,36 | 2 | 1,72 | 1,52 | 1,4 | 1,36 | 1,4 | 1,52 | 1,72 | 2 | 2,36 |
| 0,8 | 2,64 | 2,28 | 2 | 1,8 | 1,68 | 1,64 | 1,68 | 1,8 | 2 | 2,28 | 2,64 |
| 1 | 3 | 2,64 | 2,36 | 2,16 | 2,04 | 2 | 2,04 | 2,16 | 2,36 | 2,64 | 3 |

Натиҷаи компютерии масъаларо ба даст меоварем:




**АДАБИЁТ:**


1. Ҷалилов Х.М., Саидҷахфаров А.И., Салоҳиятнокии компютерӣ ва истифодаи рӯнамоҳо дар раванди дарси математика.//Паёми Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, (ISSN-2708-5759) №4(4), Серияи 2, Душанбе-2020с., саҳ. 172-177;
2. Ҷалилов Х.М., Маликов Д., Истифодаи макросҳо ҳангоми сохтани амсилаи компютерии муодилаи гармигузаронӣ. //маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон», ДМТ, №2, 2021 с.;
3. Джалилов Х.М., Исследование классических моделей с функциональными начальными условиями, Вестник ТНУ, №1/2, ISSN 2413-452X, Душанбе: “Сино”, 2017, стр. 19-25;
4. О.К. Мясникова. Моделирование и формализация в курсе информатики. // Информатика и образование, №11-2003.
5. Н.Д. Угринович. Информатика и информационные технологии. Учебник для 10-11 классов / Н.Д.Угринович. – М.:Бином. Лаборатория знаний, 2003.


## МОДЕЛҲОИ КОМПЮТЕРИИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Моделсозии компютерӣ ба донишҷӯён воситаҳои муҳимтаринро фароҳам меорад. Ба онҳо дар фаҳмидани асрори илмӣ кӯмак мерасонад. Дар ин гузориш мо дар бораи нақши моделсозӣ дар раванди таълим баъзе маълумотҳои умумӣ оварда, онҳоро бо мисолҳо аз таҷрибаи худамон оид ба таълими моделсозии математикӣ ё компютерӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пурра менамоем. Аз нигоҳи омӯзгор бартарии моделсозии компютерӣ дар он аст, ки образҳои аёнии таъсирбахш ва хотирмон офарида шавад. Чунин тасвирҳои визуалӣ нисбат ба муодилаҳои математикии мувофиқ бештар ба дарки

ҳодисаи омӯхташаванда ва дар хотир нигоҳ доштани ҷузъиёти муҳим мусоидат мекунанд. Моделсозӣ имкон медиҳад, ки ба қонунҳо ва мафҳумҳои абстрактӣ равшанӣ дода, диққати хонандагон ба ҷузъиёти нозуки падидаи омӯхташаванда, ки аз мушоҳидаи мустақим дур мемонанд, ҷалб карда шаванд.

**Калидвожаҳо:** моделсозӣ, математикӣ, компютерӣ, воситаи муҳимтарин, таълим, образҳои айёнӣ, тасвирҳои визуалӣ, дарки ҳодиса, коди барнома, натиҷаи компютерӣ, мафҳумҳои абстрактӣ, мушоҳидаи мустақим.

## ИНТЕРАКТИВНЫЕ КОМПЬЮТЕРНЫЕ МОДЕЛИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Компьютерное моделирование предоставляет студентам самые важные инструменты. Помогает им понять научные секреты. В этом статье мы предоставляем некоторую общую информацию о роли моделирования в учебном процессе и дополняем ее примерами из нашего собственного опыта преподавания математического или компьютерного моделирования студентам Таджикского национального университета. С точки зрения учителя, преимущество компьютерного моделирования заключается в создании эффективных и запоминающихся визуальных образов. Такие визуальные образы больше способствуют пониманию изучаемого события и запоминанию важных деталей, чем соответствующие математические уравнения. Моделирование позволяет прояснить абстрактные законы и концепции и привлекает внимание читателей к тонким деталям изучаемого явления, которые далеки от прямого наблюдения.

**Ключевые слова:** моделирование, математика, компьютер, важнейший инструмент, образование, визуальные образы, восприятие событий, программный код, компьютерные результаты, абстрактные концепции, прямое наблюдение.

## INTERACTIVE COMPUTER MODELS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

Computer simulations provide students with the most important tools and helps them understand scientific secrets. In this article, we provide some general information on the role of modeling in the educational process and supplement it with examples from our own experience of teaching mathematical or computer modeling to students of the Tajik National University. From the teacher's point of view, the advantage of computer modeling lies in the creation of effective and memorable visual images. Such visual images are more conducive to understanding the event being studied and remembering important details than the corresponding mathematical equations. Modeling helps clarify abstract laws and concepts and draws readers' attention to the subtle details of the phenomenon being studied that are far from direct observation.

**Keywords:** modeling, mathematics, computer, essential tool, education, visual images, perception of events, program code, computer results, abstract concepts, direct observation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҷалилов Хуршед Мақсудович*** – номзади илмҳои математикӣ, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: **907-96-55-69.** E-mail: **Sharshara68@mail.ru**

***Маликов Д.*** – магистри курси дуюми кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Телефон: **553-33-34-02.** E-mail: **dima_malikov_97@bk.ru**

**Сведение об авторах:** ***Джалилов Хуршед Максудович*** – кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информатики Таджикского национального университета. Телефон: **907-96-55-69.** E-mail: **Sharshara68@mail.ru**

***Маликов Д.*** – магистр второго курса кафедры информатики ТНУ. Телефон: **553-33-34-02.** E-mail: **dima_malikov_97@bk.ru**

**Information about the authors: Jalilov Khurshed Maksudovich -** Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics of the Tajik National University. Phone: **907-96-55-69.** E-mail: **Sharshara68@mail.ru;**

***Malikov Dilovar*** **–** second-year-master`s student of the Department of Informatics of TNU. Phone: **(+992) 933-23-66-86;**

# ФИЗИКА ВА МАТЕМАТИКА – ФИЗИКА И МАТЕМАТИКА

УДК 532.7; 532.133

## ИССЛЕДОВАНИЯ СДВИГОВОЙ ВЯЗКОСТИ ПОЛЯРНЫХ ЖИДКОСТЕЙ С УЧЕТОМ РЕЛАКСАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ

***Баладжонзода С.Д.***
**Таджикский национальный университет**

Жидкостей, которые содержать полярные молекулы, называются полярные жидкости. Для того, чтобы молекулы были полярными, они должны испытывать дипольные моменты внутри себя. Дипольный момент вызван неравной электроотрицательностью между атомами в ковалентной связи. Одна из наиболее распространенной полярной жидкостью является вода.

Вода является наиболее распространенным молекулярным веществом, а также наиболее необычным из-за ряда аномалий в ее термодинамических свойствах. Вода демонстрирует, например, повышенную плотность при плавлении и максимальную плотность при 4°С, оба из которых связаны с коэффициентом теплового расширения $\alpha_P$, который становится отрицательным для воды $H_2O$ ниже 4°С. Изотермическая сжимаемость $K_T$ аномально возрастает при охлаждении ниже 46 °С, как и теплоемкость при постоянном давлении $C_P$ ниже 35 °С. Все три термодинамические функции отклика связаны с колебаниями жидкости ($K_T$ - с колебаниями плотности, $C_P$ - с колебаниями энтропии и $\alpha_P$ - с их перекрестной корреляцией), которые увеличиваются при охлаждении ниже определенной температуры. В переохлажденной области ниже точки замерзания эти аномальные свойства воды демонстрируют признаки расхождения по степенному закону [1-3], но они явно влияют также на свойства окружающей воды, в которой протекает большинство процессов, имеющих химическое и биологическое значение. Для объяснения этого аномального поведения было предложено множество сценариев, например, сценарии без критической точки [4], без сингулярности [5], предела стабильности [6] и стеклования [7]. Однако в настоящее время сценарий критической точки жидкость-жидкость (LLCP) [8], по-видимому, имеет наибольшую теоретическую и экспериментальную поддержку [2,3, 8-14], хотя до сих пор не были представлены убедительные доказательства.

Согласно [15], на основе модели Навье-Стокса сжимаемой жидкости можно показать, что объемная вязкость вносит существенный вклад в квадратичную частотную зависимость акустического поглощения. С использованием этого метода, авторы определили объемную вязкость воды в температурном интервале от 7 $^0$С до 50 $^0$С. Измеренные спектры затухания согласуются с теоретическими предсказаниями. Было установлено, что объемная вязкость воды примерно в три раза больше, чем сдвиговая вязкость. Полученные результаты показывают, что данная методика может быть применима к жидкостям для точного определения зависимости объемной вязкости от температуры.

В [16] представлен метод определения объемной вязкости воды, где использована длительность импульса вынужденного рассеяния Мандельштамма-Бриллюэна (ВРМБ). Показано, что объемная вязкость играет важную роль в определении ширины линии Мандельштамма-Бриллюэна. Ширины линий ВРМБ определяются с помощью преобразования Фурье по времени, а объемная вязкость воды измеряется и выводится из полученных значений. Предложенный метод для измерения длительности импульсов является эффективным подходом для определения объемной вязкости.

В [17] для жидких $Ar, Kr, Xe, O_2, CO, CH_4$ и $CD_4$ на основе закона соответственного состояния вычислен статический коэффициент сдвиговой вязкости в зависимости от температуры и плотностями. Выявлено, что температурная зависимость этого коэффициента имеет экспоненциальный вид. В [18,19] для жидких $N_2, CO, CH_4$ и $CD_4$ исследовано статический коэффициент объемной и сдвиговой вязкости на основе метода поглощения ультразвуковых волн в интервале температуры от 77 $^o$K до 300$^o$K. В [20] выводится понятие

молекулярной вязкости. В рамках определённой схемы показано, что динамический коэффициент сдвиговой молекулярной вязкости могут быт получены из спектров деполяризованного молекулярного рассеяния света, дисперсии электромагнитных волн в жидкостях, состоящих из молекул с постоянным дипольным моментом.

В работах [21-24] проведены численные расчёты частотно зависящая сдвиговой вязкости $CH_4$ и Ar на основе метода неравновесной молекулярной динамики, которая являються односторонним Фурье-преобразованием от временной автокорреляционной функции тензора напряжений. Характерная особенностью низкочастотное поведение коэффициента сдвиговой вязкости от частоты $\eta_s \sim \omega^{1/2}$. Работа [25] посвящена изучению свойств воды на молекулярном и надмолекулярном уровнях в широком диапазоне p-T-параметров, включая сверхкритическое и переохлажденное состояния, а также описанию состояния воды в реальных условиях - при контакте с органическими растворителями, твердыми пористыми материалами и на границе раздела жидкость/газ. В нем дан всесторонний и полный анализ современных методов компьютерной химии - молекулярной динамики (МД), Монте-Карло (МК), интегральных уравнений (ИУ), которые занимают лидирующие позиции среди способов теоретического исследования жидкостей.

**Целью настоящего** исследования является проведение численных расчётов динамических сдвиговой вязкости $\eta_S(\omega)$ жидкостей с полярных молекул (на примере воды) в широком диапазоне частот и интервале изменения температуры.

На основе молекулярно-кинетической теории в [26] в радиально-симметричном случае для сдвиговой вязкости $\eta_S(\omega)$ жидкостей с учетом вкладов внутренних релаксационных процессов, получены аналитические выражения в следующем виде:

$$\eta_s(\omega)=\frac{nkT\tau}{1+(\omega\tau)^2}+\frac{2\pi}{15}\frac{n^2kT\sigma^3\tau_0}{1+(\omega\tau_0)^2}\int_0^\infty \frac{\partial \overset{*}{\Phi}(|\vec r|)}{\partial r}\frac{\partial g_0(|\vec r|)}{\partial r}r^4dr \quad (1)$$

где $\overset{*}{\Phi}(|\vec r|)=\Phi(|\vec r|)/kT$ - приведенный потенциал межмолекулярного взаимодействия.

Для проведение численных расчетов $\eta_s(\omega)$ согласно выражений (1), необходимо выбор потенциала межмолекулярного взаимодействия $\Phi(r)$, а также радиальной функции распределения $g(r)$.

В качестве исходной модели потенциал межмолекулярного взаимодействия $\Phi(|\vec r|)$ для жидкостей с полярным молекулами принимаем потенциал, который был предложен в 1941 г. Штокмайером [27] для описания взаимодействия полярных молекул с большой величиной дипольного момента ($NH_3$, $H_2O$). Потенциал представляет суперпозицию потенциала Леннарда-Джопса (12-6) и потенциала взаимодействия двух диполей:

$$\Phi_{ab}(r,\theta_a,\theta_b,\xi_a-\xi_b)=4\varepsilon\left[\left(\frac{\sigma}{r}\right)^{12}-\left(\frac{\sigma}{r}\right)^{6}\right]-\frac{d_ad_b}{r^3}G(\theta_a,\theta_b,\xi_a-\xi_b) \quad (2)$$

где

$$G(\theta_a,\theta_b,\xi_a-\xi_b)=2\cos\theta_a\cos\theta_b-\sin\theta_a\sin\theta_b\cos(\xi_a-\xi_b)$$

а для наипростейшего случая радиального функция распределения $g(|\vec r|)$ согласно [28] принимаем следующие выражения:

$$g(|\vec r|)=y(\rho^*)\exp\left(-\Phi(|\vec r|)/kT\right), \quad (3)$$

где $y(\rho^*)=(2-\rho^*)/2(1-\rho^*)^3$ функция Карнахана–Старлинга, $\rho^*=(\pi/6)N_0\sigma^3\rho/M$ - приведенная плотность, $N_0$ - число Авогадро, $M$ – молярная масса, $\rho$ - плотность жидкости. Заметим, что углового зависимость функции $G(\theta_a,\theta_b,\xi_a-\xi_b)$, пока выбираем при определённых углов.

Также при проведение численных расчетов коэффициента $\eta_S(\omega)$ на основе (1), встречаются трудности относительно коэффициента трения $\beta$ жидкостей. Для коэффициента трения $\beta$ согласно [29] принимаем выражение в виде:

$$\beta^2 = (4\pi/3)\,\rho\,\sigma \int\limits_0^\infty \nabla^2\, \Phi(|\vec{r}|)\, g(|\vec{r}|)\, r^2\, dr, \quad (4)$$

где $\rho$ - плотность жидкости, $\nabla^2 = \frac{1}{r^2}\frac{\partial}{\partial r}\left(r^2 \frac{\partial}{\partial r}\right)$ - радиальная часть оператора Лапласа.

Учитывая формулы (2) - (4) в выражения (1), для сдвиговой вязкость $\eta_S(\omega)$ воды получим следующие результаты.

Таблица

Результаты численных расчетов коэффициента трения, времён релаксации и коэффициента сдвигового вязкости воды от температуры и плотности при приведённой частоты $\nu^* = 10^{-6}$ и заданным углам $\Theta_1 = 45^0$, $\theta_2 = 60^0$, $\xi_a - \xi_b = 30^0$

| t, $^0$C | ρ, кг/м$^3$ | β·10$^{12}$, кг/с | τ·10$^{14}$, с | τ$_0$·10$^{11}$, с | ηS, мПа·с [16] | ηS, мПа·с по форм. (1) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 5 | 999,99 | 1,210 | 2,470 | 1,549 | 1,5141 | 1,5491 |
| 10 | 999,73 | 1,208 | 2,475 | 1,519 | 1,3028 | 1,5055 |
| 15 | 999,13 | 1,205 | 2,481 | 1,489 | 1,1362 | 1,4605 |
| 20 | 998,23 | 1,202 | 2,488 | 1,460 | 1,0018 | 1,4145 |
| 25 | 997,07 | 1,198 | 2,495 | 1,431 | 0,8917 | 1,3681 |
| 30 | 995,68 | 1,194 | 2,504 | 1,402 | 0,8002 | 1,3217 |
| 35 | 994,06 | 1,190 | 2,513 | 1,374 | 0,7232 | 1,2753 |
| 40 | 992,20 | 1,185 | 2,524 | 1,347 | 0,6577 | 1,2291 |




Рис. 1. Частотная зависимость коэффициента сдвиговой вязкости воды при различных температурах.




Рис. 2. Температурная зависимость сдвигового вязкости воды




Рис. 3. Плотностная зависимость сдвигового вязкости для воды

Теоретические результаты приведенные на рис. 1 показывают, что область частотной дисперсии $\eta_S(\nu)$ примерно $10^2$ *Гц,* который совпадает с результатами общей релаксационной теории.

Таким образом, результаты теоретических исследований и сравнение численных расчетов с экспериментальными данными коэффициента вязкости $\eta_S(\nu)$ воды, в рамках выбранной модели потенциала межмолекулярного взаимодействия $\Phi(|\vec{r}|)$ и радиальной функции распределения $g(|\vec{r}|)$, а также выбранные значения находятся в качественном согласии с экспериментальными данными. Следовательно, на основе этой модели можно исследовать вязкостные, упругие и акустические свойства жидкостей в широком интервале также динамических параметров состояния.

**АДАБИЁТ**


1. Angell, C. A., Sichina, W. J., and Oguni, M., Heat capacity of water at extremes of supercooling and superheating // J. Phys. Chem. 86, 998 (1982).
2. Debenedetti, P. G., Supercooled and Glassy Water // J. Phys.: Cond. Matt. 15, 1669 (2003).
3. Mishima, O. and Stanley, H. E., The relationship between liquid, supercooled and glassy water // Nature 396 (6709), 329 (1998).
4. Angell, C. A., Insights into Phases of Liquid Water from Study of Its Unusual Glass-Forming Properties // Science 319, 582 (2008).
5. Sastry, S., Debenedetti, P. G., Sciortino, F., and Stanley, H. E., Singularity-free interpretation of the thermodynamics of supercooled water // Phys. Rev. E 53 (6), 6144 (1996).
6. Speedy, R. J., Stability-limit conjecture. An interpretation of the properties of water // J. Phys. Chem. 86, 982 (1982).
7. Swenson, J. and Teixeira, J., The glass transition and relaxation behavior of bulk water and a possible relation to confined water // J Chem Phys 132, 014508 (2010).
8. Poole, P. H., Sciortino, F., Essmann, U., and Stanley, H. E., Phase-Behavior of Metastable Water // Nature 360 (6402), 324 (1992).
9. Mishima, O. and Stanley, H. E., Decompression-induced melting of ice IV and the liquid-liquid transition in water // Nature 392 (6672), 164 (1998).
10. Mishima, O., Volume of supercooled water under pressure and the liquid-liquid critical point // J Chem Phys 133, 144503 (2010).
11. Stokely, K., Mazza, M. G., Stanley, H. E., and Franzese, G., Effect of hydrogen bond cooperativity on the behavior of water // Proc. Natl. Acad. Sci. (USA) 107, 1301 (2010).
12. Xu, L., Kumar, P., Buldyrev, S. V., Chen, S.-H., Poole, P. H., Sciortino, F., and Stanley, H. E., Relation between the Widom line and the dynamic crossover in systems with a liquid–liquid phase transition// Proc. National Acad. Sci. (USA) 102, 16558 (2005).
13. Xu, L., Mallamace, F., Yan, Z., Starr, F. W., Buldyrev, S. V., and Stanley, H. E., Appearance of a Fractional Stokes-Einstein Relation in Water and a Structural Interpretation of Its Onset // Nature Physics 5, 565 (2009).
14. Zhang, Y., Faraone, A., Kamitakahara, W. A., Liu, K.-H., Mou, C.-Y., Leго, J. B., Chang, S., and Chen, S.-H., Density Hysteresis of Heavy Water Confined in a Nanoporous Silica Matrix// Proc. National Acad. Sci. (USA), in press (2011).
15. Holmes M.J., Parker N.G., Povey M.J.W. Temperature dependence of bulk viscosity in water using acoustic spectroscopy // Journal of Physics: Conference Series. –2011. –V. 269. –P. 012011 (1-7).
16. Yuan Ge., Jiulin Shi, Kaixing Zhu, Xingdao He .Determination of bulk viscosity of liquid water via pulse duration measurements in stimulated Brillouin scattering // Chinese Optics Letters. –2013.–11(11).–P. 112902 (1-5).

17. J. P. Boon, J.C. Legros and G. Thomaes. On the principle of corresponding states for the viscosity of simple liquids. – Physica, Vol.33, (1967), 547-557.
18. G. J. Prangsma, A.H. Alberga и J.J.M. Beenakker. Ultrasonic determination of the volume viscosity of $N_2$, CO, $CH_4$, и $CD_4$. - Physica, vol. 64, № 2, 1973, p.p. 278-288.
19. W. Pecceu и W. Van Dael. Ultrasonic Velocity in Liquid Carbon Dioxide. – Physica, vol. 63, № 1, 1973, p.p. 154-162.
20. Фабелинский И.Л. О макроскопической и молекулярной сдвиговой вязкости -Успехи физических наук. – 1997. – Т.167. – №7. – С.721-733.
21. Лагарьков А.Н., Сергеев В.М. Вычисление коэффициентов переноса плотных газов и жидкостей методом молекулярной динамики. – ТВТ, 1973. Т.11. №.6. С.1162-1168.
22. Лагарьков А.Н., Сергеев В.М. Метод молекулярной динамики в статистическую физику// Успехи физических наук. – 1978. – Т.125. вып.3. – С.409-448
23. Evans D. J. The frequency dependent shear viscosity of methane. -J. mol. phys., 1979, v.37. -p.1745-1754.
24. Evans D. J. Enhanced $t^{-3/2}$ long – time tail for the stress – stress time correlation function. - J. statist. phys., 1980, v.22. № 1, p.81-90.
25. Кутепов А.М. Вода. Структура, состояние, сольватация. М.,:Наука, 2003. - 404 с.
26. Odinaev S. Determination of the frequency dispersion region of the transport coefficients of classical liquids depending on the character of attenuation of relaxing flows // Ukr. J. Phys.- 2011. - Vol. 56, № 8.- P.784-790.
27. Каплан И.Г. Межмолекулярные взаимодействия. Физическая интерпретация, компьютерные расчеты и модельные потенциалы // М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2012. 394 с.
28. Юхновский И.Р. Головко М.Ф. Статистическая теория классических равновесных систем // Киев: Наукова думка, 1980. 372 с.
29. Физика простых жидкостей./Под ред. Г.Темперли и др. М.:Мир, том 1, 1971, 308с; том 2, 1973, 400с.

## ТАФТИШИ ЧАСПАКИИ РЕЗИШИ МОЕЪХОИ ҚУТБӢ БО РАВАНДҲОИ РЕЛАКСАТСИЯ ДОХИЛКАРДАШУДА

Вобастагии басомади часпакии лағжишӣ $\eta_s(\omega)$ барои об, ки дорои ҳиссаҳои релаксияи транслятсиявӣ ва сохторӣ мебошад, таҳқиқ карда мешавад. Бо интихоби муайяни потенсиали Штокмайер $\Phi(r,\theta)$ ва функсияи тақсимоти радиалии g(r), ҳисобҳои ададии часпакии лағжишии об $\eta_s(\omega)$ дар интервали васеъи тағйироти параметрҳои термодинамикии ҳолат гузаронида шуданд.

**КАЛИДВОЖАҲО:** релаксатсияи трансятсионӣ ва сохторӣ - часпакии лағжишӣ - энергияи потенсиалӣ - функсияи тақсимоти радиалӣ.

## ИССЛЕДОВАНИЯ СДИВИГОВОЙ ВЯЗКОСТИ ПОЛЯРНЫХ ЖИДКОСТЕЙ С УЧЕТОМ РЕЛАКСАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ

Исследована частотная зависимость сдвигового $\eta_s(\omega)$ вязкости воды, которые содержат вклады трансляционной и структурной релаксации. При определенном выборе потенциала Штокмайера $\Phi(r,\theta)$ и радиальной функции распределения $g(r)$ проведены численные расчеты сдвигового $\eta_s(\omega)$ вязкости воды в широком интервале изменений термодинамических параметров состояния.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**: трансляционная и структурная релаксация – сдвиговая вязкость –потенциальная энергия - радиальная функция распределения.

## INVESTIGATIONS OF THE SHEAR VISCOSITY OF POLAR LIQUIDS WITH RELAXATION PROCESSES INCLUDED

The frequency dependence of the shear viscosity $\eta_s(\omega)$ of water, which contains contributions from translational and structural relaxation, is investigated. With a certain choice of the Stockmeier potential $\Phi(r,\theta)$ and the radial distribution function g(r), numerical calculations of the shear viscosity $\eta_s(\omega)$ of water were carried out in a wide range of changes in the thermodynamic parameters of state.

**KEYWORDS:** translational and structural relaxation - shear viscosity - potential energy - radial distribution function.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Балаҷонзода Сулаймонҷони Додарҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми кафедраи физикаи назариявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакї, 17. Телефон: **+992 987837184.**

**Сведение об авторе:** ***Баладжонзода Сулаймонджони Додарджон*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 987837184.**

**Information about the author:** ***Balajonzoda Sulaimondjoni Dodarjon*** - Tajik National University, second-year master`s student of Department of Theoretical physics. Address: 734025. Tajikistan. Dushanbe. Rudaki avenue. 17. Phone: **+992 987837184.**

# ОМӮЗИШИ АЛОҚАҲОИ ГИДРОГЕНИИ ҲОСИЛАҲОИ АЗОЛҲО БО ҲАЛКУНАНДАҲОИ ПРОТОНОАКСЕПТОРӢ

***Назарова М.Ш., Муллоев Н.У., Ҳодиев М.Ҳ.***
**Донишгоҳи милии Тоҷикистон**

Тавре маълум аст, атомҳои қобилияти электроманфияти зиёддошта ҳамеша майл доранд электронҳои электроманфигии камтарро ба тарафи худ ҷазб кунанд ва ба онҳо заряди мусбати кам ($\sigma^+$) диҳанд. Дар мавриди гидроген, ин заряд ба он имкон медиҳад, ки бо атоми дигар таъсири мутақобилро ба вуҷуд оварад. Атомҳои дуюм бояд ҷуфтҳои электронҳои тақсимнашуда дошта бошанд, ки то ба онҳо имкони бо атоми гидроген таъсири мутақобиларо фароҳам орад. Алоқаи гидрогенӣ метавонад боиси пайдоиши алоқаҳои нави химиявӣ гардад **[1-3]**.

Алоқаҳои гидрогенӣ як шакли ассотсиатсияи байни атоми қобилияти электроманфии зиёддошта ва атоми гидроген H мебошад, ки бо як атоми электроманфии дигар ба таври ковалентӣ алоқаро ба вуҷуд меорад. Атомҳои дорои қобилияти электроманфигии зиёдбуда N, O, ё F ба ҳисоб меравaнд. Маълум аст, ки алоқаи гидрогенӣ ду намуд аст: байни молекулавӣ ва дохилимолекулавӣ. Алоқаҳои гидрогениро чунин ишора мекунанад N – H··· N, N – H··· C ва ғ. **[4-6]**.

Солҳои охир омӯзиши алоқаҳои гидрогении байнимолекулии гурӯҳҳои азолҳо ба олимони соҳаҳои гуногун имкон медиҳад, ки дар бораи бисёре аз хосиятҳои физики-химиявии моддаҳои мазкур, қобилияти ба реаксияворидшавии онҳо, синтез ва дигар хусусиятҳои онҳо маълумотҳои заруриро ба даст оварданд. Имрӯзҳо пайвастагиҳои гетеросиклии ҳосилаҳои азолҳо, аз он ҷумла молекулаи 1,2,3-бензотриазол дар бисёр соҳаҳои тиб, фармакология, биология ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Бинобар ин, омӯзиши алоқаҳои гидрогении байнимолекулии ҳосилаҳои азолҳо бо ҳалкунандаҳои протоноакcепторӣ аз имкон дур нест **[7,8]**.

Дар кори мазкур омӯзиши алоқаҳои гидрогении байнимолекулии ҳосилаҳои азолҳо бо ҳалкунандаҳои протоноаксепторӣ гузаронида шудааст. Ба сифати моддаи тадқиқшаванда молекулаи 1,2,3-бензотриазол ва ба сифати ҳалкунандаи протоноаксепторӣ асетонитрил қабул шудааст.

Спектри инфрасурхи моддаи таҳқиқшуда дар спектрофотометри инфрасурхи IRAffinity-1 бо табдили Фуре дар ҳудуди басомади аз 3700 то 2000 $см^{-1}$ сабт карда шудааст. Ҳамчун ҳалкунандаи ғайриқутбӣ чорхлориди карбон ($CCl_4$) истифода бурда шудааст. Ҳисоббарориҳои физикаи квантӣ бо усули функсионалии зичии электронии B3LYP/6–31G бо истифода аз комплекс барномаи Gaussian анҷом дода шудааст.

Имрӯзҳо ба омӯзиши алоқаҳои гидрогении байни молекулии пайвастагиҳои гетеросиклӣ ва ҳалкунандаҳои протоноаксепторӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Аз ин рӯ, дар кори мазкур мо бо истифода аз спектрҳои инфрасурхи фурӯбурди гурӯҳи N-H пайдоиши H-комплексҳоро дар маҳлулҳои 1.2.3-бензотриазол бо ҳалкунандаҳои протоноаксепторӣ (асетонитрил) омӯхтем.

Дар расми 1. спектри инфрасурхи фурӯбурди озоди 1,2,3-бензотриазол дар муҳити $CCl_4$ ($C_{1,2,3\text{-бенз}}$=0,0047 мол/л) (а) ва H-комплекси он бо асетонитрил (б) дар ҳудуди лаппишҳои валентии гурӯҳи N–H ($C_{асонит}$= 0,46мол/л) оварда шудааст.\

Расми 1. Спектри инфрасурхи таҷрибавии мономер ва H-комплекси 1,2,3-бензотриазол бо асетонитрил дар ҳудуди лаппишҳои валентии гурӯҳи N – H



Аз расм дида мешавад, ки тасмаи фурӯбурди лаппишҳои озоди валентии гурӯҳи (N-H)-и дорои нимбари хурд, симметрия ва ягона аст, яъне ин лаппиш характернок мебошад.

Дар маҳлули ҳалшудаи 1,2,3-бензотриазол дар $CCl_4$, ки дар он алоқаҳои гидрогенӣ вуҷуд надоранд, тасмаи фурӯбури симметрии дорои басомади 3462 $см^{-1}$ шартан лаппиши валентии гурӯҳи NH мушоҳида карда мешавад. Дар натиҷаи ба ин маҳлули ҳалшудаи 1,2,3-бензотриазол дар $CCl_4$ илова кардани акцептори протон тасмаи фурӯбурд тағйир ёфта, ҳама аломатҳои спектралии ҳосилшавии Н-комплексҳо тавассути алоқаҳои гидрогении навъи NH···N = R байни N-H-гурӯҳи 1,2,3-бензотриазол ва атоми нитроген (N)-и асетонитрил ба амал омад, яъне дар натиҷа тасмаи фурӯбурди лаппиши озод ба тарафи басомадҳои паст кӯчида дар (3283 $см^{-1}$) зоҳир гардид, инчунин аз расм дида мешавад, ки баробари пайдоиши алоқаи гидрогенӣ нимбари тасмаи фурӯбурд ва интенсивияти интегралии он меафзояд.

Тағйирёбии тасмаи фурӯбурди $\nu_{NH}$-и мономери 1,2,3-бензотриазол ҳангоми ба вуҷуд омадани Н-комплексҳоро натиҷаҳои тавассути ҳисобкуниҳои физикаи квантӣ бадастоварда низ тасдиқ мекунанд. Дар расми .2. спектри инфрасурхи назариявии мономер ва Н-комплекси 1,2,3-бензотриазол бо асетонитрил дар ҳудуди лаппишҳои валентии гурӯҳи N – H оварда шудаанд.

Расми 2. Спектри инфрасурхи назариявии мономер ва Н-комплекси 1,2,3-бензотриазол бо асетонитрил дар ҳудуди лаппишҳои валентии гурӯҳи N–H




Мувофиқи натиҷаҳои аз рӯи ҳисобкуниҳои физикаи квантӣ бадастовардашуда, басомади лаппиши гурӯҳи NH-и мономери 1,2,3-бензотриазол 3461 $см^{-1}$-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми ҳосилшавии банди гидрогении байнимолекули бо молекулаи асетонитрил, ки ҳамчун акцептори протон амал мекунад, ин тасма ба ҳудуди басомадҳои паст 181 $см^{-1}$ мекӯчад ва дар 3280 $см^{-1}$ пайдо мешавад.

Дар расми 3 ҳамчун намуна сохтори баамалоии алоқаҳои гидрогении байнимолекулии 1,2,3-бензотриазол бо ҳалкунандаи асетонитрил оварда шудааст.

Расми.3. Сохтори бавуҷудоии алоқаҳои гидрогении байнимолекулии 1,2,3-бензотриазол бо асетонитрил.



Аз расм дида мешавад, ки заряди мусбати атоми гидрогени гурӯҳи NH (14H 0,485) молекулаи 1,2,3-бензотриазол хело калон аст ва зичии заряди мусбати атоми нитрогени N молекулаи асетонитрил (15N-0.380) хело калон аст. Аз ин рӯ, таъсири мутақобилаи электростатикии гурӯҳи N-H атомҳои гидрогени 1.2.3-бензотриазол бо атоми нитрогени асетонитрил нисбат ба таъсири мутақобила бо дигар атомҳои гидрогени 1.2.3-бензотриазол қавитар аст. Инчунин масофаи байни ин атомҳо хело хурд аст ва ба 2,03 Å баробар аст.

Ҳамин тавр натиҷаҳои таҷрибавӣ ва ҳисобҳои квантӣ-химиявӣ таҳқиқоти спектроскопӣ нишон медиҳанд, ки пайдошавии алоқаҳои гидрогении байнимолекулии молекулаи 1,2,3-бензотриазол ва аксепторҳои протон боиси ба тарафи басомади пасти кӯчидани тасмаи лаппишҳои фурӯбурди гурӯҳи NH-и молекулаҳои озоди $\nu_{NH}$ 1,2,3-бензотриазол мегардад. Инчунин, дар як вақт васеъшавӣ ва мустаҳкамии банд мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, бузургии тағйирёбии хосиятҳои спектарлии H-комплексҳо аз қувва ва табиати ҳалкунандаи протонаксепторӣ вобаста мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Химия гетероциклических соединений. Современные аспекты". Том 2. Под редакцией. Карцева. М.: Издано. МБФНП 2014. 648 с.
2. Л.В.Тимощенко, Т.А. Сарычева. Гетероциклические соединения. Изд. Томский политехнический университет. 2013. 90 с.
3. Соколов Н. Д. Водородная связь. Успехи физических наук -1955 г. Т. L VII, вып. 2. - С.205-278.
4. Пожарский А.Ф. Гетероциклические соединения в биологии и медицине // Соросовский образовательный журнал. – 1996. – №6. – С.25-32.
5. Иванский В.И. – Химия гетероциклических соединений/ В.И. Иванский. – М.: Высшая школа, 1978, 559 с.
6. Исхакова Г.Ф. Синтез и свойства серосодержащих производных 1,2,4-триазола: Автореф. дис. к.фармац.н. – Пермь, 2004, 24 с.
7. Прикладная инфракрасная спектроскопия. – Под ред. Кенделла Д. – М.: Мир, 1970, 376 с.
8. Муллоев Н.У., Ходиев М.Х. Межмолекулярные взаимодействия в молекулах производный триазола и его растворах по данным Ик-спектроскопии и неэмпирические расчетов / Симпозиума физиков Таджикистана // Физико-техническом институте им. С.У.Умарова НАНТ 25-26 ноября 2021 г.


## ОМӮЗИШИ АЛОҚАҲОИ ГИДРОГЕНИИ ҲОСИЛАҲОИ АЗОЛҲО БО ҲАЛКУНАНДАҲОИ ПРОТОНОАКСЕПТОРӢ


Дар кори мазкур омӯзиши алоқаҳои гидрогении байнимолекулии ҳосилаҳои азолҳо бо ҳалкунандаҳои протоноаксепторӣ гузаронида шудааст. Ба сифати моддаи таҳқиқшаванда молекулаи 1,2,3-бензотриазол ва ба сифати ҳалкунандаи протоноаксепторӣ асетонитрил қабул шудааст. Спектрҳои инфрасурхи моддаи таҳқиқшуда дар спектрофотометри инфрасурхи IRAffinity-1 бо табдили Фуре дар ҳудуди басомади аз 3700 то 2000 см$^{-1}$ сабт карда шуданд. Ҳамчун ҳалкунандаи ғайриқутбӣ чорхлориди карбон $CCl_4$ истифода бурда шудааст. Ҳисоббарориҳои физикаи квантӣ бо усули функсионалии зичии электронии B3LYP/6–31G бо истифода аз комплекс барномаи Gaussian анҷом дода шудааст.



**КАЛИДВОЖАҲО:** Спектри инфрасурх, ҳалкунандаҳои протоноаксепторӣ, 1,2,3-бензотриазол, ацетонитрил,қобилияти электроманфигӣ


## ИССЛЕДОВАНИЕ ВОДОРОДНЫХ СВЯЗЕЙ ПРОИЗВОДНЫХ АЗОЛОВ С ПРОТОНОАКЦЕПТОРНЫМИ РАСТВОРИТЕЛЯМИ


В данной работе проводились исследования образования комплексов посредством водородной связи в растворах 1.2.3-бензотриазола с протоноакцепторными растворителями. Были проведены исследование образование Н-комплексов в растворах с протоноакцепторными растворителями (ацетонитрил). ИК-спектры исследуемых объектов записаны на инфракрасном спектрофотометре IRAffinity-1 с преобразованием Фурье в интервале частот от 3700 до 2000 см$^{-1}$. В качестве неполярного растворителя использовался четыреххлористый углерод $CCL_4$. Расчет был проведён методом функционала электронной плотности B3LYP/6–31G с использованием комплекса программ Gaussian.



**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** Инфракрасный спектр, протонорецепторные растворители, 1,2,3-бензотриазол, ацетонитрил, электроотрицательность.


## RESEARCHING OF HYDROGEN BONDING OF DERIVATIVES OF AZOLES WITH PROTON ACCEPTOR SOLVENTS


In this work, we studied the formation of complexes via hydrogen bonds in solutions of 1.2.3-benzotriazole with proton-acceptor solvents. We studied the formation of H-complexes in solutions with proton-acceptor solvents (acetonitrile). IR spectra of the investigated objects were recorded on an IRAffinity-1 infrared spectrophotometer with Fourier transform in the frequency range from 3700 to 2000 cm-1. Carbon tetrachloride $CCL_4$ was used as a non-polar solvent. The calculation was carried out by the B3LYP/6–31G electron density functional method using the Gaussian software package.



**KEYWORDS:** Infrared spectrum, proton-receptor solvents, 1,2,3-benzotriazole, acetonitrile, electronegativity.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назарова Мадина Шамсиддиновна* – магистри курси дуюми кафедраи оптика ва** спектроскопияи факултети физикаи ДМТ. Телефон: **911 27 72 98**
***Муллоев Нурулло Урунбойевич* – дотсенти кафедраи оптика ва спектроскопияи ДМТ.** E-mail: **voruch@eml.ru** Телефон: **931-00-33-62.**
***Ҳодиев Масрур Ҳомидхоҷаев*** – ассистенти кафедраи оптика ва спектроскопияи ДМТ. E-mail: **masrur_hodiev@mail.ru** Телефон**: 937-24-09-90.**

**Сведение об авторах:** ***Назарова Мадина Шамсиддиновна*** - магистр второго курса кафедры оптики и спектроскопии факультета физики ТНУ. Телефон: **911 27 72 98**
***Муллоев Нурулло Урунбойевич*** –доцент кафедры оптики и спектроскопии Таджикского национального университета. E-mail: **voruch@eml.ru** Телефон: **931-00-33-62.**
***Ходиев Масрур Хомидходжаевич*** - ассистент кафедры оптики и спектроскопии Таджикского национального университета. E-mail: **masrur_hodiev@mail.ru**. Телефон**: 937-24-09-90.**

**Information about the authors:** ***Nazarova Madina Shamsiddinovna*** – second-year master`s student of the Department of optics and spectroscopy, faculty of physics, TNU. Phone: 911 27 72 98
***Mulloev Nurullo Urunboevich*** - associate professor of optics and spectroscopy department of physics faculty, Tajik National University " Tajik National University. E: mail: **voruch @ eml. ru.**
***Hodiev Masrur Homidkhojaevich***-graduate student of the department of optics and spectroscopy of physical faculty of Tajik National University. E-mail**: masrur_hodiev@mail.ru**. Телефон**: 937-24-09-90.**

**УДК 531. 1**

# ИНТЕГРОНИДАНИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ҲАРАКАТИ НУҚТАИ МАТЕРИАЛӢ

***Шакарбеков Қ.С., Дустмамадова З.Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**1. Муодилаи дифференсиалии ҳаракати нуқтаи материалӣ.** Бигузор нуқтаи $M$ дорои массаи $m$ ва шитоби $a$ бошад, ин бузургиҳо бо муодилаи асосии динамика $ma = F$ байни худ алоқаманд ҳастанд, ки дар инҷо $F$-ҳаракати нуқтаи $M$-ро нисбати системаи координатаи $Oxyz$, нишон медиҳад. Агар мо фақат дорои як нуқтаи ҳаракаткунанда бошем, он гоҳ ба ҷои қувваи ҳаракаткунанда шитоби онро мегузорем.

Муодилаи ҳаракатро дониста қувваро дар ҳар як лаҳзаи вақт муайян намудан мумкин аст [2]. Қонуни ҳаракат ба таври зерин

$$x = \varphi(t), y = \varphi_1(t), z = \varphi_2 t)$$

дода шудааст. Аз ин муодилаҳо ду маротиба дифференсиал гирифта ҳосил мекунем:

$$\frac{d^2x}{dt^2} = \varphi''(t), \frac{d^2y}{dt^2} = \varphi_1''(t), \frac{d^2z}{dt^2} = \varphi_2''(t),$$

ки дар натиҷа муодилаи дифференсиалии ҳаракат намуди зеринро мегирад:

$$X = m\varphi''(t), Y = m\varphi''_1\,(t), Z = m\varphi''_2(t).$$

Акнун масъалаи баръаксро дида мебароем: дар механика аксар вақт қувва аз ҷойгиршавии ҳаракати нуқта вобастагӣ дорад. Суръат ва вақт аз ҳаракати он вобаста аст. $X, Y,$ ва $Z$ аз функсияҳои $x, y, z, \frac{dx}{dt}, \frac{dy}{dt}, \frac{dz}{dt}$ ва $t$ вобаста аст. Қимати $X, Y, Z$ дар муодилаи дифференсиалии ҳаракат гузошта, системаи муодилаи дифференсиалии зеринро ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} m\frac{d^2x}{dt^2} = X\left(x, y, z, \frac{dx}{dt}, \frac{dy}{dt}, \frac{dz}{dt}, t\right), \\ m\frac{d^2y}{dt^2} = Y\left(x, y, z, \frac{dx}{dt}, \frac{dy}{dt}, \frac{dz}{dt}, t\right), \\ m\frac{d^2z}{dt^2} = Z\left(x, y, z, \frac{dx}{dt}, \frac{dy}{dt}, \frac{dz}{dt}, t\right). \end{cases} \quad (1)$$

Ҳалли масъалаи мазкур ҳангоми интегронидани системаи (1) ҳосил мешавад. Дар вақти интегронидан доимиҳои интегронӣ ҳосил мешаванд, ки аз шартҳои аввалаи ҳаракат ёфта мешаванд.

Ченкунии қувваҳои ҳаракати ростхатаи нуқтаро бо массаи $m$ дар зери таъсири бузургии доимии қувва $F$ дида мебароем. Тасаввур мекунем, ки нуқта аз тири координатии $Ox$ баромада, бо суръати ибтидоӣ ба тарафи таъсири қувва $F$ равона аст:

$$m\frac{d^2x}{dt^2} = F. (2)$$

Баробарии (2)-ро ду маротиба интегронида ҳосил мекунем:

$$m\frac{dx}{dt} = m\vartheta = Ft,$$

$$mx = F\frac{t^2}{2}.$$

Агар $t = 1$ бошад, он гоҳ муодилаи якум чунин намудро мегирад:

$$F = m\vartheta$$

Агар $m = 1$ бошад, пас

$$F = \vartheta.$$

**2. Ҳаракати нуқтаи вазнинӣ дар вакуум.** Муодилаҳои дар боло овардашударо барои нуқтаи вазнинӣ дар вакуум татбиқ менамоем. Муқовимати ҳаворо ба назар нагирифта, фарз мекунем, ки нуқта фақат дар зери таъсири қувваи кашиш қарор дорад. Фақат як қисми массаро дида мебароем, ки бузургии доимии қувваи кашиш ва самтҳои ҳамаи намудҳои ҳаракатро ҳисоб карда тавонем.

Бигзор $O$-мавқеи ибтидоӣ ва $\vartheta_0$-суръати ибтидоии нуқта бошанд. Ҳамвории $xOy$-ро ҳамвории амудӣ таввасути суръати ибтидоӣ гузаранда қабул намуда, дар ибтидои координата дар нуқтаи $O$ мегузорем ва тири $y$-ро амудан ба тарафи таъсири қувваи кашиш мегузаронем. Нуқта дар зери таъсири вазнини худ қарор дорад $\rho = mg$, барои ҳамин шитоби қувва ба $g$ баробар аст [3]. Дар ин ҳолат муодилаи ҳаракат намуди зеринро мегирад:

$$\frac{d^2x}{dt^2} = 0, \frac{d^2y}{dt^2} = g, \frac{d^2z}{dt^2} = 0. (3)$$

Дар мақола ҳаракати ҷисми сахтро, ки бо суръати аввалаи $\vartheta_0$ таҳти кунҷи $\alpha$ массааш $m$ партофта мешавад, мавриди омӯзиш қарор дода мешавад (расми 1).

Ҳангоми $t = 0, x = 0, y = 0, z = 0$ буда ҳосил мекунем:

$$(\vartheta_x)_0 = \vartheta_0 \cos\alpha\,,\ (\vartheta_y)_0 = \vartheta_0 \sin\alpha\,, (\vartheta_z)_0 = 0.$$

Муодилаи (3)-ро интегронида ҳосил мекунем:

$$\frac{dx}{dt} = \mathrm{cons}\,t\,, \frac{dy}{dt} = gt + \mathrm{cons}\,t\,, \frac{dz}{dt} = \mathrm{cons}\,t.$$

Аз шартҳои аввала доимиҳои интегрониро муайян мекунем:

$$\frac{dx}{dt} = \vartheta_0 \cos\alpha\,, \frac{dy}{dt} = gt - \vartheta_0 \sin\alpha\,, \frac{dz}{dt} = 0.$$

Маротибаи дигар интегронида, ҳангоми $t = 0$, будан $x = 0, y = 0, z = 0$ ба

$$x = \vartheta_0 t \cos\alpha\,, y = \frac{gt^2}{2} - \vartheta_0 t \sin\alpha\,, z = 0. (4)$$

баробар мешавад. Ҳаракат дар ҳамвории $xOy$ ва ғайраҳо тавассути суръати ибтидоӣ дар ҳамвории амудӣ ба вуҷуд меояд [4].



Расми 1

Вақт $t$-ро аз муодилаи (4) ихтисор карда, муодилаи траекторияро ҳосил мекунем:

$$y = \frac{gx^2}{2\vartheta_0^2 \cos^2\alpha} - x\,\mathrm{tg}\,\alpha\,. (5)$$

Нуқтаеро меёбем, ки траекторияи он баъд аз ибтидои координата баромадан аз тири $Ox$ уфуқӣ мегузарад. Барои ҳамин $y = 0$-ро дар муодилаи (5) гузошта ҳосил мекунем:

$$x = \frac{2\vartheta_0^2}{g}\sin\alpha\cdot\cos\alpha = \frac{\vartheta_0^2}{g}\sin 2\alpha.$$

Баробарии ҳосилшударо масофаи дурии парвоз меноманд. Бо ҳамон як маъно суръати ибтидоӣ дар масофаи дуртарин, агар $\sin 2\alpha = 1$ , ҳангоми $\alpha = 45^0$ будан, он гоҳ масофаи дуртарин ба

$$x = \frac{\vartheta_0^2}{g}$$

баробар мешавад. Масофаи баландтарине, ки нуқта то ба он ҷо баромадан дар траектория (хати сайр) ба $x$, ба ними дурӣ баробар моил мегардад:

$$x = \frac{\vartheta_0^2}{g}\sin\alpha\cdot\cos\alpha.$$

Аз ин ҷо масофаи баландтарин ба

$$|y\,| = \frac{\vartheta_0^2\sin^2\alpha^2}{2g}$$

баробар аст. Дар ҳолати умумӣ ҳангоми ба нуқтаи моводӣ таъсир кардани маҷмӯи қувваҳо муодилаи ҳаракати он дар асоси қонуни сеюми Нютон чунин навишта мешавад:

$$m\vec{a} = \sum_{k=1}^{n}\vec{F}_k\,.(6)$$

Агар интихоби нуқта $\vec{a}$- ро ба воситаи радиус вектори нуқта $\vec{r}$ –ифода кунем $\vec{a} = \frac{d^2\vec{r}}{dt^2}$, он гоҳ муодилаи ҳаракати нуқтаро ба намуди дифференсиалӣ навишта метавонем.

$$m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} = \sum_{k=1}^{n}\vec{F}_k \;\;(7)$$

Ин муодилаи векторӣ ба се муодилаи скалярӣ, ки нисбат ба тирҳои координатаҳои инерсиалӣ проектиронида шудааст, ҳамарзиш мебошад.

$$\left.\begin{aligned} m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} &= \sum F_{kx},\\ m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} &= \sum F_{ky},\\ m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} &= \sum F_{kz},\end{aligned}\right\}\;(8)$$

Муодилаи (8) – ро муодилаи дифференсиалии ҳаракати нуқтаи маводӣ меноманд [1].

Дар амал бисёр масъалаҳое дучор мешаванд, ки ҳангоми ҳаракат нуқта озод нест, масалан нуқта дар ҳамворӣ ҳаракат мекунад ба монанди ҳаракати нақлиёт дар рӯи Замин. Дар ин ҳолат ҳангоми ҳалли масъалаҳо принсипи асосии статика -принсипи аз вобастагиҳо озод карданро истифода бурда таъсири вобастагиро бо реаксияи вобастагӣ $\vec{N}$ иваз карда муодилаи ҳаракати нуқтаи ғайриозодро ба намуди зерин истифода мебаранд:

$$m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2} = \sum F_k + \vec{N}\;(9)$$

Агар хати сайри нуқта (траектория) хати каҷ бошад (намуди давра ва ё элипс ва ё парабола) он гоҳ шитоби нуқтаро ба шитоби нормалӣ $a_n = \frac{v^2}{P}$ $P$ – радиуси каҷи роҳ, $v$ – суръати нуқта) ва шитоби тангенсиалӣ $a_\tau = \frac{dv}{dt}$ ҷудо карда муодилаи ҳаракати нуқтаро ба намуди зерин истифода мебаранд [5].

$$\left.\begin{aligned} m\frac{v^2}{P} &= \sum F_{kn}, \\ m\frac{dv}{dt} &= \sum F_{k\tau}, \\ 0 &= \sum F_{kb}\,. \end{aligned}\right\} \quad (10)$$

Дар ин ҷо $\sum F_{kn}, \sum F_{k\tau}$, ва $\sum F_{kb}$ - ҷамъи проексияи қувваҳо нисбат ба тирҳои координатаҳои табии ба сарнормал $\vec{n}$, ба расанда $\vec{\tau}$ ва ба бинормал $\vec{b}$ мебошанд.

Ҳалли ин масъала ба муайян намудани шитоби нуқта вобаста аст. Агар шитоби нуқта дар лаҳзаи додашуда маълум бошад, он гоҳ қувваи ба нуқта таъсиркунанда якбора аз муодилаи (7) муайян карда мешавад.

Агар ҳаракати нуқтаи маводӣ массааш m ба намуди вектори $\vec{r} = \vec{r}\,(t)$ маълум бошад, шитоби нуқта чунин ёфта мешавад [6].

$$\vec{a} = \frac{d^2\vec{r}}{dt^2}.$$

Он гоҳ қувваи ба нуқта таъсиркунанда

$$\vec{F} = m\vec{a} = m\frac{d^2\vec{r}}{dt^2}$$

баробар мешавад.

Агар қонуни ҳаракати нуқта ба намуди координатӣ $x = x(t), \mathrm{y} = \mathrm{y}(t)$, ва $z = z(t)$ маълум бошад, он гоҳ аз $x(t), \mathrm{y}(t)$, ва $z(t)$ ду бор дифференсиал гирифта, проексияи шитоби нуқтаро нисбат ба тирҳои координат $a_x, a_{\mathrm{y}}, a_z$–ро муайян карда, проексияи қувваи ба нуқта таъсиркунанда $F_{\mathrm{x}}, F_{\mathrm{y}}, F_z$ва ё суммаи $\sum F_{k\mathrm{x}}$, $\sum F_{k\mathrm{y}}$, ва $\sum F_{kz}$-ро ҳисоб мекунем:

$$\left.\begin{aligned} F_{\mathrm{x}} &= ma_{\mathrm{x}} = m\frac{d^2\vec{x}}{dt^2}, \\ F_{\mathrm{y}} &= ma_{\mathrm{y}} = m\frac{d^2\vec{y}}{dt^2}, \\ F_z &= ma_z = m\frac{d^2\vec{z}}{dt^2}. \end{aligned}\right\} \quad (11)$$

Пас бузургӣ ва самти қувваро аз формулаҳои зерин ҳисоб мекунем:

$$|\,F\,| = \sqrt{F_x^2 + F_y^2 + F_z^2} = m\sqrt{a_x^2 + a_y^2 + a_z^2}. \quad (12)$$

$$\cos(\mathrm{x}, \overrightarrow{F}) = \frac{F_{\mathrm{x}}}{F}, \cos(\mathrm{y}, \overrightarrow{F}) = \frac{F_{\mathrm{y}}}{F}, \cos(z, \overrightarrow{F}) = \frac{F_z}{F}.$$

Агар қонуни ҳаракати нуқта $s = s(t)$ аз рӯи хати сайр маълум бошад, он гоҳ шитоби нормалӣ $\mathrm{a}_n = \frac{V^2}{P}$, ба шитоби тангенсиалии (шитоби расанда) нуқта $\mathrm{a}_\tau = \frac{dV}{dt}$ –ро ҳисоб карда, проексияи қувваро нисбат ба сарнормал $F_n$ ва расанда $F_\tau$ ҳисоб мекунанд.

$$F_n = m\frac{V^2}{P}, F_\tau = m\frac{dV}{dt}. \quad (13)$$

Дар ин ҷо $V = \frac{ds}{dt}$ суръати нуқта, $p$-радиуси каҷии хати сайр. Он гоҳ бузургӣ ва самти қувваро ба монанди формулаҳои (11) ва (12) муайян мекунанд.

Ҳангоми масса ва қувваҳои ба нуқта гузошташуда маълум будан, қонуни ҳаракати он муайян карда шавад. Агар масъалаи якум бо роҳи ду бор дифференсиронидани қонуни ҳаракати нуқта ҳал карда шавад, масъалаи дуюми динамика бо роҳи ду маротиба интегронидани муодилаи дифференсиалии ҳаракати нуқта (5) ҳал карда мешавад. Аз ин рӯ, илова донистани шартҳои аввалаи ҳаракат-мавқеи ҳаракати нуқта ва суръати аввалаи он ҳатмист.

Бигзор нуқтаи M бо таъсири қувваи $\vec{F}$, ки проексияҳояш нисбат ба тирҳои координатаҳои инерсиалӣ ба $F_x, F_y, F_z$ баробар аст [7], дар ҳаракат бошад. Муодилаҳои (11)-ро ду маротиба интегронида қонуни ҳаракати нуқта

$x = x(t), y = y(t), z = z(t)$-ро муайян мекунем. Дар аввал як маротиба интеграл гирифта, проексияҳои суръати нуқта $V_x, V_y, V_z$-ро меёбем:

$$\left.\begin{aligned} V_x &= \frac{dx}{dt} = \frac{1}{m}\int F_x dt + C_{1,} \\ V_y &= \frac{dy}{dt} = \frac{1}{m}\int F_y dt + C_2, \\ V_z &= \frac{dz}{dt} = \frac{1}{m}\int F_z dt + C_{3.} \end{aligned}\right\}$$

Аз муодилаҳои ҳосилшуда маротибаи дигар интеграл гирифта, қонуни ҳаракати нуқтаро пайдо мекунем:

$$\left.\begin{aligned} x &= \frac{1}{m}\iint F_x dtdt + C_1 t + C_4, \\ y &= \frac{1}{m}\iint F_y dtdt + C_2 t + C_5, \\ z &= \frac{1}{m}\iint F_z dtdt + C_3 t + C_6. \end{aligned}\right\}$$

Дар ин ҷо $C_1, C_2, \dots C_6$ доимиҳои интегронӣ, ки аз шартҳои аввалаи ҳаракати нуқта ёфта мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳолати умумӣ қувваҳои ба нуқта таъсиркунанда аз координата, суръат ва вақти ҳаракати нуқта вобаста аст.

$\vec{F} = \vec{F}(\vec{r}, \vec{v}, \vec{t}).$

Масалан, қувваи ҷозибаи ҷаҳонӣ ва ё қувваи чандирии ҷисмҳо аз координата вобаста аст, қувваи муқовиматии обу ҳаво аз суръати ҳаракати нуқта, ва қувваи ғалаёнӣ, ки гармоникӣ тағйир меёбад, аз вақт вобаста аст [8].



Расми 2

Тартиби ҳалли масъалаҳои дуюми динамикаи нуқта $x, y, z$ - ро чунин навиштан мумкин аст.

$$\left.\begin{aligned} F_x &= F_x(x, y, z, V_x\, V_y\, V_z\, t\,), \\ F_y &= F_y(x, y, z, V_x\, V_y\, V_z\, t), \\ F_z &= F_z(x, y, z, V_x\, V_y\, V_z\, t). \end{aligned}\right\}$$

Аз ин рӯ, дар ҳолати умумӣ, яъне ҳангоми қувва функсияи мураккаб будан, муайян кардани суръат ва қонуни ҳаракати нуқта бо роҳи интегронидани муодилаҳои дар боло овардашуда ниҳоят мушкил аст. Вале дар ҳолати хусусӣ, ҳангоми қувва функсияи координата ва ё функсияи суръат ва ё функсияи ҳаракати нуқта ва ё доимӣ будан, интегронидани муодилаҳои дифференсиалии ҳаракати нуқта имконпазир аст.

**3. Интегронидани муодилаи дифференсиалии нуқтаи моддӣ бо таъсири қувваи ҷисм [9].** Ҷисм аз нуқтаи А қитъаи (порчаи) АВ (дарози $L$), ки ба ҳамворӣ моил аст, ҳаракат мекунад, кунҷи $\alpha$-ро бо хати амудӣ дар лаҳзаи вақти $\mathrm{T}_C$ ташкил медиҳад. Суръати аввалаи он $\vartheta_A$ мебошад. Коэффитсиенти соиши лағжиши ҷисм аз рӯи ҳамворӣ ба $f$ баробар аст [10].

Ҷисми додашуда В ба суръати $\vartheta_B$ аз ҳамворӣ гузашта ва бо суръати $\vartheta_C$ дар нуқтаи С-и ҳамвории В$D$ меафтад, ки дар таҳти кунҷи $\beta$ бо хати амудӣ моил ҳаракат мекунад. Вақти дар ҳаво истодаро бо $\mathrm{T}_C$ ишорат мекунем (расми 2.).

Дар роҳи оҳан барои муҳофизати он афтидани ҷисмҳои сахт ба роҳи оҳан ба монанди “бандар”-и $D$С сохта шудааст. Ҳаракати ҷисми сахтро аз нуқтаи баландтарини А, ки суръати аввалаи он ба $\vartheta_0 = 0$, баробар аст дида мебароем. Бари хурдтарини бандари В ва суръати

$\vartheta_C$ ки ҷисми сахт ба он мерасад, ёфта шавад. дар қисмати AB, бо хати амудӣ кунҷи $\alpha$-ро ташкил медиҳад ва дорои дарозии $L$ мебошад, ки вақти ҳаракати онро бо $\tau_C$ чен мекунанд.

Ҳангоми ҳалли масъала коэффитсиенти соиши лағжиши ҷисми сахт $f$-ро дар қитъаи AB доимӣ меҳисобем. Муқовимати ҳаворо ба назар намегирем.

Д.ш.а. $\vartheta_A = 0$; $\alpha = 60^0$; $L = 4$м; $T = 1c$; $f \neq 0$; $h = 5$м; $\beta = 75^0$

Ёфта шавад $b$ ва $\mathcal{V}_C$

**Ҳал.** Ҳаракати ҷисми сахти додашударо дар қисмати AB дида мебароем. Ҷисми сахтро ҳамчун нуқтаи материалӣ (маводӣ) тасаввур менамоем.

Дар (расми 2) таъсири қувваҳои берунаро нишон медиҳем. Муодилаҳои дифференсиалии нуқтаи материалиро дар қисмати AB тартиб медиҳем:

$$m\ddot{x}_1 = G\,sin\,\alpha - F.$$

Дар ин ҷо $F$-кувваи соиш, яъне $F = fN, N = f\,cos\,\alpha$

Ҳамин тавр:

$$m\ddot{x}_1 = G\,sin\,\alpha - fGcos\,\alpha$$

ё

$$m\ddot{x}_1 = g\,sin\,\alpha - fgcos\,\alpha$$

Муодилаи дифференсиалии ҳосилшударо ду маротиба интигронида ҳосил мекунем:

$$\dot{x}_1 = g(sin\,\alpha - fcos\,\alpha)t + C_1,$$

$$x_1 = \left[\frac{g(\sin\alpha - f\cos\alpha)}{2}\right]t^2 + C_1t + C_2.$$

Барои муайян кардани доимиҳои интегронӣ аз шартҳои аввалаи ҳаракат истифода мебарем:

Ҳангоми $t = 0$, будан $x_{10} = 0$ ва $\dot{x}_{10} = 0$ мешавад.

Барои ҳосил кардани интеграли қимати $t = 0$ ҳангоми интегронӣ, $t = 0$ гузошта муодилаи зеринро ҳосил мекунем: $\dot{x}_{10} = C, x_{10} = C_1$. Доимиҳои интегрониро меёбем: $C_1 = 0$; $C_2 = 0$.

Он гоҳ баъди доимиҳои интегрониро ёфтан муодилаҳои зеринро ҳосил мекунем:

$$\dot{x}_1 = g(sin\,\alpha - fcos\,\alpha)t,$$

$$x_1 = \left[\frac{g(sin\,\alpha - fcos\,\alpha)}{2}\right]t^2.$$

Дар лаҳзаи вақти τ барои ҷисми сахт, ки аз қисмати AB мегузарад, ҳосил мекунем:

$$\dot{x}_1 = \vartheta_B;\ x_2 = L,$$

Яъне

$$\vartheta_B = g(sin\,\alpha - fcos\,\alpha)\tau,$$

$$l = \left[\frac{\mathrm{g}(\sin\alpha - \mathrm{f}\cos\alpha)}{2}\right]\tau^2.$$

Дар ин ҷо

$$\vartheta_B = \frac{2l}{\tau}$$

мебошад, яъне

$$\vartheta_B = \frac{2\cdot 4}{1} = 8\text{м/с}.$$

Ҳаракати ҷисми сахтро аз нуқтаи B то нуқтаи C дида мебароем. Қувваи вазнинии $G$-ки вазни ҷисми сахтро нишон медиҳад, ба назар гирифта, муодилаи дифференсиалии ҳаракати онро тартиб медиҳем:

$$m\ddot{x}_0 = 0;\ m\ddot{y}_0 = G$$

шартҳои аввалаи ҳаракатро ба назар гирифта, ҳангоми t=0 ҳосил мекунем:

$$x_0 = 0;\ y_0 = 0$$

$$\dot{x}_0 = \vartheta_0\,cos\,\alpha;\ \dot{y}_0 = \vartheta_B\,sin\,\alpha.$$

Муодилаи дифференсиалиро ду маротиба интегронида ҳосил мекунем:

$$\dot{x} = C_3, \dot{y} = gt + C_4;$$

$$x = C_3t + C_5, y = \frac{gt^2}{2} + C_4t + C_6.$$

Муодилаи ҳосилшударо барои t=0 менависем:

$$\dot{x}_0 = \mathrm{C}_3, \dot{y}_0 = C_4,$$
$$x = C_5, y = C_6.$$

Аз ин ҷо меёбем:

$$\mathrm{C}_3 = \vartheta_B \cos\alpha;\ \mathrm{C}_4 = \vartheta_B \sin\alpha.$$
$$\mathrm{C}_5 = 0, \mathrm{C}_6 = 0.$$

Барои проексияи суръати ҷисми сахт, муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$x = \vartheta_B \cos\alpha;\ y = gl + \vartheta_B \sin\alpha.$$

Ва муодилаи ҳаракати он намуди зеринро мегирад:

$$x = \vartheta_B \cos\alpha\, t;\ y = \frac{gt^2}{2} + \vartheta_B \sin\alpha\, t.$$

Аз муодилаи ҳаракат вақтро хориҷ намуда, муодилаи хати сайри онро тартиб медиҳем. Аз муодилаи якум t-ро ёфта онро дар муодилаи дуюм гузошта, муодилаи параболаро ҳосил мекунем:

$$y = \frac{gx^2}{2\,\vartheta_{\text{в}}^2 \cos^2\alpha} + x\,\mathrm{tg}\,\alpha.$$

Дар вақти афтиш $y = h;\ x = d$ мешавад.

Аз муодилаи траектория (хати сайр) $d$-ро меёбем

$$d_1 = 2{,}11\text{м}, d_2 = -7{,}75\text{м}.$$

Азбаски траекторияи ҳаракати ҷисми сахт шохаҳои параболаи бо абтсисаи нуқтаҳои мусбат мебошад, пас $d = 2{,}11$м мешавад.

Паҳноии хурдтарини он ба

$b = d - ED = d - \frac{h}{tg\,75^0}$ ё $b = 0{,}77$м баробар мешавад.

Муодилаи ҳаракати ҷисми сахти $x = \vartheta_B \cos\alpha\, t$-ро истифода бурда вақти ҳаракати ҷисми сахтро аз нуқтаи В то нуқтаи С муайян менамоем:

Т = 0,53с.

Суръати ҷисми сахтро дар вақти афтиш ба воситаи проексияи суръат нисбат ба тири координатӣ ёфта метавонем:

$$\dot{x} = \vartheta_B \cos\alpha\ ;\ \dot{y} = gt + \vartheta_B \sin\alpha$$

Аз формулаи $\vartheta = \sqrt{x^2 + y^2}$ суръати пурраро меёбем:

Ҳангоми афтиш ҷисми сахт

$t =$ Т $= 0{,}53$с аст ва $\vartheta_C = \sqrt{(\vartheta_B \cos\alpha)^2 + (gT + \vartheta_B \sin\alpha)^2}$,

ё

$\vartheta_C = 12{,}8\text{м/с}$

мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Н. Туйчизода. Курси мухтасари механикаи назариявӣ / Н.Туйчизода. –Душанбе: «Шарқи озод», 2005.- 239 с.
2. Шакарбеков К.С. Механикаи назариявӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо. Қисми 1. (Статика) / К.С.Шакарбеков. –Душанбе. Матбааи ДМТ. -2021.. 113 с.
3. Под общей редакции проф. Яблонского А.А. Сборник задание для курсовых работ по теоретической механике-Москва: « Вышая школа», 1985г.- 364 с.
4. Н. Тӯйчиев, Х. Содиқов, Х. Орифова. «Маҷмӯаи масъалаҳои мунтахаб аз механикаи назариявӣ» / Н.Тӯйчиев. - Душанбе 2007.с 117.
5. Тарг С.М. Краткий курс теоретической механики. Москва: «Высшая школа» / С.М.Тарг. - 1986.-с.546.
6. Мещерский И.В. Сборник задач по теоретической механики. Москва: «Наука» / И.В.Мещерский. - 1986.-с.656.
7. Ғ.Б. Баҳриев. «Асосҳои динамикаи нуқта» / Ғ.Б.Баҳриев. - Душанбе 1989.-с.225.
8. Шакарбеков К.С. О применение теории интегральных многообразий для синтеза оптимального управления систем дифференциальных уравнений с запаздыванием. Вестник ТНУ (научный журнал). Серия естественных наук. Душанбе "Сино" 1-3. 2017г.-С. 65-69.

9. Шакарбеков К.С. Построение интегральных многообразий дифференциальных уравнений, содержащих малый параметр. Доклада Академии Наук Республики Таджикистан посвящен 20 – летию образовании международно ассоциации академии наук. – 2013г. том 56 №4. Душанбе. – 2013. стр. 279-285.
10. Бутенин Н.В., Лунц Я.Л., Меркин Д.Р. Курс теоретической механики.т.I и II, Москва: «Наука», 1985.-С.258.

## ИНТЕГРОНИДАНИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ҲАРАКАТИ НУҚТАИ МАТЕРИАЛӢ

Дар мақола интегронидани муодилаҳои дифференсиалии ҳаракати нуқтаи материалӣ дида баромада ва дар амалия тадбиқ карда мешаванд. Мақсади навиштани мақола баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ сайқал додани малака ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявию амалӣ, маҳорат ва истеъдоди касбӣ буда, тадбиқи пурраи он айнияту омӯзиши назария ва амалияро ба вуҷуд меорад. Аз ин сабаб, мақсади асосии ин мақола натанҳо ба омӯзонидани назария ва татбиқи амалӣ тавассути истифодаи технологияи компютерӣ равона карда шудааст, балки азназаргузаронии ҳар як методи мушаххас бо интегронидани муодилаҳои дифференсиалӣ ва бо мисоли механикӣ тасвир карда мешаванд. Мақсади навиштани кори мазкур ин вусъат додани малакаи худомӯзӣ, ҳисобкунӣ, инкишоф додан, шинос кардан бо усулҳои ҳалли масъалаҳои намунавии интегронидани муодилаҳои дифференсиалии ҷисми сахт ва татбиқ намудани корҳои механикӣ барои ҳалли масъалаҳои амалӣ мебошад.

**КАЛИДВОЖАҲО:** муодилаҳои дифференсиалӣ, нуқтаи материалӣ, интегронидани муодилаҳо, миқдори ҳаракат.

## ИНТЕГРИРОВАНИЕ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ ДВИЖЕНИЯ МАТЕРИАЛЬНЫХ ТОЧЕК

В статье рассматривается и применяется на практике интегрирование дифференциальных уравнений движения материальной точки. Целью написания статьи является повышение уровня профессиональной компетентности, оттачивание навыков и укрепление теоретических и практических знаний, навыков и профессионального таланта, а ее полное выполнение создает идентичность и изучение теории и практики. Таким образом, основная цель этой статьи - не только научить теории и практическому применению с использованием компьютерных технологий, но и изучить каждый конкретный метод с интегрированием дифференциальных уравнений и на механическом примере. Целью написания данной работы является расширение навыков самостоятельного изучения, расчета, освоения, ознакомления с методами решения модельных задач интегрирования дифференциальных уравнений твердого тела и применения механической работы для решения практических задач.

**КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА:** дифференциальные уравнения, материальная точка, интегрирование уравнений, количество движения.

## INTEGRATION OF DIFFERENTIAL EQUATIONS OF MOTION OF MATERIAL POINTS

The article discusses and applies in practice the integration of the differential equations of motion of a material point. The purpose of writing the article is to increase the level of professional competence, hone skills and strengthen theoretical and practical knowledge, skills and professional talent, and its full implementation creates identity and the study of theory and practice. Thus, the main goal of this article is not only to teach theory and practical application using computer technology, but also to study each specific method with the integration of differential equations and a mechanical example. The purpose of writing this work is to expand the skills of independent study, calculation, mastering, familiarization with methods for solving model problems of integrating differential equations of a rigid body and the use of mechanical work for solving practical problems.

**KEYWORDS:** differential equations, material point, integration of equations, momentum.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шакарбеков К.С.*** – н.и.ф.м., муаллими калон, ДМТ.
***Дустмамадова З.*** – магистри курси дуюми ихтисоси математикаи амалӣ, ДМТ.

**Сведение об авторах:** ***Шакарбеков К.С.*** - к.ф.м.н., старший преподаватель, ТНУ.
***Дустмамадова З.Д*** - магистр второго курса специальности «Прикладная математика», ТНУ.

**Information about the authors**: ***Shakarbekov K.S.*** – Senior lecturer of Tajik National University.
***Dustmamadova Z.D.*** – second-year master`s student of specialty of Applied mathematics.

# БИОЛОГИЯ ВА ГЕОЛОГИЯ – БИОЛОГИЯ И ГЕОЛОГИЯ

## ВОДНЫЙ ГОМЕОСТАЗ В УСЛОВИЯХ ВОЗДЕЙСТВИЙ ВЫСОКОЙ ТЕМПЕРАТУРЫ У РАЗНОУСТОЙЧИВЫХ РАСТЕНИЙ КАРТОФЕЛЯ

***Назаров Ш. Ш.***
**Таджикский национальный университет**

Стресс, вызванный засухой, ведет к прямым или непрямым повреждениям растений, которые обусловлены инактивацией ферментов, нарушением биохимических путей, накоплением токсических веществ, утечкой ионов, дефицитом питания и другими причинами. Для работ по клеточной селекции растений на засухоустойчивость важным представляется наличие клеточных механизмов осморегуляции. Хотя только одни клеточные механизмы устойчивости не обеспечат нормальный рост и развитие растения при стрессе, однако, в целом, очевидно, их проявление может увеличить устойчивость к водному стрессу. Отбор толерентных форм на клеточном уровне, по-видимому, реален, поскольку [1, 3, 5] метаболические процессы, обеспечивающие осморегуляцию, могут находиться под контролем нескольких генов. При существовании корреляции между ответом на засуху у растений в природе и ответом клеточных культур в экспериментально созданных условиях, вероятно, возможен скрининг существующего генофонда на клеточном уровне для поиска стойкой к данному стрессу зародышевой плазмы [5, 7]. Причиной стрессового фактора у растений могут быть относительно высокие или низкие температуры [1, 3, 4, 7]. Растения выращивали в торфо-почвенной культуре в оранжерее. Вовремя бутонизации растений, условия засухи создавали прекращением полива. Все эксперименты проводили на 2-3 верхних листьях.

*Водоудерживающую* способность определяли по методу Генкеля П.А. (1982). Для этого, срезанный лист подвергали в течение 4 часов завяданию в эксикаторе, над концентрированной серной кислотой, разбавленной водой в соотношении 1:1. По истечении этого времени в листьях выявляли содержание оставшейся воды высушиванием при $105^0$С.

